Карoматуллоҳи Мирзо

МОҶАРОИ ЗИНДАГӢ

Роман, қисса, ҳикоя ва хотираҳо

Душанбе
«Адиб»
2017

ББК 84 Тоҷик 7-4
М-

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

М- **Карометуллоҳи Мирзо. Моҷарои зиндагӣ.**
(Роман, қисса, ҳикоя ва хотираҳо).
– Душанбе, «Адиб», 2017, 272 саҳ.

Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Карометуллоҳи Мирзо яке аз адибони сермаҳсул ва серхонанда аст. Аз рӯи қиссаю ҳикоя, романҳояш «Дарди ишқ», «Нишони зиндагӣ», «Меҳри модар», «Дар орзуи падар», «Марги бегуноҳ» филм ва силсилафилмҳо офаридаанд, ки шуҳрати ӯро афзудаанд. Дар китоби «Моҷарои зиндагӣ» дар баробари романи нави «Моҷарои зиндагӣ» қиссаи «Ситораҳои паси абр» ва як силсила ҳикояву хотираҳои ба тозагӣ офаридаи нависанда оварда шудаанд. Ба ақидаи Карометуллоҳи Мирзо зиндагӣ пури моҷаро. Барои ҳамин ҳам романро «Моҷарои зиндагӣ» номидааст. Моҷаро аз нафси бад, аз бахилӣ, аз баҳри пулу мол, аз барои замин, аз якдигарбадбинӣ, аз олам-олам ваҷҳу сабабҳо. Инсонҳо моҷароҷӯ. Аммо аз моҷароҳо ҳаргиз нафъе не. Дар роман зиёни моҷароҳо, марговар будани онҳо ба тасвир омадаанд.

978-99947-2- - - - -

© Нашриёти «Адиб», 2017

МОҶАРОИ ЗИНДАГӢ

Роман

Зафар дохили ҳавлиашон шуда дид, ки падараш, ҳамон хилъати дарози рада-рада сурху сафедаш дар бар, гирд-гирди мошини сиёҳи навашон мегашт, ки онро ду рӯз пеш аз Дубай оварда буданд, нархаш беш аз ним миллион доллар, мислаш дар деҳа, чи ки дар ҳамон обравҳо набуда. Падар ба орзуи дилаш расида, ки дар назди дӯсту душман чунин мошини ноёфт боз насиби ҳамон Холиқназари бинипучуқ. Майлаш, таъна шунавад, лекин донанд, ки Худо зуволаи ана ҳамин Пучуқро мӯл намуда, Худо ба вай дода. «Ана ҳамин хел, ана ҳамин хел», гӯё мошин ҷон дошт, ки Холиқназар бо он ҳарф мезад, бо панҷаҳояш дару оинаҳояшро хорумол карда, ҳаму рост мешуд, навозишаш менамуд. Ниҳоят падар, дастҳояш дар миён қомат рост кард ва назараш ба Зафар афтод, ки табақаҳои кушодаи дарвозаро мепӯшид.

– Аз мактаб омадӣ, бачам? –пурсон шуд падар аз Зафар.

– Ҳа, – тарафи падар меомад ӯ.

– Ин қадар барвақт? – ба соати тиллоии дасташ назар андохт Холиқназар.

– Муаллимаи забони русиамон касал шудаанд.

– Папкаи дастат аз они кӣ? – аз папкаи калони чармини суп-сурхи дасти Зафар чашм намеканд падар.

– Аз они муаллим.

– Кадом муаллим?

– Муаллими адабиётамон Зафарзода.

– Худаш мурдааст, ки ту папкаи вайро бардошта гаштаӣ?

– Ин хел нагӯед, бова[1], он кас баъди дарсҳояшон шаҳр мерафтаанд, ман папкаашонро хонаашон мебарам.

– Худаш фармуд?

– Не, худам гуфтам, ки папкаашонро хонаашон мебарам.

– Худо занад ин муаллими туро, каллапар шавад, хабари маргашро шунавам.

– Ин хел нагӯед, бова, – боз ҳамон ҳарфҳояшро ба забон овард Зафар.

– Чӣ гӯям? Раҳмат гӯямаш, ки як умр зиндагии боваатро талх кард. Ба хотир биорам, месӯзам, алов мегирам.

– Ман намедонам, Зафарзода муаллими нағзанд.

– Нағз нагӯ душмани мана, падарлаънат. Намедонӣ, чӣ гапу ҳарф аст байни ману вай? Намедонӣ?! – падар аз ғазаб чархҳои мошинро бо лагад мезад. Рӯ-рӯи ҳавлӣ қадам зад, дар фикр афтод. Чӣ хаёле ба сараш омад, ки дар лабонаш табассум дамид. – Пештар биё, – фармоиш дод ба Зафар ва пурсид: – папка чӣ дорад?

– Намедонам.

– Накушодӣ?

– Не.

– Хуб кардӣ. Папкаро ба ман деҳ.

[1] Синонимӣ дада, додо, падар.

– Чӣ мекунед?

– Ба ман дех, гуфтам, – даст дароз кард падар.

Зафар ноилоҷ папкаро ба ӯ дод.

– Хуб кардӣ, папкаашро овардӣ, сага, ки аҷалаш расид, дар девори масҷид мемезад, ҳаминро мехостам. Аҷаб кори хуб шуд, – боз изҳори хурсандӣ кард падар ва чанд қадам аз Зафар дур рафта ба касе сим зад, ким-чӣ гуфт ва баъд афзуд: – Ҳозир, додар, ҳамин ҳозир ба дасти Зафар роҳӣ мекунам, ҳама гапам дар ҳамин хатча. Таъҷилан машғул шавед, савдои калон мешавад, илтимос, – падар ба Зафар фармуд, ки ба ӯ як варақи сафед ва қалам диҳад. Варақро болои капоти мошин гузошта, саросема чанд калима навишт ва онро чорқат карда, даруни як лифофа андохту ширеш кард ва ба дасти Зафар дод. – Бурда ба дасти Ризқалӣ медиҳӣ.

– Ризқалии сардори милисаҳо?

– Ҳа, вайро медонӣ-ку.

– Медонам, – гуфт Зафар. Ӯ яке аз дӯстони падараш, ба хонаашон равуо дорад. Доим аз падараш қарздор, қарз мегираду барнамегардонад, гоҳе мегӯяд, ки ҳисоби дӯстон дар дил.

– Гап дар пул не, мою шумо бародар ҳастем, – ҳамин гуна гуфтугӯи байни падар ва Ризқалиро бисёр шунидааст.

– Шунидӣ, чӣ гуфтам? Мошинат катӣ рав, – фармоиш дод падар.

– Мошини худам қатӣ?

– Ҳа, ҳамаатонро соҳиби мошин кардам, шукр гӯед, хурсанд шавед.

«Падар рост мегӯяд», – аз дил гузаронд Зафар, дар хонаашон се-чаҳор мошин, ҳама тамғаҳои хориҷӣ, ном ба ном барои Зафару хоҳаронаш. Дар хона як модарашон бемошин. Ӯро ҳам айби худаш. Мегӯяд, ки падари онҳоро нағз намебинад, аз зӯромад, ба хотири фарзандонаш бо вай мезистааст. Онҳо фақат носоз. Ҳолашон тую мангӯию хола-хола.

– Ба амаки Ризқалӣ чӣ кор доред, бова? – Зафар дари мошинашро кушод.

– Корат набошад. Муаллим нагуфт, ки кай шаҳр меравад?

– Гуфтанд, ки баъди тамом шудани дарсҳояшон.

– Гуфтанд, гуфтанд нагӯ, гуфт гӯ, вай ҷанахс чӣ шахсе аст, ки ҳурмат мекунӣ? Шумо, шумо мегӯӣ? Ҳоло соат чанд? – худи ӯ боз назар ба соати банди дасташ бурд. – Ҳоло вақт ҳаст, тез роҳакӣ шав.

– Папкаи муаллимро диҳед, бова, сари роҳ ба хонаашон бурда медиҳам.

– Не, папка дар дасти ман меистад.

– Чӣ кор мекунед?

– Кор дорам, рав, тез рафта биё, маслиҳат ҳаст, – талаб кард падар аз Зафар ва папкаи муаллим дар даст сӯи таҳхона рафт.

* * *

Зафар бо гардани баста аз дарвоза баромад. Модараш ҳам оҳиста аз пасаш шуд, бо овози паст мегуфт:

– Кори нохуб мекунӣ, бачам, папкаро мактаб набар, ба хонаи муаллим бар.

– Чӣ гуфтӣ, бева? – падараш ба гапи модари Зафар гӯш медодааст, ки ба сараш давид. – Ҳоло ҳам дили ту ба вай? Ҳоло ҳам муаллим мегӯӣ? Ҳе, бар падарат… – ба модари Зафар дарафтод, ӯро мезад, доду фарёду харҳаша.

Ҳамсояҳо аз паси дару деворҳо сар баровардand, тамошобин меомад. Зафар ҳам аз роҳаш гашт.

– Ҳоли ҳам ту ҳамин ҷоӣ? Рав, гуфтам, рав! – падар ба сари ӯ фарёд зад.

* * *

Зафар бо дили нохоҳам тарафи мактаб пай мечид, қадамҳояш ӯро ақиб мекашиданд. «Нарав, мактаб нарав, пас гард, хонаи муаллим рав», – суханҳои модар дар гӯшаш садо медоданд. Вале ба падар чӣ ҷавоб гӯяд? Аз ҳамон рӯзҳои аввали ба паси партаи мактаб нишастан меҳрубонии муаллимро ҳис намудааст, аз ҳамаи ҳамсинфонаш вайро боло медонист, дӯсташ медошт. Баъзан ӯ вазифаи хонагиро ба ҷо намеовард, дафтараш холӣ буд. Аммо муаллим дафтари вайро бардошта, ба дигар талабаҳо нишон намедод, намегуфт, ки ана бинед, Зафар дарс тайёр накардааст, баръакс, ӯро шарм доронда мегуфт, ки Зафар ҳам вазифаро тайёр кардааст. Ҳатто баҳояш панҷ гуфта, ӯро дар хиҷолат мемононд. Рӯзҳои баъд вай бетайёрӣ ба мактаб намеомад. Муаллим вайро ҳамроҳи духтари худаш Заррина дар як парта шинонд, сардори синф эълонаш кард. Ҳарчанд Зафар медонист, ки падари ӯ ва муаллим носозанд. Айби падараш, беҳудаю баҳуда ба муаллим мечаспид. Дар назди одамон суханҳои қабеҳ гуфта, муаллимро меранҷонд. Аз ҷанҷолҳои падар бо муаллим Зафар дар хиҷолат монда, назди ӯ сурху-сафед мешуд. Муаллим ҳолати вайро ҳис намуда, ба ӯ меҳрубонтар мегашт. «Зафарҷон, ту чӣ хел? Нағз ҳастӣ?», аз чеҳраи зебои муаллим табассум дур намешуд. Ҳоло боз се сол аст, ки Зафарзода дар синфҳои 8-9 ва имсол дар синфи 10 аз адабиёт ба онҳо дарс мегӯяд. Бисёр хуб, ба дили Зафару Заррина. Қариб онҳоро аз ҳам ҷудо намуда буданд. То синфҳои шашуму ҳафтум дар як парта менишастанд. Бо ҳам чунон омӯхт ва қарину меҳрубон шуда буданд, ки чи тавре гӯянд, ҷон дар ғами ҳамдигар. Баъд аз дарсҳо ҳам ҳамроҳ мегаштанд, аз ҳам ҷудо набуданд. Заррина аз паси Зафар ба хонаи онҳо меомад. Модари Зафар онҳоро бо ҳам дида, рӯҳу ҷонаш тоза мешуд, намедонист, ки Зарринаро бо кадом забон меҳрубонӣ кунад. «Хуб мекунед, бачаҳом, бо ҳамдигар дӯст шавед, наздик шавед», насиҳат мекард. Дар хонаи Зарринаашон бошад, падари ӯ ба Зафар меҳрубон, вале модари Заррина ба ҳардуяшон рӯи хуш намедод. Модари Заррина ба назари Зафар зани зебо наметобад. Аммо духтараш ин қадар хушрӯй, гӯё аз вай нашуда. Мегӯянд, ки Заррина ба падараш рафта. Мисли ӯ сафедчеҳра, чашмони бодомиаш аз абрувони хамзадаи сип-сиёҳаш ранг гирифта, дандонҳояш садаф барин, пурҷило, базеб. Кас мехоҳад, ӯ бихандаду зеҳи дандонҳояшро тамошо намоӣ. Ҳангоми ханда дар бари ду рухсори гандумгунаш чуқурчаҳо падид меоянд, ки онро ҳусни Юсуф гӯянд. Бале, Заррина дар назари Зафар рӯз то рӯз зебою чашмдаротар мешуд, дили ҳама бачаҳо дар мактаб ба ӯ кашол. Ҳам Зафар ва ҳам Заррина дар парта чуруқ[1] шишта наметавонанд, дилҳояшон қурумаст мезанад. Дар қалбҳои ҳарду оташаке афтода, оташаки меҳр. Даст ба бадани ҳамдигар мебаранд. Пучаку канак мекунанд, қаҳкос зада механданд. Пучаку канаку хандаи онҳо на танҳо ба муаллимон, балки ба ҳамсинфон ҳам намефорад, «гуш овардаанд инҳо»[2], таҳқир, ҷангу ҷанҷол мешунаванд. Вале ҳардуро боз ҳамон часпу канаки худашон,

[1] Ором.

[2] Бо ҳам шудани модасагу нарсагро гӯш овардан мегӯянд.

ном баровардаанд.

Боре падари Зафар дар дарси забони русӣ ба синфи онҳо даромад, дар партаи аз ҳама охир нишаст. Назараш ба Зафар шуд, дид, ки ӯ ҳамроҳи Заррина нишастааст, нигоҳаш ғазаболуд гашт, зери лаб ғур-ғур кард. Муаллима ба дарс давом намуд, дар синф будани падараш аз хотири Зафар рафта. Дилаш гум заду даст ба пешобағали кушодаи Заррина бурд, Заррина тоқат накард, ақлаш коста гашт. Қиқироси хандааш синфхонаро фаро гирифт, бачаҳо, духтарҳо ҳама хандиданд, гулдурроси ханда. Муаллима аз падари Зафар истиҳола намуда, лаб зери дандон монд. Ҳанӯз ӯ чи гуфтанашро намедонист, ки садои занг баланд гашт, танаффус шуда буд. Падари Зафар, дар ҳоле ки аз ғазаб ранги рӯяш суп-сурх гашта, лабонаш фир-фир мепариданд, ба пешгоҳи тахтаи синф омад.

– Муаллима! – мурочиат намуд ба Татяна Василевна ва афзуд: – Дигар инҳо, – бо ангушт ба Зафару Заррина ишорат кард:-дар парта бо ҳам нашинанд – ва ба сари Зафар мушт бардошт. – Падарлаънат, хона биё, баъд бо ту гап мезанам, – ва дар ҳолати асабонӣ аз синф берун шуд.

Як ҷанҷоли падараш бо муаллим Зафарзода аз хотираш намеравад: як сол пеш буд. Муаллим аз се-чор нафар ҳамсинфони, ба гуфтаи худаш, бузбалаи Зафар хоҳиш кард, ки дар рӯзҳои иди Наврӯз, агар тавонанд, ба он кас камтар ёрдам расонанд, дар боғашон побел доштаанд, бехи токҳои ангурро нарм карданӣ будаанд. Аммо муаллим нагуфтанд, ки Зафар ҳам ба побел равад. Ҳол он ки ӯ низ яке аз бузбалаҳои синф, аз бузбалаҳо бузбалатар аст.

Вале дар он рӯзи ҳавои софи баҳор, ки офтоб акнун рух намуда оламро зеботар гардонда буд ва роҳу роҳравҳо сабзазор, шохаҳои дарахтон пурбаргу сергул шуда буданд, Зафар ҳам бел гирифта, ба боғи муаллим шитофт. Зафар як чиро медонад, ки дар хонаашон аз муносибати бади падараш бо муаллим ҳама огоҳанд. Хоҳараконаш Зулфираю Зулфия дар ин масъала ҳамеша ҷонибдори падаранд. Модараш ҷанҷолҳои падарро бо муаллим ноҳақ меҳисобад. Ноҳақ будани ӯро ба фарзандон фаҳмондан мехоҳад, вале ба вай гӯш намедиҳанд. Ҳатто баъзан «муаллим одами хуб аст» гуфтани модарашонро шунида, духтаронаш ӯро мазаммат мекунанд. «Оча, муаллим одами хуб аст-а?», – суханҳои нешдор гуфта, заҳрханд мезананд. Ҳол он ки муаллим Зафарзода, новобаста ба ҷанҷолҳои байни ӯ ва падари онҳо, ба ҳамаашон меҳрубон аст. Ана ҳамон пагоҳие, ки Зафар бел бар сари китф аз хона баромада буд, падараш аз кучое ба хона баргашта, пурсидааст, ки «Зафар канӣ?» хоҳаронаш гуфтаанд, ки вай дар побели боғи муаллим Зафарзода.

– Рост мегӯед, ё шӯхӣ мекунед? – ба ғазаб омадааст падар.

– Рост, бовақон, Зафар аз шаб бел тез карда буд, ҳоло вай дар боғи муаллим.

– Очаш, духтарот рост мегӯянд? – ба модари Зафар рӯ меорад падар.

– Хайр, рафта бошад чӣ? Зафарзода муаллимаш аст, – модар аз духтаронаш норизо шуда: – Худо занад, шумо хабаркашҳоро, – онҳоро сарзаниш мекунад.

– Муаллим одами хуб аст, – ҳарду духтар боз ҳамон суханҳои таънаомезро ба забон оварданд.

– Бачат боғи муаллим рафта побел кунад, ба ту маъқул-а? Худат роҳӣ

кардӣ, бева? – Боз ҳамон ҳарфи таҳқиромези «бева» дар забон падар, чи хеле мегӯянд, пӯстинашро чапа пӯшида, ба тарафи боғи муаллим давидааст. Он ҷо чи воқеа рух дода, Зафар шоҳид. Коре шуда, ки ҳоло ҳам вай назди ҳамсинфон забонкӯтоҳ, назди муаллим ва Заррина ҳам хиҷолатзада аст.

* * *

– Муаллим, ҳой муаллим! Даратро кушо, муаллим! – Бачаҳое, ки дар боғи Зафарзода побел мекарданд, овози даҳшатноки падари Зафарро мешуниданд. Вай дару дарвозаи муаллимро сангборон карда, бо доду валвала гӯё оламро ба сар мебардошт. – Муаллим, даратро кушо, муаллим! – дашномҳои қабеҳ ба забон меовард.

– Зафар, бачам, боват ба сари худат омадааст, ту рав, бачам, зуд рав, – Зафарзода дастаи бел дар даст аз даруни ҷӯяки ток қомат рост кард ва таъкид намуд: – Белта гирифта рав, – муаллим мехост Зафар зудтар назди падараш равад, вайро таги гап нагузорад. Аммо дер шуда буд. Ҳарду табақаи дарвоза шараққос кушода шуда падари Зафар тарафи онҳо меомад.

– Муаллим! – ӯ дар саргаҳи ҷӯяки токе, ки бачаҳо побел мекарданд, истод. – Муаллим! – боз ба сари Зафарзода фарёд зад ва афзуд: – Ин бачаҳо ҳама талаба-а? Талабаҳои мактаб? – рӯ ба побелгарҳо, ки бо ҳайрат ба вай менигаристанд, аз муаллим пурсид.

– Ҳа, талаба, талабаҳои худам, – гуфт Зафарзода.

– Талабаҳои худат, лекин ғуломбачаҳот не-а?

– Ин хел нагӯед, бародар.

– Бародар нагӯ, ҳамина гӯ, ки ба ту кӣ ҳуқуқ додааст, талабаҳоро хонаат оварда кор фармоӣ? Бачаҳои бечора ночор мондаанд, барои баҳо дум-думи ту медаванд, барои баҳо!

– Мо барои баҳо намебиёем, – як бача, ки қадаш аз ҳамроҳонаш баланд буд, ба гап даромад.

– Барои чӣ мебиёед?

– Кори шумо набошад.

– Ту бачаи ҳамон Сайидумари носфурӯшӣ?

– Падари ман носфурӯш бошад, шумо герафурӯш, – ба рӯи падари Зафар давид он бача.

– Астағфируллоҳ, – ӯ забон хоид, бо оташинӣ боз ба муаллим дарафтод: – Талабаҳои худат-а, муаллим? Онҳоро саг карда, ба сари одамон медавонӣ-а? Қанд зан, муаллим, офарин! Тарбият кардӣ.

– Инҳо аз мою шумо барин калонсолҳо ботарбияттар ҳастанд.

– Аз худат ботарбияттар будагистанд, аз ман не. Лекин, муаллим, ҷавоб мегӯӣ, фақат талабаҳоро кор мефармоӣ, ҳама медонанд, ки ҳатто оғили говота талабаҳои мактаб тоза мекунанд. Ҳавлиҳота мерӯбанд, палҳои пиёзи занта хишова мекунанд. Ё дурӯғ мегӯям?

– Дурӯғ мегӯед.

– Дурӯғ намегӯям. Сикаю сумотата дар оина бин, як хардума барин одамӣ. Лекин боғу роғат сару бар надоранд. Онҳоро кӣ уҳда мекунад? Худат? Бо ҳамин тану тушат?

– Таъна назанед, Худои таъоло ҳар каса ҳар хел меофарад. Як каса мебинӣ, ки фарбеҳ аст, каси дигар хароб.

– Каси дигар бинипучуқ, – сухани муаллим дар забонаш, ки ҳамон бачаи Сайидумари носфурӯш боз ба оташи ғазаби Холиқназар равған рехт.

– Чӣ гуфтӣ, ту падарлаънат? Такрор кун канӣ. Ба номи Худо забонатро аз ҳалқат кашида мепартоям, бо одамаш бозӣ карда истодай, қуртуқта[1] дошта чумчуқбача барин кушта мепартоям! – Холиқназар аз болои се ҷӯяки ток ҷаҳида, ба сари он бача рафт. Вале ӯ ҳам паст наомад, тарафаш омад. Ҳамроҳонаш ба паҳлуяш гузаштанд. Ӯ рӯҳ гирифт.

– Мард бошӣ, биё мезанем, биё! – Овозаш баланд шуд. Бачаҳои дигар низ, – биё, номард, биё! – гуфта довталабӣ карданд.

– Сабукӣ накун, Холиқназар, астағфируллоҳ гӯй, сарта ба сари бачаҳои ёш намон, ақиб гард, рав, – муаллим ба миён даромада ҷанҷолро файсал додан хост. Вале Холиқназар бо оташинӣ даст ба гиребони муаллим бурд, тела дод. Муаллим якнима ба даруни ҷӯяки ток афтод. Ғазаби бачаҳо афзуд. Холиқназарро гирд карданд. Зафар ҳам падарро монда, аз дасти муаллим гирифта ба ӯ ёрӣ расонд, вайро аз ҷояш хезонд, хору хас ва хокҳои лаби домони яктаҳи дарози ӯро, ки вақти побел ба бар карда буд, афшонд. Баъд ба ҷониби падар шитофт. Албатта, ӯ метавонист, пеши бачаҳоро бигирад, нагузорад, ки онҳо ба падараш наздик шаванд. Чи хеле муаллим мегӯяд, ӯ ҳам бузбала аст, аз бузбалаҳо ҳам бузбалатар. Вале, ба гуфтае, рӯяшро сиёҳ карда ду бутта ришаш. Дар миён муаллим, духтари ӯ Заррина, ки ҳоло даруни як ҷӯяки ток шӯхию бозӣ карда бо ҳам бехи токҳоро нарм мекарданд. Зарринае, ки ҳаёташро бе вай тасаввур намекунад.

Чашми падар тарс хурда, рӯ ба роҳ шуд. Зафар дарвозаро кушод. Ҳарду аз ҳавлӣ берун шуданд.

– Падарлаънат, ҳоли ту ист, хона равем, саратро аз танат ҷудо мекунам, оқ мекунам, бенестиатро менолам. Донам, ки ту намедонӣ, медонӣ, медонӣ! – падар ғур-ғуркунон теппаро нишеб мешуд.

– Зафар, нарав, аз роҳат гард, малол мешавам. Қатит гап намезанам, нарав! –Заррина аз паси Зафар ба поёни ҳавлиашон расида аз роҳ бозистод. – Биё, рафтем, – бо ишваю ноз ба пайроҳаи ҷониби дара тоб хӯрд. Пайроҳаи шинос онҳоро ба дара мебарад, дараи сердолу дарахт, гӯё беохир аст. Меравию меравӣ, ҳеҷ не, ки охирашро ёбӣ. Қад-қади дара чашмаҳо, онро дараи Чашмасор ҳам гӯянд, беҳисобанд чашмаҳо, обашон софу широсо. Лаби ҳар чашма бедҳои маҷнун сар ба замин хайма задаанд, навдаҳояшон чун кокулони духтарон ба ҳам печида ба танаи бедҳо фуромада. Зери онҳо ҷои ишқварзии Заррина ю Зафар, пучаку канак мекунанд. Ба ҳам дармеафтанд, механданду механданд, қиқиррос мезананд. Гӯё навдаҳои бедҳои маҷнун аз шарми онҳо сар ба замин шудаанд. Ҳоло ҳам, дар он рӯзи баҳор, ки ҳаво софу парандагон зери осмони кабуд дар парвоз буданд, офтоб ба дара нур мерехт, Заррина ю Зафар хандаю бозикунон, давида-давида, қад-қади дара рӯ ба бедҳои маҷнуну чашмасорон роҳ мерафтанд, мерафтанду мерафтанд. Аммо Холиқназар дар хаёле, ки Зафар ҳамроҳаш асту аз пасаш меояд.

– Омадӣ? Қадам мон, тезтар қадам мон, падарлаънат! – ба ақиб назар набурда, қаҳру ғазабашро ба сари Зафар мерехт, гоҳе худро дар миёни роҳ,

[1] Гулӯята

гоҳи дигар дар бероҳа медид. Ҳар ду тарафи роҳ дарахтзор, дарахтони ар-ари яктора, сар ба осмон. Дарахтони олучаю зардолу ғарқи гул, навдаҳои пурбаргги токҳои ангури ҳусайнӣ, тойифӣ ба сари баъзе дарахтон панҷа андохтаанд, сербарг шудаанд. Баргҳояшон каб-кабуди пурҷило, теппаҳо сабзпӯш. Офтоб қариб миёни осмон омадааст. Рӯи роҳаш, рӯи сабзаҳо низ офтоб доман андохта. Аз зери дарахтон ҷӯйчаҳои об ҷорӣ, об аз баландӣ меомад, ба сари сангҳо бармехӯрд, шилдир-шилдир садо медод, лек ин садоҳои гувороро Холиқназар намешунид, гӯё зеби баҳор ва нурҳои ҷонбахши офтобро намедид. Ӯро бачаҳо дар боғи муаллим, дар пеши назари ӯ таҳқир карданд, заданӣ шуданд. Аҷаб кори ношудание шуда.

– Биё, биё, омадӣ? –Холиқназар нигоҳашро аз пеши пойҳояш наканда, Зафарро нидо мекард, ба пеш қадам мемонд. Аз ҳавлӣ ва боғи муаллим хеле дур шуда буд. Пули ларзонаки сари роҳро гузашт. Дар тарафи дасти росташ боғи таги теппа, ки на сар дораду на бар. Боғи серҳосили колхоз.

– Холиқназар! Ҳой, Холиқназар! – садои пурғулғулаи зане ба гӯшаш омад. Ба ақиб нигарист. Аз Зафар нишоне надид. «Куҷо шуда Зафар? Бо кӣ ӯ гап зада, гап зада омад?» Ба ҷои Зафар занеро дид, ки ҷонибаш мешитофт, сиёҳпӯш ва пеши чашмонаш ҳам бо матои сиёҳ пӯшида, қоматбаланд, фарбеҳнамо.

– Ист, Холиқназар! – номашро ба забон оварда зан. «Боз чӣ балое, чӣ сиёҳие дар ин лаҳзаҳои нохушии ӯ?»

– Ассалому алайкум, Холиқназар, – зан ба ӯ салом дод.

– Салом, хола, – назари Холиқназар ба сар то қадами вай давид. Попӯшиҳояш ҳам сиёҳ.

– Гап дорам ба ту.

– Марҳамат, гап зан, хола.

– Хола нагӯ.

– Чӣ гӯям?

– Баъд мегӯям, ҳоло пеш даро.

– Ба куҷо?

– Ба боғ, – ба ҷониби девори гашта ишора кард.

– Дар ҳамин ҷо, хола, гапатро гуфтан гир. – Ҳайрати Холиқназар афзуд, ки чаро ӯ вайро ба боғ мехонад?

– Метарсӣ? Дар хотир надорӣ, ки ҳамин боғ ваъдагоҳамон буд, – зан сарбаста сухан мегуфт.

– Намедонам, хола, ту чӣ мегӯӣ?

– Ба хотират мебиёрам. Имрӯз дову дастгоҳ дорӣ, назарат ҳеҷ касро намегирад. Лекин аз хотир набарор, ки ту барои ман ҳамон Холиқназари Пучуқӣ.

– Хола, ту гапҳои беҳуда мегӯӣ, ту аввал бигӯ, ки худат кистӣ?

– Туро дигар Пучуқ намегӯянд. Ҳоло ту Холиқназар, ҳазрати Холиқназар, Холиқназари раис! Тавба! Тавба! Вале ту ҳаминро фаҳм, ки агар туғат аз осмон биёяд ҳам, гуфтам-ку, ту барои ман ҳамон Пучуқӣ.

– Хола, бас кун, ба асабам нарас, ҳамин ҳозир ҷанҷол доштам. Ба худ нестам. Ту чиҳо мегӯӣ, ба калаам намедарояд. Ҳаминро гӯй, аз ман чӣ мехоҳӣ? Худат кистӣ? Тоқатам намонд, вақт надорам. Меравам. Агар не, биё, идораам биё!

– Ман идорабоз нестам, ҳақ дорам дар куҷое хоҳам, бо ту гап занам. Ба идораи ту намеравам. Ман зани хонашин ҳастам. То ҳол поямро аз дарвоза берун намондаам. Ту ҳаин рӯзро ба сарам овардӣ, ту!

– Ман.?

– Ҳа ту, аз афташ, бачаи ҳамон Давлатхӯҷаи чигинакаш буданатро ҳам аз хотир баровардӣ.

– Хола, эй холаҷон, бовар кун, маро девона кардӣ. Ба номи раҳматии падарам, ба чигинакаш будани вай чӣ кор дорӣ? Таъна мезанӣ?

– Не, не, Холиқназар, таъна занам, забонам сӯзад, – зан бо меҳр номи ӯро ба забон оварда ва афзуд: – Ман туро ҳаргиз таъна намезанам. Мегӯям, ки кӣ буданатро аз хотир набарор, заминро нигоҳ кун. Пулу моли бисёр туро маст кард, маро ҳам дигар нашинохтӣ, як ба ҳамин боғ нигар, – зан рӯ ба боғ шуд. – Ба ёдат меояд, ки ваъдагоҳи ману ту буд, зорӣ мекардӣ, ки ба боғ биоям. Ҳоло ман илтиҷо дорам, ки ҳамроҳам биё, биё ба боғ медароем. Баъд ман гапи мегуфтаамро ба ту мегӯям, баъд маро мешиносӣ, биё, биё, ба хотири рӯзҳои гузаштаамон биё, ба хотири раҳматии падарат Давлатхӯҷа биё, – зан аз ҷӯйчаи сари роҳ гузашт, даст ба шохаи дарахти тути канори девор бурд. Тути азими сершохубарг, гирдогирдаш чандин қулоч. – Биё, Холиқназар! – рӯ ба ӯ истод. – Ба ёдат ҳаст, вақте ману ту ба боғ меомадем, ин тут ниҳолак буд, баъд ту сари девор мебаромадӣ, аз дастам мегирифтӣ. Ҳоло биё, ман дасти туро мегирам, дастатро ба ман деҳ.

– Исто, исто, ту… – Холиқназар лаҳзае дар ҷояш шах шуда монд ва боз «исто, исто», гуфта бо ҳайрат забон кушод.-Ту Маликамоҳрӯӣ? Ту ҳамин хел шудӣ?

– Чӣ хел шудам? Қад кашидаам? Қадам ёзидааст?

– Ин қадар солҳо туро надидам-а?

– Қариб ба пирӣ расидем.

– Ба номи Худо, аз хотирам баромада будӣ. Охир дар ҳеҷ куҷо туро намедидам.

– Ба ҳамааш ту гунаҳгорӣ. «Бо Холиқназар вомехӯрӣ», гуфта муаллим аз дарвоза баромадан намемонад, рашк мекунад.

– Ҳамин хел либосҳои сиёҳ, сатр мепӯшӣ?

– Ҳа, дар хона ҳам ҳамин хел либос мепӯшам, муаллим ҳамин хел талаб мекунад. Баъде ки Ҳаҷ рафт, талабаш зиёд шуд. Ҳамин рӯз туро дидам, ҳамин рӯз, баъди сӣ-чил сол. Қади роҳ ҷои гап нест, ба боғ медароем, биё, – дасти Маликамоҳрӯ ҷониби Холиқназар дароз шуд, чун солҳои номзадӣ, солҳои ҷавониашон пасопеш аз рахнаи боғ дохили он шуданд. Таг-таги дарахтони себу олу, олучаю зардолуҳои ғарқи гул ба дарунтари боғ қадам мемонданд, рӯ ба ҳавзи пуроби миёни боғ, ки гирдогирдаш чанорҳои баланд, шох ба шохи ҳамдигар печида буданд, мерафтанд.

* * *

Падари Холиқназар Давлатхӯҷа ном дошт. Номаш Давлатхӯҷаю худ камбағал. Бо меҳнати сиёҳ рӯз мегузаронд, бо обилаи кафи дасту хуни ҷигар нон меёфт. Умраш бо чигинакашӣ гузаштаю сарпилтааш сафед нагашта. Чигина чӣ аст? Имрӯз намедонанд. Худи Холиқназар ҳам онро надидааст. Аз

гуфти модар он ба чана монанд. Чарх надошта. Чанаро ӯ дар телевизор дидааст, дар кишварҳои Русия онро сагҳо рӯ рӯи барф мекашанд. Ба чигина барзаговҳои боқувватро мебастаанд. То охири солҳои панҷоҳуми асри гузашта аз он истифода мебурданд.

Чигина як воситаи нақлиёт ҳисоб меёфт. Чигинакашҳо дар тобистону тирамоҳ серкор мешуданд. Хусусан, дар айни ғалладаравӣ. Ғалларо аз адиру пуштаҳо бо чигина ба ҳамворӣ, ба хирманҷо меоварданд. Дар хирман галагов баста ғалла мекуфтанд. Янтоқу талха, ҳезум, коҳу дону алафро мардум бо чигина ба хонаҳояшон меоварданд. Ҳама ба чигинаю чигинакаш муҳтоҷ. Аз серкорӣ чигинакашҳо дасте намеёфтанд, ки сар хоранд. Дар деҳа ду нафар чигинакаш буданд. Якеаш падари Холиқназар Давлатхӯҷаю дигаре бобои Мансурхӯҷа, ки ба ӯ ҳам ному лақаб монда буданд, Мансурхӯҷаи Сапалпо. Ҳеҷ гуна пойафзол ба пойҳои вай соз намеомад. Пои луч мегашт ӯ. Аз пои луч гаштан кафи пойҳояш обила карда, карахш баста, сахт шуда, ба дараҷае, ки сӯзан ба онҳо кора намекарда, рӯ-рӯи хоки тафсон, хасу хошок ва хорҳо роҳ мерафт. Дастонаш кӯтоҳ-кӯтоҳи бақувват, қадаш паст, вале тануманд.

Давлатхӯҷаю Мансурхӯҷаро Худованд аз як хок офарида, камгап. Чи хизмате фармоянд, сар хам мекарданд, тавонанд, натавонанд, не намегуфтанд. Гӯё онҳоро забони «не» гуфтан набуда. Дар таърихи деҳа ҳамин хел одамони гапбардору хизматгузор нарӯида. Давлатхӯҷаю Мансурхӯҷа ҷӯраҳои ҷонӣ буданд. Ҳамроҳ мегаштанд, ба тӯю маъракаҳо ҳамроҳ мерафтанд, бо ҳам мепухтанд. Ҳарду ҳам соҳиби хонаю дари обод. Ҳамсари Мансурхӯҷа Маҷнуна мисли шавҳараш қадпасти фарбеҳак. Дастонаш низ кӯтоҳ-кӯтоҳ, зани боқуввати шалдам[1]. Тасодуфи аҷоибе, дар зиндагӣ низ зану шавҳар дасткӯтоҳ, одамони дасташон ба домони орзу намерасида. Дар бору бисот як дасттос доштанд. Дасттос мисли осиёб, осиёби хурдак, таг сангу рӯ санг, санги боло даста дошт. Дастаи дасттос дар дасти холаи Маҷнуна аз сари субҳ то шом онро метозонд, чарх мегардонду чарх, зери обу арақ монда, бори мардум – як ё ним сатил ҷаву гандум ё нахуду ҷувориро орд мекард, аз он як ё ним токӣ музд мегирифт ва ин музди ночиз як воситаи рӯзгузарониашон буд.

Зиндагии Давлатхӯҷа ҳам аз рӯзу рӯзгори ҷӯрааш Мансурхӯҷа бадтар буду беҳ не. Камбизоат. Аммо ӯ дошт-надошт, завҷаи зебо дошт. Ҳазор кас ҳасади Ҳуснорои ӯро мехӯрд. Ӯ зани зеботарини деҳа, чашмонаш мисли донаҳои ангури сиёҳ дурахшон, қоматаш ниҳолу нозук. Мӯйҳои мушкранги дарозаш то буҷулаки пойҳои ӯ хамида. Зулфонаш ба ду бари рухсораҳои гулобитобаш ҳалқа хӯрда. Ҳалқаҳое, ки нигоҳ дар онҳо дармемонд. Нигоҳҳо ҳарисона. Пичир-пичир мекарданд байни худ мардҳо: «Аҷаб дунёе, кабӯтар дар чанголи калхот. Марди бадрӯю зани хушрӯй». Худи раиси колхоз харидори ӯ, аз паяш афтода. Роҳу восита меҷуст, ҳилаю найрангҳояш ба ҳама маълум. Миёнаравҳояш чанд зани қушарда[2]! Ба онҳо гап ёд медод раис. Мегуфт, ки коре кунанд, Ҳусноро аз шавҳараш ҷудо шавад, гӯянд, ки Ҳусноро ақлашро хӯрда, ки ба Давлатхӯҷа барин одам зан шуда, худашро як дар оина бубинад. Парӣ аст, ба номи Худо арзандаи зани ҳокими як мамлакат аст, бо-

[1] .дамгирифтаи боқувват.
[2] Занҳои мардсифати бетарҳу бесатр.

вар кунад, вайро раиси колхоз Замонуф харидор, гирумаш аст, аз шавҳараш барояд, раис вайро ба никоҳаш медарорад, ана баъд кӣ бибизан? Ҳусноро бибизан! Ана бахту мана бахт, мурғи бахтро аз сар наронад. Хуб гӯяд, «зани раис мешавам» гӯяд. Вале ҳамаи ин варсоқихониҳою афсунгариҳо ба гӯши Ҳусноро намедаромаданд. Қаҳраш омада, занҳои бедаҳанро бо суханҳои тунд аз дари хонааш меронд. Боз ва боз таъкид менамуд, ки безор аст аз ҳафт маҳаллаи раиси онҳо, зори ӯ нест, дунёю давлаташ шавҳари худаш. Давлатхӯҷаи чигинакаш ба вай азиз, ба ҷонаш баробар. Агар ду дунё як дунё ҳам шавад, Давлатхӯҷаро шавҳар мегуфта ӯ. Вайро аз ҳазор раису қозӣ боло медонистааст, ба ягон марди ман-мани дунё иваз наменамуда ӯ вайро. Ва ин меҳру муҳаббати вай ба Давлатхӯҷа азалӣ буда, бесабаб набуда.

Модари Ҳусноро Рамзия ном дошта. Мисли духтараш мӯйҳои ӯ ҳам сиёҳмушкини дароз. Дубофт мекарда мӯйҳояшро, ҳар бофт банди даст барин ғафс. Абрувонаш болои чашмони зебояш хам зада, ин қадар дилкаш буда чашмонаш. Мегуфтаанд, ин духтар дорад-надорад, чашм дорад. Баёзи гардани баландаш шир барин сафед. Дар бари рухсораҳои сафедаш ду холи сиёҳи дона-дона мушкранг. Хандад, онҳо ба ӯ ҳусн медодаанд. Духтари зеботарини деҳа, талабгоронаш аз мӯи сар бисёр. Ҳама гируми Рамзия. Ҳама ба вай дилдода, ҳунарманд буда ӯ. Аз мурғони тори ҳаво нусха мегирифта, гулдӯзиҳояш бемислу монанд, захми сӯзани ӯ ба худаш. Сӯзанию оинахалтаҳое медӯхта ӯ, ки мислашро мардум надида, ғарқи гул. Бо ҳамин ҳусну ҷамол, ҳунарҳояш духтар пеши чашм омадааст. Айби модари беақлаш, ки барои ӯ тумори чашм нагирифта. Дар деҳа гули калон омадаю аз ҳама аввал Рамзияро ёфта. Гул баровардааст, тамоми сару рӯи ӯро гӯё гулдӯзӣ карда гул, гулдӯзӣ не, рӯи базебу дилпазири Рамзияро пуробилаю пурҷароҳат сохта. Обилаҳо як-як сар бароварда, кафида дар рӯяш нақшҳои хунук монда. Рӯяш аҷиру бачир, пур-пури доначаҳое мисли нахуд. Ку он чашмони обию зебо? Аз онҳо нақши пуркароҳате монда. Дигар ӯро Рамзияи зебоандом намегуфтанд. Лақаб ёфта ӯ, лақаби кӯрӣ. Кӯри Рамзия шуда ном ӯро. Ҳеҷ ҷойро намедид. Дунё ба назараш торикистон. Мегиристу мегирист. Хун аз дидаҳо мерехт. Бо асо роҳ мечуст. Гирумҳояш ҳама аз ӯ рӯ тофтанд, аз ӯ ҳазар мекарданд. Модар аз нӯки асои вай гирифта роҳ мерафт, аз хона ба манзил мерасонд. Бори дӯши модар шуда ӯ. Аммо то кай парастораш мешавад модар? Дар фикр афтода ӯ. Марг пиру ҷавон нагӯяд. Соҳиби дам худаш. Худо накунаду яке модар аз дунё гузарад, Рамзия бо кӣ мемонад? Аз ҳолаш кӣ пар меандозад? Як ҳавлии бедару дарвозаю Рамзияи нобино, меафтаду мехезад, даруни лою об мечӯлад. Вой бар ҳоли ӯ. Барои ҳамин ҳоло, ки модар зинда аст, бояд ғами ҷигарбандашро бихӯрад, тадбир бичӯяд. Мегӯянд, ки ягон муҳраи шикоф дар замин намондааст, гӯшона ба духтарҳо мегӯянд ин гапро. Вале духтари нобиноро кӣ мегирад? Кош коре мешуд, ки модар баҳри ӯ шӯ меёфт. Ба номи Худо, чӣ одаме даҳон кушояд, Рамзияро ба ӯ медиҳад, не, намегӯяд, агар он мард гунгу кар, шал ё пири барҷомонда ҳам бошад. Модар шабҳо намехуфту дар дарёи хаёлот шино мекард, аз дарё агар одамон зару зевар, дуру гуҳар ё моҳӣ ҷӯянд, вай баҳри духтараш шавҳар мечуст. Чут мезаду чут, ба сари ягон кас хаёлаш намепечид. Ба ҷуз як марди куҳансоли бесоҳибе, ки солҳо боз дар ба дари мардум гашта, хизмат карда,

як даҳон нон меёфту шабҳо дар масҷид мехуфт. Аҳмадалӣ ном дошт. Фикру зикри модар сари ҳамин марди мусофири бекасу кӯ қарор гирифт. Агар ӯ «ҳа», гӯяд дар коса об монда, Рамзияро никоҳ карда ба ӯ медиҳад, ӯро ба ҳавлиаш меорад. Ҳавлии калони сердолу дарахт, як сар гову бузу бузғолаҳо ва ҷамъи ёфту тофт, қуру бисоти аз раҳматии шавҳараш мондаро ба ӯ мебахшад. Ва аз вай танҳо як хоҳиш мекунад, духтарашро ба занӣ бигирад, бо ӯ бизиҳад. Худо лоиқ бинад: соҳиби як кирмчӯҷа шаванд, аз онҳо нишона монад. Рамзия фарзанддор, ки шуд, соҳиб меёбад, решаю гӯша пайдо мекунад, рӯзу рӯшноӣ мебинад. Баъд агар модари ӯ аз дунё гузарад, беормон мемирад.

Бо ҳамин нияти нек пардаи хукро ба рӯй кашиду рӯзе пеши роҳи Аҳмадалиро гирифт, салому алайк гуфт ва ба хона таклифаш кард.

– Ягон хизмат ҳаст, холаҷон? – пурсон гашт аз модар ӯ.

– Ҳа, додар, дари оғил шикастааст, гов охурашро гардондааст, ҳели бузу бузғолаҳо говдаро шудааст, баъд токҳои рӯи ҳавлиро бурида побел мекунӣ…

– Ин қадар коратон бисёр будааст, хола.

– Ҳақта медиҳам, додар, розӣ мекунамат.

– Хуб шудааст, хола, ҳамин рӯзҳо бекорам, хола.

– Биё, хона биё, додар.

Ҳамин тариқ пои равуои Аҳмадалии мусофир ба хонаи холаи Зарнигор кушода мешавад. Баъдан рӯзе намешуда, ки холаи Зарнигор Аҳмадалиро наҷӯяд. Ба масҷид ё ба хонаи касе, ки ӯ мерафт, холаи Зарнигор аз пушти вай кашол. Кори мардум ба Аҳмадалӣ, ки меафтод, вайро аз кулбаи холаи Зарнигор меёфтанд ва баъзан медиданд, ки нӯки асои кӯри Рамзия дар дасти Аҳмадалӣ, ӯро дар кӯчаю паскӯчаҳо мегардонд. Аҳмадалӣ дар деҳа гӯё хонаю дар ёфта буд. Дар ҳаққи холаи Зарнигор гапҳои ноҷо пайдо шуда. Мардуми аз таги гап бехабар мегуфтанд, ки холаи Зарнигор йурға пайдо кардааст, Аҳмадалии мусофирро ба худаш ром кардааст, Аҳмадалӣ дар хонаи холаи Зарнигор маззахӯрак шудааст. Ин гапу калочаҳо ба гӯши холаи Зарнигор ҳам мерасид, аммо ба мардуми аз дилу нияти вай ноогоҳ чизе намегуфт.

Боре холаи Зарнигор аз Аҳмадалӣ хоҳиш кард, ки шабҳо ҳам дар хонаи ӯ бихобад, хонаи ӯро хонаи худ ҳисобад.

– Чиҳо мегӯед шумо, хола?

– Мегӯям, ки хонаи манро хонаи худат ҳисоб кун, шабҳо хоб рав.

– Ин тавр нагӯед, хола, одамон гап кардаанд. Мегӯянд, ки… – Аҳмадалӣ забон хоид.

– Чӣ мегӯянд?

– Мегӯянд, ки ман холаи Зарнигор қатӣ мегардам.

– Мон, ҳамин тавр гӯянд, ман ба ту гап дорам, ту ҳамин шаб ист, мегӯям.

– Чӣ мегӯед?

– Ту як одами мусофир, бехонаю дар, бесарпаноҳ, хору зор.

– Рост мегӯед, хола.

– Як гап гӯям розӣ мешавӣ?

– Чӣ гап, хола?

Холаи Зарнигор дари кулбаи хобашро кушод.

– Даро,-гуфт.

Бо вуҷуди он ки берун ҳанӯз равшан буду офтоб дар дами ғуруб, холаи

Зарнигор даст ба танаи девор бурд, чароғи барқии кулбаашро афрӯхт ва поёнтар аз Аҳмадалӣ, рӯи кӯрпача гузашт. Наздики ҳамдигар менишастанд, лаҳзае чанд хомӯш буданд. Аҳмадалӣ интизор, ки холаи Зарнигор даҳон кушояд.

– Ту, додар, – холаи Зарнигор канда-канда ба гап даромад, – рост мегӯӣ, ки ҳеҷ кас надорӣ?

– Ҳеҷ кас надорам, хола.

– Зан ҳам надорӣ?

– Не, не, хола, зан надорам.

– Зан мегирӣ?

– Як гапҳое мегӯед, ки хола, ман занро аз куҷо меёбам?

– Хоҳиш дорӣ, ки зан, хонаю дар дошта бошӣ?

– Албатта, лекин, охир…

– Чӣ лекин?

– Кӣ ба ман зан медиҳад, аз куҷо хонаю дар меёбам?

– Ҳоло ту дар куҷоӣ?

– Дар ҳавлии шумо, хола.

– Маъқул аст ҳамин ҳавлию хонаю дар ба ту?

– Намефаҳмам, хола, шумо ба ман чӣ мегӯед?

– Мегӯям, ки ана ҳамин ҳавлӣ, ҳавлии худат, занат ҳам дар ҳамин ҷо.

– Шумо розӣ мешавед?-Аҳмадалӣ бовар кард, ки гапҳои мардум рост будаанд, холаи Зарнигор беҳуда ба вай начаспида будааст, вайро таги чашм карда будааст. Назари харидоронаи Аҳмадалӣ ба сар то қадами холаи Зарнигор давид. Зани баландқомати зебо, нуронӣ, чи хеле гӯянд, гӯшти хӯрданӣ дорад, чи хушбахтие, ки соҳиби ҳамин хел зан, соҳиби хонаю дар мешавад, чи хубе, чи бахти безаволе, ки Зарнигор харидори ӯ шуда, дар дилаш Худо андохта…

– Ман розӣ, Зарнигор, – забони Аҳмадалӣ дигар ба хола гуфтани ӯ намегашт, – Зарнигор, – гуфт ӯ боз ва биафзуд: – Ман розӣ, лекин як шарт дорам.

– Бигӯ.

– Байнамон аввал никоҳ ғалтад, мегӯям, увол аст, ман ҳеҷ гоҳ ин кора накардаам.

– Байни кӣ никоҳ ғалтад?

– Байни ману шумо, Зарнигорҷон.

– Ту маро гирумӣ?

– О худатон гуфтед-ку.

– Не, не-е, ин хел нагӯ. Ман Рамзияро ба ту медиҳам.

– Рамзияро?! – бо шунидани ин ҳарф гӯё тарбуз аз бағали Аҳмадалӣ ғалтид. «Чӣ мегӯяд холаи Зарнигор? Рамзияро ба вай доданӣ аст? Наход ҳамин гапро мегӯяд ӯ?» Сарашро миёни кафҳояш дошт.

– Намехоҳӣ?

– Рамзия аз ман чандҳама хурд аст. Баъд вай…

– Нобино аст, мегӯӣ? Барои ҳамин ту вайро намехоҳӣ?

– Не, хола, ман дигар гап гуфтаниам. Рамзия маро намегирифтагист, ман ба вай бобо мешавам, агар набера медоштам, аз вай калон мешуд.

– Набера не, ана ҳамин Рамзияи ман зани ту мешавад.

– Вай маро бобо мегӯяд.

– Дигар бобо намегӯяд.

– Розӣ мешавад?

– Ноилоҷ аст, вай духтари боақл аст.

Назари суоломези Аҳмадалӣ ба холаи Зарнигор шуд.

– Ҳа, Аҳмадалӣ, илоҷи дигар надорам, Рамзияро ба ту медиҳам. Мехоҳам соҳиби як кирмчӯҷа шавад, соҳиб ёбад. Дар зиндагиам ҳамин корро кардан мехоҳам.

– Ин хел нагӯед, шумо ёш ҳастед.

– Аҷал ба пирию ҷавонӣ кор надорад, метарсам, ғами Рамзия дар дилам. Агар як гапу кор шавам, сари вай дар офтоб мемонад, як ҳавлии калдашту як духтари нобино. Баъд вай як хоҳиш дорад, аз никоҳ шуданатон ҳеҷ кас бубар нашавад. Мехоҳад ин сир пинҳон монад, мехоҳад нагӯянд, ки Рамзияро Аҳмадалӣ гирифтааст.

– Ин баъд чӣ хел мешудааст? Баъд кӣ моро никоҳ мекунад?

– Эшони Сироҷхон. Дорем-надорем, мо ҳамин як ҳамсоя дорем, занаш ҳам одами нағз. Зану шӯ ҳамеша аз ҳоламон бохабар мешаванд, дар дегашон об гарм кунанд, суроғ мекунанд. Қадри некиҳои онҳоро надонем, кӯру кӯҳрӣ мешавем, Худо нигаҳбонашон шавад.

Ҳамин тавр ҳамон бегоҳ байни холаи Зарнигор ва Аҳмадалӣ дар масъалаи ба шавҳар баромадани Рамзия аҳду паймон шуда, тақдири минбаъдаи ӯ муайян гашта.

* * *

Хонадони эшони Сироҷхон дар зиндагӣ аз ҳеҷ чиз камӣ надоштанд. Соҳиби оғилҳои пур-пури гову мол, куҳлиҳои[1] лаболаби ғалла, боғу роғ, духтарони қадрасу хурдсолашон чанд нафар. Вале писар надоштанд. Дар орзуи писар буданд, мурод металабиданд. Ба муродашон мерасанд, писардор мешаванд. Ана ҳамин тифли онҳо дар гаҳвора буда, ки Ҳусноро ба дунё меояд. Ягона муроду матлаби холаи Зарнигор аз даргоҳи Худованд ҳамин буд, бо ҳамин мақсад ба Аҳмадалӣ духтар дод, ба муродаш расид, духтари нобиноёш сабз шуд. Кампири Зарнигор боз дар ғами ояндаи ҳамин тифли навзод афтода. Ба худаш буру дуз карда, ба эшони Сироҷхон маслиҳат андохтааст:

– Мегӯм, эшони Сироҷхон, мою шумо ҳамсояҳои хуб будем, шумоямон ба ту нарафт, пеши шумо дар ду олам қарздорам, ба қадри хизматҳоятон расида натавонистам. Мегӯм, – кампири Зарнигор шармида-шармида давом менамояд, – мегӯм, агар шумо розӣ бошед, ҳамин набераҳакамро ба бачаи шумо мебахшам. Агар лоиқ донед, ҳа, гӯед, инҳоро гаҳворабахш кунем, мегӯм.

Эшони Сироҷхон ба сари калонаш пеши кампир хеста: «Қабул, холамоҳ, қабул», – гуфта се бор таъзим ба ҷо меорад. Ва рӯ ба қибла даст ба дуо мекушояд. Ҳамин дуои эшонро кадом малоикае омин гуфта, ки имрӯз ҳамон тифлҳои гаҳворангӣ ҳамхонаанд. Хуб шуда, ки модаркалони дурандеш ҳамин корро карда. Ҳусноро се ё чорсола будааст, ки падар онҳоро тарк гуфта рафтааст. Холаи Зарнигор нафаҳмида, Аҳмадалиро як одами бекасукӯ, безану

[1] Бордон

бехонаю дар пиндоштааст. Вай соҳиби зану фарзанд, хонаю дари обод будаю дар хонадорӣ байнашон чӣ гапу ҳарфе гузашта, баъд бо ҳам боз созомад шудаанд. Хуб шуда, ки ин воқеа баъди сари холаи Зарнигор рух дода. Вагарна кампир худашро мехӯрда, ки одамшинос набудааст, ҳамаи гапҳои «зан надораму бехонаю дарам», гуфтанҳои Аҳмадалӣ дурӯғ будааст, ӯ фиреfта шуда.

Пас аз рафтани шавҳараш Рамзияи нобино ба ҳоли ногувор афтод. Аз нони хӯрдан монд, бо лаби ташна, бо шиками гурусна мегашт. Бо вуҷуди ин шукргузорӣ мекард, ки Худованд ба вай як тифл лоиқ дида. Маҳз ба хотири ҳамин тифл хонаводаи эшони Сироҷхон аз ҳоли Рамзияю духтаракаш бахабарӣ мекарданд, пои рафту омад тоза карданд. Меомаданду мерафтанд, бо лаҳни тифлак бо модари вай ҳарф мезаданд.

– Келинаки мо чӣ ҳол дорад? Келинаки мо хушрӯй шудааст, очаш, – бо лабони пурханда ба модари ӯ рӯй оварда боз давом менамуданд. – Давлатхӯҷа занша мебарад. Тӯй мекунем, тӯй, – онҳо бо шӯхиҳояшон ба дили пажмурдаи Рамзияи нобино мадор мебахшиданд.

Чи хеле гӯянд, Ҳусноро чашм кушодаю Давлатхӯҷаро ҳамроҳаш дидааст.. Ҳавлиҳояшон якҷоя, байнашон девор набуд. Чанд чапарро рост-рост монда буданд. Се-чор чапари дигар рӯи замин хобида, аз рӯи чапарҳо роҳ мегаштанд. Кулбаи Ҳуснорошон пастакак. Дараш яктабақа, роғи байни тахтаҳои дар қарибе нимваҷабӣ. Аз ин рӯ рӯзҳои барфу боронгарӣ гилемчаеро болои дар меовехтанд. Ҳамин ки шаб саҳар мешуд, Ҳуснорою модараш хонаи Давлатхӯҷашон мерафтанд. Кӯдакҳо бо ҳам бозӣ мекарданд, бо ҳам омӯхт шуда буданд. Давлатхӯҷа як лаҳза агар Ҳусноро намедид, ғаш мекард, бо гиря ҳавлии калонашонро ба сар мебардошт. Дар ҷустуҷӯи Ҳусноро меафтоданд, ӯро ёфта, ки меоварданд, дар лабони Давлатхӯҷа ханда медамид. Аҳли хонадони эшони Сироҷхон аз ин хурсандии писарашон ба завқ омада, бо забони тифлона бо ӯ боз ҳарф мезаданд «Давлатхӯҷаи ҷон, мегӯем, ту ин қадар зандӯстдор рӯидӣ. Тавба, тавбае, наметонӣ арӯсат аз пешат дур равад? Ин хели бад ҳам не-дия». Бо ҳамин тарз Ҳусноро ҳам ба гап мегирифтанд: «Келинҷон, дидӣ, бачаи мо чӣ қадар туро дӯст медорад? Эҳтиёт шав, бачаҳаки моро ба қадраш рас, ту ҳам вайро дӯст дор, ҷон дар ғами ҳамдигар шаве, калонакак шаве». Ҳуснорою Давлатхӯҷаи хурдак аз чиллаю чормоҳагиашон зану шавҳар эълон шуда буданд. Таомули гаҳворабахширо ба ҷо меоварданд. Дар омад-омади ҳар ид ба хонаҳои ҳамдигар нишона мебурданд. Нишонаашон лаълию лагандҳои пур-пури қанду қурс, либосворӣ ба номи арӯсу домод. Ин бурду овард то рӯзҳои хонадоршавиашон давом ёфта. Ба бахти Давлатхӯҷа Ҳусноро дар хушрӯӣ беназир шуда буд. Модараш ҳам то нобино шуданаш ягона духтари зебои деҳа ба шумор мерафт. Худованд гӯё ҳусни модари нобиноро ба ӯ дода. Гирумҳояш беҳисоб шуданд. Ҳарчанд медонистанд, ки Ҳусноро гаҳворабахш дорад, «Ҳусноро келин мекунем» гуфта, по пеш мемонданд, хостгорҳо меомаданд ба хонаи онҳо, ҷавонҳои берӯ ба худи Ҳусноро гап мепартофтанд. «Ҳа, гӯй, розӣ шав», мегуфтанд. «Чиро «ҳа» гӯям? Ба чӣ розӣ шавам?» мепурсид ӯ. «Зану шавҳар шавем», – пӯсткандаи гапро мегуфтанд. Якеи ин ҷавонҳои берӯ боз ҳамон Ҳошимхони раиси имрӯзаашон буд. Ҳамон вақти мактабхониаш ҳам ин касофат доною абҷир буд. Ҳамон вақтҳо ҳам ҳамин Ҳошимхон борҳо сари роҳи

Давлатхӯҷаро гирифта буд. Сиёсат мекард, ки аз Ҳусноро даст кашад.

Вале Давлатхӯҷа ба ҳеҷ ваҷҳ аз Ҳусноро дурӣ намехост, ба гуфтае мурдаашро дар хонаи Ҳуснорошон партофта буд. Шабу рӯз ҷои ӯ кулбаи Ҳуснорошон. Марди хона шуда вай, хизматгорашон, «Ҳусноро» мегуфт, дасташу домони модари вай. Аз Ҳусноро дида Давлатхӯҷа бештар дар хизмати модари нобинои ӯ буд. Аз сару либос, хӯрду хӯроки онҳо бохабарӣ мекард, ҳарчанд, ки баъд аз сари қиблагоҳаш, ки ӯро ба ҷанг бурда буданду аз вай хати сиёҳ омад, ҳолу аҳволи хонаводаи онҳо ҳам беҳ набуд. Файзу баракати хонадони эшони Сироҷхон дар сари худи ӯ будааст, баъди сараш аз як оғили пур-пури гову мол як сар намонд. Фурӯхтанд, хӯрданд, чорво ба касал зад, бузу бузғолаҳо ҳиле[1] ба сари корд мерасиданд, ҳаром мешуданд. Мурғҳояшон аз тухм монданд. Давлати одамиро бақое набуда. Давлатхӯҷа гоҳе назди модари Ҳусноро рози дил мекушод.

– Холаҷон, мою Ҳусноро гаҳворабахш ҳастем-а?

– Ҳа, бачам, шумо гаҳворабахшед.

– Медонед-а, мо камбағал шудем.

– Дар тақдиратон будааст, бачам.

– Мегум, холамоҳ, боз аз қавлатон нагардед, боз Ҳусноро аз ман рӯ натобад?

– Нее, бачам, ин хел нагӯй.

– Гирумҳои Ҳусноро зиёд шудаанд, одамони дорою бадавлатанд, пеши шумо омада мераванд.

– Рост мегӯӣ, бачам, завчиҳо[2] мебиёянд, ҳар рӯз мебиёянд, Ҳусноро як гулу сад харидор. Лекин ман вайро ба ҳеҷ кас намедиҳам, бачам, ба худат медиҳам.

– Мегум, хола, агар Ҳусноро мана нахоҳад?

– Мекушамаш, ширамро ба осмон меҷӯшам, оқ мекунам, намебахшам. Хотири раҳматии эшони Сироҷхонро ба дунё намедиҳам, вай зани худат мешавад, ту фарзанди худам. Фаҳмидӣ?

– Ҳа, холамоҳҷон, пеши поятон мурам, холамоҳи ҷон.

Дар ин лаҳзаҳо, ки Ҳусноро аз пушти дар гӯш ба гуфтугӯи модарашу Давлатхӯҷа медод, тоқат накарда ба хона медаромад.

– Давлатхӯҷа, Давлатхӯҷаи ҷон, ту чиҳо мегӯӣ? Ман ҳаминҷоям, ман ҳамроҳи худат ҳастам, ин тараф биё, ба ман нигар, – гуфта аз дасти ӯ дошта механдиду механдид ва қатраҳои оби дидаи ӯро аз сари рухсораҳояш бо лаби остини куртааш пок карда, – айб аст, айб, гиря накун, – гуфта боз механдид.

Ҳусноро медонист, ки меҳри фарзандии Давлатхӯҷа дар дили модари нобинои вай азалист. Давлатхӯҷа ҳам аз кӯдакӣ ба ӯ меҳрубон, вайро модари худаш барин дӯст медорад. Ку касе, ки модари нобинои вайро мисли Давлатхӯҷа дӯст дорад. На, ин хелҳо нестанд. Ҳамаашон дар забонанд. Ҳатто дили пурмеҳре, ки Давлатхӯҷа ба модари нобинои Ҳусноро дорад, худи ӯ надорад. Бале, ҳамин тавр, чи ҷои пинҳон. Ҳусноро баъзан аз нӯки асои модар гирифта, роҳ рафтанро ба худ эб намебинад. Аммо нӯки асои модари нобинои вай ҳамеша дар дасти Давлатхӯҷа. Ба ҳар ҷое хоҳад, ӯро мебарад, ҳатто

[1] .Базӯр
[2]. Хостгорҳо

саҳроҷо ҳам. Рӯзҳои бемориаш вай дар роҳ мемонад, духтур ба духтур, дорухона ба дорухона мегардонад. Бозору очор ҳам, ки гӯяд, ӯ вайро мебарад. Ҳа, ҳамин тавр. Агар ӯ ба қадри хизматҳои Давлатхӯҷа нарасад, ба гуфти модараш, кӯру куҳрӣ мешавад. Бисёриҳо иғво меангезанд, ки Ҳусноро хушрӯю Давлатхӯҷа безеб, муносиби вай не. Он рӯзҳо ҳам ҳамин тавр мегуфтанду имрӯз ҳам, ки аз зиндагиашон солҳои сол гузаштаанд, ҳамин хел мегӯянд. Яки онҳо боз ҳамон Ҳошимхони раиси колхоз, ки аз пайи Давлатхӯҷа афтодааст.

* * *

Давлатхӯҷа он рӯз чигинаи пури гандумро ба хирман оварда, дарзаҳоро як-як фуроварда, юғро аз гардани говҳо гирифта раҳояшон намуд. Хастаю монда акнун рӯ ба деҳа буд, ки раис чун балои ногаҳонӣ савори ҳамон аспи ҷавмасти сиёҳмушкинаш болои сари ӯ пайдо гашт. Рӯ ба рӯи Давлтахӯҷа «тус-тус» гӯён лаҷоми аспро таранг кашид. Пойҳояш дар рикоб аз рӯи зин нимхез шуд. Асп бетоқатона сумак мезад, гардан меёзонд.

– Ҳумм, , – дар ҳолате, ки аз чашмони мешии раис гӯё алов мерехт, ба гап даромад: – Давлатхӯҷа!

– Лаббай, акаи раис.

– Чанд чигина шуд имрӯз?

– Чор чигина, акаи раис.

– Кам, Мансурхӯҷаи ҷӯраат қариб даҳ чигина овард.

– Дурӯғ будагист, худам қатӣ буд.

– Дурӯғ мегӯӣ гапи мана? Канӣ бори дигар такрор кун, – ба сари Давлатхӯҷа кашидаю кушода қамчин андохт.

– Назанед, акаи раис, …-ҳи бачаҳотона мехӯрам, назанед, акаи раис, – бо панҷаҳояш пеши чашму рӯяшро пӯшонд.

– Чиба кор накардӣ имрӯз?

– Акаи раис, бовар кунед, говҳо дигар кӯтали Бӯрибойро баромада наметавонанд, медонед-ку, чӣ қадар баланд аст. Теғ аст, теғ барин аст, фуромадани чигина ҳам мушкил аст.

– Лаб-лаби сойи Меҳтарӣ қатӣ равӣ, мемурӣ?

– Акаи раис, пеши пойҳоятон мемурам, лаб-лаби сой қатӣ чигина намегузарад, чаппа мешавад.

– Боз гап гардондӣ? Бо раис гапгардонӣ мекунӣ? Мезанам, мекушам, хонаатро месӯзам! – лаҷоми аспро тарангтар кашида, ба пешосинаи он қамчин зад, асп рост-рост мехест. Як ғавғое, шӯре дар хирман. Раис Далатхӯҷаро дашном медоду мезад, фиғони ӯ баланд.

– Садқаатон мешавам, раис, дуои ҷони кӯдакотонро мекунам, раис. Дигар гап намегардонам, агар гап гардонам, забонам сӯзад. Назанед, тавба кардам, қасам мехӯрам, – пои раисро оғӯш карда соқҳои мӯзаи вайро мебӯсид, зорӣ мекард.

– Куҷо рафтанӣ? – овози раис андаке нарм шуд.

– Хона мерам, акаи раис.

– Хона намеравӣ. Як шаб аз пеши бевааат монӣ, намемурӣ, фақат ҷониби охӯр медавӣ-а? Нарав, имшаб хирманкӯбҳо қатӣ мемонӣ, галагов, гандум бод

мекунӣ. Кор бисёр, ҳушёр шав, агар фаҳмам, ки шаб хона рафтӣ, хокат бод мешавад, зинда наменомонӣ, зада-зада мекушам. Фаҳмидӣ? Фаҳмидӣ, ки чӣ гуфтам?

– Фаҳмидам, акаи раис, хона намеравам.

– Боз мебиёям, хабар мегирам, – раис лаҷоми аспро тарафи деҳ гардонд, асп сӯи деҳа медавид.

* * *

Қариб шабе набуд, ки раис Давлатхӯҷаро дар хирман нигоҳ надораду роҳи хонаи ӯро нагирад. Вале ба мақсад намерасид, тираш хок мехӯрд. Ҳусноро ҳамеша ҳозирпошна мехобид, ҳамин,ки як садо, ё шарфае мешунид, ба миёни ҳавлӣ медавид, шӯру мағал мехезонд, қиёмате барпо месохт. Ҳавлӣ пур-пури ҳамсояҳо мешуд. Онҳо медиданд, ки раис аз сари шиғ ҷаҳида аз ҳавлӣ берун меравад. Ҳозиронро ҷуръат не, ки ба вай ҳарфе зананд. Танҳо як нафар дар ин мавридҳо аз миёни ҳама берун шуда, аз паси раис қадам мемонд.

– Оҳой, оқипадари бачаи Замони косалес! Аз Худо, аз мардум шарм дор, ба хонаҳои мардум напар[1], хонапария бас кун, ба дастам афтӣ, медонӣ-а чӣ мекунам, аз хотират баромад? Ман ҳамон эшони Сайидхонам, Сайидхон! – Сайидхон бо доду валвала аз ҳавлӣ берун шуда, то хеле аз паси Ҳошимхони раис мерафт.

Мардум ба ӯ таҳсин мехонданд, мегуфтанд, ки хайрият дар деҳаашон ҳамин хел як шахс ҳаст, ки сари ҷилави раисро мегирад, ҳаққи гапро мегӯяд, аз ҳеҷ кас намеҳаросад, вайро эшони Сайидхони чургу[2] ҳам мегуфтанд, Худо ба вай зӯрию тавоноӣ дода. Дар деҳа ҳанӯз касе набуда, ки ба ӯ сарпанҷа равад. Солхӯрда ҳам, ки шудааст, ҳанӯз майдонталаб аст. Дар маъракаҳои гӯштингирӣ майдон медиҳаду майдон, довталабаш пайдо ки нашуд, боз ба ҷояш гузашта, дар қатори тамошобинон менишинад. Ба ҳурматаш каф мекӯбанд, эҳтиромашро ба ҷо меоранд.

Ҳамин тариқ, ҳар бори ба хонаи Давлатхӯҷа париданаш Ҳошимхони раис ба шармандагӣ дучор меояд, чи шармандагию расвоие. Вале беномус, ки аст, гарде хиҷолат намекашад. Беҳуда нагуфтаанд, ки дар к…-ни беномус чанор сабз шудаю ӯ гуфта: «Ҳай, ҳай, соябони сарам».

* * *

Субҳ надамида, ҳанӯз осмон ситоразор буд, ки Ҳошимхони раис ба хирман омада, гирди чигинаи Давлатхӯҷа чарх мезад. Ғарқи гирдоби хаёлҳои ноҷои худ буд. Подабони ферма амаки Ризвон супориш гирифта, ки ду ҷавонаи чарси навсарароро як бало карда ба хирман биорад. Дар он лаҳзаҳо амаки Ризвон ва бачаҳояш ба гардани ҷавонаҳои навсара банд андохта, базӯр онҳоро назди чигинаи Давлатхӯҷа нигоҳ медоштанд.

Ниҳоят Давлатхӯҷа дар тан ҳамон ҷомаи ҷандаи пурямоқаш, ки барои офтоб назадан ба бар мекард, намоён шуд. Дар сараш салла, дар пойҳояш мӯкӣ, аз болои ҷома бо банди пашмини сиёҳу сафеди ба мори алобуло монанд миёнашро чанд печ баста буд.

---

[1] .Бо нияти бад ба хонае даромадан

[2] Ҳақгӯй

– Омадӣ, Давлатхӯҷа? – бо лаҳни нарм бо Давлатхӯҷа ҳамгап шуд раис.

– Ҳа, акаи раис.

– Нағз кардӣ, омадӣ. Аз ту ман розӣ ҳастам, Давлатхӯҷа, одами меҳнатӣ. Ба ту як – ду халта гандум медиҳам.

– Раҳмат, акаи раис, Худо баракат ёбед, дар хона орд нест, дуои ҷонатонро мекунам, Худованд фарзандонатонро нигаҳбон шавад. Ман аз шумо миннатдор ҳастам, акаи раис, ҳазор раҳмат, – Давлатхӯҷа аз лутфу марҳамати ногаҳонии раис бисёр хурсанд гашта фикр мекард, ки ӯ ҳам аз раис гапу ҳарфи нек мешунидааст.

– Ман, Давлатхӯҷа, аз ту як хоҳиш дорам.

– Марҳамат, гап занед, акаи раис.

– Як-ду ҷавонаро сара кардан лозим. Мебинӣ-а? – Ҷавонаҳоеро, ки бандашон дар дасти фарзандони бобои Ризвон буд, ба Давлатхӯҷа нишон дод.

– Дидам, акаи раис.

– Ҳаминҳоро имрӯз дар чигина мебандӣ.

– Барзаговҳои худам ҳастанд-ку.

– Аввал ин, ки барзаговҳо азони худат нестанд. Дуюм ин, ки ин барзаговҳоро ба галагов мебандем, ба хирманкӯбҳо медиҳем. Сеюм, гуфтам-ку, ҷавонаҳоро сара кардан лозим, ту таҷриба дорӣ. Чорум ин, ки ҳақ надорӣ, гапи раисро гардонӣ.

– Акаи раис, ин ҷавонаҳо чарсанд, гуҳи мурғанд, чигиная чапа мекунанд, аҷалам қатӣ бозӣ намекунам.

– Исто, ки ту гапи маро намегирӣ? Бо ман бурду овард дорӣ? Бо раис?! Мекушам! – раис аз соқи мӯзааш қамчинро гирифт.

– Назанед, акаи раис, назанед, – Давлатхӯҷа бо ҳар қамчин хӯрдан гирди раис мор барин мепечид.

– Ман ба ту чӣ гуфтам? – боз раис қамчин бардошт.

– Гуфтед, ки ҷавонаҳоро ба чигина бандам.

– Гапамро намегирӣ?

– Гапатонро мегирам, акаи раис, назанед, гапатонро мегирам.

– Аз пайи кор шав.

– Ҳозир, аз ҷоям хеста наметавонам, ака.

– Рав, хонаат рав, пагоҳ чигина мебандӣ, – дар дили Ҳошимхони раис раҳм омад, ки Давлатхӯҷаро ҷавоб дод.

– Раҳмат, акаи раис, – Давлатхӯҷа даст ба сару рӯи хунолудаш бурда, бо азобе аз ҷой нимхез шуд.

* * *

Давлатхӯҷа шаб хуфта натавонист. Аз зарби қамчинҳои раис сару рӯяш варамида, тамоми аъзои баданаш гӯё дар даҳони мор месӯхт. Сӯзиши дардаш як тараф, хаёлаш ба фардо, ба чигина, ба ҷавонаҳои сур, ба кӯҳтали чун теғ росту ваҳмовари Бӯрибой буд. Дар поёни кӯтал боз чуқурию роҳҳои пурпечу хам, бо барзаговҳои аҳлу коркӯфта бо азобе чигинаро аз кӯҳтал поён мефуровард. Ҷон дар каф Худою пирам мегуфт, даст дар гиребон арвоҳҳоро ёд мекард. Вале акнун бо ҷавонаҳои навсара, ки даст ба сӯяшон бурда намешавад, ҳолаш чӣ мешуда бошад. Даруни ҷойхоб ҷунбуҷӯл мекард, меҷунбиду

меҷунбид.

– Рости гапро гӯед, мардакҷон, бачамурдаи раис зад? Кӣ зад? – мепурсид завҷааш, вале вай худ ба худ ғур-ғур мекарду ҳарфе намегуфт. Аммо Ҳусноро медонист, ки ӯро раис задааст, медонист, ки шавҳараш барои ӯ таги лату кӯб мондааст. Аммо ба вай ин гапҳоро гуфта наметавонист. Ва Давлатхӯҷа ҳам намедонад, ки раис баҳри чи ин қадар ҷабру зулмро ба ӯ раво мебинад. Вай як инсони фидоии роҳи кору бори худаш, аз меҳнати ҳалол, бо обилаи кафи даст нон мехӯрад. Бехабар аз он, ки зери коса чӣ нимкосае.

Давлатхӯҷаро хоб бурд. Вале лаҳзае нагузашта «ё бисмиллоҳ, алҳамдулиллоҳ» гуфта, бо ҳарос бедор шуд.

– Тарсидед, мардакҷон? Хезед, хезед, худатонро ҳушёр кунед, – Ҳусноро лаби кӯрпаро аз болои ӯ поён кашид.

– Хоб дидам, хоби нағз не.

– Чӣ хел хоб?

– Хоб дидам, ки ҷар гашту таги ҷар мондам. Баъд очам, раҳматии очаи ту омаданд, қиблагоҳам пайдо шуданд.

– Сиёҳӣ пахш кардааст, тарсидед, вай худозада шуморо тарсондааст. – Ҳусноро даст ба сари шаҳвараш ниҳод, барои хунук нахӯрданаш боз лаби кӯрпаро ба болояш бурд, бо ангуштонаш пешона ва гӯшҳои Давлатхӯҷаро молиш медод, навозишаш мекард. Ҳамин тавр боз Давлатхӯҷаро хоб бурд. Вале Ҳусноро намехост, ки бихобад. Даст аз пешонаи шавҳараш набардошта ғами ӯро мехӯрд. Бечора шавҳараш, намедонад, ки дар дунё чи гапу хабар. Хаёлаш ба кору бори худаш: ба чигина, ба гову молҳо, ки ҳамеша аз обу хӯрокашон бохабарӣ мекунад, ба мурғҳо дон медиҳад, баъд ҷонашу ҷӯрааш эшони Мансурхӯҷа. Гӯё каси дигареро дар деҳа намедонаду намешиносад, ҳамнишину ҳамсуҳбаташ танҳо ҳамин одам. Гапу ҳарфашон ҳам аз чигинаю говҳои чигина. Фикр ҳам надорад, ки раиси колхоз аз пайи зани ӯ афтодааст, дар талош аст, дар мубориза, дар қасди ҷони ӯ. На, ин хел фикрҳо ба сари ӯ намезанад. «Бечора шавҳараш», хам шуда гоҳе аз рӯи ӯ мебӯсад, мехоҳад чашм аз шавҳараш наканда шабро саҳар кунад, ба хобаш халал нарасонад. Аммо чӣ илоҷ, ки лашкари хоб ба ӯ дарафтода. Чашмонаш гоҳе пӯшида гашта, якнима болои ҷойхоб меафтад. Худро ҳушёр карда, хеста дар ҷояш менишинад. Боз хоб меояд. Ниҳоят хоб бар ӯ ғолиб омада, вайро ба оғӯши гарму нарму ширину гувороях кашид. Чунон хобе, ки аз дамидани субҳи рӯзи наву тулуи офтоби зарринтоб бехабар монд. Ба гӯшаш садои баъ-баъи бузу бузғолаҳо ва баоси гову гӯсола, ҳангоси ҳангии сиёҳу қут-қути мурғакон аз рӯи ҳавлӣ мезад. Ва ниҳоят аз хоб ҳушёр шуда, ба паҳлуяш назар андохт, ҷои Давлатхӯҷа холӣ, ӯ набуд. Ба хаёлаш Давлатхӯҷа ғами ӯро хӯрда, Ҳусноро бедор нашавад гуфта аз хона берун шудаю пайи обу алаф додани гову молҳо ва дон пошидан ба мурғакон афтода. Ҳа, ҳамин тавр карда ӯ, зинда бошад, зинда. Бо хаёли ширин рӯи ҷойхобаш хеста нишаст, чашм ба либосу анҷомҳои шавҳараш, ки шаб болои сар оварда монда буд, дар ҳайрат монд. Бале, Давлатхӯҷа боз ҳамон ҷомаи сиёҳи ҷандаро ба бар карда, банди пашмини алобулоро аз боли ҷома ба миён баста, саллаи пурямоқи офтобхӯрдааш дар сар, мукиҳояш дар по кайҳо бесадою беовоз аз хона баромада, субҳгоҳ ё ҳанӯз шаб ба саҳар наомада аз паи кораш рафта. Чаро ӯ бо вай хайр нагуфта

рафта? Чаро?

Ҳусноро дар бар куртаи нави шоҳикарбос, ки гулҳои бутта-буттаи сурху сафед дошт ва онро ба ивази як бузи бобузғола аз Бибисорои ҷаллобак харида буд ва докаи сафеди обшуста дар сар, як чӣ гумкарда барин, хаёлаш ба Давлатхӯҷа, назар ба мурғакон, ки давида-давида аз рӯи замин дон мечиданд, роҳ мерафт. Гирдогирди ҳавлии хурдакакашон шиғандӣ, назарпаноҳ. Дару дарвозаашон ҳам чапар. Ҳамон рӯзҳо Давлатхӯҷа ҳамроҳи ҷӯрааш амаки Мансурхӯҷа аз дара шохаҳои пурхор оварда, боҳам чапар баста буданд. Чапар аз гули хор, ягон-ягон гулҳои зард сари хорҳо ҳанӯз тару тоза метофтанд, Ҳусноро хам шуда аз назди дегдони миёни ҳавлӣ ҷорӯби талхагии дастадарозро гирифт. Сатилҳои қатори лаби пешайвон пури об, дина бегоҳӣ аз чашмаи паси хона об оварда буд. Рӯи ҳавлиро об зада, рӯфта, ҷорӯб дар даст беруни ҳавлӣ шуд. Офтоб аз паси теппаи он сӯи сангоб баланд шуда, рӯи бому дар, сари шохаҳои дарахтон ва роҳу роҳравҳо рангрезӣ дошт, рангҳои пурҷилои заррину тиллоӣ. Подаҷо аз ҳавлиашон дур не, наздик, дар лаби сангоб. Подабон асои аз қадаш чанд ҳама баландаш қатӣ бузу гӯсфандонро аз баландиҳо ба поён хамонда, дар тараддуди подаро ҳай кардан буд. Гову молҳои онҳо ҳанӯз дар ҳел. «Қарибе аз пода мондаанде», – зери лаб сухан гуфта, рӯ ба ҳавлӣ гардонда буд, ки аз роҳи тарафи масҷид овози гапзании бисёрӣ, ғалоғула ва «дид-дид» ошарф додани мошин баланд гашт. Мошин дар ҳамин чанд рӯзи охир дар деҳа пайдо шуда буд, ба ихтиёри колхоз фиристода будаанд. Ба завод ангур мекашонд. Омадани мошин барои аҳли деҳа, хусусан, барои бачаҳо, гӯё як тӯй, ҳодисаи ношуниданию нодиданӣ буд. Пеш номи мошинро мешуниданд, афсонаи мошин аз забон ба забон мерафт. Ва чӣ хуб шуда, ки акнун одамони деҳа мошинро медиданд. Ронандаи он як марди руси харобу қоматбаланде, дар сараш шапка, шапкаашро каҷ мемонд. Бачаҳо ӯро Шапкабой мегуфтанд. Дар лабонаш ҳамеша ханда, бачаҳоро ҷанг намекард, баъзан онҳоро ба мошин савор мекард. Хоки кӯчаҳо то ба зону. Чанги хок аз паси мошин ба осмон хеста, болои деҳаро пурғубор мекард, бачаҳо аз паси мошин давида савор шудан мехостанд, дасташон ба соғуи мошин гоҳе мерасиду гоҳе не, яке паси дигар топ-топ ба замин афтода дар даруни хок меҷӯлиданд, даҳону бинӣ, либосҳо пури хок, бачаҳоро як шодию хурсандие. Ҳошимхони раисро ҳам давру давроне. Мошин дар ихтиёри ӯ, аз ангур пур ки мешуд, вай ба дари он мечаспид, ба паҳлуи Шапкабой менишасту «ҳай кун, мошина, ҳай кун, Шапкабой», ба пуштаки тахтагини кабина қомат ёзонда фармоиш медод, Шапкабой «хуб шуда, акаи раис, хуб шуда», гуфта сари мошинро ба ҷониби завод мегардонд.

Мошини Шапкабой роҳи паси масҷидро тоб хӯрда, тарафи ҳавлии Ҳусноршон гашт. Ҳошимхони раис аз даруни кабина ҳавлии онҳоро ба Шапкабой нишон дода, ким-чӣ гуфта дастак мезад. Одамони бисёр аз паси мошин меомаданд. Амаки Мансурхӯҷа пеш-пеши ҳама медавид. Ҳусноро ҷорӯб дар даст аз ҳайрат дар ҷояш шах шуда монд. Ақле намекард, дар пеши одамони номаҳрам рӯяшро пӯшонад. Путуки[1] сараш на рӯяшро панаҳ мекарду на мӯяшро. Аз ҳама аввал Ҳошимхони раис аз мошин фуромад. Ба тӯй ё

[1] Рӯймолчаи хурдакак

ягон маъракае равона буд, ки дар танаш либосҳои наву зебо. Тӯппии сарашро «аз ман барои раис нишона» гуфта, холаи Гулбаҳор дӯхта буд. Захми сӯзани Гулбаҳор ба худаш. Нусхаи гулҳои тӯппии ба номи раис дӯхтаашро дигар ба ягон бандазоти Худо раво намедидааст. Нусхаи аввалу охир. Кам заҳмат накашида ӯ баҳри ин тӯппӣ. Як соли расо болои он нури чашм об кардааст, сӯзан задаю бирешим ҷустааст. Ҳар гоҳе раис онро пӯшад, мегӯй, ки дар сараш гул шукуфта. Ҳоло ҳам тӯппӣ дар сари ӯ ҳамин гуна менамуд. Дар тан яктаҳи дарози кори[1] бирешимии рах-рах сиёҳу сафед. Рӯймоли миёнаш дар гул тар, лабони рӯймол шилшиладор. Ба ришу бурутҳои раис як устои яҳудӣ муаккал. Як ҳафта пас қайчӣ мезада усто ришу бурутҳои ӯро, гул барин мегардонда, ришу бурутҳояш сип-сиёҳ, ба рӯи сафедаш мегуфтааст. Дар пойҳояш мӯзаи хироми суп-сурх, аловдаста барин. Савори аспи ҷавмасташ гардад – нагардад, ҳамеша қамчин ҳамроҳаш. Ба соқи мӯзааш мезада қамчинро, дастаи он нуқракорӣ, банди пупакдори қамчин аз болои соқи мӯзааш овезон.

Раис аз мошин фуромада, босалобат ягон-ягон қадам партофта назди Ҳусноро омад.

– Салом, Ҳусноро, – чеҳарааш гирондагӣ буд. Аз Ҳусноро ҷавоб нашунид. Овозаш баландтар гашт: – Нашунидӣ? Салом додам. – Ҳусноро ҳамоно хомӯш буд. – Шавҳаратро ҳозир мебиёранд, ҷой соз кун, – хабари нохуш расонд.

Ҳусноро то ҳол дар хаёле буд, ки хоб асту хоб медид, ки одамони бисёре ӯро гирд кардаанд. Харҳаша, маҳал. Мошини Шапкабой ҳам ин ҷо, Ҳошимхони раис ба сари ӯ доду фарёд дорад. Орзуманде буд, ки ин ҳолат хоб бошаду ҳақиқат набошад. Вале афсӯс, ки хоб набуд. Хабари нохуши Ҳошимхони раис ӯро ба худ овард. Дар рӯ ба рӯяш раис, одамон, мошин. Амаки Мансурхӯҷа ба ӯ наздик омада, бо дидагони ашкбор мегуфт:

– Ҷой соз кун, келин, Давлатхӯҷаро мебиёранд, – ӯ ҳам гапи раисро гуфта афзуд: – Бародарам Давлатхӯҷа таги чигина монд, қатиаш будам, ҳамин хел шуд, ҷар шуд, – боз ҳамин ҳарфҳоро такрор намуд ва баъд дигар сухане ба забон оварда натавониста, ҳунг-ҳунг мегирист ӯ.

* * *

Давлатхӯҷа ҳамон саҳарӣ Ҳуснороро бедор накарда, аз хона баромад. Паси кораш афтод. Ба сари хирман расида дид, ки раис назди чигинаи ӯ ҳозиру нозир.

– Омадӣ? – аз Давлатхӯҷа пурсон шуд.

– Ҳа, акаи раис, омадам.

– Дер кардӣ.

– Дар хоб мондам, акаи раис.

– Зудтар бош, ҷавонаҳоро ба чигина банд.

– Хуб шудааст, акаи раис, – Давлатхӯҷа тарафи ҷавонаҳо, ки болотар аз капаи хирманкӯбҳо шохҷанг доштанд, қадам монд. Ҷавонаҳо рамиданд, рӯ ба гурез шуданд. Раис ҳис намуд, ки бо як Давлатхӯҷа кор буд намешавад, як

[1] Як навъ матои дастбофт

худаш танҳо онҳоро уҳда карда наметавонад, фарёд зад:

– Ист, Давлатхӯҷа, ист, турондӣ ҷавонаҳоро, турондӣ, – ва подабони ферма бобои Ризвон, амаки Мансурхӯҷаро, ки гирди чигинааш ҷунбуҷӯл дошт ва хирманкӯбҳоро наздаш хонд. Ҳамакаса, якҷоя бо суросур ҷавонаҳоро доштанд, бо як язобе ба гарданашон юғ монданд, бастандашон ба чигина. Ҷавонаҳо рост-рост мехестанд, дингалак мезаданд. Ҳама аз ин ҳол ҳайрон, чӣ кор карданашонро намедонистанд. Раис ба хулосае омад, ки говронаи Давлатхӯҷаро аз болои дарзаҳои гандум бардошта:

– Маҳ, гир, чигинаатро соҳиб шав, – фармоиш дод. Давлатхӯҷа дилу бедилон говронаро гирифту дуртар аз чигина истод.

– Нашунидӣ, чӣ гуфтам?

– Шунидаму, акаи раис, метарсам.

– Натарс, туро бало намезанад, медонам, метавонӣ, мукофот медиҳам, мукофот.

– Охир, акаи раис, – Давлатхӯҷа боз чизе гуфтанӣ буд, ки «Бас, дигар гап назан!» – овози ғазаболуди раисро шунид.

Давлатхӯҷа ноилоҷ, говрона дар даст, ба паси юғ гузашт. «Бош, бош, ҳай бош!» овоз баланд карда ба сари ҷавонаҳо говрона бардошт. Як-ду говрона ба пушташон андохт, ҷавонаҳо бештар ба ҷасту хез даромаданд, давиданд, сари дави ҷавонаҳо Давлатхӯҷа меафтоду мехест, чигинаро ҷавонаҳо дур бурданд, аз назарҳо ғоиб шуданд. Кори раис буд шуда буд, ки ҳамаро ҷавоб дод, гуфт, ки аз пайи корашон шаванд.

– Ба Давлатхӯҷа чӣ мешавад? – Мансурхӯҷа ғами ҷӯраашро хӯрд.

– Бало ба пасаш, – гуфт раис.

Мансурхӯҷа говҳоро аз чигинааш раҳо карда ба роҳ даромад.

– Куҷо меравӣ?

– Ба Давлатхӯҷа ягон гап нашавад, мегӯям.

– Ҳеҷ гап намешавад, ту аз кори худат намон, нарав! – гуфту ба аспаш савор шуд. Мансурхӯҷа аз роҳаш нагашт.

* * *

Давлатхӯҷа ҷавонаҳоро говронашап карда, бо як азобе чигинаи пурборро ба сари куҳтали Бӯрибой расонд. Дигар диле накард, ки рӯ ба нишеб шавад. Аз баландӣ назараш ба поён: роҳ нишеби нишеб. Дар фуромадан одам калакӯ[1] мехӯрад, агар худашро надорад, сарозер меравад. Бо барзаговҳои аҳлу солхӯрдааш, ки дар сарашон чормағз шиканӣ, мӯяшон намеҷунбид, бо ҳазор тарсу ҳарос чигинаро мефуровард. Аҷаб не, бо ин «гуҳҳои мурғ», ҷавонаҳоро дар назар дошт, ҳаргиз куҳталро фуромада наметавонад. Сари ҳар даҳ-понздаҳ қадам як гардиш. Аз ҳама беш аз гардиши назди ҷар метарсад, Худо накунаду сари ин «гуҳҳои мурғ» тарафи ҷар тоб хӯрад, тамом, вассалом, «калимаатро арза мекунӣ». Ҷар ҷари андак-мундак не, чунон баланду ваҳмовар, ки ба лабаш наздик шуда ба таги он назар андохта наметавонӣ, ҷари бетаг, баъд боз сангоб. «Аҳ, Худое, Худоҷоне, нишон надиҳад», – даст дар гиребон азизу арвоҳҳоро ёд овард, дуо хонда, дуо хонда, сари чигинаро

[1] пешпо

рӯ ба нишеб гардонд. Ҷавонаҳо роҳӣ шуданд. Як каме роҳ рафта нағмаю нағомоташон сар шуд. Фих-фих бинӣ меафшонданд, чашмонашон бечо, аз роҳ баромаданд. Овози Мансурхӯҷа ба гӯши Давлатхӯҷа расид. Лаҳзае назараш ҷониби ақиб шуд. Мансурхӯҷа аз сари кӯҳтал сӯи ӯ медавид. Аз он чи Давлатхӯҷа меҳаросид, ба сараш омад. Ҷавонаҳо чигинаро ба тарафи ҷар кашиданд, Мансурхӯҷа бо доду фарёд адиру пуштаҳоро ба сар мебардошт.

– Чигинаро нигоҳ дор, Давлатхӯҷа, нигоҳ дор! – кафҳояшро пеши даҳон карнай карда фарёд мезад, саркану покан медавид. Ҷавонаҳо рӯ ба ҷар буданд. Ба Давлатхӯҷа тан намедоданд, аз роҳашон онҳоро гардонда наметавонист, дар талвосаи ҷони худаш шуд. Аммо имкони аз паси юғ баромадан наёфт. Чигина ба чуқурию баландиҳо зада якнима мерафт. Мансурхӯҷа сӯхтаю пӯхта аз паси он медавид.

– Нигоҳ дор, чигинаро, Давлатхӯҷа, нигоҳ дор!! – Ӯ меафтоду мехест. Дар чуқурие чигина дармонд. Дасти Мансурхӯҷа ба як раваки чигина хӯрд, онро сахт дошт. Ҷавонаҳо медавиданд, Мансурхӯҷа низ сар ба қатори онҳо медавид, пешпо хӯрда рӯ ба замин афтод, раваки чигинаро раҳо намедод, аз паси чигина кашола шуд. Ҷар наздик. Масофа беш аз пеш кам мемонд. Масофаи байни маргу одам. Ба як санги азим чигина бархӯрд, чапа шуд, Давлатхӯҷа таги чигина монд, лаби ҷомааш ба чӯбҳои чигина печид, дасту пойҳояш ба назараш ғаравҷа шуданд, дарду азобе, ки худ медонисту Худо. Сараш ба санг зад, хун пеши чашмонашро гирифт, ба хаёлаш, ки олам ғарқи хун гаштаю ӯ миёни он монда, ақлу ҳушаш бечо гашт. Ҳис намуд, ки дасте тарафаш дароз шуд, касе ӯро ба сӯяш мекашид, раҳониданаш мехост. Баъд чӣ шуду нашуд, ёд надорад. Вақте боз дарди ҷонкоҳ ҳис карда чашм кушод, худро дар бағали Мансурхӯҷа дид, « Давлатхӯҷа, Давлатхӯҷа!» фарёд мезад ӯ. Маълумаш шуд: ҷавонаҳо бо чигина ба қаъри ҷарӣ рафтаанд. Дасти ӯро дар дами ҳалокат Мансурхӯҷа гирифта будааст.

* * *

– Оҳой Мундуқ, – раис Мансурхӯҷаро барои қади пасташ ҳамин хел лақаб монда буд.

– Лаббай, акаи раис, – Мансурхӯҷа ҳапал-тапал назди раис омад.

– Медонӣ-а, барои чӣ туро овардам?

– Не, ба номи Худо, намедонам.

– Ҳозир мефаҳмонам, – раис подабони ферма бобои Ризвонро ҳам, ки такя ба асои дарози дасташ дар канортар меистод: – Ту ҳам биё, – садо кард.

– Медонед ман ба шумоҳо чӣ мегӯям? – нигарони ҷавоб нашуда, рӯ ба Мансурхӯҷаю бобои Ризвон афзуд: – Ҳамин ҳозир ҳардуятон чи гову мол, бузу бузғолае дорад ин одам, аз ҳелу оғалҳояш бароварда ба ферма ҳай карда баред. Худозада ба колхоз кам зарар наовард, як олам ғалла, чигина бо ҷавонаҳои пеши пода аз даст рафт, ҷавонаҳо ҳалол мешуданд, як гапе буд. Ҳеҷ гоҳ ин хел нашуда буд, зарар шуд, зарари калон шуд, – боз такрор намуд раис ва боз гуфт: – Ба сӯхтан пок намешавад ин одам.

Мансурхӯҷа ва бобои Ризвон гову гӯсола, бузу бузғолаҳои Давлатхӯҷаро пешандоз карда аз ҳавлӣ баровардand. Подабон онҳоро ба роҳи ферма андохт. Ба ин ҳам қонеъ нашуда раис ба бачаҳо фармуд мурғҳоро доранд.

Бачаҳо рӯ – рӯи ҳавлӣ мурғ сур мекарданд. Қуту-қуту, қиғо-қиғи мурғҳо дар фалак.

– Не, не, ин одам ба ин ҳам халос намешавад, хонумони колхозро сӯхт, ҷавоб мегӯяд. Дар шоҳидии ҳама акт тартиб медиҳам, имзо мегузоред, – раис аз ҷайбаш коғазу қалам баровард, ким-чӣ навишт. Аз ҳама аввал қаламро ба Мансурхӯҷа дода: – Ту ба ҳамааш шоҳидӣ, ту будӣ, ту дидӣ, барои моли колхоз чашмат сих назад, «войи ҷони ҷӯраам» гуфтӣ, ҷавоб мегӯӣ, суд мешавӣ. Ин ҷо имзо мон, ана ба ин ҷо, – ангуштонашро болои коғаз бурд.

– Барои чӣ имзо монам, акаи раис?

– Нафаҳмидӣ чӣ гуфтам? Давлатхӯҷаи ҷӯраатро қава мекунам, таҳ-таҳ меравад.

– Охир, акаи раис, вай худаш мурда истодааст, ҳиҷҷиаш намондааст.

– Ҳолӣ намурдааст.

– Имзо намекунам.

– Чӣ гуфтӣ? Мекушам! – ба сари Мансурхӯҷа давид раис.

Мансурхӯҷа ақиб рафт, худашро ба паси одамон кашид, панаҳ бурд. Раис коғазу қалам дар даст ҳайрон монд. Назараш ба Ҳусноро афтод.

– Аҳа, ту дар ҳаминҷоӣ? Биё, биё, – аз дасти ӯ дошт. – Туро мебарам, ту зани байни колхоз мешавӣ. Медонӣ-а, чӣ қадар гову мол, замин, боғу роғи мардум байни колхоз шуданд, ту зани байни колхоз. Ҳа, мебарам, биё, – бо доду маҳал Ҳусноро тарафи мошин кашид.

– Наход занҳо ҳам байни колхоз мешудаанд? Не, не, намехоҳам, – дасташро аз дасти раис раҳонда, фиғонаш ба осмон сӯи ҳавлии амаки Саидхон гурехт. – Амакҷон, ёрӣ диҳед! Ёрӣ диҳед!! – бо фарёду фазаҳ дарвозаи эшонро бо муштҳояш мекуфт. Дарвоза боз шуд, худи амаки Саидхон дарвозаро ба рӯи ӯ кушод.

– Чӣ гап? Чӣ гап, Ҳусноро? – ӯ ҳайрон монда буд.

– Амакҷон, ҷонамро даст гиред, маро мебаранд! – Ҳусноро гирёну нолон, – маро мебаранд, маро халос кунед, амакҷон, ҷон амакҷон! – ҳамин ҳарфҳоро ба такрор ба забон меовард.

– Кӣ мебарад? Кӣ?

– Раис, ана бинед, – бо дидагони ашкбор ҷониби ҳавлиашро нишон дод. Амаки Саидхон тӯдаи одамон ва раисро дид. Дастонаш дар пушт ягон-ягон қадам монда ба роҳ даромад. Раис аз пайдо шудани амаки Саидхон нороҳат шуд, ҳатто ба таҳлука афтод. Ӯ дар як деҳаи калон танҳо аз ҳамин одам ҳазар дошт. Вай соҳибгап, боobрӯ, бо ному нишон. Солаш ба ҷое расидаасту дар маъракаҳои гӯштингирӣ ҳозир. Майдон медиҳад, шӯхӣ-шӯхӣ бо ҳамсолонаш як дасту нимдаст гӯштин мегирад, судя мешавад, «Ҳалол! Ҳалол! Ҳаром!» овоз баланд мекунад, гапи ӯ гап, ҳукмаш ҳукм, давур[1] мегираду баландтар овоз мебарорад, хурсандии пири беақлро намегӯед, дар куртааш нағунҷида чапак мезанад, худашро гум мекунад. Дар деҳа ба хурду реза маслиҳатгар. Дар нӯли Ҳошимхони раис ҳам кашол: мардуми беақл дар маъракаҳо аз раис вайро бологузар кардаанд, ҳатто дар назди мардум чанд бор вайро пешпар додааст. Одамон рука[2] ба вай доранд, ҳатто агар раис касеро занад, ҷазо

[1] Рӯҳ
[2] Майл.

диҳад, ба назди вай медаванд. Мехоҳад сари ҷилави эшони Саидхонро гирад, лекин андеша мекунад. Андеша аз дорӣ, аз зӯрӣ, аз паҳлавониаш? На, ҳамаи инҳо дар назди раис якпула гап. Андешааш аз бачаҳои ӯ. Худаш ҳам аз рӯи ҳамин бачаҳояш мепарад. Ҳар чор бачааш ҳам тарафи пирхар рафтаанд. Ҳар чорашон ҳам паҳлавон, овозадор. Магар Ҳошимхони раис, ки ба ҷуз як падари пир каси дигаре надорад, метавонад, ки гиребони эшони Саидхонро гирад, ё ба туҳмату аризабозӣ вайро ба ягон маҳкама кашад? Наметавонад.

Хошимхони раис бо намудор гаштани эшони Саидхон дар ҷумбуҷул афтод, ҳанӯз чи кор кардану накарданашро намедонист, ки аз паси эшон бачаҳояш аз дарвоза баромаданд. Раис илоҷи дигаре надошт. Дари кабинаи мошинро кушод.

* * *

Аз хотири Ҳусноро намеравад он рӯзи сиёҳи пурдаҳшат, на, ҳаргиз. Давлатхӯҷаро, ки барояш тобут баста будаанд, чандкаса бардошта ба хона даровардаанд, рӯи ҷойгаҳ хобонданд, «таваккалаш ба Худо» гуфта, ҳама рафтанд. Ба ҷуз амаки Мансурхӯҷа. Ӯ чанд дамаке болои бистари ҷӯрааш ашк рехту аз паси кораш шуд. Баъд Давлатхӯҷаи рӯи ҷо монду Ҳусноро. Солҳои сол ҳолаш беморбонӣ, бардорумони Давлатхӯҷаи тару вазнин ба дӯши зани ҷавон. Ба саҳроҷо рафтанаш чӣ, ки ба по истода наметавонист, тарию хушкиаш якҷоя. Ба ҳаққу ҳамсояҳо, ба хонадони амаки Саидхон раҳмат мегуфт, ки гоҳе як коса-ним коса дами гарм ё як пора нони қоқу суқ қатӣ аз дараш медаромаданд. Дар масъалаи амаки Мансурхӯҷа ҷои гап не, вай аз ҳазор ёру бародар барои Давлатхӯҷа наздику меҳрубонтар, аз ришу рӯ, аз ҳалолиаш ӯ огоҳу бохабар. Ба хабаргирӣ дасти холӣ намеомад, доим дар бағалаш як-ду себ, ё анор, нон, ё ягон чизи хӯрданӣ барои ҷӯрааш меовард. Шабҳо то дер дар наздаш менишаст, аз болою поён гап мезад, дилбардорӣ, таскину тасаллиаш медод. Ва Давлатхӯҷа, албатта, бесоҳиби бесоҳиб ҳам набуд, се-чор апаю хоҳар дошт. Аммо онҳо ба қавли худашон ҳама бандаи мардум, шавҳардор. Аҳён-аҳён моҳе як ё ду бор пайдо мешуданду баҳри аловгирӣ омадагӣ барин, аз рӯи таомул бо нияте, ки дарди бемор сабук шавад, лаби болишташро як-ду бор бардошта, баъд лаб инҷ карда, баҳри таскину тасаллии Ҳусноро «Худо Давлатхӯҷая хори ҷогаҳ накунад, Худо осонаш кунад», гуфта ба вай марги осон хоста, дуо карда, даст ба рӯ бурда, доман таконда аз ҷой бармехостанд.

– Ин хел нияти бад накунетон, – Ҳусноро худ ба худ ғур-ғур мекард. Даст ба пешонаи Давлатхӯҷа мениҳод, дар чашмони зебояш қатраҳои ашк чарх мезаданд ва дилаш барои Давлатхӯҷа месӯхт. Ӯ аз айёми хурдсолӣ рӯзи нек надида, хор шуда. Баъд як чӣ, ки Давлатхӯҷа худаш худашро соҳиб мешудагӣ бача нарӯид, ё андаке камоии ақл пайдо шуда дар ӯ? На, на. Вай ҳамин хел аз хурдӣ гапбардор. Аз одамон ҷудо гӯиаш ҳам хато намекунӣ. Ба ягон кас наметанад. Агар Ҳусноро гӯяд, ки Давлатхӯҷа дар ин олам танҳо ду нафарро медонаду мешиносад, саҳв намешавад. Яке Ҳусноро, дигарӣ амаки Мансурхӯҷа. Аҷоиб хислате одамонро. Ба ҳамин дӯстию бародархондии Давлатхӯҷаю Мансурхӯҷа ҳам кордор шудаанд, гап кардаанд, гапе, ки ба гардани Ҳусноро фуромада.

* * *

Давлатхӯҷа пас аз бист соли рӯи ҷо хобидан боз андаке сари по шуд. Худаш беруну дарун баромада медаромадагӣ шуд. Худованд раҳми Давлатхӯҷаю Ҳуснороро хӯрд. Ҳусноро умедвор шуд. Доди Худо-дия. Вагарна ӯ кӯдак гуфта чи қадар давид. Муллою қушноч, табибу фолкушое намонд, ки Ҳусноро сар ба дари онҳо назада. Ба тақдир тан дод, фикр кард аз ӯ кӯдак намешавад. Аслан вай худаш бетақдир, рӯзи нек надида, духтари кӯри Рамзия, кӯдаки рӯзҳои ҷанг, ҷанги дуюми ҷаҳон. Давлатхӯҷа ҳам ҳамтақдири ӯ, агар аз дуи онҳо яке баризқу рӯзӣ, Худодод мебуд, Ҳусноро сабз мешуд. Солҳои баъди ҷанг ҳамхона шуданд, гуруснагӣ, қаҳтӣ. Дар ҳамон рӯзҳои аввали хонадориашон Ҳошимхон раис шуд, раиси колхоз. Ӯро як давру даврone, ба мардум сахт омадагиаш омадагӣ, худию бегона намегуфт, мезад, азоб медод, Ҳуснорою Давлатхӯҷа рӯз надоштанд. Намегуфт, ки онҳо шаҳу арӯси наванд, савори аспи ҷавмасташ ба ҳавлии онҳо зада медаромад, дар рӯи ҳавлӣ асп медавонд, «Ҳусноро, аз таги чодар баро, Ҳусноро!» наъра мекашид. Сари ҷилави раисро касе гирифта наметавонист. Он солҳоро «солҳои даври раисҳо», мегуфтанд. Ҳар деҳа як колхоз, раис дошт. Деҳа ба раис гӯё танхоҳ. Давлат ҳам пеши роҳи онҳоро гирифта наметавонист, чандин ҳазор колхозу чандин ҳазор раис, сарҳисоби кадом яки онҳоро меёбӣ. Аз ҷоҳилию зулму ситами раисҳо Ҳусноро бисёр мешунид.

Раиси деҳаи ҳамсоя аз вазифадорӣ чунон масту аласт шуда, ки як бечора маҷбур буда ӯро пуштора карда сари дарав бурда орад.

Як раисро аз вазифа барканор кардаанд, ӯ муҳрро гирифта гурехтааст.

Дар як деҳаи камоби Ёвон раис ҳангоми аз чашма об гирифтани одамон пойҳои чиркину пурпашмашро ба об андохта, мефармудааст, ки об гиранд.

Ба ақидаи Ҳусноро ана ҳамин хел як замонҳо буданд. Хайрият баъд даҳҳо колхозҳои майда-чӯйдаро ҳамроҳ намуда, колхоз ё совхоз сохтаанд. Хайрият даврu даврони раисҳо ботил гашта, замони хушию осудагӣ, серию пурӣ омада. Бӯи рӯзу рӯзгори нав, бӯи баҳор. Қадангиаш ҳам ҳосили ҳамин рӯзҳо, ҳазор бор шукр. Аммо боз гапи Ҳошимхони раис. Ӯ зинда, пир шудаю ҳанӯз «Ҳусноро» гуфта даҳон маза медиҳад. Дар ҳамин рӯзҳо, ки моҳу рӯзаш расидааст, гап баромада, гапе, ки Ҳусноро бо амаки Мансурхӯҷа мегашта ва Мансурхӯҷа ба хотири занаш бо Давлатхӯҷа аҳди ёрию бародарӣ доштааст. Барои ҳамин ҷои ин бечораҳол шабу ними шаб хонаи Давлатхӯҷа. Мундуқ, як бало, аз Ҳуснорои париваш коми дил ситонида, вай аз ӯ умедвор шуда. Агар аз Давлатхӯҷа насл мерӯида, дар ҳамон вақтҳои сиҳату саломат будаанаш Ҳусноро буғуз мешуда. Ҳоло, ки рӯи ҷо асту худашро кашида наметавонад, аз куҷо аз вай кӯдак шавад. На, на, калтаю кӯтоҳи гап ҳамин, ки кӯдак аз вай нест, аз Мансурхӯҷа аст, аз Мансурхӯҷа. Мардум гирди хабари аз Мансурхӯҷа будани қадангии Ҳусноро доира мезаданд, рақс мекарданд. Апаю хоҳарҳои Давлатхӯҷа турх[1] кашида ба сари Ҳусноро омаданд, зани амаки Мансурхӯҷа пои рафту омадашро аз хонаи Давлатхӯҷа канд, ҳаққу ҳамсояҳо, хонаводаи амаки Саидхон дигар пойгаҳи дари онҳоро зер наме-

[1] Изҳори малолӣ

карданд. Ҳусноро мондаю шавҳари бемор ва чаҳор девори хона. Гӯё ӯ куҳрии паси маърака шуда. Ҳусноро ҳазори андар ҳазор қасам хӯрад, биноладу бигиряд, бори гуноҳи нокардаашро аз сар афканда наметавонад. Ин гапу ҳарфи дурӯғ аз забони кадом лаънатие чун тири аз камон ҷаста, бурун шуда, ки дигар баргардонида нашавад. Ҳусноро чӣ кор кунад? Чӣ чора биандешад? Роҳе намонда ба ҷуз он ки худашро нобуд созад. Ба фикр афтода ӯ: агар ин корро кунад, аз рӯзу рӯшноӣ мондани худаш садқаи сар, ба қадангиаш ҷабр, ӯро мекушад, наслашон барҳам мехӯрад, Давлатхӯҷа бесоҳиб мемонад. Оре, оре, ҳамин тавр. Лекин одамон дар ҳаққи вай чӣ гуфта истодаанд? Алҳазар аз одамон, бераҳманд одамон!

Завҷаи Мансурхӯҷа бо шавҳараш ғавғо бардоштааст. Об дар кӯза қарору зиндагии онҳо не. Вале амаки Мансурхӯҷа мисли Ҳусноро набудааст, ки роҳи рафтанаш гум. Ӯ роҳу равиши ҳалли мушкилиро фикр кардааст. Пагоҳии барвақт дар масҷид, дар намози бомдод ҳозир шудааст, ба сафи пеш, ба қатори одамони солрафтаю бообрӯ гузаштааст. Ҳол он ки ҷои ӯ дар сафи аз ҳама охир, дар паҳлӯи наврасону кӯдакон буда. Имрӯз чаро ӯ пеш гузашта, то ба қатори аввал рафта? Худаш медониста. Чашмашу касе, ки мехост ӯ дар намоз ҳозир бошад. Хайрият ӯ ҳозир буд, як-ду нафар аз вай онсӯтар, дар пушти имом-хатиб. Намоз хонданд, дуою фотиҳа карда, ҳама аз ҷой бархоста буданд, ки Мансурхӯҷа рост шуд:

– Бародарҳо, ҳой, бародарони азиз! – овоз баланд карда ҳамаро дар ҳайрат мононд. – Як лаҳза ба ман гӯш диҳед, як масъаларо ҳамин ҷо ҳал мекунем. Ман Қуръон мебардорам, бо хонаю дари ҳалолам қасам мехӯрам, ки дастам ба тани зани Давлатхӯҷа нарасидааст, вай ба ҷои хоҳарам аст. Медонам ин гапро кӣ бофтааст, медонам ин кори Ҳошимхони раис аст, ҳамин одам гап баровардааст, – гуфт ва Қуръони каримро аз токчаи назди меҳроб гирифт, онро бардошт, ба дидагонаш молид ва гуфт: – Агар дастамро ба дасти зани ҷӯраам расонда бошам, занам ба ман се талоқ, зиндагӣ бо вай ҳаром! – ва Қуръонро ба тарафи Ҳошимхони раис дароз кард. – Ман мехоҳам, қавмо, – овози Мансурхӯҷа баландтар гашт, – агар худи раис ин гапро набароварда бошад, Қуръон бардорад, мисли ман бо занаш қасам хӯрад, – Қуръон дар рӯи даст, тарафи Ҳошимхони раис рафт. Рӯ ба ӯ истод. Дар масҷид чунон хомӯшие сар зад, ки одамон нафаскашӣ ва ҳатто тапидани қалби ҳамдигарро мешуниданд. Ҳошимхони раис хомӯш, даст ба Қуръон намебурд.

– Гап зан, дар ин хонаи Худо, аз Худо натарсӣ, мисли ман Қуръонро бардор, қасам хӯр. – Мансурхӯҷа мегирист. Одамон хомӯш, Ҳошимхони раис ҳам хомӯш.

–Агар ин гапро набароварда бошад, Қуръон бардорад раис, ҳа, Мансурхӯҷа рост мегӯяд, – овози намозгузорон баланд гашт.

– Ҳа, эшони Ҳошимхон, биёед, ин ҷанҷол, ин гапи ношуданиро аз байн бардорем, агар нагуфта бошед, Қуръонро бардоред, – имоми масҷид низ аз меҳроб берун омад, аз Ҳошимхони раис талаб кард. Аз ӯ садое нашуд. Вай бо сари хам роҳи дари баромадро меҷуст.

* * *

Ба гуфтаи мардум мурдаи Давлатхӯҷаро фарзанди хурдсолаш Холиқназар

соҳиб шуда тавонист, хурди як бало, офат, нотарс, боҷуръат, уҳдабаро ва ҳатто пулдор. Тавба, тавбае. Вақте падарашро даст ба об мегирифтанд, ӯ назди мурдашӯйҳо даромад. Ҳарчанд модари зор илтиҷо дошт, худашро аз мурда дур гирад, одам ки мурд, сиёҳӣ мешуда, ҳавои бад аз ӯ мерӯида, ҳавои мурда зараровар. Ваҳму воҳимаашро намегӯед. Аз хонае, ки мурда мебаромадааст, рӯзҳои рӯз ба он хона бо тарсу ҳарос даробаро мекардаанд. Худо нишон надиҳад, ки аз мурда дил ваҳмаду шамолаш расад, одам шалу динг, арқавара[1] мешудааст. Дуохониву пеши қушночу фолбин рафтан нафъ намекардааст. Падари Холиқназар умрашро хӯрда будааст, войи ҷони зиндаҳо, вай войи ҷони очаашу худашро гӯяд. Вале ин гапҳоро ба кӣ мегӯй.

Амаки Мансурхӯҷа мурдаро мешусту як-ду нафари дигар ҳамроҳаш такя мегирифтанд, об мерехтанд. Онҳо ҳам талаб карданд, ки Холиқназар аз назди мурда барояд, хурд аст ӯ. Амаки Мансурхӯҷа мурдаро рӯи тахта ба ҳолаш монда пеши дар, назди Холиқназар омад.

– Бачам, Холиқназар, бегоҳ падарат чӣ гуфта буд? Аз хотират баромад?

– Не, амакҷон.

– Акнун ту барои ман фарзанд ҳастӣ. Гапи мана гир, васияти падаратро шунидӣ-ку, «ба ҷои падар шав ба бачам», гуфт. Баъд, охир, дигар ту бояд аз гапи ман набароӣ…

Амаки Мансурхӯҷа рост мегуфт. Бегоҳ баъди намози аср ҳоли Давлатхӯҷа дигар шуд.

– Занак, – ӯ модари Холиқназарро суроғ кард.

– Лаббай, дадаш, – модар бо ҳоли парешон пеш омад.

– Аз афташ, очаш, ман намешавам.

– Ин хел нагӯед, Холиқназара ба кӣ партофта меравед, сағирабонӣ карда наметавонам, дадаш.

– Холиқназар худаш худашро соҳиб мешавад, бағайрат рӯидааст. Лекин, очаш, ҳолама ман худам медонам, ман мемурам.

– Ин хел нагӯед, мана талхакаф накунед.

– Холиқназар, ба сари амакат рав, гӯй ҳамаашон биёянд, саросема кун, дадам ба ҳоли худ шудааст гӯй, – фармоиш дод падар ба Холиқназар.

Лаҳзае нагузашта амаки Мансурхӯҷа ҳамроҳи завҷаашу духтараш Маликамоҳрӯ гирёну нолон аз дар даромад.

– Давлатхӯҷа, мана натарсон. Чӣ гап? – Мансурхӯҷа наздики болини Давлатхӯҷа нишаст.

– Ҷӯраҷон, ту ба ман бародарӣ, доштам, надоштам, дар ин дунё туро доштам. Кам некӣ накардӣ, барои ман қариб худатро куштӣ. Бо ҳам калон шудем, бо ҳам будем. Ягон вақте агар аз ман ранҷида бошӣ, бахш, пиҳилам кун. Баъд як гапи дигар, Мансурхӯҷа, чанд вақт буд, бо Ҳусноро маслиҳат мекардем, лекин рӯям намешуд, ки гап занам.

– Гап зан, Давлатхӯҷа, гап зан.

– Ман васият мекунам, баъди сарам аз ҳоли ҳамин Холиқназари ман бохабарӣ кун, ба вай ба ҷои падар шав, вайро ба фарзандӣ қабул кун, гуфтаниам, ки Холиқназару Маликамоҳрӯ агар умрашон бошад, дар зиндагӣ

[1] . Девонаавзо

ҳамроҳ шаванд, зану шӯ шаванд. Ту, Мансурхӯҷа, ба ҳамин гапи ман чӣ мегӯӣ?

– Чӣ мегуфтам, Давлатхӯҷа, Маликамоҳрӯ ҳам фарзанди худат, ту, ки ҳамина хоҳӣ, бо ҷону дил ман розӣ, – Мансурхӯҷа дастҳо пеши бар аз ҷой бархост.

– Ҳусноро, келин, Маликамоҳрӯ, Холиқназар, шумоҳо аз ҷой бархезед, омин, омин, оллоҳу акбар, – Давлатхӯҷа даст ба рӯ бурд, дигарон ҳам. – Ҳусноро, – Давлатхӯҷа ба модари Холиқназар рӯй оварда: – Ту, занак, дидӣ чӣ кор шуд? Тӯй шуд, сафедӣ дарон, ширинӣ биёр. – Ҳусноро аз сандуқ чанд газ сон бароварда, пора-пора кард, ба даруни ҳар яки он панҷа-панҷа қанду мавиз андохта як-як ба ҳозирон тақсим кард.

– Холиқназар.

– Лабай, дада.

– Шунидӣ чӣ гуфтам? Ту акнун фарзанди амакат, аз гапи вай баромадӣ, арвоҳам норизо мешавад.

– Шунидам, дада.

– Маликамоҳрӯ.

– Лаббай, амакҷон.

– Шунидӣ-а? Чӣ гуфтам. Дидӣ-а? Домандарон[1] шудед, ту ҳам акнун духтари манӣ.

– Раҳмат, амакҷон.

Ҳамин тариқ ҳамон шаб тӯй ҳам шуду баъди андаке «Хайр, хайр, дидорҳо ба қиёмат» гуфтанҳо Давлатхӯҷа ба ҳоли худ афтод.

Ҳоло дар лаҳзаҳои мурдашӯӣ Мансурхӯҷа васияти падарашро ба хотири Холиқназар оварда:

– Бачам, дадат гуфта буд, ки аз гапи амакат набаро. Гапи мана гир, аз дар баро, метарсӣ.

– Аз ҳеҷ чиз наметарсам, амакҷон, аз ҷонам гузаштагиам, худатон медонед, – Холиқназар мисли калонсолҳо назди дӯсти падараш дарди дил мегуфт: – Маро зиндагӣ ҳамин хел кард, зиндагии падарам зиндагӣ буд? Худатон як бародари ӯ будед, медонед. Кӯдак будам ду мошин санга аз беруни дарвозаашон ба ҳавлии амаки Саидхон даровардам. Барои чӣ буд? Барои нон. Мактабро партофтам, нон гуфта, навбати пода мерафтам. Дида будед барои як-ду соат аз пода дер омадани говашон ба ман чӣ карданд?

Дар деҳа подабон набуд, навбаташон, ки меомад, мардум подабонӣ мерафтанд. Одамоне будаманд[2], пул ё як-ду кило орду гандум дода, ба ҷояшон подабон мекофтанд.

Холиқназар қариб ҳар рӯз ба ҷои ҳамин хел одамон подабонӣ мекард.

Ҳамон бегоҳ подаро ба деҳа даровард бачаҳои Раҳими сиёҳ гови дӯшоиашонро наёфтанд. Як шӯру мағале хезонданд. Дари хонаи Давлатхӯҷаро, ки ҳанӯз бемори рӯи ҷо буд, гирифтанд, ба ҷои говашон чанд бузу бузғолаи онҳоро аз ҳел бароварда бурда, Холиқназарро заданд ва гуфтанд, ки агар говашонро наёбанд, вайро мекушанд. Дар ҳамон шабӣ Холиқназар ҷомачаашро ба бар карда, миёнашро бо чилбур сахт басту асо

[1] Номзад шудан
[2].Давлатманд

дар даст аз дар берун шуд.

– Куҷо меравӣ? – пурсид модар.

– Говковӣ.

– Дур нарав, бачам, – таъкид кард модар.

Холиқназар дар фикр афтода буд. Шояд гов аз пода ақиб мондаю вай ва амаки Абдуҷалил, ки ҳамроҳ подабонӣ мекарданд, онро надидаанд. Он рӯз онҳо подаро ба таги кӯҳ бурда буданд, алаф бисёр, гову бузҳо алаф чарида-чарида ба дури дуриҳо, то ба танаи кӯҳу даруни дараҳо рафтанд. Яқин, ки гови пир дар кӯҳ, дар кадом паси сангу даруни обканда монда. Худо бошад, ки онро гургҳо нахӯранд, вагарна ба сӯхтан пок намешавад, аз бузу бузғолаҳояш мемонад, ки ӯ қариб шаш моҳ рамаи гӯсфанди чӯпонҳоро бонӣ карда, бо ивази заҳмат соҳиби ду модабуз шуда буд. Бузҳоро як соли дароз бонӣ кард, ду бузаш чор панҷ буз шуд, бачаҳои Раҳими сиёҳ одамхӯранд, раҳм надоранд, мекушем гуфтанд.

Холиқназар бо тарсу ҳарос он шаби дароз дар кӯҳ гашт, афтиду хесту боз роҳ рафт. Шаб торик буд, аз паси сангу даруни дарахтон ҳар гуна садоҳо меомад. Ҳатто ӯ як бор аз наздикиҳо уллоси гургро шунид. Тори як арчаи баланд баромад, дар хаёлаш, ки аз таги арча села-села гургҳо мегузаштанд.

Шаб дар кӯҳ саҳар шуд, офтоб баромад, вай боз гов мекофт, кӯҳ мебаромаду дара ба дара мегашт. Бехабар, ки ӯ бисёр дур рафта. Монда шуда, канори як санги калон нишаст. Нишаста буд, ки садои уллоси гург ба гӯшаш расид. Ба паси санг гузашт, гург не, хирси зардчатоби калонеро дид, ки бо бачаҳояш аз баландӣ тарафи санг меомад, хирс пеш-пеши бачаҳояш аз пайроҳаи паси санг гузашт. Як хирсбача ақиб монд, аз паси санг баромада бо як ҷаҳидан худашро ба болои хирсбача партофт. Онро бардошта ақиб гашт, боз паси санг тоб хӯрда буд, ки хирс ҷонибаш омад. Аз афташ, бачаашро меҷуст. Холиқназар рӯ ба нишеб шуд, хирс аз пасаш, қарибе ба ӯ дармеафтод. Дар рӯ ба рӯ чуқурие, ба назар бетаг. Илоҷе не. Холиқназар хирсбача дар бағал худро ба даруни он андохт, хирс аз атроф дур намешуд, ғуррос мезад. Шаби Холиқназар дар даруни чуқурӣ гузашт, саҳар омад. Холиқназар аз чуқурӣ берун омада наметавонист, аз қадаш чандҳама баланд. Дар деҳа гови бачаҳои Раҳими сиёҳ ёфт шуда буд. Модар Холиқназарашро меҷуст. Боз Мансурхӯҷа дар бало монда. Ду рӯз боз ба гуфтае кӯҳро хокпарчак карда, «Холиқназар! Холиқназар!» гӯён доду фарёд бардошта ӯро мекофт. Дар ниҳоят овози шинос, овози амаки Мансурхӯҷа ба гӯши Холиқназар расид, пайи ҳам ӯ низ аз даруни чуқурӣ овоз медод. Беист менолиду «амакӣ, амак!» гуфта фиғон мекашид. Хайрият садояш ба гӯши Мансурхӯҷа расид. Қарибиҳои офтобшини рӯзи сеюм Холиқназар, хирсчааш дар бағал, аз паси амаки Мансурхӯҷа аз дари хонаашон даромад.

– Амакҷон, бовар кунед, – Холиқназар дасташро ба китфи амаки Мансурхӯҷа гузошта боз гуфт: – дар кӯҳ натарсида будам. Мегӯед, ки баъд ман аз мурдаи падарам метарсам?

* * *

Баъди ҳамон ҳодисаи гови Раҳими сиёҳ гум шудан ва ду шабро гириста-гириста дар кӯҳ рӯз карданаш Холиқназар қасам ёд кард, ки дигар асло ба

ҷои касе ба подабонӣ намеравад. Чанд рӯз аз хонаашон набаромад, мисли ҳарвақта боз дар ҳамон фикре буд, ки одамон бо чӣ роҳу восита пул меёбанд, бой мешаванд.

Дар деҳа се-чор нафар одамони бою бадавлат буданд. Якеаш Бадриддини Барада. Ӯ дар поезди Москва-Душанбе проводник-роҳбалад будааст. Чанд вагон дар ихтиёраш. Он солҳо-солҳои навадуми асри гузашта қарибе ҳама рӯ ба Русия оварда буданд. Баъзеҳо корҷӯӣ мерафтанд, дигарон аз ваъзияти ноором тарсида сарпаноҳ меҷустанд. Қарибе ҳама поезд қати сафар мекарданд. Баъзан чипта намеёфтанд. Дар миёни проводникҳо Барада як алову оташ, уҳдабаро. Як сӯм, ним сӯм зиёд гирифта, чипта ёфта медод. Онҳое, ки бор мегузаронданд (борашон маводди нашъаовар), барояшон вагонҳои Барада бехатар. Поездро дар бисёр истгоҳҳо нигоҳ дошта тафтиш мекардаанд. Бадриддин забони тафтишгарҳоро меёфтааст, забон ёфтанаш пул, пул медодааст, аз ҳамин ҷиҳат дар ҳамаи истгоҳҳо ошноҳояш будаанд, вайро, ки риш монда будааст, Барада мегуфтаанд, вагонҳои Барадаро камтар мекофтаанд, мусофиронашро ғам намедодаанд. Барои ҳамин ҳам мусофирон рука ба вагонҳои Барада мекардаанд. Барои боргузаронӣ аз ҳама беш ба вай муроҷиат мешуда. Даромади Барада аз ҳамин ҳисоб афзун, вай яке аз одамони бою бадавлати деҳа. Ба гуфтаи падари Холиқназар бисёр одамони деҳаро ҳамин Барада одам карда. Якеаш бойи овозадори деҳа Абдукарими болоobӣ. Вақти ба деҳаи онҳо кӯчида омаданаш як муҷуки мурда, як нонталаб, як хизматгор, порупартои дари хонаи эшонҳо будааст. Ҳоло карру фарраш дар фалак, назараш одамро намегирад, пӯстдумбаро намехӯрад, ки бӯй мекарда. Ҳавлию занҳояш чандто, амири Бухоро дар вақташ мисли ӯ дову дастгоҳ надошта. Ба баландии қасру қушкҳояш нигарӣ, чашм об мегирад. Соҳиби рамаи гӯсфанду гову моли беҳисоб. Акнун эшонҳо хизматгорҳои ӯ.

– Бачам, мепурсӣ, ки Абдукарими к..нлуч ҳамаи ин давлату савлатро аз куҷо ёфт? – падар афзуд: – гуфтам-ку, ана ҳамин Бадриддини Барада вайро дар паҳлуяш гирифт, ҳамроҳаш ба сафарҳояш бурду овард, маслиҳатчиаш шуд, худаш ҳам Абдукарим одами дидадаро, забондон, аз куҷое кони нашъаю афюн ёфт, халта-халта гузаронд, акнун фаҳмидӣ, ки вайро кӣ одам кард?

– Ман, дада, агар розӣ шавед, хизматгори хонаи акаи Бадриддини Барада мешавам, худамро дар хонаи ӯ мепартоям.

– Баъд чӣ? Дар дилат ҳаваси нашъаҷалобӣ пайдо шуд? Кошкӣ ин гапҳоро намегуфтам. Пулаш ҳаром аст, баъд, бачам, ҳар кас ин хел корҳоро карда наметавонад, бин, аз ҳамин деҳаи худамон чӣ қадар одамон ба даст афтода, суд шудаанд. Ту кӣ дорӣ? Як бачаҳаки бепушту паноҳи манӣ. Ҳоли падаратро бин.

– Зиндагӣ кардан лозим, дада, ман мехоҳам камбағал набошам, мехоҳам соҳиби ҳама чи шавем.

– Бачам, эҳтиёт шав, розӣ нестам, фикрҳои беҳударо дар сарат ҷо накун, аз Худо талаб кун, рӯза гир, намоз хон. Ҳалола аз ҳаром фарқ кун, Худо худаш медиҳад, пеши роҳат кушода мешавад.

– Рост мегӯед, дада, Худо хоҳад, пеши роҳам кушода мешавад, дуо диҳед, дада.

– Омин, – гуфт падар ва ҳарду даст ба рӯ кашиданд.

Холиқназар пагоҳӣ қатӣ, ки нурҳои офтоб болои деҳаи сарсабзу сердарахташон паҳн мегашт, чапари ҳавлиашонро якнима карда, зикри Худои Расул дар забон роҳи хонаи Бадриддини Барадаро гирифт. Ба дари ӯ наздик шуда дид, ки як-ду нафар аз мошин бор мефурораңду худи Барада дастонаш дар миён рост истода.

– Ассалом, амак, – дастҳо пеши бар рӯ ба Барада таъзим кард.

– Салом, – овози сарди ӯ ба гӯшаш расид.

– Амакҷон, ман ҳам ёрдам расонам? – гуфта даст ба як қутии болои мошин бурд.

– Зӯрат мерасад?

– Ҳа, амакҷон.

– Медонам, ту балоӣ, дар кӯҳ намурдию боз хирс овардӣ, – Барада каму беш аз саъю талошҳои вай барои рӯзгузаронӣ огоҳ буд.

Аз як ҳунари ӯ ба Барада гап зада будаанд.

Аз хурдсолиаш аз паси гову мол гашта, аз буғуз ё буғуз набудани моли майдаю калон тасаввурот пайдо карда буд. Сарфаҳм мерафт, ё аз рӯи тахмин буд, ки даст ба сина ва шиками мол бурда эълон мекард, ки буғуз аст ё қисир. Аксар гуфтаҳояш рост мебаромаданд. Одамон гову молҳояшонро назди ӯ меоварданд. Ҳатто ӯро ҳамроҳашон бозор мебурданд, бо маслиҳаташ мол харидорӣ мекарданд. «Пуҷуқ як бало, ба Худо авлиё», гуфта офарин мехонданд. Ба вай пул ҳам медоданд ва худи ӯ ройгон барои ҳеҷ кас хизмат намекард, нарх мемонд.

– Дигар навбати пода намеравӣ? – пурсид Барада аз Холиқназар.

– Не, дигар навбати пода намеравам, амак, заданд.

– Касофатанд бачаҳои Раҳими сиёҳ.

– Ман мехоҳам, дар хонаи шумо хизмат кунам, молҳоятонро бонӣ мекунам.

– Мактаб намехонӣ?

– Рӯзи очаму дадама гузарондан мехоҳам.

– Хуб мекунӣ, бачам, ту боақлӣ, ман медонам, – гуфт Бадриддини Барада.

Ана ҳамин тавр ба хаёли Холиқназар, ки падараш рост мегуфта. Кас аз сидқ Худою Расул гӯяд, арвоҳҳоро ёд биорад, корҳояш буд мешуда. Вай он рӯз ба хизматгории дари хонаи Бадриддини Барада қабул шуд.

* * *

Аз миён дуюмин фасли зимистон мегузашт, ки Холиқназар дар хонаи Бадриддини Барада аз дилу ҷон хизмат мекард, чи коре мефармуданд, ба ҷо меовард. Баъзан вақти тӯлгирӣ моҳҳо аз сари гӯсфанд ба хона намеомад. Ҳамроҳи бобои Абдурасул шабу рӯз бехобӣ кашида намегузошт, ки ягон барра ё бузғола талаф ёбад. Дар ин масъала, ба гуфти Бадриддини Барада, чашму гӯши ӯ буд вай. Чашми бобои Абдурасул ба молу ҳоли Барада эл[1] набуд, чашми Холиқназарро хато карда, ягон бузғола ё баррараро таги ҷо зада, ба молҳои худаш ҳамроҳ мекард. Ин одати ӯ ба хӯҷаин маълум будааст, аз

[1] Нек

Холиқназар хоҳиш мекард, ки аз мӯйсафед бохабар шавад. Вақти ангурпаз ҳам ӯро хӯҷаин бо боғбонҳо ҳамроҳ мекард, ки онҳо ангурро надузданд. Ва рӯзу моҳҳое, ки баъзан Барада дар сафар мешуд, вайро хонабон мегузошт. Дар набудани Бадриддини Барада борҳо дуздбачаҳо ба хонаи ӯ даромада, дару тирезаҳояшро шикаста, бисёр чизҳои қиматбаҳояшро бурда будаанд.

Холиқназар боре сардори дуздбачаҳо, бачаи Имомназари ҷувозкашро, ки дар деҳа ҳама аз ӯ нолон буданд, бо милисаҳо ҳам гӯё ӯ забон як карда, ки медоштандаш ҳам, боз ҷавоб медоданд, дастгир намуда, то саҳар, то аз Душанбе баргаштани хӯҷаин ӯро дар оғал қава карда, баъд вайро ба ихтиёри Барада супурд. Дар хонаи хӯҷаин ба қадри хизматҳояш мерасиданд. Ҳар боре Барада аз сафарҳо бармегашт, Холиқназарро «Пучуқ, ин ҷо биё!» гуфта наздаш мехонд.

– Корҳо чӣ тавр?

– Ҳама хуб, ҳама тинҷӣ, хӯҷаин, – ҳисобот медод ва хӯҷаин гоҳе агар ҳимматаш меомад, то ҳазор доллар ҳадяаш медод. Баъд, як гапи дигар, ки дар хонаи Бадриддини Барада аз хурду хӯрок хуб таъмин буд. Хӯрокҳои серравғану сергӯшт дар танаш мечармид, фарбеҳ шуда тану тӯш монда буд, либосҳояш дигар ба ӯ соз намеомаданд. Қадаш ёзида, пойафзолҳо дар пояш намеғунҷиданд. Ранги рӯяш ҳам, ба гуфти модар, дигар шуда, гандумгуниаш намонда, ҳуснаш коҳида, мисли падар рӯяш нозебтар гашта. Лекин аз ҳама хубаш, ки қуввату мадор гирифта ӯ. Дар маъракаҳои гӯштингирӣ аксар ӯ ғолиб мешуда. Ҳамсолонаш сари дасти вайро гирифта наметавонистанд. Вақташ хуш, танаш бедард, ба гуфтаи модар қилиқ пайдо карда ӯ: дар чашмҳо айнак, ба ҷои тӯппӣ шапка пӯшида мегашт, шапкаро ба сар соз намемонд, чаппа мемонд. Баъзеҳо мегуфтанд «тавба, тавба, аз кафтархона як булбул, бачаи Давлатхӯҷаи чигинакаша бинеду. Падарашро чи рӯзу рӯшноию ӯро чӣ нағмаю нағомоте».

Корҳояш хуб, вале ҳанӯз ӯ ба мақсадаш нарасидааст. Кош он рӯз расад, насиҳати падар аз хотираш нарафта: «Агар кас аз сидқ бикӯшад, Худою Расул гӯяд, пок бошад, ба ҳар муроду мақсад мерасад»

Вақти дар хок мондани падар ҳам дар сараш шапка буд. Мегирист, фиғонаш баланд. Онҳое, ки ӯро намешинохтанд, аз ҳамдигар мепурсиданд:

– Ин бачаи раҳматӣ аст?

– Ҳа, соҳиби майит ҳамин.

– Дигар фарзанд надорад?

– Не, не.

– Бағайрат, даруни гӯр даромадааст.

– Бағайрат ҳам гап, як хунибинимурда аст. Дар намози ҷаноза набудед? Қиёмат андохт.

Пеш аз ҷаноза домулло аз рӯи талаботҳои дину шариати ислом хост аз касе қарздор ё қарздор набудани майитро пурсад.

– Соҳиби майит кӣ? – овоз баланд кард.

– Ман, – Холиқназар давида пеши тобут омад ва нигарони давоми суоли домулло нашуда афзуд: – Падари ман аз ҳеҷ кас қарздор нестанд. Падарамро куштанд.

– Гапҳои беҳуда нагӯй.

– Беҳуда намегӯям, вай дар ҳамин ҷо, ҷанозаи падарамро нахонад, намегузорам!

– Номаъқул кардӣ, – домулло «Аллоҳ акбар», гӯён намози ҷанозаро сар кард.

– Ин бача бетарбият будааст, – гуфт яке аз ҷанозахонҳо.

Дар сари гӯр ҳам, ба ақидаи ҳамдеҳагон, Холиқназар чанд нағмаю нағомоти дигар сар кард. Ҳангоми ба гӯр гузоштани падар дар бардорумони ӯ ба одамон ёрӣ мерасонд. Аз даҳони гӯр сар дароварда медид, ки амаки Мансурхӯҷа чи тавр дуқаду сеқат шуда ҷӯраи ҷонашро ба хок мегузошт. Дасту пойҳои майитро рост мекард, зери лаб кадом як ояи Қуръонро хондахонда лаби кафанро бардошта, рӯяшро тарафи қибла гардонд, хам шуда ҷӯраашро бӯсид, «дидорҳо ба қиёмат» гуфту гирист, баъд «Холиқназар, дастама гир», гӯён овоз бароварда. Аз гӯр баромаданд. Бо белу каландҳо ба гӯр хок мепартофтанд. Гурӯҳе аз рӯи таомул белро ба замин мемонд, дигарон онро мебардоштанд. Танҳо як нафар белро аз даст наменамонд, ҳатто баъди баланд шудани хоки гӯр ҳам ӯ гирди он мечунбид.

– Бас, бачам, Холиқназар, бас, як ҷо гузашта шин, – хоҳиш намуд аз вай оқсақоли деҳа бобои Ширин. Холиқназар белро гузошта қомат рост намуд. Офтоби баҳор аз миёни осмон рӯ ба роҳи беохири худ буд. Ҳама ҷо гарму нарм, парандагон болои сар парвоз доштанд, гирду атроф сабзаю себаргазор. Дар дуртар буттаҳои хор ғарқи гул. Ҷо-ҷо рӯи сабзазорон барф, барф об мешуд, аз зери барф гулҳои зардак, сияҳгӯш намоён. Гулҳои зардак, сияҳгӯш зеби замину сабзазорон. Бале, фасли баҳор, сабзаю себаргаҳо аз хок сар баровардаанд, инсонҳо ба хок мераванд, падари ранҷу озордидаи Холиқназр сар ба хок ниҳод, гӯраш хокпӯш гашт. Назараш ба чанд қадам онсӯтар аз гӯри падар рафт. Нафарони зиёде рӯи кӯрпачаҳо паҳлуи ҳам менишастанд. Онҳо калонсолон, муллои деҳа, дар паҳлуи ӯ ҳамон Ҳошимхони раис, дар сараш салла, дар дасташ тасбеҳ, чашмаш ба Холиқназару гӯри падари вай. Ба хаёли Холиқназар, ки ӯ зери лаб ким-чи мегуфт, шояд мегуфт, ки ба мақсадаш мерасад. Шояд ҳоло ҳам баҳри модари Холиқназар ба дил қошуқ метарошид. «Иблис!», ҳамин ҳарфҳоро Холиқназар ба забон оварда. Муллои деҳа бо эҳтироми зиёд аз Ҳошимхони раис хоҳиш дошт, ки сураи «Таборак»-ро ӯ хонад. Чӣ падари ӯ бо қуръонхонии ҳамин одам ба гӯр меравад?

Ӯ ба қироати сураи «Таборак» лаб кушода буд, ки овози Холиқназар баланд шуд:

– Нахон! Ту нахон! – аз ғазаб сар то қадами ӯ чун барги бед меларзид. Ҳошимхони раис хомӯш шуд. Ҳама дар ҳайрат, маҳву мот шуда буданд. Ҳамин хел нашуда буд, ки ҳангоми қуръонхонии мулло касе пеши даҳони ӯро гирад. Боз ин ҳолат дар сари гӯр рух дода.

– Дам шав, дам шав, Холиқназар! Ту ҳоло ба гап нашудаӣ, даматро гир! – бобои Ширин ба ғазаб омад.

– Ту, бобо, аввал сари худатро табобат кун, – бачаи берӯю риё ба кал будани бобои Ширин ишора карда вайро шарм доронд. Муллои деҳа ҳам аз ҷой хест. Дар сари гӯр ҷангу ҷанҷол сар зад.

– Домулло, домулобобо, дар сари тобути падарам чӣ гуфта будед? – ба домулло ҳам дарафтод Холиқназар. – Гуфтед, ки Давлатхӯҷа одами Худо буд,

савобҷӯ, гапбардор, хизматгори ҳама буд. Лекин чаро нагуфтед, ки Давлатхӯҷаро Ҳошимхони раис таги чигина мононд, нагуфтед, ки вайро ҳамин одам кушт, чашмаш ба зани Давлатхӯҷа буд. Чаро нагуфтед, ки чашми ин одам ба зану духтарони ҳама, ба зани духтари худи ҳазрати домулло ҳам буд… – сухани Холиқназар дар забонаш монд. «Падарлаънат», домулло асояш дар даст тарафи ӯ омад. Бадриддини Барада аз ҷояш хест:

– Домулло, дар ҷоят шин! Шин дар ҷоят мегӯям! – сиёсат кард ӯро Барада. Кадом як каси дигар аз миёни ҷанозахонҳо ба тиловати ҳазрати «Таборак» сар кард.

Ҳошимхони раис ва домулло тарафи дарвозаи мазор мерафтанд.

* * *

Гурӯҳҳои силоҳдорон ба деҳа даромада, хона ба хона мешуданд. Хонаю дар, ҳавлию ҳарами одамони будаманд, бою бадавлатро меҷустанд, дар даст рӯйхатҳо доштанд. Кадоме номи Бадриддини Барадаро ҳам ба он рӯйхатҳо дода будааст, ӯ дигар ба деҳа омада наметавонист. Бачаҳои Абдурасул, ки ҳамроҳи падар рамаи гӯсфанд, гову молҳои Барадаро бонӣ мекарданд, силоҳ гирифта душмани ҷони вай шуда буданд. Гӯсфанду гову молҳои Барадаро аз худ карданд. Инчунин, рӯзе набуд, ки ба хонаи ӯ даромада, «хӯҷаин канӣ?» гуфта, ҳама ҷойро тагу рӯ карда кофтукоб накунанд. Чӣ меҷустанд, худашон медонистаанд.

Холиқназар ҳам дар ин мобайн ғами ҷонашро хӯрда буд, худашро ба Ситоди қумандони калон Ҷовиди Яккатоз зада буд. Барои он ӯ ин лақабро гирифта, ки дар таллаю тороҷи молу амволи мардум аксаран худаш танҳо амал мекардааст. Холиқназар коре карда ба қумандон наздик шудан мехост. Хизмати бачаҳои[1] вайро ба ҷо меовард, чой дам мекард, аз чашма об меовард, ба куҷое фиристандаш саг барин медавид. Дастҳо пеши бар «ака, чӣ хизмат кунам?» назди қумандон хаму рост мешуд. Ҷовиди Яккатоз инчунин аз гӯштингир будани Холиқназар огоҳ буд. Вайро бо бачаҳояш гӯштин меандохт. Пучуқ аксаран дастболо шуда, каму беш ба дили сангини қумандон роҳ меёфт. Холиқназар аз рӯзи ба назди ӯ омаданаш «автомат диҳед!» гуфта зорӣ мекард. Ниҳоят хоҳишашро ба ҷо оварданд. Рӯзи ба китф автомат овехтанаш баҳри ӯ гӯё ид, хурсандии беинтиҳо буд. Вай бо як мақсад автомат гирифта буд, мақсадашро худаш медонист. Агар мефаҳмиданд, аз танаш пӯст мекандданд. Лекин ӯ зоте набуд, ки кас аз дилу нияти вай огоҳ гардад. Пухта шуда буд, дарундор. Автомат дар китф аз ҳама аввал ба хонаи хӯҷаин – Бадриддини Барада сар даровард, зану бачаҳои хурдсоли хӯҷаин талхакаф шуда, ба хонаҳояшон давида даромаданд. Вай «янга, янга!», гуфта баланд-баланд фарёд зад. Баъд аҳли хонаводаи Барада фаҳмиданд, ки беҳуда аз вай гумони бад бурдаанд. Холиқназар минбаъд шабу ними шаб ба хонаи онҳо меомад. Як силоҳдор, телех – бонигари хӯҷаин, зану фарзандон ва молу мулки вай шуда буд. Мефаҳмид, ки дар Ситод дар масъалаи хӯҷаин фикри бад пайдо шудааст, ба хонаи ӯ хабар меовард. Инчунин, ӯ дар таги ахтахона ва оғалҳо чуқурӣ канд, гилему қолинҳои қиматбаҳо, ашёҳои гарони хӯҷаинро гӯр кард. Автомат дар даст шабҳо гирди-гирди ҳавлӣ мегашт, ҷои хобаш паси дари хо-

[1] . Аскарон

наи хоби зану духтарони хӯҷаин.

Қарибиҳои ними шаб буд, ки дарвоза чанд бор оҳиста-оҳиста кӯфта шуд. Холиқназар автомат дар даст дарро кушод. Аз силоҳдор шудани Холиқназар, бонигари ҳавлии ӯ будани вай ба Бадриддини Барада хабар расида буд. Бо ҳамдигар оғӯш ба оғӯш вохӯрданд. Чашмони Барада ашк гирифтанд, аз Холиқназар ӯ ҳолу аҳвол пурсид. Вай ба хӯҷаин ахборот дод. Гуфт, ки чанд бор аст бачаҳои бобои Абдурасул ба хонаҳои ӯ даромада, то таҳхонаҳоро мекобанд. Ким-чи меҷӯянд ва ӯ намедониста, ки онҳо чӣ меҷуста.

– Медонам, онҳо чӣ мекобанд, барои ҳамин ҳам омадам, ба ту маслиҳат дорам, лекин бовар кун, дилам аз ту ҳам пур нест.

– Барои чӣ? Чӣ маслиҳат доред? – Холиқназар пай бурда буд, ки гап сари чи меравад ва мақсади ниҳоии вай ҳам сари ҳамин масъала аст.

– Гуфтам-ку, додар, дилам аз ту ҳам пур нест.

– Ака, ман ҳамин автоматро ба хотири шумо гирифтам. Бовар накунед, қасам мехӯрам, Қуръон мебардорам. Ман аз шумо некӣ дидаам, намак хӯрдам. Падарамро шумо гӯру чӯб кардед, худоиҳояшро гузарондед, пул, доллар додед.

– Намедонам, як гапро ба ту гӯям ё нагӯям.

– Гӯед, ака, чи гапе ки мегӯед, гӯед.

– Ту, дари таҳхонаатонро аз берун маҳкам кун, агар тавонӣ чор хишт қатӣ девор бардор. Баъд аз даруни хонаи хобатон ба он роҳ кушо, дарича мон, ба модарат ҳам нагӯй, ки барои чи ин корро мекунӣ, ба мӯи баданат ошарф накун.

– Хуб шудааст, ака, баъд чӣ кор мекунем? – Холиқназар медонист, ки Барада чӣ мехоҳад, вале худро ба нодонӣ мезад.

– Ту аввал гуфтаҳои манро ба ҷо биор.

– Кай?

– Дар байни ҳамин ду-се рӯз. Худам рафта мебинам, баъд маслиҳат мекунем.

– Хуб шудааст, ака.

– Баъд, як гапи дигар, агар ин кор шавад, ту дигар аз пайи дару дарвоза, девор бардоштани гирди ҳавлиат намешавӣ. Мон ҳамон шиғҳо истодан гиранд. Фақеркаши паногаҳ. Баъде, ки ин шӯру шангҳо гузаранд, худам тарҳи хонаю дар, ҳавлиатро месозам, бунёд мекунам. Ман чи касонеро одам накардам, додар, – Барада оҳи пурдард кашид.

– Падарам гуфта буданд, – Холиқназар аз ҷой бархост ва афзуд: – Ҳамин шаб ё пагоҳ аз пайи супоришатон мешавам.

Ҳамин тариқ он шаб Барадаи бою бадавлат, ки бо ҳар гуна одамон гап заданро эб намедид, назди Холиқназар барин бачаи камбағал, хизматгори дари хонааш рози дил кушод, аз вай мадад хост.

* * *

Барада хаёл дошт, ки пас аз чанд рӯз, ба дераш баъди як-ду ҳафта борашро, ки ба мисли дилу ҷигараш канда, дар таҳхонаи Холиқназари Пучуқ панаҳ карда буд, соҳиб мешавад. Вале ин тавр нашуд. Вазъи зиндагӣ пурташвиштар гашт. Аз куҷое пай бурда будаанд, ки ду мошини ба дунё меарзидаашро аз ҷойҳои пинҳоннамудааш ёфта бурданд, баъд дар манзилаш қиёмат андох-

танд, ким-чи хел асбоб оварда, дарун ба даруни хона, рӯи ҳавлӣ, тамоми оғилу ҳезумхона, ошхона, то ба саҳроҷойҳояшонро таҳқиқ карданд. Дар зери чанд қабати замин чи будану набуданро кофтанд. Сарашонро хӯранд ҳамон қолину гилемҳо. Хуб шуда, ки ду рӯз пеш борро бароварда, баъд аз ҳама асосиаш сандуқчаро дар ҳавлии Давлатхӯҷа чунон таги хок кард, ки ба куртаи танаш ошкор нашуд, Холиқназар пай набурд. Хуб кард, ин корҳоро дар вақташ кард. Ҷону ҷаҳони Барада ҳамин ду чиз: бор ва сандуқча. Агар дунё сад ним гардад ҳам, ӯ саломат монад, барои рӯзу рӯзгораш кофӣ, ки пӯшт ба пӯшт бихӯраду бипӯшад, давр ронанд. Атрофи сандуқча не, албатта, гирди бор гап будагист.

Ба сари Барада хаёле омад: Холиқназарро ба Русия мефиристонад. Модарашро розӣ кунондан лозим. Роҳи розӣ кунондани модари Холиқназарро медонист. Рӯзҳое омада, ки бачаҳои ёшро меҷӯянд, силоҳ медиҳанд, ба ҷанг мебаранд, ҷанг ҷои хушӣ не, ҷои марг, ҳар рӯз ба деҳа мурда меоранду дили модарон барои фарзандон бирён. Холиқназар аллакай барои онҳо аскари тайёр. Худо накунаду вай як бало шуда монад, Барада ҳам месӯзад.

Бале, алҳол як роҳ, роҳе, ки Холиқназар бояд ба Русия равад. Ҳамон шабе, ки ин фикр дар сараш зада буд, Холиқназарро ёфт.

– Туро ҳамин шаб ё пагоҳ ба Русия мефиристам, – Барада калтаю кӯтоҳи гапро гуфт ба ӯ.

– Барои чӣ, ака? – дар таажуб шуд.

– Мегӯям, ки дар чашми мардум натобӣ, баъд се-чор кило бор ҳам медиҳам.

– Бор!!? – ҳарфе шунид Холиқназар аз забони Барада, ки орзуяш буд. Ҳамаи ҷонканиҳояш барои бор. Роҳи пулёбии ҳама дар ҳамин бор. Худо ба ӯ дода. Барада ба ӯ бор медиҳад. Боз «Бор?» гуфта худро ҳайратзада вонамуд сохт.

– Ҳа, ба ту бовар мекунам.

– Хайр, – «нағз, бисёр нағз, ака» гуфтанӣ буд, вале хурсандиашро пинҳон кард. – Ба модарам чӣ мегӯям? – дарҳол розигиашро изҳор намудан намехост.

– Ба модарат худам мефаҳмонам. Ё худат гапҳои маро ба вай мегӯӣ?

– Чӣ гӯям?

Барада ба модари Холиқназар чи гуфтанашро ба ӯ фаҳмонд.

– Ташаккур, модарам розӣ мешаванд, – гуфт бо боварӣ Холиқназар.

* * *

Дар Ленинград аз самолёт фуромадан замон одамони Барада Холиқназарро соҳиб шуданд. Бораш куҷо шуд? Ба замин рафт ё ба осмон? Нафаҳмид.

Барада дар бораи Холиқназар ба одамонаш гап зада будааст. Холиқназар ихтиёрдори бор. Маблағ ба дасташ меомад, онро ба суратҳисоби Барада мегузаронд, як ҳисоби муайяне ба ихтиёри худи ӯ ҳам мемонд. Ҳушу хаёлаш ба пул шудани бор. Кораш дар ривоҷ. Гуфти падар ба хотираш меомад: «Аз чанги домони Барада чӣ одамоне соҳиби давлату савлат нашудаанд». Холиқназар ҳам пулдор мешуд. Вақташ хуш, пару бол меёфт. Тану тӯш мемонд, мисли як бузбала менамуд. Намегуфтӣ, ки ӯ навраси 16-17 – сола, ба назар як ҷавони аз 20-21 – сола боло, гоҳе одамонаш Холиқназарро назди Ба-

рада таъриф мекарданд, мегуфтанд, ки бачаи баинсоф, бовафо. Барада ба ӯ бештар бовар карда, пулу молро ба ихтиёраш мегузошт. Холиқназар хона, модар, амакаш Мансурхӯҷа ва аз ҳама асосиаш Маликамоҳрӯи номзадашро фаромӯш намекард. Ба ҳар кадом ном ба ном пул роҳӣ мекард. Ба ҳар кадомашон алоҳида-алоҳида телефон фиристод. Ҳамеша бо модар дар гуфтугӯ, аз ҳолу аҳволи мардум, аз вазъи деҳа пурсон мегашт. Аз модар фақат таъкид мешунид: деҳа ноором, бачамардҳо ҳама баромада рафтаанд, гурехтаанд. Бачаҳои Ҷовиди Яккатоз ӯро пурсуҷӯ мекардаанд, «бева, бачата ёфта те, ҷои автоматро гӯй» гуфта, рӯзашро сиёҳ карда будаанд. Модар таъкиди ба таъкид мекард, ки Холиқназар ёди деҳа накунад. Баъд аз аҳволи хонаводаи Барада ҳам ҳамон шабу рӯз гап зада буд. Онҳо дигар дар деҳа зиста натавониста, Душанбе рафтаанд. Худи Барада дар кофтуков. Хонаҳояшон дар ихтиёри силоҳдорон, ҷои хуфту хобашон.

Дар масъалаи боре, ки дар таҳхонаи Холиқназаршон буд, ҷои гап не, модар дар ин хусус гунгу кар. Худи Барада барои он бор силу зардоб гашта.

* * *

Ба хаёли Холиқназар, ки тамоми аҳли деҳаашон ҳамон солҳо рӯ ба Ленингард шуда буданд. Ба ҳар тараф тоб хӯрад, шинос, ошно, ҳамдеҳааш. Занҳо ҳам зиёд. Бонувони ҷавон низ худро ба ин шаҳр зада. Ба мисле ки Сангрези дуюм шуда Ленинград. Баъзеҳо дорой ёфтаю баъзеи дигар ҳамоне, ки дар деҳа нодору нонталаб буданд. Ҳамоне дастболо, ки бор мефурӯхт. «Бойбобо» мегуфтаанд онҳоро. Ба бойбобоҳо ҳасад мебурданд, бахилӣ мекарданд, мисли онҳо шудан мехостанд. Худро ба обу оташ афканда меёфтанду бор мефурӯхтанд. Лекин бисёри бисёриҳо муваффақ нагашта, аз рӯи қонунҳои сахти Русия гирифтори маҳбасҳо мешуданд. 10-15 сол ё аз ин зиёду кам ҳукм мегирифтанд. Бойбобоҳо ба ҳоли онҳо хандида мегуфтанд, ки таҳсуб[1] накунанд, ба худододаҳо, ки онҳоро Худо дода. Ба қатори худододаҳо ҳамон рӯзҳо бачаи раҳматии Давлатхӯҷаи чигинакаш, ки ба як бурида нон зор буд, ҳамроҳ шуда. Худи ин Пучуқро намегӯед. Кӣ буд? То дина пешлағатаи бачаҳои Раҳими сиёҳ, порупартои дари хонаҳо, хизматгори хонаи Барада буд. Чирки гарданаш як ман, ҷиғелҳояш пеш-пеши по, фиси биниаш кашол дар кӯчаҳои деҳа лоқ-лоқ мегашт, нон металбид. Дунёи буқаламуна бинед, ки ана ҳамин Пуҷуки фисин имрӯз одам шудааст. Соҳиби ҳама чӣ. Тавба! Тавба! Пуҷуқро пул маст кардааст. Заминро нигоҳ намекунад, назараш ҳеҷ касро намегирад. Мошине, ки ӯ ҳоло савор шуда мегардад, будамандҳои худи Ленинград ба ӯ ҳасад мебаранд. Дастаю дӯконашро бинед, дар як шаҳри калон чанд мағозаро ӯ соҳиб. Мегӯяд, ки онҳо азони акааш Барада. Рӯяшро сиёҳ мекунад, ба номи худаш гузарондааст. Аввалаш, ки Барада куҷо акаи ӯ? Сағираи дилёб. Як мардаки калона ака гуфта фирефта кардааст. Урусидониашро намегӯед, мебезад, уҳдабаро, зӯрӣ ҳам мекунад. Толори машқ ёфтааст, урусҳои машқдида дар хизматаш, ба вай машқ ёд медодаанд. Кам одамон сарпанҷаи ӯ мераванд. Таърифу тавсифи сағира ба Сангрез рафтааст. Гуфтем-ку, Ленингард Сангрези дуюм. Биниатро сахт фих-фих кунӣ, дар Сангрез

[1] Баҳс-ҳасад, таасуб

мешунаванд. Гови кӣ бача партофт, зани кӣ таваллуд карда натавонист, пои кадом мӯйсафед лағжиду лат хӯрд, шаб ба хонаи кӣ дузд даромаду чанд мурғ бурд? Дар Ленингард ҳама ҳамон лаҳза огоҳ. Ҳамаи ин хабарҳо бахайр, аз вақте, ки дар ҷумҳурӣ ҷангу ҷидолҳо сар шуда, ҳисоби ҳабарҳои нохуш, даҳшатовар афзуда. Шаб саҳар нашуда, аз Сангрез занг паси занг меояд: фалончаро паронданд, бисмадончаро аз хонааш бароварда бурданд, зану духтари кию киҳоро пеши назар бетарҳу бесатр карданд, гӯшу бинии киҳоро буриданду дар деҳа чанд ҷаноза?..

Дар миёни ин хабарҳои ваҳмовар, як пагоҳӣ дар Ленинград боз як хабари нохуш паҳн гашт. Ин хабарро Холиқназар интизор буд ё на, ба хотир оварда наметавонист. Ҳам хушу ва ҳам нохуш шуда буд, намедонист хафа шавад ё хурсанд. На, на, чун андаке фикр кунад, таваққуф намояд, хаёлаш рӯ ба хурсандӣ мелағжид. Чӣ тарз рух дода воқеа? Бор дар чӣ ҳол? Ба модараш сим зад.

– Ҳа, ҳамин хел шуд, бачам!

– Чӣ хел?

– Айби худаш, медонист, ки ба деҳа бояд наояд, лекин.

– Чӣ лекин?

– Омад.

– Куҷо омад?

– Хона.

– Хона?

– Ҳа, намедонам чӣ ғоти шаб буд, набуд, ки дарро кушод, талхакаф шудам, «натарсед, натарсед, хола, манам, ман», овоз бароварда. Баъд ба таҳхона даромада борашро дид. Баъд таги дарахти биҳӣ рафта, хеле ҷунбид, як чи гум кардагӣ барин ин тарфу он тараф чӯту чама зад, намедонам чӣ мекофт, намекофт, ки баъд гум шуд. Пагоҳӣ шунидам, ки вақти аз паси хонаи худаш, аз назди дарвозааш гузаштан, ӯро доштаанд, баъд чи қадар задаанду кӯфтаандаш, ҷои борро пурсидаанд, нагуфтааст, баъд паронданд.

– Хуб кардааст, нагуфтааст, оча, – ва боз такрор намуд, – хуб кардааст, нагуфтааст, – ӯ хурсанд шуда, ки дунёю давлати Барада ба ихтиёри Холиқназар монда. Худо раҳматаш кунад.

Беҳуда нагуфтаанд: киҳо кананд ҷон, киҳо хӯранд нон.

* * *

Баъде ки дар Ленингарад мешуниданд, ки Тоҷикистон рӯ ба тинҷию осудагӣ овардааст, дар дили Холиқназар ҳаваси ба деҳа баргаштан пайдо гашт, модар ҳам таъкид мекард, ки биояд. Аз аъзои дастаи Ҷовиди Яккатоз нафаре ҳам намонда. Дар тараддуди баргаштан шуд. Аз рӯи васияти раҳматии Барада, ки дили бисёр ҷӯраҳои ӯро ба даст оварда буд, бо онҳо якяк хайрухуш мекард. Ҷӯраҳои акааш ҳама авбошу одамкуш, сардори дузду ғоратгарон. Мегӯед, ки Барада чӣ тавр бо онҳо ҳамнишинию дӯстӣ пайдо намуда? Барада одами бакалла, дурандеш буда, фаъолияти як-чи – ним-чи ёфтанаш, аз майда-майда обу лой кардани бор шуруъ гашта. Вагарна вай ҳам дар гузашта як камбағали деҳа буда. Дар ибтидо дар ин роҳ як меёфтаву даҳ сарф мекарда. Пул дода-пул дода пеши даҳони яку дуро мегирифтааст, баро-

яш дар савдо роҳ мекушодааст, медонистааст он зотҳоро. Ҳатто ӯ барои рӯзи мабодо бо авбошу одамкуш, дузду ғоратгарон, сардорони мафияҳо, ки дар маҳбасҳо адои ҷазо мекардаанд, алоқа пайдо намуда, ба онҳо аз номи Барада хӯрок, пӯшок, маблағ, маводи дилхоҳашонро мефиристод. Номи Барада вирди забонҳо, ғоибона дар миёни онҳо ӯ обрӯ ёфта. Ба вай салом мефиристоданд. Ҳатто баъзеи он авбошҳо ҷавоб ки мешуданд, аз рӯи супориши шефашон Барадаро ҷуста, ба зиёрат меомаданд, ба ақидаи худашон, намакшинос будаанд. Аз ӯ изҳори сипос намуда, даст ба кундаи сина зада мегуфтаанд, ки чӣ хизмат кунанд? Хизматашон дар он буда, ки каси ба вай душманӣ дошта, ё садди роҳи фаъолияташ мешударо ном барад. Дар масъалаи ӯ бо сардорони мақомоти қудратӣ ҳам ҷанҷол мекардаанд. Мегуфтаанд, ки аз одам кушта, аз ин баъд боз дучори зиндон шудан миллаашон хам намехӯрда. Ба ҳамин воситаҳо доираи фаъолият, савдои бори Барада ривоҷ мегирифта. Баъдҳо ӯ як сарф намуда даҳ меёфта. Аз зихнаи мурда набудану дасту дили кушод доштанаш меёфта ӯ. Ӯ яке аз тоҷиконе буда, ки унвони баланди барон, наркобаронро гирифта. Барои ҳамин ҳам Барадаи проводникро дар ҳамаи истгоҳҳои роҳи оҳан мешинохтаанд, вагонҳои вайро кам тафтиш мекардаанд, барои ҳамин ҳам онҳое, ки ҳамон солҳои нооромӣ бор гузарондан мехостаанд, ба Барада муроҷиат мекардаанд.

Барада Холиқназарро бародарам гуфта, ба ҳамаи он зотҳои ғоратгару авбош шинос намуда будааст. Дар чанд соли дар Русия будан Холиқназар фаъолияти саховатмандии акааш Барадаро давом додааст.

Ва, махсусан, баъде ки Холиқназар дар тараддуди ба деҳа баргаштан шуд, ба дӯсту бародар, шиносҳои акааш бештар қаринӣ пайдо намуд, зиёдтар йухлаашон[1] мекард. Агар гӯяд, ки бо бору бунаш то Душанбе, баъд то хонааш онҳо гуселаш карданд, саҳв намешавад. Бори аз ҳама гаронбаҳои ӯ як халта буд, ҷонашу он халта, он солҳо, ки бонкҳо фаъол набуданд, халтаи пулро бардошта оварда. Пул роҳкушо, обрӯ, калиди мушкилиҳо, мушкилкушо. Овози пулдор баланд, гапаш гап. Дигар ӯро дар деҳа Холиқназари Пучуқ намегуфтанд, айбу иборашро пул пӯшонда. Ному нишонҳои нав ёфтааст. Вай Ҳазрат, Ҷаноб, устод, маслиҳатгару роҳнамои аҳли деҳа. Бе розигии вай кӯзаро хам карда об наменӯшиданд. Муллоимоми масҷиди деҳа ҳам худаш, раиси маҳалла ҳам. Бе саъйи ӯ онҳо дар вазифаҳои худ намепоиданд. Ҳатто дар ноҳия аз вай мепурсиданд, ки дар ҷамоати деҳоти Ободон киро дар интихобот ба номзадии кадом як маҷлис гузоранд. Вай мактаб хонда натавонист, аз рӯзи ногузаро. Хату саводи казойӣ надорад. Лекин соҳиби ду маълумоти олист. Дипломҳояш дар сандуқ. Вақти дар Русия будан номашро дар ду мактаби олӣ нависонд. Нооромӣ ки буд, ба хондан омада наметавонист. Ӯ намехонду пулаш мехонд. Устодони донишгоҳ муҳибу меҳрубонаш, баъди аз Русия омаданаш чанд нафари онҳо, муаллимони куҳансол ӯро фарзанд хонданд. Даста-даста пулу доллярро хайри ҷони фарзандон гуфта, дар доманашон мепартофт, насибашон кунад.

Қад-қади роҳи деҳа қатор-қатор мағозаҳо сохт, даҳҳо ҷои кор пайдо шуда барои ҳамдеҳагон. Ҳама фурӯшандаҳои мағозаю дукону дорухонаҳои ӯ. Дар

[1].Ба маънии пул додан, суроғ кардан

ноҳия ба вай гуфтанд, ки мактаби деҳаашон оғилхонаҳои замони ҷанг, талабаҳо аз ҳазор нафар зиёд, мактаб созад. «Мактаб месозам, вале бо як шарт» гуфт.

– Чӣ шарт?

– Агар мактабро ба номи падари раҳматиам гузоранд.

Пурсиданд, ки раҳматӣ падараш чикора буд?

Гуфт, ки як одами меҳнатӣ, савобҷӯ, тақводор, дар колхоз чигинакаш.

– Бисёр нағз.

– Номи падарамро зинда кардан мехоҳам.

– Бисёр нағз, фарзанди бонангу номус ҳамин хел мешавад, – таърифу тавсифаш карданд.

– Мактаби ибтидоии гузари Боло ҳам вайрона, – худи ӯ ба забон овард.

– Имконат мешавад, ки онро ҳам созӣ?

– Месозам, – гуфту боз шарт гузошт.

– Чӣ шарт?

– Агар онро ба номи амакам – эшони Мансурхӯҷа гузоранд.

– Эшони Мансурхӯҷа чикора буданд?

– Чигинакаш, ҷӯраи ҷонии падарам.

– Инашро ҳам мебинем.

– Баъд як гапи дигар, – мисле ки назди намояндаи ноҳия вазифа мегузошт.

– Чӣ гап?

– Як ака доштам, Худованд ҷояшро ҷаннат кунад, маро ҳамон кас одам кард.

– Номашон чӣ?

– Акаамро Бадриддини Барада мегуфтанд, агар дар ноҳия ризоият шавад, дар ҷамоат Қасри фарҳанг месозам. Лекин…

– Чӣ лекин?

– Қасри фарҳангро ба номашон монем, он кас ба ин меарзанд.

– Раҳматӣ чикора буданд?

– Дар вокзали Роҳи Оҳан проводник, фоидаашон ба ҳама мерасид, хеле одамон аз туфайли акаам бою бадавлат шуданд.

– Бисёр хуб, Ҳазрат, Қасри фарҳанг созед, маслиҳат мекунем, – ваъда доданд.

Холиқназар фикр мекард, ки ин бунёдкориҳо барои ӯ душворие надоранд. Хазинаи таги дарахти биҳӣ ҳам барояш пайдо шуд. Раҳматӣ пеш аз маргаш ҷои онро ҳам ишора карда. Некӣ ҳамин қадар мешавад. Бале, давлату савлати Барадаи шаҳид ба ӯ монда. Дар насибаш буда. Қиблагоҳаш мегуфт, ки ҳар кас аз сидқ Худо гӯяд, мурод талабад, Худованд сахӣ аст, медиҳад. Вай кӯрнамак нест. Барадаро фаромӯш накардааст. Дар арафаи идҳои моҳи шарифи Рамазону иди Қурбон, моҳҳои Шаъбону Раҷаб ба номаш хатми Қуръон мефармояд, гӯсфанд кушта худоӣ мекунад. Ба Холиқназар Худо насиб гардонд, ки ҳафт бор ба зиёрати Хонаи Худо равад. Чандкарата ҳоҷӣ шудааст. Лекин дар ҳар бори зиёрати Хонаи Худо Барадаро фаромӯш накардааст. Ҳафт бор аз номаш Ҳаҷ кардааст. Дар буйруқаш[1] будааст, беҳуда ӯ давлату

[1] . насибаш, аъмолаш

савлаташро ба ихтиёри Холиқназар монда нарафта. Худо розӣ шуда, ки баъди сараш ин қадар дуою фотиҳа мебинад. Ба номи Худо ҳазор бор қасам мехӯрад, ки каси дигар ба ҷои Холиқназар мебуд, моли Барадаро мехӯрду дар лабу лунҷаш кулӯх молида мегашт, як пайса барои ӯ раво намедид. Миннат нашавад, аз аҳволи зану фарзандони Барада низ бохабарӣ карда меистад. Аз ӯ ду духтар монда, ки бандаҳои мардум ҳастанд, як писар, ки ҳамеша касалманд. Моҳе нашуда, ки ҳазор доллар ба янга бурда надиҳад. Ӯ шунидааст, ки гуфтаанд:

Ҳиммат баланд дор, ки мардони рӯзгор,
Аз ҳиммати баланд ба ҷое расидаанд.

Чӣ, мегӯед, ки Холиқназар дӯсти меҳрубони падараш Мансурхӯҷаро аз хотир баровардааст? На. Амакаш имрӯз ба ҷои падар аст баҳри ӯ, зисту зиндагии вай ҳам дар гарданаш, хонаҳои нимвайронаи ӯро тахту ҳамвор карда, то дару девор, ҳезумхона, оғилу мурғхонаҳояшро аз нав бо тарзи замонавӣ сохт. Дар даруни хонаи мӯйсафед оби гарм, ҳаммом, ҳоҷатҷо. Баъд мегӯед, ки Холиқназар ҳамон қадар бефаҳму бефикр аст, ки дари хазинаашро кушода мондаю ҳамаи дороиашро сарф карда худаш ду даст дар бинӣ мемонад? На. Медонед, оби ҳавзро гирию гирӣ, ба он агар об надарояд, хушк мешавад, мисли онҳое нест, ки бо нӯки сӯзан ҷамъ ораду бо шоха бод диҳад. Вайро аз кӯдакӣ зиндагӣ пухта кардааст. Дар Русия роҳу равиши пулёбиро омӯхт. Пул пулро меёбад, бояд пулро чалонӣ. Вагарна боигарии аз раҳматӣ монда дар вагонҳо ҳам бошад, тамом мешавад. Ба замми мағозаҳои қатори андар қатори дар деҳаю бозорҳо доштааш боз чор тарабхона дорад дар Душанбе. Ҳисоби хонаҳои аз 12 то 20 ошёна сохтааш, хато накунад, ба 8-то расидаанд. Аксарашон пул шудаанд, боз дар фурӯшанд. Ҳар рӯзу соат бандча-бандча ба ихтиёраш доллару сомонӣ меояд. Ҳисоби доллару евроҳои дар бонкҳои Русияву Швейтсария доштаашро худаш медонад. Аз ҳисоби даромадҳое, ки ба дасташ меоянд, ками андар камашро хайру саховат мекунаду ба манфиати мардум мебахшад. Деҳаи худашонро обод кардааст, мактабу духтурхона, фурӯшгоҳҳо… Роҳу роҳравҳояшро мумфарш намуд. Баҳри ободонии масҷид, гӯристону мазорҳо маблағи зиёд сарф намуд. Ба 60 оилаи камбизоат ёрдам мерасонад. Аз як фард баҳри ҷамъияту шукуфоии Ватан ҳамин қадар фоида мешудагист. Вале ӯ як чи ҳис намудааст. На ҳама ба қадри некию заҳматҳои ӯ мерасанд, на ҳама дилу нияти соф доранд, нонашро мехӯранду дар ғайбаш пояшро мехоянд, борҳо шунидааст, ки гуфтаанд: дунёя бинеда, ин Пучуқ кӣ буду кӣ шудааст. Падарашро намегӯед, чи касе буд, эзораш ба фироқи куртаашу куртааш ба фироқи эзор. Биллоалазим, нони хӯрдан чи, ки либоси пӯшидан надошт раҳматии Давлатхӯҷа. Умраш бо чигинакашӣ гузашта. Агар ҳазор гӯию ё мезадиаш ҳам, ба рӯи кас нигоҳ намекард. Омада-омада аз ҳамин одам фарзанде рӯида, ки агар аҷали ҳама гӯӣ, саҳв намешавад. Худо, ки медодааст, намегуфтааст, бачаи кистӣ? Пучуқ чӣ ҳол дошт? Нонгадо буд, порупартои дари хонаҳо буд. Худогир шавад. Дар ҳаққи модараш ҳам гап мезананд:

– Бева тине намеёфт, ки собун харида рӯяшро шӯяд. Ҳоло рӯ-рӯйи пул роҳ

мегардад. Ба касе хоҳад, хайр мешавад, гуфта пул медиҳад. Рӯяшро сиёҳ мекунад, ҳамааш аз ман-манӣ, аз мастӣ, маст шудааст, ки бачааш миллиардер, номдор, сутуни миллат, Худоё, давру давронаш ботил шавад.

Дар маъракаҳо вайро пешпар медодаанд:

– Ҳусноро, бачам, аҷаб замоне-а, камбағалҳо бою бойҳо камбағал, савораҳо пиёдаю пиёдаҳо савора. Хайр, бигӯ, ба як тика нони мардуму ним коса дами гарм зор будӣ ё не? Ҳамин хел буд, лекин имрӯз ҳамаашро фаромӯш кардӣ, – гуфта нонашро дар даҳонаш заҳр мекунанд.

Ана ҳамин хел гапу ҳарфҳо мешунаванд Холиқназару модараш. Нону намакашро мехӯранду дар ҳаққаш бадгӯӣ мекунанд. Холиқназар ҳайрон мемонд, ба фикр меафтод. То аз дасташ омадан ба мардум некӣ кардааст, бадӣ накардааст. Буданд мавридҳое дар Ленинград, ки дар роҳи савдояш монеаҳо ба вуҷуд меомад, садди роҳаш мешуданд. Бегонаҳо не, худиҳо, ҳамдеҳагонаш. Шиносҳои Барада дастҳо пеши бар аз вай мепурсиданд: чӣ хизмат кунанд? Онҳо ҳама каллабур. Аз эшон чӣ хизмат ҳам хостан мумкин? Забонаш нагашта, ки номи ягон бадбинашро ба забон орад, ҳаволаашонро ба Худо мекарду аз пайи нобудиашон намешуд. Бале, вай барои пулу мол хуни ба ғайр ҳақро раво надидааст. Чӣ саҳву хато, ғадру хиёнате аз ӯ гузашта? Ба хотир оварда наметавонад. Лек иқрор аст, ки дар зиндагӣ аз вай як амали номардӣ содир шуда, хиёнат ҳам гӯяд, равост, аз ин карда пушаймон аст, вале оби рехта бардоштан нашавад. Ва ин хиёнат ҳам дар роҳи савдою пулу давлатёбиаш не. Хиёнат ба худаш, ба ботинаш, ки дар азоб мондааст, то қиёмат барои ин амал худро бахшида наметавонад. Барои ин рӯҳи падар аз вай норизо, модар ҳам намехост. Беҳтараш ин муамморо барои дигарон ҳамон зани ниқоби сиёҳпӯш кушояд, ки ҳамроҳ аз рахнаи боғ дохили он шудаанд.

* * *

Маликамоҳрӯю Холиқназар дигар онҳое набуданд, ки айёми наврасӣ бо дилҳои пур аз меҳру муҳаббат, бо як олам орзуҳо қуштуқум[1] аз паҳлуи ҳам мерафтанд, ташнаи ҳар сухан, ташнаи дидори ҳамдигар буданд. Чи хеле ки имрӯз фарзандонашон Зафару Заррина рӯ ба дараи Чашмасор мераванд, даст ба даст пучаку канак карда, ҳамдигарро бӯсидаю ба канор кашида мераванд. На, ҳоло онҳо пас аз даҳсолаҳо бо дилҳои аз меҳру муҳаббат холӣ роҳ мерафтанд. Офтоб, замину замон, мисли даврaҳои дар ин боғ вохӯрданашон дилҷӯю зебо наметофт. Хомӯш роҳ мерафтанд, бо тарсу ҳарос қадам мемонданд, ки ин ду зану марди солрафта, кӯдаку чӯдакдор – оиладорро бо ҳам набинанд. Оре, он солҳо гашту гузорашон дар ин боғ як лаззату кайфияте дошт. Аз дарахтони он солҳо дар боғ ягон-ягон мондаанд, шоҳиданд, ки ин ду нафар зери онҳо соатҳо рози дил мекушоданд, оғӯш ба оғӯш, аз рухсораҳои ҳамдигар мебӯсиданду мебӯсиданд. Гапу ҳарфашон аз зиндагӣ, аз орзуҳо. Вале таассуф, ки ба ҳамаи он орзуҳо пас аз воқеае, ки дар ҳамин боғ рух дод, завол омад. Ҳарду бадбахт шуданд. Айби Холиқназар буд. Ҳарчанд он рӯзҳо ишқ мегуфт, муҳаббат мегуфт, дурӯғ будааст, ҳамааш як ҳавою ҳаваси

[1]. Думибадум.

чандрӯза.

Маликамоҳрӯю Холиқназар рӯ ба офтоб, ки майли нишастан дошт, хомӯш роҳ мерафтанд. Суханҳо дар нӯки забон, чи гуфтану нагуфтанашонро намедонистанд. Ниҳоят ҳамон суфаи лаби ҳавз, ки дар атрофаш чинорҳои азим сар ба фалак буданд, намоён гашт.

– Он тараф нарав, – Маликамоҳрӯ ноосуда гашт, аз тағйири тарҳи рӯяш аён буд. – Ман ин суфаро дидан намехоҳам, ҳар рӯзе ба сарам омад, аз ҳамин ҷо омад, – гуфт ӯ.

– Ба сари ман ҳам, – тасдиқ намуд ҳарфи ӯро Холиқназар.

Онҳо рӯ ба суфа истоданд. Баргҳои тару тозаи чинорҳо аз боди сабуке ба ҳам хӯрда, хишир-хишир садо медоданд, шилдироси оби ҷӯйча, ки аз баландӣ ба ҳавз мешорид, баланд. Ошиқони он рӯзҳо, рӯ ба суфа хомӯш, сар ба сукут меистоданд. Суфаи лаби ҳавз гӯё мазори ишқу ошиқии онҳо буда, ки ин ҷо орзуҳояшон гӯр шуда, хокдон ёфта. Маликамоҳрӯю Холиқназар ҳоло сари он гӯр омадаанд. Ба ёдашон меомад он лаҳзаҳо.

Рӯзҳои охири баҳор буд, аз рӯи ваъда боз ба ҳамин боғ омаданд. Мисли ҳозира аз пайроҳаи саргаҳи боғ дохили он шуданд. Рӯ ба офтоб пай мечиданд. Офтоб ба миёни осмон мерасид. Садои суруду мусиқӣ шуниданд, садо аз ҷониби ҳамин суфаи лаби ҳавз меомад. Диданд, ки рӯи суфа ҷум-ҷуми одам. Холиқназар хост ақиб гардад, тарафи дигари боғ раванд. Вале дили тамошохоҳи Маликамоҳрӯ дар гӯр, ки вайро аз роҳ гардонд.

– Биё, наздашон меравем. Фаҳмидам, ин ҷо маъракаи хатмкунандагони мактаб аст, шунида будам, – пеши роҳи ӯро гирифт. Ноилоҷ, бо дили нохоҳам Холиқназар аз паси Маликамоҳрӯ шуд. Ба қатори хатмкунандагони мактабу муаллимон ҳамроҳ шуданд. Рӯи суфа дар гӯшае дастурхон густурда буданд, дастурхони пурнозу неъмат, меваю чева, шишаҳои рангобаранги обу ҳар гуна нӯшокиҳо, таомҳо. Гурӯҳе гирди дастурхон менишастанд, дигарон дар миёни суфа машғули базму бозӣ, тамошо, мусиқачиён, ҳофизон, доирабадастон. Бо ҳавои мусиқии дилчасп духтараке мерақсид. Ба назар як даста гул барин. Дар тан куртаю поҷомаи атласи ранга, дар сар тӯппии зардӯзии қуббадор. Мӯйҳои майдабофташ то паси пошнаҳои кафшҳояш хамида, дар лабонаш ханда, аз гулҳои дасташ ба ягон-ягон касе гул медод. Як гул бо нимхандае ба Холиқназар ҳам ҳадя шуд. Бо ин нимхандаю як гул духтар ақлу ҳуши Холиқназарро бурд. Дар ҷояш ҳангу даранг[1] монд. Нигоҳашу духтар, бо нигоҳ гӯё вайро хӯрданӣ. Чӣ қадар зебо ӯ, қоматаш ёзида, чашму абрувони сип-сиёҳ, рухсораҳояш чун гули садбарги сафед тару тоза, лабонаш арғувонӣ, дандонҳо широсо. Холиқназар маҳву моти ҳусну ҷамоли ӯ гашта. Дар умраш, дар ҳеҷ куҷо ин хел духтаре чун кабки хушхиромро надида, ақлаш коҳида, гули партофтаи духтар баҳри ӯ гӯё дунёву давлат, аз дунёю давлат ҳам азизу гарон.

– Ин духтари кӣ? – аз Маликамоҳрӯ пурсид.

– Ҳушат рафт? – суоли Холиқназар ба вай нафорид.

– Хайр бигӯ, вай духтари кӣ? – такрор намуд суолашро Холиқназар.

– Духтари Усто Тағоймуроди ҳамсояатон.

[1]. Бо маънии лол мондан

– Бахудо то ҳол ӯро надида будам.

– Баумед нашав, соҳиб дорад.

– Соҳибаш кӣ?

Холиқназар ҳанӯз ҷавоб нашунида, ки духтар назди ҷавоне рафт, ки дар бар шиму кастуюми сиёҳ, дар гардан галстук дошту мӯйҳояшро, ки ба назар қиргун сиёҳ менамуд, оро дода буд. Назди ҷавон таъзим ба ҷо овард, гулҳои дасташро ба вай дод ва аз дасташ гирифта ӯро ба рақс хонд. Ҳарду ба рақс даромаданд.

– Акнун соҳибашро дидӣ? – Маликамоҳрӯ ба Холиқназар хандид ва афзуд: – Муаллим қатӣ мегардад ин духтар, зану шӯи рӯиростанд.

– Муҳобот кардӣ.

– Бовар накунӣ, аз касе хоҳӣ, пурс.

– Номаш чӣ?

– Гулнисо, биё рафтем, аз худам намонӣ, – боз хандид Маликамоҳрӯ ва аз дасти ӯ дошта роҳакӣ шудан хост. Вале Холиқназар аз Гулнисо, аз қаду қомати ниҳолу нозуки духтар дида намеканд ва аз назди ӯ дур шудан намехост.

Ба ақидаи имрӯзааш, ки аз ҳамон лаҳзаҳои наҳс оташи ишқи нобасомони ин духтар дар дилаш ҷой ёфт. Насиҳаташ карданд, барои ба иззати нафсаш расидан, ба гардани духтар ҳазор айбу ибор бор карданд, бепошнаю беҷогард ва ҳатто таҳбағалии муаллим гуфтанд. Вале ба кӣ мегӯӣ? Гӯё он рӯзҳо кӯру кар шуда буд, на гӯши шунидан буд ӯрою на ақли фаҳмидану чашми дидан.

– Гулнисо духтари раҳматии усто Тағоймурод аст гуфтӣ?

– Ҳа.

– Худам мурдаи вайро соҳиб шуда будам.

Рост мегуфт. Солҳои дар Русия буданаш ба бисёр ҳамдеҳагони муҳоҷу дармондааш кумак мерасонд. Касе агар кушта мегашт ё бо аҷали худаш мемурд, барои ба Ватан фиристодани ҷасади ӯ маблағ ғун мекарданд, баъзан намеёфтанд. Холиқназар пул медод. Шунид, ки мурдаи Усто Тағоймуроди ҳамсояаш бесоҳиб мондааст, миён басту ӯро соҳибӣ кард. Баҳри гӯру чӯб, худоиҳояш ҳам ба номи холаи Зарафо маблағ фиристод.

* * *

Холиқназар назди модар аз Гулнисо гап кушод.

– Гулнисои духтари усто Тағоймурода мегӯӣ?

– Ҳа, ман вайро пеш надида будам-ку.

– Вай дар хонаи холааш калон шудааст, ба хонаашон намеояд.

– Ҳамин рӯз ман вайро дидам. Хушрӯй, бахудо бисёр хушрӯй.

– Дар хушрӯӣ ҷавонимарг хушрӯй аст. Дар ноҳия ҷои аввалро гирифт. Худаш ҳам ба хушрӯгиаш менозад, фукаш чухт. Дар бораи вай, бачам, гап бисёр.

– Мегум, оча, Гулнисоя ба ман гирифта намедиҳӣ?

– Э вой, вой, ту чиҳо мегӯӣ? Ту арӯсшаванда дорӣ. Вай хушкардаи худам, хушкардаи падарат.

– Хушкардаи ман нест.

– О чува то ин вақт нагуфтӣ? Дина нагуфтию имрӯз мегӯӣ?

– Гулнисоро ҳамин рӯз дидам.

– Ба рӯйи амакат чӣ хел нигоҳ мекунем, мардум чӣ мегӯянд, духтари мардум миёни роҳ мешавад.

– Ман вайро намегирам, безеб аст.

– Оҳ, рӯям сиёҳ, чӣ, ту худат базебӣ? Биниат пучуқ, гӯшҳо чапар, доғҳои рӯят аҷаб хеле. Ба Худо безеба рафтагиаш худат ҳастӣ.

– Медонам, оча, безебам, лекин як мардҳои безеб зани хушрӯ, зани паризод доранд, ки ман дар назди онҳо шоҳам. Баъд оча, ман миллиардерам, пулдорам, овозаю дарвозаам дар олам. Ҳамин рӯзҳо ба даҳҳо маъракаҳо даъват мешавам. Эҳе, як маърака, маъракадорҳое, ки Тоҷикистон дар дасташон, одамони ҳукумат, одамони овозадори мамлакат. «Келин қатӣ биё», мегӯянд, келин бояд ба ному дараҷаам мувофиқ бошад, зани фалонча гӯянд.

– Чӣ, ту мехоҳӣ, ҳусни занта дар лаълӣ гирию ба мардум нишон диҳӣ? Ту мард нестӣ, айбу ибора намедонӣ? Аввал, ки наменонам Гулнисоро гирӣ, агар баъде ки гирифтӣ, ман медонам чи кор кунам, наменонам сарашро аз дарвоза берун кунад, наменонам берӯқилаку фаресар гардад.

– Майлаш, майлаш, очаҷон, ҳамин хел кун, мон аз хона набарояд, таги ҳафт қабат рӯймолу саргирак пинҳонаш кун, лекин коре кун, ки Гулнисо зани ман шавад, аз дар дароям, Гулнисоро дар хона бинам, як худам рӯяшро бинам бас! Оҳ чӣ қадар хурсанд мешудам, ки очаҷон, ин духтар зани ман шавад, дар хонаи худамон медидамаш! – Холиқназар масти масти орзуҳо, Гулнисоро дар хонаҳои қасрмонандаш тасаввур намуда, аз ҷой бархост. Қулочҳояшро паҳн карда, гирди модар чарх зад, рақсид. Орзу шикаста бо табъи хушу хотири болида аз хона баромад. Рӯи ҳавлӣ ва деворҳои гирди он, ки як вақте шиғандӣ буданду имрӯз қалъабандӣ, оламу одам, ҳавлиашон, офтоб, умуман, ҳама ҷою ҳама чи дар назараш зебо. Ӯ ошиқ шуда буд, ошиқи Гулнисо.

* * *

Усто Тағоймуроду раҳматии Давлатхӯҷа аз қадим ҳамсояҳои девордармиён буданд, аз қадим байни ҳавлиҳошон дарича буд, равуо доштанд. Вақти дар Русия будани Холиқназар, бо фармоиши вай модар ба ҷои хонаҳои куҳна қасру қибла бунёд намуд, фармуд, ки даричаи тарафи ҳавлии холаи Зарафоро маҳкам кунанд. Холиқназар рӯзи дуюми дидорбинӣ бо Гулнисо девори байни ҳавлиҳояшонро аз нав созонд, дарича кушод, даричаи кандакории зебо ва таъкид намуд, ки даричаро ҳамеша рӯ ба хонаҳои холаи Зарафо кушода гузоранд. Ҳамсоягии байни ҳамсояҳо аз нав барқарор гашт. Баъдан агар дар хонаи Холиқназар об гарм мекарданд, чизе мепухтанд, чи меваю чевае меоварданд, аз рӯи фармудаи ӯ бояд холаи Зарафоро фаромӯш намекарданд. Вале дили холаи Ҳусноро, ки ба хешӣ набуд, на ҳама вақт талаби Холиқназар ба ҷо меомад. Ҳатто баъзан дар рӯзҳои набудани Холиқназар даричаро кушода намегузошт, наменонд, ки холаи Зарафо ба ҳавлии ӯ пой тоза кунад. Барои ҳамин ҳам ҳар вақте аз дарича ӯ сар дарун карда, Холиқназарро мепурсид, ҷавоби ӯ тайёр: бачааш нест. Вале кампир роҳ ёфта гови бешохбанд барин ба хона даромада, Холиқназарро меёфт, баъд пичир-пичир сар мешуд. Модар медонист, ки вай аз рӯзи ногузаро менолиду қарз рӯи қарз мехост.

Баъди фавти усто Тағоймурод писари эркаю азизгии онҳо дар домони модар монд. Холаи Зарафо то метавонист, гули хӯрокро ба ӯ мехӯронд, гули либосро мепӯшонд. Мехост Ҳафизуллоҳ бепадариро ҳис накунад, падардорҳо барин калон шавад, камию костӣ набинад. Вале натавонист, қуту йути аз падар монда тамом шуд, набудани марди хона баръало ҳис мегашт. Баъдҳо барои як бурда нону як порча либос муҳтоҷ шуданд. Модар, ки дар вақти зинда будани шавҳар касеро писанд намекард, фукаш дар осмон буд, маҷбур шуд, пайи ризқу рӯзӣ афтад. Дари хонаи одамони будаманд рафт. Мӯяш ҷорӯбу дасташ оташкоб ҳавлиҳошона мерӯфт, хокистар мепартофт, нон меёфт. Бо нони сари остин азизгиаш Ҳафизуллоҳро калон кард, аз дасташ кор меомадагӣ шуд. Пачалкорӣ кард, пачалкориаш корҳои майда-чӯйда. Бо маблағи ночиз боғи касеро побел мекард, алаф медаравид, ҳезум мезад, аз амаки Саттор қабрканиро ёд гирифт. Албатта, ӯ ҳам мехост, мисли бачаҳои дигар Русия равад, пул ёбад, зиндагиашон аз яку ду боло шавад. Лекин модар намегузошт. Мегуфт, ки бачаи бисёр надорад, ки монад ба Русия равад. Медид, ки аз Русия мурдаи бачаҳоро меоранд. Онҳо, ба гуфтае, бо аҷали худ мемурдаанд ё калакҳо мекуштаанд. Калакҳо гурӯҳи ҷавонони сарашон тарошида, ки мардуми мусулмон, одамони сиёҳҷурдаро шикор мекардаанд, мекуштаанд. Не, не, холаи Зарафо безор аст аз Русияравии Ҳафизуллоҳ. Қашшоқона мезиянд, нони хушкро дар об тар карда мехӯранду бачаашро ба Русия рафтан намегузорад. Ҳафизуллоҳ аз гапи модар намебаромад, гапгираки модар буд. Ҳатто гапи вайро нагардонда, ба зангирӣ розигӣ дод. Модар ба бачааш зан дода, чароғи хонаро равшан нигоҳ доштанӣ будааст.

Баъд як гапи дигар ҳам будааст, ки холаи Зарафо худро дар назди қаъму ҷамъ, аҳли деҳа қарздор меҳисобидааст. Тӯйи хатнасури Ҳафизуллоҳ ба дилаш нагузашта будааст. Дар доштан доштаанд – пулу мол сакат-сакат.[1] Лекин солҳои навадум, солҳои ҷанг. Тӯй гузарондан ҳам намешудааст. Пай мебурдаанд, ки якчи-нимчи дорӣ, ба бало мемондӣ, ҷонат дар хатар. Дар як дегча ош мондааанду донам надонам дасти Ҳафизуллоҳро ҳалол кардаанд. Баъд холаи Зарафо ният карда будааст, ки агар Худо рӯяшро сурх кунаду ба тӯйи зангирии Ҳафизуллоҳ расад, дастархони мурод мегустурдааст, базми осмонкаф гузаронда се шабу се рӯз ба халқ ош медодааст. Раҳматии шавҳараш ҳам ҳамин хел ният доштааст. Ана ҳоло Худо ӯро ба ҳамин хел рӯз расондааст, мамлакат тинҷу осуда, мардум серу пур. Даврe, ки тӯй кунию тӯй гузаронӣ. Вале як чи, ки холаи Зарафо дасткӯтоҳ. Намедонад аз рӯи боақлӣ ё беақлиаш буд, ки ду рӯз пеш дари дили пурорзуяшро назди Ҷӯрақул кушод ва оҳи бадард кашид.

– Чӣ оҳ мекашед, хола?-пурсид Ҷӯрақул.

– Мегӯм, бачам, орзуҳом ба гӯр мераванд.

– Не, хола, ин хел нагӯед, тӯйи Ҳафизуллоҳро худам мегузаронам. – Ҷӯрақул назди кампир таъзим ба ҷо овард.

– Тӯйро Ҷӯрақул мегузаронад? – Ҳафизуллоҳ ҳайратзада гашт.

– Ҳа, бачам, худаш ваъда дод.

– Қарз медиҳам гуфт?

[1] Тал-тал

– Чӣ қадаре хоҳем.

– Қарзашро чӣ хел бармегардонем?

– Ҳаминро пурсидам. Гуфт, кайе, ки ёбем ва боз гуфт, ки маслиҳат мекунем.

– Чӣ маслиҳат?

– Намедонам.

– Баъд шумо киро келин карданӣ?

– Духтари холаат, Руқиямоҳи хушрӯякро.

– Руқиямоҳ дар фотиҳа аст-ку.

– Ҳа, кадом як бойбобои қишлоқи боло келин карданӣ, пулу моли бисёр оварда додааст. Лекин наметонам, тӯйро мегардонам, бо язнаату холаат маслиҳат кардам.

– Чӣ гуфтанд?

– Гуфтанд, ки пули чизу чораи овардаашонро ёфта диҳам, Руқиямоҳро аз фотиҳа мегардонанд.

– Чанд пул?

– Аз бист ҳазор доллар зиёдтар.

– Аз куҷо меёбем?

– Ҷӯракул медиҳам гуфт, Худо баракаташ диҳад, сахт миён бастааст. Баъд боз як даҳ ҳазори дигар барои сарфу хароҷоти саридастии хонаи духтардор. Ғами онҳоро ҳам хурдан лозим, бо умед духтар калон кардаанд, язнаат одами камбағал. Баъд боз тӯёна, суқумӣ, суқумия медони-а? Як буқаи пеши бозору ду-се сар гӯсфанд.

– Сарфу хароҷоти хонаи худамон чӣ қадар мешавад? – дар лабони Ҳафизуллоҳ ханда дамид.

– Мешудагист боз ягон 15-20 ҳазор, баъд боз омаду рафт, пахтарезон, парчабурон. Шаҳтоза аз хотир намебарорем, бисёр анъанаҳои пеша зинда мекунем. Гуфтам-ку бачам, тӯйе кунем, ки замин ҷунбад, артист мебиёрам, илоҷаш шавад бузу гӯштин медиҳем, коре шавад, ки овозаи тӯйи мо ба олам равад. Гӯянд, ки холаи Зарафо ба сари бевазаниаш тӯйе кард, ки мардҳои мард накардаанд.

– Оҳ, оча, оча, ин хел накунед, ман зан намегирам.

– Зан мегирӣ, бачам, агар гапамро нагирӣ, ширамро ба осмонҳо меҷӯшам, аз ту норизо мешавам, – модар аз гапи гуфтааш нагашт.

Модар тӯй карда, духтари хоҳараш Руқиямоҳи хандонрӯякро ба хонаашон овард. Ба ақидаи худаш чунон тӯйе дод, ки даҳони ҳама воз монд. Устухонбандиҳояш ба ҷо омад, кирмҳои чашмаш мурданд. Хушу хурсандӣ дошт модар. Ҳафизуллоҳ ҳам аз он ки саркардаи духтарони холаашро гирифт, хурсанд шуд. Аммо, аммо… ҳанӯз рӯзҳои ширини шаҳу арӯсиашон нагузашта, ки қарзхоҳон дар паси дари хонаашон ҷел кашиданд. Аз ҳама аввал посбони мактаб – амаки Рауф омад.

– Бачам, Ҳафизуллоҳ, ҳамон амонатиамро баргардон.

– Қарзатонро мегӯед?

– Ҳа, қарзамро.

– О, ҳоли, амакҷон, як моҳ ҳам нагузаштааст-ку?

– Зарур мондам.

– Ҳозир пул надорем, амак.

Амаки Рауф дили Ҳафизуллоҳро сиёҳ кард, гуфт, ки қудрати қарздиҳӣ надошт, чаро зан гирифт ва боз афзуд, ки қарзхоҳон ба арӯси таги чодари ӯ кордор мешудаанд. Амаки Рауф бо димоғи сӯхта аз паси дарвозаашон рафт. Табъи Ҳафизуллоҳ хира гашт: «ба сари арӯси ӯ меомадаанд». Ба арӯсхона, назди Руқиямоҳ даромада натавонист. Аз таги дарвозахона баргашту дар пешайвон як дасташ дар танаи сутун ва дасти дигар дар миён рӯ ба ҳавлии сердолу дарахташон гӯё шах шуда монд.

Ҳафизуллоҳ ҳанӯз аз фикру зикри қарзу қаволаҳои зиёд ба худ наомада, ки муаллима, холаи Шаҳло аз даричаи паҳлӯи дарвоза сар дарун кард.

– Ҳафизуллоҳ, бачам, ин ҷо биё, – вайро наздаш ба таги дарвозахона хонд.

– Салом, холаҷон, биёед, биёед, – Ҳафизуллоҳ муаллимаро ба хона таклиф кард.

– Биё ҳам нагӯӣ, бачам, омадам. Очат канӣ?

– Дар хонаи амаки Ҷӯрақул.

– Бачам, мегум, ҳамин очаи ту хуб занаки бекалла будааст. Тӯйи ҳангомадор мекунам гуфта аз сагу мурғи олам қарздор шудааст, мегӯянд. Аз Холиқназар, кампири Баҳманмоҳ, аз Расули ланг, аз Латифу Акрами духтур, Расули ҳофиз, э кадоми якеи онҳоро ном барам, аз мӯи сар зиёданд. Агар медонистам, ки ин қадар қарзи беҳисоб гирифтаед, яксомон-нимсомонӣ барои гӯрию кафанӣ ҷамъ кардаамро намедодам. Анг[1] мондам, ақламро очат дуздид.

– Аз онҳо кам-кам қарз гирифтем, хеле кам-кам.

– Аз Ҷӯрақул чӣ?

– Амаки Ҷӯрақул худашон ба мо қарз доданд.

– Аз ин одам қарза ба ҷуволош бардоштед-а? Қарзи Ҷӯрақулро дар умратон канда наметавонед. Имрӯз-пагоҳ омада хонаю даратонро мегирад, арӯси таги чодарату хоҳарта мебарад. Дурӯғ намегӯям. Шунидам. Баъд вай амаки Рауф қасам хӯрд, ки гову гӯсолаатонро аз худ мекунад. Ана акнун гӯй, ки ман чӣ кор кунам? Қарзамро аз куҷои шумо мегирам?

– Қарзи шуморо, муаллимаҷон, худам бармегардонам.

– Кай?

– Як-ду моҳ пас, Русия меравам.

– Эҳе, бузак-бузак намур, баҳор меояд, гӯй. Не, не, ҳамин ҳозир пуламро те, ба пагоҳ намон. Набошад Абдуҳалиму Абдусаломро мегӯям. Медонӣ-а, онҳо чи қадар бадахлоқанд, ҷангкованд, – муаллима хотири ошуфтаи Ҳафизуллоҳро ошуфтатар гардонд. Ӯ рафт. Ҳафизуллоҳ боз зарбае хӯрд. Дар бар либосҳои домодӣ, ҷомаи балхи нофармон пӯшида буд, дар сар тӯппии зебои фарғонадӯхт ва дар миён рӯймоли шоҳии зарди ҳилҳилакдор дар таги пешайвон меистод. Ба чи ҳоле гирифтор гашт? Ҳамааш аз касофатии қарз. Чаро ба гапи модар даромад? Ҳоло худи ӯ ҳам меояд, хатояшро мефаҳмад. Руқиямоҳ фаҳмад-чӣ? Фаҳмад, ки ба ҷои қарз ӯро бурданианд…

Ҳафизуллоҳ банди андешаҳои ногувор буд, ки садои шараққос кушода шудани дарвоза ба гӯшаш расид. Писарони муаллима Абдусалому

[1] Нафаҳмида

Абдуҳалим ба ҳавлӣ даромаданд. Фарзандони бадахлоқи муаллима. Тарафи Ҳафизуллоҳ меомаданд. Вале чи фикре ба сарашон зад, ки аз роҳашон гаштанд, ҷониби оғил тоб хӯрданд, гови богусолаашонро пешандоз карда, аз оғил ва баъд аз дарвоза баровардан, ҳайвонҳои безабон якзайл баос мезаданд, ҳамсояҳо ташвиш шуда аз хонаҳояшон баромаданд. Арӯси Ҳафизуллоҳ ҳам аз таги чодар берун омад.

– Ҳафизулоҳ, чӣ хап истодай? Говмона бурданд.

– Мон баранд.

– Чиба мебурдаанд?

– Мо аз онҳо қарздорем.

– Қарздор? Барои чӣ?

– Дар тӯй қарздор шудем, – Ҳафизулоҳ дигар сухане нагуфт. Руқиямоҳ пас аз шунидани ҳарфи қарз хапу дам шуд. Офтоб ба паси теппаҳои баланди гирди деҳа гашта, торикӣ омад. Гӯё барои арӯсу домод шаб фаро мерасид. Миёни торикӣ монданд. Рӯзи дигар ҳанӯз офтоб рух натофта, баъди пайи кораш шудани модари Ҳафизуллоҳ боз қарзхоҳ омад. Амаки Рауф. Ҳафизуллоҳ аз сари дастурхон, ки ҳамроҳи арӯсаш як пора нони хушкро ба чой тар карда мехӯрданд, аз ҷой бархост.

– Куҷо? – пурсид арӯс.

– Амаки Рауф омадааст.

– Чӣ мехоҳад?

– Қарзашро мехоҳад.

– Боз чӣ хел қарз?

– Дар тӯй қарздор шуда будем.

– Ин қадар қарзи бисёр. Мо чи хел зиндагӣ мекунем? – Руқиямоҳ бо дили сиёҳ лаби дастурхонро қатъ кард.

Дар миёни ҳавлӣ боз ҷанҷол. Амаки Рауф ду пойро дар як мӯза монда мегуфт, ки дарвозаро меканад. Гоҳ бел мегирифт, гоҳе каланд.

– Чӣ кор мекунӣ? – роҳгузарҳо аз вай мепурсиданд.

– Инҳо аз ман қарздоранд.

– Баъд дарвозаашонро меканӣ?

– Ҳа, канда мебарам. Инҳо шабушк надоранд, ки дар танашон ҷунбад, аз куҷояшон қарзамро мегирам, гову гӯсолаашонро бурданд, хонаҳояшонро ҳам мегиранд, ман ҳам ҳаққамро соҳиб мешавам.

– Ин хел накун, бобо, убол аст, убол, – роҳгузарҳо ӯро насиҳат мекарданд. Вале вай аз раъяш нагашта, сангу хиштҳоро аз девори дарвоза меканд. Ҳафизуллоҳ «монед, амак, Русия меравам, қарзатонро медиҳам, дарвозаро наканед» гуфта белро аз дасти ӯ мекашид, вале амаки Рауф ба ӯ тан намедод, тела медод вайро. Ҳафизуллоҳ гоҳ меафтод, боз мехест, одамони ҳангомаҷӯ паси дарвоза ҷамъ мешуданд. Хабари дарвозаи ҳавлии Ҳафизуллоҳшонро кандани амаки Рауф ба Ҷӯракул расид. Ба сари ҷанҷол давид ӯ. Белу калондашро аз дасти амаки Рауф кашида гирифта, ба миёни ҳавлӣ ҳаво дод.

– Мӯйсафеди аҳмақ, падарлаънат, – чанд мушт ба сару рӯйи вай фуровард.

– Инҳо аз ман қарздоранд, ту кордор нашав, Ҷӯракул, ҳаққи худамро мегирам, ба ҷои қарзам мегирам, – ба Ҷӯракул фаҳмондан мехост, назди вай зорию илтиҷо дошт.

– Инҳо чанд пул аз ту қарздоранд? – ҳисоби қарзашро ба гӯши Ҷӯрақул гуфт. Ҷӯрақул кисаҳояшро кофта, чанд долларро ҳисоб карда ба ӯ дод.

– Қарзатро гирифтӣ, пирхар?

– Ҳа, – долларҳоро ба ҷайбаш андохт.

– Ҳафизуллоҳ, – ба вай муроҷиат кард Ҷӯрақул.

– Лаббай, амак.

– Боз аз кӣ қарздоред? –ҳанӯз ӯ забон накушода буд, ки афзуд: – Касе боз барои қарз биёяд, хонаи ман роҳӣ кун.

– Хуб шудааст, амакҷон, – Ҳафизуллоҳ чангу хору хаси лабҳои ҷомаашро афшонда ба такрор мегуфт: – Раҳмат, амакҷон, раҳмат.

Баъди ҳамон рӯз думи қарзхоҳон аз паси дарвозаи Ҳафизуллоҳшон канда намешуд. Яке паси дигар меомаданд, ҳисобашон гум. Албатта, холаи Зарафо беақлӣ карда, маблағи ночиз гуфта, аз ҳар яки онҳо саду нимсад сомонӣ гирифта буд. Лекин мардуми бедидаю рӯйро бинед, ки ним нагашта аз пайи ҳамон қарзашон шуданд. Оту овоза ба олам, ки холаи Зарафо аз онҳо қарздор, пояшонро дар қуртуқи вай монда, қарзамонро те, гуфта шиштаанд, рӯз намедиҳанд. Намедонад чӣ кор кунад, намедонад ба куҷо гурезад. Дар куни кисаи Ҳафизулло ҳам як тин намонда, қуту йурунашон[1] тамом шуда. Чӣ илоҷ ёбад? Ба хаёлаш боз Ҷӯрақул омад. Ваъда дода буд-ку: касе ба сари қарзаш биояд, назди ӯ роҳӣ кунанд. Хайрият ин одами хайрхоҳ ваъдаашро фаромӯш накарда будааст. Ӯ боз ҷондастгираш шуд. Мушкилии дигар ба сари хола омад. Хӯрду хӯрокашон кам монд. Дар куҳлӣ як панҷа орд ҳам намонда. Чӣ рӯзи сиёҳе, ки кас тӯй кунад, бо орзую ҳавас келин биораду баъд нони хӯрдан наёбад. Айби худаш, тӯйи ҳангомадор мекунам гуфта, дорро баланд баст, фикр накард. Ҷабри келин. Дар дили духтари мардум ҳазор орзу. Ранги баранг бояд ӯ сару либоси нав бипӯшад, дугонаҳо, хешу таборонро талбад, обу иззат кунад, туҳфаҳо бахшад, пӯшаду хӯрад. Лекин афсӯс, ҳазор афсӯс, ки келини вай ҳамин рӯзҳо бо дили гуруснаю табъи хира, оби дида дар параи рӯ мегардад. Рӯи дастурхони онҳо ба ҷуз нони хушку як пиёла чой чизе аз анвои хӯрданӣ не.

Келин худӣ, духтари хоҳари худаш, лек худӣ шуда гунаҳгор шудааст, ки рӯзаш сиёҳ бошад. На. Нагӯяд ҳам аз чеҳраи гирондааш маълум, ки хиҷил аст, ба фикр афтодааст. Ҳар яке аз қарзхоҳонро дида фиғонаш ба осмон мешавад.

– Хола, ҳамин хел ҳеҷ чиз надоштаед, чаро тӯй кардед? Қарздор шудед. Ба ман намефорад ин хел зиндагӣ, – келин гапи дилашро гуфта, холаи Зарафоро бештар дар хиҷолат мононд.

Ба ин дараҷа ба ҳоли ногувору нодорӣ, тангдастӣ афтодани холаи Зарафоро як сабаби дигар ҳам буд. Медонад, одами хурд нест, сараш сафед шудааст. Айби бачаашу келинаш ҳам ҳаст.

Баъди зангириаш Ҳафизуллоҳ пачалкориро ба худ эб надид. Аз баҳри гову гусолабонӣ гузашт, ҳамроҳи бобои Саттор дигар қабр намеканд, ки саду дусад пул меёфт. Айб будааст, ки вай, одами зандор, ба ивази чанд пайса дар боғу майдонҳо алаф даравад, ҳезум шиканад, побел кунад. Умуман,

[1] Дошту надошташон

Руқиямоҳ намехостааст, ки шавҳараш хизматгори дари мардум бошад, аз дугонаҳояш шарм медоштааст, назди дугонаҳояш аз ин хел шавҳар ор мекардааст. Зану шавҳар аз холаи Зарафо як талаб доштанд: «Розӣ шавад, Ҳафизуллоҳ Русия равад, мисли дигарон кор карда, қарзҳояшонро адо намояд, зиндагиро ба роҳ монад». Вале холаи Зарафо намехоҳад. Чи хеле ӯ мегӯяд, бачаи бисёр надорад. Яктою ягона, аз як нон кӣ сер? Нолаи очаи Шариф, ки як сол пеш аз Русия мурдаи бачаашро оварда буданд, ҳоло ҳам ба фалак. Ӯро куштанд ё ба аҷали худаш мурд, ҳар хел гапҳо. Ҳаминаш маълум, ки даҳони очаи Шариф ҳоло ҳам пури хун. Ҳамсояи наздик, ки ҳастанд, қариб ҳар шабу ними шаб ё субҳгоҳ бо овози нолаи вай бедор мешавад. Ё бигирад бачаҳои раҳматии бобои Қобилро, ки ҳардуяшонро дар як рӯз мурда оварданд. Бобои Қобил ҳам мисли холаи Зарафо аз рӯзи ногузаро фарзандонашро ба муҳоҷират фиристода буд. Ба ақидаи холаи Зарафо дасти одами камбағал ба домони орзу намерасида ё чи хеле гӯянд, сағира нон ёбад, биниаш хун шавад. Вагарна кампир мебинад, ки одамони русиярав соҳиби чи дову дастгоҳҳо ҳам шудаанд. Героин мегузарондаанд, героин мефурӯхтаанд. Чанди онҳо пеши назари холаи Зарафо дар байни як-ду сол соҳиби ҳама чӣ шуданд, қасру кушкҳо сохтанд, соҳиби мошинҳои ноёб. Дар мошингирӣ байнашон баҳс, ин гуна пулдорҳо боз байни ҳамдигар носоз. Масалан, Ҷӯрақулу Холиқназар дар як деҳа ҳамдигарро чашми дидан надоранд. Ба ақидаи холаи Зарафо, дар рӯзҳое, ки онҳо зиндагӣ доранд, одаму олам дигар шуда. Замони Шӯравӣ не, ки гӯянд ҳама якхел бизиянд, боию камбағал набошад. На, он замонҳо аз сар гузаштанд. Замони бою камбағалӣ омад. Келини азизу Ҳафизуллоҳи модар ҳам фарзандони ин замонанд, наврӯидаанд, мехоҳанд мисли ҳамсолон бизиянд. Мехоҳанд гӯр сӯзаду дег ҷӯшад, дар дил орзуҳо. Ҳафизуллоҳ ба модар фаҳмондан мехоҳад, ки баҳри адои қарзи зормондаашон дигар ӯ аз ҳеҷ роҳ намегардад, ноилоҷ аст. Мегӯяд, ки герафурӯшӣ ҳам мекунад. Одамони ин мафия чи коре фармоянд, ба ҷо меорад, одам куш гӯянд, мекушад. «Оҳ тавба, тавба», хола даст ба гиребон бурд. Рӯзи ӯ ҳам мисли рӯзе, ки ба сари Холиқназар омада буд. Ба ақидаи худи Холиқназар, ки ду дунё барои ӯ як дунё шуда, зиндагӣ ӯро ба ҳадде оварда буд, ки ё марг ё зиндагӣ бигӯяд. Бале, модар ҳамаи инро медонад, бохабар аст, лек дилаш намехоҳад, ки Ҳафизуллоҳ ба ин роҳҳо биравад. Вай бандаи батақдир нест, вай бандаи батақдир мебуд, аз шавҳар мемонд? Мегӯянд-ку, дев киро занад, ноосударо, камбағалро аз болои уштур саг газидааст. Ҳафизуллоҳро Русия рафтан наменомад, намегузорад, ки вай герафурӯш шавад. Ҳоли герафурӯшҳоро ҳам дидааст. Ду бачаи бобои Нарзулло 17-солӣ суд шуданд. Бачаи Рачаби оқсақол дар герафурӯшӣ се бор ба даст афтод, дар ин се бор ҳам ӯро баровардаанд, ҳамаи ёфту тофташон, то хонаҳою мошинҳояшонро фурӯхта, дар сари фарзандашон заданд. Аз як деҳаи худашон қариб 15-20 нафар солҳост, ки дар кунҷи зиндонҳои Русия хобанд. Баъдан ин, ки Ҳафизуллоҳи вай якта, пуле надорад, ки баъди ба сари ӯ рӯзе омадан соҳибиаш кунад. Як зани дар таги қарзу қавола ғӯтидагӣ аст вай. На, намехоҳад, агар ҳазор келину бачааш хоҳанд ҳам. Лек чӣ роҳ ёбад? Ё баҳри рӯзгузаронӣ ҳам аз Ҷӯрақул қарз пурсад? Як гап, ки Ҷӯрақул ҳам дар масъалаи ба Русия рафтани Ҳафизуллоҳ дар ким-кучое гап кушодааст.

* * *

Қариби намози хуфтан холаи Зарафо хастаю монда дар даст як коса дами гарму ду нон аз дари хонаи Ҷӯрақул мебаромад.

– Хола, – овози Ҷӯрақул ба гӯшаш расид.

– Ҷони хола, – рӯ ба ақиб оварда холаи Зарафо.

– Ин тараф биёед, – ба таги дарвозахона хонд холаи Зарафоро Ҷӯрақул ва чароғҳоро фурӯзон намуд.

– Чӣ мегӯӣ, бачам?

– Чӣ аҳвол доред? Зиндагиҳо чӣ хел! Мешунавам, ҳолатон хуб нест.

– Фаҳмида бошӣ, нағз, бачам, рӯзамон бад аст, Ҳафизуллоҳ бекор, бачам.

– Гӯедаш кор кунад, беақл нашавад, зиндагиро ба гардан гирад.

– Коре, ки вай мегӯяд, ёфт намешавад.

– Ман як фикр дорам, хола, бо қарзу қавола ҳеҷ кас рӯи об намезанад. Дидед, барои нимпула қарзҳояшон ба саратон омаданд, қариб дару дарвозаҳоятонро канда бурданд.

– Ҳазор раҳмат, бачам, хока гирӣ зар гардад, аз фарзандонат бинӣ.

– Ман ҳам, хола, албатта, қарзамро ба шумо бахшида наметавонам.

– Барака ёбӣ, бачам.

– Ман ҳам имрӯз ё пагоҳ қарзамро талаб мекунам, қарз қарз аст.

– Рост мегӯӣ, бачам.

– Мегум, Ҳафизуллоҳро ба Русия роҳӣ кунем, кор кунад, як пайса, ним пайса ёбад, ҳамроҳи бачаҳои худам мефиристам вайро, роҳу равиши пулёбиро ёд медиҳам. Вай ҳам ёбанда мешавад, рӯзгорашро уҳда мекунад, кам-кам қарзҳояшро ҳам меканад. Чӣ гуфтед, хола? – фикри холаи Зарафоро фаҳмидан хост Ҷӯрақул. Вале хола хомӯш буд, гапҳои Ҷӯрақул ба ӯ нафориданд. «Чӣ мегӯяд ин одам? Ҳафизуллоҳ Русия равад мегӯяд? Нее», ба дилаш ларза омад, косаи хӯрок аз дасташ афтод.

– Чӣ, хола, шумо Русия рафтани Ҳафизуллоҳро намехоҳед? Агар нахоҳед, гап занед.

– Намедонам, бачам, – холаи Зарафо даст ба ишкелаки дарвоза бурд, ки наафтад.

– Фикр кунед, хола, илоҷи дигар надорам, қарзамро мехоҳам, – пас аз лаҳзаи сукунат давом намуд: – Дигар қарзхоҳонатон намонданд? – ва худаш ҷавоб гардонд: – Холиқназар қарзашро напурсидааст?

– Не, бачам, Худоё, барака ёбад.

– Хело аст-а қарзи вай?

– Ҳа, бачам.

– Вай ҳавлии холаи Зарафоро мегирам, гуфтааст. Нашунидед?

– Не, бачам, нашунидам.

– Вай одами ганда, рӯю риё надорад, мебинед, ки имрӯз ё пагоҳ деворҳоро гардонда, ҳавлиашро бо ҳавлии шумо яков мекунад.

– Наход ҳамин хел кунад?

– Дина шунидам, худаш гуфт.

– Баъд, ман куҷо меравам?

– Пуламро ёфта те, гӯяд, чӣ мегӯед? – ва боз биафзуд: – Шуморо хабардор

кардам, вай гапашро ду намекунад. Барои ин ки ҳамин хел нашавад, пули қарзашро медиҳам. Деру дур не, ҳамин пагоҳ бурда диҳеду саратонро аз ҷанҷол халос кунед.

– Пули қарзи Холиқназара медиҳӣ?

– Ҳа, ба шумо некӣ мекунам.

– Чӣ хел нағз, барака ёбӣ, бачам.

– Чанд пул буд?

Холаи Зарафо чун одат ҳисоби қарзро оҳиста ба гӯши Ҷӯрақул гуфт. Ӯ аз киссааш бастаи доллар бароварда, назди хола шумурда, ба ӯ дод ва боз таъкид намуд:

– Дер не, ҳамин шаб ё пагоҳ бурда диҳед.

Холаи Зарафо бо хаёли парешону табъи гирифта аз ҳавлии Ҷӯрақул баромад. Бедимоғу ошуфта буд, ки Ҷӯрақул Ҳафизуллоҳро ба Русия равад мегӯяд. Сарфу хароҷоти роҳ, хӯрду хӯрокашро ба гардан мегирифтааст, ба самолёт чипта мехаридааст. Аҷаб гапе-а? Аз холаи Зарафо напурсида, ҳамин хел кор мекардааст. Хабари нохуш, гапи ганда. Долларҳои Ҷӯрақул дар бағал холаи Зарафо аз миёни боғу токзорони эшони Мӯсохон мегузашт, пеши пойҳояшро базӯр медид, роҳаш торик, дилаш сиёҳ. Рӯзе ба сараш омада, ки худаш медонаду Худо.

* * *

Холаи Зарафо аз хонаи Ҷӯрақул баргашт, то пагоҳ фурсат напоида:

– Холиқназар, ҳой, Холиқназар, – аз дарича ӯро садо кард.

– Чӣ гап, хола? Тинҷӣ аст?

– Тинҷӣ, бачам, ба хона биё, гап дорам.

– Чӣ гап, хола? Шаб саҳар намешавад?

– Зарур шудаӣ, бачам, биё, – дари хонаи хобашро кушода Ҳафизуллоюро келинашро ҳам назди Холиқназар хонд.

– Оча, чӣ гап аст? – Ҳафизуллою Руқиямоҳ ҳайрон буданд, ки модар чаро Холиқназарро ба хонаашон оварда боз онҳоро ҳам назди вай мехонад.

– Чаро пеши амаки Холиқназар дароем, оча? – пурсид Ҳафизуллоҳ.

– Шумоҳо шоҳид мешавед.

– Шоҳид? Барои чӣ? – Холиқнзар дар ҳайрат монд.

– Ин ҷо гап ҳаст, бачаҳом, – вақте холаи Зарафою фарзандонаш дуртар аз Холиқназар дар дами дар ҷой гирифта паҳлӯи ҳамдигар нишастанд, хола аз бағалаш бастаи долларҳоро бароварда назди Холиқназар гузошт ва ба фарзандонаш гуфт:

– Дидед-а? Ман қарзи бачаам Холиқназарро медиҳам, шумо бачаҳом, шоҳид шавед, то рӯзе Холиқназар мункир шуда нагӯяд, ки қарзашро нагирифтааст.

– Шумо, холаҷон, маро барои ҳамин даъват кардед? – Холиқназар аз ҷояш хестанӣ шуд.

– Шин, бачам, ба ман гӯш кун, – давом намуд: – Қарз қарз аст, баъд шунидам, ки ҳавлиамонро гирифтанӣ будӣ? Ман ба кадом гӯр меравам? Наход ту маро бехонумон кунӣ? Талхакаф шудам. Ту, бачам, ин хел кор накун, раҳми моро хӯр.

– Ин гапро ба шумо кӣ гуфт?

– Мардум мегӯянд.

– Кадом мардум? Аниқтараш кӣ? Кадом хонасӯхта?

– Намегӯям, ҳамин хел мегӯянд?

– Ҷӯрақул гуфт?

Холаи Зарафо хомӯш монд.

– Ин пулҳо пули Ҷӯрақул аст? – Холиқназар долларҳоро аз болои кӯрпача бардошта, боз ба ҷояшон монд.

– Ҳа, бачам, Худо барака ёбад, ҳамин одам ҷондастгирамон шудааст, ғамамонро мехӯрад, Худо донаҳои бараката ба сараш резад.

– Гапи ҳавлиро ҳам Ҷӯрақул баровард?

– Ҳа, бачам, чӣ рӯямро сиёҳ кунам, ин пулҳоро Ҷӯрақул дод. Боз гуфт, ки дар шоҳидии бачаҳом пулро ба ту диҳам. Боз мегӯяд, ки Ҳафизуллоҳро ба Русия мебарад, ҷамарғааш ба гардани худаш. Чипта мехаридааст, пул медодааст, аз хурду хӯрокаш бохабарӣ мекардааст, вайро дар қатори фарзандони худаш медонистааст.

– Боз чӣ гуфт?

– Гуфт роҳи пулёбиро ба вай ёд медиҳад.

– Шумо чӣ гуфтед?

– Намедонам, бачам, дилам намешавад.

– Ҳамаи ҷонканиҳои вай барои хонаҳоятон аст, беҳуда аз вай қарзи бисёр гирифтед.

– Илоҷ надоштам, хонаю дари бачама обод карда баъд мирам гуфтам.

– Намедонам, илоҷ меёбед, намеёбед, лекин ман ин пулҳои Ҷӯрақулро намегирам, ба худаш бурда диҳед, – Холиқназар долларҳоро ба назди холаи Зарафо гузошт.

– Қарзта намегирӣ?

….Хомӯш монд Холиқназар.

– Ҳавлимона мегирӣ?

– Не, хола, ҳавлиатон ба худатон насиб кунад, ман ҳавлии шуморо намегирам, – Холиқназар аз ҷой бархост.

Холиқназар ва холаи Зарафо ба рӯи ҳавлӣ баромаданд. Боди сард мевазид. Нишонаи салқиниҳои фасли тирамоҳ. Ҳаво соф, ситораҳо пурҷило, равшантар метофтанд. Холаи Зарафо таги куртаи чити ранграфта буд, хунук мехӯрд, ки ба худ меларзид.

– Ҳафизуллоҳро ба Русия нафиристед, – гуфт Холиқназар.

– Худам ҳам дар ҳамин фикр ҳастам, бачам.

– Ҷӯрақул одами нағз нест.

– Худам ҳам фаҳмидам.

– Вай барои андак савдо, барои пул аз ҳеҷ роҳ намегардад, – овози Холиқназар пасттар шуд. Холаи Зарафо базӯр гапи ӯро мешунид.

– Набераи кампири Асалмоҳ ва писари ягонаи Дилмуроди осиёббон аз хотиратон баромад? – шунид овози Холиқназарро холаи Зарафо.

– Мурдаашонро оварда буданд, – ба гап даромад хола.

– Онҳо ба аҷали худашон намурда буданд.

– Обакӣ шуданд, гуфтанд.

Холиқназар боз ҳам пасттар гап мезад. Гуфт, ки Ҷӯрақул бо ваъдаю виоди

зиёд бачаҳоро ба Русия бурда, солҳои сол дар фирмааш кор фармуда, пулашонро надода, дар охир гап мебарорад, ки обакӣ шудаанд. «Баъд як гап, ки» афзуд Холиқназар, – Ҷӯрақул барои ниятҳои бадаш бо одамони бечораҳол, бекас, мӯҳтоҷ, беёру бародар кордор мешудааст.

Воқеаи дигареро ҳам Холиқназар нақл намуд. Ҷӯрақул аз як одами деҳаи Сари Ҷар пул қарз гирифта, баъд имрӯз – пагоҳ гуфта дум дода, бечораро хуб давондааст. Ӯ раҳи хонаи Ҷӯрақулро хурда карда ба деҳа омада мерафтааст, одамон ҳама медонистаанд. Баъд пои рафтуомади ҳамин одам аз деҳа канда шудааст. Ӯ гум шуда, об ба обаш дигар набаромадааст. Аз Ҷӯрақул мардум гумонбар.

Ба дили холаи Зарафо оташ афтод. Вале Ҳафизуллою Руқиямоҳ хурсанд буданд.

* * *

Шаб ба саҳар наомада, холаи Зарафо бастаи долларҳои Ҷӯрақул дар бағал ба роҳи хонаи Ҷӯрақул даромад. Вайро дар лаби ҳавзи миёни ҳавлиаш дид, ки боронии дарози сабзрангаш болои китфҳо назар ба фавворaҳо дорад, оби фавворaҳо баробари чанд қади ӯ боло дамида, заррaҳояш ба дуриҳо пош мехӯрданд.

– Бачам, Ҷӯрақул, – холаи Зарафо наздики вай шуда, долларҳояшро ба дасти ӯ дод.

– Холиқназар нагирифт?

– Ҳа, нагирифт.

– Дидед, гуфтам-ку, мақсади вай дигар. Вай ҳамеша ҳамин хел, пеши роҳи маро мегирад, савдоямро мезанад. Лекин ин дафъа онаи зораша дар чашмаш нишон медиҳам. Пули камам нарафтааст, – Ҷӯрақул ба ғазаб омада боз пурсид: – Боз чӣ гуфт Холиқназар?

– Ҳеҷ чиз нагуфт, – холаи Зарафо хоҳиши бо Ҷӯрақул гап задан надошт.

– Ҳафизуллоҳ наздам омада буд.

– Чӣ мегӯяд?

– Русия меравам мегӯяд.

– Номаъқул кардааст.

– Барояш чипта харидам. – гуфт Ҷӯрақул ва аз модар рӯй гардонд.

* * *

Саҳарӣ қатӣ, лаҳзаҳое, ки холаи Зарафо намоз хонда, дар тараддуди пайи кор ба хонаи Ҷӯрақул рафтан буд, худи ӯ чун сояи шум дар миёни ҳавлӣ пайдо шуд.

– Биё, додар, биё, – холаи Зарафо ба истиқболи Ҷӯрақул пешайвонро поён шуд.

– Ҳафизуллоҳ канӣ, хола?

– Хоб аст вай, бачам, бедор кунам?

– Ҳа, гӯед, пешам биояд.

«Чаро ӯ Ҳафизуллоҳро мепурсад?» – Холаи Зарафо бо хаёли парешон дари хонаи хоби Ҳафизуллоҳро кушод, бедораш кард. Арӯсаш Руқиямоҳ ҳам ташвиш шуда, аз паси ӯ баромаданӣ шуд. Вале вайро аз роҳ гардонд хола.

– Ту набаро, марди бегона.

– Боз ягон қарзхоҳ?

– Не, Ҷӯрақул омадааст.

– Чипта овардагист, дина паспортамро гирифта буд, – гуфт Ҳафизуллоҳ.

– Худат дода будӣ?

– Ҳа.

– Хуб накардӣ, бачам, рӯям сиёҳ мешавад, бачам.

– Ин хел нагӯед, хола, хуб кардааст, ки Ҷӯрақул чипта гирифтааст, – Руқиямоҳ хурсандӣ дошт.

Ҳафизуллоҳу Руқиямоҳ назди Ҷӯрақул меистоданд. Ҷӯрақул даст ба китфи Ҳафизуллоҳ монд.

– Хоҳишатро ба ҷо овардам, чипта харидам.

– Раҳмат.

– Пагоҳӣ ба сарат мошин меояд, боз дар хоб намонӣ?

– Не, амакҷон, барвақт мехезам.

– Хайр, то пагоҳ, – Ҷӯрақул қадам ба роҳ монда, ба хотираш холаи Зарафо расид, ки дар он лаҳзаҳо ҳуши ӯ ба худ набуд. Ҷӯрақулу Ҳафизуллоҳ чӣ мегуфтанд, намешунид. Сараш хам. Намедонист, ки дар хонааш чи гапу ҳарфе сар зада.

– Хола, шумо чиба аз забон мондед? – наздиктари холаи Зарафо омад, – Дам кардед? Фукатон кашол? Намехоҳед, ки бачатон Русия равад? Агар намехоҳед, гӯед. Баъд пагоҳ аз ман домангир нашавед, нагӯед, ки бачама Ҷӯрақул бурда буд. Дар Русия ба сари ҳар мусофир ҳазор бало меояд. Бачаҳоро тоҷик гуфта мекушанд, бачаҳо суд мешаванд. Ба Ҳафизуллоҳ агар ягон гап шавад, боз аз ман набинед. Не, ман метарсам. Ина, бачатон дар пештон. Бигӯед, ки наравад. Наравад, ба ман чӣ? Пули чиптаро болои қарзҳоятон мемонам. Қарзҳоямро талаб мекунам. – Бачам, – Ҷӯрақул Ҳафизуллоҳро бачам гуфт, – агар гапи очата гирӣ, гӯй, ки намеравӣ, агар рафтанӣ бошӣ, гӯй, ки оча, ман Русия меравам. Мардак шав.

– Оча, – Ҳафизуллоҳ сар боло карда ба модар нигарист, – ман меравам, – сурх шудаю сафед шуда ҳамин чанд калимаро ба забон овард.

– Ана, дидед, ман гунаҳгор не-а? Худаш Русия меравам, мегӯяд, шунидед-а, хола? Ту ҳам шунидӣ, Руқиямоҳ?

– Ҳа, шунидам, амакҷон, раҳмат.

– Шунидам, – холаи Зарафо ҳам бо дидаи ашкбор ҷавоб гардонд.

Ҷӯрақул ба мақсад расида буд, ки дар лабонаш ханда омад. Назди дарвоза расида ақиб гашт, назараш ба ҳавлӣ шуд.

Усто Тағоймурод дар як порча замини санглох боғ бунёд кард, хонаю дар сохт. Хонаҳояш чӯбкорӣ, аз дасташ, ки меомад, ин қадар зеб дода даруну беруни онҳоро, сутуну боша, пешюғ, пештоқҳоро гулкорӣ, ба дару дарвоза ҳазор гул андохт, ранг дод. Гирдогирди ҳавлӣ дарахтони себу зардолу, гелосу хурмо, биҳию нок шинонд. Мевае набуда, ки дар ҳавлӣ насабзида. Аксари онҳо пайвандӣ, дар баъзе дарахтон чор – панҷ намуди мева пухта мерасад. Зебоии роҳрави рӯи ҳавлиро намегӯед. Аз таги дарвозахона то поёни пешайвони баланд сангфарш. Сангҳо ҳархела, рангашон сабзу сурхтоб. Дар ҳарду тарафи роҳрав ниҳолакони арча баланд шудаанд, баъд ҷӯякҳои гул, гулҳои

садбарг ва гулу гиёҳҳои дигар. Чашм нарасад гуфта, раҳматӣ аз куҷое чанд каллаи гов ва даста-даста хорҳои кабутак оварда, ҷо-ҷо сари ходаҳо баста ё овезон карда.

Аз дарвозахона болотар боз чанд хоначаҳои паст-пастакак. Онҳо якрӯяпӯш, нигасҳо, обравҳояшон ҷониби кӯча. Деворҳои хонаҳо сафед, аз рӯи талаботҳои имрӯз. Хоначаҳо яке ҷои резу ров, резу роваш майдачӯйдаҳои рӯзгор, баъд ҳезумхона, ошхона, болотар аз ҳамаи онҳо оғилхона. Ҳама чи дар ҳавлии сандуқча барин зебо ҷо ба ҷо. Тарҳи онҳоро раҳматии усто Тағоймурод кашида. Ӯ дар дил боз орзуҳои зиёде дошта.

Ҳоло дили Ҷӯрақул ҳам саршори орзу. Ҳавлӣ азони худаш шудагӣ ҳисоб.

* * *

Холаи Зарафо баъди гусели Ҳафизуллоҳ ба Русия чанд рӯз сар аз болин бардошта натавонист. Шаби гусели ҷигарбандаш ягон лаҳза хобаш набурд. Аз хонаи Холиқназар шир талбид, як пиёла равғани зағир аз худаш баромад, чанд панҷа орди таги сурфаро такид, хамир шӯрид, кулча пӯхт, кулчаҳои боширу равған. Баъд кулчаҳоро бо як-ду килло мавизи бақоиаш ба халта андохт. Бачааш гурусна ки монд, кулчаҳои пӯхтаи мадарро бихӯрад. Ҳафизуллоҳашро ҳеҷ кас мисли модар дӯст намедорад, на хола, на завҷааш Руқиямоҳ. Як назараш шаб ба бачаю келинаш афтод, ки як даст тагу як даст рӯ масти хоб буданд. Аммо холаи Зарафо хоб не, шаб то саҳар гирди хонаи бачааш гашт, то дами субҳ, то дами рӯзи равшан. Баъд келину бачаашро бедор кард. Дастархон густурд. Пагоҳие, ки пеш аз сафари роҳи дур холаи Зарафо ҳамроҳи ҷигарбандаш нону чой ошомиданӣ. Бачаашу келин ва модар гирди дастурхон менишастанд. Ҳафизуллоҳ акнун пиёлаи чойро ба даст гирифта лаби нонро шикаста буд, ки дарвозаашон сахт-сахт кӯфта шуд, ошарфи мошин.

– Ҳафизуллоҳ, ҳой Ҳафизуллоҳ! – овози Ҷӯрақул баланд гашт.

– Омаданд, оча, – Ҳафизуллоҳи модар бо даҳони нохӯрда аз сари дастархон хест.

– Меравӣ, бачам? Чӣ хел дилат мешавад, ки маро партофта меравӣ? – оби дида кард холаи Зарафо. Бо дидагони ашкбор дастонаш ба гардани Ҳафизуллоҳ ҳалқа хӯрданд, – меравӣ, бачам? – такрор намуд модар.

– Гиря накунед, хола, – Руқиямоҳ ӯро насиҳат кард.

– Оча, дуо диҳед, очаҷон, дуо диҳед, гиря накунед, – Ҳафизуллоҳ бари рӯи модарро бӯсида, мӯйҳои парешони ӯро сила мекард.

– Ҳафизуллоҳ, ҳой, Ҳафизуллоҳ, аз самолёт мемонем, Ҳафизуллоҳ , – Ҷӯрақул Ҳафизуллоҳро маътал нашуда, бо қаҳру ғазаб дарвозаро тела дода кушод.

– Хайр, оча, хайр, очаҷон, – хайргӯиҳои Ҳафизуллоҳ дар гӯши модар монд. Пеши чашмонаш сиёҳӣ заданд. Мошин роҳакӣ шуд.

– Бачама бурданд, бурданд, – мегуфт бехудона модар.

Офтоб мебаромад, нурҳои зарринтоби он рӯи роҳу роҳравҳо медавид. Баоси гову гӯсола, бузу бузғолаҳо баланд. Бачаҳо гову молҳояшонро ба подаҷо мебурданд. Оғози рӯзи нав, рӯзи наве, ки он барои холаи Зарафо рӯз набуд.

* * *

Баъди се рӯзи гусел модар овози Ҳафизуллоҳро аз телефон шунид.

– Оча, очаҷон!

– Ҷони оча, ҷон! Ҳафизуллоҳӣ? Дар овозат мирам, Ҳафизуллоҳӣ?

– Ҳа, очаҷон, худам ҳастам, худам, – овоз аз телефон канда шуд. Модар «ало, ало, бачам, гап зан, бачам, баландтар гап зан», гуфта телефонро ба бехи гӯшаш сахттар пахш мекард, аммо аз он дигар садое намешунид.

– Руқиямоҳ, дар куҷоӣ, Руқиямоҳ?! – келинашро садо кард. – Бачам гап намезанад, – гуфт ба ӯ.

– Гӯширо ба ман диҳед.

– Гӯшиаш чӣ?

– Телефон.

– Ҳамин телефон аст? – гӯширо ба Руқиямоҳ дод.

– Ҳа, холамоҳ.

– Ҳафизуллоҳро гӯй гап занад, очат қатӣ гап зан гӯй.

Руқиямоҳ ҳар қадар, ки рақам мегирифт, гап зада наметавонист, алоқа қатъ гашта буд.

Ҳамин тариқ холаи Зарафо дар умраш бори аввал бо телефон гап зад, аз телефон овози Ҳафизуллоҳро шунида рӯҳу мадор ёфт. Ба Ҳафизуллоҳу овози ӯ садқаю банда мешуд, баъдан, қарибе ҳар саҳару бегоҳ овози бачаашро мешунид. Ҳатто рӯзе бачаҳои ҳамсоя аз Ленинград баргашта, аз Ҳафизуллоҳ ба модар паём ва чанд доллар оварданд, хотири ӯ шоду дилаш мадор мегирифт. Дар ҳаққи Ҷӯрақул дуои хайр мекард, ки Ҳафизуллоҳи ӯро таги бол кашидааст, ӯ пулёб шудааст. Аммо таассуф, ки хурсандии холаи Зарафо дер накашид, пеши чашм омад. Дев киро занад? Ноосударо. Дар айни андаке дили модар осудагӣ ёфтан буд, ки ба сараш кӯҳи ғам омад. Ҳамааш баъди як телефони ӯ. Ҳамон рӯз ба хонаи Ҷӯрақул пайи кораш рафта натавонист. Шабаш хоб нарафт. Чашм мепӯшиду Ҳафизуллоҳ пеши назараш. Парешон, ноосуда буд. Ӯро ба ким-куҷое мебурданд, халос ёфта наметавонист. Чашмаш чор, мадад мехост, вале ба додаш намерасиданд. Модар ба фикр афтода, ки ба Ҳафизуллоҳ телефон карда ҳолашро пурсад. Шаб, ки буд, аз фикраш гашт. Шояд бачааш масти хоб асту нофор мешавад.

Саҳар шуд, офтоб баромад, ҳанӯз модар дар фикре, ки ба ҷигарбандаш телефон кунад ё накунад. Ба хаёлаш саҳар ки шудааст, худаш аз рӯи одат сим мезанад. Аммо офтоб қарибе ба миёни осмон омадаю телефони дасти келин хомӯш. Чӣ гап шуда ба бачааш? Дилашро гургҳо тала мекарданд.

Ниҳоят садои занги телефон баланд гашта, холаи Зарафоро ба худ овард. Келинаш рӯи ҳавлиро об зада мерӯфт. Хола саркану покан тарафи ӯ давид. Руқиямоҳ бо телефон бо Ҳафизуллоҳ гап мезаду кампир бо даҳони воз ҳушу гӯш ба вай меистод.

– Чӣ мегӯяд бачам? Сиҳат саломат аст? Бипурсаш, бипурс, гӯй, ки ҳамин шаб аз хоби очат набаромадӣ, алахон аст, гӯй, тез гап зан, келин, – модар бетоқат шуд, чанг зада телефонро аз дасти Руқиямоҳ гирифт: – Мон, худам бачам қатӣ гап занам, телефона ба худам те, – модар ҳушу хаёл надошт. – Бачам, гап зан. Ҳафизуллоҳ, гап зан, – аз сарурӯяш бехабар, мӯйҳои сафедаш пеши чашмонашро гирифтаанд, бехудона ҳарф мезад: – Бачам, худат ҳастӣ?

– ба такрор мепурсид ва меафзуд: – Гап зан, бачам, дар торҳои ришат бимирам, гап зан, ман худам ҳастам, модарат. Тарсидам, бачам, аз хобам берун нашудӣ, бачам. Чӣ гап шудааст ба ту, бачам? Тинҷ ҳастӣ? Гап зан, бачам… – модар ба Ҳафизуллоҳ фурсати лаб кушодан намедод.

– Оча, ҷон, очаҷон, ман худам, ман Ҳафизуллоҳ, ман сиҳат саломат, вақтам хуш, дигар ман гап надорам, оча, ман роҳакӣ ҳастам, оча! – бачаи кампир саросема, вақташ танг буд, ки зудтар гапашро тамом кардан мехост, аммо модар аз ҳоли ӯ бехабар, ба вай ҳарфу суханҳои худашро мегуфту мегуфт.

– Оча, ман роҳакиам, маро бурда истодаанд, – аз баёни ҳарфҳои охир Ҳафизуллоҳ пушаймон шуда боз афзуд: – Ман ҳамроҳ дорам, ман меравам.

– Куҷо меравӣ, бачам? Ҳамроҳат кӣ аст? Бачаҳои акаи Ҷӯрақулат қатӣ нестӣ?

– Не, не, оча, ҳамроҳи ман як каси дигар. Вай маро мебарад.

– Куҷо мебарад? Вай кӣ аст?

– Намешиносам.

– Оҳ рӯям сиёҳ, нашиносӣ, қатиш нарав.

– Ҳамин мардак мегӯяд, ки ба ман кор меёбад.

– Ҳоли ҳам ҷои кор наёфтӣ?

– Не, оча, худатон гуфтед-ку, доруфурӯшӣ накунам.

– Хуб мекунӣ, бачам, бо меҳнати ҳалол нон ёб.

– Ҳамин одама бачаҳои Ҷӯрақул ёфтанд, мана ба вай нишон доданд, пичир-пичир карданд.

– Оҳ, рӯям сиёҳ, чӣ гуфтанд ба вай, вай ба ту чӣ кор меёбад?

– Магазин доштааст, пули зиёд медиҳам мегӯяд, ду ҳазор доллар.

– Оҳ чӣ хубе. Ҳушёр шав, аввал таҳту товша фаҳм, ба ҳар кас бовар накун, бачам. Ҷои бегона аст, мегӯянд Ленинград ҳазорхонаи гов аст, боз худатро гум накунӣ. Баъд аз ҳамин мардаки мебурдагӣ эҳтиёт шав. Урус аст?

– Не, оча, урус нест. Ба назарам одами нағз наметобад. Ҷӯраи Ҷӯрақул аст мегӯянд. Оча!

– Ҷони оча.

– Хайр, дари мошинро кушодааст, тез даро, вақт надорам мегӯяд. Телефона ба Руқиямоҳ диҳед, хайр, хайр, оча.

– Руқиямоҳ.

– Лаббай, Ҳафизуллоҳ.

– Ман рафтам, ана ба мошин даромадам.

– Омадӣ, телефон бикун.

– Телефон мекунам, Руқиямоҳ, аз ҳоли очам бохабар шав, Руқиямоҳ, хайр.

– Хайр.

– Хайр…чи тарзе мардум мегӯнд: хайр, хайргӯии зиёд хосият надошта. «Хайр, хайр»…

* * *

– Руқиямоҳ, ҳой, Руқиямоҳ, – ба келинаш дарди дил гуфтанӣ буд холаи Зарафо.

– Лаббай, холамоҳ.

– Мегум, чӣ кор кунам? Ба сари бачам боз ягон бало наояд. Дидӣ-а? Шунидӣ? Бачама бурданд, – боз ҳамон ҳарфҳоеро, ки рӯзи гусели Ҳафизуллоҳ зикрашон менамуд, дар забонаш: – Бачама бурданд…

– Нияти бад накунед, хола, ҳеҷ гап намешавад. Ҳафизуллоҳ кор меёбад, маошаш зӯр мешавад: ду ҳазор доллар.

– Ҳис накардӣ? Авзои бачам беҷо буд, тарсида-тарсида гап мезад, ҳамроҳаш одами нағз набудааст, бачам фаҳмидааст, ягон чӣ пай бурдааст, садқааш шавам, зирак аст, беҳуда дар дилаш ваҳм наомадааст.

– Одами бад бошад, амаки Ҷӯрақул бо вай ҷӯра мешавад? Дилатонро пур гиред, хола, ҳар хел фикрҳо накунед.

– Ку, телефон кун ба бачам.

– Ҳамин ҳозир худаш қатимон гап зад-ку.

– Ҳа, рост мегӯӣ, ҳозир гап зад. Лекин ту дили мана намедонӣ, келин. Дилам ҳазор г..ҳ мехӯрад, мегум, боз аз бачам намонам.

Рӯз бегоҳ мешуд. Ба дили модар бештар сиёҳӣ меомад, хотираш ноҷамъ. Дар интизори занги телефони Ҳафизуллоҳ, аз пешайвон ба хона намедаромад, такя ба сутуну чашм ба осмон Худо мегуфту Худо, аз он зоти пок мадад мехост, ки Ҳафизуллоҳи ӯро нигаҳбон шавад.

Аз шаб посе гузашту холаи Зарафо бедор, таги як куртаи чити гулдор хунук мехӯрд. Шамол мевазид, шамоли сарди тирамоҳ. Баргҳои хазоншудаи дарахтони рӯи ҳавлӣ пеши пойҳояш меафтоданд. Айёми хазонрез. Шаб саҳар шуду холаи Зарафо аз берун хона надаромад. Хоб рафта натавонист. Бо хоҳиши ӯ Руқиямоҳ як лаҳза дам нагирифта рақам мезад. Телефони Ҳафизуллоҳ хомӯш. Чӣ гап шуда ба ӯ? Телефони бачаҳои Ҷӯрақул ҳам ҷавоб намегардонд. Холаи Зарафо сар ба сутун мезад. Ба оҳу нола даромад, тоқаташ намонд, ларзидаю дақида роҳи хонаи Ҷӯрақулро гирифт. Аз хоб нахеста будаанд, дарвозаашон руст. Бо сангу чӯб ба дарвоза зад. Ҷӯрақул таги куртаю эзори сӯфи сафед бо тарсу ҳарос дарвозаро боз кард.

– Бачам нест, бачама бурданд, – бо оҳу фиғон холаи Зарафо дохили ҳавлӣ шуд.

– Хола, хола, дам шав, бачаҳом метарсанд, хобанд, келинам умедвор, як гапу кор шавад, бева… – Ҳарфи ноҷо ба забон овард Ҷӯрақул, баъд аз сари ҷаҳл фуромад: – Чӣ мегӯӣ? Чӣ гап шудааст?

– Бачама бурданд!

– Кӣ бурд? Аз куҷо фаҳмидӣ?

– Телефон қатӣ гап зад бачам, як ошнои ту бурд бачама. Кор ёфта метемта гуфта бачама бурд.

– Ин хел гапа нагӯ, хола, дар Ленинград ман ошно – пошно надорам. Баъд, хола, ба бачат ҳеҷ гап намешавад. Ман зомин, вай сиҳату саломат аст. Бардошт кун, худаш телефон мекунад.

– Телефонаш ҷавоб намедиҳад, гуфтам-ку, телефонаш ҷавоб намедиҳад, – боз такрор намуд.

– Шумо сода, хола, – фикр карда, фикр карда ба шумо, шумогӯӣ гузашт Ҷӯрақул, – Ленинград Теппаи Самарқандии худамон нест, ки як қадам роҳ бошад. Вай як мамлакати дури аз дунё берун, баъзан ҳафтаю моҳҳо алоқа канда мешавад. Ба бачаҳои худам ҳамин ҳолатҳо рӯй додааст, баъд боз теле-

фон мекарданд. Ҳафизуллоҳро меёбам, хола. Худи ҳозир ба ҳама ҷо телефон мекунам, ҷанг мекунамаш, мегӯям, дигар ин хел номаъқулӣ накунад, очаша натарсонад, телефон кунад, – Ҷӯрақул дили модарро пур кард.

– Дар забонат садқа, Ҷӯрақул, ҳамин хел кун, бачама ёб, ҷанг кунша, гӯ телефон кунад, очаша натарсонад, Худо умри бачаҳакота дароз кунад, барака ёбӣ, аз фарзандонат бинӣ, – холаи Зарафо дар ҳаққи Ҷӯрақул дуои нек карда, худ ба худ гап зада –гап зада бо хотири андаке осуда аз дарвозаи Ҷӯрақул берун шуд.

* * *

Ин бегоҳ ҳам холаи Зарафо пас аз анҷоми хизмати дари хонаи Ҷӯрақул хурмачаи дами гарм ва як-ду нон дар даст аз ҳавлии ӯ баромад. Шаб шуда буд. Ҳар бегоҳ ҳолаш ҳамин. То бевақтиҳо сараш аз кор берун намешавад. Аз он рӯзе, ки охирин бор бо телефон бо Ҳафизуллоҳаш гап зада буд, қариб ду моҳ мегузарад. Аз он рӯз инҷониб аз вай хату хабаре не, ҷигарбандашро модар гум кардааст. На шаб хоб дораду на рӯз. Менолад, бо мурғони ҳаво гап мезанад, ки бачаи ӯро надидаанд. Ҳангу мадораш намондааст, бо асо роҳ меравад. Сар ба дари хонаҳое мезанад, ки фарзандонашон дар Русияанд. Аз бачааш хабар мепурсад. Вале касе набуда, ки ӯро дида ё овозашро шунида. Одамӣ банди ҳазору як дарду заҳмат бошад ҳам, боз қути лоямут мехоста. Ғам мехӯраду дар хонаи Ҷӯрақул меҷунбад. Торикбарӯз ба дари хонаи ӯ меояд, миёнашро аз ҳафт ҷо мебандаду ҳавлии калони бесару нӯги ӯро мерӯбад. Баъд роҳаш сӯи оғилҳои гову молҳо. Ба охӯрҳо коҳу беда, кунҷора меандозад. Баъди молҳоро ба пода ҳай кардан таги пои онҳоро тоза мекунад, порую пихники рӯи ҳавлиро ба лаби сойдара бурда мерезад. Мадораш наемонад, Ҷӯрақул дар ин мавридҳо гӯё ғами ӯро хӯрда мегӯяд:

– Мегум, хола, як кор кун.

– Чӣ кор, бачам?

– Келинатро гӯй, биёяд, ёрдам расонад. Ба вай алоҳида пул медиҳам.

Чанд рӯз боз Ҷӯрақул аз холаи Зарафо хаминро талаб дорад. Вале забони ӯ намегардад, ки ин гапро ба Руқиямоҳ гӯяд. Келинаш ҷавон, арӯс аст, хушрӯй. Аз афташ, дар дили Ҷӯрақули лаънатӣ ягон гап омадааст. Чашмонаш бечо. Ду рӯз аст, ки ӯ ба хонаи Ҷӯрақул, ки омад, вай белаш дар сари китф аз дар мебарояд. Ба хонаи холаи Зарафо мерафтааст. Сар-сари деворҳо симхор кашидааст, дар ҷо-ҷои ҳавлӣ ниҳол шинондааст. Бехи дарахтону токҳоро побел кардааст. Худе, ки ҳавлӣ ҳавлии худаш бошад. Намегӯяд, ки дар хонаи холаи Зарафо келинаш ҳаст, танҳо аст, ёш аст. Не, не, ин хел фикрҳо намекунад, гов барин бе пушт-пушт ба хонаи бемард даромада меравад. Кадом рӯз худи Руқиямоҳ ба забон омад. Мегӯяд, ки Ҷӯрақул бо ҳар баҳона аз поёни боғ ба пешайвон омада «як пиёла чой, як коса об» гуфта ба вай гап меандохтааст. Шӯхиҳои бечо мекардааст. Баъд боз чанд шаб мешавад, ки холаи Зарафо дар ҳавлиаш соя мебинад. Як шаб аз паси дар шарфаи пой шунид, бо доду фарёд аз ҷойхобаш хест, аз паси оне, ки саросема аз пешайвон мефуромад, давид. Ӯ Ҷӯрақул буд, ғайри ӯ дигар бандазоти Худо набуд. Кӯр набуд, дид, ки дар тани Ҷӯрақул ҳамон ҷомаи балхи нофармонаш, ки ҳар рӯз дар хонааш пӯшида мегардад. Хабари ба хонаи холаи Зарафо одам даромадан дар деҳа

паҳн шуд. Падару модари Руқиямоҳ ба сари холаи Зарафо омаданд.

– Ба хонаат одам даромадааст, мегӯянд? – падари Руқиямоҳ бо ғазаб аз холаи Зарафо пурсон шуд.

– Намедонам, соя дидам.

– Медонӣ, ин одам кӣ?

– Аз куҷо донам.

– Медонӣ, Ҷӯрақул аст.

– Хонааш сӯзад.

– Ҳамааш айби худат. Аз вай қарз гирифта, ҳамаро ба бало монондӣ, зиндагиро калет кардӣ.

– Аз куҷо медонистам, ки вай ин хел падарлаънат аст.

– Руқиямоҳро мебарам.

– Руқиямоҳро мебаред? Ҷон, язнаҷон, ин кора накунед. Бе вай ман мемирам. Баъд, язна, умед дорам бачам мебиёяд.

– Бачат, ки омад, келинат аз худат. Ҳозир ман духтарма мебарам. Нангу номус дорам, зиндаам.

Гуфтугӯи байни холаи Зарафою хоҳар ва язнааш охир намеёфт. Вай як гап мегуфту онҳо сари гапи худ буданд.

* * *

Рӯзи дигар холаи Зарафо аз пайи кораш наафтод. Хонаи Ҷӯрақул нарафт, дилаш аз зиндагӣ хунук, ба пораҳои ях баробар шуда буд. Дигар ӯ баҳри чӣ ҷунбаду баҳри чӣ аз пайи нону об шавад? Як сари қоқи худаш. Заҳра хӯрад, нон гуфта дар таги девори ғурбат бимирад. Марг мехоҳад, марг. Ҳамон рӯз ва рӯзи дигар аз хона набаромад, сарашро бо кӯрпа печонда хобид. Гоҳе чашм мекушод, гузашти рӯзу шабро пайхас намекард. Ва баъд як бало карда аз ҷой хест, асояшро ҷуст, аз дарвоза берун шуд, лаби ҷӯи канори роҳ чашм ба об истод. Хазонрезаҳо рӯ – рӯи об мерафтанд, об мебурд хазонрезаҳоро. Хаёли ӯро ҳам об мебурд. Дар деҳа чанд мурдаи тоза, як-ду моҳ пештар аз Русия ду тобут оварданд, якеаш бачаи амаки Абдурасули ошпаз, дигарӣ бачаи худораҳматии Ҳафиз. Модарони ин бачаҳо меноланду меноланд. Сараш аз кори хонаи Ҷӯрақул, ки берун набуд, ба хонаи онҳо фотиҳахонӣ нарафтааст. Худи холаи Зарафо ҳам ғамзада.

Аввал ба хонаи бобои Абдурасул, ки хело дур, дар лаби сангоб аст, роҳ гирифт, шиштаю хеста, дам гирифта, қариби ба миёни осмон омадани офтоб ба кулбаи ӯ расид. Зани бобои Абдурасул Ҳамидабону дугонааш аст, бо ҳам мактаб мехонданд. Назди ӯ забонкутоҳ аст, ки суроғаш накард. Ҳарду ғамзада, ҳарду ғами бачаҳояшонро нолиданд. Ҳамин тариқ, чанд рӯзи дигари холаи Зарафо бо модарони ғамдори деҳа гузашт.

Бегоҳие ба ҳавлиаш бармегашт. Дарвозаашонро кушода дида дар ҳайрат монд. Чароғҳои таги дарвозахона, рӯи ҳавлӣ ва пешайвон ҳама фурӯзон. Ҳавлиаш рӯз барин равшан, гапзанӣ, ғалоғула. Овози келинаш Руқиямоҳ ба гӯшаш омад. язнааш гуфта буд: «Бачаат, ки омад, келинат аз худат» Шояд ягон хабари хуш аст, Ҳафизуллоҳ ёфт шудагист, ё аҷаб не, хабари омад-омади ӯро шунида келинашро овардаанд. Чи хубе, хабари омад-омади

Ҳафизуллоҳ. Ҳавлиаш бӯи одамӣ мегирад. Ҳапал-тапал,[1] афтодаю хеста паллаҳои зинаи пешайвонро боло шуд. Асояшро такя ба як сутуни пешайвон гузошта нафас рост кард.

– Ассалому алайкум, келин, – аз хурсандӣ холаи Зарафо аз ҳама аввал ба Руқиямоҳ ҳамгап шудан хост. – Омадӣ, бачам? – Вай аз сари меҳр келинашро «бачам» ҳам мегуфт. – Хуб кардӣ омадӣ, ту нуру намуди хонаам ҳастӣ, дар пеши поҳот бимирам, хонаҳакот ба худату шавҳарат насиб кунад. Омадӣ, бачам, хуб кардӣ, омадӣ, бачам, – ӯ ба такрор ин ҳарфҳоро ба забон меовард. – Бовар кун, дар ин ду-се рӯзи набуданат аз ақл бегона, қарибе девона шудам, бачам, девона. Ман бо тую Ҳафизуллоҳ зиндаам. Биё, бачам, пеш биё, бинумта. – Холаи Зарафо аз таги гапу ҳарф бехабар аз шодӣ худашро гум карда ҳарза мегуфт.

– Хола, холаҷон! – Руқиямоҳ дигар хомӯш истода натавонист, – Ҳафизуллоҳ, холаҷон, Ҳафизуллоҳ, – гуфта хушдоманашро оғӯш кард. Даст ба гарданаш андохта ба нола даромад: – Ҳафизуллоҳ, холаҷон, Ҳафизуллоҳ, – мегуфту фиғон мекашид. Модари Руқиямоҳ сари овози духтарашро гирифт, садои нолаю ғирев аз хонаи холаи Зарафо ба фалак печид, дар як они воҳид хонаҳои ӯ пур-пури одам шуд, ҳаққу ҳамсояҳо сӯи ҳавлии вай медавиданд. Шунидаанд, ки мурдаи Ҳафизуллоҳро ёфтаанд, вайро меовардаанд.

– Мегӯетон, ки мурдаи бачама мебиёранд? Мурдаи Ҳафизуллоҳа? – Холаи Зарафо чанд бори дигар «Ҳафизуллоҳ» гуфту аз ҳуш рафт. Бо ҳамин дигар дар ҳавлиаш чӣ қиёмате сар зад, бехабар монд. Ҳамон шаб мурдаи бачаи ӯро ба хонааш оварданд. Мехостанд, ки модар рӯи хунуки ҷигарбандашро бинад, бубинаду умедаш канда шавад, вале вай ҳамон беҳуши шудагиаш беҳушу беёд. Тобути Ҳафизуллоҳро аз ҳавлӣ баровардаанд. Аз рӯи таомул баъди ба хок супоридани Ҳафизуллоҳ мардум аз сари гӯр боз ба хонаи мурдадор баргаштанд, дуою фотиҳа хонаданд. Вале ҳанӯз модари ӯ ба ҳуш наомада.

Пас аз ду рӯз холаи Зарафо чашм кушод. Дар ин ду рӯзи беҳушии ӯ гӯё вай як дилсӯз дошт. Барои ба ҳуш омаданаш хун мехӯрд. Ба сари духтурҳо медавид, дорую давоҳои пурқимат пайдо менамуд. Дар забонаш як ҳарф, ҳарфи «бева». Ӯ мегуфт «Беваро ба худ биёред, коре шавад, пайгири бачааш нашавад, вай аз ман қарздор аст. Коғазе дар даст дошт. Мехост коре шавад, ки холаи Зарафо ба ҳуш ояду ба он имзо гузорад, розигӣ диҳад, ки бар ивази қарзҳояш ҳавлиаш ба Ҷӯрақул дода шавад. Хайрият дар ҳамин лаҳзаҳои ҷонбароии Ҷӯрақул дар бадани холаи Зарафо ҷон даромад, вай чашм кушод, ба ҳуш омад. Лекин дар ҳамин лаҳзаҳо, ба ақидаи Ҷӯрақул, ки аз куҷое болои сари холаи Зарафо як балои дигар Холиқназар пайдо гашт. Назди вай акнун Ҷӯрақул чӣ тавр мегӯяд, ки холаи Зарафо аз ӯ қарздор асту ба коғази дасташ аз вай имзо мехоҳад. Коғазаш дар даст пас-паси одамон ақиб рафт. Ба оғӯши анбӯҳи дарахтони поёни ҳавлӣ даромад. Интизорӣ мекашид, ки кай ӯ меравад. Аммо фурсати зиёд мегузашту Холиқназар аз хона берун намеомад. Дар дили Ҷӯрақул алов ғалтид. Холаи Зарафо аз Холиқназар ҳам қарздор. Қарзаш хеле. Шояд ӯ ҳам хонаю дар ва ҳавлии вайро пешчашма кардааст. Худозада муштамзӯр аст. Наркобарон, миллиардер, одами ҳукумат, депутат, раиси

[1] Ба маънии саросема.

ҷамоа. Яқин, агар ҳавлиро гирифтанӣ бошад, мегирад. Ҷӯрақул ду даст дар бинӣ мемонад. Рӯзе набуд, ки бева қарз нагӯяду ӯ ба вай қарз надиҳад. Мисле ки вай саг буду ав, ки мегуфт, Ҷӯрақул ба даҳонаш пул мепартофт. Бекаллагӣ кард, аз бева забонхат напурсид. Умед дошт, ки баъди гӯру чӯби бачааш назди бева бароҳат менишинаду дафтари қарзҳояшро пеши ӯ мекушояд, як барчанд ҳисобӣ карда ҷамъулҷамъи қарзҳоро ба ӯ мегӯяду баъд гапро ба сари хонаю дар, ҳавлии вай меорад. Вале ба бахти бади вай ин хел нашуд. Бурд бурди Холиқназар, бурд бурди куҳнадушмани вай шуд.

Ниҳоят дар равшании чароғҳо Ҷӯрақул дид, ки Холиқназар ҳамон кулоҳи сабилии сиёҳаш дар сар бардам-бардам қадам партофта, тарафи дарвоза мерафт. Ким-кайҳо, вақти офтобшин ӯ дохили кулбаи холаи Зарафо шуда буду ҳоло қариби ними шаб шуда. Масъалаи ҳавлиро ҳал кардагист. Ҷӯрақул дигар рӯз пӯз шавад гуфта намешинад, ба сари бева медавад. Хоб бошад ҳам, ӯро мехезонад. Имзояшро мегирад. Шавад, бо хубӣ, нашавад, чӣ кор карда нашро худаш медонад, сабру таҳаммул бас!

Дари хонаи хоби холаи Зарафоро бо шаст кушод. Занҳои бисёре, аз ҷумла, келини кампир Руқиямоҳ, хоҳари ӯ – модари Руқиямоҳ, очаи Холиқназар дигару дигар занҳо пушт-пушти якдигар нишаста, сар ба қатори холаи Зарафо мегуфтанду мегиристанд. Бева ба ҳуш буд, гап мезад, ҳасрат мекард, «Воҳ, бачам, ҷон, бачам» мегуфт, мегуфту менолид. Нигоҳи норозиёна, нафратовари занҳо ба Ҷӯрақул шуда буд.

– Ман гап дорам, як тараф истед, гузарам, гӯш кунед, чӣ мегӯям, – пирзанеро тела дода пеш гузашт, рӯ ба холаи Зарафо чорзону зада, болои сари ӯ нишаст. – Хола, чӣ ҳол дорӣ? – бурутҳои мошубиринҷашро миёни ангуштони чалладораш совида даҳон кушод.

– Аҳволма медонӣ, бачам, Худо мегӯям, рӯзи маро ба сари морҳои газанда набиёрад.

– Медонам, шукр гӯй, дар тақдирам будааст гӯй, аз Худо бин.

– Худо мегӯям, бачам, Худо мегӯям, ки амонатиашро соҳиб шавад.

– Ин хел нагӯй, хола, хуб шуд, ки аз мурдан раҳидӣ. Хело ташвиш кашидам, давидам, духтур овардам, сарфу хароҷот кардам, ки намурӣ.

– Раҳмат, бачам, донаҳои бараката Худо дар сарат резад.

– Ту мемурдӣ, ман чӣ кор мекардам? Мурдаи бачата аз Ленинград овардам, гӯру чӯб кардам. Гӯрков пул гирифт, мурдашӯй пул гирифт. Мулло пул гирифт, се газ замина харидам. Хатми Қуръон фармудам, як кас – ду кас хонаат мебиёяд гуфта, қанду қурс, харбузаю тарбуз овардам, дар нонвойхона нон фармудам. Ҳамаи ин корҳо бепул намешавад. Бачат қарзи бисёр қатӣ ба хок рафт, кафаниаш ҳам аз пули ман, ҳамааш қарз. Се шаб мешавад, бачаат дар гӯр қарор нест, ҷавоби қарзҳоро дода наметавонад. Дар хоби Мулло Тӯроби ҷиянам даромадааст.

– Бачам дар хоби мулло Тӯроб даромадааст?

– Ҳа, гуфтааст, ки очама гӯед қарзҳоро диҳад, зорӣ кардааст, агар бовар накунӣ, муллоро ҳозир наздат мебиёрам.

– О Худо, наход бачам нороҳат аст?

– Нороҳат ҳам гап, зери шиканҷа аст, дар ҷавоби пурсандаҳо дармондааст.

– Эҳ, Худое, наход ҳамин хел бошад?

– Як роҳ ҳаст, барои он, ки бачаат дар гӯр бароҳат хоб равад, дар суолу ҷавобҳои Мункару Накир дарнамонад, қарзҳои мана аз гардани худату бачаат соқит мекунӣ. Халқи Худо медонанд, ки ту аз ман қарздорӣ.

– Рост мегӯӣ, бачам.

– Қарзи Холиқназарро чӣ кор кардӣ? Вай ҳавлӣ гирифтанӣ буд, додӣ?

– Не, не, вай Холиқназар, бачам, мард аст, ина ҳамин ҳозир, дар пеши ҳамаи ҳамин одамҳо қарзашро бахшид, ту ҳам бачам, бахш, савоби ду дунёро аз худ мекунӣ.

– Ҳа, ман мебахшаму андак дертар. Пулҳои ман бо меҳнат омадааст, Холиқназар барин хуни мардума макида пул намеёбам. Мардуми ҷамоати Ободонро ба дод овардааст, оби халқа бепул намедиҳад.

– Ба даҳонат нигоҳ карда гап зан.

– Эҳ, ту очаи Холиқназар, ҳаминҷоӣ? Ҳай, ҳай, туро ҳам гапу, – бо киноя пеши даҳони холаи Ҳуснороро гирифт: – Ана ин дафтари қарзҳо, – Ҷӯрақул як дафтари сиёҳи калонро аз бағалаш бароварда ба ҳама нишон дод. – Ана дар ҳамин дафтар, – мад кашида афзуд: – як тин ҳам, ки қарз дода будам, ҳамаашро навиштам, ин дафтарро худат ҳам медонӣ, имзот ҳам ҳаст. Агар ҳамаи қарзҳоятро шумурам, дар ду дунё росчут (ҳисобӣ) карда наметавонӣ. Фақат як чи мегӯям, дар шоҳидии ҳамин одамҳо мегӯям: ҳавлиро мегирам. Ина коғазу қалам, ҳозир имзо мемонӣ, баъд ту аз ман халосу ман аз ту, – як-ду варақи муҳру васиқадорро болои бистари хоби холаи Зарафо ҳаво дод.

– О бачам, ҳавлиро ки гирӣ, ман куҷо меравам. Баъд ин ҳавлӣ соҳиб дорад. Келинам ҳаст, духтарам ҳаст.

– Ҳавлиро намедиҳам, мегӯӣ? – оташи ғазаби Ҷӯрақул аланга зад. – Ту бева, – боз ҳамин ҳарфи таҳқиромезро ба забон овард: – Ҳаминро гӯй, ки аз ман қарздор ҳастӣ ё не? Ё ҳамин хел ният доштӣ, ки бо золию қолӣ қарз мегирию баъд барнамегардонӣ?

– Не, не, ин хел фикр надоштам, бачам, қарзҳоятро бармегардонам гуфта будам.

– Хайр, баргардон.

– Бачам Ҳафизуллоҳ…

– Чӣ бачам Ҳафизуллоҳ?

– Бачама куштӣ.

– Ман куштам бачата, бева? Астағфируллоҳ…

– Ту куштӣ акама, ту! – овози Гулнисои хоҳари Ҳафизуллоҳ, ки дар поёни пои модар бо дидагони ашкбор менишаст, баланд шуд.

– Акат оббозӣ карда ғарқ шуд, мурдаша баъд ман соҳиб шудам. Мурдаша баъд ман овардам.

– Ҳаминро фаҳм, хонасӯхта, – Гулнисо барои акааш ба ҷанг хеста буд, – мо то зиндаем, аз пасат мезанем. Исбот дорем, Ҳафизуллоҳ занг зада буд, овозашро янгаам сабт кардааст, мехоҳӣ ҳамин ҳозир овозашро шунавӣ. Ту куштӣ акама, барои хонаҳо куштӣ. Лекин ҳал накардӣ. Ҳавлию хонаю дари мо барои ту ҳавлию боғу роғи муаллима Зоя Василевна нест. Пилтаи хома аз гӯшат бардор, – Гулнисо номи муаллимаро ба такрор ба забон овард.

Зоя Василевна аз солҳои сиюми асри гузашта, аз ҳамон рӯзҳои бунёд ёфтани мактаби деҳа муаллимаи забони русӣ буд. Шавҳараш духтури ҳайвонот.

Баъди аз байн рафтани Ҳукумати Шӯравӣ, дар солҳои низои байни тоҷикон аксари русҳо аз Тоҷикистон рафтанд, фарзандони Зоя Василевна ҳам рафтанд, шаҳвараш аз олам гузашт. Аммо худи муаллима аз ҳавлӣ – боғу роғ, хонаю дараш дил канда натавонист. Бемор шуд. Ана дар ҳамон рӯзҳои беморию танҳоӣ Зоя Василевна «ғамхор» ёфт, «ғамхору парастор»-аш ҳамин Ҷӯрақул. Чанде аз ҳоли муаллима бохабарӣ кард, худро соҳиби ӯ эълон намуд. Баъд як рӯз овоза шуд, ки муаллима фавтидааст. Овозаи марги ӯ мардумро ба ҳар гуна гумону шубҳаҳо бурд. Гӯё Зоя Василевна бо марги худаш намурда. Чи буда, набуда, ки мурдаи муаллимаро боз худи Ҷӯрақул соҳибӣ кард, ӯро гӯронд, аз рӯи таомули тоҷикон ошу нон дод. Баъд мувофиқи васиятномаи Зоя Василевна ҳавлии ӯро ба номаш гузаронд. Ҳавлиро фурӯхт, пули калон кор кард. Баъди ин ҳушаш ба ҳавлӣ, хонаю дари боҳашамати раҳматии усто Тағоймурод кашол шуд. Бо худ буру дӯз кард, бо холаи Зарафо забон ёфт. Ба вай қарз дод, боз пул сарф кард. Ин кӯдаки худозада (Гулнисоро дар назар дошт) дуруст гуфт, ҳавлии онҳо ҳавлии Зоя Василевна набуда. Соҳиб дошта. Лек номаъқул кардааст. Ҷӯрақул ақл дорад, сарашро ба сари вай наменонад. Болои ҷойхоби холаи Зарафо хам шуд, қаламро миёни ангуштони ларзони ӯ монд, коғазро пештараш гузошт.

– Имзо мон, хола, бо хубӣ имзо мон! – аз ғазаб сар то қадамаш меларзид. Кампири беморро воҳима пахш намуд. Дар фикри имзо гузорам – нагузорам беҳушона қаламро рӯи коғаз бурда буд, ки Гулнисо аз ҷояш ҷаста хест, чанг андохта коғазу қалам, дафтари сиёҳи қарзҳоро аз назди модараш бардошт. Қаламро миёни ангуштон қарс-қаср шикаст, дафтарро пора-пора карда, болои сари ҳама пош дод.

– Ана қарз ба ту, мана қарз ба ту! – Гулнисо дар сар рӯймоли сиёҳи бо мӯйҳояш ҳамранг, бо чашмони ашкбор, рӯ ба Ҷӯрақул меистод. Ҷӯрақул ақлашро гум карда, дар ҷояш шах шуда монд. Ин духтар чӣ кор кард? Дафтари қарзҳоро даронд? Хонаи Ҷӯрақулро сӯзонд? Вай дигар илоҷ надорад? На, на! Илоҷ ҳаст.

Фикр карда, фикр карда илоҷе ёфт, ки чеҳрааш кушода гашт.

– Дафтарро ту даронди? – Аз дидори зебои Гулнисо дида намеканд.

– Ман дарондам, хонасӯхта, ман!

– Бисёр кори хуб кардӣ, худам ҳам дар ҳамин хаёл будам, орзу мекардам. Аз баҳри қарзҳоям акнун мегузарам. Худо медодааст, ана ҳамин хел медодааст. Гуфтам-ку, пулҳои ман ҳалолӣ, хола, – бо лабони пурханда боз ба холаи Зарафо рӯ оварда: – Хола.

– Лаббай, бачам, – холаи Зарафо ҳам аз тағйири рӯҳияи Ҷӯрақул дар ҳайрат монд.

– Акнун, хола, ман як кор мекунам, ба фоидаи худат ҳам мешаваду ба фоидаи худам ҳам, пул-мули қарзамро намегирам, як чӣ мегирам.

– Чӣ мегирӣ, бачам? – дили холаи Зарафо раг зад.

– Гулнисоро мегирам. Биё, – тарафи духтар даст дароз кард Ҷӯрақул. Гулнисо ақиб рафт. Вале Ҷӯрақул ҷаҳида аз дасти ӯ дошт. Чеҳрааш мисле ки ҳавои соф дар як дам тағйир ёфта пурабр мешавад, ғазаболуд гашт. – Хола! – бо ситеза ба холаи Зарафо гап андохт. – Духтаратро мебарам. Ба ҷои қарзам вайро ба одамфурӯшҳо намедиҳам. Медонӣ-а, агар ба онҳо диҳам, ба духта-

рат чӣ кор мекунанд? Ёшак аст, калапоча мекунанд, медонӣ-а, нархи дил ё гурдаю ҷигар дар бозори сиёҳ чанд? Аз сад ҳазор доллар кам не, агар ин тавр кунам, қарзам чандвайной (чандкарата) ба дастам меояд. Ё агар Дубай барамчӣ? Ту дигар рӯи Гулнисоро намебинӣ. Дар фоҳишахонаҳо мурда меравад. Барои ӯ дилат намесӯзад? Гап зан, хола, дилат намесӯзад?

– Ин хел накун, бачам.

– Мехоҳӣ, ки духтарат як умр дар пешакат бошад?

– Албатта, бачам, – овози кампири бемор аз даруни ҷойхобаш базӯр шунида мешуд.

– Гуфтам-ку, як кор мекунам. – Дасти Гулнисоро сахттар дошта афзуд: – Гулнисоро хонаам мебарам, ҳамин ҳозир мебарам.

Гулнисо сӯи муаллим Зафарзода, ки дуртар аз вай бо сари хам меистод, имдодхоҳона назар андохт. Вале ӯ сар боло намекард.

– Иҷоб мекунам, – овози ғазаболуди Ҷӯрақул баландтар шуд. – Зани дуюмам мешавад, баъд барои вай хона намекобам, дар ҳамин хонаҳо ҳамроҳи худат зиндагӣ мекунад.

– Намеравам, оча, ба ҳеҷ куҷо намеравам, оча! – Гулнисо бо оҳу афғон худро аз чанголи Ҷӯрақул раҳондан мехост, вале наметавонист. Ҷӯрақул кашолааш карда, бо азобе вайро ба пешайвон бароварда. Қиёмате ин ҷо сар шуд.

– Муаллим! – боз аз ошиқаш имдод пурсид Гулнисо. Аммо муаллим аз сиёсати Ҷӯрақул ба ҳарос афтода буд, ки пеш наомад. Руқиямоҳ, модари Холиқназар ва занҳои дигар Гулнисоро ба тарафашон мекашиданду Ҷӯрақул тарафи худ. Дар фуромадани поғундаҳои зинаи пешайвон Ҷӯрақул дармонд. Модари Холиқназар Ҳусноро пеши роҳашро гирифт. Илоҷи вайро Ҷӯрақул рафта натавонист. Вай зани бардаму боқувват. Панҷаҳояш мисли анбур ба гиребони ҷомааш печиданд. Қанд занаду ба пеш қадам монад. Ноилоҷ як дасти Гулнисоро раҳо намуда, модари Холиқназарро тела дод. Ӯ рӯ ба таги пешайвон сарозер рафт. Доду фарёдаш ҳавлиро гирифт. Пояш шикаста ё қалб ёфта, ки дар таги пешайвон менолид. Ҷӯрақул ба дасту по заданҳои Гулнисо нигоҳ накарда, ӯро озод бардошта ба даруни мошинаш андохт. Бо ҳамин дигар ӯро касе надид. Мошин аз таги пешайвон роҳакӣ шуд.

– Э, бахудо Гулнисоро бурде, бахудо бурде, – занҳо ҳайрон – ҳайрон бо даҳони воз аз паси мошини Ҷӯрақул нигоҳ карда монданд.

Аммо дар ҳамин лаҳзаҳо воқеае рух дод, ки на Ҷӯрақул чашмдор буду на онҳое, ки аз паси мошини Ҷӯрақул дида намеканданд. Аз дарвоза як мошини сип-сиёҳи воҳиманоке дохили ҳавлӣ шуд. Он мошини ҳамон рӯзҳо аз Дубай овардаи Холиқназар буд, ки тавсифаш дар оғози роман баён гашта. Дар паси чанбараки мошин худи Холиқназар, дар сараш ҳамон кулоҳи сиёҳи ҳар рӯз мепӯшидааш. Аз ҷониби пешайвон мошини Ҷӯрақул, аз тарафи дарвозахона мошини Холиқназар рӯ ба рӯ омаданд. Мошинҳо қариб фук ба фук бархӯрданд. Холиқназар аз мошин берун омад. Дари мошини Ҷӯрақулро кушод.

– Холиқназар?!

– Ҳа, ман!

– Боз сари роҳамро гирифтӣ?

– Гулнисоро куҷо мебарӣ? – духтарро дар даруни мошин дида аз худ беха-

бар гашт.

– Ба ҷои қарзҳоям мебарам.

– Фуро аз мошин, фуро мегӯям! – аз каштали ҷомаи Ҷӯрақул гирифт, вайро ба берун кашида, чи тавр ба пеши пойҳояш хобонда мушту лағаткориаш мекард, намедонист. Занҳо сӯи ӯ давиданд. Модараш ҳам лангон-лангон ба сари ҷанҷол шитофт.

– Назан, бачам, назан, мекушиаш, назан! – овози Ҳусноро баланд шуд. Бо азобе Холиқназарро ба як тараф кашиданд. Вай саросема аз пайи аз мошин берун овардани Гулнисо шуд. Вале ӯ кайҳо аз мошин баромада, дар гӯшае, дар паҳлӯи муаллим Зафарзода меистод.

– Гулнисо! – наъра зад Холиқназар, наздаш рафта аз дасташ дошт. Гулнисо аз дасти як гирумаш халос хӯрда, ба дасти гируми дигараш афтода буд.

– Туро ман халос кардам-а? – ба духтар гап андохт Холиқназар.

– Ҳа, ака, шумо халос кардед.

– Ака, нагӯй, ҳаминро фаҳм, ки ҳамаи ин ҷонканиҳои ман аз баҳри туст, туро ман мегирам.

– Ман номзад дорам, ака, шуморо намегирам, – ҷавоб гардонд берӯёна духтар.

– Гуфтам-ку, ака нагӯй, туро мегирам, – такрор намуд ва боз гуфт: – Ҳозир ба ту ҷавоб, рав, – Холиқназар дасти Гулнисоро раҳо намуд.

* * *

– Холиқназар ба ту чӣ гуфт? – пурсид холааш аз Гулнисо.

– Мегӯяд, ки туро мегирам.

– Ту чӣ гуфтӣ?

– Чӣ мегуфтам. Безорам аз дидори сиёҳи мазанги Пучуқ. Ман вайро намегирам.

– Нагирӣ, нагир, лекин ба ҷои раҳмат гуфтан мардака таҳқир накун, ному лақаб намон. Ман ин гапҳои туро ба Холиқназар мегӯям, мегӯям, ки ба умеди ту нашавад. Ана баъд Ҷӯрақул ҳам мебиёяд, Холиқназар ҳам «қарзамро те» мегӯяд. Ман ҳам, гапамро ки намегирӣ, туро партофта меравам.

– Чӣ гапатонро нагирифтам?

– Хоҳиши Холиқназарро рад накун.

– Дилам намехоҳад, охир баъд муаллим…

– Чӣ боз муаллим?

– Ман вайро нағз мебинам.

– Аз баҳраш баро. Баъд ин ки муаллим мард набудааст, агар мард мебуд, сари роҳи Ҷӯрақулро мегирифт, бо Холиқназар гап мезад. Баъд як гапи дигар мегӯям, аз қарзҳои очаат дар ду дунё халос шуда наметавонем. Ман меравам, Руқиямоҳро мебарам.

– Ман чӣ кор кунам?

– Ту дигар роҳ надорӣ, «ҳа» мегӯӣ.

Холаи Гулнисо ҳамроҳи Руқиямоҳ аз ҷой бархост.

– Куҷо меравед, хола?

– Хона меравам, таваккалат ба Худо мегӯям. Худат медонию ҳамин ҳавлию очат, баъд қарзҳоятон.

– Наравед, хола, маро партофта наравед, очама аҳволаш бад аст. Метарсам, наравед, – илтиҷо дошт Гулнисо.

– Муаллим ҳастанд, – Зафарзодаро, ки дар бехи девор ҷинҷ зада, бо тарсу ҳарос менишаст, ба Гулнисо нишон дод.

– Наравед, хола, наравед, – гирист Гулнисо. Дили холааш сӯхт ба вай, аз роҳаш гашт.

Ҳамин тариқ ҳамон рӯз дар ҳавлии холаи Зарафо ҷангу ҷанҷол сар зада, ҳарфи Гулнисоро ба Холиқназар додан ба миён омада буд, Гулнисо худро дар миёни обу оташ тасаввур менамуд. Ба кадом тарафе рӯ орад, роҳи халосӣ не. Ӯро як роҳ монда, ба хаёли мо ҳам ҳамин тавр, он роҳ барояш роҳи ризоият.

* * *

Зафар папкаи муаллим дар даст, бо дили нохоҳам аз дари панҷарагин дохили мактаб шуд. Мактабе, ки падараш сохтааст. Мактаби намунавӣ, боҳашамат, мисли он ҳанӯз дар ноҳия набуда. Мактаби ба номи падарам зебо шавад гуфта, Холиқназар чи корҳое накарда. Гирдогирдашро панҷарабандӣ намудааст, панҷараҳо аз қади одам баландтар, оҳанин, нимашон сабзу ними дигар зарди зарҳалӣ. Дохили панҷара низ ҳама ҷо сабзу хуррам. Ниҳолҳои ҳамешасабз, мевадиҳанда сершоху барг шудаанд. Гулҳои овардаи ӯро мислашон дар ҳеҷ куҷо набуда, гулҳоро қад-қади роҳравҳо ва атрофи фаввораҳо, ки ҳама мармарпӯшанд, шинондаанд. Дар ду тарафи дари боҳашамати даромадгоҳи бинои мактаб ду лавҳаи барқад дар танаи деворҳо насб шуда, ки дар онҳо бо ҳарфҳои зебои бо тилло рӯйкаш навиштаанд: ***Мактаби таълимоти миёнаи умумии ба номи Давлатхӯҷа Салоҳиддинзода.***

Агар кас вориди бинои мактаб шавад, аз ҳама аввал назараш ба калимаи ***осорхона*** мехӯрад, ки болои дари ҳуҷрае нақш гашта: Осорхонаи Давлатхӯҷа Салоҳиддинзода. Ҳарду табақаи дари кандакориаш боз. Бо нигораҳое, ки дар осорхона мавҷуданд, шуморо шинос месозанд. Нигораҳои нодир, аз ҳама нодиртараш ду чигина. Чигинаҳое, ки Давлатхӯҷаю Мансурхӯҷа ба онҳо барзаговҳоро баста, ба хирманҷо ғаллаи даравидаро мекашонданд. Баъд ду говронаи тана ба девор рост гузошташуда. Давлатхӯҷаю Мансурхӯҷа гоҳе бо онҳо барзаговҳоро хорумол ё агар зуъмӣ карда ё монда шуда чигинаро намекашиданд, говронашап мекарданд. Юғу испор, оҳанҳои ҷуфт далеле, ки бародарон замин шудгор мекардаанд. Ду ҷуфт мукӣ, пойафзолҳои онҳо. Дар сари мехҳо либосҳои Давлатхӯҷаю Мансурхӯҷа. Ҷома, салла, куртаю эзорҳои раҳматиҳо.

Дар болои рафҳои булӯрин тал-тал китоб. Китобҳо аз зиндагиномаи Давлатхӯҷаи Салоҳиддинзода. Онҳо роман, қисса, ҳикояту хотираҳо, муаллифи чанде аз ин асарҳо нависандагони маъруфу номдор. Бо хоҳиши Холиқназар, ки байнашон савдо шуда, таълиф гаштаанд. Китобҳо дар хориҷи мамлакат рӯи чоп омадаанд. Муковаҳо ранга, зарҳалкорӣ. Мегӯӣ, ки аз тамошояшон чашм наканӣ. Дар қатори китобҳо чанд асари илмӣ, ки доир ба таҳқиқи ҳаёту фаъолияти Давлатхӯҷа таълиф шудаанд.

Дар гӯшае рӯзномаҳо зери оинаҳои пурҷило қатори андар қатор паҳнанд. Дар онҳо бо имзои боз ҳамон нависандагони маъруфу журналистони номдор аз рӯзу рӯзгори Давлатхӯҷаи чигинакаш, ки чун қаҳрамони даврон ситоиш

шудааст, очерку мақола, хотираҳо ба нашр расидаанд.

Вобаста ба зисту зиндагии пуртаҳлука ва фақиронаи падар бо фармоиши Холиқназар чанд филми мустанад ҳам рӯи навор омада, ки дар онҳо дӯстону наздикони Давлатхӯҷа, он вақт як нафар – танҳо Мансурхӯҷаро дар паҳлуяш медиданд, чунон бисёр будаанд, ки бешумор ва ҳар кадом бо ҳазор обу ранг хотира гуфта, вайро ба малоику авлиёҳо баробар донистаанд. Фиттаҳои ин филмҳо бо хоҳиши Холиқназар тавассути ду телевизори рангаи ба қади одамон баробар аз пагоҳ то бегоҳ нишон дода мешаванд. Боз як нигора, акси калонкардашудаи Давлатхӯҷа, мисле ки зинда, хаёл мекунед, ки раҳматӣ дида ба дидори шумо ҳарф мезанад.

Дар дафтари фикру мулоҳизаҳои осорхона як нукта паси ҳам таъкид шуда: «Аз кас фарзанде монад, ки мисли Холиқназар қадри падарро донад»

* * *

Зафар рӯ ба дари бинои мактаб қадам мемонд. Қадам не, пай мечид. Вазифаи ногуворе ба дӯши ӯ афтода. Аз як сӯ амри падар, аз ҷониби дигар хоҳиши муаллим. Чи хеле мегӯянд, муаллим ҳам ба ҷои падар. Ҳамин хел будааст. Некию меҳрубониҳое, ки аз муаллим ӯ дида, кадом якеашонро ба забон орад? Бар ивази ҳамаи онҳо гапи муаллимро нагирифта, папкаашро баргардонда, ба худи ӯ медиҳад. Ба кадом дидаю рӯй? Агар муаллим пурсад: «Чаро, барои чӣ Зафар онро ба хонаи ӯ намебарад?» Дар ҷавоб ба ҳоле меафтад, ки замин намекафад, дарояд. Падараш ин қадар бераҳму беандеша. Лекин касе бошад, набошад, ӯ падар. Ҳарфу суханаш барои ӯ қонун. Роҳи дигар намебинад. Ба пеш қадам монд. Гирду атрофи мактаб ҷимҷит, талабаҳо ҳама дар дарс. Ба ошёнаи дуюм баромада, сари роҳ бо директори мактаб Мирзоҳусайни Кошифзода дучор омад.

– Салом, муаллим, – аз наздаш гузаштанӣ буд.

– Зафар?

– Лаббай, муаллим.

– Куҷо меравӣ? Ин папкаи кӣ? – ба папкаи дасташ ишора кард.

– Азони муаллим Зафарзода, ба худашон бурда медиҳам.

Мирзоҳусайни Кошифзода таҳковӣ накард, ки чаро ин папка дар дасти ӯ?

Дари синфхонаеро, ки муаллим он ҷо буд, кушод. Бе салому алайк папкаро назди муаллим, болои миз монду ақиб гашт. Баъди ба хона баргаштани Зафар чи қиёмате ба сари муаллим омада, худи Зафарзода медонист.

Муаллим Зафарзода, ки шаҳр рафтанӣ буд, бо чи сабабе аз роҳаш монд. Баъди аз наздаш баромадани Зафар папкааш дар даст роҳи хонаашро пеш гирифт. Ҳини аз назди дарвозаи масҷид гузаштан чанд нафар намозгузорон ва ду нафар милисаро дид.

– Муаллим, як дам ист! – садои дағалонаи як милисаро шунид.

– Лаббай, – муаллим ба ӯ рӯ овард.

– Ин тараф биё, – фармоиш дод милиса.

– Хуб шудааст, – ҷониби ӯ гашт муаллим.

– Муаллим, мегӯм, ин вақтҳо гашту гузорат дигар шудааст, бо одамон дуруст салом намекунӣ. Наздиктар биё, гап дорем, папкаатро те, – талаб кард милиса.

– Папкаи маро чӣ мекунӣ?

– Як дарунашро бинем, мегӯм, вақтҳои охир дар бораи ту муаллим, гапугузор бисёр шудааст, ба хаёлам ҷуруқ[1] намемурӣ. Ту ҳам бо ҳо онҳо ҳамроҳ-а? – муаллим намедонист, ки «бо ҳо онҳо» гуфтани ӯ чӣ маънӣ дошт.

– Бародар, гапи беҷо нагӯ, таҳқир накун, – муаллим ранҷид.

Милиса чанг андохта папкаро аз дасти муаллим гирифт. Онро кушода ба дарунаш назар андохт.

– Бачаҳо, шумоҳо ҳоло ҳеҷ куҷо наравед, ин тараф биёед, наздик шавед, – нафаронеро, ки дар тараддуди дохили масҷид шудан буданд, аз роҳашон гардонд: – Биёед, ба чашми худатон бинед, ки дар даруни папкаи муаллим чи ҳаст. Даруни папкаро ба ҳама нишон дода шодона афзуд: – Маводди мухаддир, навъи баландаш – героин! Кам не, дусад-сесад грамм будагист-а, муаллим? – ба бастаи селлофании сиёҳе ишора карда аз Зафарзода пурсид.

– Героин?!

Милиса афзуд:

– Бале, героин, нишон диҳам? – дастпӯшаки резиниро ба панҷааш кашида, бастаи селофании сиёҳро аз папка берун баровард.

– Мардум, ин туҳмат, аз душманӣ, кори Холиқназар, папка дар дасти бачаааш буд, рост мегӯям, дурӯғ намегӯям, – муаллим дигар ба по истода наметавонист, қасам рӯи қасам мехӯрд: – Ин кори Холиқназар, папка дар дасти бачаш буд, – ба такрор ин ҳарфҳоро ба забон меовард.

* * *

Хабари бо героин дастгир шудани муаллим Зафарзода дар як дам дар деҳа паҳн гашт. Холиқназар ҳам, ки гӯш ба қимор буд, шунид, як чети дилаш равшан гашту лекин як гапи дигар, ки муаллим вақти дастгир шудан суханҳои ноҷо гуфтааст. Гуфтааст, ки «Ин кори Холиқназар, папка дар дасти бачааш буд», ин гапҳои ӯро ҳама шунидаанд. Кори нохуб шудааст. Холиқназар бо авзои парешон аз идораи ҷамоат сӯи хонааш шитофт. Ҳар чи зудтар Зафарро дидан мехост, фаҳмиданӣ буд, ки кай дар куҷо папкаашро ба Зафарзода супурдааст. Саросема вориди ҳавлӣ шуда «Зафар, ҳой Зафар!» писарашро ҷеғ зад. Бо овози баландтар боз «Зафар, ҳой Зафар!!» номи ӯро мегирифт. Модари Зафар садои ваҳмовари шавҳарро шунида, аз хона берун шуд.

– Зафар канӣ?

– Аз мактаб омада, гириста-гириста хоб рафт. Чӣ гап? Чаро гиря мекунӣ? Пурсидам, дам аз думколаш[2] набаромад.

– Ҳеҷ бало нашудааст, бедораш кун, тез! – падар безобитатар шуда, гирди мошинаш тоб мехӯрд. – Зафар, ҳой Зафар!! – тоқаташ намонда боз фарёд зад.

– Лаббай, бова, – чашмонашро молида-молида Зафар назди падар омад.

– Чиба хоб рафтӣ?

Падар ҷавоб нашунида афзуд:

– Очат мегӯяд, гиря кардӣ?

Зафар боз ҳарфе нагуфт.

---

[1] .Осуда, ором

[2] Забон накушодан

– Зафар, ман бо ту гап зада истодаам. Намешунавӣ? Кар шудӣ? Ба мошин даро! – дари мошинро боз намуда Зафарро падар дар паҳлуяш шинонд. – Папкаро супурдӣ? – пурсиши падар сар шуд.

– Ҳа, супурдам, – бо овози дурушт писар ҷавоб гардонд.

– Дар куҷо ёфтиаш?

– Дар мактаб.

– Чӣ гуфта супурдӣ?

– Напурсед, бова, – Зафар аз мошин баромаданӣ шуд.

– Ист, падарлаънат, баҳри чӣ гиря мекунӣ?

– Ман дигар ба рӯи муаллим нигоҳ карда наметавонам.

– Ту дигар рӯи вайро намебинӣ, қава шуд.

– Барои чӣ?

– Дар папкааш героин доштааст, ба даст афтод.

– Шумо ҳамин корро кардед, фаҳмида будам.

– Ман ҳамин корро кардам? Пагоҳ агар аз ту пурсанд, ҳамин тавр ҷавоб медиҳӣ? – Падар девонавор боз дод мезад: – Ҳамин хел шоҳидӣ медиҳӣ, ки ман ба папкаи муаллим героин андохтам?

– Намедонам.

– Намедонам нагӯй, падаратро суд кунон, баъд муаллимро назди очат биёр, хурсанд мешавад, – дари мошинро кушод падар, – дафъ шав, нобуд шав аз назарам, рав! – Зафарро аз даруни мошин берун тела дод.

Зафар гирёну нолон куҷо рафтанашро надониста, миёни ҳавлӣ меистод.

– Зафар! – дари мошинро кушода Холиқназар Зафарро боз ба наздаш хонд. – Ба ман гӯш андоз, Зафар, ба ту як чӣ мегӯям, – бо овози нарм ба гап даромад падар.

– Чӣ мегӯед?

– Ба ҳеҷ кас намегӯӣ, ки папкаро ба хона оварда будӣ.

– Оварда будам-ку.

– Нагӯй ин гапро, кушанд ҳам, нагӯй! Шунидӣ, чӣ гуфтам?

– Ҳа.

– Баъд як гапи дигар: папкаро дар дастат дида буданд?

– Ҳа.

– Кӣ?

– Директори мактаб.

– Кошифзода?

– Худашон, папкаро дар дастам дида пурсиданд, ки папкаи кӣ? Азони муаллим Зафарзода гуфтам.

– Бар падарат лаънат, рав аз наздам, гум шав! – падар боз Зафарро аз даруни мошин берун кард.

* * *

– Салом, ака, – лаҳзае аз занг задани Холиқназар нагузашта, директори мактаб Кошифзода дастҳо пеши бар бо сари хам дар назди ӯ ҳозир шуд.

Холиқназр ба саломи ӯ ҷавоб нагардонд, бо қавоқи овезон рӯ ба вай хомӯш буд.

– Занг задед, ака? – пурсон шуд Кошифзода.

– Ҳа, биё гуфта будам, чӣ, ту одами калон шудӣ гуфта, наздат мерафтам?

– Не, не, ака, ман ин тавр нагуфтам.

– Аз ту як чи мепурсам, ту тарафи муаллимӣ ё тарафи ман?

– Ман аз шумо миннатдор ҳастам, – гап бегона кард Кошифзода.

– Нагӯӣ ҳам, ту тарафи ман нестӣ, медонам, дар ҷавоби некӣ ҳеҷ кас некӣ надидааст. Набошад, фикр намекунӣ, ки ман туро директори мактаб гузоштам. Ман!

– Раҳмат мегӯям, ака, миннатдорам.

– Дар вақташ нагуфта будам, ки ҳисоби муаллимро ёб. Душвор набуд, вай кӣ? Як омад. Лекин ту тарсидӣ.

– Ака, ман аз ҳеҷ кас наметарсам, ҳозир худатон гуфтед-ку қадри некиро донистан лозим. Вай муаллимам, ҳамин одам маро ба донишгоҳ дохил кунонд. Дар даври хондан ҳам аз аҳволам бохабарӣ мекард. Баъд маслиҳат дод, ки ба ҷояш директори мактаб шавам.

– Вай маслиҳат доду ман пул дода, туро соҳиби вазифа кардам. Пули кам не, бандча-бандча доллар додам.

– Ба Худо, ака, агар муаллим Зафарзода розӣ намешуд, ман ин вазифаро намегирифтам.

– Ман вайро кор кардан намемондам.

– Ҳақ доштед, ака. Мактаб мактаби худатон сохтагӣ, ба номи падаратон.

– Яъне ту барои директор шуданат аз ман нею аз муаллим миннатдор ҳастӣ? – Холиқназар давом намуд: – Нав туро фаҳмидам, асоятро ба рӯшноӣ зан гӯй. Ҳоло барои он туро ҷеғ задам, ки як чиро пурсам. Гап дар сари бо героин ғалтидани муаллимат меравад. Ту папкаи муаллимро дар дасти Зафар дида будӣ?

– Ҳа, дида будам.

– Ҳамин хел шоҳидӣ медиҳӣ?

– Агар пурсанд.

– Ту гапи маро намегирӣ?

– Кадом гапатонро?

– Агар гӯям, ки папкаро дар дасти Зафар надидаӣ.

– Охир, ака, барои гуноҳи нокарда муаллим ҷазо гирад, як умр дар ҳабсхона шинад, хуб мешавад? Инсоф ҳам лозим.

– Ба фикри ту, Холиқназар шинад, хуб мешавад?

– Не, ака, ҳазор бор не, намехоҳам ягон нафари шумо шинед, шумо як ба ман не, ба ҳама некӣ кардаед, шумо сутуни мамлакатед. Чи хеле худатон мегӯед, ҷони одама харида ҳам метавонед. Хоҳед, ин ҷанҷолро файсал медиҳед.

– Дер шуд, рафиқ Кошифзода, муаллим бояд ҷазо гирад – ва худ ба худ ҳарф зад: – Ҷояш омадааст..

– Нафаҳмидам, ака.

– Мефаҳмӣ, майда нестӣ.

Кошифзода ба таги гапи Холиқназар эътибор надода, назди ӯ боз ба зорӣ даромад:

– Аз шумо, ака, мо, ҳама аҳли деҳа, илтиҷо мекунем, муаллим мӯи сарашро дар таълиму тарбияи фарзандони деҳа сафед кардааст. Чи хеле худатон

мегӯед, омад аст, мусофир. Ҳамин деҳаи моро ватан хондааст, раҳм кунед, – боз таъкид кард.

– Кошифзода, ба ту ҷавоб, агар аз болои ман шоҳидӣ диҳӣ, аз ҳама чӣ мемонӣ. Забонатро пеш гир, коратро кардан гир, рав!

Вақте Кошифзода бо сари пурғавғо, пур аз гапу ҳарф аз ҳавлии Холиқназар берун мешуд, осмон ситоразор гашта, пеши роҳашториктар мегашт, ба хаёлаш роҳгум мезад, сараш ба дард омада, худро миёни дуроҳае медид. Яке роҳ ба ҷониби муаллим, дигаре роҳ сӯи Холиқназар. Ба кадоми ин роҳҳо қадам монданашро надониста, сукут ихтиёр намуд, дар фикр афтод. Дил ӯро рӯ ба роҳи рост, роҳи мардию покӣ талқин менамуд.

* * *

Шаб то саҳар Зафар мижа таҳ накард. Хобаш намебурд. Фикру зикраш ба муаллим, вай ҳам мисли Кошифзода ба банде афтода, ки муаллим гӯяд ё падар? Дар назди ӯ низ ҳамин ду роҳ. Барои Кошифзода осон, ки роҳашро муайян намуд. Вале Зафар ҳазор чут заду фикр кард, ҳазорҳо маротиба даруни ҷойгаҳ тоб хӯрду ғел зад, чандин бор аз ҷойхоб бархосту рӯ-рӯи хона шуд, сараш ба дард омаду офтоби саҳар рух тофт, вале ба хулосае омада натавонист, миёни дуроҳа монду монд. Кадом ангушташро, ки газад, дард мекард. Пештар ҳам дар ин масъала дар фикр шуда буд. Муаллим ба ӯ меҳрубон, ҳатто аз падар сухани ширин нашунида, ки аз муаллим мешунавад, гапи Заррина низ дар даҳони муаллим, муаллим ихтиёрдори Заррина, «Заррина, оҳ Заррина», беихтиёр номи духтари нағздидааш ба забонаш омад, дилаш боғ-боғ кушода гашт. Ширинии зиндагии Зафар духтари муаллим, Заррина!

Он шаб барои Зафар шаб набуд, азоби ҷон, азоби алим буд. Шаби сӯхтану пӯхтан, гудохта гаштани дил. Ба хаёлаш хеле гӯшт партофт, хароб шуд, абгор гашт.

– Зафар, Зафарҷон! – нидои падар ба гӯшаш омад, бо садои ӯ аз ҷойхоб бархост, лек сараш тоб хӯрду қарибе афтод.

– Лаббай, бова.

– Мактаб меравӣ?

– Намедонам.

– Нарав, имрӯз дар мактаб ҳама ба сарат мехезанд, сагшикор мекунанд, ин мардуми мо ҳамин хеланд, бегонапарастанд, бо мо душманӣ доранд.

Зафар ба гуфтаҳои падар ҷавоб нагардонд. Худаш ҳам дар хаёле, ки мактаб равад ё наравад? Аниқтараш мактаб рафта ба рӯи ҳамсинфон, директори мактаб, муаллимон, ба рӯи Заррinаи духтари муаллим чӣ тавр нигоҳ карданашро намедонист. Имрӯз рӯзест, ки муаллим дар маҳбас, мактаб омада наметавонанд, дарсҳояшон мемонанд, ба талабаҳо Худо медиҳад. Гунаҳгор кӣ? Холиқназар ва писари ӯ Зафар. Падару писар якгапа шуда, муаллимро қава кунонданд. Баъзе бачаҳо бе ин ҳам ӯро чашми дидан надоранд. Мебананд, ки ӯ соҳиби дову дастгаҳ, соҳиби мошин, пулдор, телефонҳояш чандто. Оби даҳонашон меравад, бахилӣ мекунанд. Будагӣ гап, ки имрӯз ҳамаи онҳо сар мебардоранд, ҷон мегиранд. Бо баҳонаи тарафгирӣ аз муаллим ба сараш мехезанд, вай – Зафар гунаҳгор, забонкӯтоҳ, гапи папка ба миён меояд. Сабил монад ҳамин папка. Кошкӣ ҳамон лаҳзаҳо аз дари мактаб намебаромад. Аз

дари мактаб баромаду Зафарзодаро дид. Муаллим ба бачаҳо чи хизмате мефармуданд. Ба Душанбе рафтанӣ будаанду папкаашонро ба хонаашон фиристоданӣ. Зафар мақсадро фаҳмида, ба чи гуфтану нагуфтани муаллим эътибор надода, папкаро аз дасташон гирифт.

– Худам ба хонаатон бурда медиҳам, худам, – папкаи муаллим дар даст рӯ ба роҳ афтод. Ба гуфтае аз ин рафтори ӯ даҳони муаллиму шогирдонаш воз монд. «Папкаи муаллимро худам мебарам» гуфта, онро аз дасти Зафарзода рабуданаш аз рӯи эҳтиромаш ба муаллим бошад, аз тарафи дигар элак баҳонаю дидор ғанимат. Дар хонаи муаллим гул шукуфта, он гул Заррина, Зарринаро мебинад. Дилаш баҳри ӯ гуму гиреҳ мехӯрд.

Аммо, афсӯс, сад афсӯс, ки ҳангоми аз назди ҳавлиашон гузаштан фикре ба сараш зад, ки як ба хона дарояд. Агар ба роҳаш мерафт, ба хона намедаромад, на ба сари муаллим бало меомаду на ба сари худи ӯ.

– Мактаб нарав, бачам, – боз овози бадвоҳимаи падарро шунид Зафар. Падар давом намуд: – Ҳозир бачаҳо аз мактаб ба сари ту омаданд, директор фиристода будааст. Қаратиёқашон[1] кардам. Гуфтам, ки рафта ба директорашон гӯянд, ки Зафар мактаб-пактаб намеравад, муаллимонашро соҳиб шавад, ки нашъаҷалобӣ накунанд.

– Чаро ин хел гуфтед? – гиряи Зафар омад.

– Хуб кардам, гуфтам, шунидӣ аз папкааш чӣ ёфтаанд?

– Папкаро ман хона оварда будам.

– Баъд чӣ? Ба ту чӣ гуфта будам? Гуфтам, ки ин гапро ба забон набиёр.

– Гуфта будед, лекин гапи шуморо намегӯям.

– О, падарлаънате, о лаънатие! Ту бачаи ман ҳастӣ ё не?

– Бачаатон ҳастам.

– Фарзандҳо ҷои нангу номуси падар омадан одам мекушанд, ту ҳамин як гапи маро намегӯӣ?

– Дурӯғ намегӯям, бова, папкаи муаллимро хона оварда будам, аз дастам гирифтед.

– Агар пурсанд, ҳамин хел мегӯӣ? Сари маро ба дор мебарӣ? – Боз такрор намуд падар ҳамон гапҳояшро.

– Муаллим гуноҳ надоранд.

– Э, бас кун, дам шав, гапи маро гир, ин хел нагӯй! Очаш! Дар куҷоӣ, очаш? Ин ҷо биё, гапи бачаатро шунав, ки вай чӣ мегӯяд! – дод зад ва токат накарда ба параи рӯи Зафар як шапотӣ фуровард. Зафар афтод. Дили падар хунук нашуда, болои ӯ хам шуд, вайро бардошт, тана ба девор рост монд: – Очаш, биё ба бачат гапи маро фаҳмон, набошад мекушам, – доду фарёди бехудонаи шавҳарро шунида, модари Зафар ҳамроҳи духтаронаш тарафи вай давид. Зафарро аз чанголи ӯ халос кард. Падар аз завҷааш хоҳиш ва илтиҷо дошт, вай ба Зафар фаҳмонад, гӯяд, ки гапи падарашро гирад, нагӯяд, ки папкаро ба хона овардааст.

* * *

Аз миён рӯзҳо гузаштанд. Зафар гӯё хонагӣ шуда буд. Мактаб намерафт,

[1] Таёқшап

муаллим ҳанӯз дар маҳбас. Аз рӯи шунидаш дар мактаб ҳама ба шӯр омада. Сар карда аз директори мактаб Кошифзода, ҷумлаи муаллимон ва ҳамсинфони Зафар ҳама ба ҳимояти муаллим хеста. Ҳама мегуфтаанд, ки ин кори Холиқназар, ӯ бо муаллим куҳнадушман, номардӣ кардааст. Далели шайъӣ лозим, ки Зафарзода гуноҳ надорад. Роҳи исботаш буда: Зафар қоил ояд, ки ӯ папкаро ба хонаашон бурда. Роҳи халосии муаллим дар даҳони Зафар. Аммо гап дар сари он, ки Зафар ин гапро мегуфта бошад ё на. Бисёриҳо ба он буда, ки кори ношуданӣ, Зафар падарро монда ҳеҷ гоҳ рӯи муаллимро намегуфта. Зафар хурд набуда, ки оқибати аз болои падар шоҳидӣ доданашро нафаҳмад. Боз вай писари ягона, нозпарварди падар. На, на, касе гӯяд, ки Зафар шоҳидӣ дода муаллимро халос мекунаду падарро ба маҳбас мекашад, хато мекунад. Ҳеҷ гоҳ ин тавр намешавад, ин фикрҳоро аз сар дур андозад.

Лекин чанд муаллими куҳансол, ки онҳо ҳам ба Зафар дарс гуфта ӯро медонистаанд, бовар доштанд, ки агар аз таги пӯсти бача дароянд, ин амалро ба манфиати муаллим ҳал кардан мумкин мешуда. Чӣ суханҳое ба дили Зафар корагар мегашта? Онҳо медонистаанд. Вале кӣ бояд бо Зафар дар ин масъала ҳамсуҳбат шавад? Аз ҳама аввал аз адои ин вазифа худи муаллимони маслиҳатдиҳанда даст кашиданд. Гуфтанд, ки сарашонро саг нагазида, ки дар айни пирӣ бо Холиқназар мизони ҷанг бубанданд. Холиқназар раис, арбоб, арбоб мезанад ба ҳар боб, пулдор, агар хоҳад, пул қатӣ сари чандин касро об мегирад. Ҳамин тавр бошад, пас кӣ бояд ин вазифаро ба ҷо орад? Ҳамин гуна одами боиродаю матин, боҷуръат, нотарс ёфт шуд. Ӯ боз ҳамон шогирди муаллим, директори мактаб Мирзоҳусайни Кошифзода.

* * *

Аз рӯзи балои ногаҳонӣ омадан ба сари муаллим Зафар, чи хеле гуфтем, хонагӣ шуда буд. Таг-таги дарахтони рӯи ҳавлӣ мегашт. Аз як канори ҳавлӣ ба гӯшаи дигари он пай чида, ки мерасид, боз аз роҳаш бармегашт. Аз фара ки мемонд, як курсии назди фавворaҳои миёни ҳавлиро иҷора гирифтагӣ барин дар он менишаст. Фавворaҳои об сар ба кабудии осмон бурда рӯнишеб зарра-зарра гашта ба атроф тур метаниданд, ба нурҳои заросои офтоб печида шакли тирукамон падид меоварданд, заррaҳои об болои баргҳои гулҳои гирди фавворaҳо афтода, дурдонаҳо барин медурахшиданд. Зафар ғарқи тамошои ин манзараҳо банди боз ҳамон фикру хаёлҳо мегашт, ки падараш дар ҳаққи муаллим ҷабр, беинсофӣ карда. Пои ӯ ҳам дар ин ботлоқи касиф ғӯтида. Ҳазор зӯр занад, худро аз он бурун оварда наметавонад. Ба хаёлаш, ки ба туфайли бадандешии падар вай аз ҳама чи, аз мактаб, аз Заррина монда, ҳаёташ сӯхта. Чи қадаре ба Заррина сим занад, зангҳояш бечавоб. Аввалҳо рақами гӯшии Зафарро дида, телефонашро хомӯш мекард. Баъдҳо телефони ӯ даргирон нагашт. Фақат хомӯши хомӯш. Чун водии хомӯшон баҳри Зафар яъсовар. Аммо Зафар занг мезаду боз занг мезад. Ниҳоят дина пагоҳӣ офтоб ба рӯи Зафар хандид. Бо занги дуру дарози телефонаш аз хоб бедор шуд. Гӯшиашро ба даст гирифт, ба чашмонаш бовар накард. Рақами телефони Заррина. Аз ҷойхоб бархосту телефон дар даст аз шодӣ гирдогирди худаш чанд бор печ хӯрд, гирд гашт? Надонист.

«Алло» гуфт, «Зафар?» овози Заррinaро шунид. Гӯё байнашон ҳеҷ гапу

ҳарфе нагузашта, ки оромона ӯ ба сухан омад. Гуфт, ки соати фалону фалон дақиқа вайро дар ҳамон дараи Чашмасор интизор мешавад.

* * *

Дар вохӯрӣ Зафар Зарринаи пешинаашро намедид. Таҳти рӯяш коҳида, зард шуда, хароб, чашмонаш пуроб, Зафар ӯро ба ин ҳол оварда, каси дигар не, Зафар.

– Кори кардаатро дар ҳаққи дадам кардӣ?

Заррина ҷавоб нашунид. Боз суол:

– Папкаи дадаамро ба хонаатон набурда будӣ?

Сари Зафар хамтар шудаю ҷавоб намегуфт.

– Ба папкаи дадам худат героин андохтӣ ё падарат?

Суоле, ки боз бечавоб.

– Аз ту як хоҳиш, назди Кошифзода рав, ба ту гап доранд. Худашон гуфтанд, ки ман ба ту занг занам. Меравӣ?

– Кай?

– Ҳамин рӯз. Агар хоҳиши директори мактабро ҳам ба ҷо наорӣ, наздашон наравӣ, ихтиёрат.

– Меравам.

– Пеш аз рафтанат ба Кошифзода телефон кун.

– Телефон мекунам.

– Хайр, ман рафтам. – Заррина бо итоб ба ӯ боз чанд носазо гуфт, суханҳои охири нешдори Заррина ӯро ҳушёр намуд. На, на, вай Зарринаро аз даст намедиҳад, муаллим бояд озод шаванд, аз Заррина тоби ҷудоӣ надорад, наметавонад. Ҳоли Заррина барояш раҳмовар буд.

Заррина ба ақиб назар наандохта, пеш-пеши ӯ мерафт. Оҳиста намерафт ӯ, медавид, Зафар аз вай ақиб монд.

* * *

Аз вохӯрии Зафар бо директори мактаб падараш бӯбар шуда буд, ки аз вай дам ба дам мепурсид:

– Гап зан, ту дар сари суд тарафи ман мешавӣ ё тарафи муаллим? – падар ҷавоб нашунида оташинтар мегашт: – Гап зан, фикратро гӯй, – ҷони Зафарро ӯ ба лаб меовард. Вале чун медид, ки аз санг садову аз вай ҷавоб намешунавад, роҳи дигарро пеша намудан хост. – Хайр, гап ки назанӣ, як кор мекунем, ба сари суд ҳозир намешавӣ. Мефаҳмам, вай муаллимат, ба ту азиз, рӯят намешавад, ки ӯро ранҷонӣ, бало ба пасаш, лекин гуфтам-ку, як кори дигар мекунем.

– Чӣ кор?

– Туро ҳамроҳи очат ҳамин пагоҳ ба Ленинград, назди бачаҳо мефиристам. Онҳоро медонӣ, дида будӣ, ризқу рӯзиамон аз туфайли онҳост. Натарс, ту барои онҳо ҳеҷ чиз намебарӣ. Мегӯй, ки ҳамин рӯзҳо борро мегиранд. Таъкид мекунам, ки амонатиҳоро ба дасти худат диҳанд, амонатӣ пул. Фаҳманд, ки бачаи калони ман худат ҳастӣ, меросхӯрӣ. Чанд рӯзе хоҳӣ, бо очат дам гир, кайф карда гард.

– Мактаб наравам?

– Мактаб? Вай мактаб мактаби кӣ? Баъд як чи ки, бачам, ҳамаи гап дар сари пул. Намепурсӣ, ки дар вақташ падарат чанд рӯз ба ҳамин мактаби қишлоқ рафта буд? Намепурсӣ, ки соҳиби чанд маълумоти олӣ аст? Ба номи Худо, як рӯз нахонда диплом гирифтам, якто не, чанд маълумоти олӣ дорам, Худо гӯй, ки одама пулдор кунад.

– Аҳволи муаллим чӣ мешавад?

– Бе ту ҳам масъалаи вай ҳал мешавад. Дар сари суд агар ҳазор нодалғошӣ[1] андозад, ҳазор Зафарро биёред, манро бо вай рӯ ба рӯ кунед, гӯяд ҳам, ба додаш ҳеҷ кас намерасад, масъала кайҳо ҳал шудагӣ.

– Айби ман шуд, агар ман папкаи муаллимро ба хона намеовардам… – боз Зафар ҳамон гапашро мегуфт.

– Чӣ, мегӯӣ, ки дар папкааш ман героин андохтам?

– Ҳар гапе шуд, дар хонаи худамон ҳамин кор шуд.

– Ин гапҳоро ба ту Кошифзода ёд дод? Ту назди вай рафта будӣ?

– Рафта будам.

– Чиба рафтӣ? – падар оташин шуд, ба назараш мушкилиаш, ки ҳал гашта буд, аз сари ҷаҳл фуромад, оромона афзуд: – Рафта бошӣ, хайр, рафтӣ, бало ба пасаш, гап тамом, ба сари маслиҳатамон меоем. Хез, рав, аз очат севанчӣ гир, гӯй, ки тайёрӣ бинад, ҳамроҳ Ленинград меравед.

– Ман Ленинград намеравам, – бо қатъият изҳор кард Зафар, тарзе гуфт, ки ба сари орзую умед, нақшаҳои падар об рехт. Дар хона боз овози падар баланд, падар писарро мезад, садои доду фарёд, боз ноосудагӣ.

* * *

Падар дурӯғ намегуфт. Зафар аз рӯи таъйини Заррина ҳамон лаҳзаҳое ба директори мактаб Кошифзода занг зад, ки духтар аз ӯ рӯй тофта, пеш-пешаш саросема роҳ мерафт.

Кошифзода интизораш будааст, вайро сарзаниш накард. Ҳамгап шудан замон аз ӯ ба суоле ҷавобе хост, ки ҳама аз вай мепурсиданд: «Папкаро ӯ ба хонаашон бурда буд ё на?»

– Рости гапро гӯй, дурӯғ нагӯй, – Кошифзода як қулт чой нӯшида, пиёларо боз ба ҷояш, ба болои миз монд ва чашм аз Зафар наканда, пас аз хеле хомӯшӣ афзуд: – Зафарзода чанд сол боз ба ту дарс мегӯянд?

– Намедонам.

– Аз ростӣ намедонӣ ё ба муаллим ту ҳам ғузна[2] дорӣ?

– Ин хел нагӯед, муаллим.

– Ба фикрам, дар синфатон муаллим аз ҳама зиёд туро дӯст медоштанд, фарзандашон барин медонистанд, «Зафарҷон» мегуфтанд.

– Муаллим одами хубанд, ман он касро ҳурмат мекунам.

– Ҳурмат мекунам мегӯию гапи ростро намегӯӣ, ки муаллим суд шуда тагтаг наравand.

– Медонам, лекин падарам… – Зафар забон хоид.

– Рост мегӯӣ, ба ман ҳам душвор буд. Аз он кас некӣ дидаам. Баъд ба ҷои муаллим Зафарзода маро худашон директори мактаб гузоштанд. Ҳар моҳ ба

[1] Ҷанҷол
[2] Кинаварӣ

мо-муаллимон кумакпулӣ медиҳанд, ба худам алоҳида моҳона муайян карданд. Вале ман гапашонро нагирифтам. Виҷдонам намебардорад. Агар ман, муаллим, директори мактаб, дурӯғ гӯям, дурӯя шавам, баъд бо кадом забон, бо кадом дидаю рӯй аз талабаҳо талаб мекунам, ки дурӯғ нагӯянд, дурӯя нашаванд? Наметавонам, ба Худо, ки наметавонам. – Кошифзода боз пиёлаи чойро ба даст гирифта ба Зафар нигарист: – Ту чӣ мегӯӣ? Мегӯӣ, ки гапи падаратро гирам?

– Ҳаққи гапро гӯед, муаллим.

– Худат чӣ? Ҳаққи гапро намегӯӣ?

– Ҳаққи гапро мегӯям, муаллим.

– Агар падарат туро қийин[1] кунанд, азоб диҳанд?

– Агар кушанд ҳам.

– Ин гапи хунукро нагӯй, Зафар.

* * *

Зафар ҳоло шарбати азоби рост гуфтанашро мечашид. Падар дар сари ӯ санги осиёбро гардон карда, талаб дошт, ки рости гапро нагӯяд.

– Дурӯғ намегӯям, бова, папкаро хона оварда будам.

– Хайр, ана фарз кардем, ту мегӯӣ, ки папкаро ба хона оварда будӣ. Баъд чӣ фоида? Хаёл мекунӣ, ки баъд муаллиматро ҷавоб медиҳанд? Не, ҳазор бор не. Баръакс, худат рӯсиёҳ мешавӣ, ки гапи падаратро нагирифтӣ, оқ мекунам, аз баҳрат мегузарам, наемонам, ки дигар поятро ба хона монӣ, фаҳмидӣ, ки ба худат чӣ зарар мешавад? «Муаллим» гуфта аз падар мемонӣ.

– Баъд боз мегӯям, ки…

– Боз чӣ мегӯӣ?

– Мегӯям, ки папкаро аз дастам гирифта будед.

– Ҳамин хел мегӯӣ?

– Ҳа, ҳамин хел мегӯям.

– Оҳ, падарлаънат, оҳ, морбача! Бо душманҳои ман ҳамроҳ шудӣ? Туро хононданд? Кошифзода?! – Холиқназар мушт ба девор зад, доду фарёд бардошт: – Очаш, Гулнисо! – номи завҷаашро гирифт. – Ин ҷо биё, ин ҷо биё! – бетоқат шуда ӯро наздаш хонд. Модари Зафар аз рӯи ҳавлӣ боз ба хона давид.

– Очаш!

– Лаббай, мардак.

– Биё, шунав, ки ман аз бачат чӣ мехоҳаму вай чӣ ҷавоб мегӯяд. Вай ба гапи душманони ман даромадааст, душмани ман шудааст.

– Оташин нашавед, мардак.

– Гуфтам-ку, ту гӯш кун, ки ман аз вай чӣ мехоҳаму вай чӣ ҷавоб мегӯяд. Шоҳид шав! Зафар, Зафар!! – овози пурдаҳшати падар гӯё бому дари хонаро ларзонд.

– Лаббай.

– Пагоҳ сари суд, суди муаллим, туро мебаранд, мепурсанд, ки папкаи муаллимро ту ба хонаатон бурда будӣ? Ту чӣ ҷавоб мегӯӣ?

[1] .Итоб

– Мегӯям, ки папкаро ба хонаамон бурда будам.

– Боз чӣ мегӯӣ?

– Мегӯям, ки папкаро аз дастам шумо гирифтед.

– Боз чӣ мегӯӣ?!

– Мегӯям, ки тарафи таҳхона рафтед ва боз гуфтед, ки сага аҷалаш ки расид, дар девори масҷид мемезад.

– Боз, боз чӣ мегӯӣ, лаънатӣ!!!

– Боз мегӯям, ки шумо мактуб навиштед, мактубро ба ман додед, гуфтед, ки онро ба милисахона, ба Ризқалии ҷӯраатон бурда диҳам.

– Ҳамин гапро ҳам мегӯӣ, падарлаънат?!

– Ҳа, мегӯям.

– Зинда ба зинда қабри падарамро меканам, гӯй.

– Гапи ростро мегӯям.

– Шунидӣ, очаш, сагбачаат чӣ мегӯяд? Шунидӣ?! Ба вай гап ёд додаанд, хондаанд. Вай душмани рӯирости ман шудааст. Хоки маро мебезад ин бача. Ана акнун, очаш, худат гӯй, ки ман ба вай чӣ гӯям? Чӣ кор кунам?

– Саратонро ба сари бача намонед, тез нашавед.

– Тез нашав мегӯӣ? Тез нашавам-а? Дамашро мегиронам.

Холиқназар ба гирду атроф назар андохт, чизеро меҷуст. Назараш ба чойник афтод. Онро аз рӯи дастархон бардошт. Ӯро ҳамин хел одат. Борҳо сари ҷаҳл чойникро ба сари завҷааш Гулнисо ҳаво додааст, чойник ба девор хӯрда чинга-чинга[1] шудааст.

– Назанед, мардакҷон, назанед! – модар ба пеш баромад. Вале дер шуда буд. Дар ҳоле ки чашмони падар сиёҳӣ мезаданд, ақлу ҳушаш гум, дар оташи қаҳру ғазаб дармегирифт, сар то қадамаш меларзид, дар ҳоли беҳушию девонагӣ чойникро ба тарафи Зафар партофт. Надонист, ки чойник ба куҷои ӯ бархӯрд. Фақат дид, ки писараш пеши пойҳои ӯ афтода ба худ мепечид.

– Хонасӯхта, чӣ кор кардӣ? Бачама куштӣ? Вой бачам, вой, вой дод! – Холиқназар мешунид, ки завҷааш овоз андохта, «баламой» мегуфт. Падар акнун сар ба дару девор мекӯфт, мушт ба шишаҳои дару тирезаҳо зада, ҳама чиро зеру забар, майда-майда мекард, дасту панҷаҳояшро шишаҳо бурида, ҳама ғарқи хун, ба назари падар олам дарёи хун, ӯ хун мегирист. Садои «баламой»-гӯии модар баланд, фиғони хоҳаракони Зафар ба осмон. Дар як дам ҳавлӣ лаболаби одам гашт, ҷои сӯзанпартоӣ намонд. Муаллимону талабаҳои мактаб дар ҳавлӣ бориданд. Кошифзода тӯппӣ пӯшида, Заррина чодари сиёҳ ба сар кашида. Ҳама медиданд, мефаҳмиданд, ки ростгӯӣ ба Зафар марг оварда. Ӯ дурӯғ нагуфта, рост гуфта, рӯ ба марг рафта, рост гуфта, маргро ба гардан гирифта. Қавлу амалаш як буда, ки назди Кошифзода ӯ гуфта: «Аз ростгӯӣ рӯ наметобад, ситаму азоб чи ки, агар ӯро кушанд ҳам!» Бале, барои ростгӯиаш ӯ кушта шуда, ба гуфтаи Кошифзода ӯ қаҳрамон.

ХОТИМА

Барои фаромӯш нагаштани номи шогирди қаҳрамонашон муаллимон, ди-

[1]. Майда-майда

ректори мактаб Кошифзода, муаллим Зафарзода, ки Зафар ҷон додаю гапи рост гуфта ӯро аз маҳбас раҳонда, аҳли деҳаи Гулоб, ҳама, ҳама ба по хеста, талаби аз нав номгузорӣ намудани мактабро ба миён гузоштанд. Мактаб аз номи бобои Зафар Давлатхӯҷа Салоҳиддинзода ба номи набераи ӯ Зафар Холиқназарзода гузашт. Ҷои муҷассамааш миёни гулзорони саҳни мактаб. Акнун тамоми иду маърака, чорабиниҳои тарбиявии омӯзгорону шогирдон дар назди муҷассамаи Зафар мегузаранд. Зафар баҳри шогирдон тимсоли ростгӯию ростқавлӣ, покӣ, вафодорӣ, садоқат дар роҳи ишқу муҳаббат. Муҳаббати ӯ бо Заррина баъди сараш афсона шуда, афсонаи ишқи номуроди ду ҷавон. Заррина дар ҳалокати Зафар худро гунаҳгор меҳисобид. Ӯ дар вохӯрӣ бо Зафар дар дараи Чашмасор назди вай шарт гузошт. Дар сари қаҳр гуфт, ки агар падари ӯро суд кунанд, аз Зафар домангир мешавад, дигар бо ӯ гап намезанад, тамом, вассалом! Ин ҳарфҳоро бо ғазаб ба рӯйи Зафар кашида, аз вай рӯ тофт, саросема пеш-пешаш роҳ гирифт. Ана акнун оқибати итобаш ба ӯ чӣ оварда? Падари Заррина дар озодию ӯ аз Зафар монда. Ку дигар имконе, ки Зафарро бубинаду узр хоҳад? Ба гуфти худаш, ки тамом, вассалом! Зафар муҷассама шуда. Муҷассамааш ба хаёли Заррина мазори ӯ, мазори ошиқ. Баъзан аз худ бехабар лаҳзаҳои тӯлонӣ рӯ ба мазори Зафар мешавад. Бо ӯ ҳарф мезанад, алами дил мегӯяд. Лаб ба ҳарфҳои номи ЗАФАР мегузорад, ҳарфҳоро мебӯсад, бо оби дида онҳоро мешӯяд, як рӯз не, ҳар рӯз. Ба хаёл меравад: Зафар зинда, ҳамроҳаш. Даст ба дасти ҳам роҳ мераванд, рӯ ба дуродур. Ба куҷо? Заррина намедонад, аммо мехоҳад, аз Зафар ҷудо набошад, бо ӯ, бо Зафар бошад.

Анҷом
октябри соли 2015

СИТОРАҲОИ ПАСИ АБР
(Қисса)

Он солҳо дур аз деҳа, дар шаҳр мезистем. Кулбаамон дар бинои баланд, дар ошёнаи панҷум ҷойгир буд. Ва чун субҳгоҳон аз хоб бармехостам, аз тиреза ба офтоббаро, ба ҷониби деҳа рӯ меовардам. Теппаҳои баланди атрофаш намоён. Вале чандест, деҳа рафта наметавонам. Он ҷо ноором, ҷангҳои байниҳамдигарии хешовандон, ҳамзабонон. Гуруҳҳои силоҳдор ҳаёту зиндагии мардумро ноосуда гардондаанд. Хаёлам ба деҳа, ба ҳамдеҳагон. Деҳаамон Нилкон ном дорад, миёни деҳаҳои ҷамоаи Роҳатӣ ба назарам аз ҳама зебо ва дилкушо менамояд. Аз ҷониби офтоббарои деҳа оби сангоб ҷорист. Он аз бағали дараҳо ва оброҳаҳои куҳҳои Мағмуруду Қандӣ меояд, баъд роҳаш давомнок шуда, то ба дарёи шӯху тезоби Кофарниҳон меравад. Сангоб ба мисли сарҳаде байни деҳаҳое, ки дар ду канори он ҷойгиранд. Мағмуруд, Қандӣ, Теппаи Самарқанд, Навобод, Дуобаи боло, Дуобаи поён, Роҳатӣ, Нилкон, Оқчакман, Моинкаҷ ном доранд деҳаҳо. Оби сангоб дар рӯзҳои гармо, айёми тобистону тирамоҳ қарибе хушк мешавад, сангҳо метасфанд, аз ҷониби сангоб боди гарм мевазад, то дуриҳо – то боғоту ҳавлиҳои деҳаҳои Нилкону Роҳатӣ паҳн мешавад, сангоб мисли хате кашида шуда байни ин деҳаҳо. Як ҳиссаи боғҳо, ангурзорҳо, ҳавлиҳои аҳли деҳаи Нилкон дар ҷониби дигари сангоб, дар ҷониби Роҳатӣ ҷойгиранд. Онҳо ба хонаю ҳавлиҳои сокинони деҳаи Роҳатӣ якҷоя, деворбадеворанд. Лекин мардум худро нилконӣ мегӯянд. Ва ҳам дар рӯйхатҳо, ҳисобгирии идораи ҷамоа нишонаашонро ба номи ин деҳа менависанд. Дар тӯю маъракаҳояшон ҳам аҳли деҳаи Нилкон хабар мешаванд ва манзили абадӣ – гӯристонашон ҳам гӯристони деҳаи Нилкон. Боғоту ангурзорони дар он сӯи сангоб будаи нилкониҳо то андаке пеш, дар солҳои дар мактаби миёнаи деҳаи Роҳатӣ хондани мо бо номи соҳибонашон – боғи эшони Мавлон, боғи эшони Солеҳ, боғи эшони Мулло Сайиднеъматуллоҳ, замини Моҳи Мулло зикр меёфтанд. Дар наздикиҳо хона ё ҳавлие ба чашм намеафтод. Хонаҳои сокинони деҳаи Нилкону Роҳатӣ аз ҳам дур буданд. Мо, бачаҳо, аз миёни боғҳо, аз таги чинорҳою лаби ҷӯй ва аз канори заминҳо гузашта мактаб рафта меомадем. Баъдҳо бо чӣ сабабе гуруҳ-гуруҳ мардумони деҳаҳои дараи Ромит кӯчида ба Роҳатӣ меомаданд. Аксарашон дар ҳамин заминҳои даруни сангоб хонаю ҳавлӣ бунёд карданд. Ва имрӯз ба туфайли манзил ёфтани онҳо деҳаҳои Роҳатӣ ва Нилкон қарибе бо ҳам якҷоя шудаанд. Вале чи тарзе таъкид намудем, мардумони дар он сӯи сангоб мондаи деҳаи мо ҳанӯз худро нилконӣ мегӯянд, манзил – хокдонашон ҳам дар ҷониби мо – дар Нилкон.

Бале, сол аз сол ҳисоби аҳли деҳаҳо афзун мешаванд, хонаю дар месозанд. Миёни баъзе деҳаҳо, аз ҷумла Тепаи Самарқанд, Фермаи Нилкон, Оқчакман, Дуобаи боло, Меҳтарӣ, Роҳатӣ ва Нилкон қарибе ҳудуд намонда. Заминҳои деҳаи Нилкон, ки дар замонҳои подшоҳӣ мардумонаш заминдор ҳисоб меёфтанд, бо баъзеи ин деҳаҳо якҷоя шуда азони сокинони он гашта.

Дар баҳорон оби сангоб байни Нилкону Роҳатӣ зиёд гашта сел меояд. Мардум баъзан аз сангоб гузашта наметавонанд, равуояшон барҳам мехурад. Чандест болои сангоб кӯпруки ларзонаке пайдо шудааст. Онро кӯпруки эшо-

ни Аъзамхон мегӯянд. Ин марди саховатманд, савобҷӯйро ҳамаи мо медонем. Бадавлат ҳам нест, солҳои баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон дар Бухоро таҳсил карда, илми таҷвид, қироъатро бисёр хуб аз худ намуда. Овози хуше дорад, вале ӯ аз ин пеша нон нахӯрда, устои чӯбкор аст. Марди боҳунар. Ана ҳамин эшони Аъзамхон бо меҳнати ҳалолаш каму беш маблағ ёфта, масолеҳи кӯпрук, ҳар гуна оҳанҳо харида, барои равуои мардум аз болои сангоб кӯпрук сохта. Алҳол пояҳои кӯпруки эшони Аъзамхонро обхезиҳои айёми баҳорон бебақо кардаанд. Об ба ҷониби деҳаи Роҳатӣ, ба тарафи баъзе ҳавлиҳо гаштааст, саҳни чанд ҳавлиро об шуста бурдааст. Хавфи ба коми сел рафтани кулбаҳои сокинони ин ҳавлиҳо ба вуҷуд омадааст. Ба ҳар ҳол кӯпруки эшони Аъзамхон мавҷуд аст, онро баъзе одамони савобҷӯ аз нав месозанд, ба ҳар гунае насозанд, минбаъда кӯпрук бо номи эшони Аъзамхон. Номи одамони саховатпеша баъди сарашон ҳам зинда мемонад.

Акнун чанд сухан аз хусуси маънии номи деҳаи Нилкон. Ривоятҳо мавҷуданд. Некон ҳам мегӯянд деҳаи моро. Аммо номи Нилкон маъмултар. Дар ҳамаи мавридҳо Нилкон мегӯянд. Ва ҳамин тавр менависанд. Чӣ маъние дошта Нилкон ё Некон? Ба чӣ муносибате чунин номҳо ёфта деҳаи мо?

Тахминҳо ҳар гунаанд. Мегӯянд дар гузашта, дар ким-кадом замоне дар ин маҳал аз гиёҳе нил ҳосил мекардаанд, маънии нил дар луғат чунин шарҳ ёфтааст: Нил гиёҳест дар мамлакатҳои гарм, ки аз шираи он ранги нилӣ мегиранд: ранги кабуди баланди сиёҳтоб, ранги лоҷувардӣ, осмониранг. Боз мегӯянд, замоне дар ин ҷо ҳама аҳли ҳунар мезистаанд, матоъ мебофтаанд, ба матоъҳо ранг медодаанд. Ва дар зери қалъае, ки дар поёни деҳа мавҷуд аст, дар соҳили сангоб бозор будааст. Дар танаи қалъа изи хумҳо ба назар метобад, хумҳое, ки аз қади одам баланд. Хумҳоро кандаанд, сафолпораҳо мондаанд. Дар он хумҳо ранг будааст, хумҳои пур аз нил. Ва он барои ранг додани матоъҳои бофандагон истифода мешуда. Ва агар ин ривоятҳо бесабаб пайдо нашуда бошанд, пайдоиши номи деҳа бо рангҳо, ба кони нил алоқаманд. Ва шояд мардум ба ҳамин хотир ба маҳалли мо кони нил – Нилкон ном мондаанд.

Ва гуфтем, ки деҳаи моро Некон ҳам мегӯянд. Ва бо ин ном ҳам зикр шудани деҳа сабаб дорад. Қадима аст.

Мегӯянд, ки замоне ба ин гӯшаи хушманзар гузори гуруҳи одамоне афтода. Онҳо соҳибилм, бофазл, соҳибмартаба. Дар он айёми баҳорон, дар ин гӯшаи афсонавии сердолударахт, пургулугиёҳ, дар канори сангоб, ки обаш ширину нуқраосо буда, чанд гоҳе рӯз гузарондаанд. Писандашон шуда ин мавзеъ. Дигар аз ин ҷо нарафта зиндагӣ ихтиёр кардаанд. Муқимнишин шудаанд. Ба шарофати онҳо ин ҷо обод ва серодам гашта. Ҷои рафтуомад, муридону муқаррабонашон. Ва ба ҳурмати эшон, ки аз ҷигарбандони Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ будаанд, барои деҳа ном пайдо мешавад, Некон меноманд онро, деҳаи Некон. Аҳли деҳа ҳама сайидзода, эшонҳо. Сокинони деҳа имрӯз давоми он хонадон, хонадони Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонианд, шаҷараномаашон аз он зоти пок давом ёфта. Ва дар замони ҳар подшоҳе ба шаҷаранома муҳр мемондаанд. Муҳргузорӣ, тасдиқи аз авлоди Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ будани аҳли деҳа то замони ҳукумати Шуравӣ давом гирифта. Ва яке аз он ҷигарбандони Ҳазрати Мир

Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки деҳаи Некон аз шарофаташон бунёд ёфтааст, Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф будаанд, ки мазорашон аз он рӯзҳо, аз охирҳои асри XIV монда. Мазори Ҳазрат дар саҳни зебою барҳавои масҷид, дар ҷониби офтоббаро болотар аз сангоб ҷой ёфтаанд. Дар рӯ ба рӯи мазор ду оромгоҳи дигар. Аз рӯи нақлу ривоятҳо яки он мадфани бародар ва дигаре хокдони хоҳари Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф Асмоҳ буда. Баъд як мадфани нав, он манзили абадии қиблагоҳи банда эшони домулло Мирзо, ки ҳамдеҳагон охири моҳи июни соли 1950-ум он касро ҳамин ҷо ба хок супурдаанд ва масҷиди ҷомеъи деҳа имрӯз ба номашон гузошта шуда.

Гирдогирди мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф бо хишт девор бардошта шуда буд, бо хишти пухта. Бо гузашти солҳо ҷо-ҷои деворҳо вайрон шуда, хиштҳо афтода, шикаста, таги хок монда буданд ва мазор намуди вайронае пайдо намуда. Мардуми деҳа деворҳои гаштаи мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатифро аз нав бунёд кардонӣ шуданд. Хело сол ҳамин хел орзу доштанд, дар маъракаҳо ва дар масҷид, дар ҳузури намозгузорон дар ин масъала гап мекушоданд, маслиҳат мекарданд.

Соли 1989-ум ба масҷид имомхатиби нав омад. Ӯро бо хоҳиши аҳли деҳа аз ҷониби Идораи қозиёти ҷумҳурӣ фиристода буданд. Шахси фозил, воиз, шӯҳратманд. Номи эшон ҳоҷӣ Саъдиддин. Мухлису эътиқодмандонашон зиёд, суханҳояшон ба ҳама хуш меомад. «Амри маъруфи ҳоҷӣ Саъдиддинро шунавем» гуфта аз деҳаҳои ҳамсоя, аз шаҳри Душанбе ба масҷиди деҳаи мо намозхонҳо меомаданд. Дар давраи имомхатибии ҳоҷӣ Саъдиддин масҷид обод ва серодам мегашт. Дар рӯзҳои Иди шарифи рамазон ва Иди қурбон дар саҳни масҷид ҷойи холӣ наемонд, ки намоз гузоранд. Саҳни васею озодаи масҷид, кӯчаҳою боғоти деҳа пур-пури одам мешуд. Аз панду насиҳатҳои ин инсони мӯътабар ҳама баҳравар. Сухану амалашон мувофиқ, бетамаъ. Мисли баъзе муллою имомхатибҳо аз пайи ғун овардани молу амвол, бунёди хонаю дари боҳашамат, мошингирию пулёбӣ набуданд. Хаёлашон ба тоату ибодат, ба мутолиа. Кам мехуфтаанд, тоатӣ, дар забонашон зикри Аллоҳ. Ранҷ мекашиданд, чеҳраашон заъфаронӣ, лоғарандом. Дӯсташон медоштанд ҳамнишинону ҳамнафасон. Ободии масҷид, ободии деҳа буданд.

Бо саъйи ана ҳамин шахсияти нексиришт – ҳоҷӣ Саъдиддин дар деҳа паи азнавсозии мазори ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф афтоданд. Амали хайр шурӯъ гашт. Аз ҳар хонадон ба дараҷаи имконашон пул ғун оварданд, баъзе одамони будаманди деҳаро, ки дар шаҳри Душанбе мезистанд, ба нанг андохтанӣ шуданд. Як-ду нафари онҳо гӯё миён бастаанд. Гуфтаанд, ки мазорро худашон месозанд. Дар ин миён нафаре аз аҳли деҳа изҳор карда, ки масъалаи аз нав бунёд кардани мазорро ба ӯҳдаи ӯ гузоранд. Дар дил ӯ орзуҳо парварида, ҳатто ба кор шурӯъ намуд. Рӯзе дидем, ки он ҳамдеҳаамон булдозер оварда деворҳои мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатифро мегардонад. Чанги хок ба осмон. Хиштҳои мазор, ки ҳар яке аз гузашта нишоне, ёдгорие буданд, зери чарххои мошини пурдаҳшати афсонавӣ монда қасаркусур мешикастанд, пора мегаштанд, гӯё булдозер хиштҳоро ба комаш фурӯ мебурд, як-як нобуд месохт. Ба ақли кас нағунҷида, ки ба ёдгориҳои аз гузашта боқимонда чунин муносибат намоянд. Ёдгориҳо барои ҳар халқу миллат азизу нишонаҳо аз гузашта, нишонаҳои аҷдодонамонанд. Агар лозим

биояд, мо бояд чангу ғубори болои хиштҳои ин ёдгориҳоро бо дидагонамон бардорем. Аммо ҳамдеҳагони ман аз нофаҳмӣ чи коре карданд? Бале, медонистем, ки ин амали ба ҷо омада, саҳван сар зада, аз кутоҳандешӣ, саҳлангорӣ. Вагарна ба мисли аввалааш аз нав бунёд сохтани мазор осон набуд, хароҷоти зиёд, маблағи беҳисобе лозим. Меъморон, идораҳои масъул, олимон бояд тарҳи аз нав ба вуҷуд овардани мазорро рӯи коғаз меоварданд.

Мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф вайрон ва аз рӯи замин нопадид гашта буд. Хиштҳои сиҳатмонда ва нимшикастаро ҷо-ҷо рӯи ҳам чиданд, ҷои мазор ғарамҳои хишт ба назар меафтод. Чӣ коре шуда? Хурду калони деҳа хиҷил. Чун аз дари масҷид медаромаданд, ба саҳни он назар меандохтанд, ҳамон чинорҳо, чинорҳои сершоху навдаи баланд-баланд, кундаҳояшон чунон ғафс, ки гирдогирдашон арғамчинҳо намерасанд. Онҳо гӯё сар ба бағали ҳамдигар ниҳода, қад-қади ҷӯй ба кабудии осмон баланд шудаанд, оби ҷӯй соф, нукрасо, сангчаҳои зери он чун садафпораҳо намоён. Шилдирроси оби ҷӯй ба гӯш мерасад. Садо ба мисле ғамангез, дилгир. Оре, боз ҳамон чинорҳо, ҳамаашон ҷобаҷо. Аз ҷӯи зери чинорҳо мисли пешина об ҷорӣ. Вале бо вуҷуди ҳамаи ин саҳни масҷид мисли пешина наменамояд. Бо гардонда шудани мазор ҳусни он коста гашта. Масҷид ва саҳни он ба назар холӣ. Шаҳомати пешинааш намонда. Акнун мо мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатифро хаёлан пеши назар меовардем. Нақлу ривоятҳо аз хусуси мазор ба ёдамон монда. Гӯё хотира шуда бароямон мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф.

Аз паси деворҳои саҳни масҷид, аз канори мазор роҳ, роҳи калони байни деҳаи мо ва Роҳатӣ, роҳи бисёр деҳаҳои дигар ва маҳаллаҳои дур, роҳи шаҳр, шаҳри Душанбе. Пеш, дар замонҳои подшоҳӣ, ҳама харакию аспакӣ бо ҳамин роҳ ба бозор–ба Душанбе мерафтанд, ангур, себ меваҳои боғашонро мебурданд мардум ба бозор. Шабҳо ҳам улавакиҳо бо ин роҳ мегузаштанд. Аз деҳаи Роҳатӣ куталро нишеб мешуданд ва аз сангоб, ки мегузаштанд, боз кутал, кутали деҳаи Нилкон пеш меомад. Дар сари кутал мазор, мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф, аз паси мазор ба деҳа роҳ оғоз ёфта. Баъд кӯчаҳо, ҳавлиҳо, кулбаҳою боғу майдонҳои мардумони деҳа ва роҳ ба масҷиду дохили мазор. Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф нигаҳбони аҳли деҳа, нигаҳбони давоми ҷигарбандон, давоми фарзандонашон, асрҳо боз руҳашон онҳоро бонӣ мекунанд, аз балоҳо, аз офатҳо ҳифз менамоянд.

Дар рӯзҳои низоъҳо, ҷангҳои байниҳамдигарии тоҷикон аз ким-куҷое ба ҷониби деҳаи Нилкон аз тӯпҳо тирҳо холӣ шудаанд, тирҳо ба девор, (дар он рӯзҳо мазор аз нав бунёд мешуд), ба сутунҳои пешайвони мазор омада, ба замин – ба пешгоҳи он афтода. Лек ягонтои он ба болои деҳа, ба сари одамон ва ҷонвариёту ҷонзотҳо нағалтида, сари хасе аз кулбаҳои аҳолӣ беҷо нагашта. Мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф тирҳоро ба худ гирифта. Руҳашон фарзандон–мардумони деҳаро ҳифз намуда, болои сарашон сипар шудаанд.

Мардум бо чашмонашон дида ва шунидаанд, ки руҳи Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф аз носипосӣ, беҳурматии одамон ранҷидаанд. Ранҷишашон боиси беморию ранҷурии якумрии баъзеҳо шуда. Рӯи ин гуна касон каҷ, ба паси сар чапа гашта. Шахсони пургуноҳ, нопок аз назди мазор роҳ ёфта натавонистаанд, тавбаю надомат мекардаанд, даст ба гиребонашон мешуданд.

Боре корвонакиҳо аз Хитой бармегаштаанд, чандин шабу рӯз буда, ки онҳо дар роҳ. Зану марди бисёре. Раҳ ба раҳ чи дилхушӣ, чи беадабиҳо накарда. Он рӯз аз кутали деҳаи Роҳатӣ нишеб шудани ин корвонакиҳоро одамон аз деҳаи Нилкон мушоҳида намуда. Тамошои аҷоибе. Корвонакиҳо аз улавҳошон пиёда шуда таги дарахтони олучаю зардолуҳои ғарқигулшудаи канори роҳ ғун омада суруд мехонданд, даф мезаданд, занону духтаронашонро оғӯш мекашиданд, онҳоро ба даруни боғу дарахтзорон кашола мекарданд. Аз афташ май нӯшида, ҳама маст, сархуш, аз худ бехабар. Садои ҳаёҳуй, қаҳ-қаҳи хандаашон ба фалак. Баъзеашон рӯи роҳ афтода боз бо мадади ҳамдигарӣ аз ҷой бармехостаанд. Бо ҳамин минвол, бо гуфтае бо ҳангоҳунг сангобро гузашта, кутали мазорро баромадаанд. Аз назди мазор, аз масҷид дур нашуда ҳамаашонро дарди ҷонкоҳе гиребонгир мешавад. Улавҳошон аз роҳравӣ бозмеистанд, дигар пеш намераванд. Ҳар қадар бар сари онҳо қамчин андозанд, бефоида. Улавҳо ноҷунбон, гӯё пойҳояшон ба замин мехкӯб шуда. Аз дарди ишкам корвонакиҳо ба худ мепечиданд, наъра мекашиданд, нола доштанд. Ишкам ба қоши зин мегузоштанд, тоқат карда наметавонистанд. Корвонакиҳои беҳисоб дар кӯчаҳои деҳа аз роҳ бозмонда. Мардуми деҳа, куҳансолон, мӯйсафедон атрофи онҳо ҷамъ омада.

– Чӣ гап шуда ба мо, бародарон, чӣ илоҷ ёбем, чӣ маслиҳат медиҳед? Ёрдам расонед, як бало кунед, мемирем, – корвонакиҳо аз мардум мадад мехостанд ва хурду калон ҳама аз дард мӯи ба оташ расида барин ба худ мепечиданд, тадбир мепурсиданд, «мадад расонед, бародарон, мемурем», мегуфтанд.

Куҳансолони деҳа, онҳое, ки бо беҳурматӣ, носипосона аз назди мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф гузаштани корвонакиҳоро шоҳид гашта буданд, ба онҳо сабаби ба дарди бедаво гирифтор гаштанашонро гуфтаанд, гуфтаанд, ки руҳи эшон аз онҳо ранҷида. Корвонакиҳо, ки мусулмон, аз бародарони қалмиқҳо будаанд, амалҳои ношоистаашон ба хотирашон омада, аз роҳашон баргаштаанд, аз улавҳо пиёда шудаанд, футаҳо дар гардан, дастҳо пеши бар бо илтиҷою тазаррӯъ ба масҷид даромадаанд, назди оромгоҳи Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф тавбаю тазаррӯъ карда омурзиш хостаанд.

Корвонакиҳо чанд гову гӯсфанд хун карда, дар дегҳо хӯрок пухта худоӣ кардаанд, ба номи Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф хатми Қуръон фармудаанд. Сиҳат ёфта аз мардум – аз пайвандони Ҳазрат дуо хостаанд ва як ҳамроҳашон – занеро минбаъда баҳри тозаю озода нигоҳ доштани мазор гузоштаанд. Зан ҷорӯбкаши мазору масҷид. Рӯзҳо то бегоҳ ӯ ҳамин вазифаро адо намуда, шабҳо дар кулбаҳои мардуми деҳа мехуфтааст. Баъд ӯ дар деҳа хонадор–шавҳардор шуда, то охири умр дар мазор ва масҷид хидмат карда. Аз зан фарзандон ба дунё омада, фарзандон аз модари қалмиқ, аз қалмиқзан ва насле аз ӯ ба дунё омада дар деҳа.

* * *

Аз кутали паси деворҳои масҷиди деҳа дар давоми асрҳо чӣ қадар одамони ошною ноошно қадам монда. Корвонакиҳои қалмиқҳо ҳам гузашта. Нишонаашон монда дар деҳа ва банда ҳам айёми хурдсолию ҷавонӣ хело аз ин кутал равуо доштам. Дар деҳаи Нилкон он солҳо мактаб чорсола буд. Баъд барои

давоми таҳсил ба деҳаи Роҳатӣ мерафтем. Аз дигар деҳаҳо, аз ноҳияи Кофарниҳон ҳам хонандагон ба ин мактаб меомаданд. Шоир Нуъмон Розиқ аз деҳаи Симуганҷ, ки аз Роҳатӣ хело дур аст, дар ҳамин мактаб мехонд. Яке аз мактабҳои аввали замони Ҳукумати Шӯравӣ, мактаби маълуму машҳури маҳаллаҳои гирду атроф. Банда баъди хатми синфи чоруми мактаби деҳа дар мактаби деҳаи Роҳатӣ шаш сол хондам. Соли 1958-ум соҳиби маълумоти миёна гаштам. Муаллимони азизам Носиров, Ҳамроев, Ҳайдаров, Сергей Сухоян (ҳоло яке аз шоирони маълуму машҳур), Қобилова, Р.Муҳаммадиев, А.Холов, О.Азизов, Р.Муҳаммадшоев, ки аз шаҳрҳои Бухорою Самарқанд, аз шаҳру музофотҳои гуногуни ҷумҳурӣ буданд ва муаллимон Изатулло Ҳусайнӣ, Т. Солиев, С. Азизов, Н. Гулонов ва ҳамсинфонам Саидмурод Баротов, Эмом Мансуров, Абдукарим, Бобокалон, Абдуалим, Абдуррозиқ, Ҳабиба, Салоҳи бачаи Раҷаб, Дӯстмуҳаммад, Исмоил бо меҳрубониҳояшон дар ёдам мондаанд. Баъд ҳамон сол ба факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи омӯзгории ба номи Т. Г. Шевченко, ҳоло Донишгоҳи давлатии Омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дохил шудам. Роҳам боз аз даруни сангоб, аз кӯчаҳои деҳаи Роҳатӣ. Аз ҳамин ҷо мошин савор мешудем, мардум аз ҳамин ҷо ба шаҳр – ба Душанбе рафта меомаданд.

Имрӯзҳо, агар гоҳе ба масҷид дароям, мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф ва мадфани падарамро зиёрат карда, баъд рӯ ба гӯристони паҳлуи мазор меорам. Ин гӯристонро дар деҳа Мазори Поён мегӯянд. Мардумони деҳаи ҳамсоя–деҳаи Оқчакманро ҳам пеш ин ҷо дафн мекардаанд. Мазори Поён дар миёни деҳа, дар канори масҷид, дар паси девори мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф ҷойгир аст. Хело солҳост, ки гӯристони Мазори Поён пур шудааст. Гӯристони болои деҳа хокдони мардум шуда. Онро Мазори Боло мегӯянд. Мазори Болою Мазори Поён аз ҳам дур нестанд. Лекин усули ба хок мондани майитҳо дар ин хокдонҳо аз ҳам фарқ мекунад. Дар гӯристони Мазори Поён бо тарзи дӯконӣ ва дар гӯристони Мазори Боло бо усули шомӣ гӯр мекананд.

Аз канори гӯристон, аз паси деворҳои масҷид ва мазор рӯ-рӯи хору алафҳои хушкида қадам монда ба сари кутал меоем. Аз баландии сари кутал ба поён, ба сангоб ва боз ба роҳ, ки таг-таги дарахтони олучаю зардолу ва чормағзҳои сар ба фалак, то деҳаи Роҳатӣ расидаанд, назар меандозам. Хаёлам ба роҳ, ба дӯстонеам банд гашта, ки замоне ҳамроҳашон аз он гузар мекардем.

Шоир Изатулло Ҳусайнӣ аз деҳаи Роҳатианд. Муаллим, роҳбари синфамон. Баъд дар идораи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон» ҳамкорам буданд. Муаллим, баъд яке аз дӯстони наздикам дар зиндагӣ. Ба хонаи мо – ба деҳаи Нилкон меомаданд. Аксаран то нимаҳои шаб бо ҳам сӯҳбат мекардем. Шеър мехонданд, аз мазмуни ҳикояҳои навам нақл мекардам. Ба гуселашон мебаромадам. Аз кӯчаҳои деҳа, аз роҳи паси деворҳои масҷид, аз назди мазор гузашта, куталро мефаромадем. Ба лаби сангоб меомадем. Ҳамин ҷо бо ҳам хайрухуш мегуфтем. Муаллим кутали деҳаи Роҳатиро боло мешуданд, банда кутали деҳаи Нилконро. Ба сари кутал, назди мазор расида, рӯ ба роҳи омадаам, ба ҷониби деҳаи Роҳатӣ меовардам. Баъзан шабҳо маҳтоб болои сангоб меомад. Ҳама ҷо равшан, шир

барин. Дар равшании маҳтоб медидам, ки муаллим Изатулло Ҳусайнӣ ҳанӯз дар роҳ, ҳанӯз оҳиста-оҳиста кутал мебароянд.

5-уми ноябри соли 1989-ум хабари марги Изатулло Ҳусайниро шунидам. Шаб дар назарам тиратар гашт. Ситораҳо гӯё паси абрҳо монда, чарх мегашт гирди сарам олам. Наход инсони бароям ин қадар азизу гиромӣ аз олам гузашта, вафот карда? Ду ҳафта пеш зери капаи миёни боғашон ҳамроҳ нишаста будем. Хабари бемориашонро шунида ба ҳолпурсиашон рафта будам. Он рӯзҳо устод бемории сактаи дилро аз сар гузаронда буданд.

– Сиҳат шудам, ҳамааш гузашт, – маро бовар мекунонданд муаллим. Аммо он бегоҳирӯзӣ аз олам гузашта буданд. Онҳое, ки хабари маргашонро оварда буданд, ҳамроҳам дар паси дарвозаи ҳавлиамон меистоданд. Хаёли эшонро «ба хона дароед, марҳамат», гуфтан аз сарам рафта. Карахту беҳаракат, аз худ бехабарам карда буд хабари марги муаллим, дӯст, бародарам. Изатулло Ҳусайнии азиз дигар ба хонаи мо, деҳаи Нилкон, ба хабаргирии банда ва фарзандонам намеомаданд, дигар ҳамроҳашон кутали сари мазорро фаромада, то лаби сангоб гуселашон намекардам. Ҳамаи бо ҳам дар ин дунёи равшан гаштанҳоямон бо муаллим як давре, хобу хаёле буда.

Муаллимонам Солиев Теша, Нори Гулон ва муаллимон Саидов Давлат, Мирзоҳаётбоев, дӯстони азизам Кӯкани дуобачӣ, Маҳкам, Азиз, собиқ раиси ҷамоаи Роҳатӣ Мақсадулло Куканов ва ҳамсинфонам Сайидмуроди резинка, Ғафур, Абдуррозиқ, Салоҳи Рачаб, ки акнун дар қайди ҳаёт нестанд, бо ҳамин роҳ – бо роҳи сангоб ба хонаи мо – ба Нилкон омада мерафтанд.

* * *

Дар ёдам монда, дар деҳаи Роҳатӣ бо устодам нависанда Ҳабибулло Назаров аз мошин фаромадем. Аз кӯчаҳои танг-танги пурпечутоби деҳа мегузаштем. Кутали деҳаи Роҳатиро ҷониби сангоб нишеб мешудем. Дар ду тарафи роҳ ҳавлию боғҳо. Шоху навдаҳои дарахтони чормағзу олуча ва зардолуҳо болои бому деворҳо хамидаанд. Аз сангоб гузаштем, роҳи мо боз рӯ ба баландӣ, ба кутали деҳаи Нилкон. Кутал мебаромадем.

– Офарин ба ту, Карорматуллоҳ, – қомати баланду пайкари паҳлавононаи муаллим андаке ба пеш хам гашт. Ба хаёлам монда шуда буданд. Давом намуданд: – аз ҳамин ҷо ҳар рӯз шаҳр рафта меоӣ? Кор меравӣ?

– Ҳа, устод.

– Роҳи дур.

Куталро боло шудем. Дар рӯ ба рӯ мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф, деворҳои атрофи саҳни масҷид сар шуда.

– Камтар истем, – аз афташ муаллим дам гирифтан мехостанд. Рӯ ба роҳи омадаамон овардем. Дар поёни кутал сангоб. Ҳамроҳи муаллим рӯ-рӯи сангҳо сангобро гузашта будем. Шабона садои об баланд, аз сари кутал низ шав-шуви об ба гӯш меомад. Ҳамон шаб ҳам моҳи пурра болои сангоб омада буд. Боғу майдон, адиру пуштаҳо аз шуои он равшан. Равшании дилкушо ва фараҳафзо, осмон софу беғубор. Бӯи гул, бӯи сабзаю гиёҳҳои навруста меомад. Аз шохсорони чинорҳои баланди масҷид парандагон ҳанӯз ғаҷар-ғуҷур мекарданд.

– Кай шинондани ин чинорҳоро мардум ёд дошта бошанд? – Пурсиданд

муаллим.

– Не, мӯйсафедон ҳам ба хотир оварда наметавонанд, – ҷавоб додам.

– Дунё зебо, дунё афсона, куҳна, – гуфтанд муаллим, нигоҳашон ба моҳу ситораҳо буд. Аз нурҳои ширгуни моҳ қаъри сангоб ҳам равшан гашта. – Дунё зебо аст, – ғарқи хаёл такрор намуданд муаллим, – вале умри одамон киреӣ не, бисёр кӯтоҳ, ночиз, ана ин чинорҳои қишлоқи шумо аз чандин насли одамӣ зиёдтар умр доранд. Вале одамон дар давоми ҳамин умри кӯтоҳашон бо ҳамдигар соз намегиранд, ҳамдигарро бад мебинанд, гӯё дар ин дунёи кушод бо ҳам зиста наметавонанд, намеғунҷанд, хаёли марг, мурдан ба сарашон намеояд…

Мо ба роҳ даромадем.

* * *

Мегӯянд, ки масҷиди деҳа ҳам солҳое бунёд шуда, ки фарзандон – ҷигарбандҳои Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба ин макон омада будаанд. Аз ҳамон рӯзҳо дар ҳамин ҷои масҷиди ҳозира намоз мегузоштанд. Масҷидашон шуда ин гӯшаи хушманзараи деҳа. Хурдакак буда аввал бинои масҷид. Кулбаи хасине. Бо афзудани ҳисоби намозхонҳо аз нав ва аз нав сохта ва васеъ карда мешудааст. Ибтидои солҳои 1800-ум сохтмони масҷиди имрӯза шурӯъ гашта. Масҷиде, ки ҳоло намоз мегузоранд ва дар ҷумҳурӣ аз ҷиҳати меъморӣ яке аз ёдгориҳои нодир ба ҳисоб гирифта шудааст. Устоҳои соҳибҳунар, дар замонашон номдор баҳри бунёди масҷид аз шаҳрҳои гуногун даъват шудаанд, солҳо заҳмат кашидаанд. Аз чӯби чинорҳои азим барои долону пешайвонҳо сутун ва аз сангҳои хоро баҳри ҳар яки онҳо зерсутун тарошидаанд ва ба сангҳо гул андохтаанд. Ҳикоя мекунанд, ки ҳангоми ҷобаҷо сохтани бошаҳои болои сутунҳо устое, ки бунёди масҷид таҳти назари ӯ сурат меёфтааст, афтодааст, пояш шикастааст, лат хӯрдааст. Худо ба ӯ боз ҷони дубора ато намудааст, беш аз ду моҳ рӯи ҷой хобидааст, мардум бо навбат ӯро дар масҷид нигоҳубин кардаанд. Умуман, баҳри бунёди масҷид тамоми аҳли деҳа, хурду калон, зану мард ҷоннисор будаанд. Масҷид бо заҳмати мардумони онрӯзаи деҳа бино гашта. Таҳдевори бинои масҷид, сӯфаи баланди пешайвонҳо ҳама аз санг, сангчин шуда. Тамоми санги сангобро гӯё мардум ба масҷид кашидаанд. Пирони барҷомонда, беморон ҳам аз кори хайр, аз савоб дар канор намонем, гуфта аз сангоб як ё ду санг меовардаанд. Занҳо, арӯсони таги чодар шабҳо аз сангоб санг кашидаанд. Ҳар кадоми онҳо он рӯзҳо ҳазорҳо бор кутали деҳаро баромада фаромадаанд. Мардумони онрӯзаи деҳа ҳар яке орзуманд буда, ки заррае ҳам бошад, баҳри бунёди масҷид – хонаи Худо аз худ нақш, осоре бимонанд. Масҷиди боҳашамати деҳа ба мисли кохи ёдгорие аз онҳо монда. То рӯзҳои аз нав таъмир гаштани масҷид, аз нав андова кардани деворҳои баланди он нақши ангуштон, панҷаҳо намоён буданд. Бунёдгузорони онрӯзаи масҷид гӯё бо ин васила баҳри ояндагон – ба мо нома навиштаанд. Онҳо киҳо буданд? Хок шудаанд ҳама. Аз онҳо масҷиди боҳашамати деҳа нишона.

Таърихи бунёди масҷидро бо хатти зебои арабӣ дар сутун ва болорҳо сабт карда будаанд, бо сиёҳии баланд, ҳарфҳои гӯё. Мегӯянд, ки сармашқҳо бо қалами яке аз мардони маълуму машҳури ҳамон рӯзҳои деҳа Ҳоҷимаҳмуд

тааллуқ дошта. Вале хатти зебои хаттот имрӯз нохоно шуда. Лекин мардум соҳиби хатро аз хотир набаровардаанд. Андоваи як гӯшаи девори долони масҷид панҷакаш шуда. Он ҳам нақши панҷаҳои Ҳоҷимаҳмуд буда.

ҲОҶИМАҲМУД
(Қисса)

Аз ҷасорат, тавоноӣ ва соҳиби нангу номуси баланд будани ин марди афсонавӣ, паҳлавон ҳикоятҳо мондаанд.

Модари ӯро Моҳи Мулло мегуфтаанд. Мактабдор. Ба занону духтарони деҳа дар замони подшоҳӣ сабақ меомӯхтаанд. Занҳои синну солашон ба ҷое расидаи деҳа мегуфтанд: «забони каҷи моро Моҳи Мулло рост карданд. Ҳар чизе медонем, аз он кас ёд гирифтаем. Моҳи Мулло устодамон. Фарзандонашон, набераю абера, пушт ба пушташон устодзода, як умр мо назди онҳо қарздор, хидмат мекунем».

Ҳоҷимаҳмуд аввалин марде буда дар деҳа, ки дунёдида, оламу одамдида. Бо нияти сафари Маккаю Мадина беш аз чордаҳ сол беному нишон шуда аз хаёлу хотирҳо рафтааст. Ӯ дар ин муддат ба бисёр мамлакатҳои араб сафар карда. Ба зиёрати хонаи Каъба шарафманд гашта. Ҳоҷӣ шуда. Солҳои зиёд дар кишварҳои Русия ҳам буда ӯ. Дар шаҳрҳои Маскав, Петербург зиста. Вақте вай ба деҳа баргашта, ки ҳамдеҳагон қарибе ӯро нашинохтаанд. Ба тарзи аврупоиён либос ба бар карда, шапка мемондааст, палто мепӯшидааст. Силоҳдор, шамшеру шоф, тапонча ва милтиқ доштааст. Ҳангоми савори аспи саманди зебояш ба сафар баромадан мусаллаҳ мешудааст. Қаторвазна, шофу шамшер дар миён, камон дар китф, таппонча дар бағал. Аз кӯчаҳои деҳа ҳам ҳамин хел савора мегузаштааст. Худ ба худ бо забонҳои баҳри ҳамдеҳагон номафҳум ҳарф мезадааст, аввалин шахсе, ки дар деҳа забони русиро медонистааст. Ҳама аз ӯ дар ҳазар, ҳам меҳаросидаанд аз ӯ, ҳам эҳтиром доштаанд ба вай, соҳиби дараҷаи ҳоҷигӣ. «Ҳоҷимаҳмуд» мегуфтанд ӯро. Ба деҳа примус оварда будааст. Аҳли онрӯзаи деҳа назди Ҳоҷимаҳмуд дар ҳайрат. Гапу ҳарфи деҳа дар даҳони ӯ. Ӯ сару сарвари деҳа. Дар аҳди зиндагии Ҳоҷимаҳмуд дар деҳа эшони Судур, эшони Авлиё, мирохуру юзбошиҳо, амалдорони амиру мири Ҳисор, эшону муллоҳои забардаст мезистаанд. Лек ҳама сари итоат назди Ҳоҷимаҳмуд фуруд оварда. Аз ӯ ҳазар доштанд, Ҳоҷимаҳмуд марди ҷаҳондида, соҳиби илм, паҳлавон, батанутӯш. Аҳли деҳа аз туфайли ному шаҳомати ин марди наҷиб осуда, деҳа ором. Ба сар задани ҷанҷолу низоъҳо дар байни ҳамдеҳагон роҳ намедодааст. Аз гапаш баромада наметавонистаанд. Дуздон, одамони якраҳаю бадкирдорро ҳад мезанондааст.

Замоне дар деҳа ва дар деҳаҳои ҳамсоя аспдуздӣ сар шуда. Аспҳои бузии зӯр, аспҳои номиро мебурдаанд, мардум аз дасти аспдуздҳо ба дод омада. Ҳоҷимаҳмуд чандин шаб хоб нарафта аз паи дастгир кардани дуздон меафтад. Ниҳоят сардори аспдуздҳоро, ки Намоз ном дошта, аз номаш ҳама дар ҳарос будаанд, дастгир мекунад ӯ. Рӯяш пури пашм, торҳои ришаш бо ҳам печида. Чашмони танг-тангаш хунбор, симои нозеб ва ваҳмоваре. Ана бо ҳамин гуна як марди бадафт, ки хело пурзӯр ҳам будааст, Ҳоҷимаҳмуд дар он шаби тираю тор танҳо ба танҳо даст ба гиребон шуда, ниҳоят ӯро мағлуб месозад ва баъд дастонашро ба пушт баста, пешандоз карда ба ҳавлии худаш меорад, вайро дар танаи сутуни пешайвонаш мебандад, пагоҳӣ вақти намози саҳар дар масҷид эълон доштааст, ки мардум агар ҳавас дошта бошанд, ба хонаи ӯ биоянду дузди Намозро бубинанд.

* * *

Аз шаб посе гузашта, мардуми деҳа ҳама хоб. Аҳли хонаводаи Ҳоҷимаҳмуд ҳам. Ана дар ҳамон лаҳзаҳои ҳама хоб будан дарвозаи ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд бо дастаи қамчин сахт ва хело сахт кӯфта шуд. Аз ҳама аввал хидматгорҳо тарсида аз хоб бедор шуда, тарафи дарвоза давиданд. Дар паси дарвоза эшони Абдулвоҳиди чормағзакиро диданд. Ҳазрати эшон ба онҳо ошно. Яке аз меҳмонони иззатманди хонадони Ҳоҷимаҳмуд, гоҳ-гоҳе ба даргоҳи вай ташриф меовард. Ҳоло эшони Абдулвоҳид бетаклиф, дар бевақтии шаб омада.

– Марҳамат, ҳазрати эшон, марҳамат, биёед хуш омаданд, – хидматгорҳои Ҳоҷимаҳмуд ҳар ду табақаи дарвозаи калонро боз намуданд.

– Ҳоҷӣ дар хона ҳастанд? – эшони Абдулвоҳид аз афташ аспро хело давонда буданд, ки он зери обу арақ шитта гашта буд ва дар ҷои исташ бетоқатона сумак мезад.

– Бале, ҳазрати эшон, хӯҷаин дар хонаанд, хобанд, марҳамат дароед, – меҳмонро ба ҳавлӣ хонданд хидматгорон.

– Зудтар Ҳоҷиро бедор кунед, гӯед, ки эшони Абдулвоҳид омадааст, кори зарур ҳаст, хезад гӯед, зуд! – эшони Абдулвоҳид дар ҳарос буд, хаёлаш парешон.

Хидматгорон аз ҷилави аспи эшон дошта рӯ ба даруни ҳавлӣ оварданд. Дар ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд аллакай аҳли хонавода бедор шуда буданд. Бо хоҳиши Ҳоҷимаҳмуд эшон аз асп пиёда шуда. Вале эшони Абдулвоҳид ба меҳмонхона надаромада, сабаби дар он ғояти шаб ташриф оварданашро баён намуд.

Эшони Абдулвоҳид хоб дида будааст, ки гови харобе пайдо шуда гови фарбеҳро хӯрда.

– Таъбири хобатон, пирам? – Ҳоҷимаҳмуд дастҳо пеши бар бо сари хам назди эшони Абдулвоҳид меистод.

– Амир бетахт шудагист.

– Шояд, – Ҳоҷимаҳмуд гӯё фикри эшони Абдулвоҳидро тасдиқ мекард.

– Худо нигаҳ дорад, Ҳоҷӣ, мамлакат кофаристон мешавад, Ҳоҷӣ, худатон медонед, аз Бухорои Шариф ҳар хел хабарҳо меоянд. Баъд мири Ҳисор ҳам бебақо мешавад.

– Мамлакат ба дасти урус мегузарад, пирам.

– То он рӯз омадан Худо амонатиашро гирад, Худованд рӯи уруса надида мурем. Шумо ҳама чия мефаҳмед, Ҳоҷӣ, шумо ҷаҳондида, медонед.

– Камубеш.

– Хобам рост аст, Ҳоҷӣ, худи ҳамин шаб ягон гап шуд, дилам гувоҳӣ медиҳад, ягон гап шуд, – эшони Абдулвоҳид гаштаву баргашта таъкид мекард, парешон ва бетоқаттар мегашт. Эшон ба Ҳоҷимаҳмуд муроҷиат кард: то пештар равед, маълум мешавад, хабар биоред.

– Меҳмонхона дароед, пирам, монда шудед.

– Меравед?

– Чӣ мефармоед, пирам? – Ҳоҷимаҳмуд иқрор дошт, ки ба хидмат омода аст.

– Равед, балам, баргаштанатонро интизор мешавам.
– Сунатулло! – овози Ҳоҷимаҳмуд баланд гашт.
– Лаббай, хӯҷаин, – хидматгоре пеш омад.
– Самандро аз ахтахона барор, зин зан, зуд бош!
– Хуб шудааст, хӯҷаин.

Ҳоҷимаҳмуд ба ҳавлии дарун гузашт. Занҳояш паи ба сафар омода намудани вай шуданд. Палтояшро, ки гоҳе онро ба ҷои чакман ба бар мекард, оварданд. Ба ҷои салла ба сар телпак монд, телпаки пӯсти баррагини сипсиёҳ. Шамшеру қаторвазна дар миён. Дудама дар соқи мӯза, камонро ба китф овехта пой бар узангу ниҳод. Савори асп аз ҳазрати эшони Абдулвоҳид – аз пираш дуо ва иҷозаи аз дарвоза бурун рафтан хост. Эшони Абдулвоҳид рӯ ба мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф, ки ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд қарибе ба масҷиду мазор девор ба девор ҷойгир аст, даст ба дуо бардошта дуру дароз руҳу арвоҳҳоро ёд овард, дар сафари роҳи дур ба Ҳоҷимаҳмуд аз даргоҳи Худованд мадад хост, омин гуфт. Баъд садои суми аспи Ҳоҷимаҳмуд дар он шаби тираю тор ба гӯш меомад. Ҳоҷимаҳмуд аз кӯчаҳои тангу пурпечутоби деҳа рӯ ба роҳи дур асп медавонд.

Шаби дигар, ҳангоме ки дар деҳаи Нилкон субҳ медамид, боз садои тақтақи дарвозаи ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд баланд гашт. Эшони Абдулвоҳид, ки ҳанӯз болои ҷойнамоз хаёлаш ба воқеаҳои нохуш – ба ҳодисаи бетахт шудани амири Бухоро буд ва ба даргоҳи Худованд менолид, садои суми асп, тақтақ зада шудани дарвозаро шунид. Аз ҷой бархост «Ҳоҷӣ баргашт, хайрият, чӣ хабар оварда ӯ?» бетоқат гашта буд. Табақаҳои калон-калони дарвозаро хидматгорон кушоданд. Ҳоҷимаҳмуд савора вориди ҳавлӣ гашт. Наздики эшони Абдулвоҳид аспашро нигоҳ дошт ва пой аз узангу канд.

Эшони Абдулвоҳид бесабаб хоб надида будааст, хоб бо таъбири эшон мувофиқ буда. Бухоро аз ҷониби русҳо ишғол шуда, амир рӯ ба ҳичрат, ба ҷониби Ҳисор оварда. Ин хабарро ба Бухоро нарасида дар Дарбанд шунида Ҳоҷимаҳмуд ва баъд ба ақиб, ба деҳа баргашта ӯ.

Ҳазрати эшони Абдулвоҳид ва Ҳоҷимаҳмуд дами дарвоза меистоданд. Ҳар ду хомӯш. Замину замон гирди сари эшони Абдулвоҳид гирдгардон. Хабари нохуш ва яъсовари сарнагун гаштани ҳукумати аморати Бухороро боди субҳгоҳӣ гӯё ба дуриҳои дур – ба гӯши ҳама мерасонд. Эшони Абдулвоҳид ва Ҳоҷимаҳмуд сар боло карда наметавонистанд, афсӯс ва таассуф мехурданд. Онҳоро овози азони муаззин, ки аз масҷид баланд гашта буд, ба худ овард. Мавриде буд он лаҳзаҳо, ки субҳ медамид, вақти намози бомдод.

– Чӣ илоҷ? – ниҳоят эшони Абдулвоҳид пас аз таваққуфи зиёд ба сухан омад.

– Ноилоҷ ҳастем, пирам, ноилоҷ.

Ҳолатҳое ба амал меоянд, ки бандагони Худо чашмдор наянд. Муждаҳои ногаҳонӣ, ҳамин тавр аст тартиби зиндагонӣ. Баъзан бо омадани рӯзи нав хабари нохуш, гӯшношуниде мешунавӣ. Ҳамон субҳгоҳӣ мардуми деҳаи Нилкон ҳангоми намози саҳар аз забони Ҳоҷимаҳмуд ва меҳмони ӯ эшони Абдулвоҳид хабари шуми аз тахт бетахт гаштани амири Бухороро шунида буданд. Хабари барҳам зада шудани сояи Худо дар сарзамини аҷдодон.

Амир Олимхон ба мулки Ҳисор омад. Дар Ҳисори Шодмон, дар Душанбе

рӯзҳои аввали аз ҳукумат маҳрум гаштанаш мегузашт. Дар деҳаи Нилкон шуниданд, ки амир Олимхон меҳмони онҳо мешуда. Дурӯғ набуда ин хабар. Чанд нафар аз сипоҳиёну муқаррабони ӯ дар ин мобайн ба деҳа омада рафтанд. Бо одамони номдор, гапрасҳои деҳа, сӯҳбат доштанд. Бо вуҷуди ин ҳам баъзеҳо ҳанӯз бовар намекарданд, ки амир Олимхон ба деҳаи онҳо меомада бошад. Дар ҳайрат буданд. Солҳои сол номи ӯро мешуниданд аҳли деҳа. Аз ному аз шаҳоматаш ҳама дар ҳарос.

Андоз ғун меовардаанд, мегуфтанд, ки андоз барои хазинаи амир. Мухолифи гуфтаҳо, талабҳои бою амалдорон ҳарфе ба забон овардан наметавонистанд. Аз номи амир пуписа мешуниданд. Канахонаю зиндонҳои Бухороро ёд меоварданд. Бо ҳукми амир одамонро сар мезаданд. Сангсор мекарданд, ба дор меовехтанд. Ҷаллодони амир зиёд буданд, зинда ба зинда аз тани одамон пӯст меканданд. Ҳама зери фармони амир Олимхон. Ҷаллод интизоре, ки баҳри қатли одамон ишорае бикунад. Амир Олимхон қасрҳо, кӯшкҳо, ҳарамхонаҳо дошта.

Аз қишлоқпораҳои онҳо ҳам духтарони паризодро пайдо намуда ба Бухоро, ба ҳузури амир Олимхон фиристода буданд. Оре, дар деҳа ҳама номи амир Олимхонро мешуниданд. Аммо ҳоло худи ӯ ба деҳаи онҳо меомада, меҳмонашон мегаштааст. Аз наздик. Дар рӯ ба рӯ амир Олимхонро мебинанд.

Албатта дар водии Ҳисор ҳазорҳо деҳаҳо мавҷуд аст. Чаро амир маҳз ба деҳаи Нилкон меомадааст? Сабабаш маълум. Сокинони деҳаи Нилконро дар Бухоро, ҳатто худи амир Олимхон ҳам медонанд. Ҳама аз авлоди Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, сайидзода, эшонанд. Шаҷара доранд. Дар деҳа мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф. Амир Олимхон аз шахсияти бузургвор, аз фазилатҳои эшон огоҳ буда, медонистааст, Ҳазрат соҳибкитоб, соҳибдевон. Китобҳояшон дар ҷое нигоҳ дошта шуда, ки хокдон ёфтаанд, соҳибкаромот будаанд, як валии вақт. Амир ният карда, ки мазорашонро зиёрат мекунад. Ва ана бо ҳамин мақсад, бо мақсади зиёрати мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф меомада.

Баҳри пешвоз гирифтани амир Олимхон дар деҳа тайёрӣ медиданд, ҳама интизори меҳмони олиқадр, хурду калон дар ташвишу таҳлука. Ҳоҷимаҳмуд мисли соҳибхона буда дар деҳа. Бо маслиҳати ӯ баҳри истиқболи меҳмон омода мегаштанд. Бо фармони ӯ аз тамоми хонаҳои аҳли деҳа лаълиҳои зебои биринҷӣ ва нуқрагин ҷамъ оварда шуда. Барои иваз ва гум нашудани онҳо худи Ҳоҷимаҳмуд бо хати зебояш паси ҳар лаълӣ ному насаби соҳиби онро сабт менамуд. Чанде аз он лаълиҳо мисли шоҳиди он рӯзи ба деҳаи мо ташриф овардани амир Олимхон ҳанӯз дар баъзе хонаҳо мавҷуданд. Лаълиҳои аз он рӯз монда шоҳиди дар ин олам будани охирин подшоҳи сулолаи манғитиҳо амир Олимхон. Шоҳиди зинда будани соҳиби хати паси онҳо Ҳоҷимаҳмуд. Шоҳиди зиндагии ҳамдеҳагони онрӯзаи мо. Дар хонаи мо низ аз он лаълиҳо нишонае мавҷуд монда. Лаълии зарди зебои биринҷие. Паси он бо ҳусни хати зебои Ҳоҷимаҳмуд номи падарам – эшони домулло Мирзо навишта шуда.

Амир Олимхон бо аҳли рикобаш ба деҳаи Нилкон омадааст. Савори аспи сафед буда амир. Аспи сафеди зебое. Мардум он хел аспи фарбеҳи калони

хушнамудро гӯё ҳаргиз надида будаанд. Масҷиди деҳа мисли рӯзҳои мо чунин дарвозаи дутабақаи боҳашамат надошта, ки он соли гузашта – соли 2003 бо ҳидояти Сафири Кабири Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷаноби оқои Носир Сармади Порсо бо маблағи зиёде сохта шудааст. Панҷараи чӯбине буда пеш ҷои дарвоза. Он баланд набуда. Одамон аз болояш гузашта вориди масҷид мешуданд ё аз он берун мерафтанд. Дар ёдам монда, ки он панҷараи чӯбинро чӯббандии масҷид ҳам мегуфтанд. Беруни чӯббандӣ, кӯчаю паскӯча, роҳу роҳравҳои деҳа пур-пури одам, аробаю маркаб, улавҳои аҳли рикоби амир. Ёд надоштаанд мардум, ки онрӯза барин деҳаи мо ягон вақте ин қадар сермеҳмону серодам шуда. Воқеаи муҳими таърихӣ рӯй дода. Амир Олимхон меҳмонашон. Хурду калон, пиру ҷавон, зану мард дар ташвишу дар таҳлука. Ҳама меҳмондор. Ҳоҷимаҳмуд – пешвои аҳли деҳа. Ӯ меҳмонгузор, хидматфармо, дар бар ҷомаи шоҳии абр, дар сар саллаи пешоварии хело зебо баста-шуда, марди тануманде қоматбаланд, қавипайкар. Рӯи сабзаю себаргаҳои тару тоза, зери чинорҳои баланди чандинасра меҳмонҳо ҷой ёфта. Манзараи дилнишину дилкушое. Дар рӯ ба рӯ мақбара – мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф. Хиштҳои деворҳо чун оташпораҳо суп-сурх. Онҳо аз асрҳои гузашта, аз қисмати хушу нохуши мардумон гӯё ҳикоят мегӯянд, қисса мекунанд. Ҳар хишт шоҳиди он рӯз, шоҳиди меҳмонии амир Олимхон, аҳли рикоби беҳисоби ӯ. Хиштҳо ҳоло ҳикоятгӯи он рӯзи тирамоҳи соли 1921-ум. Амир Олимхон рӯ ба рӯи мақбара истода, бо ҳамроҳон даст ба дуо кушода.

Лек мардум то имрӯз як амали номуносиберо, ки он рӯз ба ақидаи онҳо аз ҷониби амири мамлакат зуҳур гашта будааст, аз хотир намебароранд, дар он айём мавриди гап, норизоии бисёриҳо гашта.

Амир Олимхон ба чӯббандии масҷид расида, пиёда нашуда, ба сағрии асп қамчин меандозад, асп аз болои чӯббандӣ меҷаҳад, амир вориди саҳни масҷид мешавад. Аз ҷӯйбори саҳни масҷид савора мегузарад, назди мазор, рӯ ба рӯи мақбараи Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф пой аз узангу меканад, қамчини пурнақшунигори тиллокорӣ дар даст аз асп пиёда мешавад. Ин амали амир нисбат ба руҳи бузургвор беҳурматӣ ҳисоб меёфт. Дар дилҳо аз ӯ сардӣ омада.

Мегӯянд, ки аз ҷониби амир Олимхон нисбати руҳи поки Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатифи авлиё беҳурматӣ, беодобӣ зуҳур шуда. Устод Садриддин Айнӣ дар романи машҳурашон «Дохунда» овардаанд, ки Саъдулло кӯкнории роҳатичиро дар болои деҳаи Мавлоно дастаи босмачиёни Иброҳимбек буз кашидаанд. Ҷасадашро Абдурашидбӣ аз майдон бурун оварда соҳиби зани ӯ гашта. Дар ҳақиқат чунин воқеаи мудҳиш ба амал омада будааст. Ин ҳодиса ба сафари амир ба деҳаи Нилкон алоқаманд буда.

Ҳамон рӯзи ба деҳаи Нилкон омадани амир Олимхон Саъдулло кукнорӣ ҳам аспакӣ вориди масҷид гаштани амирро дидааст. Хомӯш наистодааст, дар ҳаққи ӯ суханҳои носазо ба забон овардааст. Гуфтааст, ки амир Олимхон ба номи шоҳаншоҳӣ иснод овардааст, шариати исломро хор кардааст. Ӯ арвоҳзада шуда. Хабарчинҳои амир шунидаанд, аз хотир набаровардаанд, баъдтар тавассути Иброҳимбек дар ҳаққаш ҷазо раво дидаанд.

Аз тақдири минбаъдаи завҷаи Саъдулло кукнорӣ, ки Абдурашидбӣ дар бузкашӣ соҳиби вай гашта буд, огоҳӣ ёфтам. Дар Кӯктош – ҳозира шаҳраки

Сомониёни ноҳияи Рӯдакӣ мезистааст. Мегуфтанд, ки духтаре аз ӯ монда.

Баъди сафари бебозгашти амир Олимхон ба Афғонистон зиндагии аҳли деҳаи мо, ба мисли кулли собиқ қаламрави ӯ ноором, ноосуда, пурфоҷиа шуда.

Дар деҳа хабари урусомад паҳн шуда, хабарҳои нохуш, ваҳмовар. Одамоне пайдо шуда, ки деҳа ба деҳа гашта, «Во дино! Во шариато!!!» гӯён фиғон меандохтаанд, фарёд мезадаанд. Мегуфтаанд, ки урусҳо дину шариатро барҳам зада, фарзандони мусулмонро, аз тифли гаҳвора то пирони барҷомонда, мекуштаанд, аз синаҳои занҳо сим мегузарондаанд, чашму даҳони одамонро медӯхтаанд. Ва урусҳо аҷоиб махлуқе буда, шох доштаанд, чашми баъзеашон дар пешона. Мардум аз онҳо мегурехтаанд. Русҳо ба деҳаҳо даромада ҷинси одамиро намеёфтаанд. Деҳаҳо холӣ, мардум молу амволашонро гузошта ҷонашонро гирифта мегурехтаанд. Душанберо гирифта будаанд. Аҳли деҳаи Нилкон ҳам омад-омади урусҳоро аз забони одамони иғвомеандохта шунида рӯ ба гурез овардаанд. Ҳама ба ҷониби куҳҳои Мағмуруду Қандӣ рафтаанд. Беморони рӯи ҷойро ҳам бардошта ба куҳ мебаромадаанд. Бесарусомонӣ, парешонӣ ва рӯзи қиёмате. Дод аз дасти урус мегуфтаанд.

Мутаассифона, ҳамин хел ҳолат гурезогурез дар рӯзҳои мо дар солҳои баъди навадуми асри ХХ аз нав дар деҳа такрор ёфт. Боз мардуми деҳа – хурду калон, пиру ҷавон аз деҳа рӯ ба гурез оварда буданд, боз дар куҳҳои Мағмуруду Қандӣ панаҳ мебурданд. Аммо ин дафъа мисли падару бобоёнашон аз ҳароси омад-омади русҳо намегурехтанд. Ин дафъа онҳоро ҳамзабонони худашон таъқиб мекарданд, тоҷик аз тарси тоҷик – ҳамзабонаш мегурехт. Дар давоми солҳои ҳамроҳи русҳо будан тоҷикон бо онҳо дӯст, бародар гашта. Дар рӯзҳои сахт, дар рӯзҳои ҷанги бародаркушӣ тоҷикон ба кишварҳои рус мерафтанд, русҳо ба онҳо мададгор, русҳо ба тоҷикон паноҳгоҳ медоданд.

Замоне дар деҳаи Нилкон танҳо як нафар забони русиро медонист, ҳамон Ҳоҷимаҳмуди номдор, дунёдида. Ӯ дар вақташ ба чанд нафар амалдорони замони подшоҳӣ ба ақидаи худаш боз амал-унвонҳо дода буд. Мирохурро «Х..й Мирохур», тӯқсаборо «П..да Тӯқсабо» мегуфт. Соҳибони унвони мирохур ва тӯқсабо аз унвони нави ба онҳо додаи Ҳоҷимаҳмуд бениҳоят шод мегаштанд, «Ҳоҷӣ ба мо чунин амалҳо додаанд» гӯён ифтихор мекарданд. Дар деҳа мазмуни ин калимаҳои носазоро танҳо худи Ҳоҷимаҳмуд медонист. Замоне мардуми деҳа аз маънии ин калимаҳо бохабар гаштанд, ки на мирохур монда буду на туқсабо.

Ҳоҷимаҳмуд ва падарам эшони домулло Мирзо хешовандони наздик – холабача буданд. Қиблагоҳи падарамро эшони Амирҳайдар мегуфтаанд. Заминдор, гову моли зиёде доштаанд. Серфарзанд. Мехостаанд, ки ҳамаи фарзандонашон аҳли меҳнат бошанд, гову гӯсфандонро бонӣ кунанд, ба киштукор, ба боғдорӣ, ба заминдорӣ машғул шаванд. Аммо дар дили падари банда Худованд аз хурдӣ меҳри хонданро ҷой кунонда. Аввал дар деҳа, дар мактаби Моҳи Мулло хондаанд. Баъд баҳри таҳсил ба Файзобод рафтаанд, зеҳни тез доштаанд, назди кадом муллое, ки мехонданд, сабақ мегирифтанд, устод аз эшон розӣ, дӯсташон медоштаанд.

«... вақти тӯлгирӣ аст, бачаҳо, ҳушёр бошед, эҳтиёт шавед, баррaҳо талаф

наёбанд... ана бинед, баҳор омада, мо кай ба кишт сар мекунем?.. гандум ба дарав омада, нони даҳонамон аст гандум... ангур дар боғ ночинда монд, айни майиззанӣ, ширинӣ мепазед, ширинӣ. Ширинӣ мазаи даҳон, дар хунукӣ дорӯ... дар зимистон гову молҳо бенигоҳубин намонанд» Аз рӯи гуфтаҳои падар дар хонадон ягон лаҳза вақти бекорӣ намеёфтанд. Падар сарвари хонадон, сарвари молу ҳол, сарвари ҳама. Ҳамеша кор мефармуданду кор мегуфтанд. Гоҳе падарам ҷуръат пайдо карда аз қиблагоҳашон мепурсиданд:

– Вақти хондан кай мешавад?

– Хонда кӣ шудан мехоҳӣ, бачам? Мулло? Замин одама мехӯронад, бачам, замин, аз замин ҳама чӣ меёбӣ, аз замин. Муллои бечора чӣ дорад? Ба насиҳати худам гӯш кун, хор намешавӣ, соҳиби ҳама чӣ мешавӣ. – Падар аз рӯи андешаҳои худ зиндагӣ мекарданд.

Дар сари ҷуфт, алафу гандумдаравӣ, ангурчинию чигинакашӣ ҳам дар бағали падарам китоб, лаҳзае фурсат, ки пайдо мешуд, чашм ба китоб медӯхтанд. Гоҳе ҳангоми ба кор рафтан ҳамаи китобҳояшонро бо худ мегирифтанд, ба бағалашон як-ду нон меандохтанд. Ба мисле сафаракӣ, ба куҷое равона буданд, ки як даст дар муштаи испору чашм ба роҳ, ба дуриҳо, бо ҳамин ҳол ҷуфт меронданд.

Рӯзе падарам аз сари ҷуфт ба хона барнагаштаанд. Говҳоро пешандози хидматгорҳо кардаанду дигар чизе нагуфтаанд.

Шаб, шаби дигар ва баъд боз рӯзҳо омадаю дигар аз он кас хабаре нашунида. Дар хона модарашон, аҳли хонадон, бародару хоҳарон алахон. Ва баъзан модарро фарзандон тасаллӣ медодаанд. Шояд бародарашон куҷое ба хондан рафтаанд. Зеро ягон китобашон дар хона намонда буд, вале куҷо ба хондан рафтаанд? Ба Ҳисор ё боз ба Файзобод? Падар дар ҷустуҷӯи фарзанд афтода. Ба ҳамаи манзилу маконҳое, ки гумон доштаанд, рафтаанд, пурсуҷӯ кардаанд. Вале аз он кас нишону хабаре наёфтаанд. Бобоям акнун фарзандашонро на баҳри он меҷустанд, ки ба дарави ғалла ба сари хирман бибаранд. Пазмон, дар орзуи дидор шуда буданд. Дар фироқашон мегиристанд. Шабҳо ҳам дар хаёли фарзанди толибилмашон, дилашон гум мезада барои он кас. «Бовар кунед, бачам Мирзоҷонро аз ҳамаи фарзандонам зиёдтар дӯст медорам, ба Худо вай алоҳида аст, бафаҳм, боақл аст», рӯзе бо дидаи ашкбор назди зану фарзандон иқрор гаштаанд бобоям.

Дар куҷо будани падарамро дар деҳа танҳо як кас – эшони Ӯзбакхоҷа, холабачаи бобоям медонистаанд, сир пинҳон медоштаанд. Лекин дидаанд, ки рӯз аз рӯз ҳоли писархолаашон дар фироқи фарзанд бад гашта, ҳатто ба беморӣ зада, дигар аз ҳавлӣ ба берун намебаромадагӣ, ҳатто ба масҷид ҳам намерафтагӣ шудаанд, ноилоҷ мемонанд. Эшони Ӯзбакхоҷа ба ҳавлии холабачаашон меоянд. Мебинанд, ки он кас дар ҳақиқат бемор, сар аз болин бардошта наметавонанд, аз эшони Амирҳайдар мепурсанд:

– Мехоҳӣ ҷои писаратро гӯям?

– Барастӣ ту медонӣ, ки ӯ дар куҷо аст?

– Ҳа.

– Намебинӣ, ки ба чӣ ҳол афтодаам? Намегӯӣ, тамошобин шудаӣ, гиряю нола, ғиреви аҳли хонаро намешунавӣ? Раҳм надорӣ?

– Чаро вайро хондан намемонӣ?

– Гап зан, Ӯзбакхоҷа, Мирзо куҷост? Сиҳату саломат аст, бачам?

– Натарс, Амирҳайдар, Мирзо сиҳату саломат.

– Дар куҷо аст? Дар куҷо?

– Шарт дорам, ба шартам розӣ шавӣ, мегӯям, худи ҳозир мегӯям. – Мирзо ҳамин хел шарт мондааст. – Агар розӣ нашавӣ ба шартам, вайро дигар намебинӣ, аз дидораш маҳрум мешавӣ.

– Чӣ хел шарт? Аввал ҷои вайро ба ман гӯй, ғам нате, дилам мекафад, бовар кун, шабҳо хоб нестам, модараш ҳам ба ғам задааст, ҷояшро гӯй, ба Худо севанчӣ медиҳам, асп медиҳам, як аспи бо зину афзол медиҳам.

– Ба ман ҳеҷ чизат лозим нест, Амирҳайдар, мон вай хонад, аз зоти худамон як аҳли илми зӯр мерӯяд, вай худодод аст, ҳама мегӯянд.

– Ба Худо, ки монеъ намешавам. Хона биояд, хонад, ба устодаш пулу мол медиҳам, мадад мерасонам.

– Вай рафтанӣ аст.

– Куҷо?

– Бухоро.

– Бухоро?!

– Мегузорӣ?

– Ӯзбакхоҷа, Бухоро дур, ман вайро дӯст медорам. Боз модараш касал, наход раҳм надорад. Ту ҳам вайро насиҳат кун, бегона нестӣ, худиӣ.

– Гуфтам-ку ту ҳеҷ вақт ба хондани вай розӣ намешавӣ. Медонистам, Мирзо ҳам медонад. Ба ту боғу роғ, гову мол, дороиат азиз, ҷамъ кун, пагоҳ ҳамаи онҳо ба гӯрат медароянд, дар охират дастгират мешаванд… – Эшони Ӯзбакхоҷа дигар ба писарholaash ҳарфе назада аз ҳавлӣ берун меравад. Эшони Амирҳайдар ва модари падарамро тобу тавон наемонад. Онҳо дар куҷо будани фарзандашонро донистан мехостанд, ба дидорашон пазмон шуда будаанд. Дар куҷо будани он кас танҳо ба эшони Ӯзбакхоҷа маълум. Аммо ӯ намегуфт. Ноилоҷ монда эшони Мирҳайдар. Ба шартҳои писарholaашон розӣ шуда, қасам хӯрдаанд, ки ба таҳсили фарзандашон монеъ намешаванд.

Аз рӯи гуфтаҳои эшони Ӯзбакхоҷа бобоям адиру теппаҳои баланди дараи Ойтуғдиро гузашта ба деҳаи Лойоб мераванд, қариби нимрӯз ба лаби чашмаи канори деҳа мерасанд. Ҳамин ҷо аз асп фаромада онро ба паси сангҳои хонамонанд мекашанд ва худашон ҳам панаҳ мешаванд. Чашм ба роҳ, ба чашма. Ниҳоят аз рӯи гуфти эшони Ӯзбакхоҷа писарашон намоён мешаванд. Аз чашма ба кӯзаҳо об мегиранд. Дигар барои падар ҷои истиҳола ва сабру таҳаммул намонда буд. Мавриде, ки сари писарашон хам ба кӯзаҳо об мегирифтанд, наздашон ҳозир мешаванд.

– Мирзо? – овози падар баланд мегардад.

– Бова[1] ?!

– Барои ту мемирам, бачам, ҷони ширинам, – падар фарзандашонро ба оғӯш мегиранд, сару рӯяшонро мебӯянду мебӯсанд, – туро ёд кардам, бачам, – мегирянд.

Падар дар назди домулло Абдуманнони ҳамдеҳаашон, ки дар масҷиди деҳаи Лойоб вазифаи эмомиро ба ҷо меоварданд, мехондаанд ва ҳар рӯз айни

[1] Бова – падар.

нимрӯз ба лаби чашма омада баҳри устод дар кӯзаҳо об мебурдаанд.

Бобоям Амирҳайдар бо дидагони ашкбор назди фарзандашон ваъда додаанд, ки ба ӯ мадад мерасонанд, илм омӯзад, ба Бухоро баҳри хондан равад. Масъалаи Бухоро ба хондан рафтани падарам дар лаби чашма ҳал шуда буд. Падар ба хондани он кас розӣ. Писар худро ба оғӯши падар фиканда. Падару писар дар лаби чашма аз хурсандӣ ашк мерехтанд. Ашки шодӣ.

Рӯзи дигар модар ва падарашон, хоҳару бародарон, эшони Ӯзбакхоҷа, ҷумлаи хешовандон... падарам эшони Мирзои ҷавонро ба хондан ба Бухоро гуселондаанд. Падарам халтаи кулчаю кумочҳои пухтаи модар дар пушт аз канори боғҳои ангур, аз зери дарахтони пургул, ки дар он айёми баҳор ҳама ғарқи гул гашта буданд, мегузаштанд. Дар халта нон, дар бағал китоб, рӯ ба роҳи Бухорои Шариф оварда буданд, аз шодӣ гӯё парвоз доштанд.

– Мирзоҷон, дидорҳо ба қиёмат... – гуфт модари бемор ба фарзанд.

Аламовар буданд он лаҳзаҳо. Пас аз ҳафт сол, вақте ки заминларзаи Қаратоғ ба амал омада, мулки Ҳисор хароб гашт, одамони зиёде фавтиданд, эшони Мирзо ба деҳа, ба Нилкон баргаштанд. Дидори модар дар ҳақиқат ба қиёмат монда. Он кас аз олам гузашта. Падар – эшони Амирҳайдар пир шуда.

Аммо эшони Мирзо пас аз дидорбинӣ бо падар, хоҳару бародарон боз ба хондан, ба Бухоро баргаштанд. Ин дафъа ҳангоми гуселашон падари пир фарзандро оғӯш гирифта ашк рехтанд ва суханони модарро такрор намуданд. «Хайр, бачам, агар набинам, дидорҳо ба қиёмат» гуфтанд. Писар ғамгин гашта буданд, медонистанд, ки падар офтоби сари куҳ шуда. Лек рӯ ба роҳи махзани илм – ба Бухоро мерафтанд.

Ин дафъа қариб бист соли умри азизи эшони домулло Мирзо боз аз паи илмомӯзӣ, дар Бухоро гузашт. Ба гуфтаи худашон илмро хатм намуда, чанде дар мадрасаҳои Бухоро дарс гуфтаанд.

Падарам дар вақташ бо чанд китобе дар бағал ба Бухоро рафта буданд, пас аз 27 сол аз Бухоро дар бағал бо муҳри мударрисӣ ва дар чанд уштур бори китоб ба зодгоҳашон – ба Нилкон баргаштаанд. Ҳангоми баргаштани падарам ба Ватан дӯстонашон, уламои Бухоро мегуфтанд: «эшони домулло Мирзо илмро ба Ҳисор мебаранд».

* * *

Синни падарам аз 40 гузашта буд. Холабачаашон эшони Ҳоҷимаҳмуд аз он кас калонсолтар. Дар рӯзҳои зиндагии онҳо рӯзгори мардум ноором, ноосуда гашта. Замони гурезогурези мардум, аз тахт бетахт гаштани амир, замони урусомад, замони босмачигарӣ.

Аз чӣ сабаб буд, ки дар рӯзҳои ташкил ёфтани Ҳукумати Шӯравӣ деҳаи Нилкон нисбати деҳаҳои дигар нооромтар гашт. Аз ҳама бештар гуруҳҳои гуногун, ба ном озодихоҳ, зидди ҳукумат ба деҳа омада мерафтанд. Намояндагони дастаҳои босмачиёни Иброҳимбек ҳам меомаданду ҷонибдорон, силоҳбадастони Раҳмондодхоҳ ҳам. Дар дастаи Раҳмондодхоҳ асосан тоҷикон муттаҳид гашта буданд. Аъзоёни яке аз дастаҳои хело бераҳм, ки сарварашон бо номи Носирхитой машҳур буд, қарибе рӯз дар миён ба Нилкон омада мерафтанд. Баъзан рӯзҳою шабҳо кӯчаҳои деҳа пур аз силоҳдорони ӯ – пур аз босмачиён. Аз онҳо ҳама дар ҳарос ва одамоне ҳам

буданд дар деҳа, ки онҳоро «бачаҳои худамон» гуфта беҳ-беҳ мекардаанд ва ин «бачаҳои худашон» ба сари ҳама рӯзҳои сиёҳ оварданд. Носирхитой дар деҳа шиносу ошноҳо дошт. Маҳз тавассути ҳамин одамони наздикашон босмачиёни дастаи Носирхитой ба деҳа роҳ ёфта буданд. Шиносҳояшон онҳоро ба хонаҳояшон, пеши зану фарзандон мехонданд, илтиҷо мекарданд, ки фалону бисмадон ҳамдеҳашонро бикушанд. Ҳамин ҳол дар рӯзҳои мо дар рӯзҳои ҷанги беақлонаи байни тоҷикон боз рух дода буд.

Дар замони Ҳоҷимаҳмуд душманони номардаш аз паи нобуд кардани ӯ афтода буданд. Бо дасти Носирхитою аъзоёни дастаи ӯ Ҳоҷимаҳмудро кушондан мехостанд. Бо ҳамин мақсад назди босмачиён тор метаниданд, роҳу воситаҳои нобуд сохтани Ҳоҷимаҳмудро меҷустанд.

* * *

Бобои модариам эшони Ҳалим дар шаҳри Душанбе мезистаанд. Ҳамроҳи Ҳоҷӣ Яъқуббой, ки масҷиди калонтарини ҷомеи шаҳри Душанбе аз он кас мондааст, дар шаҳр дӯконҳо, дар мавзеъҳои бозори Баракат ва дар ҷои ҳозираи чойхонаи Роҳат боғу майдонҳо доштанд. Чун хабари омад-омади аскарони Ҳукумати Шӯравӣ, русҳоро мешунаванд, ҷоҳу манзилҳояшонро гузошта, рӯ ба муҳоҷират меоранд.

Ҳоҷӣ Яъқуббой ба Афғонистон мусофират намуда, дигар ба сари мулку манзилҳояш барнамегардад, эшони Ҳалим ба зодгоҳашон, ба деҳаи Нилкон кӯч мебанданд. Ва шабу рӯз аз даргоҳи Худованд мурод металабанд, ки рӯи аҳли куфорро набинанд. Дар ҳамон рӯзҳои ноором, дар рӯзҳои «урусомад» аз олам мегузаранд. Аз эшони Ҳалим се духтар, якеаш Маҳкамбибӣ – модари банда, Муслима, Сайидпошо ва аз завҷаи душанбегиашон, духтари Абдурозиқбои душанбегӣ, ки зани бисёр зебо буданд, ду писар – Эшону Азимхон монда. Баъдтар соли 1941 Эшону Азимхон ба ҷанг мераванд ва аз онҳо ба номи модари сиёҳбахт хатти сиёҳ меояд. Азимхон зани дар фотиҳа доштааст, аз Эшон як духтар Бибиқанд ва як писар Ҳамроҳхон монда. Ҳамроҳхон соҳиби фарзандон яки онҳо Исохон –полковники вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ.

Баъди фавти эшони Ҳалим нигоҳубини фарзандон ва завҷаашон бонуи душанбегӣ ба ӯҳдаи Ҳоҷимаҳмуд афтода буд. Ҳоҷимаҳмуд сарбон, ворисдараки онҳо буд. Душманони Ҳоҷӣ зани душанбегии эшони Ҳалимро назди Носирхитой васф кардаанд. Сайибаи зебо, баҳусн гуфтаанд. Саъй кардаанд, ки ҳушу хаёли Носирхитойро моили ӯ гардонанд. Ҳатто вайро ба ӯ нишон додаанд. Носирхитой шайдои ҳусну ҷамоли зани раҳматии эшони Ҳалим мешавад. Мавриде омада, ки душманони Ҳоҷимаҳмуд ба мақсади нопокашон бирасанд. Қарибе шер дар ҷелашон дармонда, ботинан аз ин роҳи ёфтаашон шодмон буданд.

– Ҳамин шаб иҷоб мекунем, аз ҳамин шаб дер наемонем. – Носирхитой баъди ҳамон рӯзи дидани зани эшони Ҳалим ҳар чи зудтар ба висоли ӯ расидан мехост.

– Як мамониат ҳаст, ҳазрати қумандон, мамониати сахт. Ин ҷонибаш ба худатон ҳавола. Худатон ҳал кунед, аз дасти мо намеояд, – барои душманони Ҳоҷимаҳмуд гӯё акнун ҷои арзи ҳолу гапу ҳарф омада буд.

– Чӣ мушкилӣ будааст? Ё дар ҳамин Нилкон одаме ёфт мешавад, ки пеши роҳи маро гирифта тавонад. Намедонанд? Наметарсанд эшонҳо? Ҷонашон чандто? Мо ҳарчи хоҳем мекунем! – Димоғи Носирхитой сӯхта буд, оташин гашт.

– Ҳамин хел одам ҳаст, вайро медонед, – ду марди номард, сари дастурхони хеш бозори қатли Ҳоҷимаҳмудро тез мекарданд. Он ду нафар яке дузд буд, ки солҳои сол молу амволи аҳли деҳаро ба ғорат мебурд, касе ҳад надошт, ки дар деҳа вайро дузд бигӯяд, ё ба рӯяш назар андозад, роҳат дошт, чи хеле гӯянд, худаш шоҳу табъаш вазир. Агар мехост гову гӯсфандони ҳамсояҳоро ҳай карда ба ҳавлиаш медаровард ва баъд канӣ касе, ки моли мо ҳамин ҷо бошад гуфта дари ҳавлӣ ё дари оғали вайро кушояд. На, ин хел мард дар деҳа нарӯида буд, тамоми мардуми Нилкон дар ғайбаш гап мезаданд, аз ҷабру ҷафои ӯ менолиданд, ба қадаш садҳо дангал мебуриданд, дашном медоданд, мегуфтанд, ки ради маърака карда шавад, лекин чун ӯро мединданд, ба таърифу тавсифаш медаромадаанд, дуқату сеқат шуда наздаш таъзим мекарданд. Оре, он дузд ҳамин хел давру давроне дошт, дузде, ки соҳиби молро баста. Аммо бо пайдо шудани Ҳоҷимаҳмуд дар деҳа, айшаш талх шуд.

Ҳоҷимаҳмуд ӯро вақти гови ҳамсояро дуздидан дастгир кард.

Вай ба Ҳоҷимаҳмуд аз ҳамон рӯз ғузнадор аст. Ҳоло ҷояш омада, Худо хоҳад, тавассути Носирхитои бизан ва йигитҳои ӯ аз Ҳоҷимаҳмуд ниқор меситонад, вайро мекушонад, дилаш боғ-боғ кушода мегардад.

Марди дуюмӣ як ҳамсояи деворбадевораш, ӯ бо Ҳоҷимаҳмуд ким – кайҳо боз носоз, чашми дидан надорад, лек дар муқобили вай ноилоҷ, оҷиз.

– Кӣ будааст вай? Забон нахоед, номашро гӯед. – Тоқати Носирхитой намонда буд.

– Ҳоҷимаҳмуд, – аз ҳарос овози дузд пасттар гашт.

– Ҳоҷимаҳмуд?

– Ҳа.

– Ҳозир ҷеғ занед, гӯед наздам биояд, ё ҳамроҳатон йигитҳоро фиристам?

– Ин тавр накунед, вайро хонаи ман наоред, шумо мераведу ман ба бало мемонам. Хонаамонро месӯзад, ҳамаамонро мекушад, метавонад, – ба ҳарос афтид ҳамсояаш.

– Ҳамин қадар аз вай метарсед?

– Ҷоҳил аст, ваҳшӣ, камон дорад, мепаронад.

– Воҳима накунед, вай маро мешиносад, баъд Ҳоҷимаҳмуд ба ин зан чӣ муносибат дорад?

– Эшони Ҳалим хешаш, ин занак янгааш, гапу ҳарфи вай дар даҳони Ҳоҷимаҳмуд.

Носирхитой лаҳзае хомӯш монд. Ба хаёли душманони Ҳоҷимаҳмуд, ки ӯ ҳам номи вайро шунида ба андеша афтода. Аз обрӯ, эътибори Ҳоҷимаҳмуд дар миёни мардум ва аз зӯрию тавоноии ин марди нексиришт Носирхитой огоҳ аст. Дузди Намозро маҳз Ҳоҷимаҳмуд дошт, чи хеле мегӯянд, адабашро дод, ба тавбааш расонд. Ҳоҷимаҳмудро Иброҳимбеку Раҳмондодхоҳ ҳам мешиносанд.

– Ба фикр ғалтидед, ака? Ба хаёли мо шумо илоҷи вайро меёбед,

бачаҳоятон бисёранд, ба Худо аз шумо дар деҳаи мо ҳама меҳаросад, – ҳамсояи Ҳоҷимаҳмуд маккорона ба оташи ғазаби Носирхитой равған пошидан мехост. – Вай, Ҳоҷимаҳмуд дар ҳаққи шумо ҳам дар маъракаҳо нописандона ҳар хел гапҳо мегӯяд, мо ака, худамон шунидем, вай ҳеҷ касро писанд намекунад.

– Худам бо Ҳоҷимаҳмуд гапзанон мекунам. Хоҳад нахоҳад, ин занака мегирам, вай азони худам, моли худам мешавад, вайро агар Ҳоҷимаҳмуд гӯянд, мана Носирхитой мегӯянд. – Камонашро Носирхитой аз сари мех гирифта ба китф овехт, аз назди ҳозирон берун шуд.

– Худатон танҳо меравед? Бачаҳо (силоҳдорони зердасташро дар назар доштанд) қатӣ намеравед? – Яке пурсид аз Носирхитой.

– Танҳо ба танҳо бо вай гап мезанам, мард бо мард, мебинем. – Носирхитойро ҳамроҳонаш ва душманони Ҳоҷимаҳмуд то дами дарвоза гусел карданд.

Ҳар ду табақаи дарвозаи калони ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд он бегоҳирӯзӣ кушода буд. Гову молҳоро хидматгорон аз сари пода гардонда ба ҳавлӣ ҳай мекарданд. Чанд нафар наздикони хонаводаи Ҳоҷимаҳмуд миёни ҳавлӣ меистоданд, андаке пеш аъзоёни кадом як дастаи босмачиёнро, ки бо Ҳоҷимаҳмуд сӯҳбат доштанд, гуселонда буданд.

Дар ин лаҳзаҳо худи Ҳоҷимаҳмуд рӯи меҳмонхонаи калони ёздаҳболорааш, ки дар боломанзар, дар ошёнаи дуюм ҷойгир буд, қадам мемонд. Даричаи меҳмонхонаро, ки ба ҷониби саҳни масҷид кушода мегашт, боз намуд. Ба хона ҳавои салқин медаромад, чанд қадам онсӯтар аз меҳмонхонаи Ҳоҷимаҳмуд бинои баланд ва боҳашамати масҷид. Аз паси чинорҳои баланди саҳни масҷид мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф намоён. Аз миён лаҳзаҳо мегузашту назари Ҳоҷимаҳмуд аз даричаи меҳмонхона ба масҷид, ба саҳни он.

Хаёлаш ба меҳмононаш. Силоҳдорони дастаи Раҳмондодхоҳ аз наздаш рафтанд. Замони нооромӣ шуда. Ҳама, қариб ҳама ба азоб мондаанд, таҳқир мешаванд. Ҳайфи рӯзҳои оромӣ, осудагӣ, ки дар замони подшоҳӣ зиндагӣ доштанд.

– Меҳмон омадааст, шуморо диданӣ будааст, – як хидматгор ба Ҳоҷимаҳмуд хабар расонд.

– Кӣ аст меҳмон?

– Носирхитой.

– Носирхитой? – Лаҳзае хомӯш монд Ҳоҷимаҳмуд ва баъд биафзуд: – гӯй дарояд.

– Мехоҳад шумо наздаш бароед, вай дар берун, дар таги дарвозахона.

– Гӯй дарояд, – такрор намуд Ҳоҷимаҳмуд.– Ҳамин тавр гӯй?! – Ҳоҷимаҳмуд нигоҳашро аз шохсорони чинорҳои баланд, ки нурҳои офтоби бегоҳирӯзӣ болои онҳо ҳанӯз ҳамоил буданд, намеканд.

Хидматгор назди марди силоҳдор – Носирхитой баргашта гуфт, ки Ҳоҷимаҳмуд вайро интизор.

– Наомад? – Димоғи Носирхитой сӯхта буд. Аз мусоҳибаш ҷавоб нашунид, аз баёни суханҳои Ҳоҷимаҳмуд дар назди Носирхитой истиҳола намуд хидматгор. «Аз рости фитнаангез, дурӯғи маслиҳатомез беҳ, ё хомӯш мондан»,

панду насиҳатҳои шунидааш ба ёдаш меомад. Хидматгор назди Носирхитой сукут ихтиёр карда буд.

Носирхитой ба хаёл афтода буд. Ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд надаромада баргардад? Ба ҳамроҳонаш чӣ мегӯяд? Гӯяд, ки Ҳоҷимаҳмуд наздаш набаромад? Писанд накард? Шояд бипурсандаш: хайр, баъд Носирхитой дар ҷавоби нописандии Ҳоҷимаҳмуд чӣ амале раво дид? Носирхитой дар ҳоли ногувор ва ноҳинҷоре монда буд. Илоҷе намонда.

– Пеш даро, роҳ нишон те, – Носирхитой бо оташинӣ аз паси хидматгор қадам монд. Гӯё ниқорашро аз замин меситонд, ки гурс-гурс қадам мемонд. Бо ҳамин ҳол Носирхитой ба боломанзар баромад. Мӯзаҳояшро накашида вориди меҳмонхона гашт. Ҳоҷимаҳмуд ҳанӯз аз назди дарича дур нарафта рӯ ба боми масҷид меистод.

– Ҳоҷӣ, салом, – Носирхитой бо ситеза дарро бо мушт мезад.

– Салом, – ҷониби меҳмонаш омад Ҳоҷимаҳмуд.

– Маслиҳат доштам ба худат, Ҳоҷӣ.

– Марҳамат шин. Ё аввал масҷид рафта намоз гузорем, баъд хона биоем, аср қазо мешавад, – Ҳоҷимаҳмуд меҳмонро ҷазман ба нишастан таклиф накарда ба масҷид равон шуданӣ буд.

– Фурсат надорам, – Носирхитой мӯзаҳояшро накашида болои кӯрпача гузашт, ба хоҳиши соҳиби хона эътибор надода нишаст. – Болои дӯконат омадем. Саломамонро алайк гир, – нописандона пойҳояшро дароз кард.

Ҳоҷимаҳмуд ноилоҷ монда буд, меҳмонашро гузошта аз меҳмонхона берун шуда наметавонист. Аз роҳаш баргашт, болотар аз меҳмон, дар муқобили ӯ, рӯ ба рӯяш аз тарафи дигари хона болои кӯрпача чорзону зад.

– Хайр, агар корат зарур, таъҷилӣ бошад, мешинем. Аҳволат чӣ хел? Хело вақт боз наменамудӣ, ягон ҷо рафта будӣ? – Ҳоҷимаҳмуд бо «меҳмонаш» дар сӯҳбат шуд.

– Мо фидоӣ, фидоии роҳи ислом, кофирон, носипосонро сар мебурем, мекушем, онҳоро қир мекунем, – Носирхитой чашми Ҳоҷимаҳмудро тарсонданӣ буд.

– Чӣ гап доштӣ? – Ҳоҷимаҳмуд ба гуфтаҳои Носирхитой эътибор надода аз ӯ суол кард.

– Зан гирифтаниам.

– Ба ман чаро ин гапро мегӯӣ?

– Вай занак хешовандони худат, пешдаро шав мегӯям.

– Хеши ман? Кӣ будааст вай занак?

– Зани амакат, зани эшони Ҳалим.

– Кадом занашон?

– Аёли душанбегии эшонро мегӯям. Хело хушрӯ, соз будааст.

– Дидӣ?

– Нишон доданд.

– Кӣ?

– Инашро ба ту намегӯям.

– Носирхитой, агар бо ҳамин ният омада бошӣ, ки ба зангирии ту миёнрав мешавам, аз Нилкон барои ту зан гирифта медиҳам, хато мекунӣ. Ту маро кӣ хаёл кардӣ?

– Зани амакатро ба ман тӯй карда медиҳӣ.

– Гап аз як зани амаки ман намеравад, Носирхитой. То ҳине, ки ман зинда бошам, аз қишлоқи Нилкон ту зан гирифта наметавонӣ. Зан барои мо нангу номусамон аст. Барои нангу номус мо ҳама мемирем. Лозим биояд, корду камон мегирем.

– Муҳобот мекунӣ, Ҳоҷимаҳмуд. Аз номи тамоми аҳли қишлоқат гап назан. Бисёрии онҳо хоки пои моро мелесанд, ҷониби моанд. Моро «бачаҳои худамон» мегӯянд.

– Шумо ҳеҷ гоҳ барои мо худӣ намешавед. Гуфтам-ку ман ҳоло зиндаам. Нангу номус дорем. То зиндаам қишлоқро ҳимоят карда метавонам. Як ту намешиносӣ маро. Худи ҳазрати Мир – Иброҳимбек медонанд маро. Ҳамин ҳозиракак ҳазрати Раҳмондодхоҳ аз хонаам рафта буданд. Ту дигар ба деҳаи мо намедароӣ.

Носирхитой ва Ҳоҷимаҳмуд рӯ ба рӯи ҳамдигар аз ҷой бархостанд. Аз масҷид овози муаззин ба гӯш меомад, азон мегуфт, мардумро ба намоз мехонд. Вақти намоз мегузашт. Вале акнун ба хаёли Ҳоҷимаҳмуд намоз намерасид. Носирхитой пеши пайкари паҳлавононаи Ҳоҷимаҳмуд нокироӣ менамуд. Қадаш аз ӯ хело паст. Носирхитой таҳқир шуда буд. Ҳоҷимаҳмуд гапашро нагирифт, писанд накард. Айби худи ӯ. Бо ин марди дағалу қайсар, бо як паҳлавони ман мегуфтагӣ, бо забони ширину нарм ба гап даромад. Носирхитой қадри худашро надонист. Вагарна Ҳоҷимаҳмуд кию Носирхитой кӣ? Ҳоҷимаҳмуд ҳазор зӯру ҷаҳондида, номдор ҳам ки бошад, як нафар. Дар ихтиёри Носирхитой як дастаи тавонои йигитҳои яккачин. Ҳама камондор, ҳама мусаллаҳ. Ҳар рӯз хонаҳо, деҳаҳоро ғорат мекунанд. Одам мекушанд, аз ҳамаи гуруҳҳои босмачиёни Иброҳимбек йигитҳои Носирхитой бераҳманд, барои аз ҳад зиёд беинсофу хунхор буданашон ба охири номи Носир калимаи хитойро ҳамроҳ кардаанд. Шояд калимаи хитой дар ақидаи мардум бераҳмии гӯшношунидро ифодагар аст.

– Ҳоҷӣ, ба худ биё, аз ҳад нагузарон, алафатро паст чар, – Носирхитой кӣ будани худашро гӯё акнун сарфаҳм мерафт.

– Чӣ мекунӣ?

– Пеш даро, – Носирхитой милли туфангашро ба ҷониби Ҳоҷимаҳмуд рост кард. – Роҳ гард!

– Куҷо меравем? – Ҳоҷимаҳмуд бепарвоёна бо Носирхитой гап мезад.

– Пеши ҳамқишлоқиҳоят меравем, ҳамонҳое, ки ту онҳоро ба ҷонашон расонда будаӣ. Дунё ҳамин хел, акнун навбати онҳо.

– Онҳо бо ман чӣ мекунанд?

– Мекушанд.

– Ба Худо, онҳо маро кушта наметавонанд. Ғайрат надоранд.

– Худам туро мекушам, баъд тӯй мекунам, зани амакатро мегирам.

– Ба Худо, наметавонӣ. Ман, ман ҳамон Ҳоҷимаҳмуд ҳастам... – дар як они воҳид Ҳоҷимаҳмуд, чӣ гуна ба Носирхитой дарафтод, чи гуна камони ӯро аз дасташ рабуд, Носирхитой сарфаҳм нарафт. Хоб буд ӯ ё бедор? Намедонист. Ҳоҷимаҳмуд камонро ба як сӯ ҳаво дода дастони Носирхитойро ба пушт тоб дод, ба хаёлаш, ки дастонаш шикастанд, устухонҳояш орд шуданд. Ҳоҷимаҳмуд мисли бало вайро зери дасту панҷаҳояш кашида буд. Дастони

Носирхитойро ӯ бо чилбур маҳкам баст. Вайро аз дари меҳмонхона ба берун тела кард. Носирхитой акнун пешандози Ҳоҷимаҳмуд шуда буд. Чанд лаҳза пеш Носирхитой ба сари Ҳоҷимаҳмуд фармон-фармоӣ ва дар дил чи орзуҳое дошт. Аммо вазъият дар байни чанд лаҳза тағйир ёфта. Дунё ҳамин хел. Ҳоло дасти Ҳоҷимаҳмуд боло. Дар берун, дар рӯи ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд хидматгорҳо, хешовандон, зану фарзандонаш. Мардум баъди намози аср аз масҷид мебаромаданд. Ҳоло Ҳоҷимаҳмуд сардори як дастаи тавонои йигитҳои Иброҳимбек – Носирхитойро аз назди онҳо, аз кӯчаҳои деҳа мегузаронад. Камони Носирхитой дар дасти Ҳоҷимаҳмуд, дастони ӯ ба пушт баста шудаанд. Йигитҳояш, душманони Ҳоҷимаҳмуд ҳам мебинанд ин ҳолро.

Носирхитой бо Ҳоҷимаҳмуд саломуалейк буд, аз тавоноӣ, ҷасорати вай ҳикояҳо шунидааст. Рост мегуфтаанд мардум, паҳлавони бемисл, беҳамто будааст ин мард. Носирхитой ба дасти вай ғалтид, мутеаш гашт. Оқибат чӣ мешуда бошад? Боз чанд лаҳзаи дигар мегузараду бисёр балоҳо ба сари Носирхитой меоянд. Барои ӯ дигар ҷои рафт ва ҷои зист наемонад. Баъди он Ҳоҷимаҳмудро кушаду накушад ҳам, суде намеорад, ба дардаш даво намеёбад. Кош ба хонаи ӯ намеомад, кош ба гапи душманони нотавону пастфитрати Ҳоҷимаҳмуд намедаромад. Онҳо беҳуда ба вай суол надода будаанд, ки худаш танҳо ба хонаи Ҳоҷимаҳмуд меравад? Медонистаанд. Вай аз рӯи нангу номус йигитҳояшро ҳамроҳ нагирифт. Нафаҳмида худро ба ин доми марг – ба хонаи Ҳоҷимаҳмуд зад. Ба беобрӯю шарманда шудани ӯ лаҳзаҳо монда. Ҳамин ҳоло пешандози Ҳоҷимаҳмуд мешавад. Баъд Худованд ҷонашро ситонад ҳам, халос намеёбад. Чӣ тадбир андешад? Чӣ кунад?

Носирхитой аз остонаи дари меҳмонхона худро ба ақиб, ба дарун кашид, рӯ ба замин, рӯ ба пеши пойҳои Ҳоҷимаҳмуд фиканд худро. Пойҳои ӯро оғӯш кард. Ягона илоҷе буда ӯро ин ҳол.

– Ҳоҷӣ, акаи ҷон, маро бахш, аз гуноҳам гузар, маро шарманда накун, бо ин ҳол маро аз назди одамон нагузарон, раҳм кун, аз гуноҳам гузар. Маро бубахш, хидмататро ба ҷо меорам, агар хоҳӣ сари душманҳоятро аз тан ҷудо мекунам, ҳамин ҳоло ҳамин корро ба ҷо меорам, сарашонро оварда пеши пойҳоят мепартоям, чи ки гӯӣ, гуфтаҳоятро ба ҷо мебиёрам, Ҳоҷимаҳмуд, маро озод кун, Ҳоҷимаҳмуд, – Носирхитой хоки пойҳои Ҳоҷимаҳмудро ба дидагон молида нола мекард, зорию илтиҷо дошт.

– Хез, Носирхитой, ман туро ҳеҷ кор намекунам, туро мебахшам, – гуфт Ҳоҷимаҳмуд.

Ҳоҷимаҳмуд дастони Носирхитойро кушод. Камонашро ба ӯ баргардонд.

– Рав, – фармон дод ба вай, то беруни дарвоза гуселаш карда аз ӯ қатъиян талаб кард, ки бо йигитҳояш аз деҳа равад, дигар аз Нилкон зан мегирам, гуфтани гапро ба ёд набиёрад.

Хабари муноқиша, низои байни Ҳоҷимаҳмуд ва Носирхитой дар деҳа бо ҳазор гуна обу ранг ва ҳар навъе ҳикоят карда мешуд. Мегуфтанд, ки Ҳоҷимаҳмуд дастҳои Носирхитойро бастааст, қасам додааст, ки дигар ба деҳаи Нилкон қадам нагузорад, корду камонашро гирифтааст, ба гарданаш пулу моли зиёд, халтаҳои тангаю тилло бор кардааст, Носир-хитой талхакаф шудааст, дигар ёди Нилкон намекардааст. Ва боз баъзеҳои дигар аз рӯи дӯстӣ ин амали Ҳоҷимаҳмудро нораво ҳисоб кардаанд, «Ҳоҷимаҳмуд беақлӣ карда-

аст», мегуфтанд. Ҷабр ба ҷони худаш. Носирхитой гӯё гуфта будааст: «Бо Ҳоҷӣ боз вомехӯрам, ҳамин хел рӯз мебиёяд, мекушам, агар сарашро аз тан ҷудо накунам, агар ҳамин хел накунам, номам Носирхитой не, зиндагӣ бароям ҳаром, ҷавонмард набошам...», – қасам хӯрдааст.

Ин гапу ҳарфҳо ба гӯши худи Ҳоҷимаҳмуд ҳам расидааст.

Он рӯз баъди намози бомдод Ҳоҷимаҳмуд аз имомхатиби масҷиди деҳа эшони домулло Мирзо хоҳиш кард, ки намоз-хонҳоро нигоҳ доранд.

Эшони домулло аз низои байни Носирхитой ва Ҳоҷимаҳмуд огоҳ буданд. Ба эшони домулло Мирзо ҳам маълум, ки Носирхитой як марди худобехабар, хунхор, чи хеле гуфтаанд, на дар пушташ думу на дар пешаш ёл. Худо инсонро ба ин хел зотҳо гирифтор накунад. Аз ин ҷиҳат дили эшони домулло барои хешовандашон меларзид, аз тақдири минбаъдаи вай дар ташвиш буданд. Ва ҳоло бо мардуми деҳа – бо намозхонҳо чи гуфтани Ҳоҷимаҳмудро медонистанд. Аз ин рӯ, баъди сокит мондани намозхонҳо худи эшони домулло Мирзо ба гап сар карданд.

– Қавмо, мою шумо ҳама хешу табор, гӯшту нохун, обшарику хокшарик. Пагоҳ мурдаи якдигарамонро худамон соҳиб мешавем, каси дигар, бегонаҳо не, худамон.

– Бале, ҳазрати домулло, рост мегӯянд, ҳамин тавр аст, – овозҳо баланд шуд.

– Ҳамин тавр ки бошад, мо бояд ҳамдигарамонро нафурӯшем, бегонаҳоро ба сари ҳамдигарамон набиёрем. Носирхитой кӣ? – эшони домулло Мирзо суол карданд.

Ҳама хомӯш буданд, аз ҳарос касе ҷуръати дар ин масъала забон кушодан надошт.

– Ҳамаамон кӣ будани ин одамро медонем, – эшони домулло Мирзо боз ба гап даромаданд.

Баъд эшони домулло Мирзо аз хусуси Носирхитой, йигитҳои вай хело гап заданд. Гуфтанд, ки Носирхитой як одами авом, муштамзӯр, ӯ худашро сарлашкари аҳли ислом хондааст, аммо аз ислом, аз дину аз шариат бехабар. Хонаҳои бандаҳои мусулмонро тороҷ мекунад, чашмаш ба зану духтарҳои мардум. Агар давраш мебуд, – давом намуданд домулло Мирзо, – ӯро ҳад мезаданд, сангсор мекарданд. Ва баъзеи мо айбу уболро намедонем. Носирхитою йигитҳои вайро «бачаҳои худамон» мегӯем, болои зану фарзандонамон мебиёрем. Беҳ-беҳ мекунем. Баъд мегӯем, ки фалон касро куш, хонаашро ғорат кун. Ҳамон фалону бисмадон кас кӣ? Одамони қишлоқи худамон, хешу табори худамон. Мо ҳамин хел бераҳму беандеша ҳастем.

Эшони домулло Мирзо ин гапҳоро гӯшона ба душманони Ҳоҷимаҳмуд мегуфтанд. Якеаш ҳамон дузди номии деҳа ва дигараш ҳамон ҳамсояаш эшони Тошбой, ки вайро эшони домулло Мирзо нимчамулло мегуфтанд. Нимчамулло ба Ҳоҷимаҳмуд ғузнадор. Вай дар масҷид имомхатиб шуданӣ. Вале сади роҳаш ҳамин Ҳоҷимаҳмуд, ба қади пасту ҷуссаи нокироии эшони Тошбой ишора карда «Эшони Тошбойро худаш чию илмаш чӣ… илмаш дар куҷояш ҷой гираду хурдагиаш дар куҷо? Э, гум шаваде», – гуфта дар пеши худию бегона ба ҳоли вай механдаду механдад. Ва он ду душмани Ҳоҷимаҳмуд он лаҳзаҳо дар масҷид дар намози саҳар ҳозир буданд, аммо аз

ғазаби халқ, аз Ҳоҷимаҳмуд меҳаросиданд. Лаб зери дандон ба гуфтаҳои домулло тоб меоварданд, ҷавоб гардонда наметавонистанд.

Ҳоҷимаҳмуд ба пешгоҳи аҳли намоз баромада ба онҳо рӯ овард.

– Қавмо, бо шумоҳо гап дорам, дар хотир доред, – ӯ канда-канда ба суханаш афзуд: – имрӯзҳои нотинҷии мою шумо мегузарад. Агар намирем, боз мою шумо мемонем. Ҷои сӯхта сабза медамад. Ба Худо, ҳамин хел мешавад. Зану духтарони деҳа нангу номуси ҳамаамонанд, онҳо занҳои мо, модарҳо, хоҳаронамон. Лекин як-ду беномус занҳои деҳаро ба бегонаҳо, ба одамони ғайр савдо доранд. Онҳо ба Носирхитой зан доданӣ. Мо беномус нестем, якҷоя мешавем, намемонем, аз Нилкон зан ёбанд, зан гиранд, дигаронро намедонам, лекин хуни ман намебардорад, намегузорам. Барои ҳамин бо Носирхитой ҷанг шудам. Боз мегӯям, қавмо, биёед, тифоқ шавем, қишлоқ гӯем, зану фарзанд гӯем, – Ҳоҷимаҳмуд гӯё ҳамаи гапи дилашро гуфта буд, ки хомӯш гашт, намозхонҳо ҳанӯз аз ҷойҳояшон наҷунбида, гӯш ба гуфтаҳои ӯ буданд. Вай рӯ ба ҷониби дар овард, аз масҷид берун шуд. Лаби сӯфаи масҷид рӯ ба офтоббаро ба ҷониби мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф истод. Дуои фотиҳа хонд, дуо мекард, аз мазор, аз арвоҳҳо дар роҳи ҳалли мушкилиҳо мадад мехост, ба даргоҳи Худованд илтиҷо дошт. Аз ҷониби мазор офтоб рух менамуд, офтоби пагоҳ...

Суханони таҳдори домулло Мирзо ва Ҳоҷимаҳмуд ба нимчамулло бештар асар карда буд. Таҳқир шуда ӯ. Вайро пастфитрат, лагандбардори Носирхитой гуфтанд. Холабачаҳо – эшони домулло Мирзо, Ҳоҷимаҳмуд мулкро бе душман дида Носирхитой барин лашкаркаши овозадор, тавонои аз дасташ ҳар кор меомадаро дар назди мардум дашном доданд, вайро ҷоҳил, дасти росташро аз чапаш фарқ намекардагӣ гуфтанд ва кофир ҳукм карданд. Худо одама, ки зад, ба ғазаби Худо гирифтор, ки шавад, ҳамин тавр ақлаш пӯшида мегардад. Носирхитойро ҳам мисли нимчамуллои мегуфтагиашон, мисли ҳамқишлоқиҳои худошон пиндоштаанд, вайро дур дидаанд. Намедонанд, ки Носирхитой имрӯзҳо чи қадар одамонро аз дами теғ мегузаронад. Аз пояшон ба дарахтҳо меовезад, чи коре хоҳад, мекунад. Бале, инҳо Носирхитойро намедонанд, ҳоло шаттаашро нахӯрдаанд. Баъд аз афташ хаёл доранд, ки гапҳои онҳо ба гӯши Носирхитой намерасад, намедонанд, ки нимчамуллои мегуфтагиашон бародари ҷонӣ, одами наздики Носирхитой аст, вай дар ҷои дигар не, дар бехи биниашон. Худо хоҳад, ин одам нимчамуллоро ба мартабаҳо мерасонад.

Носирхитой ҳамон шаби бо Ҳоҷимаҳмуд ҷанг хурда аз Нилкон баромада рафтанаш бо нимчамулло хело сӯҳбат кард. Гуфт, ки оянда дар Нилкон, одами бовариаш, гӯши вай нимчамулло. Гап чинад, чи гапе дар ҳаққи Носирхитой мешунавад, ба ӯ расонад. Чашму ақлу ҳуши вай шавад ва боз таъкид кард, ки имрӯз ҳам ки набошад, фардо, албатта, Носирхитой ба Нилкон бармегардад, Ҳоҷимаҳмудро саришта мекунад, ваъдаи ба нимчамулло додаашро фаромӯш намекунад ва ҳатман имомхатиби масҷид мешавад.

Нимчамулло бо димоғи сӯхта бо хаёлоти зиёд ҷониби кулбааш мешитофт. Ӯ Носирхитойро пайдо намуда ҳамаи гапу ҳарфҳои шунидаашро ба вай мерасонад, огоҳаш мекунад, ки холабачаҳо мардуми қишлоқи Нилконро муқобили ӯ ба по хезонданианд, маслиҳат карданд. Қаҳру ғазаби нимчамулло

зиёдтар мешуд. Домулло Мирзо гӯё ҷои гапгӯй, ҷои сиёҳ кардани вайро ёфта. Ҳамаи гапҳояш гӯшона ба вай. Носирхитой гӯё хар буда, ки ӯ вайро беҳ-беҳ карда ба деҳа меовардааст, зан медодааст, зан мекофтааст. Таҳқиру дашном дар ҳаққи одам аз ин зиёда намешавад. Мулло Тошбойро, ки нимчамулло ном додаанд, беобрӯ карданианд. Пеши роҳи имомхатиб шудани ӯро гирифтанианд. Мулло Тошбой кӯдак не, мефаҳмад, лекин корро ин тавр ҳам намемонад, бо дилу ҷигари сӯхта, бо алами зиёд роҳ мерафт. Пиёда мерафт. Камбизоат аст, соҳиби як маркаби исқотӣ ҳам нашуда ӯ. Як бало карда ба деҳаи Муғулон расад, аз он ҷо кема қатӣ аз дарё мегузарад. Он ҷо мардуми марқа, ҳама муридонаш. Хонаи Ортиқхоли ҷӯрааш медарояд, ягон улав мепурсад. Хонаи Носирхитой хело дур, пиёда қариб дурӯза роҳ. Ба Кӯктош, ки расид, боз хело роҳ, боз чанд талу теппаҳо, куталҳои баландро баромадан лозим. Аз ҳама вазнинаш баромадани кутали мазори Хӯҷазаррин. Худо бошад, ки бо ин қадар саргардонӣ, роҳро ба рӯ карданҳо Носирхитойи бародархондашро дар хонааш ёбад. Кушоиш омад ба корҳои мулло Тошбой. Дӯсти наздикмуридаш Ортиқхоли марқаро дар хонааш пайдо намуд. Ба аспи ҷавмасти худаш савор кард домуллоро. Таъкид намуд, ки эшони Тошбой эҳтиёт шаванд, асп андак чарс. Бодпо будааст аспи Ортиқхол. Дар роҳ мисли шамол. Ҷонвар ба дили мулло Тошбой роҳ мегашт, ба дили вай медавид. Вақте мулло Тошбой кутали мазори Хӯҷазарринро баромада, аз Рангон гузашта, ба деҳаи Бедак расид, ки шаб ним шуда буд. Дар ҳамон шабӣ аз йигитҳои Носирхитой хоҳиш кард, ки аз омадани мулло Тошбой ӯро бохабар кунанд. Носирхитой аз хоб хест, ба гуфтаҳои мулло Тошбой бо диққат гӯш дод. Мулло Тошбой суханҳои дар роҳи дароз пухта кардаашро ба ӯ гуфт. Қаҳру ғазаби Носирхитойро ба аҳли деҳаи Нилкон, ба Ҳоҷимаҳмуду эшони домулло Мирзо афзун намуд. Ба гуфтаҳояш дурӯғи беше ямоқ кард, ба гап ҷома пӯшонд. Гӯё Ҳоҷимаҳмуд дар назди ҳама зану фарзандҳои Носирхитойро ҳам дашном дода.

– Эшони домулло, дигар гап назанед, фаҳмидам, шуд. Ҳоҷимаҳмудро мекушам, сарашро аз тан ҷудо мекунам. – Носирхитой ба шунидани давоми суханони эшони Тошбой тоб наоварда аз ҷой бархост, рӯ ба қибла овард ва қасам ёд кард ва баъд ҷомаашро болои китфонаш партофт. Аз назди мулло берун рафт. Дар берун ҳаво торик, осмон пурабр, шаб, шаби сиёҳ, сиёҳию тирагие мисли дили эшони Тошбой ва Носирхитой. Вале аз «Ҳоҷимаҳмудро мекушам» гуфта, қасам ёд кардани Носирхитой дили эшони Тошбой равшан гашта ва ӯ мадор гирифта, тавоноӣ ёфт, шукр гуфт ба даргоҳи Худованд, ки Носирхитой барин чунин як шахси соҳибшӯҳрат, тавоно, муттако, пушту паноҳаш шуда. Душманонаш, алалхусус эшони домулло Мирзо, кӣ будани вайро бояд дарк бикунанд.

* * *

Байни намози асру шом хабаре ба деҳа, ба кулли хурду калони Нилкон паҳн гашт: «Носирхитой омадааст, йигитҳояш беҳисоб, ҳамаашон дар масҷид, масҷид пури босмачӣ. Ва талаб кардааст, ки аҳли деҳа ҳама зуд ба масҷид ҷамъ биоянд, бо мардум гап доштааст». Мардум ҳама дар ҳарос, сабаби бо йигитҳои беҳисобаш ба Нилкон ташриф овардани ӯро медонистанд.

Аз хотирашон набаромада, ҳамин пагоҳ вақти намоз Ҳоҷимаҳмуду эшони домулло Мирзо гапи ӯро гуфта буданд, дар ҳаққаш суханҳои ноҷо ба забон оварданд, эшони Тошбой нарезондаю ночаконда ҳамаи гапҳоро хабар бурдааст ва пешдаро шуда ӯро ба деҳа, ба сари мардум, ба сари Ҳоҷимаҳмуду эшони домулло Мирзо овардааст, кори нохуб кардааст. Одами хуб набудааст, мурдор будааст эшони Тошбой. Дӯстону наздикон ғами Ҳоҷимаҳмуд ва эшони домулло Мирзоро мехӯрданд. Чанд нафар кебида – кебида, пинҳон шуда, пас-паси деворҳо хонаи Ҳоҷимаҳмуд рафтанд. Гӯё ӯро хабардор кардан мехостанд. Аммо ӯ кайҳо аз омадани Носирхитой, аз нияти ӯ огоҳ будааст. Бо вуҷуди ин, дӯстон аз вай хоҳиш доштанд, ки ба масҷид наравад. Бо Носирхитой рӯ ба рӯ наояд, ғами ҷони худашро хӯрад, илоҷ ёбад аз деҳа равад.

– Гурезам?! – Ҳоҷимаҳмуд аз панду насиҳатгӯиҳои дӯстон ранҷида буд. – Меравам, албатта меравам, – гуфт.

Ҳоҷимаҳмуд маҳтали азони шом наистода, нисбат ба ҳаррӯза бармаҳалтар аз дари масҷид даромад. Дар масҷид гӯё маъракае буд. Хело ва хело серодам. Йигитҳои Носирхитой дар саҳни масҷид. Пас-паси деворҳо, аз назди чӯббандии масҷид қадам мезаданд. Худи Носирхитой дар пешайвон. Дар сар салла, дар китф камон, дастҳо дар миён ин сӯ – он сӯ қадам мезад. Нописандона ба ҷониби мардум назар меандохт. Ҳамаи ин худнамоиҳои ӯ аз барои ду-се нафар. Ҳоҷимаҳмуд ва эшони домулло Мирзоро душман ҳисобида ӯ. Назди онҳо худнамоӣ дошт, фукаш ба осмон.

Баъди намози шомро хондан Носирхитой ба чанд нафар наздиконаш, ки паҳлуи ӯ саф гирифта буданд, фармоиш дод, ки дарҳои масҷидро бубанданд. Намозхонҳоро нигоҳ дошт ӯ.

– Пирам, эшони домулло Мирзо, – Носирхитой ба имомхатиб муроҷиат кард: – ба шумо гап дорам.

– Марҳамат, гап занед, – овози домулло Мирзоро шунид Носирхитой.

– Аҷаб не, банда сураҳои намозамро намедонам, – суханҳои дар намози пагоҳ ба забон овардаи эшони домулло Мирзоро айнан такрор кард ва бо овози баландтар давом намуд: – Лекин фармоиш медиҳам Шумо, ҳазрати эшон ва ҳамаи мардуми Нилкон ба ман гӯш медиҳед, илоҷ надоред. Ман калтаю кӯтоҳи гапро мегӯям, гӯш диҳед, эшонҳо, ман Носирхитой, фарзанди Шамшодбои Қалуғ, ман ҳамин хел одам, касе ба гапам гӯш надиҳад, овоз барорад, мекушам. Шумо, эшони домулло Мирзо, – боз ба имомхатиб муроҷиат кард, – ба гапам гӯш диҳед. – Шумо ҳарчанд ба олам машҳур ҳастед, шуморо дар тамоми мамлакат медонанд, лекин ман ба шумо мегӯям. Шумо дигар имомхатиб намешавед, аз ин вазифа озод мешавед. Албатта, бо ҳамин аз имомхатибӣ озод шудан, шумо халос намеёбед, боз гап мезанем, шояд ба масҷид дигар қадам намемонед, садқаи илматон шавам. Шумо ҳоло Носирхитойро намедонед, бо собуни вай ҷома нашустаед, илматон камӣ кардааст, боз илм омӯзед, ҳазрати домулло, – Носирхитой домулло Мирзоро мазаммат мекард. Баъд Носирхитой эшони Тошбойи пирашро наздаш даъват кард.

– Мешиносед эшони Тошбойро ё намешиносед? – Ба ҳозирон муроҷиат кард Носирхитой. Вале касе чизе намегуфт, сари ҳама хам, гӯё ҳама ба муроқаба рафта буданд.

– Шунидед ман чӣ гуфтам? – Такрор намуд Носирхитой ва даст ба китфи

эшони Тошбой гузошта бо қатъият гуфт: – Аз пагоҳ эшони Тошбой пешвои шумо, имомхатиби масҷид, пагоҳ ҳамаатон ҳамин ҷо ҷамъ мешавед. Фаҳмидед, аз пагоҳ имомхатиб кӣ? – Боз аз ҳозирон суол кард Носирхитой. – Ё ҳастанд касоне, ки не, имоматии эшони Тошбойро намехоҳем, гӯянд, – мепурсид ӯ ва гӯё гап мекофт. Вале боз ҳама хомӯш, касеро ҷуръати сухангӯӣ набуд, аз ҳарос забон кушода наметавонистанд. Дар масҷид вақти намози шом вазъи нохуш, вазъи тарсу ҳароси аз ҳад зиёд ба амал омада буд. Йигитҳои Носирхитой назди дарҳои масҷид истода буданд. Мили камонҳояшон ба сӯи намозхонҳо, маҳтали ишораи Носирхитой, бо амри ӯ онҳо бояд тир кушоянд. Дарҳои масҷид руст. Дари хонаи Худоро ба рӯи бандагон баста буданд. Онҳоро гӯё туфангдорон тирборон мекарданд.

Носирхитой ба ҷои эшони домулло Мирзо эшони Тошбойро эмомхатиб гузошта баъд аз паи Ҳоҷимаҳмуд афтоданӣ буд.

Ҳоҷимаҳмуд аз миёни намозхонҳо аз ҳама аввал аз дари масҷид берун шуд, ба Носирхитой ҳарфе нагуфта саросема ба хонааш баргашт, ба хидматгорҳо фармуд, аспи зоти арабии сиёҳмушкинашро аз зери собот ба берун оранд, зину абзол зананд. Худаш, ба гуфтае ки либосҳои ҷангиашро ба бар карда шамшеру камон гирифт, чи хеле мегӯянд, чорафзол шуду пой ба ӯзангуи асп монд, лаҷомро кашида рӯ ба масҷид – рӯ ба мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф оят хонд, кушоиши кор орзу намуд ва баъд ба сағрии асп қамчин андохт. Вай банди андешаҳои ба хаёлаш бесарунҷук аз деҳа мебаромад. Вай боз садди роҳи Носирхитой шуданӣ.

Носирхитой он шаб, баъди гуфтугузораш бо намозхонҳо, мардуми деҳаи Нилкон ба хонаи эшони Тошбой омад. Ба хонаи пираш дасти холӣ наомада, гӯсфанд ва як ҷувол биринҷу равған оварда буд. Гӯсфандро кушта дар як деги маъракагӣ ош пухтанд. Хонаҳои эшон ва рӯи ҳавлиаш пури меҳмон. Ҳаёҳӯй доштанд. Овозашон баланд, инчунин миёни ҳавлӣ гулхан афрӯхта буданд. Ҷавононе, ки саллаҳои калон-калон дар сар доштанд, гирди гулхан мерақсиданд.

Носирхитой дар хонаи пираш шабашро саҳар карда, пагоҳӣ дар масҷид аз пасаш намоз хонда, чашми душманонро мош барин аз сарашон бароварда андаке таскин ёфта, баъд ба хонаи Ҳоҷимаҳмуд омада, дастонашро ба пушт баста ӯро аз хонааш, аз назди зану фарзандонаш бароварда, баъд ба сараш об рехтанӣ буд.

Вақти зиёфат, андаке дам гирифта осудан ба хаёли Носирхитой душманаш Ҳоҷимаҳмуд омад. Табъаш хира гашт.

– Ош хӯред, ҳазрати мир, – эшони Тошбой ба номи Носирхитой амали мирӣ илова намуда вайро шод гардонда давом намуд.

– Ё оша нағз напухтааст янгаатон? Писандатон наафтод?

– Не, пирам, оши хуб пухтаанд, дилам намекашад, – ва пас аз чанд лаҳза илова намуд: – Ҳоҷимаҳмуд саросема буд, тез аз масҷид баромад.

– Эшони домулло Мирзо хафа шуд, – гуфт мулло Тошбой.

– Даҳон мекушоду рӯзаша медид.

– Фаҳмид, тарсид.

– Дигар аз гулӯям ҳеҷ чиз намегузарад, – ва илова намуд Носирхитой. – Ҳоҷиро ҳозир, ҳамин ҳозир овардан лозим, – Носирхитой дасту панҷаҳои

равғанолудашро бо сачоқ пок мекард.

– Ҳамин ҷо, ба ҳавлии мо мебиёред? – Эшони Тошбой бо ҳарос пурсон гашт.

– Бердиқул, оҳой Бердиқул, – Носирхитой як сардори дастаашро ҷеғ зад.

– Лаббай, – гӯён марди миёнсоли серриш, ки сари рухсораҳояш аз мӯй наметофтанд, дастҳо пеши бар аз дар даромад.

– Хонаи Ҳоҷимаҳмуд рав, бачаҳоят қатӣ, ҳамаатон. Хонаи Ҳоҷиро медонетон, ба ту нишон дода будам. Ё аз хотират баромад?

– Не, ака, медонам.

– Дастҳояшро ба пушт баста, пешандоз карда биёретон.

– Хуб шудааст, ака, – Бердиқул назди Носирхитой таъзим карда паи адои фармони ӯ ақибнокӣ аз дар баромад.

– Ҳазрати мир, – хушомадгӯёна боз давом намуд эшони Тошбой, – додари ҷонам, шумо чӣ гуфтед?

– Ҳоҷимаҳмуди ҷӯраатонро ҳамин ҷо, ба хонаи шумо биоранд гуфтам.

– Мекушед?

– Худо хоҳад.

– Ҳамин ҷо, дар болои дӯкони банда?

– Агар аҷалаш расида бошад, ҳамин хел мекунем. Мефармоям пеши пойҳои шумо афтад, афтаду боз хезад, зорӣ кунад, ба тавалло дарояд… Агар душманатонро дар ҳамин ҳол бинед, магар Шумо хурсанд намешавед?..

– Не, не, додарам, ин хел накунед, вайро хонаи мо набиёред. Мефармоям пеши пойҳои шумо афтад, афтаду боз хезад, зорӣ кунад, ба тавалло дарояд… Агар душманатонро дар ҳамин ҳол бинед, магар шумо хурсанд намешавед?

– Метарсед? – Носирхитой пас аз лаҳзае хомӯш истодан хотири эшони Тошбойро осуда намудан хост: – ҷои тарс наменонад, мо вайро мекушем. Дигар ба шумо ҳеҷ кас кордор шуда наметавонад. Чӣ Шумо аз мурдааш ҳам меҳароседӣ?

– Медонам, ҳазрати мири музаффар, вайро шумо мекушед, лекин баъд ман дар бало мемонам, хундор мешавам. Ин халқи Нилкон ҳамааш ба сарам мехезанд. Дигар зиндагӣ кардан наменонанд. Ҳамин рӯз пагоҳӣ дар намози бомдод ҳама ба сарам хестанд. «Куҳрии паси маърака мешавӣ» гуфтанд. Баъд вай эшони домулло Мирзо ҳамаро ба сарам мехезонад, қиёмат мешавад. Аз Ҳоҷимаҳмуд дида эшони домулло Мирзо хавфнок, мардум ба гапи вай медароянд. Аввал гӯед ҳамин одамро кушанд.

– Ин хел нагӯед, пирам. Эшони домулло Мирзоро ҳеҷ кас кушта наметавонад. Магар шумо намедонед?

– Ҳоҷимаҳмуд зӯр аст.

– Эшони домулло Мирзоро ба Ҳоҷимаҳмуд баробар накунед. Эшони домулло Мирзо олим, шайх, ин одам авлиёст, ба авлиёҳо кӣ сарбасар мешавад? Дуо кунад тухму тараамон қир мешавад. Мо мардуми авом метарсем. Дар ҳама ҷо муридонаш, вай пири ҳама. Қавми лақаю марқая сари кӯдакашон дард кунад, эшони домулло мегӯянд. Ба Худо сари як мӯяш кам шавад, ҳамаашон мехезанд. Ман медонам, ман аз қавми онҳо. Хосса обрӯю эътиборе, ки эшони домулло Мирзо дорад, дар водии Ҳисор дар ҳамин шабу рӯз касе надорад. Вайро лақаё кӯчонда бурданианд, эшони домулло Мирзо гуфта

барои ин одам мемуранд, ҷон медиҳанд. Ман бо ин одам аз гап задан метарсам.

– Барои ҳамин ин одам шуморо писанд накард, барои ҳамин саҳар дар ҳаққи шумо ҳар гап гуфт, – эшони Тошбой байни эшони домулло Мирзо ва Носирхитой алангаи низоъ афрӯхтанӣ, ба аланга пуф мекарду пуф.

Дар хона ду нафар – эшони Тошбой монда буду Носирхитой. Ҳар ду хомӯш гаштанд.

– Чи шавад-нашавад, шуморо ба ҷои эшони домулло Мирзо имомхатиб мегузорам. Пагоҳ ин корро мекунем, аз қавлам намегардам.

Он шаб фиристодаҳои Носирхитой се бор хонаи Ҳоҷимаҳмуд рафта баргаштанд. Ҳоҷимаҳмудро наёфтанд.

– Куҷо гум шудааст? Нафаҳмидед, ки куҷо рафтааст? – Носирхитой такроран аз фиристодаҳояш мепурсид.

– Гурехтагист, – як йигиташ ҷавоб гардонд.

– Ту мегурезӣ, вай намегурезад. – Ба ғазаб омада буд Носирхитой.

– Дар хонааш нест, кофтем, пурсидем. – Боз ҷавоб гардонд ҳамон йигити Носирхитой.

– Равед, боз равед, ёбед, – фармоиш дод Носирхитой.

Йигитҳои Носирхитой ҳамон шаб гӯё дар роҳи хонаи Ҳоҷимаҳмуд ва эшони Тошбой тор метаниданд, мерафтанд Ҳоҷимаҳмудро наёфта боз бармегаштанд. Аҳли хонаводаи Ҳоҷимаҳмуд, модари бузургвораш Моҳи Мулло ҳам ҳамон шаб лаҳзае хуфта натавонистанд. Дар он бегоҳирӯзӣ куҷо рафтани Ҳоҷимаҳмудро намедонистанд. Модари бузургвораш, занону фарзандон ҳама аз Худованд илтиҷо доштанд, ки Ҳоҷимаҳмуд ба хонааш наояд.

Саҳар мешуд, эшони Тошбой ҳамон шаб мижа таҳ карда натавонист. Вай дар хаёле, ки зудтар саҳар ояду ҳамроҳи Носирхитой, босмачиёни беҳисоби ӯ ба масҷид дароянд. Баъд эълон шавад, ки эшони Тошбой имомхатиби масҷид, баъд ӯ ба минбар барояд, ба муаззин фармояд, ки такбир бигӯяд, баъд меҳробро соҳиб шавад ва мардум аз пасаш намоз гузоранд. Имомхатиби масҷид шудан орзуи деринаи эшони Тошбой буд. Бо ҳамин орзу Бухоро рафт, бо ҳамин орзу бисёр солҳо хонд. Лек ба ҷое нарасид, мегӯянд, ки камсавод аст, зеҳнаш кунд. Дар деҳа ҳам ҳама вайро мазаммат мекарданд, лекин ҳоло рӯзҳое омада, ки дигар ин тавр гуфта наметавонанд, Носирхитой муридаш, ба сари раҳибони вай корду камон мекашад, ҷон ба ҳама ширин, метарсанд. Аз пагоҳ сар карда баъди ҳар намоз дар ҳаққи Носирхитой, ҳамроҳони вай дуои нек хондан мегирад, дар ситоишашон ваъз мегӯяд. Ин амал барояш душвор не, гӯр сӯзаду дег ҷӯшад.

Субҳ медамад, аввалин субҳе, ки эшони Тошбой бо шодмонии беинтиҳо пешвоз мегирифт. Ниҳоят овози азон аз масҷид баланд гашт. Мардуми деҳа ба сӯи масҷид мешитобиданд. Эшони Тошбою Носирхитой аз ҳама аввал аз чӯббандии масҷид дарун шуданд. Саҳни масҷид ҳанӯз равшан нашуда, аз паси пардаи торикӣ баъзе чинорҳои қатори лаби ҷӯй ба назар намеғалтиданд. Вале аз шохсорони онҳо ғаҷар-ғуҷури гунҷишкакон ва бисёр парандаҳои дигар ба гӯш мерасид. Садои уҳу-уҳу, садои сулфаи намозхонҳо, аз обхона, ташнобҳо ба гӯш меомад, ки таҳорат мекарданд.

Дар он субҳгоҳ воқеае рух дод, ки Носирхитой чашмдор набуд.

Ҳоҷимаҳмуд дар саҳни масҷид пайдо шуд. Танҳо набуд. Ҳамроҳ дошт. Аз назди Носирхитой бовиқор, бо сари баланд гузашт. Дар дами дари даромадгоҳи масҷид истод, ба онҳое, ки вориди масҷид шуданӣ буданд, рӯй оварда.

– Қавмо, – овозаш баланд гашт, – ҳоло ҳамаатон ҳамин ҷо ҷамъ шавед. Ба масҷид надароетон, гап дорам, ба ҳамаатон гап дорам, – фармоиш медод ӯ ба ҳама.

Нигоҳи эшони Тошбой ба Носирхитой шуд. Ӯ ба дӯсташ гуфтанӣ буд: шунидед ин одам чӣ мегӯяд? Дари масҷидро гирифтааст-а? Носирхитойро писанд намекунад. Ё ӯ Ҳоҷимаҳмудро намебинад? Аз шаб боз бо йигитҳояш меҷуст, дасту пойҳояшро бастанӣ буд. Ана, ҳоло ҳамон Ҳоҷимаҳмуди ҷуста мегаштааш дар рӯ ба рӯ. Чӣ истодан дорад? Бигирадаш, дасту пойҳояшро бибандад, ба гарданаш завлона занад.

– Ҳамаи намозхонҳо омаданд? Ҳеҷ кас намонд? – овози Ҳоҷимаҳмуд боз баланд шуд: – Эшони домулло Мирзо пеш биоед, – фармуд ба хешаш ва ба ҳозирон муроҷиат кард: – Медонед имомхатибатон кӣ?

Чанд лаҳза суоли Ҳоҷимаҳмуд бечавоб монд. Қариб ҳама аз ҷавоб гуфтан ба ин суол меҳаросиданд. Бегоҳ Носирхитой эшони Тошбойро имомхатиб эълон карда буд. Ҳоло бошад Ҳоҷимаҳмуд эшони домулло Мирзоро наздаш даъват дорад, ҳатто дари масҷидро руст кардааст. Ҳоло ягон воқеа рух медиҳад. Носирхитой танҳо нест, гирду атроф, саҳни масҷид пури одамони ӯ. Агар як ишора намояд, як Ҳоҷимаҳмуд чи ки, ҳамаи намозхонҳоро дар як дам саришта мекунанд. Деҳаро оташ мезананд, хунхоранд. Нангу номус, шараф мегӯяд Ҳоҷимаҳмуд. Худи ӯ, дар ҳақиқат, бо нангу номус аст. Лекин оқибати ҳамаи ин сар нафаровардanҳои ӯ нохушӣ меорад. Ягон гап мешавад. Таркиши азиме дар пеш. Худо нигоҳ дорад. Дар ҳоле ки мардум аз ҳарос сар боло карда наметавонистанд ва Носирхитой дуртар аз онҳо ҳодисаҳои пеши назараш ба амал меомадаро муоина дошт, Ҳоҷимаҳмуд боз ба гап даромад. – Фаромӯш кардетон, ки имомхатиби масҷидамон кӣ буданд? – бо овози баландтар боз давом намуд: – эшони домулло Мирзо! – Ҳоҷимаҳмуд аз ҷайбаш коғазеро бурун овард, – ана ин фармони мир, фармони мири музаффар Иброҳимбек, мӯҳру васиқа қати ба номи эшони домулло Мирзо. Худи мир фармон доданд, ки эшони домулло Мирзо имомхатиб бошанд, ба номашон нома ирсол карданд, тӯҳфа фиристоданд ва бастаеро, ки наздаш гузошта буд, кушод, ҷомаи кори[1] бирешимии зебое, ҷомаро ба китфи он кас партофт ва баъд боз ба ҳозирон рӯ оварда: – ҷомаро худи Иброҳимбек ба номи эшони домулло Мирзо фиристоданд. Салом гуфтанд, акнун эшони домулло Мирзо имоми якумрӣ мешаванд. Муборак бошад, эшони домулло Мирзо. Ҳеҷ кас дигар ҳад надорад фармоиши мири фотеҳ, соҳибназар Иброҳимбекро рад кунад. Ё мегӯед бошад ҳамин хел одам? Не, ба хаёлам ҳеҷ кас аз ҷонаш сер нашудааст, мамлакат соҳиб дорад, – Ҳоҷимаҳмуд суханҳои охирашро гӯшона ба Носирхитой мегуфт. Ва баъд Ҳоҷимаҳмуд марди қоматбаланди дар паҳлӯяш бударо, ки дар бар яктаҳи сабзи дарозе дошт, ҳамроҳи Ҳоҷимаҳмуд омада буд ва аз миёни ҳозирон кӣ будани вайро танҳо Носирхитой медонист

[1] кор – матое, ки дар замони пеш мебофтанд.

ва барои ҳамин ҳам аз ноилоҷӣ лаб зери дандон хомӯширо ихтиёр карда буд, ба ҳозирон нишон дода давом намуд: – Ана ин кас, ин меҳмони азизу иззатманди мо фиристода, намояндаи худи ҳазрати мир ҳастанд. Ҷойнишин, вазири дасти росташон. Ҳазрати мир ҷойнишини худашонро ба ҳурмати эшони домулло Мирзо фиристоданд, барои он фиристодаанд, ки мардум ҳадди худашонро донанд, – бо таъкид Ҳоҷимаҳмуд ин суханҳои таҳдорро ба забон меовард, ки Носирхитойю эшони Тошбой бишнаванд. Баъд ӯ фармони Иброҳимбекро боз ба мардум нишон дода, ба абрӯвонаш молида бӯсид ва ба эшони домулло Мирзо супурд: – гиред, эшони домулло, шукр гӯед, ки адлу адолат, инсоф ҳаст, шукр, ки ҳазрати мири музаффар Иброҳимбек ҳастанд ва боз ба мардум рӯй овард: –ҳамин хел қавмо, шунавед, дониста бошед, ки Нилкон соҳиб дорад, ҳоло Ҳоҷимаҳмуд зинда, намурдааст. То зинда аст, барои нангу номуси қишлоқ, барои мардум, талош мекунад... – Ҳоҷимаҳмуд ҳар ду табақаи дари кандакории масҷидро боз намуд. – Эшони домулло Мирзо, марҳамат, пеш гузаред, боз як бори дигар фармони мири музаффар Иброҳимбекро бароятон муборак мегӯем, –гуфта боз ба мардум муроҷиат кард: – Ҳамин тавр не, қавмо?!

– Ҳамин тавр, Ҳоҷӣ.

– Муборак шавад!

– Муборак, – гуфта ҳозирон ҷуръат пайдо карда ин суханҳоро ба забон меоварданд ва бо сарбаландӣ вориди масҷид мегаштанд.

Ҳама ба масҷид даромаданд ба ҷуз эшони Тошбой, Носирхитой ва йигитҳои силоҳбадасташ. Ба Носирхитой маълум гашт, ки Ҳоҷимаҳмуд шаб назди Иброҳимбек рафта будааст. Ӯ бори дигар Носирхитойро дар ҳоли ногувор, дар хиҷолат мононда. Вай бо йигитҳояш аз масҷид берун шуд, бо эшони Тошбой хайрухуш ҳам нагуфта аз Нилкон рафт. Дилаш пуркин, пурандӯҳ, пурғазаб. Аз Нилкон мерафту боз қасам ёд мекард, қасами Ҳоҷимаҳмудро мехӯрд, ки ӯро ба қатл мерасонад. Худаш ӯро мекушад, худаш, агар накушад Қуръони Карим ӯро куру куҳрӣ кунад, безану фарзанд монад, хонааш ба вай ҳаром шавад.

* * *

Табиат новобаста бо шоду ношод будани одамон тағйир меёбад, фасли хазон мерасаду зимистон меояд, баҳор мешавад, гулҳо мешукуфанд. Ҳамон сол 1925-ум ҳам баҳор омада дашту даман, боғу майдонҳо гулпӯш гашта. Олам зебу оро ёфта, лек одамон шод набуданд. Низою ҷанҷоли байни босмачиёну аскарони Ҳукумати Шӯро хурӯҷ карда. Одамон ба якдигар носоз, душман. Меваи ҷангҳо ҳамин гуна: якдигарбадбинӣ, ҳамдигаркушӣ. Рӯи роҳу хоку қум, сабзазорон, оби ҷӯйҳо бо хуни инсон олуда. Одамон аз ғам гӯё зебоии дунё, ҳусни баҳор, сабзазорону гулу гиёҳҳои талу теппаҳоро намедиданд. Гулҳои сияҳгӯш, наврӯзӣ, бойчечак, лола шукуфта, одамон гул намечиданд. Гулҳо зери по, хазон, олам хазонзада. Зебоӣ, гулу сабзазоронро ҳам одамон дар хушу хурсанд будан мебинанд... Ба чи вақҳ шод бошӣ, ки аз ҳар деҳа ҷавонон, навхонадорон, дилдодагон ба баҳор нарасида. Модарон, хоҳарон, бародарон, волидайн хунҷигар... Баҳор омадаю айём ноором, ин баҳор ба хонадони Ҳоҷимаҳмуд ҳам ғаму алам, мотам оварда.

Носирхитой баҳри қатли Ҳоҷимаҳмуд, аз ӯ ниқор ситонидан пайт меҷуст. Мисли гурги гурусна паи куштанаш хунҷигар гашта ӯ. Ҳоҷимаҳмуд, албатта, мисли Носирхитой дастаи камонбадастон надошт, ӯ як марди танҳо, як худаш. Вале тавоно, боирода, далер, нотарс буд. Шахси маълуму машҳур. Қариб ҳамаи сарварони дастаҳои босмачиён ӯро мешиносанд. Раҳмондодхоҳи тоҷик яке аз дӯстони наздикаш. Ҳатто русҳо ҳам ҳангоми ба деҳаҳои ҷамоаи Роҳатӣ ворид гаштан аз ӯ, ки забони русиро медонист, мадад мехостанд. Ҳоҷимаҳмуд бо намояддагони давлати Шӯроҳо – бо русҳо ҳамгап. Аз ҳама муҳимаш Ҳоҷимаҳмудро худи Иброҳимбек мешинохт. Ҳамон шабе, ки ба хотири эшони домулло Мирзо ба сароғи Иброҳимбек рафта буд, аз ҷанҷоли байни Ҳоҷимаҳмуд ва Носирхитой огоҳӣ ёфт. Носирхитой бо Иброҳимбек хеш ҳам бошад, ба ҳар ҳол эҳтироми Ҳоҷимаҳмуд дар назди вай зиёд. Дар масъалаи Ҳоҷимаҳмуд бо Носирхитой сӯҳбат намуд, фаҳмид, ки Носирхитой ба Ҳоҷимаҳмуд кинавар шуда. Феълу атвор ва марди бефарҳангу ҷоҳил ва беандеша будани Носирхитойро медонист, ӯ кӯтоҳандеш. Ба гуфте, ки феъли саг ба соҳибаш маълум. Барои ҳамин ҳам таъкид кард, ки ба Ҳоҷимаҳмуд кордор нашавад, дар акси ҳол агар ба вай осебе ояд, ба пояш хоре халад, худи Иброҳимбек ӯро саришта мекардааст, мекуштааст. Обрӯ ва эҳтироми эшони домулло Мирзо-ку дар назди Иброҳимбек аз ҳама баланд. Иброҳимбек ба Носирхитой ҳамаи инро гаштаю баргашта мефаҳмонд. Ӯ дар масъалаи ин ду душманаш гӯё ба ҷеле дармонда буд. Чи карданашро намедонист, эшони Тошбой бошад ҳар гоҳ вақту бевақт меҳмони Носирхитой шуда хабар мебурд, халтаи хабар шуда эшони Тошбой, ба хабарҳои нохушаш табъи вайро ҳамеша нохуш ва хотирашро ноосуда мекард. Ғазабаш меомад, ваъдаашро дар назди эшони Тошбой ба ҷо оварда наметавонист. Агар ба ҷои ин ду душмани ҷонаш Ҳоҷимаҳмуду эшони домулло Мирзо касони дигар мебуданд, Носир-хитой кайҳо онҳоро саришта мекард, натанҳо худашон, балки аҳлу авлодашон нест мешуданд, устухонҳояшон ким-кайҳо дар таги хок мепӯсид, рӯи қабрашон як вақаб сабза медамид.

Аммо бо як Ҳоҷимаҳмуд, ки вай аллакай ба дили Носирхитой даҳҳо ханҷар задааст, шармандаю шармсораш гардондааст, ҳеҷ кор карда наметавонад.

Дар ин миён боз як ноосудагие дар ҳаёту зиндагии Носирхитой ва ҷумлаи босмачиёни Иброҳимбек ба амал омад. Дастаҳои Аскарони Сурх дар ҳама ҷо онҳоро таъқиб мекарданд, ҷои осудан, бехавфу хатар барояшон наметавонад. Йигитҳои онҳо, қумандонҳои обрӯмандашон кушта мегаштанд. Дар деҳаҳо, дар зодгоҳи худашон душманҳояшон беш гашта. Ҳатто духтари холаи худаш Бахмалой рӯ бароварда фаресарро аз сар партофта, ба Иброҳимбек душман шудаасту бачаашро бо Аскарони Сурх ҳамроҳ кардааст. Ҷои хоб, ҷои пинҳон гаштаи онҳоро хабар медоданд, ба дараҷае, ки дар ватанашон барои босмачиёни Иброҳимбек, барои Носирхитой ҷои зист намонда. Маҷбур гашта буданд, ки пас аз амир Олимхон онҳо низ ба хоки Афғонистон гузаранд. Носирхитой низ бо йигитҳояш ҳамроҳи Иброҳимбек аз дарё гузаштанд, дар Афғонистон панаҳ бурданд. Дарёи пуртуғёни Панҷро дар айни баҳор, дар рӯзҳое, ки борон меборид, сел меомад, ҷон ба каф гирифта гузаштанд. Ба мулки бегона рӯ ниҳодан аз ҳама беш баҳри Носирхитой аламовар буд. Дар

он сӯи дарё ватан, зану фарзандон. Дилу ҷигараш монда. Аламовар буда барои Носирхитой, ки ба душманаш Ҳоҷимаҳмуд ҳеҷ коре карда натавонист, дар масҷид, дар назди мардуми деҳаи Нилкон, дар ҳозирии эшони Тошбой рӯ ба қибла қасам ёд карда буд. Ҳоҷӣ аз ӯ дур, дар ватан монд. Шояд рӯзе худи Носирхитой кушта мешаваду душманаш зинда мемонад. Агар ҳамин тавр шавад, вай номурод. Не, вай ба муродаш мерасад. Аз як ҷиҳат, баҳри кушта гаштани Ҳоҷимаҳмуд ва ҳатто эшони домулло Мирзо акнун имкони муносиб омада. Иброҳимбек аз ватан дур, дар мулки Афғонистон. Агар Носирхитой роҳ ёбаду боз як бори дигар ба ватан баргардад, даҳҳо ва ҳатто садҳо касро ҳам ки сар бизанад, ба вай касе чизе гуфта наметавонад. Ҳоҷимаҳмуд ё авлодони вай Иброҳимбекро аз куҷо пайдо карда ба вай арз мекунанд? Худо хоҳад, Носирхитой бо йигитҳояш, албатта, боз аз дарё мегузарад. Дина худи мир Иброҳимбек дар ин масъала ҳарф ба миён овард. Номи одамони бисёреро зикр намуд. Онҳоро ном ба ном нависонд. Онҳо душман, хоин, хабаркаш, ҷосус... Онҳоро куштан лозим буда. Ба ҳазрати мир мефаҳмонад, ки ин вазифаро ӯ бо йигитҳояш ба ҷо меорад. Ана бо ҳамин баҳона боз ба Нилкон меравад, Ҳоҷимаҳмудро меёбад, агар сад ҷон дошта бошад ҳам, як ҷонаш намераҳад. Хунашро мелесад, мехӯрад, баъд дилаш таскин меёбад, ба орзуяш мерасад.

Аз ҷониби Иброҳимбек барои ба ватан баргаштани Носирхитой ва гуруҳи зиёди йигитҳояш фармоиш ба миён омад. Ба ӯ инчунин худи Иброҳимбек чанд варақ коғаз дод. Коғазҳое, ки оддӣ набуданд. Тақдири инсонҳо, ҳукми қатли онҳо дар онҳо бо хату мӯҳр тасдиқ ёфта, ба ҳукми қонун даромада. Ба назари Носирхитой он коғазҳо аз тамоми молу амволи дунё пурқимматтар менамуд. Бо чи ваҳшонияте қатли маҳкумшударо ба ҷо меорад, ихтиёраш. Молу амволашонро ҳам тороҷ карда ба аспҳояшон бор мекунанд. Шояд ӯ аз болои аспаш нафаромада ба йигитҳояш фармон медиҳад. Онҳо қодиранд, тавоноанд, ҳарчи ки Носирхитой бихоҳад, ба ҷо меоранд. Молу амволи ба ғанимат омада ба ҳавлии Носирхитой бурда мешаванд. Албатта номи Ҳоҷимаҳмуд ё эшони домулло Мирзо дар рӯйхате, ки Носирхитой дар даст дорад, навишта нашудааст. Лекин вай аз ҳама аввал ҳамин Ҳоҷимаҳмудро мекушад, бале, аз ҳама аввал. Ва баъд бо дили шоду руҳбаландии зиёд аз паи адои супориши Иброҳимбек меафтад. Молу амволи Ҳоҷимаҳмуд беҳисоб, худи Носирхитой дидааст. Хонаҳои дарун ба даруни қолинпечи ӯ хуб зебу оро ёфта... Ҳамаи онҳоро худаш ба аспҳо бор мекунад, Худо хоҳад, то мехҳои танаи деворҳои хонаҳои ӯро чида мегирад. Ба ҳамин хел хаёлу орзуҳо Носирхитой чанд шабу чанд рӯз буд, ки аз сарҳади давлати Афғонистон гузашта рӯ ба деҳаи Нилкон асп меронд. Боз мегӯем, ки албатта худаш танҳо не, ҳамроҳи йигитҳояш. Дар ҳамин чанд шабу чанд рӯзе ки Носирхитой бо аҳли рикобаш дар роҳ буд, борон меборид. Ҳаво асло соф нашуд, офтоб намебаромад. Гӯё осмон аз мақсади нопоки Носирхитой огоҳ гашта мегирист, ҳар қадаре ба Нилкон наздиктар мешуд, борон шиддат мегирифт, аз осмон гӯё бо сатилҳо ба замин об мепошиданд. Аспҳо, сараҳо ҳама хастаю монда ва шалпар шуда буданд. Вале Носирхитой дар роҳ, имкони дам гирифтан надошт, намехост, ки фурсат аз даст равад. Вай зудтар ба Нилкон расиданӣ буд. Дар ҳоле Худо хоҳад, ӯ акнун бо Ҳоҷимаҳмуд рӯ ба рӯ

меояд, ки аз дасти вай дигар ҳеҷ чи намеояд. Дар ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд, дар деҳаи вай қиёмат меандозад. Дасту пои Ҳоҷимаҳмудро мебанданд, пешандоз мекунанд, Носирхитой савора, душманаш дар ҳоли забун пиёда, пеши пои вай афтода... Ана ҳамин ҳолро дидан мехоҳад. Бо ҳамин орзуҳо ба сағрии аспаш Носирхитой қамчин меандохту асп медавонд.

Ниҳоят Носирхитой ба деҳаи Нилкон даромад ҳамроҳи сараҳояш. Роҳу роҳрав, боғу майдонҳои деҳа ваҷаб ба ваҷаб барояш ошно. Ин ҷо дӯстонаш мезиҳанд, эшони Тошбойи пираш... Онҳо бо ҳам вомехӯранд.

– Омадам, пирам, ана омадам, – мегӯяд ба ӯ Носирхитой ва боз меафзояд: – пирам, худатон мегӯед-ку ҳар кор вақту соат дорад, то Худо розӣ нашавад, намешавад. Ана имрӯз, мо кори мехостаамонро мекунем, – Носирхитой хаёлан гӯё бо эшони Тошбой гап мезад. Вай аз назди бинои масҷид гузашт. Ба ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд наздик меомад. Ана ҳамон дару дарвозаи дутабақаи ҳавлии ӯ. Манзиле, ки борҳо ӯ ин ҷо омада, як табақаи дарвоза кушода. Ба он даробаро доштанд, хидматгорҳо, занҳо, одамоне, ки Носирхитой онҳоро намешиносад. Хонаи Ҳоҷимаҳмуд ҳамеша ҳамин хел ҷои даробаро, сермеҳмон, одами дастархондор. Дар деҳа ӯ барин марди сермеҳмону обрӯманд нест. Лаҳзае лаҷоми аспашро кашид. Ҳамроҳи йигитҳояш ба ҳавлии ӯ даромада, ба сари Ҳоҷимаҳ-муд ҳуҷум оварданӣ шуд. Сараҳояш зиёд, ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд лаболаби савора мешавад, мисле ҷои бузкашӣ, дар китфи ҳама боз камон. Дар миёни ҳар кадом шамшер. Ба Худо, ҳамаи аҳли хонавода талхакаф мешаванд, худи Ҳоҷимаҳмуд ба ҳарос меафтад. Ҳамин тавр мекунанд, ҳоло рӯз барвақт, то торик шудан чандин касро кушта нобуд сохтан мумкин, метавонанд, баъди аз ҳавлиаш бароварда куштани вай боз фурсат мемонад, ки баргашта ҳавлиашро талаю тороҷ кунанд. Баъд ба ҷониби Кӯктош, ба деҳааш роҳ мегирад ва баъд боз аз паи корҳояш меафтад, даст ба бағалаш, ба коғази ҳазрати мир бурд. Аллакай хело лаҳзаҳо буд, ки вай болои асп сукут дошт, фикр мекард, аспаш бетоқатона сумак мезад, гарданак зада лаҷомро мехоид. Сараҳо, роҳакиҳо, ҳама аз роҳ бозистода назар ба вай доштанд. Фармонашро ҳама интизор. Носирхитой риши дарози паҳну парешонашро, ки чанд вақт боз фурсати ба он қайчӣ задан надошт ва мисли ботинаш шаби тор барин сип-сиёҳ буд, қабза карда ғарқи фикру хаёлҳо буд. Хаёлаш ба Ҳоҷимаҳмуд, дар хаёле ки чӣ кунад, ба кор шурӯъ намояд ё андаке баъдтар?

– Чӣ кор мекунем? –мепурсиданд чанд нафар ҳамроҳони ӯ.

– Намедонам, – ҷавоб гардонд.

– Тар шудем, – шикоят кард дигаре.

– Ҳеҷ бало намезанад, намемурӣ. – Ба сухани ӯ эътибор надода ҳанӯз хаёлаш ба Ҳоҷимаҳмуд буд. Фикр мекард, ки Ҳоҷимаҳмуд, агар якбора ба ҳавлиаш даромадани сараҳои беҳисоб ва шахсан худи Носирхитойро бинад, ором намеши-над, сар намефарорад, ба тақдир тан намедиҳад, силоҳ дорад, мепарронад, то ба даст меғалтад, ки чандин касро нобуд месозад, ё шояд рост ба сари худи Носирхитой ҳамлавар мешавад, ҳамин тавр мекунад, то кушта гаштанаш чанд касро мекушад. Ҳамаашон ошкор мешаванд, фалокат аз таги по мехезад. Агар Иброҳмбек фаҳмад, ки Носирхитой ба ҷои ба ҷо овардани фармони вай ба хонаи Ҳоҷимаҳмуд даромадааст, йигитҳояш кушта гаштаанд, ба сараш бало меояд. Роҳ ҷустан, роҳи куштани Ҳоҷиро ёфтан ло-

зим. Вай ҳоло бояд аввал ба хонаи пираш эшони Тошбой равад, гап гирад, фаҳмад, ки дар деҳа чи гапу ҳарф, Ҳоҷимаҳмуд дар куҷо, шояд вай дар хонааш набошад, агар ҳамин тавр шавад, пеш аз пода ҷанг кардагӣ барин мешавад. Не, аввал пирашро мебинад. Худо хоҳад, баъд аз паи кор меафтад...

Носирхитой лаҷоми аспашро сар дод, ба биқини асп бо неши мӯзаҳояш маҳмез зад, савораҳо ҳама роҳакӣ шуданд. Аз паси дарвозаи Ҳоҷимаҳмуд гузаштанд, ба тангкӯчаи хонаи эшони Тошбой даромаданд. Аз тангкӯча базӯр як асп роҳ меёфт. Имрӯз ҳам ин тангкӯча ба ҳамин ҳол боқӣ мондааст, гардиши танг, мисли ҳамон рӯзҳое ки Носирхитой пеш-пеши савораҳо буд.

Носирхитой боз дар ҳамон ҳавлии барояш ошно, дар меҳмонхонаи эшони Тошбой. Эшони Тошбой Носирхитойро дида аз шодмонӣ намедонист ӯро дар куҷои меҳмонхонааш нишонад, мехост дӯсти ба дил наздикашро агар илоҷ ёбад, дар ҷои ҷонаш бигирад. Носирхитой дар меҳмонхонаи эшони Тошбой бо чанд нафар наздиконаш ҷойгир шуд.

Аз шаб хело мегузашт. Дар ин мобайн фиристодаҳои Носирхитой, ки онҳо ҳама аҳли деҳаи худи Ҳоҷимаҳмуд буданд, ба хонаи ӯ рафта омаданд, ба Носирхитой хабар оварданд, гуфтанд, ки Ҳоҷӣ дар ҳавлиаш, меҳмон доштааст. Меҳмононаш йигитҳои боз кадом як дастаи босмачиён. Онҳоро гусел карда дар боломанзараш нишаста будааст, мошина мегардондааст, либосҳои фармудаи дастаи босмачиёни Раҳмондодхоҳро медӯхтааст. Аз рӯи маслиҳати эшони Тошбой қотилони Ҳоҷимаҳмуд – Носирхитою чанд нафар ҳамроҳон – муқаррабонаш дар хонаи хоби завҷаи ӯ боломанзари чӯбкориаш, ки ба боми хонаҳои Ҳоҷимаҳмуд, нигас ба нигас часпида буд, камин гирифтанд. Қарор доданд, маслиҳат карданд, ки шаб ё қариби саҳар Ҳоҷимаҳмудро дар ғафлат мононда ба ҷои хобаш зада медароянд. Бо ҳамин мақсад Носирхитой ва ҳамроҳонаш тамоми шаб нахуфта аз боломанзари ҳамсояи Ҳоҷимаҳмуд берун нашуда, чун гурбаҳо ба сӯи хонаи Ҳоҷимаҳмуд гӯш медоданд. Қарор доданд, ки амали дастгир кардани Ҳоҷимаҳмудро айни субҳ, пеш аз азони намози бомдод, ба ҷо меоранд. Аз ин нақшаашон ҳамаи йигитҳои Носирхитой хабардор карда шуданд. Бо наздик омадани мавриди муайяншуда, йигитҳо аз қушхонаҳо баромаданд. Шаб торик буд. Ҳанӯз ба мисле ки аз осмон бо сатилҳо об мепошида бошанд, борон меборид. Шаб мисли дили сиёҳи «меҳмонон»-и нохондаи оншабаи деҳаи Нилкон тира ва ваҳмовартар гашта. Бо вуҷуди торик будани шаб босмачиёни Носирхитой дар кӯчаю паскӯчаҳои ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд пас–паси деворҳо, поида-поида роҳ мерафтанд. Мисли калтакеласҳои танаи девор худро ба кулуху коҳгилҳои деворҳо ҷафс намуда, ваҷаб ба ваҷаб ба пеш мехазиданд. Паси дару девор, чуқурию обкандае намонда буд, ки қотилон камин нагирифта бошанд. Ташвишу таҳлука ва ҷонканиҳои ин қадар одами беҳисоб аз баҳри дастгир намудани як мард, ҳама фармон гирифта. Худи ӯ аз торҳои танидаи душман бехабар, бепарво. Он шаб саҳар мешуду Ҳоҷимаҳмуд ҳам мижа таҳ накарда. Аз меҳмонхона берун нашуд. Ӯ дар чи хаёлу душманаш дар чи фикру андешаҳои зиште. Ҳоҷимаҳмуд ният дошт, то саҳар ҳамаи либосҳое, ки барояш фармуда буданд, дӯхта тайёр кунад. Шаби сиёҳ гӯё ба саҳар меомаду Ҳоҷимаҳмуд паи либосдӯзӣ буд. Либосҳои пора кардаашро медӯхт, як дарзашро дӯхта шуда, боз дарзи дигареро зери сӯзан мемонд. Вай мошина мегардонду паси дару деворҳои

меҳмонхона қотилонаш тор метаниданд. Аз боломанзари ҳамсоя роҳ гирифта буданд онҳо ба кулбаи Ҳоҷимаҳмуд, рӯ-рӯи бом сина ба хок ниҳода ба пеш сӯи меҳмонхонаи Ҳоҷимаҳмуд мехазиданд. Болору дастакҳо, танаи деворҳоро дошта болои бом мебаромаданд. Ба гӯши Ҳоҷимаҳмуд танҳо садои гардиши мошинааш меомад, садои дигаре намешунид. Қотилонаш ваҷаб ба ваҷаб ба сари ӯ наздик мешуданд. Инак, пеши назарашон дари даромади меҳмонхона. Он ҳам муддаои дили қотилон боз. Ҳоҷимаҳмуд бо умеди аз ҳавои баҳор хуб баҳравар гаштан ҳар ду табақаи дари меҳмонхонаро ба пушт кушода монда... Ва Носирхитой пеш-пеш ва аз паси ӯ даҳ нафари дигар дар як мижа задан рӯ ба даруни хона давиданд. Ҳаёҳуй бардошта буданд ҳама. Бо забони тоҷикию ӯзбакӣ «гир, дор, ушла» мегуфтанд. Дар дасти қариб ҳар кадоме банд, чилбури пашмин. Дастони Ҳоҷимаҳмудро, ки ӯ ҳанӯз сарфаҳм намерафт, чи ҳодиса рух медиҳад ва фурсати ба атроф назар андохтан ҳам намеёфт, ба пушт тоб доданд.

– Хез, пеш даро! – фарёд задани Носирхитой Ҳоҷимаҳмудро ба худ овард. Ҳоҷимаҳмуд, ки дар ғафлат монда буд, барояш дигар илоҷе намонда. Марг ба сари ӯ омада. Номардона амал намуда Носирхитой. Марди номард, аз сояи Ҳоҷимаҳмуд тарсида мегаштагӣ одам.

– Ҳоҷимаҳмуд, – рӯ ба рӯи ӯ меистод Носирхитой. Дастҳои кӯтоҳ-кӯтоҳаш паси пушт мағрурона давом менамуд: – Гуфта будам, ки мебиёям, вомехӯрем, – боз таъкид намуд: – Ана дидӣ, ҷӯра, омадам. Ба берун кашед, занед! – Ба йигитҳояш фармон дод. – Чӣ хомӯшед? Нашунидед чӣ гуфтам, занед!!

Ҳоҷимаҳмудро ба пеш тела доданд, одамони бисёр, миёни онҳо монда буд Ҳоҷимаҳмуд. Ба сараш бо мушт мезаданд, бо лағат мезаданд ӯро. Носирхитой дигар куҷо будани душманашро муайян карда наметавонист. Ӯ ҳанӯз фурсати аз меҳмонхона берун шудан наёфта буд, ки овози доду фарёд, дашномдиҳии йигитҳояш аз рӯи ҳавлӣ ба гӯшаш меомад. Ҳоҷимаҳмудро аз боломанзар ба поён фароварда буданд. Қиёмате дар он субҳгоҳӣ дар рӯи ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд. Хидматгорҳо, занҳо, фарзандон, хешовандон, модари бузургвори ӯ Моҳи Мулло ҳама гирёну нолон.

– Чӣ мекунед, хонасӯхтаҳо, бачама? Ҳоҷимаҳмуд, балам, Ҳоҷӣ, – модар тарафи фарзандаш медавид.

Ҳоҷимаҳмудро аз дарвозааш ба берун баровардаанд. Йигитҳои пиёдаи Носирхитой пой ба узангӯи аспҳояшон монданд. Дастони Ҳоҷимаҳмудро бо чилбурҳои пашмӣ ба пеш бастанд. Аз ду тараф савораҳо нӯки чилбурҳоро ба қоши зин баста «чӯ, ҷонвар, ҳа, чӯ», гӯён онҳоро рӯ ба роҳ гардонданд. Бо баланд гаштани овози азон аллакай дар он пагоҳирӯзии бармаҳал кӯча ва гирду атрофи масҷид пури одам шуда буд. Ҳама ҳодисаи гӯшношуниду рӯзи сиёҳи ба сари Ҳоҷимаҳмуд овардаи Носирхитойи ваҳширо пеши назар медиданд, медиданд, ки худи ӯ савори ҳамон аспи номии сафедаш. Гоҳ пеш-пеши савораҳояш асп медавонд, гоҳе лаҷоми аспашро кашида рӯ ба Ҳоҷимаҳмуд меовард, гӯё ӯро Худо дода буд, сазо медод Ҳоҷимаҳмудро. Одамон гирёну нолон аз пасаш меомаданд, ҳисобашон лаҳза ба лаҳза зиёд мегашт. Дашном медод баъзеи онҳоро Носирхитой, мезад, қамчин мебардошт ба сарашон, онҳоро парешон менамуд, болои сарашон аз камон тир холӣ мекард, мардум-

ро метарсонд. Аз чашмони ҳозирон ҳисси норизоӣ, кину ғазаб ҳувайдо буда, мардум ба шӯр, ба қиём меомадагӣ барин. Шояд баҳри Ҳоҷимаҳмуд харҳаша ба миён меомад. Носирхитойро онҳо гӯё намешинохтанд, салом намедоданд, дар даст таёқу дангал, шоха доштанд. Носирхитой ба сарашон давид, пеши роҳро бо чанд нафар банд намуд, мардумро аз роҳ гардонд, қасам ёд кард, ки агар боз по пеш монанд, якояк тирборон мешаванд. Пеши камондорон, пеши савораҳои хунмасти чашмонашон аз косахонаи сар бурун шуда одамони пойбараҳна, камбағалони бебизоат, бесилоҳ чӣ ҳам гуфта метавонистанд, ноумед, як-як ақиб мегаштанд, мерафтанд.

Аз масҷид андаке дур рафта, аз назди мазори Шоҳтут гузаштанд. Шоҳтутҳои болои мазорро дар ким – кадом замоне шинондаанд, чаро ин ҷои муқаддасро мазори Шоҳтут мегӯянд, имрӯз ҳам баҳри мо номаълум. Кӣ медонад дар кадом асре чи шахси бузург, авлиё, хидматкарда, соҳибназаре ин ҷо хок шудааст. Шояд аз туфайли дарахтони шоҳтут, ки баъзешон хушк ҳам шуданд, ин ҷои муқаддасро мазори Шоҳтут номидаанд. Дар айёми хурдсолиамон мо болои онҳо мебаромадем. Шоҳтутҳои сип-сиёҳ, ширин, асалин. Ҳоло атрофи мазорро девор бардоштаанд, он ба ҳавлие ҳамроҳ шуда. Вале ҳанӯз, ҳам ин ҷои муқаддасро мазори Шоҳтут мегӯянд, аз назди мазор чун гузори касе афтад, албатта аз роҳ бозмеистад, ба руҳи бузургвор фотиҳа мехонад.

Ва он рӯзи баҳор, ки абрҳои сиёҳ болои осмони деҳаро пӯшида, борон меборид, аҳли деҳа, аксар марду зан аз паси Ҳоҷимаҳмуд то ана ҳамин ҷо, то мазори Шоҳтут омаданду баъд аз ҳарос ҳама ақиб гаштанд. Аммо танҳо як нафар, марди қоматбаланде, ки дар сар салла, дар тан чакмани пашмини сафеди дароз доштанд, паҳлу ба паҳлуи Ҳоҷимаҳмуд қадам мемонданд. Ҳоҷимаҳмуд сар ба қатори аспҳо медавид, монда шуда, гӯё забон аз ҳалқаш берун гашта. Ба сараш борон мерехт, сар то қадам, либосҳояш шип-шилтаи об, ҳанӯз ба худ, ки буд роҳ мерафт, пешпо хӯрда афтод. Салла аз сараш ғалтид, Носирхитой аз болои асп хам шуда салларо бардошт, чашмаш дар ҷомаи зебои ӯ дармонд. Ҷомаро ҳам аз танаш кашид, саллаю ҷомаро ба дил ширин карда буд, ки ба почаи хӯрҷинаш ҷой намуд. Ҳоҷӣ аз ҳол мерафт. Об нӯшидан мехост, дилу ҷигараш бирён. Аммо ку об, обе, ки хуб бинӯшаду бинӯшад, ташнагиаш бишканад. Марди қоматбаланди ҳамроҳаш буда ҳам бо ӯ дар азоб, бо афтодани ӯ гӯё эшон ҳам меафтоданд, пешпо мехӯрданд, қамчинҳои савораҳо, ки гоҳи пешпо хӯрда афтодани Ҳоҷимаҳмуд ба сараш мефаромад, ба сари он кас низ меомад, «ӯҳ, оҳ» мегуфтанд бо ҳар зарбаи қамчине, ки ба сари Ҳоҷимаҳмуд меомад... Аз назди мазори Ҳазрати Хӯҷарӯшноӣ, ки дар даромадгоҳи қабристони болои деҳа ҷойгир шудааст, гузаштанд. Барои он асрҳо боз манзили ашхоси бузургворро мардум мазори Ҳазрати Хӯҷарӯшноӣ мегуфтаанд, ки шабҳои ҷумъа болои хокдони эшон нӯкча сӯхта рӯшноӣ медодааст. Ва баъд Ҳоҷимаҳмудро ҳам ҳамон рӯзҳо ҳамин ҷо дар дохили мазори Ҳазрати Хӯҷарӯшноӣ ба хок супурдаанд.

Саворон, Носирхитойи бераҳму ҷоҳил Ҳоҷимаҳмудро, ки аз пой афтода буд, рӯ-рӯи замин кашола карда аз назди мазори Ҳазрати Хӯҷарӯшноӣ ва баъд аз подаҷо, ки он вақт подаи аҳли деҳа ҳамин ҷо дар болои деҳа ҷамъ мешуд ва бегоҳиҳо мардум гову молҳояшонро аз ҳамин ҷо аз сари пода гар-

донда хонаҳояшон мебурданд, гузаронда, аз деҳа берун шуданд. Марди қоматбаланд, ки дар сар саллаи сафед доштанд, ҳанӯз бо Ҳоҷимаҳмуд ҳамроҳ. Ба ҷуз эшон дигар касе аз мардуми деҳа ҳамроҳи Ҳоҷимаҳмуд намонда. Носирхитой гоҳе лаҷоми аспашро назди он кас кашида тамасхуромез бо мард ҳамгап мешуд.

–Дар умрам нав одамеро мебинам, ки худаш сӯи маргаш, барои кушта гаштанаш медавад, ҷабр ба ҷони худаш мекунад, – ва бо ҳайрат аз мард боз суол мекард: – Ё дурӯғ мегӯям?

– Рост мегӯед, бандаро ҳам кушед. Ҳамроҳи Ҳоҷимаҳмуд. Якҷоя бо вай мемирам, шумоҳо бераҳм, беинсоф, номусулмон, – овози эшон баланд мегашт.

– Эшони домулло Мирзо, ба худ биоед, токатамонро тоқ кардед. Аз ҳад нагузаронед, медонам, ҳамаи инҳо, – ба саворонаш ишора кард Носирхитой, – шуморо ҳурмат мекунанд, «пирам» мегӯянд. Лекин ана фармони мир-Иброҳимбеки Музаффар, бовар накунед, нишон медиҳам, – гуфта Носирхитой коғазеро аз ҷайбаш бароварда ва афзуд: – Номи шумо ҳам ин ҷо ҳаст, ҳукми қатли шумо ҳам ҳаст. Агар аз роҳатон нагардед, Худо занад, шуморо ҳам мекушам, – қасам ёд намуд ва боз аз сари ҷаҳлаш гашта биафзуд: – Беҳтараш аз роҳатон гардед, равед. – Носирхитой камонро аз китфаш гирифт, ҳамаи саворахо аспҳояшонро нигоҳ доштанд. Ҳоҷимаҳмуд ҳам ба по шуда буд, рост меистод. – Эшони домулло, ба шумо гап дорам, – гуфт ва эшони домулло Мирзо наздики ӯ шуданд. – Ҳар гуноҳе карда бошам, маро бахшед, салом гӯед ба ҳама, ба модарам, – оҳиста ба гӯши писарҳолааш боз пичиррос зад. – Аз таги ахтахона бохабар шаветон, ризқи фарзандонам, аҳли аёлам, васиятам ҳамин, равед, аз марги шумо чӣ суд? Аз якҷоя мурданамон нафъе намешавад, равед, равед... – суханони охири Ҳоҷимаҳмуд дар гӯши эшони домулло Мирзо садо медоданд, фармоишашро бояд ба ҷо меоварданд. Ноилоҷ буданд. Носирхитой ба гапу ҳарфи эшони домулло Мирзо ва Ҳоҷимаҳмуд гӯш медод, таъкиди Ҳоҷимаҳмуд дар гӯшаш монда, ки мегуфт: «аз таги ахтахона бохабар шавед».

Эшони домулло Мирзо бо дидаи ашкбор, дилу ҷигари бирён ақиб, рӯ ба ҷониби деҳа оварданд. Саворахо Ҳоҷимаҳ-мудро аз сари кутал рӯ ба нишеб мебурданд. Ҳаво тираю тор, рӯзи равшан гӯё шаб шуда, борон меборид, гӯё ба ҳоли Ҳоҷимаҳмуд табиат мегирист, замину замон торикистон мегашт, садои тундар, чироғак, олам, осмон дар ларза, рӯзи марги Ҳоҷимаҳмуд буда он рӯз, рӯзи тираю тори баҳори соли 1925.

Эшони домулло Мирзо аз кӯчаҳои деҳа гузашта ба хонаи Ҳоҷимаҳмуд мешитофтанд. Назди масҷид расида дудила шуданд. Ба масҷид даромаданд ё ба кулбаи худашон баргарданд. Ба хонаи Ҳоҷимаҳмуд даромадан барояшон душвор менамуд. Он ҷо ҳама нолон, ҳама дар ғами ҷони Ҳоҷимаҳмуд. Ба аҳли хонавода, ба модари Ҳоҷимаҳмуд – Моҳи Мулло чӣ ҷавоб мегӯянд?

Бо сари хам, бо дидагони ашкбор беихтиёр ба ҷониби хонаи Ҳоҷимаҳмуд қадам монданд. Аз дарвоза дохили ҳавлӣ шуданд, ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд мотамкада. Хонаҳо, пешайвонҳо пур-пури одам. Гӯё кулли занҳои деҳа ба ин ҷо баҳри аҳволпурсӣ омада буданд, хидматгорон дар рӯи ҳавлӣ зери борон қадам мезаданд.

– Бачам канӣ, эшони домулло? Ҳоҷимаҳмудама, бачама куҷо бурданд? Ҳамроҳ будед, канӣ Ҳоҷӣ? – Моҳи Мулло рӯймоли калони сиёҳ ба сар партофта гӯё аллакай дар ғами ҷигарбандашон менолиданд, «баламой» мегуфтанд ва гашта баргашта аз эшони домулло Мирзо мепурсиданд, «бачама куҷо бурданд, эшони домулло, ҳамроҳ будетон-ку, гап занед».

Аммо эшони домулло Мирзо назди модар хомӯш буданд, сухане намеёфтанд, ки ба он кас бигӯянд, таскину тасаллиашон бидиҳанд. Васияту ҳасрати Ҳоҷимаҳмуд дар хаёл сӯи ахтахона назар андохтанд. Аз афташ он ҷо тиллою тангаҳои Ҳоҷимаҳмуд, «аз таги ахтахона бохабар шавед» гуфтани ӯ ба ҳамин маънӣ будагист. Ҳавлӣ пури одам, назди одамони беҳисоб, дар рӯзи равшан белу каланд гирифта замин кананд, мардум мебинанд. Шаб мекананд, шаби торик, касе набинад, ҳа, ҳамин тавр мекунанд, ҳоло ғами ҷони Ҳоҷимаҳмудро бояд хӯранд, «Ҳоҷимаҳмуд» гӯянд.

Ҳанӯз мардум, аҳли деҳа аз ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд берун нашуда, ҳанӯз эшони домулло Мирзо ба модари Ҳоҷимаҳмуд чи гуфтану чи сухан ба забон оварданашонро намедонистанд, пеши назарашон фоҷиа, фоҷиаи ба сари писарҳолаашон омада дар ҷилва буд, ки боз садои суми аспҳо, садои ҳаёҳӯи савораҳо ба гӯш меомад.

– Омаданд! – Касе аз дарвоза даромада хабар расонд.

– Омаданд?!

– Эшони домулло, паноҳ шавед, ба ҳавлии ҳамсоя гузаред тез, зуд, – боз таъкид мешуниданд. Вале эшони домулло Мирзо аз ҷои исташон намеҷунбиданд, баъди аз сар рафтани Ҳоҷимаҳмуд барояшон ҳаёт, зиндагӣ дигар гӯё маънӣ надошт.

– Эшони домулло, панаҳ шавед, – модари Ҳоҷимаҳмуд талаб доштанд аз он кас.

– Панаҳ шавам? Боз чӣ кор кунам? – Эшони домулло Мирзо заҳрханда доштанд.

Ҳар ду табақаи дарвоза шараққосзанон боз гашт. Савораҳо мисли сел-сели пурдаҳшат аз дарвоза ба даруни ҳавлӣ шориданд, ҳама човандоз, бузакиҳо барин, ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд гӯё пайкаҷо. Ҳама ҳайёҳӯй доштанд. Пешпешашон боз ҳамон марди хунхор. Чашмони чун пилишки сӯзан танг-тангаш суп-сурх, пурхун, ҳозирон ба либосҳои вай назар дӯхта, ба тааҷҷуб афтода. Дар сари ӯ саллаи пешоварии хуб, моҳирона бастаи Ҳоҷимаҳмуд, дар танаш ҳамон ҷомаи шоҳии абри тахта-тахта сурху сафеди вай. Либосҳои Ҳоҷимаҳмудро дар тани Носирхитойи хунхор дида дили эшони домулло Мирзо ба замин зад. «Ҳайфи Ҳоҷимаҳмуд, сад ҳайф», пичиррос заданд беихтиёр. Маълум, хунмастон, аллакай хуни ин марди ҷасурро рехта, вайро дарандавор ба қатл расонида, ба мақсади нопокашон ноил гашта боз ба рӯи дӯкони ӯ, назди аҳли айёл, назди модари зораш баргашта буданд.

Носирхитой аз асп пиёда шуда, банди дастаи қамчинро ба банди дасташ андохта бо нӯки қамчин ба соқи мӯзааш топ-топ зада ҷониби модари Ҳоҷимаҳмуд, ки бо дидагони ашкбор аз қотили фарзандаш дида намеканд, қадам мемонд. Назари модар ба Носирхитой, ба саллаи сар, ба ҷомаи тани вай, ҷомае, ки модар худаш ба тани Ҳоҷимаҳмуд пора карда ва дӯхта буд. Чашмонаш сиёҳӣ заданд. Ба хаёлаш ки фарзандаш баргашта, ҳа, ана худи ху-

даш, дар сараш ҳамон саллааш ва дар тан ҳамон ҷомааш, фарзанди модар сиҳат саломат баргашта. Дигар аз ин рӯзи хуш ва шодиовартаре баҳри модар насиб мешавад? На, шукр, ана фарзандаш – Ҳоҷимаҳмудаш боз дар хона, ҷонибаш меояд, сиҳат аст. Хомӯшона бо сари хам қадам мемонд, модар фидои ӯ мешавад, фидои фарзанди номдор, фидои Ҳоҷимаҳмуд.

– Ҳоҷимаҳмуд, омадӣ? Тарсидам, талхакаф шудам, ман бе ту рӯз набинам, биё, бачам, Ҳоҷимаҳмуд, бачам, – модар беҳушона сар ба сандуқи синаи қотили фарзандаш ниҳод, ҷомаи тани ӯро бӯид, бӯи фарзанд, бӯи Ҳоҷимаҳмуд, ҷомаи ҷигарбандаш дар тани қотили вай.

– Ҳоҷимаҳмуд, ҷонакам Ҳоҷимаҳмуд! Талхакаф шудам, ба Худо, ҷон аз танам баромад, – модар сар аз оғӯши қотили фарзанд набардошта, беҳушона ба қаду басти ӯ мемурду мезист, – Ҳоҷимаҳмуд, гап зан, чаро хомӯшӣ?

Ниҳоят модар аз қотили фарзанд ҷавоб шунид. Ба сараш тозиёна паси тозиёна омад.

– Кампири беақл, гум шав, ман бачаи ту не, бачата куштам! – Фарёд зад. Модар афтод, беҳуш, беёд, сараш болои пойҳои қотили фарзанд. Баъд касе пеши роҳи Носирхитой дучор меомад, қамчин мехурд, аз миёни ҳавлӣ аз камон ба осмон паи ҳам тир холӣ мекард Носирхитой. Носирхитой бо йигитҳояш хонаи Ҳоҷимаҳмудро талаю тороҷ кард. Бору бун, чизу чора, кулли молу амволи вайро аз хонаҳои дарун ба берун бароварда ба аспҳо бор карданд. Ва Носирхитой «аз таги ахтахона бохабар шавед» гуфта ба домулло Мирзо таъин кардани вайро ба гӯш гирифта буд. Бо фармоишаш даҳҳо нафар белу каланд дар даст замини ахтахона, охурҳои аспҳоро канданд. Дороии васият кардаи Ҳоҷимаҳмуд пайдо гашт. Аз таги замин чанд кӯза ёфтанд, кӯзаҳои тангаю тилло. Тангаю тиллоҳои Ҳоҷимаҳмудро бурданд.

Носирхитой, сараҳои ҳамроҳи ӯ, дар он рӯзи ҳавои пурабр, ки ҳанӯз борон меборид, бо бору буни зиёд, бо тангаю тилло аз хонаи Ҳоҷимаҳмуд, аз деҳаи Нилкон бурун рафтанд.

Лек мегӯянд, ки баъд воқеае рух дода. Носирхитой ва аҳли рикобаш аз деҳаи Ҳазрати Мавлоно баромада рӯ ба дарё мерафтаанд, дар пеш дарёи Кофарниҳон, дарёро бояд мегузаштаанд. Аммо натавонистаанд. Ҳамаро дарде гирифта. Носир-хитой қомат рост карда натавонистааст, дардаш ҷонгудоз, дарди шикам, дард ба шикамаш чанг андохта. Пахш мекардааст шикамашро ба қоши зин. Вале миёнаш рост намешуда. Мефаҳмад, дарк менамояд, ки руҳи Ҳоҷимаҳмуд аз ӯ ранҷида, пушт ба пушти вай эшону эшонзода. Дард лаҳза бар лаҳза зиёд гашта бедавотар мешуд Носирхитой.

«Тавба кардам, Ҳоҷимаҳмуд, маро бубахш, Ҳоҷимаҳмуд», аз зӯри дарди ҷонгудоз доду фарёд мезадааст он хунхор. Бо умеди раҳо ёфтан аз дард ақиб мегардад. Лаҷоми аспро аз нав ба ҷониби деҳаи Нилкон мегардонад, меояд ба ҷое, ки Ҳоҷимаҳмудро ба қатл расонида буд. Сари мурдаи ӯ аз асп пиёда мешавад, фӯтааш дар гардан, замин мебӯсад, тавба мекунад. Лек ба ҳеҷ гуна чораю тадбир Носирхитой дигар аз дард ба худ намеояд. Ба хонааш расида наметавонад. Хешовандон пас аз чанд рӯз мурдаи ӯро пайдо кардаанд.

* * *

Рӯз бегоҳ шудаву чашми рӯз кушода нагашта борон аз боридан намонда,

шаб шуда. Модари Ҳоҷимаҳмуд мижа таҳ намекард. Аз болои ҷойнамоз намехест, намоз мехонд, ба даргоҳи Худованд барои рӯзи сахти ба сараш омада шукр мегуфт, тавба мекард, гоҳе аз хона берун шуда ба осмон назар меандохт. Ва ниҳоят абрҳои сияҳ аз осмон парешон гаштанд. Ҳаво соф шуд, ситораҳо дар осмони нилгун мавҷ мехӯрданд. Ва рӯз шуд, саҳар омад, офтоб рух намуд. Ҳаво софу беғубор. Ба гуфтае ҳавои бад нек мешаваду одами бад нек намешавад. Ҳама, хешовандон, аҳли деҳа маҳтали саҳар буданд, маҳтали софу беғубор гаштани осмон, маҳтали рух намудани офтоб. Ҳама ба ҷустуҷӯи Ҳоҷимаҳмуд баромаданд. Медонистанд, ки қотилон фурсати ӯро ба дуриҳои дур бурдан наёфтаанд. Эшони домулло Мирзо ҳамроҳаш то сари кутал омада. Аммо баъд ба кадом гӯшаи замин бурдандаш? Намедонистанд. Бисёриҳо бо эшони домулло Мирзо сари кутал, рӯ ба қибла, ба ҷонибе меистоданд, ки Ҳоҷимаҳмудро ҳамон сӯ мебурданд. Пеши назар дашту биёбон, талу теппа, дар дуртар дараи Ойтуғдӣ, баъд сангоби Лойоб. Аз афташ он рӯз охирҳои моҳи май буда. Модари Ҳоҷимаҳмуд Моҳи Мулло дар ҳаққи фарзанд сӯхта-сӯхта шеърҳо гуфтаанд. Як байт аз он рӯзҳо монда, онро аз забони писарholаам эшони Акрамхон, ки синнашон қариб ба навад расидааст, шунидам.

Ҳоҷиро бурданд сар-сари гули гандум,
Шаҳидуш кардан(д) дар заминҳои мардум.

Аз рӯи гуфтаҳо хардума сар кашида, алаф то ба миён расида, дар баъзе ҷойҳо қарибе одамро панаҳ мекарда. Ҷасади Ҳоҷимаҳмудро аз миёни ҳамин гуна алафзорон меҷустанд, ваҷаб ба ваҷаб пеш мерафтанд аз миёни алафҳо, қатор шуда то лаби сангоби Меҳтарӣ рафта меомаданд. Нишоне аз Ҳоҷимаҳмуд пайдо намешуд, ӯро қотилон дар ин ҷойҳо накушта гӯё ҳамроҳ бо худашон бурда буданд. Не, ин андешаҳо ғалат. Саллаю ҷомаашро дар тани Носирхитой дида буданд-ку.

Рӯзи баҳор бегоҳ шуда аз масҷид овози азони намози аср баланд гашт. Мардум хастаю ноумед шуда намозхонӣ ба деҳа бармегаштанд.

Баъди намози шом ба деҳа хабар омад, ки ҷасади Ҳоҷимаҳмудро ёфтаанд. Подабони деҳа бобои Комил пайдо намуда. Қотилон вайро ба ҷои дур набурда будаанд. Андаке дуртар аз деҳа, дар болои кутал, миёни замин дар таги дарахти тут паронда будаанд. Тути ягона дар миёни замин, кӣ ва кай онро шинонда? Кӣ заҳмат кашида, об дода, онро сабзонда? Касе ёд надошта. Аз рӯи тахминҳо агар Ҳоҷимаҳмудро охири баҳори соли 1925 дар зери ин тут кушта бошанд, аз он рӯзҳо беш аз 80 сол мегузарад. Дар давоми ин ҳаштод сол ва пеш аз он чи рӯзҳое ба сари ин тути ягонаи миёни дашт наомада.

Баҳору тобистон, зимистонҳои қаҳратун, фаслҳои беҳисоби солро аз сар гузаронда. Парандаҳо дар шохаҳои он лона гузошта, ҷои осудан ёфта. Гунҷишкаконе, ки аз ҷойҳои дур рӯ ба деҳа парвоз мекарданд, албатта сари шохаҳои тут нишаста, осуда, дам гирифта, чирик-чириккунон дар ҳаққи касе, ки ин тутро шинонда дуои нек карда. Инсонҳо дар зери ин дарахти ягонаи миёни дашт чи амалҳо ба ҷо наоварда. Кош, он ба забон меомаду аз кирдори онҳо ҳикоят мегуфт, аз ҷумла, аз рӯзи бороние, ки Ҳоҷимаҳмудро дар зери

он куштанд. Хуни гарми ӯ рӯи алафҳо, бехи решаҳои тут ҷорӣ гашта. Баъд баҳорон дар ҷое, ки хуни Ҳоҷимаҳмуд рехта буд, ҳар сол гиёҳе мерӯид, гиёҳи сурх, онро қиёқи сурх ҳам мегуфтанд. Гиёҳ аз хуни Ҳоҷимаҳмуд сурхӣ ёфта. Хуни шаҳид, мардум ин ҷойро зиёрат мекарданд. «Ҳоҷимаҳмуд марди назаркарда, дараҷадор», мегуфтанд.

Дар замони Ҳукумати Шӯравӣ, дар солҳои колхозӣ пастию баландӣ, решаҳои сари заминҳоро ҳамвор мекарданд, ҷои қатли Ҳоҷимаҳмуд, теппачаи зери тут ҳам бо мақсади васеъ шудани замини кишт, ҳамвор карда шуд. Гиёҳҳое, ки аз хуни Ҳоҷимаҳмуд ранг гирифта буданд, бо решаҳояшон аз рӯи замин сутурда гаштанд. Солҳои охир ба сари ҳамин тути ягонаи миёни дашт ҳам чандин балоҳо омада. Дар солҳои нооромӣ, низоъҳои байниҳамдигарии тоҷикон он тирборон ҳам шуда. Оташи барқ ба бехи кундааш афтода, қариб то ними танаи тут сӯхтааст, вале ҳанӯз шохаҳои тут сабз, дар баҳорон он ғарқи барг мешавад.

Соли 1990-уми асри гузашта чанд қадам поёнтар аз ҳамин дарахти тут, ки онро тутак ҳам мегӯянд, барои нашриёти «Адиб» сарвари нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ будам қариб як гектар замин гирифта будем. Хоҷагии ёрирасони аҳли нашриёт. Дар он картошка, помидор ё гандум мекоридем, боғи ангур ва себзорон бунёд гашт. Аммо баъде, ки колхоз дар ихтиёри силоҳдорон монд, бо фармони қумандони онҳо Бобои Раҳмон – Раҳмон Гитлер замини нашриёт ба аҳли деҳа тақсим карда шуд. Дар гирду атрофи замини тутак хона, боғу майдонҳо пайдо шуданд. Замини тутак, ки як вақте дар баҳорон, дар зери он фарзанди боору номус, далеру тавонои деҳа Ҳоҷимаҳмуд кушта шуда буд, ба деҳа ҳамроҳ гашт. Бобои Раҳмон – Раҳмон Гитлер замини тутакро барои бунёди масҷид ҷудо намуд. Аз рӯи гуфтааш ин дарахти ҷабрдида – тутак миёни саҳни масҷид бояд мемонд, намозгузорон дапр ҳаққи Ҳоҷимаҳмуди шаҳид дуою фотиҳа мехонданд. Бобои Раҳмон корҳои хайр ҳам мекард, дар деҳаи Дуоба масҷид сохта буд. Вале одамон ҳамин пораи замини Тутакро, ки Раҳмон-Гитлер масҷид созед гуфта буд, соҳиб шуданд, азони худ карданд. Дарахти тути дар гузашта дар миёни дашт ягона – тутак миёни дарахтоне, ки имрӯз сабзондаанд, ба назар нонамоён гаштааст, як вақте мазор будани он фаромӯш шуда. Шояд онро бурида аловӣ ҳам мекунанд. Одамон ҳамин хеланд, носипос, беандеша, худхоҳ, нишонаҳо, ёдгориҳои гузаштаро ҳам барҳам медиҳанд.

Он рӯзи баҳор ҷасади ба хун оғуштаи Ҳоҷимаҳмудро аз зери ҳамин дарахти тут ба деҳа бурданд. Ва аҳли деҳа Ҳоҷимаҳмуди шаҳидро дар дохили мазори Ҳазрати Хӯҷарӯшноӣ ба хок супурданд.

Имрӯз аз Ҳоҷимаҳмуд фарзанд ҳам намонда, як фарзанди ӯ, ки Эмом ном дошта, яке аз муаллимҳои аввали ҷамоаи Роҳатӣ будааст, ихтиёран ба ҷанг рафта дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳалок гаштааст. Мардум гоҳе гап дар масъалаи шараф, нангу номуси аҳли деҳа равад, номи Ҳоҷимаҳмудро ба забон меоранд. Дар ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд, чи хеле гуфта будем, дар паси девори масҷид ҷойгир аст, аввал яке аз хешовандони наздики ӯ, набераи Моҳи Мулло муаллим Саъдуллои Ислом мезист. Баъд ӯ бо аҳли оилааш аз деҳа рафт. Алҳол дар деҳаи Мачитон мезиҳад. Синну солаш қарибе ба сад расида. Фарзандони баркамол дорад. Якеи онҳо Шамсулло, фарди ба аҳли илм маълум,

олими намоён. Ӯ дар шӯъбаи маориф ва илми Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон адои вазифа дорад. Дар ҳавлии Ҳоҷимаҳмуд имрӯз бобои Яҳё зиндагӣ мекунад. Марди фақирҳол, соҳибэҳтиром, худоҷӯй, соҳиби хонаю дари обод ва фарзандони солеҳ. Эҳтиромашон ба гузашта зиёд, ҳавлиаш ба назар ӯ ҷои муқаддас менамояд, ба назари завҷааш ва фарзандонаш ҳам. Ҳоҷимаҳмуд, модари ӯ Моҳи Муллоро бо дуо, бо фотиҳа ёд мекунанд.

* * *

Русҳо дар пешона чашм надоштаанд, одамхур ҳам набудаанд. Гуфтаҳои беҳуда дар ҳаққи онҳо ғалат. Камбағалпарвар буданд, ба мардум меҳрубон. Бою муллоҳо душманашон. Онҳоро меҷустанд, аҳли деҳаи Нилкон аксар муллою эшон, одамони аҳли савод, аҳли тақво. Баъзеи ин зумра одамон аз деҳа ба ҷойҳои ба хаёлашон орому осуда, бехавфтар кӯч мебастанд. Деҳаҳо ва маҳаллаҳои ӯзбекнишин барояшон аз ҷумлаи ҷойҳои бехавфтар ҳисоб мешуданд. Ба замми ин қавми лақай, ки аксар дар ҳудуди ноҳияи ҳозираи Рӯдакӣ мезистанд, ба эшону муллоҳо эътиқод ва эҳтиром доштанд, аҳли дин, эшону муллоҳоро «пирам» мегуфтанд, мепарастиданд, ба онҳо паноҳгоҳ медоданд.

Ҳамон сол беш аз даҳ оила аз деҳа кӯчида ба деҳаҳои лақайҳо рафтанд. Аксарашон ҳамроҳи қавми лақай монданд, дигар ба деҳаи Нилкон барнагаштанд.

Ду нафар шоирони ӯзбекзабон Зикруллохон ва Неъматҷон Иброҳим, ки дар рӯзномаи «Совет Тоҷикистони» кор мекарданд ва китобҳояшон нашр шудаанд ва адиби ӯзбекзабон эшони Тавакалхон аз ҷумлаи фарзандони аҳли деҳаи Нилконанд, ҳамон солҳои ноором волидайнашон кӯчида ба деҳаҳои қавмҳои лақай рафта буданд.

* * *

Эшони домулло Мирзоро душмани ҳукумат ҳисобида буданд. Гуноҳашон вазнин, дар Бухоро хондаанд, мударрис. Шогирдҳо доштаанд, аз дину шариат дарс мегуфтаанд, мардум бероҳа мешудаанд. Он касро ба ҳабс гирифтанӣ буданд. Аммо наметавонистанд, мекофтанд. Шогирдонашон аввал эшони домулло Мирзоро ба деҳаи ҳамсоя ба Теппаи Самарқандӣ, баъд андаке дуртар, ба деҳаи Оқтоқ бурданд. Дар миёни деҳаи Оқтоқ ва Нилкон, чанд теппа ва заминҳои дараи Ойтуғдию сангоби Лойоб. Барои аз ҷониби офтоббаро, аз сангоби Лойоб гузашта ба деҳаи Оқтоқ даромадан кутали баландеро баромада баъд онро нишеб шудан лозим буд. Дар поёни кутал деҳа. Дар ду тарафаш теппаҳо ва дар фарози баландиҳо хонаю ҳавлиҳо. Дар миёни деҳа масҷид. Дар паси девори масҷид, наздики дари даромади он чашмаҳои оби мусаффо, чашмаҳое, ки тамоми аҳли деҳа аз ҳамин ҷо об мебурданд, гову молҳояшон низ аз ҳамин ҷо об мехурданд. Беоб буд деҳа, деҳаи камаҳолӣ. Деҳаи Оқтоқро Деҳқонхона ҳам мегуфтанд. Мардум бештар ба ғаллакорӣ машғул буданд. Дар канори теппаҳо боғҳояшон, боғҳои ангур, палаккорӣ ҳам пешаашон, тарбузу харбузаҳои лалмӣ қанд барин ширин мешудаанд. Аҳли деҳа хурсанд буданд, ки эшони домулло Мирзо барин як уламои машҳур Оқтоқро

ҷои истиқомат ихтиёр кардаанд. Эшон панҷ вақт намози онҳоро хонда медоданд, имомхатибашон. Эшони домулло Мирзо саъй доштанд, ки ба деҳаи Оқтоқ омаданашон овоза нашавад, вале наметавонистанд. Овоза ба бисёр деҳаҳои дур ҳам расида буд. Пурсида – пурсида мардум ба ин ҷо меомаданд. «Ҳазрати домуллоро зиёрат кунем», мегуфтанд. Боз дар наздашон шогирдон, сабақ меомӯзонданд ба онҳо. «Аз мусофирати эшони домулло фоида бурданамон лозим», гӯён мардуми деҳа низ аз илму фазилаташон баҳраманд шудан мехостанд, ба гуфтае ҳазрати домулло забони каҷи бисёриҳоро рост мекарданд. Одате доштаанд эшон, ки дар ҳар шароите бошад ба мардум, ба шогирдон илм омӯзондан мехостанд. Мардуми Оқтоқ аҳли оила, фарзандони домулло Мирзоро ҳам кӯчонда ба деҳаашон оварда буданд. Лек хаёли он кас доимо ба Нилкон, ба деҳа, ба масҷид, ба мазорҳои деҳа. Деҳае, ки дар он бисёр зотҳои пок хок шудаанд. Мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф ва боз чанд нафар ҷигаргӯшаҳои дигари Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, дар саҳни масҷид, Чилламазор, мазори Шоҳтут, мазори Хуҷарӯшноӣ. Эшони домулло гоҳо бо хаёли зодгоҳашон ва мазорҳои он пеш аз намози бомдод ё баъди намоз кутали деҳаро боло шуда, сари кутал баромада рӯ ба ҷониби офтоббаро, рӯ ба Нилкон меоварданд. Аз деҳа, аз ҷониби офтоббаро аз осмони софу беғубори нилгун дида намеканданд, тулӯи офтобро тамошо мекарданд. Пеш аз рух намудани офтоб осмон сурхчатоб, зарди пурҷило, ба мисли аловдаста ранг пайдо мекард. Баъд нурҳои офтоб падид омада пардаҳои рангин пора мегардиданд, нопадид мегаштанд. Офтоб мебаромад, олам аз нурҳояш зебо мегашт, ибтидои рӯзи нав, тавлиди боз як рӯзи нави умри инсонҳо. Болои Нилкон ҳам нурҳои офтоб парешон гашта, он ҷо манзил, ҳавлӣ, хонаҳои эшон. Дари хонаҳо қуфл, дарвозаи ҳавлиашон ҳам. Аз ҳарос аҳли хонадон ҳама аз ҳавлӣ баромадаанд. Касе дигар дарҳои хонаҳоро намекушояд. Гову молҳо беалаф, беоб мемонанд, гоҳе хешовандон, ҳамсояҳо ба онҳо шояд нигоҳубин мекунанд. Вафодории сагҳо маълум. Саги пирашон Бахмал ва Сиёҳак гӯё хонабон. Баъзан бехӯрок, беобу нон ҳам ки монанд, аз ҳавлӣ берун намераванд. Болои боми ошхона мебароянд, он ҷо ҳалқа мезананд, хоб мераванд, посбонҳои бовафои ҳавлӣ. Ин ҷонварҳо аз рӯзи сиёҳи ба сари соҳибонашон омада огоҳ. Сагҳо дар азоб, ҳайф. Соли дуюм мегузарад, ки дар азобанд. Саги пир хароб, пашми баданаш қарибе ба замин расида, дароз шуда. Нилкон наздик, вале он ҷо рафта намешавад. Силоҳдорон гирди деҳаҳо мегарданд, сари роҳи одамонро мегиранд. Муллою эшонҳоро меҷӯянд. Нилкон наздик, сари роҳаш гӯё мор, душман хоб рафта.

Ҳоли масҷид ва мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатифро тасаввур мекарданд эшони домулло Мирзо. Кайҳо боз аз масҷид дигар овози азон баланд намешавад. Муаззини масҷид амаки Эшонча гоҳе аз ҷонаш гузар карда аз баҳри савоб азон мегуфт. Ӯро ҳам бурда ҳабс кардаанд. Саҳни васеи сабзазори масҷид камодам, ба зиёрати мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф, ки пеш, хусусан рӯзҳои чоршанбе аз деҳаҳои дуру наздик одамони бисёре меомаданд, акнун касе намеояд. Рӯзҳое ки дари масҷидро намекушоянд, намоз хондан, дар масҷид, азон гуфтан, мазорро зиёрат кардан гуноҳи азим. Ин сиёсати ҳукумати Шӯроҳо дар рӯзҳои мо низ нисбат ба масҷиду намозгузорон давом меёфт. Соли 1958-ум мардуми деҳа пул ғун оварда ҷои деворҳои

гашта ба замин яксон шудаи атрофи саҳни масҷидро бо хишт девор бардоштанӣ шуданд. Ба кор шурӯъ намуданд. Роҳбарони колхози «Роҳатӣ», кормандони шӯрои ҷамоа аз ин амали мардуми деҳаи Нилкон бохабар шуда ба воҳима афтоданд. Аз тарси он ки дар ноҳия хабар ёфта барои ин амали мардуми деҳаи Нилкон ба ҷазо гирифтор нашаванд, ба масҷид булдозеру трактор оварданд. Деворҳои гирди масҷидро бо булдозер, бо ин мошини азими афсонавӣ ба хок яксон карданд. Хиштҳо зери чарххои булдозер орд-орд шуданд. Ва боз гӯё фармоиш буда, ки масҷидро ҳам гардонанд. Мардум, ки дар он пагоҳирӯзӣ дар саҳро паи чобуқи пахта буданд, ин хабарро шунида, ҳама белу каландҳо дар китф ба деҳа шитофтанд. Пирамард эшони Искандархон худро пеши бели булдозер партофтааст. Халқ дар ғазаб, ҳама ба шӯру ошуб омада. Ҳама рӯ ба Душанбе оварданд, пушти дари Кумитаи Марказии ҳизби коммунисти ҷумҳуриро гирифтанд. Мисли корпартоӣ – митинг. Аз Кумитаи Марказии ҳизб ҳамон лаҳза роҳбарон, намояндагон, ҳамроҳи милисаҳо, аскарон ба деҳаи Нилкон омаданд. Бо як азоби алиме мардуми ба шӯр омадаро ором кунонданд. Аз Кумитаи Марказии ҳизб Набиев ном шахс роҳбари намояндагони ҳукумат ва ҳизб будааст. Имрӯз ҳам мӯйсафедон номи ӯро ба забон меоранд.

* * *

Аҳли деҳаҳои ҳамсоя ва деҳаҳои дури дур ҳам ба деҳаи Оқтоқ ба хабаргирии эшони домулло Мирзо меомаданд. «Ҳазрати домуллоро бинем, зиёрат кунем», мегуфтанд. Муридон дар атрофашон ғун омада даме он касро танҳо намегузоштанд. Ҳавлии Боймуҳаммади Оқтоқӣ аз пою қудуми эшони домулло Мирзо серодам ва сермеҳмон. Мардум «ҳазрати домулло мусофир шудаанд», гӯён муҳибу меҳрубонтарашон гашта буданд.

Он рӯзи гармои тобистон хонаҳои Оқтоқиён тагу рӯ карда мешуд. «Эшони Мирзо, домулло канӣ?» истинтоқ мешуданд баъзеҳо. Аҳли деҳа ноором, ноосуда, дар азоб... Албатта дар он лаҳзаҳое, ки одамони ҳукумат ба деҳа даромада, кӯча ба кӯча, хона ба хона даромада он касро меҷустанд, эшон ҷой дигар накарда ҳамин ҷо, дар Оқтоқ буданд. Ҳама медонистанд. Аммо ҷои пинҳоншудаи эшони домуллоро намегуфтанд, намехостанд, ки аз деҳаи онҳо домулло Мирзо дастгир шаванд. «Ҳазрати домулло моро гуфта ба Оқтоқ омадаанд, боз коре нашавад, ки ягон кас ҷояшонро гӯяд. Эҳтиёт мешавем, эҳтиёт», ба ҳамдигар мардум таъкид мекарданд.

Аммо нафаре буд аз аҳли деҳа, ки паи ошкор сохтани ҷои пинҳоншудаи домулло афтода. Ӯ марди маибе, чулоқ. Чулоқи Зубайдулло мегуфтанд вайро. Дар миёни мардуми деҳа ягона одаме, ки ба гапи одамони ҳукумат даромада, мехост ҷои пинҳоншудаи домуллоро аниқ намуда хабар диҳад. Ба вай пул, инъомҳои зиёде ваъда карда будаанд. Чулоқи Зубайдулло аз паи иҷрои супориш афтода буд. Бо як азобе дар ҳамон лаҳзаҳои гармои рӯз худашро кашида сари кутал, ба баландие баромад. Паси хору буттаҳои янтоқ дароз кашид, пинҳон шуда рӯ ба дару девор, ба хонаҳои аҳли деҳа овард, ки аз ҷои панаҳбурдааш кулли ҳавлию хонаҳои аҳли деҳа чун дар рӯи каф намоён буд. Кӣ рӯи ҳавлӣ мегашт, кӣ дари кулбаашро мекушод ва ё тори бому болои болохонааш мебаромад, ҳамаро чулоқи Зубайдулло медид. Вай куҷо будани

домулло Мирзоро муоина дошт. Ана ҳоло ӯ он касро дар ҳавлии Боймуҳаммад дид. Дид, ки эшони домулло аз дари кулбае берун шуданд, зинаро аз назди дари оғил гирифта тана ба девори болохона гузоштанд. Ва баъд бо як азобе худро ба даруни алафхона кашиданд. Ин манзараро дида ба вай гӯё Худо дод. Саросема рӯ ба қишлоқ овард, кутали баландро нишеб шуд, гоҳе пои маибашро ба замин монда натавониста яклинга роҳ мерафт, меафтод, рӯи хору хас меғелид, мехест. Аз як кӯча ба кӯчаи дигар гузашта, дастаи аскарон, онҳоеро, ки ҳама ҳавлӣ ба ҳавлӣ, хона ба хона сар халонда эшони домулло Мирзоро меҷуст, мекофт, куҷо будани онҳоро мепурсид, куҳрии аз роҳ кордча ёфтагӣ барин аз дидани ҷои панаҳбурдаи домулло Мирзо ниҳоят шод буд. Зудтар хабар расонда, мукофотро соҳиб гаштан мехост. Ниҳоят онҳоро ёфт, хело пичир-пичир кард, наздиктари дарвозаи Боймуҳаммад рафт, болохонаеро, ки эшони домулло панаҳ шуда буданд, нишон дод.

Аз рӯи нишондоди чулоқи Зубайдулло се нафар бо зинапоя ба болохона баромаданд, дарзаҳои алафро аз рӯи эшони домулло Мирзо гирифта он касро аз болохона ба поён фаровардand. Рӯи ҳавлии Боймуҳаммад аллакай пури аҳли деҳа шуда буд. «Домуллоро ёфтанд, дастгир карданд, кори нохуб шуд, барои мо ҳама аҳли деҳа айб», мегуфтанд одамон ва гӯё барои рух додани ин ҳодиса худро гунаҳкор меҳисобиданд. Эшони домулло Мирзо назди он се нафар марди либоси ҳарбипӯш, ки эшонро аз болохона пешандоз карда ба рӯи ҳавлӣ оварда буданд, бо сари хам меистоданд. Ҳоли раҳмоваре. Сару рӯй, ришу бурутҳои мошубиринҷашон пури хас, ба лабҳои яктаҳи дарози сабзи танашон низ хасу хорҳо часпида. Ба марди руси харобаи қоматбаланде, ки ӯ калони аскарони аз шаҳри Душанбе омада буд, раиси колхоз Карими Баъдӣ ва муовини ӯ Шарифи Бердӣ дар масъалаи эшони домулло Мирзо кимчӣ мегуфтанд, ба ӯ мефаҳмонданд, ки эшон гунаҳгор нестанд. Одами обрӯманд. Соҳибилм, қувваи ҳофизаашон қавӣ, зеҳнашон тез, Қуръони Каримро сар то охир аз ёд медонистаанд. Китобҳои бисёре хондаанд. Мислашон дар водии Ҳисор набуда.

Раиси колхоз ва тамоми аҳли деҳаи Оқтоқ аз марди рус хоҳиш карданд, ки эшони домулло Мирзоро ҷавоб бидиҳад. Лек ӯ ин хоҳиши онҳоро ба ҷо оварда наметавонист. Вай ҳам аз ҷони худаш метарсид. Эшони домулло Мирзо дар назди ҳукумат одами сиёҳшуда, душмани ҳукумат ҳисоб меёфтанд, гуноҳҳои бисёре ба сарашон бор. Ба ҳар ҳол марди рус бо хоҳиши мардум дар ҳаққи эшони домулло Мирзо некӣ кард. Ҳамон рӯз, он касро пешандоз карда ба Душанбе – ба ҳабсхона набурд. Ба ҷои он кас раиси колхоз Карими Баъдӣ ва боз ду нафар фаъолони колхоз ҳамроҳи одамони ҳукумат ба Душанбе – ба ҳабсхона роҳ гирифта як шаб дар маҳбас хуфтанд, то лаҳзаҳое, ки рӯзи дигар эшони домулло Мирзо худашон вориди ҳабсхона шуданд. Ва баъд Карими Баъдӣ ва дигар Оқтоқиёнеро, ки ба ҷои он кас кафил шуда буданд, ҷавоб доданд.

* * *

Дар ёдам монда, ки падарам маро ҳам гоҳ-гоҳе ҳамроҳашон ба Душанбе мебурданд, ба Душанбе, ки имрӯз ҷои кор ва ҷои зисти фарзандон ва аҳли хонаводаамон аст. Савора ба шаҳр мерафтем, аспакӣ, банда дар қанҷиғаи па-

дарам. Он солҳо аз деҳаи мо то шаҳри Душанбе мошин намегашт ва роҳи ҳамвору мошингард ҳам мавҷуд набуд. Аксаран, аспакию харакӣ роҳ мегирифтанд ба шаҳр мардум. Роҳе, ки имрӯз бо мошин дар бадали 10-15 дақиқа тай мешавад. Он вақт хело дароз ва тӯлонӣ менамуд ба назарам. Баъди аз миёни деҳаи Теппаи Самарқандӣ ва сангоби Меҳтарӣ гузаштан се кутали паи ҳам, ки онҳоро қулча ҳам мегуфтанд, пеш меомад, роҳи пурчангу хок, хок то ба зону. Улавҳо боазоб роҳ мерафтанд, онҳое, ки харакӣ буданд, азобашон зиёд. Хар хоки гармро дида гӯё ҳавасаш меомад, фукашро ба замин бурда хокро бӯй мекашиду бӯй ва баъд хоб мекард. Бори хар агар ангур мебуд, ҳама хирбич мегашт. Сабати ангур таги шиками хар монда умеду орзуи соҳиби онро бар бод медод. Ӯ бо ғазаб бо халачӯб ба сару гардани хар мезад, аммо бефоида, хар аз ҷояш наме-ҷунбид, гӯш меҷунбонду сар. Илоҷ, ки намемонд, роҳакиҳо чандкаса бори харро фароварда, баъд боазоб онро аз ҷояш мехезонданд. Ҳамин тавр роҳи онрӯзаи мо ба Душанбе дар тобистон пурхок, дар баҳору зимистон лой, пуразоб буд. Аммо дар баҳорон лой ҳам ки мешуд, ба ин роҳ рӯ овардан барои ҳама, алалхусус баҳри банда хуш меомад. Қадқади роҳ, дар саҳроҳо, заминҳои то ба таги теппаҳо доман паҳнкардаи ду канори роҳ, ки то шаҳри Душанбе расида буданд, сабза ва майсаи гандум дамида, гулҳои лола ва гулҳои ранги баранги бисёре шукуфта. Осмони болои дашт софу беғубор, нилгун, офтоб баромада, гӯё болои гулу гиёҳҳо рангрезӣ мекард, селаи парандагон аз болои дашт дар парвоз… Банда то ба баландиҳои теппа баромада, гул мечид, нигоҳам ба гулу сабзазорон, ба дуриҳои дур, ба осмони софу беғубор. Аз дур дар миёни дашт дарахте намудор мегашт, дарахти ягона дар миёни дашт. Онро мардум садаи Маликшоҳ мегуфтанд. Дар кадом солҳое он садаро дар ин дашти беобу бедолу дарахт Маликшоҳ ном шахсе шинонда, нигоҳубин карда, дар рӯзҳои гармои тобистон об кашонда, ба он об дода, садаашро сабзондааст. Баъд он мард куҷо шуда, фавтида, албатта, фарзандонаш низ дар олам намонда, лек аз ӯ ҳамин сада монда, сада ба номаш, садаи Маликшоҳ.

Мо, бачаҳои хурдсоли он рӯзҳо дар баҳорон бо ин роҳ барои тамошои Иди Май ба Душанбе рӯ меовардем. Либосҳои идона ба бар мекардем, ҷомаи нав – ҷомаи бекасаб мепӯшидем, аз болои ҷома рӯмоли гулдор мебастем, тоқии гулдӯзӣ ба сар мениҳодем. Ҳама хурсанд ба тамошои Иди Май мешитофтем. Ҳам ҳангоми ба шаҳр рафтан ва ҳам дар бозгашт аз шаҳр ҷои дамгириамон зери сада буд. Рӯзҳои гармои офтобӣ саъй мекардем, ки як бало карда худро ба сояи сада расонем. Он вақт ду нафар бародарон аз деҳаи Мағмуруд як амали савобро ба ӯҳда доштанд. Бо навбат дар машкҳо аз Мағмуруд об меоварданд ва ба роҳгузарҳое, ки дар айни гармои рӯз ба миёни дашти ба назар беохир, ба зери садаи Маликшоҳ расида, дар сояи он менишастанд ва ташна ҳам буданд, бародарон коса-коса оби сард медоданд, дуои хайр мешуниданд. Имрӯз, албатта он бародарони савобҷӯй дар қайди ҳаёт нестанд. Лекин мардум онҳоро бо некӣ ёд меоранд.

Садаи Маликшоҳ дар миёни дашт ҷои осудан ва «дамгирӣ»-и ҷуку ҷонварҳо ҳам буд. Шохсорони сада қариб ҳамеша ҷои гунҷишкакон, аз шохе ба шохе парида чирик-чирик мекарданд. Бозори парандагон, садои дилкаше. Роҳгузарҳо ба он садоҳо гӯш медоданд. Ва паррандагон низ гӯё ба руҳи

Маликшоҳ дуои хайр мегуфтанд.

Ҳикояте шунидаам. Дар деҳа бобои Комил ном шахсе буд. Умраш ба подабонӣ гузашта, подабони колхоз. Дар замони пеш аз Ҳукумати Шӯравӣ – хидматгори дари бое будааст. Боре бой дар айни бегоҳирӯзӣ, ки барф меборидааст ва айни чилаи зимистон будааст, ба Комил мефармояд, ки ба Душанбе равад, номаеро ба як хешованди ӯ расонад. Комил илоҷе надоштааст, пиёда ба роҳ мебарояд. Боридани барф шиддат ёфта, шамол барфҳоро ба чашму рӯяш мезад. Комил аз миёни дашти пурбарф роҳ мерафт, ӯ қариби намози хуфтан ба назди садаи Маликшоҳ расида, ба селаи гургон дучор меояд. Гургон сӯяш медаванд, Комил ба танаи сада мечаспад, ба болои он мебарояд, то рӯз аз сада фаромада наметавонад, гургҳо гирди сада ғун омада, чашм ба тӯъмаашон, ба Комил. Ҳамин тариқ саҳар меояд. Бозоракиҳо аспакию харакӣ дар роҳ пайдо мешаванд. Гургҳо рӯ ба гурез меоранд. Бобои Комил ба туфайли садаи Маликшоҳ аз марг мераҳад, Маликшоҳ гӯё ба ӯ ҷон мебахшад. Як умр ҳамин қиссаи аз марг халос хурданашро бобои Комил ба ҳама мегуфт. Ва ӯ низ тамоми умр дар дашту биёбонҳо дарахт мешинонд. Бобои Комил кайҳо бо ин олам падруд гуфтааст. Лек дар роҳҳо, миёни дашту канори ҷӯйҳо дарахтони шинондаи ӯ мондаанд. Чинорҳою садаҳояш калон шудаанд. Ҳисоби чинорҳояш хело зиёданд, ҳамаи онҳоро сада ё чинорҳои бобои Комил мегӯянд.

Дар замони Ҳукумати Шӯравӣ канали калоне канда, аз дарёи Кофарниҳон об оварданд. Канали Роҳатӣ мегӯянд онро. Оби канал то ба шаҳри Душанбе ҷорӣ гашта. Акнун дар роҳи деҳаҳои мо ва Душанбе, дар миёни дашт садаи Маликшоҳ дарахти ягона нест. Дар атрофи садаи Маликшоҳ садҳо дарахтон сабзидаанд. Ҳама ҷо дарахтзор. Дар ин ҷо деҳаи сераҳолие пайдо шудааст, деҳаи навбунёдро Сада номидаанд. Лек чаро деҳаи Маликшоҳ не? Хуб мебуд, ки деҳа ба номи ҳамин марди савобҷӯ гузошта мешуд. Деҳаи Маликшоҳ. Сада, садаи Маликшоҳ.

Дар ёдам монда, ки ҳамроҳи падарам гоҳе аз роҳи онрӯзаи садаи Маликшоҳ гузашта аспакӣ ба Душанбе мерасидем. Аз кӯчаҳои шаҳр мегузаштем. Падарам бо дастаи қамчин ба гулгаштҳо, ба иморатҳои баланд ва ҳавлиҳо ишора карда, аз чи маҳалу биноҳо будани онҳо ба банда ҳикоят мегуфтанд. Ва баъд лаҷоми аспро кашида зери лаб ояте аз Қуръони Маҷид тиловат мекарданд. Баъд даст ба дуо бурда омин мегуфтанд ва банда ҳам бо ҳайрат ба падарам пайравӣ намуда «омин» мегуфтам. Барои он тааҷҷуб мекардам, ки падарам ба мисле ки аз назди мазор, гӯристоне мегузаштанд, ки рӯ ба биноҳои баланду гулгаштҳо оят мехонданд ва ба замми ин дар он лаҳзаҳо чеҳраашон ғамгин мегашт, аламашон меомад. Оҳи ба дард мекашиданд.

Сабабашро баъд гуфтанд, ба ёд оварданд ҳамон рӯзҳоеро ки он касро аз деҳаи Оқтоқ ба Душанбе – ба ҳабсхона оварда буданд.

Пеш аз омаданашон ба маҳбас аллакай кулли маҳбусон огоҳ шуда будаанд, ки эшони домулло Мирзоро меоранд, ҳама ба истиқболашон баромаданд ва шӯре хеста. «Наход эшони домулло Мирзо ҳам дастгир шуданд. Мардум он касро пинҳон карда натавонистанд?» – Тааҷҷуб мекарданд ва ба худ ҳарф мезаданд. Дар маҳбас ҳама аз паси эшони домулло Мирзо намоз мегузоштанд,

рӯзҳои ҷумъа ё Иди Рамазону Қурбон ҳазорҳо нафар ғун меомаданд. Эшони домулло Мирзо пешво, имомашон. Русҳо аз он ки маҳбуси нав овардаашон миёни мардум ин қадар обрӯю эҳтиром доштааст, ба ҳайрат афтоданд, мединданд, ки бо «Аллоҳу акбар» гуфта хам шудани он кас ҳазорҳо нафар хам мешуданду сар ба саҷда бурда боз сар мебардоштанд, рост мешуданд. Ва ҳамон марди русе, ки ҳангоми дар деҳаи Оқтоқ дастгир шуданашон дилсӯзона хору хаси ришу рӯяшонро чида, аз соҳибилм ва соҳибмартаба буданашон ҳикоятҳо шунида буд, он касро дар маҳбас «болшой командир» ном дода буд. Падарам гулро дӯст медоштанд, гулпарвар буданд. Дар ҳавлиамон гулҳои садбарги гуногунранг шинонда, худашон онҳоро нигоҳубин мекарданд. Ва ҳоло ҳам дар ҳавлиамон ва дар баъзе ҳавлиҳои аҳли деҳа нишонае аз гулҳои он кас мондаанд. Рӯзҳои дар маҳбас буданашон падарамро ҳамон марди руси шиносашон ба гулпарварӣ, нигоҳубини гулҳои назди идораҳои маҳбас вобаста кардааст. Забони гулро медонистанд, ҳисоби онҳоро зиёд карда канори роҳу роҳравҳо гул шинондаанд, бехи онҳоро бо белу каланд нарм карда, об медоданд, шохаҳои гулҳоро бурида, қаламча карда, онҳоро шинонда, аз пагоҳ то бегоҳ бехи буттаҳои гул меҷунбиданд. Дар роҳу роҳравҳои маҳбас гулҳои ранги ба ранги зиёде сабзондаанд.

Марди руси шиносашон ҳам гулро дӯст медоштааст.

Боре дар рӯзҳои дар маҳбас будани эшони домулло Мирзо ҳодисае рух медиҳад, ки баъди он марди рус он касро беш аз пеш эҳтиром мекардагӣ шудааст.

Дар наздикиҳои маҳбас мезистааст, ҳавлӣ доштааст ӯ. Рӯзҳои баҳор будааст. Тифли хурдсолаш бо ҷӯраҳояш миёни алафҳо бозӣ, давутоз мекардааст. Ана дар ҳамин ҳангом ӯро мор газидааст. Модари писарак дасту похурда шуда чӣ карданашро намедонистааст. Духтури маҳбас ҳам куҷое рафта, набудааст, ӯро ҷустаанд, наёфтаанд. Ҳоли писарак ба танг меомадааст. Касе гуфтааст, ки эшони домулло Мирзо табиб ҳам ҳастанд, афсуни морро медонистаанд, морро афсун мекардаанд, дуо хонда заҳри морро аз тани тифл берун карда метавонистаанд, ба он кас муроҷиат кунанд, фурсатро аз даст надиҳанд. Ноилоҷ монда будаанд. Он кас хоҳиши модари тифлро рад карда натавонистаанд, эшони домулло мефармоянд, дар хонаи хоби тифл ба ғайр аз бурёе дигар чизе нагузоранд. Бурёро миёни хона густурда моргазидаро рӯи он хоб кунондаанд, баъд ба дуохонӣ шурӯъ намудаанд, дам нагирифта бо як зарб дуои афсуни морро дам мехондаанд. Аз ҷой наҷунбида нахеста чи қадар болои сари писараки рус дуо хондаанд, намедонистанд. Ва ниҳоят вақте расида, ки море ки писаракро заҳр зада будааст, пайдо шуда ҳалқа зада сипсиёҳ гашта афтода. Писарак аз марг наҷот меёбад.

Имрӯз ҳам мардум аз деҳаи Нилкон номи эшони Султон, аз деҳаи Рангон, номи набераи эшони Калон ва аз деҳаҳои Тангаӣ ва Оқтоқ боз чандин номҳоро зикр менамоянд, ки онҳоро мор газида будаасту бо даму дуои падарам шифо ёфтаанд ва мор бо афсун наздашон пайдо мешуда. Мор ҳам афсун дошта.

Падарам дар он лаҳзаҳое, ки лаҷоми аспро кашида рӯ ба биноҳою гулгаштҳо фотиҳа мехонданд, мегуфтанд, дар вақташ ҳар шаб садҳо одамонро ба ин ҷойҳо оварда мефармудаанд, ки баҳри худ гӯр кобанд ва баъд паро-

нда мешудаанд. Онҳоро якҷоя, рӯи ҳам гӯр мекардаанд.

Ёд меоварданд, ки ҳар шаб, баъди қарори пои мардум маҳбусонро дар саҳни маҳбас қатор мекарданд, як-як номҳояшонро хонда аз дарвоза мебароварданд ё ба аробаҳои рӯйпушида савор мекарданд, эшони домулло Мирзо ҳам дар қатори одамон ҳозир, вале чун номашон зикр намеёфтааст, дар ҷои исташон мемондаанд, боз ба кулба-ҷойхобашон бармегаштаанд. Ба гуфтае ҳар шаб дар қатор истода ҳазор бор аз ҳаёт дасту дил мешустаанду боз ба танашон ҷон омада, зинда мемондаанд.

Як шаби торик, ки ҳаво пурабр буд, борон меборид, номи эшони домулло Мирзо низ хонда мешавад. «Мирзои Мирҳайдар» ном мебаранд, «ман», мегӯянд, вале ба пеш қадам монда наметавонанд. Пошиканак мешаванд, забонашон баста. Пеш меоянд ду нафар, тела дода-тела дода эшони домулло Мирзоро ба ароба бор мекунанд. Дар ҳамон шаби борон, онҳоро ба ҳамин ҷое, ки ҳоло рӯ ба бинои баланд, даст ба дуою фотиҳа кушода буданд, меоранд. Пой ба пой баста мешаванд қатори ба назар беохири одамон. Ва дар ҳамин ҳол ба дасти ҳар кадоме бел медиҳанд, мефармоянд, ки барои худ гӯр кобанд. Онҳо ҳама гӯр канданд. Баъд садои баланд гаштани тир, як-як одамон паронда мешуданд. Эшони домулло Мирзо ҳам лаби гӯр, дар лаби чуқурии баҳри худашон канда бо як азобе ба по меистоданд, калима арза мекарданд, калимаи шаҳодат дар забон навбат мепоиданд. Ана дар ҳамин ҳангом диданд, ки ду-се нафар пайдо шуданд, давида омада буданд, ки сахт-сахт нафас мекашиданд. «Эшони домулло Мирзо, Мирзои Мирҳайдар» мешуниданд номашонро. Якеи онҳо ҳамон марди руси қоматбаланди шиносашон, ҳамоне, ки тифлашро дуои дам хонда буданд. Ӯ коғазе дар даст дошт, коғази сафед. Бандро аз пойҳои эшони домулло Мирзо кушоданд, аз лаби хандақ ба наздаш оварда он касро марди рус. Коғази дасти ӯ коғази сафедфармони аз маҳбас ҷавоб шудани эшони домулло Мирзо. Он коғаз дар даст ба маҳбас, назди ҳамроҳон баргаштанд. Дилашон майле дошт, ки то саҳар ҳамроҳи маҳбусон – дӯстон бимонанд ва дар он шаби тор, ки борон ба барф бадал гашта буд, барф меборид, ба куҷо рафтанашонро ҳам намедонистанд. Аммо ҳамроҳон ба эшони домулло Мирзо таъкид доштаанд, ки ягон нафас таъхир накунанд, ҷавоб ки шудаанд, ҳар чи зудтар аз маҳбас бароянд, равонд. Касе бо забони нимтоҷикию нимрусӣ мегуфт: «Эшони домулло, зуд бошед, ҷавоб, ки доданд, равед, давлат приказ дорад, боз отказ дорад, равед».

Эшони домулло Мирзо дар он нимашабии қаҳратуни зимистон, ки барф замину замонро сафед карда буд ва боди сахт мевазид, бо дӯстон хайрухӯш карданд, дӯсташон марди руси қоматбаландро ба оғӯш кашиданд ва аз ӯ изҳори миннатдорӣ намуда, аз дари маҳбас берун шуданд.

* * *

Дар он пагоҳирӯзии чилаи зимистон, ки ҳаво соф шуда, хунукӣ дараҷа ба дараҷа боло гирифта, ба гуфтае сангҳоро мекафонд, кураро дар батни модар ях мебандонд, фарде пиёда рӯ ба деҳа оварда. Аҷаб тамошое дошт дар назари он шахс деҳа. Дашту саҳро, боғоту майдонҳо ҳама ҷо сап-сафед, болои бому дарҳо бо барф пӯшида шуда. Дар дуртар қуллаҳои куҳҳои Мағмуруду Қандӣ мисли куҳони уштурҳои сафед баланду паст ба чашм мехурданд. Дар осмони

софу беғубори нилгун ягон-ягон ситораҳо мавҷ мезаданд. Ситораҳо дар он лаҳзаҳои хунуки қаҳратун гӯё яхпораҳои рангин, нурбор, пурҷило буданд, ки аз боми осмон овезон. Ситораҳо мисли қатраҳои оби тилло ба замин чакида, дар осмон кам монда. Осмони дуру гуҳарбор. Бому дарҳои пасту баланди деҳа, дарахтон пардаи ҳарири сафед ба бар карда. Барф зеби бомҳо, дашту даман, куҳу барзан, зебоии олам. Вале хунук. Мард – эшони домулло Мирзо, як фарзанд – як дилбанди деҳа, Нилкон деҳа – зодгоҳашон.

Чанд гоҳе аз он дур буданд. Замоне дар Оқтоқ зистанд, баъд бандӣ – дар маҳбас рӯз гузаронданд. Имрӯз озоданд, варақи сафеди озодӣ дар ҷайбашон. Ҳарчи тезтар ба деҳа, назди қавму ҷамъ ҳозир шуданианд. Чи хуш мебуд агар ба мисли солҳои пеш дари масҷид боз мебуд, аввал ба масҷид медаромаданд, мардумро дар намози саҳар дармеёфтанд, вомехӯрданд.

Дар масҷид канори саҳни базебу ҳамвор ва васеи он мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф. Дари мазор ҳам баста. Қуфл. Нигоҳубин карда намешаванд. Масҷид, мазори ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф бӯи вайрона гирифта.

Агар ҳоло Худо насиб бинаду эшони домулло Мирзо ба деҳа дароянд, дар масҷид аввало мазори валии замонро зиёрат мекунанд, муроду орзуяшон буд. Дар дил орзу мепарваранд, ки Худо банда бигирадашон, дар поёни қадамҳои Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф хокдон ёбанд. Солҳои дур аз деҳа, дар Бухоро хондан ва чанд соле дар мадрасаҳои Бухоро дарс гуфтан, ранҷу риёзат кашиданҳо ва дар маҳбасу дар гурезогурез будан ҳамин хаёли ширин дар дилашон. Намози аҳли деҳаро ҳамроҳашон мехонданд, имомхатиб – пешвояшон буданд ва чун баъди адои ҳар намозе аз дари масҷид рӯ ба офтоббаро ба мазори ҳазрат берун мешуданд, даст ба рӯ мебурданд, дуо мехонданд, мурод металабиданд. Ҳоло ҳам руҳи поки Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф ёрашон шуда, он кас аз дами марг – аз маҳбас раҳо ёфта боз рӯ ба деҳа равонанд.

Аз зери чинори Ака гузаштанд, чинори ягонае, ки садсолаҳо дар даромадгоҳи деҳа мавҷуд аст, чинори сершохубарги сар ба осмон. Чаро онро чинори Ака мегӯянд? Шояд мардум аз ин ҷиҳат фикр намекунанд, эътибор намедиҳанд. Шояд замоне онро шахсе шинонда, об додаю парвариш карда, ки Ака ё эшони Ака ном дошт. Аз ин рӯ, баъди сараш чинораш бо номи ӯ зикр мешавад. Аз хок шудани эшони Ака кӣ медонад чанд садсола гузаштаю аз ӯ ном монда.

Эшони домулло Мирзо хело ба чинори сари роҳ, ба чинори Ака, ки сар то охир шоху навдаҳояш таги барф монда буд, назар андохтанд, истоданд ва боз роҳакӣ шуданд. Дар ду канори роҳашон боғ, боғи эшони Қорисӯфӣ, боғи эшони Абдулмӯъмин, боғи эшони Теша ва баъд зардолузор, боғчаи Қаҳҳор ва баъд хонаҳои аҳли деҳа, кӯчаҳои качу килеб, роҳравҳо, рӯи бому дар, ҳама бо барф пӯшида шуда. Олам сап-сафед, офтоби пагоҳ аз осмони софу мусаффо рух намуда, оламро зебоие фаро гирифта, зебоӣ баъди барф ва дами парешон гаштани нурҳои заросои офтоб. Эшони домулло Мирзо деҳа, боғу майдон, одамони онро пазмон шудаанд. Имрӯз Худо насибашон карда, ки ба деҳаашон биоянд. Озоданд. Дигар касе хабар намедиҳад, гунаҳгор гуфта эшонро намеҷӯянд. «Гуноҳҳояшон»-ро шустанд. Сафед шуданд, «Коғази Сафед» дар ҷайбашон. Ҳазорҳо раҳмат ба як марди рус, ки ғами он касро хурд, бародарвор мехрубонашон шуд. Дар дами марг сӯяшон давид, хидмат кард.

Аз шунидашон ӯ ҳам фарзанди кадом асилзодаи рус будаю аз зӯромад, ба ҳукумат хидмат мекард. Худовандо, ҳар куҷо бошад, бо зану фарзандонаш зинда бошад.

Он рӯзҳои зимистон, рӯзҳои хунуки қаҳратун эшони домулло Мирзо баъди аз ҳабс озод шуданашон дар ҳавлии падарӣ, дар деҳа мезистанд, зану фарзандон аз хонаҳои хешовандон ба ҳавлиашон баргаштанд. Чароғҳои солҳо боз хомӯш шудаи хонаҳои ҳавлии дарун ба дарунашон аз нав фурӯзон шуданд, равшанӣ, овози гапзанӣ пайдо шуда дар кулбаҳои солҳо беодам мондаашон.

Шогирдони эшон аз деҳаҳои Роҳатӣ, Дуоба, Оқчакман, Оқтоқ, Меҳтарӣ ва аз Ҳисору Ғозималик ва аз бисёр шаҳру манзилҳои дур боз ба наздашон омада дарс мехонданд… Корафтодагон, ранҷурон, дуоталабон ба суроғи эшони домулло Мирзо меомаданд. Ҳавлии даруну берун серодам, сермеҳмон. Дарвозаашон кушода, даробаро, меҳмонбиёию меҳмонгузорӣ. Эшони домулло Мирзо боз шӯҳраташонро пинҳон дошта наметавонистанд. «Эшони домулло Мирзо аз ҳабс озод шудаанд», гӯён мардум ба зиёраташон меомаданд. Думи меҳмон канда намешуд, деҳаи Нилкон аз туфайли эшон ба мисли зиёратгоҳ шуда буд. Аз ин ҳол «фаъолон»-и деҳа, ҷамоа боз ба ташвиш афтода буданд. Ба идораи ҳизби коммунисти ноҳия хабар расид, ки эшони домулло Мирзо аз ҳабс озод шуда, боз ҳавлиашон ҷои рафтуомади мардумони беҳисоб, эшон боз мактаб кушодаанд, боз дарс мегуфтаанд, боз дарди сар шуда эшони домулло Мирзо, боз ташвишу таҳлука. Ба ақидаи худашон бо ҳазор азоб эшонро дастгир карда ба ҳабсхона супурда буданд, то аз дасташон омадан сиёҳ карданд, хаёл доштанд, ки аз он кас халос мешаванд, бояд паронда мешуданд. Лек чи мегӯед, ки кадом як марди рус – сардори маҳбас ба эшони домулло Мирзо дӯсту бародар, эътиқодманд, «муридашон», кафил шудааст, шаҳодат додааст, сафед кардааст, ҷавоб додааст. Агар ҳамин тавр онҳо душманони ҳукуматро дастгир карда супоранду аз «боло» ҷавоб диҳанд, обрӯяшон наемонад, назди мардум беобрӯю забонкӯтоҳ мешаванд. Эшони домулло Мирзо барин бузургтарин уламо, пешвои дини Исломро монда, аз паи дастгир кардани нимчамуллоҳо шуда наметавонанд. Онҳо чӣ мегӯянд? «Ҳақиқат ҳаст ё нест?» гӯён ба по мехезанд. Аллакай чанде аз ҳамдеҳагони худи эшон норизоӣ карданд, ариза навишта ба идораҳои суду милисаи ноҳия даромадаанд. Дар ҳаққи эшони домулло Мирзо боз ҳамон гапҳо: домуллои зӯр, мардумро бар зидди ҳукумат мехезонад, душман. Дар идораи кумитаи ҳизби ноҳияи Роҳатӣ боз аз паи ба ҳабс гирифтани эшони домулло Мирзо афтоданд, ба суд, прокурор ва милисаҳо дар ин масъала фармоиш доданд, ин фармон дар давоми як-ду рӯз бояд ба ҷо оварда мешуд. Дар миёни аъзоёни ҳизб, кормандони идораҳои давлат одамони ҷонибдори эшони домулло Мирзо буданд. Якеи онҳо узви ҳизби коммунист Азизи Бой ном дошт, маҳз ӯ рӯзу соати аз нав ба ҳабс гирифта шудани он касро фаҳмида, шабона аз ноҳия ба деҳа шитофт. Эшони домулло Мирзоро пайдо намуд. Хабар расонд, таъкид кард, ки зуд бошанд, панаҳ шаванд.

Ҳамон шаби фасли баҳор эшони домулло Мирзо савори аспи самандашон боз аз ҳавлӣ баромаданд, боз рӯ ба мусофират оварданд. Чӣ тавре аз забони Иброҳимбек зикр намуда будем, аз ҳамон замонҳо обрӯ, эътиборашон дар

миёни қавми лақай зиёд, мепарастидандашон, «эшони домулло Мирзо пирамон», мегуфтанд.

Эшони домулло Мирзо дар чанд деҳаи лақайнишин рӯз гузаронданд. Аҳли ин деҳаҳо аксарашон назди он кас ҷамъ омада аз эшон сабақ меомӯхтанд, аз дунболашон намоз мегузоштанд, эшони домулло Мирзо пирашону онҳо муридони содиқ. Солҳои сол эшон ҳамроҳашон рӯз гузаронданд. Ҳоло аксари он деҳаҳо мавҷуд намондаанд, барҳам хурда, мардум кайҳо аз онҳо кӯч баста ба шаҳрҳо, ба мавзеъҳое, ки обёрӣ шудаанд, рӯ овардаанд, ҷои манзилҳои пешина, қадамгоҳҳояшон ҳоло чарогоҳ, чордевориҳо, як вақте одамнишин буда ҷои ин чарогоҳҳою чордевориҳо, номи он деҳаҳо аз қабили Кабку, Бедак, Рангонсой дар хаёли куҳансолон монда.

Дар деҳаи Бедак 25-30 буна зиндагӣ доштанд. Деҳае, ки дур аз ободиҳо дар миёни куҳ. Гирду атрофаш ҳама куҳ, сангҳои азими хонамонанд, сангҳо сурхчатоб, ҷигарӣ, тана ба танаи ҳам ё аз ҳам ҷудо ё наздиктар. Бомҳои аҳли деҳа ба лой андова шуда ё бо хору хасу қамиш пӯшида шуда. Дар яке аз ҳамин кулбаҳои паҳлуи сангҳои хонамонанд, эшони домулло Мирзо бо аҳли байташон мезистанд, кулбае, ки аҳли деҳа барои он кас ҷудо намуда. Аҳли деҳа ҳама қавми лақай, худоҷӯ, мехостанд нияти намозу рӯзаашонро бесаҳву хато омӯзанд, аз баду нек огоҳ бошанд, бо ҳамин ният ҳар рӯз ба кулбаи фақиронаи эшони домулло Мирзо меомаданд. Онҳо ташнаи маслиҳат, панд ва насиҳатҳои эшони домулло Мирзо, ташнаи омӯзиши дини мубини Ислом. Эшони Иброҳимхон, фарзанди бузургашон Азизхон, эшони Саъдуллохон, эшони Холхӯҷа, Эшонхон, эшони Зиёдуллохон, Толибхон, халифа Равшан, Бердиқул як муаллими самарқандӣ аз деҳаи Кабку ва аз ҳамин деҳа кампири Шарвон аз ҷумлаи толибилмон – шогирдони навашон. Баъзеи онҳо андаке соҳибилм ҳам буда, ҳоло боз баҳри давоми таҳсил назди эшони домулло Мирзо омада.

Деҳаи Бедак, чи тарзе зикр намудем, дар миёни куҳҳои баланд, дур аз ободиҳо ҷойгир буд. Лекин дар ҳамин ҷо ҳам эшони домулло Мирзо аз дасти сафеду сиёҳкунандаҳои ҳукумат халос наёфтанд. Қариб ҳар рӯз ба деҳа хабари атратомад (аъзоёни дастаҳо, гуруҳҳо – отрядҳои сурхро «атрат» мегуфтанд) паҳн мегашт.

Аз ду ҷониб ду роҳ дошт деҳаи Бедак. Яке аз болои деҳа, аз ҷониби куҳ рӯ ба нишеб, ба дара – ба деҳа, дигаре аз поёни деҳа – аз Рангонсой, ба мисли хати каҷу килеб ба дохили Бедак кашида шуда. Ҳар ду роҳ ҳам аз дуриҳо пеши назари мардуми деҳа намоён. Аз ин рӯ аз кадом роҳе одамони ба хаёли худашон шубҳанок пайдо мешуданд, эшони домулло Мирзо огоҳ мегаштанд. Дар ин мавридҳо аз ҳар хонае мардум сӯи кулбаи домулло мешитофтанд, «омаданд, эшони домулло, панаҳ шавед, зуд бошед», хабар мерасонданд.

Баъзан атратҳо тамоми хонаҳои аҳли деҳаро кофтуков мекарданд, «эшони домулло Мирзо куҷо?» мепурсиданд, вале он касро намеёфтанд. Баъзе аъзоёни отряд – атратҳо аз қавми лақай буданд. Онҳо шогирдон, муридони эшони домулло Мирзо, эътиқодмандонашон.

Якеи онҳо Қувондиқ ном дошт. Дар ҳамон давр шахсияти машҳур, командири шуҷои атратҳо. Дар қаламрави маҳаллаҳои ба ном Лақай – Тоҷик шӯҳрат ёфта буд. Ана ҳамон одами машҳур, қумандони баобрӯи ҳукумат ба

эшони домулло Мирзо мурид, яке аз дӯстони наздикашон.

Ҳодисаи нохуше дар зиндагии Қувондиқ рух дода буд. Шиносоии эшони домулло Мирзо бо қумандони атратҳо бо ҳамин сабаб пайдо гашт.

Дар аксари деҳаҳо аз амалҳои ношоистаи Қувондиқ норизо буданд. Ба сари мардум «ту душмани ҳукумат, ту бой, ту муллою эшон» гуфта рӯзҳои сиёҳ меовард. Молу амволи мардумро ғорат мекард, пулу мол, сарват ғун меовард, бегуноҳу бесабаб одамонро ба маҳкамаҳо мекашид. Онҳоро мезад, истинтоқ мекард. Дар муқобили ӯ одамон ҳеҷ коре карда наметавонистанд, ҳаволааш ба Худо мегуфтанд, дуои бад мекарданд. Мегӯянд, ки ҳеҷ кирдори баде назди Худованд пинҳон намонда. Одамон барои кирдорҳои бадашон, албатта ҷазо мебинанд. Шояд аз ҳамин ҷиҳатҳо буда, ки ҳамон шабу рӯз ба сари Қувондиқ Худованд рӯзи сиёҳ овард. Худо рӯзи ӯро ба сари бандаҳояш набиёрад.

Қувондиқ рӯзе ба бозори шаҳраки Куктош роҳӣ шудааст. Ягона фарзанди азиз – писарашро ҳам ҳамроҳ гирифтааст. Падару писар савори асп роҳ мерафтанд, писар дар қанҷиғаи падар.

Мераванд, мераванд, асп ва сараҳо монда мешаванд. Қувондиқ аспро нигоҳ медорад, пой аз узангу меканад, писарашро ҳам мефарорад. Ақлашро Худо гирифтагӣ барин банди аспро ба гирди миёни писаракаш печонда, гиреҳ андохта мефармояд, ки то баргаштани ӯ дар ҷояш нишинад, нахезад. Худаш паи даст ба хок, ба паси дарахте мегузарад. Аспи ҷавмаст як ҷо наистода фахос мезанад, шиҳа мекашад, беқарорӣ мекунад. Дар ҳамин ҳангом аз паси буттае харгӯше меҷаҳад, тирвор аз назди писарак гузашта аспро метуронад. Асп тур хурда рӯ ба гурез меорад. Писаракро рӯ-рӯи сангу кулӯх, хору хорбуттаҳо кашола мекунад, ба осмон мебардорад, ба замин мезанад, шиҳа мекашад, медавад, қарор намегирад. Қувондиқ дасту похурда, чи кор кардан нашро намедонад, аз паси асп медавад, меафтаду мехезад, пешпо мехурад, фарёд мезанад, дод мегӯяд. Лек бефоида. Асп ҳамоно дар давидан, рӯ ба гурез афтодан, дар ҳоли ба соҳибаш гӯш надодан. Дар дашти ба назар беохир касе ба имдодаш намерасад, Худо занад аспашро, бар падараш лаънат, дашном медиҳад, суханони қабеҳ ба забонаш меояд. Хам шуда аз замин санг меҷӯяд, бо санг ба сари асп задан мехоҳад, кому ҳалқаш хушк мешавад. Писаракаш, азизакаш, шояд ӯ тамом шуда, мурда. Вале чаро асп намеистад? Дилаш хунук намешавад. Аспро куштан лозим, вайро бояд ӯ кушад, мекушад. Камонаш ба хотир омад, аз китфаш гирифт онро. Мили камонро ба сари ин ҷонвари лаънатӣ, ба сари аспи бачакуш рост кард. Чӯт гирифт сари аспро. Садои тир, садои раъду барқмонанд даштро фаро гирифт. Асп чанд газ ба осмон рост шуду шиҳа кашид, баъд аз пой афтод, дигар наҷунбид.

Бо тарзи даҳшатвор ба ҳалокат расидани тифли маъсуми қумандони номдор Қувондиқ дар кулли деҳаҳои ноҳияи Лақай-Тоҷик овоза шуд. Ин фоҷиаи гӯшношунидро ба ҳар тарзу бо ҳар гуна мақсадҳо шарҳ медоданд. Мегуфтанд, ки аз касофатии Қувондиқ ин рӯзи сиёҳ ба сари бачааш омадааст, мегуфтанд, ки дар ҷавоби бадиҳои зиёди дар ҳаққи одамони бегуноҳ раво дидаш Худованд ба ӯ ҷазо дода. Хешовандон низ аз ӯ дилмонда шуда буданд. Ба ҷанозаи тифлаш ҳам одамон наомадаанд ва як мулло гӯё гуфта, ки ҷанозаи бачаи Қувондиқро нахонанд ва ҳатто мурдаи ӯро дар гӯристон роҳ надиҳанд.

Тифли бегуноҳ беҷаноза монда. Ин хабарро эшони домулло Мирзо мешунаванд. Мегӯянд убол аст, ки аз ҷаҳл ҷанозаи тифли бегуноҳро нахонанд, ҳамроҳи эътиқодмандон, муридон, шогирдон, одамони бисёре, ба деҳае, ки Қувондиқ он ҷо мезист, меоянд. Ҷанозаи он тифли номуродро мехонанд, худашон вайро ба гӯр мегузоранд.

Ҳамон рӯзҳо дар як деҳаи дигар низ ба ҳамин монанд воқеае рух медиҳад. Зане бешавҳар кудак таваллуд мекунад, тифл якуним-дусола шуда фавтидааст. Муллои деҳа ӯро ҳаромӣ ҳукм карда ба ҷаноза карданаш иҷозат намедиҳад. Ҳукм мекунад, ки он тифлро ба хок насупоранд. Дар порутӯда ӯро зери пору мекунанд. Эшони домулло Мирзо бар хилофи он мулло, тифлро бегуноҳ меҳисобанд, мурдаро аз зери пору берун оварда шустушӯ намуда, намози ҷанозаи ӯро мехонанд ва дар гӯристони мӯъминон дафн менамоянд.

Эшони домулло Мирзо бо ин амалҳои некашон дар деҳаҳои ӯзбекнишин бештар шӯҳрат ва обрӯ меёбанд. Хусусан, қумандони атратҳо Қувондиқ, баъди аз эшони домулло Мирзо дар лаҳзаҳои душвор ва пуразияти зиндагӣ мадад диданаш, дар ҷавоб намедонад чи гуна хидмати эшонро ба ҷо биорад. Худро мурид, эътиқодманди эшони домулло Мирзо меҳисобид. Фарзандон, аҳли хонадонаш эҳтироми он касро ба ҷо меоварданд.

Дар идораҳои махфии ноҳия маслиҳат шуда буд, ки шабона, эшони домулло Мирзо дастгир карда шаванд. Ба Қувондиқ супориш шуда, ки бо отрядаш ин вазифаро ба ҷо орад, пинҳонӣ, сирри махфӣ. Кадом шаб Қувондиқ ин вазифаашро ба ҷо биорад? Ба вай маълум накарда буданд.

Қувондиқ бо фаҳмидани ин супориш ба воҳима афтод. Наход ӯ эшони домулло Мирзоро дастгир карда ба ихтиёри ҳукумат месупорад? Қавми лақай чӣ мегӯяд? Бе ин ҳам бадном шудааст, радди маърака мешавад, дар хонадони худаш, зану фарзандонаш ӯро барои ин намебахшанд.

Ӯ ҳамон шаб, ҳамон лаҳзаҳои ин супоришро шунидан рӯ ба деҳаи Бедак – ба манзили эшони домулло Мирзо овард. Он касро пайдо намуд. Аз нақшаи ҳукумат эшонро огоҳ сохт, ба он кас маслиҳат дод ва баъд дар дили шаб аз назар нопадид гашт.

Вале кадом шаб ӯ баҳри дастгир кардани эшони домулло Мирзо ба деҳаи Бедак – ба миёни куҳҳои баланд меомад, худаш ҳам намедонист. Аз ин рӯ, баъди шунидани ин хабар шабҳо ба саҳар меомаду эшони домулло Мирзо мижа таҳ намекарданд, китоб медиданд, китоб мехонданд, варақ мегардонданд. Рӯи ҷойнамоз ба саҷдаю суҷуд машғул мешуданд, тасбиҳ мегардонданд, ба даргоҳи Худованд менолиданд, гӯш ба садо, садои тири Қувондиқ медоданд.

Қувондиқ гуфта буд, кадом вақте агар баҳри дастгир кардани эшони домулло оянд, албатта, бо роҳи сари куҳ ба деҳа медароянд. Ва чун ба сари қулла мерасидаанд, Қувондиқ бо баҳонае ба осмон ё ба ҷонибе тир мекушодааст. Садои рамзӣ, эшони домулло Мирзо бояд бишнаванд, тайёр бошанд, рӯ ба гурез оранд.

Қариб як ҳафта мегузашт, эшони домулло Мирзо мижа пеш намекарданд. Нахуфта шабҳои дарози зимистонро ба саҳар меоварданд. Саҳар боз ҳамроҳи мардум, бо муридон, шогирдон. Дарс мегуфтанд, шабу рӯзҳои зимистон ху-

нук, барф аз боридан наемонд. Шабҳо ҳолашон бедорӣ кашидан. Завҷаашон, модарам Маҳкамбибӣ, фарзанди бузургашон – бародарам Меликхоҷа хоҳиш мекардаанд аз он кас, ки лаҳзае ба ғанаб раванд, хоб кунанд, онҳо бедор меистодаанд, ваъда медоданд. Лек падар ҳавф мекашидаанд, мабодо фарзандон садои тирро нашунаванд, мабодо дар ғафлат монанд.

Эшони домулло Мирзо, инчунин, баҳри рӯ ба гурез овардан омода ва тайёр ҳам меистоданд. Дар пойҳо маҳсӣ, дар тан ҷома, чакман, салла баста онро ҳатто аз сар намегирифтанд. Кафшҳояшон дар пеш. Омода ва ҳозир буда, ки бо шунидани садои тир, «ё ҳу» бигӯянду аз ҷой бархезанд. Вале шаб мегузашту садои тир ба гӯшашон наомада дамидани субҳи рӯзи нав, равшан гаштани оламро медиданд, медиданд, ки ҳамсояҳо, аҳли деҳа баҳри аз паси эшони домулло Мирзо намоз гузоштан аллакай дар рӯи ҳавлӣ ҳозир омада.

Ниҳоят шабе, ки ҳанӯз барф меборид ва субҳдам наздик меомад, эшони домулло Мирзо, ки болои ҷойнамоз зикри Худоро доштанд, садои тир шуниданд, садое, ки даъват баҳри рӯ ба гурез ниҳоданашон, зуд, ҳар чи зудтар. Фарзандон, Меликхоҷа ҳам масти хоб. Танҳо завҷаашон ҳанӯз ҳамроҳашон бедор, он кас ҳам садои тирро шунида.

– Меравед, домулло? – завҷаашон ҳам аллакай бо эшон дами дар истода буданд.

Эшони домулло Мирзо ба завҷаашон ба тарзи ношунаво, хело паст-паст ҳарф мегуфтанд, саросема ва дар ҳарос буданд, бо ҳамин ҳол аз дари кулба берун рафтанд, ба паси сангҳо, ба оғӯши торикиҳо қадам монданд. Шаби тираю тор, шаби зимистони қаҳратун. Барф меборид, шамол. Эшони домулло Мирзо бо ҷорӯби дарозе изи пойҳояшонро аз болои барф руфта-руфта роҳ мерафтанд. Завҷаашон Маҳкамбибӣ дигар он касро намедиданд, садои пойминиашонро ҳам намешуниданд. Нигоҳашон ба ҷонибе, ки шавҳарашон рафта буданд, рӯймоли сарашон аз барф сафед шуда, хунук хурданд. Дилашон ба ҳоли «эшони домулло», ки аксар шавҳарашонро ҳамин тавр ном мебурданд, месӯхт. «Домулло» дар дили шаб нопадид шуданд. Тани танҳо куҷо рафтанд? Дар шаби зимистон рӯ ба ҳазор балою сиёҳиҳо? Рӯ ба даруни куҳ, ба дараҳо? Куҳу дараҳо пур аз гургу хирс, ҳайвонҳои одамхур. Аз эшони домулло чи гуноҳе гузашта, ки дучори ин қадар азиятҳо гаштаанд? Завҷаи домулло ақиб гаштанду ба хонаи гарм даромада дарро оҳиста аз пасашон бастанд.

Пагоҳӣ фарзандон аз хоб хестанд. Падари меҳрубонашон набуданд. Онҳо бехабар, ки шаб дар хонаашон чи гапу ҳодисаҳо рух дода. Нафаҳмиданд. Нафаҳмиданд, ки шаб хонаашон «атратҳо» омада ҳамроҳи қумандон Қувондиқ ҳама ҷо, то даруни оғилу коҳдон, алафхона ва ҳатто мурғхонаҳоро кофта, эшони домуллоро наёфта баромада рафтанд. Ҳама ҷойро кофтанд. Лекин ба молу ашё, чизу чораҳои хонаҳо, ба тифлакони хоб кордор нашуданд.

Ҳодисаҳои одамонро кофта ба хонаҳо даромадани силоҳдорон дар замони шӯравӣ ба сари падару модаронамон омада буд. Ин амалро одамоне ба ҷо меоварданд, ки ба забони ғайр, бо русӣ ҳарф мезаданд. Аксар гунаҳгоронро мечустанд, лек ба дигарон кордор намешуданд, молу ашёҳои хонаро намебурданд. Ҳамин ҳодисаи ба хонаҳо даромада одамонро ҷустани силоҳдорон дар рӯзҳои мо низ ба амал омада буд. Аз ёдамон нарафтааст. Аз миён чор–панҷ сол ҳам нагузаштааст. Замони ҷанги байни тоҷикон – байни ҳамзабонон

буд. Худо нишон надиҳад, агар силоҳдорон касе ё «гунаҳгоре»-ро ҷуста ба хонадоне медаромаданд, чи рӯзҳои нохуш ва гушношунидеро ба сари мардум меоварданд. Гӯё бегуноҳу гунаҳгор, кӯдакону пирони барҷомонда, занону духтаронро аз ҳам фарқ намекарданд, мепаронданд, мекуштанд. Даруни сандуқ, чойнак, миёни кӯрпа, таҳлиҳоро мекофтанд. Молу амволи хонаҳоро талаю тороҷ мекарданд, оташ мезаданд, ҳарчанд ба қавли худашон гунаҳгорро намеёфтанд.

Он пагоҳ модар ба фарзандон аз хусуси ҳодисаи шаб дар хонаашон ба амал омада ҳикоят карданд. Ва таъйини падарро ба фарзанди калон Меликхоҷа расонданд. Ҳаво ҳоло соф шуда осмон чун гунбазе нилгун, тоза, беолоиш, беғубор чун булур. Офтоб рух намуда. Хунук, олам ях баста, аз хунукӣ сангҳо гӯё дар куҳ пора мешуданд, мекафиданд. Дар ҳамин хунукӣ эшони домулло Мирзо аз шаб дар кадом як паси санг, дар куҳ панаҳ бурдаанд.

Меликхоҷа аз рӯи тавсияҳои падар, ки ба модар фармуда будаанд, чойники мисини пури чой дар даст, дар бағал нон ва дар дасти дигар табар аз хона берун шуда. Ба ногоҳ агар дар роҳ ба касе дучор ояд, аз ӯ суол шавад, ки куҷо равон аст, ӯ ҷавоб мегӯяд: Баҳри ҳезум, магар намебинанд, табар дорад, нон ва чой ҳам гирифтааст.

Ӯ аз деҳа дур шуд. Рӯ ба даруни куҳ, ба ҷониби дараи чашмаи Оби Шӯр мерафт. Падар аз гуфти модар дар ҳамин дара будаанд. Аммо дар паси кадом шаху даруни кадом ғор ва калфи санге? Намедонист. Бояд аз пайраҳаи танаи куҳ рӯ ба даруни он рафтан гирад, то куҷое, ки ӯро роҳ бибарад, пеш равад, худи падар Меликхоҷаро меёфтаанд.

Сари сангҳои баланд, болои теғаҳои куҳ нурҳои заросои офтоб афтода ҳама ҷо сап-сафед, куҳи баланди Бедак, теғаҳои сар ба осмон рафтаи он зери кӯрпаи барф монда. Шохаҳои дарахтони танаи куҳ, даруни дара аз барф хам зада, аз тобиши нурҳои офтоб ранги зарҳалӣ ёфта.

Меликхоҷа бо азоб, бо эҳтиёт аз пайроҳаи танаи куҳ пай мечид, пеш мерафт. Дар поён ғори ба назар бетаг, ваҳмовар. Андаке қадам бечо ниҳад, дигар худро нигоҳ дошта натавониста якнима нишеб мешуд. Дасту дил аз дунё мешуст, сарнагун ба ғор, ба чуқурии бетаги он мерафт.

Писар бо ҳоли пуразоб, бо дили пурҳарос ба хаёли падар роҳ мерафт. Аз куҷо он кас пайдо мешуда бошанд? Дар шабӣ чӣ тавр ба ин ҷойҳо роҳ ёфта омадаанд?

Роҳ мерафт Меликхоҷа. Ниҳоят овози пурмеҳри падар ба гӯшаш омад. Ба баландӣ, ба тарафи сангҳои азими калон-калон назар бурд.

– Меликхоҷа, бачам, – шунид нидои падарро.

Паҳлуи санги якнимашудае меистоданд. Дар сар саллаи сафед, либосҳояшон аз барф ҳам сафедтар. Рӯ ба Меликхоҷа, рӯ ба офтоб буданд. Нурҳои офтоб ба чашму рӯяшон афтода. Меликхоҷа афтодаю хеста, буттаҳо, сангҳоро дошта, ҷониби падар, ба баландӣ мебаромад. Дар паси санг – даруни куҳ ковокие, калфи азим. Ба мисли хона кушод, васеъ. Аз афташ пеш ҳам ин ҷо одамон омада ва зиста будаанд. Сангпораҳо болои ҳам чида шуда, дегдон буда. Сангҳо сиёҳ шуда, дудхӯрда, дудзада. Дар як канор ҳезум – шохаҳои хушк ғарам. Падар алов дар гиронда, дасту панҷаҳояшонро гарм

мекарданд. Ба Меликхоҷа ҳам дар лаби гулхан, дар паҳлуяшон ҷой доданд.

– Насибамон ҳамин будааст, бачам, гурезогурез, азоб. – Ҳарчанд падар пеши фарзанд алами дил изҳор карданӣ набуданд, лек ин ҳарфҳо ба забоншон омад ва ба даруни калфи санг, ба сангпораҳо назар андохтанд.

– Хона намеравед?

– Ҳама ҷоро кофтанд?

– Модарам гуфтанд, ки кофтанд, мо хоб будем.

– Бедор нашудед?

– Не.

– Модарат дигар ҳеҷ чиз нагуфтанд! Ягон таъйин накарданд? – Падарам дар деҳа ягона нафаре буданд, ки завҷаашонро аз рӯи эҳтиром шумо мегуфтанд.

– Гуфтанд, ки шуморо кобем, шуморо ёбем.

– Дигар намеомадаанд?

– Намедонам.

Рӯз қариб бегоҳ шуд. Офтоби рӯзи зимистон кайҳо ба паси куҳ гашта ба ҳама ҷо соя афтода буд. Меликхоҷа назди падар, ҳамроҳашон менишаст. Дили падарро миёни куҳсорон танҳо гузошта ба хона баргаштан надошт.

Аз рӯи маслиҳати қумандони атратҳо Қувондиқ минбаъда рӯзу шабҳои эшони домулло Мирзо даруни калфи санг, дар куҳ мегузашт. Наздашон шогирдон меомаданд. Даруни калфи санг ба мисле хона, мактаб. Гилемҳои пашмини тахта – тахта сиёҳу сафеди ӯзбекибофт густурдашуда. Болои кӯрпача ва болиштҳо китоб, рангдон, коғаз. Дегдон, табақ, пиёла, чойник. Хӯрок мепухтанд, чой дам мекарданд, оташи дегдон ҳамеша фурӯзон. Нафаре бо табар ҳезум мешикаст, шохаҳои хушки писта, арча, чӯбпораҳоро дами оташдон рӯи ҳам мечид. Назди эшони домулло китобҳо рӯи ҳам чида шуда. Китоби Қуръони Карим. Китоб мекушоданд, ба шогирдон сабақ медоданд. Қариб ҳар рӯз ба Меликхоҷа мефармуданд, ки фалону бисмадон китобро биорад. Ба хаёли ӯ қариб ҳамаи китобҳои хонаро ба ҳузури падар оварда. Ҳушу хаёли падар ба китобҳо, бо китобҳо дар гуфтор, дар сӯҳбат. Дур аз хона мезистанд. Аммо аҳли байташон осуда, ором, бехавфу ҳарос набуданд, атратҳо қариб ҳар рӯз ба хона меомаданд, эшони домулло Мирзоро мекофтанд, хонаҳои аҳли деҳ медаромаданд, таҳковӣ мекарданд, гап мегирифтанд, дар куҷо будани домулло Мирзоро мепурсиданд. Мардум, хурду калон, албатта ҷои пинҳон шудаи эшони домулло Мирзоро медонистанд, бохабар буданд. Лекин қавми лақайро одати неке буда: ҳама якгапа, якдаҳон, яксухан. Хиёнат намекарданд, эшони домулло Мирзоро пинҳон медоштанд, шабу рӯз нигаҳбонашон буданд.

Одамони ҳукумат ҳарчанд, ки борҳо ба ҷустуҷӯи эшони домулло Мирзо ба деҳаи Бедак омада, он касро наёфта бармегаштанд, лекин аз дастгир шуданашон умедашонро намеканданд, ҳис намуда буданд, ки домулло дар ҳамин ҷоҳоянд. Шабу ними шаб меомаданд, мекофтанд, «домуллоро ёбед, ҷояшро гӯед, пинҳон надоред», сиёсат, пӯписа мекарданд ҳамаро. Аҳли деҳа, хурду калон ба туфайли он кас дар азоб. Худи домулло, аҳли хонадонашон ҳам дар азоб. Қувондиқ ҳам гӯё дигар ба эшони домулло Мирзо ёрӣ расонда наметавонист.

Як шогирдашон, муаллим – муаллими мактаби деҳаи Кабку, дигар дӯсти меҳрубонашон аз ҳамин деҳа раиси колхоз Тӯрақул минбаъда пинҳон кардани эшони домулло Мирзоро ба ӯҳдаи худ гирифтанд. Гуфтанд, ки домуллоро ба деҳаи худашон – ба Кабку мекӯчонанд. Албатта дар он шабу рӯзи хуноки зимистон аз як ҷо ба ҷои дигар кӯч кашондан осон набуд. Касе дар фасли зимистон ҷои гарми худро хунук намекунад. Лекин аҳли оилаи эшони домулло Мирзо ноилоҷ монда буданд, аз туфайли падар ба сари тифлакони хурдсол ҳам рӯзи сахт омада. Падаршон «гунаҳгор», ҳама хурду калон дар рӯзҳое ки барф аз боридан наемонд, дар рӯзҳое ки ба гуфтае сагро занӣ, аз хонааш намебаромад, ҳавлӣ, хонаҳои гармашонро холӣ карданд. Аз рӯи маслиҳат шаб, ки барф акнун аз боридан монда, осмон софу беолоиш, ситоразор гашта буд, моҳи пурра олами бо барф пӯшидашударо равшан мекард, ҳусн медод, аҳли оила пиёдаю савора рӯ ба роҳи деҳаи Кабку оварданд. Роҳашон дар он шаби маҳтоб қад-қади сангоби Рангон, аз миёни дараҳою канори теппаҳои баланд мегузашт. Онҳо тамоми шаб роҳ паймуда, айни субҳдам ба деҳаи Кабку, ба манзили навашон, ба кулбаи лоини бомаш хаспӯш, ки баҳри онҳо ҷудо шуда буд, расиданд.

Деҳа ба назари эшони домулло Мирзо дилкушо. Кулбаҳои аҳли он, ки бомҳояш ҳама хаспӯш буданд, дар ҳамворӣ ҷойгир. Кулбаҳо ба назар кам, ба ҳисоб, 15 ё 20 хонавода. Аз канори шарқии деҳа оби сангоби Рангон ҷорӣ, аз ҷониби офтобшин дарае деҳаро аз теппаҳо ҷудо менамуд. Дар баҳорон теппаҳои атрофи Кабку сабзу хуррам, гулпӯш мегаштанд.

Аҳли деҳа аз он, ки эшони домулло Мирзо барин як шахсияти номдор, баландмартаба, олим ҳамроҳашон зистан ихтиёр кардаанд, шод буданд. Ба ҳамдеҳаи навашон, ба аҳли оила, фарзандони эшон ҳама меҳрубон. Ба гуфтае, ки мардуми деҳа об гарм мекарданд, ҳазрати домуллоро аз хотир намебароварданд, як коса ордоб ва як луқма нонро бо ҳам медиданд. Дар хаёлашон деҳаи хурдакаки камаҳолии онҳо аз туфайли эшони домулло Мирзо равшанӣ, нуру намуд пайдо карда. Ин равшанӣ ба мағз – мағзи ҷону дилҳо ҷой ёфта. Бо ҳидояти эшони домулло Мирзо мардум бо ҳам намоз мегузоштанд, бо ҳам шабҳо то дергоҳ менишастанд. Домулло бо онҳо аз гӯру қиёмат сӯҳбат мекарданд, китоб медиданд, китоб мехонданд. Мардум аз баду нек огоҳ мегаштанд. Муаллими деҳа ва раис ба эшони домулло Мирзо аз ҳама бештар меҳрубон. Онҳо ҳам мисли он кас мусофир. Муаллим аз Самарқанд, раис бухоронӣ. Завҷаи раис зани босавод. Дилдодаи осори Мирзо Абдулқодири Бедил, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ. Бо лаҳни хуш ва овози ширин китоб мехонд, шеърҳо қироъат мекард.

Пас аз чанд рӯзи ба деҳаи Кабку кӯчида омадани эшони домулло Мирзо ба сари шогирди азиз, дӯсти меҳрубонашон, муаллими деҳа нохушӣ омад…

Муаллим дар яке аз ҳуҷраҳои мактаб, ки ӯ он ҷо дарс мегуфт, мезист. Хонааш дар паҳлӯи синфхонаҳо. Аз дари хона, аз назди завҷа ва тифлаки хурдсолаш берун мешуду ба синфхона назди шогирдон ворид мегашт. Рӯзҳои зимистони ҳамонсола то рафт хунуктар мешуд, хунукии қаҳратун.

Муаллим ҳезум надошт, ки хонаашонро гарм созад. Чанд сари чӯб, тапак ва шохаҳои хушк, ки шогирдон оварда буданд, алов шуданд. Як-ду рӯзнома ва варақҳои даридаро ҳам болои алов монд, ба қавле онҳо як ҳур гуфта, оташ

гирифтанду хомӯш гаштанд. Хона ба мисли яхдон, аз зери равакҳо, аз сурохиҳои деворҳои андованашуда ба хона шамол медаромад. Тифли бемори муаллим забон дар даҳон нагирифта гиря мекард, мегиристу мегирист. Завҷааш ва муаллим чи тавр гарм кардани ӯро намедонистанд. Кӯрпачаҳоро болои гаҳвора партофтанд, лекин хона, ки гармӣ намеёфт, даруни гаҳвора сард, яхдон барин.

Ба ногоҳ ба хотири муаллим чанд пора тахта, тахтаҳои шикаста омад. Онҳо дар кунҷи як синфхона рӯи ҳам партофта шуда. Муаллим ноилоҷ монда буд. Бо дили пурҳарос ҳамон шаб муаллим ду тахтаи партаҳои шикастаро гирифта, бо теша майда кард. Дар дегдони миёни хона гулхан афрӯхт, хона гарм шуд, тифл ором гашт, ба хоб рафт. Аммо аз ин ҳодиса як-ду рӯз нагузашта, аз ноҳия одамони ҳукумат омаданд, онҳо хабар ёфта, ки муаллими сурх, чашми ҳукумат дар деҳаи Кабку мухолифи таълим ва тарбия баромада партаҳои мактабро шикаста, алов кардааст. Гуноҳи азим, вазнин, нобахшиданӣ, муаллим душмани илму дониш, душмани ҳукумат.

Муаллимро аз синф, аз назди шогирдон ва завҷааш бароварда, пешандоз карда бурданд, завҷаи муаллим дур аз хешовандон, дур аз зодгоҳ, дур аз Самарқанд, бесоҳиб, бесаробон монд. Дидори шогирди азиз, дӯсти меҳрубон, муаллими деҳа, ки маҳз ӯ хело беш талқин карда, ки устод аз деҳаи Бедак ба Кабку кӯчанд, дигар ба эшони домулло Мирзо насиб нагашт.

Ба эшони домулло Мирзо лозим омад, чанд соли дигар дар Кабку бизиҳанд. Ҷанг сар шуд, ҷанги дуюми ҷаҳон. Аз ҳамин деҳа акаам Меликхоҷа дар қатори ҷавонони лақай ба ҷанг сафарбар шуд. Инчунин, дар деҳа аз ҳар хонадон ба қадри имкон чизу чора, молу амвол ва маблағе ғун намуда ба ҷанг мефиристоданд ҷанг ба охир расида. Акаам аз ҷанг баргашт, тир хӯрда буд, маҷруҳ. Аз дидораш ҳама шод будем. Дили падарам мадору қувват гирифта.

Ана дар ҳамон рӯзҳои тамом шудани ҷанг, аз деҳаи Нилкон улавакиҳосавораҳою пиёдаи бисёр бо сардории раиси ҳамонвақтаи колхоз эшони Абдуқодир ба хонаи мо омаданд. Онҳо падарамро кӯчонда ба Нилкон бурданӣ будаанд. Мардуми деҳаи Кабку, ки солҳо эшони домулло Мирзо ҳамроҳи онҳо мезистанд ва эшон барояшон азизу гиромӣ гашта буданд, дар рӯзи кӯчиданашон, ҳама ношод, нохуш, хафаю маъюс шуданд. Аксарашон ашк мерехтанд. «Наравед, ҳазрати домулло, шумо пири мо, раҳнамои мо. Наравед, накӯчед», – илтиҷо доштанд. Эшони домулло Мирзо бо сари хам рӯ ба мардум, рӯ ба офтоб, ки аз паси теппаҳои канори сангоби Рангон рух менамуд, меистоданд. Қомати баландашон баҳри тавозӯъ, сипосгузорӣ хам зада. Саллаи сафед дар сар, дастҳо пеши бар, аз аҳли деҳа чи навъ изҳори миннатдорӣ карданашонро намедонистанд. Қавми лақай дар рӯзҳои сиёҳ, дар рӯзҳои сахт мададгорашон буданд, гоҳе дар хонаҳо – дар ҷои ҷонашон пинҳонашон мекарданд. Ноилоҷ монда буданд эшони домулло Мирзо. Улавҳои беҳисоб, ки кӯчи эшони домулло Мирзо ба онҳо бор карда шуда буд, дар он пагоҳирӯзии баҳори соли 1947-ум ба роҳ баромаданд. Эшони домулло Мирзо ба ақиб, ба Кабку, ба аҳли он назар андохта наметавонистанд. Аммо нигоҳи аҳли деҳаи Кабку, қавми лақай ба он кас, ба улавҳо буд.

* * *

Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ андаке оромӣ ба амал омад, гӯё дигар ту эшону мулло гуфта одамонро намечустанд. Мардум боз дар орзуе, ки дар масҷид ҷамъ оянд, намози бо ҷамоа гузоранд. Бо ҳамин мақсад эшони домулло Мирзоро ба деҳа кӯчонда оварданд. Одамон боз, ягон-ягон бо дили пурҳарос ба масҷид меомаданд, меҳаросиданд, ки барои намози бо ҷамоа гузоштанашон гунаҳгор ҳисобида нашаванд. Чашмашон аз ҳукумат тарс хурда буд. Лангари ҳукумат дароз, як рӯз не як рӯз «гунаҳгорон»-ро ҷазо медиҳад. Ин хел ҳодисаҳо бисёр рӯй додаанд, мардум медонанд. Бо хаёли ноосуда одамон масҷид меомаданд. Атрофи мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатифро об зада, рӯфта, тоза мекарданд, сабзаю себаргаҳои саҳни масҷидро об медоданд. Шабҳо чароғҳои масҷид фурӯзон, масҷиди деҳа аз нав обод мегашт. Эшони домулло Мирзо ҳамон асои суп-сурхи чӯби бодомии белчадорашон, ки аз Бухоро оварда буданд, дар даст аз минбар назди намозхонҳо амри маъруф мекарданд, рӯзҳои ид, намози ҷумъа хутба мехонданд.

Мухлисону муридон, эътиқодмандони эшони домулло Мирзо ба Нилкон омаданашонро шунида, аз дуру наздик боз ба зиёраташон меомаданд. Аз амри маъруфи эшон баҳравар гашта, дар масҷид аз пасашон намоз мегузоштанд, «эшони домулло Мирзо гуфта мо ба масҷиди Нилкон мебиёем, ба хотири ҳазрати домулло», мегуфтанд. Ҳисоби намозгузорон меафзуд, ҳисоби шогирдонашон ҳам. Ҳарчанд медонистанд, ки таълими дину шариати Ислом гуноҳ ҳисоб меёфт, барои ин «гуноҳашон» гирифтори маҳбас гашта буданд. Дар Бухоро хидмати пирашонро ба ҷо меоварданд. Заҳмат кашиданд. Дуо хостанд аз он кас. Вазифадор шуданд, ки умрашонро сарфи роҳи дину шариати Ислом мекунанд. Дар дунё аҳли илм зиҳад, ки аз ӯ шогирд монад, шогирд давоми илм, давоми умр, давоми зиндагӣ. Ҳамон рӯзҳо эшони Абдулмуъмин, эшони Сайиднеъматулло, эшони Муъминхон, эшони Абдуқодир, Эшонҷон, эшони Занбӯр, эшони Аҳмадхон, эшони Аъзамхон, эшони Муллохӯҷа, бародарон эшони Маллаҳхону Туфон, эшони Сироҷхон, эшони Умархон аз деҳаи Нилкон, эшони Санг, мулло Шариф аз Дуоба, мулло Салим аз Меҳтарӣ, мулло Мингитӯра ва мулло Қайнари турк аз Ҳисор, мулло Зубайдулло, мулло Бобохон, мулло Зариф аз Оқчагман, мулло Солеҳу мулло Сайид аз Роҳатӣ, мулло Абдусалом аз деҳаи Оқтоқ аз зумраи шогирдони онрӯзаи эшони домулло Мирзо буданд. Шогирдонашон дар ҳавлии худи эшони домулло Мирзо, дар ҳуҷраҳои масҷид мезистанд. Он рӯзҳо ба беш аз 150 нафар муллобачаҳо дарс мегуфтанд. Инчунин, устод аз шогирдон талаб мекарданд, ки ба корҳои колхоз мадад расонанд. Худашон ҳамроҳи аҳли хонадон – зану фарзандон ҳамеша бо колхозчиён кор мекарданд. Он солҳо дар деҳаҳои ҷамоаи Роҳатӣ пахта намекориданд, об набуд. Баъдтар канал канда аз дарёи Кофарниҳон ба ин ҷо об оварданд. Мардум дар айёми пахтачинӣ осуда набуданд. Хурду калони деҳаҳои ҷамоаи Роҳатиро барои пахтачинӣ ба колхози ҳамсоя – ба колхози ба номи Ленин мебурданд. Дар давоми ду-се моҳ мардум хонаҳояшонро намедиданд. Шабу рӯзашон дар даруни ҷӯякҳои пахта мегузашт, аз субҳ то шаб пахта мечиданд. Эшони домулло Мирзо ҳам бо аҳли хонадон – бо зану фарзандон ҳамроҳи ҳамдеҳагон пахта мечиданд, ба онҳо ёрӣ мерасонданд. Аз ин ҷиҳат аз эшони домулло Мирзо роҳбарони

колхоз, фаъолони ноҳия розӣ, қаноатманд буданду он касро эҳтиром мекарданд. Баъд дар он солҳои баъди ҷанг фармоиш шуда, ки эшони домулло Мирзо вазифаи имомхатибии масҷиди ҷомеи ҳазрати Мавлоно Яъқуби Чархиро ба ҷо оранд. Роҳашон дур, аз деҳаи Нилкон ба масҷиди Мавлоно Яъқуби Чархӣ рафта меомаданд. Солҳо мегузаштанд, шогирдонашон ҳамроҳашон.

Аввалҳои баҳори соли 1950-ум бемор шуданд, бемориашон давом меёфт. Шогирдонашон, аз ҷумла, охунди мулло Сайиднеъматулло, эшони Занбӯр, эшони Абдулмуъмин, эшони Санг, мулло Шариф, мулло Абдусалом ва домоди калониашон эшони Миён Абду Борӣ ҳамроҳашон, чи хеле мегӯянд, он касро бардорумон мекарданд. Домодашон Миён Абду Борӣ аз рӯи нишондоди духтурҳо аз дорухонаҳои Душанбе барояшон доруворихо меовард. Доруҳоро бо маслиҳати домодашон истеъмол мекарданд. Вале нишонаҳои сиҳатёбӣ ҳис намешуд.

Ба замми ҳамаи дарду заҳмат, дар рӯзҳое, ки бемориашон вазнинтар мегашт, аз ноҳияи онвақтаи Роҳатӣ, ки ҷамоаи Роҳатӣ ба ҳудуди он ҳамроҳ буд, хабар омад, ки боз аз паи дастгир кардани эшони домулло Мирзо афтодаанд. Ҳамон рӯзҳо аҳли деҳаи Роҳатӣ чун пагоҳие аз хоб хестанд, диданд, ки дарвоза, дару дарбачаҳои хонаи Абдураҳимбой ба пушт кушодаю аз аҳли хонадон ному нишон намонда. Онҳоро ба Сибир бадарға карда будаанд.

Хабар омада, ки эшони домулло Мирзо низ ба Сибир бадарға мешудаанд.

Лозим омад дар рӯзҳои охири умр боз рӯ ба гурез оранд.

Ҳамон сол эшони Насриддин аз деҳа берун, дар наздикии боғҳои ангур замин гирифта, хонаю ҳавлӣ бунёд мекард. Деворҳои хонаҳояш ду-се похсагӣ баланд шуда буданд. Даруни хонаҳо алафзор, алаф баланд. Шаб, ҳангоме, ки ҳама ба хоб рафта буданд, шогирдон ва фарзандон эшони домулло Мирзои беморро миёни гилем бардошта аз деҳа берун ба ҳамин хонаҳои нимкорабунёди эшони Насриддин оварданд. Болои кулӯхтӯда, алафҳои баланд барояшон ҷойхоб густурданд. Дард азияташон медод, нафасашон кӯтоҳӣ мекард. Дарун-дарун сӯхта сиёҳу кабуд мегаштанд, лек баланд нолиш карда наметавонистанд, тоб меоварданд. Ситораҳо болои сар дурахшон, нурафшон, осмон софу беғубор. Вале ҳамаи ин манзараҳо ба назари бемор ва фарзандонашон наменамуданд. Мору калтакалосҳои дашт ба ёд намеомад. Аз одамони ҳукумат дар ҳарос буданд. Лаҳзае, ки андаке аз дард фориғ мегаштанд, чашм мекушоданд, чашмашон ба ҷойхоб, ба тифлаконашон меафтод. Онҳо низ ҳама гӯё бедор, баробари падар дард мекашиданд, ҳама дар ҳарос. Шогирдон ҳам саргардон, дар ташвиш. Як умр рӯзи орому осудагӣ надидаанд эшони домулло Мирзо. Ҷояшон ҳабсхонаҳо, даруни коҳу алаф, даруни калфи сангҳо. Ҳолашон гурезогурез. Дар рӯзҳои сарашон ба болин омадан низ гуреза шудаанд. «Гунаҳгор» будаанд, гуноҳашон рӯзаю намозашон, гуноҳашон илмашон, шогирдонашон…

Боз гуноҳашон дар он буда, ки тавассути амалу рафтору кирдори нек овозадор шудаанд, пурбардошт, хоксор, бекина буданд. Хислатҳои неки эшони домулло Мирзоро мардум имрӯз ба хотир оварда ба якдигар панд медиҳанд.

Айни намози аср будааст, масҷид мерафтаанд, сари роҳ мебинанд, ки ду нафар бо ҳам дарафтода, бо ҳам дар хархаша, ҷанг. Яки онҳо бародари худа-

шон эшони Маллаҳхон ва дигаре як ҳамдеҳаашон эшони Раҳим. Эшони Раҳим Маллаҳхонро мезадаанд, сару рӯи бародари падарам пури хун. Эшони Раҳим ба халосгарҳо тан намедодаанд, ба сари бародари падарам медавидаанд. Падарам ин ҳолро дида, чи хеле гӯянд, чашмашон сих зада, тоқат накарда, ба миён медароянд, эшони Раҳимро як шаппотӣ мезананд. Аммо баъд пушаймон мешаванд, дар азоби руҳӣ мемонанд, фикр мекунанд, ки кори нохуб карданд. То намози шомро хондан тоқаташон намонда, баъди адои намози аср ба хонаи эшони Раҳим мешитобанд, аз он кас бахшиш мехоҳанд, узр мепурсанд. То имрӯз мардум ин амали эшони домулло Мирзоро ба хотир меоранд.

Ҳоҷӣ Қосим, ки синни эшон ба ҳаштод расидааст, гоҳе агар сухан аз эшони домулло Мирзо ба миён ояд:

– Истед, истед, ман як гап мегӯям, – гӯён хаёли ҳамаро ба худ мегирад ва сипас сулфида-сулфида ба ҳикояташ сар мекунад:

– Ман, – ва такроран боз, – ман, гуфта чун одат тӯпии куҳнаи офтобхӯрдаашро аз сар гирифта сари зону хеста давом менамояд: – садқаашон шавам, эшони домуллоро хуб дар хотир дорам. Дар болои боғи эшони Искандархон палак доштаанд, чи дурӯғ гӯям, ҳакмон вақт ҳам бачаи бечуруқ, беодоб будам, бо бачаҳо ҳар рӯз ба харбузадуздӣ мерафтем. Медонистем, ки ҳазрати домулло парво надоштанд, ки кӣ харбуза медуздаду кӣ харбуза мехӯрад, лекин домодашон Саъдулло бадқаҳр буд, – ва Ҳоҷӣ Қосим медид, ки дар маърака ҳама ба вай гӯш медиҳанд, ба шавқ омада хандида-хандида давом менамуд: – Ба Худо мӯйсафеди Саъдулло ҳоло ҳам гизала аст. Ҳамон рӯз вай маро вақти харбуза дуздиданам қапид, дошт. Эҳ, бовар кунед, вай ин қадар бераҳм аст, маро мезад, доду фарёд зада гирдаш мор барин мепечидаму вай маро бо як химчаи хордор мезаду мезад. Дар арвоҳашон мурам ҳамин вақт эшони домулло, ки дар болои чойлоб менишастаанд, ҳоли маро дида аз чойлоб фаромаданд, маро халос карданд, оби дидагонамро бо рӯймолча пок карда ба болои чойлоб баровардаанд. Харбуза куштанд, харбузаро тилим-тилим карда «хӯр, бачам, хӯр», гуфта меҳрубониам карданд, баъд Саъдуллоро сарзаниш карда чанд харбузаю тарбуз чида дар як рӯймол баста ба дастам доданд ва гуфтанд, ки агар харбуза хоҳам назди худашон биоям, лек дуздӣ накунам.

Соҳибкаромот ҳам будаанд эшони домулло Мирзо.

Дар деҳа Бӯрибой ном шахсе мезиста. Фарзандонаш имрӯз дар қайди ҳайётанд. Бӯрибойро ҳамин хел ном, вале фақирона мезиста. Боре вақти намози шом ӯ дар тани эшони домулло Мирзо хилъати зебое мебинанд, ҳавасаш меравад, аз дил мегузаронанд, ки кош ҳамин гуна хилъат медошт.

Рӯзи дигар эшони домулло Мирзо баъди адои намози бомдод, Бӯрибойро наздашон хондаанд, меҳрубонона пурсупос карданд ва баъд хилъаташонро аз тан бароварда ба ӯ пӯшондаанд.

–Чаро? Барои чӣ, эшони домулло? –Бӯрибой дар ҳайрат шуда.

–Пӯшед, Бӯрибой, насиб кунад.

–Ба Худо эшони домулло, ман бегоҳ аз дил гузаронда будам, хуб накардам, ин хел накунед, – дар чашмони ӯ ашк ҳалқа мехӯрад.

Муҳаммадэргаш аз деҳаи Оқчакман имрӯзҳо ягона устои чукбур дар

ҷамоаи Роҳатӣ ҳисоб меёбад. Фарзанди мулло Зубайдуллои шогирди падарам. Ӯ ба хотир меорад:

– Ҳамон шабе, ки вай ба дунё омада, барф меборида. Субҳгоҳ дарвозаашон куфта мешавад. Мулло Зубайдулло дарвозаро кушода устодаш эшони домулло Мирзоро мебинад. Савора, сару либосашон, пешотанаи асп пури барф. Чӣ сабаб шуда, ки эшони домулло пагоҳӣ қатӣ омадаанд. Вай ҳанӯз аз олами ҳайрат берун наомада, ки устод ба сухан омадаанд:

–Мулло Зубайдулло, муборак шавад, – ва ӯро бештар дар ҳайрат мононда афзудаанд: – писар муборак.

Эшони домулло чӣ мегӯянд? Табрик мегӯянд? Барои соҳиби тифл шуданашон? Аз куҷо донистаанд? Боз писар буданашро ҳам медонанд? «Тавба, тавба», гуфта гиребон гирифта мулло Зубайдулло. Устодро ба хона мехонад. Домулло дуою фотиҳа хондаанд, умри тифл дароз шавад гуфта ва баъд пурсидаанд, ки ба писар чӣ ном гузоштанианд.

–Эргаш, – ҷавоб гуфта мулло Зубайдулло.

–Эргаши холӣ? – ва афзуданд: – Муҳаммадэргаш гӯед.

Имрӯз Муҳаммадэргаш марди солхӯрда.

Эшони домулло Мирзо меҳаросиданд, ки бадарға, мусофирхок нашаванд. Ба Сибир мебурдаанд, аҳли байташонро ҳам. Ҳама раҳрезу рӯрез, ҳамаи азобҳо аз туфайли эшони домулло Мирзо. Ҳамеша пои ботаҳорат буданд, даст ба дуо мебардоштанд, рӯ ба осмонҳо ба даргоҳи Худованд менолиданд, мурод металабиданд, мехостанд, дар деҳаи азизашон хокдон ёбанд, мехостанд, ҷанозаи боҷамоа бубинанд, орзу мекарданд, ки одамони ҳукумат бо чашмони худашон бинанд, ки эшони домулло Мирзо аз олам гузаштаанд, мехостанд бубинанд, ки он касро ба хок гузоштаанд, мехостанд умедашон баъди ин канда шаваду аҳли хонадони эшонро ба ҳоли худашон гузоранд.

Рӯзу шабҳо мегузаштанд, ҷои эшони домулло Мирзои бемор ҳанӯз дар беруни деҳа, даруни ҳамон чордеворӣ, хонаҳои нопӯшонида, нимсохти эшони Насриддин. Аз рӯи эҳтиёт рӯз равшан, ки мешуд, даробарои хурду калон ба он чордевориҳо қат меёфт. Ҳама ҷо ҷимҷит, хомӯшӣ.

Шабҳо шогирдон боз ҳамон охунди мулло Сайиднеъматулло, эшони Абдулмуъмин, эшони Занбӯр, мулло Шарифи дуобачӣ, мулло Абдусаломи оқтоқӣ, эшони Санги дуобачӣ ҳамеша ҳамроҳашон. Ҳама баумеде, дар орзуе, ки эшони домулло Мирзо сиҳат меёбанд. Ва аз рӯи гуфтаи духтурон, табибон, табобат мекарданд. Лек ягон тадбиру амалҳо манфиат намеовард. Ҳолашон беҳ намегашт.

Рӯз аз ним мегузашт, офтоби моҳи аввали тобистон ҷониби ғарб майл менамуд, вазъи бемор ноҷо, ба ҳоли худ мешуданд, ҳама парешон.

– Эшони домулло, эшони домулло, устод, – гӯё бо фарёд, бо овози баланд беморро ба худ овардан мехостанд, чи кор карданашонро намедонистанд хешовандон, наздикон, фарзандон, шогирдон. Ашк гулӯгирашон. «Пирам, эшони домулло, устод, чӣ мекунед, худатонро ба даст гиред», боз баланд мегашт овози шогирдон.

– Лаббай, – чашм кушоданд, ба ҳуш омаданд. – Маро баред, аз ин ҷо баред, хона баред, – талаб карданд.

Эшони домулло Мирзо беҳуда, бесабаб, ин хел талаб ба миён нагузошта

буданд, ҳолашон ба худашон маълум. Лаҳзаҳои ба ҳисоб монда аз умрашон, паймонаашон пур шуда. Дигар ҷои андеша ва ҳаросашон намонда. Одамони ҳукумат акнун ба он кас дар дами марг чӣ ҳам мекарданд.

Аллакай он бегоҳирӯзии охири моҳи июни соли 1950-ум ҳавлии эшони домулло Мирзо серодам гашта буд. Миёни хонае, ки ҷои ибодат, тиловаташон буд, рахти хоб густурдаанд. Охунди мулло Сайиднеъматулло ва шогирдони дигарашон болои сари устод. Мулло Абдусалом, эшони Санг ва мулло Шарифи дуобачӣ бонавбат ҳазрати Ёсин мехонданд, лаҳзаҳое буд он дам, ки эшони домулло Мирзо ба худ набуданд, бехудона ҳарф мезаданд.

– Ана, ҳавзи Оби Кавсар, дар дами мавт об мехоҳад кас, об – об мегуфтанд. Ва боз гоҳе назарашон аз тиреза ба берун, ба рӯи ҳавлӣ, ба ҷониби боми меҳмонхона мегашт. Ва бехудона боз ба сухан меомаданд:

– Ана, бинед, мулло Сайиднеъматулло, – ба шогирдон муроҷиат карда меафзуданд, – мебинед-а?

– Ҳа, устод, мебинем, – суханҳои бехудона ба забон овардаи устодашонро тасдиқ менамуданд, – мебинем, устод, мебинем, – такрор мекарданд шогирдон.

– Дидед-а?

– Ҳа, устод.

– Фариштаҳо аз осмон мефароянд, саф гирифтаанд, намоз мегузоранд, маро даъват доранд, пеш гузарам, эшони домулло Мирзо мегӯянд, онҳо ҳама маҳтали мананд, маро бардоред, ёрдам расонед, дастамро гиред… Бардоред… Меравам…

Он рӯзи моҳи аввали тобистони соли 1950-ум, вақти зардолупаз пагоҳӣ қатӣ роҳу роҳрав, кӯчаҳо, даруну беруни масҷиди деҳа пури одам шуд. Ҳама гӯё аз тамоми Тоҷикистон ба ҷанозаи эшони домулло Мирзо омада буданд. Ҳазорҳо нафар ҷанозахон, онҳое ки забони каҷашон назди эшони домулло рост шуда. Ҳамномашон мулло Мирзои ҳофиз дар саҳни масҷид миёни одамон нола дошт, суруди мотам мехонд. Бо ҳар як фароварди суруди ӯ мардум ҳамовозаш мешуданд, оҳу нола, фиғон ба осмон. Намояндагони ҳукумат ҳам, ки аз ноҳияи Роҳатӣ омада буданд, дар маъракаи дафни эшони домулло Мирзо ҳозир. Аз афташ, кори онҳо сабук гашта, ки дигар аз паи ба Сибир бадарға кардани он кас намешуданд, умедашон канда. Ба идораҳои махсус бо тантана ҳисобот медоданд, ки эшони домулло Мирзо аз олам гузаштанд. Раиси колхоз Кенҷа Юнус, фаъолон, одамони гапраси деҳа Нарзуллои Мелик, эшони Аҳмадхон, эшони Маллахон, Абдуллои Муъмин, Саъдуллои Ислом, аз деҳаи Роҳатӣ Боймуҳаммад раис, Холи Уроқ, Бӯрии Тоҳир, гӯё ҳама соҳиби мурдаи эшони домулло Мирзо буданд. Меҳмонон, одамони аз дуру наздик омадаро пазироӣ мекарданд. «Ҳо бача, аспи фалончаро соҳиб шав, фалонча, чой биёр, якҷо наист, пеш гузар», гуфта ба ҳама фармоишҳо медоданд. Ҳанӯз ҳангоми дар қайди ҳаёт буданашон эшони домулло Мирзо аз ҳамдеҳагон барои манзили абадиашон аз паҳлуи мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф се газ замин хоста буданд. Аз ҷавонӣ, аз солҳои дар Бухоро таҳсил доштанашон орзуяшон буд, мурод металабиданд. Аз рӯи васияташон шогирдашон охунди мулло Сайиднеъматулло ва эшони Араб, эшони Умар миён баста ба обу арақ ғутавар шуда бо белу каланд баҳри устод манзил меканданд.

Он рӯз дар саҳни масҷиди деҳа, ки як умр эшони домулло Мирзо ин ҷо, бо аҳли деҳа намоз мегузоштанд, хидмат мекарданд, тобуташонро гузошта буданд. Ҳазорон нафар дар саҳни масҷид намози ҷанозаи эшони домулло Мирзоро хонданд ва баъд он касро дар ҳамин ҷо, дар канори мазори Ҳазрати Сайид Шоҳабдулатиф ба хок супурданд. Имрӯз мадфанашон обод, зиёратгоҳи аҳли деҳа шуда. Масҷиди ҷомеъи деҳа ба номашон:

Масҷиди ҷомеъи ба номи
эшони домулло Мирзо.
(1876–1950)

ҲИКОЯҲО

ЧАНД РӮЗ ВАЗИРИ ФАРҲАНГ БУДАМ

(Ҳикояи воқеӣ)

Он рӯз аз пагоҳӣ серкор будам. Дар нашриёт бо мудирони шуъбаҳо нақшаи чопи китобҳоро барои соли 2002-юм муҳокима мекардем. Баъд сим заданд, ки соати ёздаҳ ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанг барпо мегашта. Чун раиси нашриёти «Адиб» ва узви ҷаласаи ҳайати мушовара дар он иштирокам зарур буда. Ҷаласа хеле тӯлонӣ шуд, то ба дариҳои ҳамон рӯз давом ёфт. Баъд вазир ба банда гуфтанд, ки дар Театри опера ва балет боз як ҷамъомаде баргузор мегардидааст, ҳамроҳашон бояд дар он ширкат менамудаам.

Ҳамин тариқ, баъди анҷоми корҳо, вақте рӯ ба деҳа овардам, ки (дар деҳа мезистам) рӯз торик мешуд. Чун ба деҳа расидам, осмон пур аз ситора буду моҳи мунир дар миёни он ҷилванамоӣ мекард. Аҷаб равшании дилпазире, аҷаб манзара, манзараи шабҳои деҳа. Мехостам ба паси дарвозаи ҳавлиамон расида, аз мошин фурояму лаб-лаби ҷӯ то ба дуриҳои дур равам. Мисли ҳаршаба гӯш ба оби шаршараи зери чормағзҳои лаби ғор ва нағмасароии чирчиракҳо дода, аз ташвишу гапу ҳарфҳои онрӯза фориғ гардам, дам гирам. Вале, чун ба ҳавлӣ наздик шудам, ҳар ду табақаи дарвозаамонро боз дидам. Завҷаам (руҳаш шод бод) дар дами дарвоза мунтазирам буд.

– Ба ҳавлӣ дароед, – гуфт шодона.

Мошинро дуртар аз дарвоза, зери дарахтони себ, ки ғарқи гул буданд, гузоштам. Чароғҳои миёни ҳавлӣ фурӯзон. Дари меҳмонхона кушода, ба он даробаро доштанд. Дар пешайвон хоҳарам ва раҳматии хоҳарбузургам Хосиятбону, боз чанд зани дигар, ҳамсояҳо.

– Муборак шавад, – дар лабони ҳамсарам ханда шукуфт.

– Муборак шавад, язна, – додарарӯсам Атохоҷа пеш омад. Даричаи тарафи ҳавлии ҳамсоя боз гашта, раҳматии эшони Асохӯҷа хандон-хандон намоён шуданд. Апаам, хоҳарам, занҳои ҳамсоя гирди банда халқа хӯрданд. Ҳама «муборак бошад, муборак!» мегуфтанд. Ба чӣ муносибат муборакбодиам мекарданд? Намедонистам. Ҳамон рӯзҳо китоби дуюми романи «Дар орзуи падар» ба табъ расида буд, албатта, онро кирои ин қадар хушию муборакбодиҳо намеҳисобидам. Аз ҷиҳати дигар рӯи нашр омадани китобҳоям бароям нав набуданд. Китоби нахустинам қиссаи «Ситораи умед», ки боиси хурсандии беинтиҳоям гашта буд, кадом солҳое чоп шуда буд.

– Чӣ муборак шавад? – бо тааҷҷуб пурсон шудам аз хешовандон, ки шодона ба ман менигаристанд.

– Хоксорӣ мекунед, боваи Иқбол,-завҷаам ҳамеша ҳамин тавр номи писарамро гирифта, бо ман гап мезад.

– Бародӣ, намедонам барои чӣ муборак мегӯетон?

– Медонед, лекин моҳона месанҷед, моҳон ҳам фаҳмидем, ҳа, фаҳмидем, – ба завқ хандид ҳамсарам.

– Чиро фаҳмидед?

– Вазир шудед.

– Чи-и-и, вазир шудам?!

– Монед-е, ҳозир ҳам пинҳон медоред? Чӣ мо бегонаем?! – ҷавобам ба завҷаам нафорид.

– Язна, бовар кунед, ҳамаамон хурсанд шудем. Вазирӣ вазифаи андак нест, Худо рӯмона сурх кардааст. Очаи Олия! – Атохоҷа апаамро нидо намуда афзуд: – Ҳамин хел меистетон?

– Чӣ кор кунем, Атоҷон?

– Сафедӣ биоред, пеши пои язнам пойандоз партоед, мавиз чорчала кунед.

– Муборак шавад, – эшони Асохӯҷа бағал кушода оғӯшам карданд, аз хурсандӣ чи гуфтанашонро надониста. – Оббое, аҷаб коре шудае. Ба Худо, Шумо эшони Кароматуллоҳ ба вазирӣ ҳам меарзед. Хайрият, аз ҳамин тарафҳои ҷамоати Роҳатии мо ҳам вазир мебаромадааст. Нав аз Роҳатӣ муаллим Солеҳов Теша сим зада хурсандӣ карданд, гуфтанд, ки ҳамсояҳояшон қати меоянд.

– Атохоҷа,-эшони Асохӯҷа ба додарарӯсам рӯй оварданд, – аз Роҳатӣ, баъд барои муборакбодӣ мардуми қишлоқи худамон меғараманд. Тайёриатона бинед, ҷой соз кунед, баъд ягон мол кушетон, Худованд ин хел рӯза ба ҳар кас лоиқ намебинад, миёнро маҳкам банд, Атохоҷа!

Аз ин гуфтугузорҳо бештар дар ҳайрат афтодам. Лаҳзае нагузашта аз Роҳатӣ муаллим Солеҳов Теша ҳамроҳи чанд нафар ҳозир шуданд, аз паси дарвоза ошарфи мошинҳо баланд мегашт. Меомаданду меомаданд худию бегонаҳо. Ҳавлӣ лаболаби одам шуд. Ҳайрон будам, ки чӣ хабаре, аз куҷо паҳн шуда, ки ман вазир шудаам?

– Дурӯғ, ҳамааш дурӯғ! Ман вазир нашудаам, – бехудона овозам баланд шуд: – Дурӯғ!!

– Чӣ хел дурӯғ, ки аз телевизор шунидем.

– Кадом телевизор?

– Телевизори Тоҷикистон, шабакаи аввал.

– Аз радио ҳам мо шунидем, – яки дигар аз назди девор пештар омад.

– Мо ҳам аз телевизор шунида омадем, – муаллим Солеҳов Теша ҳам шаҳодат дода афзуданд: – Дар як Роҳатии мо не, акнун дар ҷумҳурӣ медонанд, ки Шумо вазири фарҳанг.

– Вазири фарҳанг?

– Ҳа, дар ахбор гуфтанд, Шуморо нишон доданд, бо як каси дигар дар минбар шишта будед, маҷлис буд. Гуфтанд, ки вазири фарҳанг Кароматуллоҳ Мирзоев дар маҷлис иштирок доштанд, баромад карданд, ҳа, дурӯғ гӯям ҳар ду параи рӯям сиёҳ. Ба ҳарду гӯшам шунидам, – нафаре, ки нав аз дарвоза даромада буд, ахбори аз телевизор дидаю шунидаашро шарҳ дод.

Ӯ дурӯғ намегуфт, дар маҷлис иштирок доштам, аз телевизор сабт карда буданд. Сабаби вазир шудӣ, табрик гуфта, ба хонаамон боридани одами бисёр, наздикону ҳамдеҳагон, аҳли хонавода маълумам гашт. Телевизор сабаб шуда, ба хабари вазир шудани банда. Дигар ҳоҷат набуд, ки «не, не, ман вазир не» – гуфта, хотири ҳамаро ошуфта намоям. «Вазир шуда бошам, вазирдия», хандаам омад.

– Рост мегӯетон, рост, ман вазир, ба Худо ман вазир! – бо овози баланд эълон намудам, чапак задам.

– Ура, ура, Кароматуллоҳ Мирзоев вазир! Табрик! Табрик!!-садоҳо ба фа-

лак печиданд. Ҳама хурсанд, банда хурсанд, хурсандиро барои мо телевизор оварда. Пеш-пеши ҳозирон, тарафи меҳмонхона қадам мондам.

– Мешӯем, мешӯем! – нидоҳо мешунидам.

– Атохӯҷа, гӯсфандро аз ҳел барор! – фармоиш доданд эшони Асохӯҷа.

– Хуб шудааст, – гуфта Атохоҷа корд дар даст як гӯсфанди фарбеҳи думбакалонро ба поёни ҳавлӣ мекашид, ҳайвони безабон зуъмӣ мекард, сӯи марг намерафт, баос мезад.

– Чӣ мекунӣ, Атохоҷа? – муаллим Солеҳов ҳайрон шуданд.

– Мекушам, муаллимҷон.

– Дар ҳамин шабӣ?

– Ҳа, ҳеҷ гап не, мекушам.

– Дар шаб мол намекушанд. Баъд як чи ки барои соҳиби вазифа шудан ҳеҷ касро ин хел оту овоза намекунанд. Гап мерасад, ба идораҳои боло хабар мебаранд, оқибаташ нек намешавад, ҳоло монед, мол накушед. Ҳамааш баъде, ки Кароматуллохон дар курсии вазирӣ нишинанд, ҷилави вазифаро дар даст гиранд, баъд, баъд тӯй мекунем, чавки мемонем, худам гирди кунҷораалов рақс мекунам, баъд, баъд... – муаллим ба мол куштан розӣ нашуданд.

Шаби дароз меҳмонхонаи мо сермеҳмон буд. Шаби дароз сухан аз банда, аз вазифаам, аз вазирӣ. Ба хаёлашон, ки ҳамроҳи вазир нишастаанд, вазири фарҳанг. Ба банда, чун ба вазир эҳтиром мешуд, хушам меомад.

Баҳудаю беҳуда ҳарф намезаданд, ба даҳонашон нигоҳ карда гап мезаданд. Дар назарашон Кароматуллоҳи ҳаррӯза набудам, «додарам, Кароматуллоҳ, акои Кароматуллоҳ ё эшони Кароматуллоҳ» намегуфтанд. Аз забони чанди онҳо ҳарфҳои «Кароматуллоҳ Мирзоевич, Ҷаноби вазир»-ро шунида, курта-курта гӯшт мегирифтам, хушам меомад, ширин мерасид ба гӯшам нидоҳояшон. Аммо аз чи буд, ки дар назари яки онҳо ман ҳамон Кароматуллоҳ, эшони Кароматуллоҳ, барои вазифаам қадр пайдо накарда будам. Ӯ як ҳамсояамон буд, Ҳоҷиқосим мегуфтанд вайро. Руҳаш шод бод, одами бокарруфар, ришу фашдор буд. Вай фақат бандаро «ҷиян», ё «эшони ҷиян»-у «эшони Кароматуллоҳ» мегуфт ва ман ҳам «таға» мегуфтамаш.

– Оббо, эшони ҷияне, вазир шудам гӯед, нависанда ҳам вазир мешудааст-да. – Ҳоҷиқосим сари зону нишаст.

– Ҳа, Ҳоҷиқосим, Худо лоиқ бинад, одам ба ҳар мартаба мерасад, – як ҳампаҳлуи ӯ ба гапаш ҳамроҳ шуд.

– Шиносҳояшон бисёр, ҳурматашон зиёд, дар ёдатон ҳаст, – мӯйсафеди хурдчуссае фикри ҳамаро ба худ кашид: – Дар ёдатон ҳаст, – гӯён боз давом намуд: – Президент ҳам дар чанд сафарашон эшони Кароматуллоҳро ҳамроҳ гирифта буданд.

– Ин не, вай не, бахташон баланд, – каси дигар чӯргӯӣ кард.

– Нависанда буданд, Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, баъд директори нашриёти «Адиб» шуданд.

– Ҳоло вазир.

– Туф-туф гӯетон, боз чашм нарасад.

– Тӯмори чашм гирифтанашон лозим.

– Душманҳояш зиёд мешаванд.

– Эҳтиёт шаванд, дӯстро аз душман фарқ кунанд.

– Бо ҳар кас шишту хез накунанд, ҳамроҳашон хӯрок нахӯранд.

– Заҳр медиҳанд одама, заҳр.

– Ин хел воқеаҳо шудагӣ, – акаам – эшони Меликхоҷа, ки ҳар гоҳ дар ин масъала таъкидам мекарданд, имшаб аз душманоӣ мисол оварданд: Дар ҳамон замонҳои подшоҳӣ як ҳамдеҳаи мо домуллои овозадор будаанд, дар масҷиди Ҳазрати Мавлоно Яъқуби Чархӣ вазифаи имомхатибиро ба ҷо меовардаанд, ҳавасмандони ҷояшон зиёд, илоҷ наёфта ба он кас заҳр хӯрондаанд. Он кас шикамашонро ба қоши зин пахш карда, аз Мавлоно то деҳа асп давондаанд, базӯр ба хонаашон расидаанд.

Дар меҳмонхона яке ба дигаре сухан надода ҳарф мезаданд, ба гап ҳамроҳ мешуданд, ҳама аз он, ки вазифаи баланде ба дӯши як ҳамдеҳа, ҳамдиёрашон омада, хурсанд буданд ва дар ташвиш ҳам афтода, ки вазифаи вазириро уҳда мекарда бошам ё на. Таъкид мешунидам, ки вазифа аз дастам наравад. Маслиҳат медоданд, насиҳат мекарданд. Вале аз ҳама беш маслиҳату насиҳатҳои ҳамон тағои Ҳоҷиқосимам маъқулам буд, сахт мегуфт, лекин ҳаққи гапро мегуфт. Ба вай бовар накарда намешуд. Солҳои сол дар вазорат шофир будааст, таҳу тоби корро дар он ҷо медонистааст. Вай дар охир тоқат карда натавониста:

– Бародаро, як чӣ гӯям? – гуфта аз ҷой бархост.

– Марҳамат, Ҳоҷиқосим, як чӣ не, ду-се чӣ гӯед, – хандиданд чанд нафар.

– Аввал ин ки, – гуфт Ҳоҷиқосим, – ҳамин вазирӣ кори эшони Карорматуллоҳ набуд, ҳамин нависандагиашонро карда мегаштанд, хубтар буд, сари бечанҷолашон дар ҷанҷол мемонад, ин кас бардошти гапу ҳарфи сахт надоранд.

– Чӣ вазорат ҷанҷолхона аст? – овози касе баланд шуд.

– Шумо намедонед, дар Вазорати фарҳанг одамони бефарҳанг ҳастанд, ки корашон ҷангу ҷанҷол, гиребонгирӣ, дигар ин ки ин кас як одами бепушту паноҳанд, дар болоҳо аз ҳамин ҷамоаи Роҳатии худамон ягон калоншаванда ҳаст? Нест. Пагоҳ ба эшони Карорматуллоҳ ягон гап шавад, кӣ ба додашон мерасад? Замон-замони тағодорию тағобозӣ. Ақаллан, дар ҳамин Вазорати фарҳанг аз ҷонибҳои худамон як фаррош мебуд, вақти вазирро ганда кардани бедаҳане чашмаш сих мезад, – ба фикр ғӯтавар шуд Ҳоҷиқосим ва ба хулосае омад, ки боз даҳон кушод: – Агар эшони ҷиян гапи мана гиранд, вазир нашаванд.

– Ҳой, ҳой, Ҳоҷиқосим, ту ба худ биё, чӣ гуфта истодаӣ?! Ту барои табрики язнаам омадӣ ё барои аз вазирӣ холӣ карданашон? – додарарӯсам Атохоҷа ҳурмати одами калонсолро фаромӯш карда, аз оташинӣ ба ту, ту гуфтани ӯ гузашт.

Вале Ҳоҷиқосим давом намуд:

– Баъд аз ҷиҳати дигар эшони ҷиян қадрношиносӣ кардаанд, бояд ба ҷои ҳамномашон Карорматуллоҳ Олимов вазир намешуданд, дӯсту бародаранд, Карорматуллоҳ Олимов сарфи назар аз сари калон, вазифаи баландашон ба хабаргирии эшони ҷиян омада мераванд.

– Рост, рост, Карорматуллоҳ Олимов одами хуб, намакшиносанд, – нафаре ба гап ҳамроҳ шуд.

– Чӣ, язнаи ман кӯрнамаканд? Ҳукумат вазифа додааст, хуб мешавад, агар язнаам гапи ҳукуматро рад кунанд? Ҷаноби Президент фаҳманд, чӣ мегӯянд? – Атохоҷа тоқат накарда ба ҷанг хест, рухсораҳояш суп-сурх шуд, сахт-сахт нафас мекашид, дар охир чун одат боз афзуд: – Ана гапу...

Лаҳзае дар меҳмонхона хомӯшӣ сар зад. Аз афташ, аз ин гуфтугӯҳои бамиёномада нороҳат шуда буданд. Ҳоҷиқосим як дараҷа хира гаштани табъи ҳозиринро ҳис намуда фикр карда-фикр карда ба хулосае омад, ки ҷаҳлаш паст шуд, ба ҷояш гузашта нишасту оромона ба гап даромад:

– Бародарон, гумон мекунед, ки ман вазир шудани ҷиянро намехоҳам. На, на, ҳаргиз, лекин ман аз дилсӯзӣ гап зада истодаам. Ман дар он ҷо, дар Вазорати фарҳанг гуфтам-ку кор кардагӣ ҳастам. Бисёр солҳо шофир будам. Пастию баландиҳоша медонам. Бовар кунед, ки дар он ҷо, ҳатто шофирҳо тақдири вазирро ҳал мекунанд.

– Бас куне, Ҳоҷиқосим! Воҳима мекунӣ.

– Ту, Атохоҷа, гӯш кун, ки ман чӣ мегӯям. Шофирҳо дар ҳамаи идораҳои калон ҳама чиро медонанд, як гапҳое мегӯянд, як масъалаҳоеро ҳаллу фасл мекунанд, ки ҳайрон мемонӣ. Медидам, ки дар ҳамин Вазорати фарҳанг шофирҳо чи пешгӯие мекарданд, гапи ҳамонҳо мешуд. Вақ-вақ мекарданд, ки фалониро аз кор мегиранд, ё кадом кас соҳиби вазифа мешавад. Ҳамин тавр мешуд. Шофирҳо мисли боду ҳавосанҷҳоянд, гапи гуфтагиашон мешавад. Худо гӯед, ки шофирҳо ба вазир душман нашаванд.

Ба ҳарфҳои Ҳоҷиқосим бодиққат гӯш медодам, дигарон ҳам чашм аз даҳони ӯ намеканданд.

– Хайр, Ҳоҷиқосим, язнам чӣ кор кунанд, шофирҳоро тори сар бардоранд? – Атохоҷа ором намешуд.

– Эшони ҷиян ба шофирҳо такя кунанд, баъд як гап, ки агар бандаро аз нав ба кор гиранд, ҳамаашонро тарафдори вазир мекунонам. Нахандед, шофирҳо қувваи бузурганд, – Ҳоҷиқосим дид, ки ба суханҳои вай гӯш медиҳанд, руҳу мадор гирифт, илҳомаш меомад, ки маслиҳатҳояшро ба мани вазир дареғ намедошт.

– Дигар ин ки ду гапи дигар мегӯям, маслиҳатҳоямро эшони ҷиян гиранд, нагиранд, ихтиёрашон. Якум, ҷон кананду вазоратро аз ҳамин одамони Ҷамоати Роҳатии худамон пур кунанд. Фаррошҳои ҳозираро якта намонда сур кунанд, калу кӯри худамон кам нестанд. Наход ҳамин фарроширо натавонанд. Фаррошу посбонҳои вазорат аз деҳаи Нилкони худамон шаванд, рӯзе мерасад, ки ҷондастгирашон мешаванд. Ё дурӯғ мегӯям? – фикри ҳозиринро пурсид вобаста ба масъалаи матраҳкардааш Ҳоҷиқосим.

– Рост мегӯяд Ҳоҷиқосим. Худӣ дар соя, бегона дар офтоб кушад, эшони Карроматуллоҳ ҳамин хел кор кунанд, – нилконихо аз ҷой бархостанд, чапак заданд.

Назарам ба роҳатичиҳо, ба муаллим Т. Солеҳов ва ҳамроҳонашон шуд. Ҳоҷиқосим мақсадамро пай бурд.

– Ман мегӯям, эшони ҷиян, ҳамин муаллиматон Солеҳовро ба худатон мушовир гиред. Муаллим ҳоло дар нафақаанд. Лекин қуввату мадорашон ҳаст. Ё дурӯғ мегӯям? Худатон чӣ мегӯед, муаллим? – Ҳоҷиқосим ба Солеҳов муроҷиат кард.

Муаллим ва чанд роҳатичиҳои дигар дастҳо пеши бар аз ҷойҳояшон бархостанд.

– Ташаккур, шинетон, шинед, муаллим, – аз ризояти муаллим ба мушовариам хурсанд шудам.

– Хӯш, ки бошад, эшони ҷиян, – рӯ ба банда оварда афзуд Ҳоҷиқосим: – боз гапи дигар, масъалаи аъзои коллегияро аз хотир набарорем. Ин масъала ҳам масъалаи асосӣ аст. Обро лой ҳам мекунад аъзои коллегия, соф ҳам мекунад аъзои коллегия. Эҳе, як ҷангу ҷанҷолҳо мехезад дар миёни онҳо, як тарафкашӣ, як тарафкашиҳо. Дар ёдам ҳаст: як мӯйсафед аъзои коллегия буд дар ҳамон солҳо, намедонам ӯро худи вазири ҳамонвақта аз кадом гӯру лаҳад ёфта овард, баъд худи ҳамон одам сари ӯро хӯрд. Вай як одами эзора ба к... ҷанг меандохтагӣ будааст. Вазир баъд пушаймон шуд аз одами ёфта овардааш, лекин дигар илоҷ надошт, об аз сар гузашта буд. Агар, эшони ҷиян, ҳамин одам ҳоло ҳам аъзои коллегия бошад, ғаматонро хӯред. Агар тавонед, ҳамаи аъзои коллегияро аз нав интихоб кунед.

Маслиҳату насиҳати аз ҳад зиёде мешунидам, сарам ба дард омад. Дар ҳоли хастагӣ ба соатам нигаристам, соат ба сеи шаб наздик мешуд. Ин ҳолатам ҳам аз назари Ҳоҷиқосим пинҳон намонд. Фаҳмид мақсадамро. Ӯ боз аз ҷой бархост.

– Бачаҳо, як гап, – боз ҳамон чанд ҳарфи дӯстдоштаашро ба забон овард: – Ҳамин шаб хоб меравем ё не? Гӯр ба мою шумо-ку, ба Ҷаноби вазир ҷабр шуд. Аз хоб монданд. Пагоҳ рӯзи аввали корашон, ташвишашон зиёд мешавад, шиносоӣ бо вазири нав, табрику таҳниятгӯиҳо, худашон он қадар одами боқувват нестанд, ҳангу мадорашон наменомонад. Мехезем, лекин, бачаҳо, як гап, ки эшони Шамсиддин фаромӯш шудаанд, пирам, Шумо дар куҷоед? – имомхатиби деҳаро даъват кард. – Ҳазрати домулло, мураматон, дуо кунед, дуо кунед, ки вазифаи вазирӣ ба эшони Карорматуллоҳ рӯйсурхӣ биёрад, сабзанд ё рафта дар кабинеташон дуо медиҳед?

– Ҳамин тавр кунем, беҳтар.

– Не, домуллоҷон, ҳозир дуо кунед, агар ҳиба хоҳед, ҳамин ҷо ҳам медиҳанд, дуо кунед, эшони домулло.

– Омин, Худоё, Худовандо, Президенти моро, – аз рӯи одаташон, ки дар ҳар намоз, дар ҳаққи Ҷаноби Олӣ дуо мекунанд, боз ҳамин тавр оғоз намуданд: – Худоё, Худовандо, Президенти моро аз ҷамии балою офатҳо дар паноҳат нигоҳ дор, сарбаланду сиҳатманд, ҳамеша соябони сарамон бошанд, ки хушбахтиҳои ҳамаи мо аз туфайли ҳамин марди назаркардаи Худо аст, роҳнамоии он кас аст, ки аз тарафҳои мо эшони Карорматуллоҳ вазир шуданд, сарбони ҳамаамон ҳастанд Ҷаноби Олӣ. Худоё, Худовандо, дар адои вазифаи вазирӣ ба ҷияни мо, эшони Карорматуллоҳ арвоҳҳо мададгор шаванд. Пешомади корашон нек бошад, соҳиби вазифаҳои баланд, соҳиби вазифаи сарвазирӣ шаванд. «Омин!»

Ҳама «Омин!» «Омин!» – гуфта гӯё боми меҳмонхонаро ба сар мебардоштанд.

Худам ҳам «омин» гуфта, даст ба рӯ кашидам.

Хотима

Шукр, ки ба туфайли ҳамноми баландмартабаам Карорматуллоҳ Олимов банда ҳам мартаба ёфта, чанд рӯз вазири фарҳанги ҷумҳурӣ будам. Дар навбати худ Карорматуллоҳ Олимови азиз низ ба ҷои Карорматуллоҳ Мирзоев, ба сабаби саҳву хатоҳои телевизиону мардумони одӣ борҳо Нависандаи халқии Тоҷикистону муаллифи силсилафилми «Дар орзуи падар» эълон шудаанд.

БОЗ ЯК ОВОЗА

Ҳикоя

Рӯзе расид, ки Ораз бемориашро дигар пинҳон дошта натавонист. Халтаи кӯкаро бардорам гуфта, сараш чарх зад, сулфааш омад, басанда нашуд сулфа, дамаш ба дарун, аз пой афтод, қарибе ба ҳоли худ. Ба кумакаш давиданд. Дар беморхона духтурҳо ба сараш бориданд. Он солҳо талабот ҳамин хел буд, табобат бепул, духтурҳо вазифадор. Гӯш надоданд, ки Ораз чӣ мегӯяду намегӯяд. Дардашро вазнин ҳисобида дар ҳуҷраи алоҳида ӯро хобонданд. Баъд таҳқиқи бемориаш сар шуд. Чанд духтуру хилъати сафедпӯше дар беморхона буданд, як-як ба сандуқи синааш гӯш доданд, пастию баландии ҳарорати баданаш ба ҳисоб гирифта шуд. Бештар аз бисёр сулфиданаш гап мерафт. Мепурсиданд, ки хешу табор, аз ҳамсояҳо нафаре мисли ӯ, ҳамин хел, месулфад? Шушкасал-ку нестанд? Модараш чандсола?

– Дар дами ҳафтод.

– Месулфад?

– На.

Дар дили духтурҳо ҳамоно шубҳа, байни худ пичир-пичир мекарданд. Танҳо як русдухтури ҷавон, Рима Сергеевна, ки муҳаккали табобати Ораз буд, ба гуфтаҳо бовар накард. Хуну пешоб ва худи Оразро барои ташхиси тамографӣ ба бемористони Марказ фиристод. То маълум гаштани натиҷаҳо дар духтурхона боз ҳамон гапу ҳамон ҳарф. Доира мезаданд, овоза, дарвоза, ки Ораз чӣ касал. Аммо ба худи ӯ намегуфтанд. Аз ӯ як чӣ пурсиданд, ки дӯсти наздикаш кӣ?

– Зебогул, завҷаам, – гуфт.

Оразу Зебогул бо ишқу ошиқӣ хонадор шудаанд. Дар ҳамин рӯзҳои наздик, дар ҳамин мавсими пахтачинӣ. Ба назарашон пахтазор гулзор, зебо, ӯ як гулро аз ҳамин гулистон чидааст, Зебогулашро аз пахтазор ёфтааст. Аз миёни духтарҳои пахтачин ба ҳамин духтараки сиёҳҷурдаи сиёҳчашмак ҳавасаш рафт. Як дунёю хандаҳояш, рӯяш гул-гул мешукуфад. Серҳаракат, чаққон, пешдомани пахтачинӣ дар миён мебинӣ, ки дар як дам сад ҷӯякро тай мезанад. Ораз мошини пахтачиниашро чанд бор назди духтар нигоҳ дошт, фаромад аз мошин.

– Пахта диҳам? – Аз бордон бағал-бағал пахта бардошт.

– Не, не, ҳаргиз не, худам пахта мечинам, аз мошини шумо зиёд пахта мечинам, – рад намуд духтар.

– Мусобиқа мекунем, мебинем канӣ, кӣ зиёд пахта мечинад.

– Шумо бо мошин, ман бо даст?

– Кошкӣ.

– Мусобиқа мекунем, ман шуморо мебарам. – Хандида-хандида, бо карашмаю ноз духтар аз ӯ дур шуд.

Ҳамин тавр, аз ҳамон рӯз байни духтараки шӯху Ораз мусобиқа сар шуд, дар бригада ҳама медонистанд. Бегоҳиҳо дар сари тарозу эълон мешуд, ки Ораз бо мошин чанд тонна пахта чиндаю чинакчидухтари пешқадами бригада Зебогул сад ё аз саду чанд килло зиёдтар.

Рӯзе Зебогул дар назди аъзоёни бригада эълон намуд, ки мусобиқаи байни Оразу ӯ беҳисоб. Агар Ораз мард аст, мошин қатӣ не, ҳамроҳи ӯ пахта чинад. Ана баъд донанд, ки кӣ зиёд пахта мечинад.

– Ман розӣ, бо як шарт, – хоҳиши Зебогул ба Ораз форид.

– Чӣ шарт?

– Чӣ шарт? – худи Зебогул ва дигару дигарон пурсон шуданд.

– Шарт байни худамон, ба гӯши Зебогул мегӯям, – Ораз дар дил орзу мепарварид.

– Аз ман зиёд пахта чинда наметавонад, – Зебогул ба худ бовар дошт.

Гуфтугӯи шарти байни Оразу Зебогул чанд рӯз давом кард. Мавриде омада, ки Ораз шарташро ба гӯши Зебогул гуфт. Зебогул сокит монд, дугонаҳояш тагкобӣ карданд, ки Ораз ба Зебогул чӣ гуфта, чӣ шарт монда ӯ? Зебогул забон накушод. Ораз ҳам шарташро ошкор насохт. Оразу Зебогул шарташонро худашон медонистанду Худо. Зебогул дар фикр монд. Чӣ бозие пеш омада? На, Ораз аз ӯ зиёд пахта чинда наметавонад, пилтаи хомро аз гӯш бардорад. Чӣ духтароне бо ӯ баҳсмабаҳс пахта начинданд. Ҳатто духтарони деҳаи Дуобаи Боло ҳам. Ӯ ғолиб омад, орзуи Ораз дар дил мемонад, изокаш мешавад, Зебогул ба ҳолаш механдад, чак-чак мезанад, як хушие, хурсандие!

Субҳгоҳӣ, даме ки ситораҳо дар осмон ягон-ягон монда буданд, пахтазор серодам шуд. Оразу Зебогул ба пахтачинӣ сар карданд. Як ҷӯяк дар миён паҳлуи ҳам мерафтанд, пеш гузаштанӣ мешуданд аз ҳам, сар боло намекарданд. Дар орзуе, ки илоҷ шавад, чун аждар пахтаҳоро даркашанд. Аз ҳама беш Ораз ҷонфидо. Нафасгирӣ ҳам барояш гӯё монеа. Дам намегирифт, нафас рост намекард, ба нонхӯрӣ ҳам набаромад. Зери лаб ба худ ҳарф мезад: «Ораз, ҷунб, ҷона аз худ нагӯ, пахта чин, пахта! Духтар дар савдо, медонӣ, духтар! Аз олам, аз тиллою ҷавоҳир, аз дуру гуҳар, аз ҳама чӣ гарон. Ана вай, бин, – аз таги чашм назараш ба Зебогул мерафт. – Ӯ гул, ӯ зебо, ӯ ҷон, ниҳолаку нозук, ҷунб, Ораз, ҷунб, азони худат мешавад, аз худакат, мебарӣ, ба пеш дав, пахта чин, пахта!...» – Масти хаёли пахтачинӣ сар боло кард. Офтоб дар дами фурӯравӣ, бегоҳирӯзӣ шуда.

– Бас! Бас!! – бригадир, амаки Асадулло бо асобағал лангон-лангон сари ҷӯякҳои пахта омад. Пагоҳӣ ҳам ӯ дар оғози мусобиқа ба онҳо дуо дода буд, ҳоло анҷоми вақтро эълон намуд.

Халта-халта пахтаҳои чидаи Оразу Зебогулро рӯи тарозу гузоштанд. Дар шоҳидии ҳама баркашиданд. Ораз зиёд пахта чида буд. Ӯ шартро бурида. Шарташон чӣ буда? Ошкор накарданд. Тӯй шуданд Оразу Зебогул, тӯйи арӯсию домодӣ. Шарт ошкор гашт. Ораз шарт монда будааст, ки агар аз Зебогул зиёд пахта чинад, вайро ба занӣ мегирад. Албатта, дар он рӯзҳои даст дода ба шарт розӣ шудан Зебогул ҳеҷ бовар надошт, ки Ораз аз вай зиёд пах-

та мечинад. Саҳв кард, мағлуб шуд. Дар рӯзи тӯй дилаш боғ-боғ кушода гашта, худ ба худ мегуфт: «Хуб шуда, ки ӯ мағлуб гашт». Оилаи хушбахт шуданд. Пас аз чанд рӯзи тӯйи арӯсию домодии онҳо ҳаво вайрон, барфу боронгариҳо сар шуд. Нақшаи пахтасупории бригада нимкола монд. Пахта дар зери барф, нақшаро ба ҷо овардан зарур, ҳатмӣ. Барф мебориду одамон дар пахтазор, бо ангуштони аз хунукӣ сиёҳу кабудшуда барфу яхпораҳои ниҳолҳои пахтаро афшонда, тиллои сафед мечинданд. Дасту панҷаҳоро хунук мезад, касал шуда аз пой меафтоданд. Вале бояд пахта чинанд. Арӯси Ораз Зебогул нотоб шуд. Ҷони шавҳар дар тани ӯ. Ҳатто дар хона намехост, ки Зебогул дасташро ба оби хунук занад, модари пирашро мефармуд, ба ҷои вай ҷунбад, ӯро наранҷонад. Рӯзи тобу тафс баровардан аш Зебогулро гоҳ бардоштаю гоҳ аз дасташ гирифта, Ораз аз сари замин ба хона бурд. Достонашу тану бадани арӯс, мемолиду молиш медод, пешонаашро медошт, мӯйҳояшро ғоз дода ӯро мебӯсид.

– Зебогул.

– Ҷон.

– Ту дигар пахтачинӣ намеравӣ, намемонам.

– Бригадир чӣ мегӯяд?

– Мегӯям, ки ман намурдаам, ки Зебогул пахта чинад. Баъд ман ҳисоби ӯро меравам.

Мошини пахтачинӣ, мошинароба дар ихтиёри Ораз. Бригадир корафтоди вай, нозу нузашро мебардошт. Ба бригадир гуфт, ки шабро шаб, рӯзро рӯз нагуфта ба манфиати ӯ меҷунбад, ба ҷои завҷааш ҳам пахта чинда ҳиссаи вайро ҳам ба ҷо меорад. Фақат мехоҳад, завҷааш дар хунукиҳо ба пахтачинӣ набарояд.

Рӯзҳо хунуктар шуда, кори пахтачинҳо душвор мегашт. Кори худи Ораз аз ҳама душвортар. Дар бар либосҳои гарму ғафс надошт, дору нодорашро сарфи Зебогул, сарфи тӯйи ҳангомадори вай карда буд. Камбизоат шуда буданд, дар хӯрду хӯрок ва пӯшок танқисӣ мекашиданд. Пуле намеёфт, ки ба худ либос бихарад, мӯзаҳояш кӯҳна, луқи об, аз хунукӣ меларзид. Дар рӯзҳои барф бо мошин, ки пахта чида намешуд, пешдоман баста кӯка мечид, кӯкаи чидааш ба номи завҷааш. Баъд бо мошинароба дар бало монда буд. Онро ба трактор баста ғарам-ғарам кӯкаҳои сари ҷӯякҳоро худаш ба мошинароба бор карда, дар деҳа дар ба дари хонаҳои мардум кӯка тақсим мекард, субҳи рӯзи дигар ситораҳо дар осмон, ки боз роҳи мошинароба хона ба хона. Пахтаҳои аз кӯка кашидаи мардумро ба хирман мебурд. Дар хирман ҳам меҷунбид, мефармуданд, пахтаро рӯй гардонад, ба мошин пахта бор кунад, ба завод пахта мебурданд. Сухани бригадирро рад карда наметавонист, ҳамаи ҷонканиҳои вай аз баҳри Зебогул. Ӯ роҳат бинад, дар хона гарм шавад, хунук нахурад. Ба гуфти модар, ӯ Зебогулро эрка кардааст, тори сари модар баровардааст, чи гап буда, ки занро хонашин карда, худаш ҷонро ба Ҷаббор дода, дар хунукиҳо ларзидаю дақида пахта чинад. Вай як бузбалаи ботанутӯш, ҳузарб ҳам нест. Хунукиҳои қаҳратун ба ҷисму ҷони Ораз кора кард, тобу тафс баровард, токатока, баъд бисёр месулфидагӣ шуд. Гуфтанд, ки аз пайи табобат шавад, Зебогул худаш ба кор барояд. Ана ҳамин гап ба Ораз намефорад. Зебогул ҳайф мешавад, хунук мехӯрад. Худаш ба ҷои Зебогул кор мекунад. Ва-

ле натавонист, беморӣ ӯро ба беморхона кашид, чанд рӯз боз хоб аст, Зебогул ба хабаргириаш наомадааст. Танҳо модар аз ҳоли ӯ пар меандозад. Дар роҳ мондааст. Зебогулро мепурсад аз модар, гап бегона мекунад ӯ. Имрӯз ҳам Зебогулро пурсид. Модарро чи гапе дар дил, ки аз худи ӯ суол кард:

– Нагуфтанд чӣ касалӣ?

– Не.

– Ба ту намегӯянду деҳа пури гапи касалии ту, овозаю дарвоза.

– Чӣ касал мегӯянд?

– Типиркулос.

– Хушдоманам фаҳмидааст?

– Як гапгӯ ҳамин бева, ҳангома бардоштааст, ба духтурҳо телефон кардааст, ҳама гап аз ҳамин духтурхона баромадааст.

– Чӣ кор кунам, оча? Ҳаётам барбод мешавад, оча.

– Натарс, бачам, сиҳат мешавӣ, ҳар ду бачаи бобои Раҳим ҳам аз ҳамин касал буданд, сиҳат шуданд, хук барин фарбеҳ шуда гаштаанд.

– Хонаам вайрон мешавад, оча, Зебогула мебарад. Мурдаи хоҳари худашро туберкулёз аст, гуфта намонд аз дараш дароранд. Қиёмат андохт, ҳама медонанд.

– Медонам.

Ҳусния хоҳари аз як падару модари хушдоманаш. Вай зани фозил, бофаҳму бофаросат. Баъди хатми Донишгоҳи омӯзгорӣ вайро ба мактаби хурдсолони касалманд роҳхат доданд. Солҳо боз ба тифлакони касалманд дарс мегуфт ва гоҳ-гоҳе ба деҳа ба хонаи апааш меомад. Апааш Меҳрбону ҳам бо фарзандон меҳмони хоҳар мешуд. Хуш дошт, ба шаҳр рафта, меҳмони хоҳар шавад. Шавҳари хоҳараш одами нағз, хушмуомила, доранда. Ҳамааш барои Меҳрбону хуб. То вақте нафаҳмид, ки талабаҳои бемори хоҳараш чӣ касаланд, омаду рафт доштанд. Як рӯзи меҳмони хоҳар будан хоҳиш кард, ки ҳамроҳ ба сайри хиёбонҳои шаҳр бароянд. Хоҳар не нагуфт, хоҳиш кард, ки бо ҳам аввал ба мактаби ӯ дароянд, мактабаш чорсола будааст, Ҳусния ҳам муаллима ва ҳам мудир.

Апаю хоҳар чун аз дари мактаб даромаданд, тифлакон мисли чӯҷачаҳо ба гирди Ҳусния печиданд. «Муаллима, муаллимаҷон», гуфта ба лабони домонаш мечаспиданд, пеш-пешаш медавиданд, Ҳусния даст ба сари онҳо бурда меҳрубониашон мекард, аз рухсораҳояшон мебӯсид.

– Ин қадар туя, ин бачаҳако дӯст медоранд? – ҳайрон монд апааш.

– Ман ҳам инҳоро нағз мебинам. Муҳтоҷи меҳрубонӣ, забони ширинанд. Худованд шифо ёбанд.

– Инҳо касаланд?

– Касали силанд.

– Чӣ гуфтӣ?

– Касали сил.

– Воҳ, рум сиёҳ, ин мактаб мактаби бачаҳои силкасал? Шӯхӣ мекардагистӣ, барои мана тарсондан мегӯӣ? – апаи Ҳусния бо шунидани ҳарфи касалии сил талхакаф шуд.

Ҳусния медонист, ки апааш иримчӣ аст, намегузорад, ки касе дар хона номи баъзе бемориҳои бедаворо ба забон орад. Аз мурдану аз мурда метарсад.

Солаш ба ҷое расидаасту дар деҳа ба аёдати ягон бемор, ба хонаи ягон мурдадор нарафтааст. «Ҳавои мурда ганда, зарар дорад, сарам дард мекунад», мегӯяд. Ҳоло вай фаҳмид, ки хоҳари ӯ дар мактаби бачаҳои касали сил дарс мегуфтааст.

– Ту, Ҳусния, рост мегӯӣ, ки муаллими бачаҳои касали сил ҳастӣ?

– Ҳа, апа, қариб 20 сол боз дар ҳамин мактаб кор мекунам.

– Ношукриат, хоҳар, барои чӣ дар ҳамин қадар солҳо гап назадӣ?

– Тарсидам.

– Агар мефаҳмидам, наметондам, ки аз дари хонаам даромӣ. Мебинам, ки ҳамин рӯзҳо месулфӣ, касал бардоштагистӣ.

– Ҳар моҳ мо аз духтур мегузарем.

– Нав фаҳмидам, ки ту дар куҷо кор мекардаӣ. Ба ту мегӯям, агар хоҳари манӣ, аз ҳамин рӯз иборат поятро ба дари ин мактаб намон, росчут кун, пул нагӯ, хешутабор, апа, ҷони худатро гӯй! Ман дар шир сӯхтагиам, надидӣ язнат дар синни чилсолагӣ аз чӣ касал мурд? Аз касалии сил мурд. Кӯрпаю болишт, ҷойнамозҳояшро сӯзонда, косаю табақҳои хӯрок хӯрдагиша шикаста, др таг-таги теппаҳо гӯронда, бо як азобе хонаро тоза кардам. Надида будӣ, дар касалиаш кӯдакҳоро гурезонда ба куҷоҳо бурдам. Худам чор қабат рӯймолро пеши даҳонам баста, ба вай нигоҳубин мекардам, ҳамин қадар азобам бас будагист.

Меҳрбону ҳамон рӯз аз мактаб баромада бо Ҳусния хайрухуш нагуфта роҳи деҳа – хонаашро пеш гирифт. Баъд пои равуои апаю хоҳар ба хонаи якдигар канда шуд, солҳо гузаштанду ҳамдигарро надиданд. Ҳусния аввалҳо саъй намуд, ки ба апааш фаҳмонад, ки ӯ бемори сил нест. Чанд бор акси рентгенти шуш, натиҷаи ташхисҳои зарурироро ба ӯ фиристод. Меҳрбону бовар накард, гуфт, ки духтурҳо пулхӯранд, пул диҳӣ, одами касалро сиҳату сиҳатро касал мегӯянд. Мисолаш набераи худаш Алибек, пул доданд, духтурҳо вайро касал гуфта аз аскарӣ гардонданд.

Меҳрбону хабари беморӣ, ба ҳоли худ шудани хоҳарашро шунид, ба хабаргириаш нарафт… Мурдаи хоҳарро ба деҳа оварданд, Меҳрбону ба хонааш даровардан намонд. Мурдаро ба масҷид бурданд. «Ҳар кас ғами ҷони худашро хӯрад, ҷони фарзандонам азиз», гуфт Меҳрбону. Меҳрбону фикр мекард, ки ин бемории касофат чи касалие, ки ба зоту заманди ӯ чақа шудааст. Шавҳараш мурд, Ҳусния ҳам аз ҳамин касал фавтид. Ҳамон рӯзҳо дар деҳа боз овоза, ки домодаш касали типиркулос. «Ораз типиркулос?!» – аз ҳар каси дучораш омада пурсид, ҷавоби «ҳа» ё «ҳамин хел овоза» шунид. Ба беморхона сим зад, кадом як духтури бедаҳан ҳам тасдиқ намуд бемории Оразро. «Рӯям сиёҳ, воҳ рӯзам сиёҳ», асозанон, афтону хезон роҳи хонаи Зебогулро пеш гирифт.

* * *

Оразу модар рӯи кат пойкашол нишаста сар ба сукут буданд. Модар дар ҷавоби «хонаам калет мешавад, оча, аз Зебогул мемонам, оча, чӣ кор мекунам, оча?», гуфтанҳои фарзандаш хомӯш буд. Вай рӯзи сиёҳи худашро менолид. Дар калет шудан хонаи бачааш кайҳо калет шуда. Меҳрбону ҳамон лаҳзаҳои шунидани хабари бемории Ораз мошин оварда кӯчу банди духта-

рашро бардошта бурд. Бурд, бурдан гирад. Сарашро хӯрад кӯчу банди духтараш. Ба вай Оразаш, ҷони ӯ азиз. Ӯ гирифтори бемории даҳшатбор, Худо рӯяшро сурх кунаду шифо ёбад. Аз ин ҷиҳат модар ба ғам афтодааст. Оразро бошад аз бемориаш парво не. «Зебогул, ҷон, Зебогул», гуфта шиштааст. Беақл!

– Оча, гап занед, Зебогул дар хона аст? – Ораз бо такрор боз завҷаашро пурсид.

– Зебогулро очаш бурд, – бо иллат ҷавоб дод модар.

– Рост мегӯед, оча?

– Рост мегӯям, ба ҳурмати Худо, рост мегӯям, – модар дигар дили аз бачааш гап пинҳон кардан надошт. Ораз якнима, қарибе афтод, модар ба таги кашаш болишт гузошт. Дари ҳуҷраи хоби Ораз кушода шуда, духтури ӯ Рима Сергеевна омад. Дар лабонаш ханда. «Где ты, Ораз? Ораз, ту дар куҷо?», бо шодию шодмонӣ ӯро мепурсид. «Ана бин, натиҷаи ташхисҳоят, аъло, ана бин, акси рентгенти шушат, ту касали сил не, табрик!». Духтураш Оразро аз хурсандӣ ба оғӯш гирифтан мехост. «Ораз, хез, хез!» аз дасташ дошт. Ораз баланд шуд.

– Ман аз шумо, Рима Сергеевна, миннатдор ҳастам, хизмат кардед. Лекин духтурҳои шумо, – гиряаш омад, боазоб афзуд: – лекин духтурҳои шумо, – такрор намуд: – маро туберкулёз гуфта дар олам ҷор андохтанд, ба завҷаам, модарарӯсам гуфтанд, аз завҷаам, аз хонаю дарам мондам, завҷаамро бурданд, вай рафт, баҳори умрам рафт, ки рафт , дигар ӯро намеёбам, тамом, рӯзам сиёҳ, хонаам калет, роҳам гум. Ана дидед, Рима Сергеевна, духтурҳои шумо бо овозаи дурӯғ дар ҳаққи ман чӣ карданд?

– Мефаҳмам, – русдухтури меҳрубон ба Ораз гӯш дода, дилаш ба ҳоли ӯ сӯхт, чашмонаш об гирифтанд, фаҳмид, фаҳмид, ки ба сари Ораз рӯзи сиёҳ омадааст, рӯзи сиёҳ аз беэътиноӣ, бефаҳмӣ, нодонӣ, аз овозаҳои бардурӯғи духтурҳо. Духтурҳо гунаҳкор, духтурҳо ва боз духтурҳо.

ҶОДУ – ҶОДУ

Исломиддин имрӯз ҳам аз кор мондаю шалпар ба хона баргашт. Коре ба ҷо овард, дар ду – се рӯз анҷом дода наметавонист. Бо қаҳр, бо ғазаб борбардорӣ кардан гирифт. Ғазабаш ба сари модар, ба гапи ӯ даромада рӯзашро сиёҳ гардонд, аз ҳама чӣ монд, ба ғам зад, ба дард гирифтор шуд. Ҳар халтаи ордро, ки аз мошин болои китф мепартофт, анбор дароварда рӯи ҳам мечинд, хаёлан бо модар гап мезад: «Ҳай, очае, чи коре кардӣ. Аз ҳама чӣ, аз зиндагии ширинам монондӣ, капаамро алов сар додӣ… Солҳост дар азобам, имрӯз худат акнун андак мефаҳмидагӣ шудӣ, вале сир бой намедиҳӣ, аз асп фароӣ ҳам, аз узангӯ намефароӣ… Рӯзгор ба сари худат ғалтидааст, дастат оташкову панҷаҳоят ҷорӯб, кору бори хона ба гарданат. Худкардаро даво не, вовайлои пинҳонӣ, пушаймониатро ҳам пинҳон медорӣ. Аз пагоҳ то бегоҳ меҷунбӣ, касалманд шудаӣ, очаҷон. Рост мегӯям, ба гардан гир… Мебинӣ, ки аз кор баргашта худамро болои кати хоб мепартоям, аз қаҳр ба ту ҳамгап намешавам, забон намекушоям. Хапу дам, дамам ба дарун… Пагоҳ

боз як пиёла чою як лаб нони овардаатро заҳру марг дарун мекунаму аз дарвоза мебароям… Ҳа, ҳамин тавр аст ҳолу рӯзгори ман пас аз ҳамон рӯзи ба сарам овардаи ту, очаҷон…» Дарун ба дарун сӯхта – пӯхта Исломиддин қаҳру ғазаб, ниқорашро аз халтаҳои орд гирифта, давида – давида як мошини ҳафттоннагии борро фуровард, ҷо ба ҷо кард, бо ҳоли табоҳ, афтодаю бемадор аз дари ҳавлӣ даромад. Модар таги шиками гов нӯги по шишта гов меҷӯшид. гов по мезаду дум, сатили шир қарибе чапагардон мешуд. «Сабил монӣ, исқотӣ, – гуфта кампир говро дуои бад мекард. Сазои сараш, худаш гунаҳгор. Модар сатили ширро болои суфаи миёни ҳавлӣ монд.

– Монда шудед, оча? – дар ҳоле ки Исломиддин худ бо азоб пой аз по мекашид, ҳарфҳои нешдор ба забон овард.

– Ман гуноҳ надорам. Ман вайро мекушам. Имрӯз хонаи муло Малик рафта будам.

– Ҷоду мекунед?

– Илоҷ намонд, бачам. Думи туро сар надод, рӯзгорам талх шуд, мемурам…

– Айби худатон. Гуфта будед, ки як ҳафта нагузашта хонаи бачама обод мекунам, зан медиҳам. Чанд сол гузашт? Пир шудед, ман ҳам дигар тоқат надорам.

– Айби худат, дар вақташ гапма нагирифтӣ, се талоқ нагуфтӣ, – боумед кунондиаш, боз бо вай вомехурӣ…

– «Сар те», гуфтед, талоқ кардам.

– Як талоқ?

– Баъд боз се талоқ гуфтам – ку.

– Чанд бор гӯям, як талоқ, ки гуфтӣ, вай зани мардум мешавад, дигар ҳақ надорӣ вайро талоқаш диҳӣ, аз ихтиёрат рафтагӣ мешавад. Мегӯи, ки духтари Устофайзулло ин ҳиллаҳои шаръиро намедонад? Медонад, бохабар аст. Мардум ҳам гов нестанд: медонанд, куҷое, ки по пеш мондам, «духтармона сиёҳбахт карданӣ нестем, вай боз зани худашро мегирад, хонааш мебиёрад», – мегӯянд. Духтари хоҳари худам ба гапам надаромад. Ба рӯям давида гуфт, ки Исломиддина намегирам, занаш қати ҳоли ҳам соз аст. Дурӯғ намегӯяд, як ҳафта набиниаш ҷонат тангӣ мекунад.

– Бачаҳома, Фирдавсу Суҳроба, хабаргирӣ меравам. Нону нафақашон ба гарданам аст.

– Баъд очашона ҳам мебинӣ – а? Гап метеӣ. О чува ин бева зонуҳоша кучоқ карда хоб мераваю шӯ намекуна? Чанд сол гузашт? Бачаҳош мактаб-рав шуданд. Хаёлат, ки ман намедонам, бохабарам… Барои ҳамин ҳам мана «айби худат аст» нагӯй. Айби худат, айби вай бевааат. Вай то зинда аст, хонаи ман ободӣ намеёбад… Нигоҳ карда, – нигоҳ карда ба ин рӯз расидам. Ҳардуят, аз афташ доғе, ки ман барвақттар мурам, рӯзи мурдани мана бачам интизор. Худо занадаш, занашро аз очааш боло медонад. Не, ман гӯлу гумроҳ нестам. Вай бевата кушта, хоната обод карда, баъд мемурам, пилтаи хома аз гӯштон бардоред… Ҳамин хел мекунам. Бо мулло Малик маслиҳат кардам, илми кардагиш кардагӣ аст мардака, пули мегирифтагиш ҳалолаш шава.

– Мулло Малик хеши худаш.

– Хеши Зебӣ? Медонам, дороиамро ба сараш мезанам, ҳарду гӯсфанди боникардагиамро ҳай карда аз дарвозааш дарун мекунам. Ана баъд мебинӣ, ки вай муллои ришрехта рӯи манро мегӯяд ё рӯи вай беваи хешашро.

– Ин корро накунед, оча, бачаҳои ман сағера мешаванд, онҳо набераҳои худатон…

– Аз рӯи очашон дар назарам як зайланд, хунуканд.

– Оча, ҳар коре мехоҳед кунеду пеши мулло Малик наравед, – боз таъкид кард Исломиддин ва биафзуд: – Агар ҳамин хел кора кунед, ман пирхара мекушам.

– Аз қонун наметарсӣ?

– Вай одам кушад, ҷавобгар намешавад?

– Домуллоя як чуртак зада наметавонӣ. Бачаи бобои Низом аз илму ҷодуи вай мурд. Ба сараш рафтанд. Барои як – ду мушт заданаш як мардаки солуш рафтагиро чӣ кор карданд? Бурда қава карданд. Гуфтанд, ки бачаи бобои Низома домулло накуштааст, исбот надорад, сафсата нахонад… Бачам, ҳушта ба сар гир…

Дар ҳақиқат модараш рост мегӯяд. Барои сеҳру ҷодугарӣ алҳол ягон кас ҷазо надидааст, қонун набаромадааст. Мулло Малик як пои качалаш ба қад кашол базӯр бо асобағал роҳ меравад. Аз корҳои бадаш Худованд ранги рӯяшро гирифтааст. Ҳамин сумоти шум як ҷавонҳо, як ҷавонмардон, як занону духтаронро кушта, ба дарду ранҷҳои бедаво гирифтор кунондааст, ки ҳар кадомашон ба дунё меарзиданд. Даҳҳо хонаҳоро вайрон, оилаҳоро нотинҷ, сарсону саргардон кардааст. Аксаран занҳо паси дари ӯ ҳамел мешаванд. Занҳое, ки шавҳарашон болои зан зан гирифтаанд ё шавҳарашон қати носозанд, аз ҷониби шавҳар зарбу лат хӯрданд, занҳои бахилу сиёҳдарун, ки байни худ ҷангу ҷанҷол доранд, занҳои авсундор, хушдомандор, занҳои ҷабрдида… Имрӯз қарибе занҳо ба идораҳои ҳукумат, ба шӯъбаҳои милиса муроҷиат намекунанд. Ҷуми гап, ки шуд, роҳашон ба самти хонаи фолбину ҷодугар, барои ҳамин ҳам хонаи Муло Малик мисли идораи давлатӣ шуда. Аз пагоҳ то бегоҳ пури одам, навбат мепоянд. Китобҳои илму амалгарӣ дошtааст. Ба болои ин писараш, ки дар кадом як мадрасаи кишварҳои дур мехондааст, боз барои падар китоб овардааст, бозорашро гармтар кунондааст. Занҳои рӯзнодидаро ба шавҳар гарм мекардааст, илми хунукӣ хонда, тумори хунукӣ дода, одамонро ба ҳамдигар зид, рӯшум мекардааст. Занҳоеро, ки шавҳарашонро чашми дидан надоштаанд, куштан мехостаанд, ба мақсад мерасидаанд. Аз рӯи сурати одамон лӯхтак бофта мефармудааст, онро ба дарахт овезанд, то он симо худро биовезад. Лӯхтакро ба об ҳам партофтан лозим меомадааст, оқибат он одам васвосӣ шуда роҳи дарё ё ҳавзи пуробро меҷустааст, ё мефармудааст, танаи лӯхтакро бо сӯзан сӯрох – сӯрох созанд, одам ба дардмандии сӯхтан пухтан гирифтор мегаштааст, ё барои байни одамон хунукӣ андохтан мефармудааст, моҳии зинда оранд. Моҳӣ аз нав ба ҷӯши дарё партофта мешудааст, хунукии якумра, ба худнаоянда… Як мулло Малики деҳаи Исломиддиншон ана ҳамин тавр ҳунарҳо доштааст. Дурӯг ҳам не, аз илму ҷодуҳои ӯ баъзе одамон ба мақсад мерасидаанд. Медиданд мардум, ки фалонию бисмадонӣ ба дарди бедаво дучор. Мегуфтанд, ӯро «илм»,– ҷоду хӯрондаанд. Боз ҷодубарорҳо ҳам будаанд, ҷодугарҳо барои

ҷодубароронкор пайдо мекардаанд…

Бо ҳамин сабабҳо Исломиддин аз модар хоҳиш ва тавалло дошт, ки барои куштани модари фарзандони ӯ пеши ҷодугар наравад.

– Меравам, роҳи дигар надорам, бачам. То кай ту безан мегардӣ? Офтоби сари кӯҳ шудаам, хонаи туро обод карда баъд мурам мегӯям.

– Наравед, оча, пеши мулло Малик наравед! Ин корро накунед, оча!

– Меравам, илм мекунам, роҳи дигар надорам, – хулосаи модар қатъӣ буд.

Рӯзе Исломиддин аз кор баргашта ҳели гӯсфандонро холӣ дид… Маълумаш буд. Хонаи мулло Малик рафта дид, ки гӯсфандони боникардаи модараш он ҷо. Оҳоро гирифтан хост, нагузоштанд.

Мулло Малик гуфт, ки Исломиддин ба моли ӯ чаҳа нашавад, гӯсфандонро аз модари ӯ харидааст. Қасам хӯрд ва илова намуд: бовар накунад модарашро биорад, онҳоро ӯ рӯбарӯ мекунонад.

Вай илоҷ надошт, ноумед ба хона, назди модар баргашт…

Исломиддин як ҳафтаи дароз ғарқи фикру хаёл гашт. Зебию Исломиддин бо ҳамдигар меҳр доранд… Вале аз рӯзи тӯй шуда ба хонаи онҳо омадан Зебӣ рӯз надид, ситорааш бо модари ӯ хуш наомад. Модар гап мекофт.

Зану шавҳар пагоҳиҳо андаке дар хоб мемонданд, модар бо доду валвала ҳавлиро ба сар мебардошт:

– Келин, ҳой келин, ним рӯз шуд, ту ҳоли ҳам аз хоб намехезӣ? Рӯи ношуштаат дар гӯр, файзи хонама парондӣ. – Боз ҳазор гапи дигар мебофт.

Ба говҷӯшии Зебӣ ҳам ӯ кордор, агар шир аз як сатил камтар мешуд, ӯро боз Худо медод.

– Э вое! Додма ба кӣ гӯяме… Хонам чулмарг мешаваде… Файз надорад ин занак. Камбағалдухтар аст ин занак, гови серширам қоқ кардааст, шир наметея, мурғакома шағол бурд, бузғолаҳаком дар банд печиданд…

Камбудию норасоиҳои келин ба ақидаи хушдоман аз мӯи сар беш. Барои ҳамин ҳам ӯро модар бо ду кӯдакаш аз хона ронд.

Исломиддин модар наранҷад гуфта занашро сар дод. Аммо дар масъалаи марги ӯ ҳаргиз розӣ намешавад, гапи модарро намегирад.

Бо хаёли Зебӣ шабҳо мижа таҳ карда наметавонист, ба дилаш алов афтода буд. Рӯзу шаб пеши модар зориву тавалло мекард, ки аз фикраш гардад, одамкушӣ убол, хунаш мегирад… Равад, ҷодуро куҷое, ки гӯр кардааст, бигирад. Ба ҷони ҷавони Зебии хушсимо, модари ду тифли вай раҳм кунад. Лек гапаш ба модар нагузашт…

Бо баҳонаи аз ҳолу аҳволи Зебӣ хабар ёфтан ба дидани фарзандонаш рафт. Фирдавсу Сӯҳроб аз хонаи бобо ба пешвозаш давиданд, ҳарду ҳам ғамгин, ошӯфта, парешонҳол буданд.

– Чӣ гап шудааст, бачаҳом? – пурсид Исломиддин.

– Очам касаланд, касали сахт.

– Аз кай?

– Аз бегоҳии душанбе аз ҷой хеста наметавонанд, ҳеҷ чиз намехуранд, шабҳо ҳарза мегӯянд, дар хобашон метарсанд.

Исломиддин дар ҷавоби гапу ҳарфи фарзандон чизе нагуфт. Сабаби бемории Зебӣ ба ӯ маълум. Дар чанд рӯзи охир хаёл дошт, ки шояд илму ҷодуи мулло Малик ба Зебӣ беасар мемонад… Баъзан ҳамин хел ҳам мешавад, ода-

мон рӯзу ҳафтаҳо медаванд, аз пеши як ҷодугар назди дигараш мераванд, пул медиҳанд, лек шахси ҷодушудаи онҳо бардаму тиринҷ, сараш дард намекунад…

Бале, Исломиддин ҳам бо умед ҳамин хел орзу мекард. Хаёл мекард, ки даводавҳои модараш бенатиҷа мемонанд. Аммо фикрҳояш беҳуда будаанд, деру дур нагузашта илму ҷодуи мулло Малик ба Зебӣ таъсир кардааст, ӯро аз пой афтондааст.

Бо димоғи сӯхта, хаёли парешон аз назди фарзандон ба хона рӯ ниҳод. Модараш ҳамон рӯймоли ҳарири калони сафед дар сар, дар танаш ҷомача, дастони қоқу хароби дароз – дарозаш ба қад кашол, аз афташ дар хаёли кори кардааш, дар хаёле, ки ҷоду ба келин асар мекарда бошад, рӯ – рӯи ҳавлӣ қадам мезад.

– Куҷо рафта будӣ, Исломиддин? – модар суол кард.

– Пеши бачаҳом.

– Очашон дар чӣ ҳол аст, нафаҳмидӣ?

– Оча, ҷон оча, ба ҳоли вай раҳм кунед.

– Чӣ гап шудааст?

– Аз ҷояш хеста наметавонад, аз пою пар мондааст.

– Оҳ, Худоҷон, ба ту бимирам, раҳми маро ҳам мехӯрдаӣ, шукр, – модар шодона даст ба гиребон бурда, рӯ ба осмон шукргузорӣ мекард ва боз ба писараш рӯ овард: – Ту ҳам хурсандӣ кун, ҳамаи ин ҷонканиҳои ман барои ту, бар падари мулло Малик ҳазорҳо раҳмат, ба номи Худо илми кардагиаш кардагӣ мардака. Ин хел илмгарҳо дигар пайдо намешаванд, бачам, мулло Малик якта аст, якта.

– Оча, хурсандӣ накунед ба мурдани Зебӣ. Вай мурад ҳам ман дигар зан намегирам. Аз деҳа баромада меравам. Русия меравам, ба Қуръони шариф қасам мехурам, ки меравам. Бо умед нашавед, беҳтараш зорӣ мекунам, ки вайро накушед! Дар рӯзи қиёмат ҷавоб мегӯед… намозу рӯзаатон як пул мешавад.

Исломиддин модари пирро аз гӯру қиёмат тарсондан хост. Вале ӯ ҳаргиз ба писараш гӯш намедод. Аз афташ шайтон ӯро ба ин роҳ андохта буд, дар дилаш васваса, ягон гапу ҳарф ба гӯшаш намедаромад.

Аз миён боз як ҳафта гузашт. Исломиддин боз барои аз аҳволи модари фарзандон хабардор шудан ба ҳавлии падарарӯсаш омад. Ин дафъа бо ду дидаи пуроб, гирён – гирён, асозанон модararӯсаш ба пешвози ӯ баромад.

– Бачам, Исломиддин, модаратро гӯй ба ҳоли ман, ба ҳоли Зебиҷонам раҳм кунад. Ана, даро, худат бин, вай мемирад. Фолбинҳо ҳама як гап мегӯянд. Мегӯянд, ки агар пеши ҷодуро нагирем, онро наёбем, духтарам аз даст меравад. Дар фол баромад, ки ин корро як пиразан кардааст, ҷодуро бурда дар гӯристон гӯр кардааст. Бачам, ин кампир модари худат аст, мо дигар душман надорем.

– Худатон медонед, кӣ илм кардааст. Мулло Малик илм кардааст…

– Медонам, гӯсфандҳои хонаатонро модарат оварда ба ин пирхар додааст, ҳама дидаанд.

– О вай хеши худатон. Гӯед ғами шуморо хӯрад.

– Вай, бачам, ба пираш ошноӣ надорад. Ба вай пул диҳӣ, фарзандша илм

карда мекушад.

– Рост мегӯед, холла. Медонам, як бало мекунам, боз наздатон меоям.

– Дер мешавад, бачам.

– Ҳамин рӯз аз паяш меафтам, – гуфт ва ӯ ба хулосае омада буд, ки зуд бо модарарӯс хайрухуш кард. Ба хона омада гову гусолаашро аз оғил бароварда, пешандоз кард. Онҳоро аз дари хонаи мулло Малик дарун ҳай кард. Назди мулло, ба хоначаи қабулаш даромад ва гуфт, ки раҳми Зебии ӯро хӯрад, вайро аз дами марг раҳонад.

– Боз барои гӯсфандони очаат омадагистӣ, Исломиддин?

– Не, бобои мулло. Онҳоро модарам овардаанд. Ҳоло ман барои раҳонидани ҷони модари бачаҳом гови бо гусолаамонро овардам.

– Дар куҷоанд гову гусолаат?

– Аз тиреза нигоҳ кунед, домулло.

Мулло Малик дами тиреза омад, дар рӯи ҳавлӣ гови бо гусоларо дида чеҳрааш шукуфон гашт.

– Рав, бачам, пеши Зебӣ рав. Ба очааш гӯй, ки ба духтараш заррае осеб намерасад, илмро мегардонам. Тамом, рав, бачам, – таъкид намуд домулло.

– Раҳмат, бобои мулло, раҳмат. Ҳамин тавр кунед, – Исломиддин дастҳо пеши бар аз ҷой бархост, пуштанокӣ аз ҳуҷраи мулло Малик баромад. Дар берун офтоб рӯх менамуд, ҳама ҷо нурборон. Вай сӯи хонаи модари фарзандонаш шитофт. Ба модарарӯс хабари хуш расонд, вале чун ба хонаашон омад, модарро дар назди оғил ҳайрону ошӯфта дид…

– Бачам, говамон бо гусолааш нест, – модар дар ҳарос афтода буд.

– Наҳаросед, оча, ташвиш нашавед, оча, ман онҳоро ба хонаи мулло Малик бурдам, ҷодубарор кардам.

– Чӣ кор кардӣ?! Зан гуфта аз баҳри ман гузаштӣ? Намебахшам, ширамро ба осмон мечӯшам! Дод, сад дод аз дасти бачам мегӯям, – модар аз он ки орзуяш барбод рафта буд, аз худ бехабар, пушт ба девор ниҳод. Ноумед гашта буд.

Моҳи июни соли 2011.

ТУРБАИ ГАДОӢ

Аз Сталинобод рӯ ба деҳаашон пиёда мерафт. Дар китф ҳамон турбаи гадоӣ, дасташ дар дасти духтараки 10-12 солааш. Аз деҳ ба деҳе мегузашт. Дару дарвозаҳои мардумро мекуфт, садақа-нон мепурсид, луқмаи нони хушки сӯхтае медоданд ё мегуфтанд, ки худашон ҳам хӯрдание надоранд. Дар пешорӯ Даҳанаи Киик, боз деҳаҳои дуру наздики дигар намоён шуданд, дилаш кушода гашт, бӯи Ватан, зодгоҳ ба димоғаш меомад. Дар пеш деҳкадаҳои Уялӣ, Қизилқалъа, ана баъд дар дуртар деҳаи худашон. Саросематар шуд, дилу дидааш бештар мадор меёфт. Вале таассуф, ки духтараш баробари ӯ қадам монда наметавонист, модар ба парвоз омаданӣ буд, аммо

духтаракаш аз куҷо донад, ки ба куҷо равонаанд. Вай мисли модар инҷоӣ нест, ки вақаб ба вақаби ин дашту даманро донаду ба онҳо меҳр дошта бошад. Хуни нофи вай дар бадарға, дар Сибири дур рехтааст.

Ба деҳае расиданд. Аз афташ, навбунёд буд. Номашро намедонист. Паси дарвозаи дутабақаи чӯбине истод, тақ-тақ зад. Духтараке дарро кушод. Аҷабо, ба гӯши ӯ аз даруни ҳавлӣ овози шинос омад. Аз роғи дар дид, ки зане гирди дегдони миёни ҳавлӣ ҷумбуҷӯл дорад, чизе мепазад.

Духтарак зан ва ҳамроҳи вайро паси дар дида тозон аз нав ба ҳавлӣ даромад.

– Оча, гадо, гадо! – хабар дод.

– Дар балои гадоҳо мондем, бачам, ҳозир омада буданд, ҷел кашидаанд, иқа бисёранд. Маҳ, гир, бар, те, – гуфта бо кафгир аз дег чаҳор чагалдак[1] гирифта дар як табақча андохта фармуд, ки бурда ба гадо диҳад.

Зан чагалдакҳоро нагирифта гирист. Духтарак табақчаи чагалдакро ба модар баргардонда гуфт: – гадозан чагалдакро нагирифт, аз паси дар намеравад.

Модари духтар, ки остинҳои куртаашро то оринҷ бар зада буд, кафгир дар даст назди гадозан баромад. Чашмонаш, ки дуд хӯрда буданд, пуроб метофтанд.

Чун назари зан ва гадозан ба ҳам хӯрданд, гӯё ҳар ду дар ҷой шах шуданд. Аҷабо, кӣ киро рӯ ба рӯи ҳамдигар дид? Ба чашмонашон бовар намекарданд. Ҳамдигарро шинохтанд.

– Ама, амаҷон, шумоед?

– Зебӣ? – ва афзуд гадозан: – ту хурдакак будӣ, калон шудӣ. Ҳавлии худат аст?

– Ҳа, амаҷон, язнам канӣ?

– Бачам, ин ҷо ҷои гап нест, хона даро, гӯй.

– Эҳа, амаҷон, ақлам гум шудааст, биёед, биёед, хона дароед. –Зан дегу косаашро ба ҳоли худ гузошта, аз паи пазироии гадозан шуд, дар остонаи дар чанд газ чити сафедро пойандоз густурд, курпача паҳн карда вайро боло гузаронд ва турбаи гадоиро аз сари китфи гадозан гирифта ҳайрон-ҳайрон ба он нигарист.

– Ҳайрон нашав, бачам, рӯзе, ки амаат дорад, сагҳои саҳро надоранд. Моҳҳои моҳ аст, ки дар роҳам. Нон металбам, бо гадоӣ рӯзи худаму духтараки талбидаамро мегузаронам. Ба хонаамон расам, баъд ягон гап мешудагист. Аз ҳоли хонаю дари мо хабар дорӣ? Дар ҷояшон ҳастанд?

– Ҳа, амаҷон, хонаҳотон ҳастанд, хонаҳояшон сӯзад, ки язнама туҳмат карданд, язнам ҳам омаданд?

– Ин ҷо, бачам, як қиссаи дароз, ҳамаашро баъд мегӯям. Ҳозир ту як пиёла об биёр, ҳалқам хушк шуд. Аз Сталинобод баромаданама намедонам чанд рӯз шуд, шабҳо бехи дару деворҳо хоб мерафтем, сагҳо қариб ҳардуямонро хӯрда буданд.

– Инак, – Зебӣ ба духтари гадозан ишора кард, – духтаракатон аст?

– Ҳа, бачам, дар он ҷо чанд кӯдакма таги хок кардам, мондагиаш ҳамин, яктою ягонаҳакам. Ману дадаш маслиҳат карда Нишона ном мондем. Нишо-

[1] Як навъ хамираи чормағзмонанд, ки дар равғани доғ мепазанд.

наи умри бадарғагӣ. Бачам, Худо гӯй, душмани душманта ба Сибир набарад, бадарға нашавад.

– Язнама мепурсам, ама, – боз суолашро такрор кард Зебӣ.

– Ҳа, бачам, ин ҷо ҳам гап дароз аст, қиссаи ба Ватан омаданамон ҳам талх аст.

Суоли Зебӣ хаёли ӯро ба сари шаҳвараш бурд.

Пас аз солҳои соли бадарғагӣ, дар дили кофирон Худо андохт, ки онҳоро ҷавоб диҳанд. Ҷавоб доданашон ҳамин хел шуд, ки ҳамон пагоҳии сешанбе, пас аз намози бомдод ба сари зану шавҳар омаданд, шапкабасари бисёр. Гуфтанд, ки ба онҳо ҷавоб, аз дар берунашон карданд. Зану шавҳару духтаракашон паси дари маҳкама ҳайрон-ҳайрон истоданд. «Ба Ватанатон равед», гуфтанд, Ватанашон Тоҷикистон. Он дар куҷо? Чӣ тавр ба Ватан баргарданд? Намедонистанд. Дар кисаи зану шӯй як пайса не, бадарға ҷои пулёбӣ не. Чӣ кор кунанд? Ақиб гарданд, аз калонҳои кофирҳо пул пурсанд, ёрдам хоҳанд?

– Не, не, занак, ҳаргиз ин кора намекунем, ҳамаамонро гирифта боз қава накунанд.

Ба роҳ даромаданд, пиёда – пиёда ба шаҳре расиданд. Дар ин қадар роҳ шавҳараш аз забон монда буд, ки ҳарфе намезад, дар фикр буд, аз афташ, дар фикри чи гуна ба Ватан расидан.

– Занак, як маслиҳат, мо ҳарсе якҷоя роҳ гашта наметавонем. Роҳу рӯ пури авбош, одамкуш… Як кор мекунем, аз ҳамин ҷо ҷудо мешавем.

– Ҷудо мешавем? – офтоб миёни осмон, болои сар омада буд, ҳаво сард, аз хунукӣ Нишона дарақ-дарақ меларзид, шаҳвараш дар сар кулоҳи аз кадом уруси ошнояш гирифтагӣ, ходачӯб барин рӯ ба рӯяшон меистод.

– Ба тую духтарат роҳ ёфтан осонтар мешавад. Баъд ҳардуятон кам-кам забони русиро медонед, ба ман душвор, ки як калима ёд нагирифтам. – Шавҳараш фикр карду фикр кард, баъд аз рухсораҳои модару духтар бӯсид, – «Худо хоҳад дар Ватан вомехӯрем», – гуфту даст ба дуо бардошт ва дигар ҳарфе нагуфта, дар як дам ба замин даромад ё ба осмон, модару духтар ӯро гум карданд

Баъд модару духтар чи тавр роҳ ёфтанду чи рӯзҳои сиёҳе аз сар гузаронда ҷонашонро ба Ватан расонданд, боз як қиссаи ғамангези дигар. Назди ҷиҳанаш аз он қиссаҳо сухан гуфта наметавонад. Ҳоло сухан аз соли қимматию аз нон ва гадоӣ. Нишона «нон, оча, нон», гуфта дилу ҷигари модарро дар хонаи хешашон хӯрдан дорад. Кӯдак чӣ донад, ки айб аст ё айб нест. Духтари акааш нороҳат шудааст: чагалдакҳои пӯхтаашро шаҳвараш аз дег бардошта хонаи худаш даровардааст. Аз ҳамон чаҳор чагалдак сетоашро ба Нишона доду яки дигарро модар ба даҳони худ андохт. Аммо кӯдак якзайл «оча, нон, оча, нон», мегӯяд. «Ама, шавҳарам одами нағз не, гушначашм, хасиси мурда. Аз куҷо як килло орд ёфта овардааст, «чагалдак паз», гуфт». Зебӣ дар хиҷолат монда буд. Ҳамин тариқ ҳамон шаб, ба гуфтае, моргазидаро хоб мебурду Нишонаи гуруснаи ӯро не. То саҳар нон гуфту нолид. Дари хонаи хобашон кушода шуд. Зебӣ дарро ба рӯи онҳо кушода монд.

– Ама, шумо ин мардаки ғамдарсари маро намедонед, то саҳар ба ҷонам расонд.

– Чӣ мегӯяд?

– -Мегӯяд, амаат боумед нашавад, ягон дона чагалдак намедиҳам.

– Хуб шудааст, бачам, мо меравем. – Модар аз дасти Нишонааш, ки аз бемадорӣ ба по истода наметавонист, гирифта аз дар баромад.

Модар субҳгоҳӣ бо қатори Нишона пай чида, гоҳе ӯро пуштора карда, гоҳе ба замин гузошта, гоҳе турбаи гадоӣ дар гардан дари касеро куфта, гоҳе як луқма нон ёфта ё наёфта, бо ҳазор азоби алим намози хуфтан ба деҳаашон расиду кӯча ба кӯча шуда, хонаашонро аз рӯи ҳамон як нишона-чинори баланди паси дарвозаашон ёфт. Дарвоза куҷо? Ними деворҳои ҳавлӣ ба хок яксон, аз дару дарвозаи ҳавлию хонаҳо нишоне не, канда бурдаанд. Ҳавлии як вақте дар даври Изатуллобой бозор мазор шуда. Куҷо он меҳмонхонаи болои дарвозахона, ки ҳамеша сермеҳмон буд. Куҷо он хонаҳои серодаму даробаро. Ба хотираш омад, он субҳгоҳии наҳс, ҳанӯз аз хоб нахеста буданд, дари ҳавлиро милисаҳо гирифтанд, ҳар кас чизе аз хона меёфт, ба дил ширин мекард, қолину гилему курпаю курпачаҳоро бурданд. Дари ҳели бузу гӯсфандон, оғилҳои қатори пури гову мол ба пушт кушода, ҳамаро аз ҳавлӣ ба берун ҳай карданд, зану шаҳварро ҳам аз дарвоза берун кашиданд..

Модар Нишонаро бардошта дохили як хонаи бедару тиреза шуд. Чанд чиғелу ҷанда ёфта ҷойхоб густурд баҳри духтари беҳолу бемадораш. Барои модар он шаб шабе буд, ки пас аз солҳои беҳисоби бадарғагӣ боз ӯ дар ҳавлии худашон. Худо ӯро боз ба Ватан оварда. Шабе, ки модар чашм намепӯшиду Нишонааш бо овози гоҳе шунавою ношунаво «оча, нон» мегуфт. Ӯ дигар хаёли гадоӣ надошт, медонист, ки баҳри тифлаш чизи хурданӣ, ошомиданӣ лозим. Нони сӯхтагию мағорбаста ба дарди Нишона дармон нашуд.

Хӯроки гарм, ҳалилоб бояд пайдо намояд, аз куҷо? Ба хаёлаш расид. Дар бадарға пусти хушку пораҳои чарм пайдо карда, то чоруқҳои пои як нафарро дар об ҷӯшонда хӯрданд. Гоҳе аз беша ҷасади гову мол, ҳайвони мурдаро дарёфт мекарданд, мечӯшонданду мехӯрданд, ба дилашон мадор мешуд. Ӯ бо ҳамин ният аз назди Нишона берун рафт. Гӯшт меёбад баҳри ӯ. Аммо моли мурда ку? Аз куҷо меёбад? Мекобад. Сарашро ба санг мезанаду меёбад. Вагарна тадбири дигари зинда мондани Нишона намонда.

Ситораҳо дар осмону модар корд дар даст, дар дашту саҳро, дар адиру пӯшта мурдаи моли ҳаромшуда мекофт. Дар даруни обкандае ҷасади маркабро ёфт. Шикамашро чок андохт, дилу ҷигар, гурдаҳояшро гирифт. Нигарист ба осмон, осмон ҳанӯз пурситора, субҳ надамида. Хуб шуда, вагарна касе медид, ки зани Иззатуллобой паи гӯшти моли мурда шудааст, як ном дар олам, беобрӯ, куҳрии паси маърака мешуд. Хайрият, ҳоло ҳам шаб. Тарафи кулбааш шитофт, дар ошхона гӯштро майда кард, дар табақча бардошт, намак зад. Баъд саросема назди Нишонааш, ба хона давид. «Гӯшт овардам, духтарам, гӯшт, чандрӯза ҳалилобӣ, Худо хоҳад, қувват мегирӣ, мадор меёбӣ, духтарам». Табақчаи гӯшт дар даст модар болои сари ӯ хам шуд.

– Нишона, Нишонаҷон, хез, гӯшт овардам, – боз баландтар ҳарф зад. Модар сари Нишонаро такон дод. «Нишона! Нишона!!» фарёд кард. Ӯ намеҷунбид, табақчаи гӯшт аз дасти модар афтод. Нишонааш кайҳо ба дунёи бенишон рахти сафар баста.

Модар аз Нишонааш монда, аз нишонаи солҳои ғарибӣ, аз нишонаи тиф-

лаконаш, ки дар сардиҳои Сибир напоиданд, аз нишонаи азобу уқубатҳои беҳисоби роҳҷӯй, аз нишонаи танҳоиҳояш дар шабу ними шаб дар роҳу рӯи кишвари урус, ки чун қуввату мадори дилаш дасти ӯ дар дасташ буд, аз нишонаи ҳамин шаб, ки баъди 25 – соли ғарибӣ модар ҳамроҳи ӯ ба деҳа, ба хонаю дари худашон омад. Модар ҷасади беҷони духтаракашро ба оғӯш кашид, аз чашму рӯяш бӯсид, беҳуш гашт, дар куҷо, дар чи ҳол буданашро намедонист, намедонист, шаб саҳар шуда ё на, на, намедонист, карахту беҳаракат буд. Худоё, ба сари ӯ боз чӣ рӯзе омад? Ӯ аз ҷигарбандаш монда. Ҳамин гуна гоҳе баҳушу гоҳе беёд буд, ки болои сараш сояе падид омад, таконаш дод, овоз бароварда: «Очаи Нишона! Очаи Нишона!». Кист ӯ? Бедор аст ё дар хоб? Садои шаҳварашро мешунавад:

– Очаи Нишона, очаи Нишона, ба худ биё, манам, ман омадам.

– Отаи Нишонаи?

– Ҳа, занак, омадам.

Шавҳараш гуфта буд, ки дар Ватан вомехӯранд. Рост мегуфтааст. Дар ҳавлӣ, дар хонаи худашон ба дидори ҳамдигар расиданд. Дар лаҳзаҳое, ки Нишонаашон фавтидаю роҳи рафтани модари танҳо гум. Зан аз ҷояш рост шуд, даст ба гардани шаҳвар андохт.

– Додош, Нишона, духтарам! – Навҳа андохт.

– Фаҳмидам.

Зану шавҳар марги ҷигарбандашонро бо ҳам диданд. Аз рӯзҳои бадарғагӣ, аз Сибир, аз солҳои қаҳтию бенонӣ, ки имрӯз аҳли оилаи Иззатулло, боз соҳиби ҳама чи, соҳиби бачу кач шудаанд, боз марди хонаро Иззатуллобой гӯянд, ба ҷои Нишонаашон нишонаи дигар монда: Турбаи гадоӣ, ки модар нон гадоӣ мекард.

с.2015

МОДАРИ БАЧАКУШ

Кампири Зайнурабегим пир шудааст, афтода, мӯйҳои сараш ҳама сап-сафед, рухсораҳояш халтаи ожанг, чашмонаш камнур, гӯшҳояш ношунаво, роҳравӣ ҳам барояш душвор. «Вой, вой зонуҳоям!» мегӯяду танаи дару девор, сутунҳоро гирифта рост мешавад ва ё «дастама гир» гуфта, аз фарзандон мадад мехоҳад. Модар ба ҳамин дараҷа афтода шудаю фарзандон аз рӯзи рӯи ақл омадан аз забони ӯ як ҳарф мешунаванд: «Ман модари бачакушам, гунаҳгори азимам, намедонам дар охират чӣ ҷавоб мегуфта бошам». Духтару бачаҳояш рӯзе нест, ки напурсанд:

– Оча, Шумо рост мегӯед, ки бачатона куштед? Барои чӣ?

– Барои нон, соли гуруснагӣ буд.

– Фаҳмидем, оча, шунидаем модарон ба ҳоле расида будаанд, ки нон ёфта натавониста, чашм пӯшидаву тифлашонро ба дарё партофтаанд. Аз зӯромад. Шумо ҳам ҳамин хел кардед?

– Не, не, ман дигар хел куштам.

– Буғӣ кардед?

– Не, не.

– Хайр чӣ тавр куштед? Заҳр додед?

– Таги гапа наковед, аламом тоза мешаванд, гуфта наметавонам. Лекин рост, ки барои нони шикамам шуда, бачама куштам. Вай тӯли шуданӣ буд, агар намекуштам, имсол ба шасту шаш медаромад. Агар зинда мемонд, соҳиби хонаю дар, кӯдаку чудак, аз ҳама муҳиммаш, саробони ману дадаш, саробони ҳамаатон мешуд. Агар ман ин корро намекардам, таги ин қадар гапу калоча наметондам.

– Чӣ гапу калоча?

– Шумо намедонед, худам ҳам забонам намегардад, ки чӣ гӯям. Хайрият, бевақои шалдами[1] гапкуни ҳамон солҳо мурданд, хайрият, имрӯз андаке гӯшҳоям сабук шуданд. Якеи ин гапгӯйҳо падари худатон, ҳамин ҳам мемурд, халос мешудам.

– Дада, оҳой дада! – бачаҳо рӯзе айни ҳамин хел гапзании модар падарашонро ҷеғ заданд.

– Чӣ гап, бачаҳом? – падар, ки дар пешайвон бо табар ҳезум майда мекард, аз дар сар даровард.

– Ҳеҷ гап не, ҳеҷ гап нашудааст, ту аз корат намон, – модар ба сари шаҳвар баланд гап зад.

Ҳамин тариқ сирри бачаашро куштани модар пӯшида мемонд.

Як рӯз модар ба тӯи хонаи ҳамсоя рафта буд, бо падарашон дар ин масъала фарзандон бо ҷиддият дар гуфтугӯ шуданд.

– Дада, рост аст, ки очам бачаашона куштанд? – пурсид Назира, духтари калонӣ.

– Рост аст, ҳамин кор шуд.

– Чӣ кор?

– Ин қадаре ки дамам ба дарун мегардам, хаёл мекунед, ки ман барои бачам намесӯзам. Дарун-дарун хокистарам. Агар вай зинда мебуд, имрӯз ҷондастгирам мешуд, саробони сарам, саробони сари шумоҳо ҳам мешуд, – падар ҳам бо ҳасрат гапи модарро гуфт. – Баъд ин фоҷиаи хонаводаи мо боиси гапу гапчаҳои бисёр намешуд, надидаю надониста гап бофтанд, ки холаи Зайнурабегим як қамчин камақлию фаромӯшхотирӣ ҳам дорад, айби худаш шудааст, ки бачааш аз даст рафтааст. Дар маъракаҳо ҳамин гапро гуфта, ё ҳар хел киноятҳо зада, оби дидаашро дар параи рӯш мекарданд, ҳарфҳои таҳдор мегуфтанд. Модаратон тоқат накарда, аламҳояш тоза шуда, аз дари хонаи маъракадор берун мешуд.

– Дада, – писари хурдӣ аз ҷавобҳои падар дилтанг шуда, ба гап даромад: – Ҳамин Шумо ҳам мисли очам гап мезанед, забон мехоед, калтаю кӯтоҳи гапа гӯед, ки очам чӣ хел акаамро кушт, кай кушт, барои чӣ кушт? Гӯраш дар куҷо?

– Вай дар гӯристон дафн нашудааст.

– Дар куҷо гӯр кардед?

– Гӯраш дар куҳ, очат худаш вайро кушт, худаш дар куҳ гӯр кард.

– Худатон сари гӯри вай меравед?

– Не.

[1] Дамгирифтаю бақувват.

– Очам чӣ?

– Вай ҳар рӯз мерафт, девона шуда буд, шабу ними шаб намегуфт. Як шаб ӯро қариб гургҳо хӯрда буданд. Нарав мегуфтем, гапамонро намегирифт, ба вай гап фаҳмонда наметавонистем. Бар падарҳои домулло Валӣ ҷувол-ҷувол раҳмат, ки ҳамин одам вайро аз роҳ гардонда тавонист. Аз гӯру қиёмат гап зада фаҳмондааст, ки ба сари мазори фарзанд рафтани модарро шариат манъ карда будааст, фарзанд нороҳат мешудааст, пеши модар хестан мехостааст, хиҷолат мекашидааст. Аз ҳамон рӯзҳо модаратон дигар сари гӯри бачаш нарафт.

– Нав фаҳмидем, дада, як сира?

– Чӣ сирро?

– Очам ҳар саҳар бо парешон шудани нурҳои офтоб, назараш ба сари куҳ мешавад, дар чашмонаш қатраҳои ашк чарх мезананд.

– Рост мегӯед, ҳамин хел мекунад. Акнун, бачаҳом, гӯш кунед, аз сабаби марги акаҷонатон чӣ мегӯям, – падар дар ҷояш болои кӯрпача чорзону зада бароҳат нишаст, баъд сар кард:

– Сол соли қаҳтию гуруснагӣ буд. Барои нон чи ҷонканиҳое набуд, аҳли деҳа ҳама гурусна, ҳама худро нодор мегирифтанд. Дорою нодор ҳама қасам рӯи қасам мехӯрданд, ки дар хона як дона гандум надоранд. Қасами дурӯғ мехӯрданд. Дар он солҳо гурусна ба шер мезад, барои нон одам мекуштанд, агар мефаҳмиданд, ки фалончаю бисмадонча чаҳи гандум дорад, ба хонааш мепариданд[1], соҳиби гандумро кушта, гандумашро мебурданд. Барои ҳамин ҳам доштагию надошта ба куҳ мебаромаданд, решаи алаф мекофтанд. Мо ҳам дар хона як гарди орд, як чизи хӯрданӣ, ки надоштем, ҳамон рӯзи наҳс аз пайи қути лоямут, аз пайи решаи алаф шудем. Ман бел гирифтам, ҷувол ёфтам, модаратон ғами бачаашро хӯрда, даруни латтаю путтаи бисёр вайро печонд, лӯлак баст, лӯлак дар бағал аз паси ман ба куҳ мебаромад. Вай он рӯзҳо арӯсаки ҷавон, чақону парон буд, баробарам медавид, ақиб наемонд, муаттал намешудам. Ҳар қадар ки баланд мебаромадем, ҳамон дараҷа роҳравӣ, роҳ ёфтан дар куҳ душвор мешуд, ба замми ин хунук, барф аз боридан наемонд, шамоли куҳ сард, барфро ба чашму рӯ мезад, барф сӯзан барин ба бадан мехалид, сангу сангпораҳоро ханҷолхарош мекардем. Ба ман осон буд ханҷолхарош. Аммо дастони очатон банди кӯдак, онро дар бағал, дар ҷои ҷон маҳкам медошт ва боз коре карда сангҳоро медошту худро боло мекашид. Худам аз рӯи тахмин ҷои решаи гиёҳро медонистам, тарафи дара мерафтем, очатон нафасгир мешуд, аммо ҳамоно аз ман ақиб мондан намехост. Барф , ҳама ҷо бо барф пӯшида, барфро аз рӯи гиёҳҳо бо дастамон мерӯфтем, баъд ман бел мезадаму очатон кӯдакро дар наздаш гузошта дудаста решаи гиёҳҳоро ғун менамуд, даҳони ҷуволро медоштаму ӯ гиёҳҳои ғуновардаашро ба ҷувол меандохт. Боз роҳӣ мешудем, боз ҷои решаи гиёҳ меҷӯстем, боз бо дасту панҷаҳои яхзадаамон барфи рӯи сангҳо, рӯи заминро мерӯфтем, дастонамон карахт, дигар ҳис намекардем, ки хунук мехӯрем ё не, суп-сурх, баъд каб-кабуд мегашт дасту панҷаҳо. Дилам ба ҳоли очатон месӯхт, аз хунукӣ сар то қадамаш меларзид. Бовар кунед, дар пойҳояш калӯш дошт, ба дараҷае

[1] Ба маънии бо нияти бад рӯ ба хонаи касе даромадан.

хунук хӯрда, ки даруни барф будани пойҳояшро ҳис намекард, намедонист, ки роҳ меравад ё дар ҷой истодааст, боз кӯдак бори гарданаш, лӯлакро гоҳе мебардошту гоҳе боз ба рӯи барф гузошта, ҳамроҳам решаи гиёҳ ғун медошт, боз роҳ мерафтем, боз решаи гиёҳи сабилиро меҷӯстем, ҷувол қариб пур шуд, бо ҳамон ёфтаи сабилӣ шодӣ ҳам мекардем. Ба ақидаи очатон, кони гиёҳҳои хушхӯрро ёфта будем, насибаамон будааст, чандрӯза ғизоямон таъмин. Саргарми ғун овардани давлати ноёфтамон шуда, аз шаб, аз фуромадани торикӣ бехабар мондем. Торик шуд, ҷуволи пур аз решаи алаф дар пушт, рӯ ба роҳи баргашт шудем. Вақти куҳбароиамон рӯз буд, рӯзи равшан, фуромадани он дар шаб чи даҳшат, дар бағали очатон кӯдак рӯнишеб шудем. Ман пеш-пешу очатон аз пасам. Дар пушти банда ҷуволи бору дар бағали очатон тифлакаш, аз чӣ буда, ки кӯдак хомӯш, гӯё ях баста. Сангҳои сари куҳ ҳама ях, куҳ олами ях, мо ду нафар одамӣ-ману модаратон дар такопӯ, дар ҷустуҷӯи роҳ, мани роҳбалад роҳгум зада будам. Гирди як санги калон давр мехӯрдаму давр. Медидам, ки боз дар гирди ҳамон сангам, пеш мерафтаму пеш, вале медидам, ки боз рӯ ба баландӣ шудаам, пайроҳа бароям гум. Аз пою пар мондем, худам садқаи сар, очатонро дигар ҳолу мадор намонда. Ақиб мемонд, боз меистодам, «Искандар! Искандар!» номи бачаашро гирифта фарёд мезадам, овозаш намебаромад. Ҷуволи гиёҳҳо дар пушт боз ақиб гаштам. Аз ҷӯй гузашта наметавонистааст, аз дасташ доштам, аз рӯи яхпораҳо, аз ҷӯй гузашт. Дасташ дар дастам истодем, ҳушам канд, ҷон аз дасту поям баромад.

– Занак, – дар ҷоям шах шудам.

– Лаббай.

– Чӣ кор кардӣ?

– Чӣ кор кардам?

– Кӯдак канӣ?

– Кӯдак? – дастонашро ба пеш ёзонд, назар ба бағали холиаш бурд: – Искандар канӣ? – ҳолаш раҳмовар гашт, пошиканак шуд, рӯ ба замин афтид. Баъд чӣ ҳолу рӯзи сиёҳе ба сари ману очатон омад, дар он шаби зимистони қаҳратун худамон медонистем. Ақиб гаштем, пайи поямонро ҷӯста, ҷонҳавлӣ ҷон медавидем, таги барфу зери сангҳоро мепалмосидем, ҳоламон афтодану хестану бача кофтан...

Лек ку бача? Шамоли исқотӣ намемонд, ки чашм кушоем, чашм кушоем ҳам, ҳеҷ ҷойро намедидем, миёни барфу бод монда будем, рост истода натавониста бо шикамғеҷ рӯи роҳу таги сангпораҳоро мекофтем, панҷа ба ҳар буттаю сангу барфтӯда мезадем. Кофта-кофта ҳар ду ҳам аз ҳол рафтем. Ҷисму ҷонамон карахт гашт. Дигар на ба пеш ва на ба ақиб ҳаракат карда наметавонистем, фикри бекӯдак куҳро поён шудан ба сарамон ҳам намеомад. Ба хаёламон, ки зиндагӣ дар он шаби пурдаҳшат, дар куҳ бароямон ба анҷом омадаю ба тақдир тан дода, аз ҳуш мерафтем.

Хайрият, бехабари мо воқеае рух дода. Ғами моро Худо хӯрда: ба ёди ҳамсояҳо расидаем.

Дидаанд, ки шаб гузаштаву аз мо дарак не, дар ташвиш шудаанд, дар сарашон ҳазор фикру хаёл омада. Яке дигарро хабар дода, гурӯҳ-гурӯҳ дар ҷустуҷӯи мо афтодаанд, одами бисёр, якҷоя, бо ҳам. «Раҷабмурод!

Рақабмурод!!» овоз бароварда моро меҷустаанд. Бовар кунед, дар ҳоле ҳамсояҳо моро пайдо карданд, ки очатон кайҳо беҳушу беёд рӯи барф афтодаю анголакҳои[1] ман шах шуда, гап зада наметавонистам. Ҷою мавриди аз мо гапу ҳарф пурсидан набуд, бод барфҳоро чун сӯзанрезаҳо болои сар мебехт, чашм кушода намешуд. Тундбод, ҳама дар ғами ҷон, дар ғами моро аз куҳ фуровардан. Ку имконе, ки кӯдак бигӯем. Дар пеши пои қавму ҷам бимирам, моро соҳиб шуданд. Моро чи хел ба хонаамон оварданд, надонистем. Дар дегдони миёни хона алов заданд, то аз дасташон омадан баҳри ба худ омадани очатон ҷунбиданд. Баъд ҳамсояҳо рафтанд. Паҳлуи модари мадҳушатон нишаста болои алови дегдон шохаҳои ҳезум мепартофтам. Хона гарм мешуд, модаратон ҳанӯз ба худ не. Лаҳзае хобам бурд. Модаратон ба ҳуш омада:

– Бачам канӣ? – сахт таконам дод.

– ...., хомӯш будам.

– Маро кӣ хона овард?

– Ҳамсояҳо.

– Бачама наёфтед?

– ..., забонам ба ҷавоб нагашт.

– Нагуфтӣ бачама кобанд?

– Гуфтам. Барф баланд, аз куҳ тарма фуромад, қариб ҳамаамон мемурдем.

– Ғами бачама нахӯрдӣ, накофтӣ, вай зинда буд.

– Кофтем, наёфтем.

– Дурӯғ мегӯӣ. Ман меравам, ман вайро меёбам, – аз ҷой бархост, дарро тела медод, аз дарун дарро қуфл андохтам. Дар берун барф, шамол, як қиёмат. Девонагӣ дошт модаратон, насиҳат мекардам, гап мезадам, мегуфтам, ки саҳар ба ҷустуҷӯи бачааш мебароем, ҳамсояҳо ҳамроҳ мешаванд, якҷоя мешавем.

– Баъде, ки бачам мурд?

– Ин хел нагӯ, – аз ин ҳарфи хунук дили худам ҳам ларзид. Модаратон мегуфту ман мегуфтам, забону даҳонам аз гап-гапи бисёр ба дард омад. Гап фаҳмонда наметавонистам, гап дар даҳон хобам бурдааст. Вақте аз хоб бедор шудам, модаратон дар хона набуд. Қуфли дарро шикаста баромада рафтааст.

Торикбарӯз буд, аз пасаш шудам. Барф аз боридан монда, ҳаво соф шуда буд, осмон ситоразор, моҳи шаби чаҳордаҳ дар рӯз монда. Ба куҳ баромадам, модаратонро бисёр наҷустам. Худаш маро дидааст, овоз бароварда, овоз аз баландии болои сар.

– Отаи Искандар! Отаи Искандар!! Биё, биё, бачаатро ёфтам, биё, – овози ҷаррангосиаш дар куҳ баланд, наздаш расидам. Дастаи бел дар даст рост меистод.

– Шаб бачама накофтӣ, дар куҳ партофта рафтӣ. Вай дар рӯи ин тахтасанг, – санги тахтамонанди наздашро нишон дод ва бо оҳу воҳ афзуд: – Мурдааст. Чӣ хел дилат шуд, ки вайро ин ҷо монда рафтӣ?

– Кофтем, наёфтем.

– Дидӣ, ана ман ёфтам. Худам гум кардам бачама, худам ёфтам, худам гӯраш кардам, ана бин гӯри бачата, – теппачаи пурбарфу хокро ба ман нишон

[1] Чоғҳо.

дод. Болои гӯр хам шуд, гӯрро оғӯш кард.

– Ана ҳамин хел, бачаҳом, – падар нақли пурдарду аламашро анҷом дод ва афзуд: – Беҳуда вай бачама куштам мегӯяд, аз сӯзиши дилаш мегӯяд, вай гуноҳ надорад.

Ҳақиқати ҳол барои фарзандон маълум гашт. Бародарашон дар солҳои гуруснагию қаҳтӣ барои нон аз даст рафта будааст, барои нон.

Вале чи мегӯй, ки ҳамин рӯзи сиёҳи ба сари модар омадаро баъзе занҳои бедаҳан гап кардаанд, мегуфтаанд, ки Зайнурабегимро айби худаш, камҳуш аст. Куҷои гап, ки бача аз «дасти оча ғалтаду нафаҳмад». Ҳамин гап дар деҳа хоб намерафт.

Ҳамон рӯз ҳам чун падар қиссаи ғамангезашро назди фарзандон ба охир расонд, завҷааш, ки ба тӯйи ҳамсоя рафта буд, бо дидагони ашкбор пайдо шуд.

– Оча, чаро Шумо мегирйед? – духтари калонӣ Назира парида аз ҷой хест.

– Бачам, ғами худам бас нест, ки мардум рӯз намедиҳанд, – модар такя ба асояш истод.

Дар тӯйхона кампири Сафарбегим, ки базӯр сари таёқ мепояд, Зайнурабегимро дида гуфтааст:

– Бачам, Зайнурабегимӣ?

– Ҳа, холамоҳ.

– Нашинохтамат, сиҳату саломатӣ, бачам? Медонам, бачам, рӯзат сиёҳ буд. Лекин, як чӣ ки айби худат ҳам шуда буд, девона набошӣ, чи хел кӯдак аз дастат ғалтаду нафаҳмӣ. Э, не, нее, беҳуша рафтагиаш худат ҳастӣ. Як қамчин говландигӣ[1] ҳам дорӣ. Метарсам ҳамин ҳоли ҳам калушота фаромӯш карда, ба хонат пои луч наравӣ.

– Холамоҳ, поятон ба лаби гӯр расидаасту аз гапи гандаатон наемонед. Мегӯед, ки ҳамон рӯзи сиёҳ аз хурсандӣ ба сарам омада буд? Бо ҳазор забон фаҳмондам, мефаҳмонам, боз ҳамон гап. Э, бас кунеде, айбу шарма донеде, – гуфта Зайнурабегим даст аз табақи оши палов кашида, гириста-гириста аз ҷояш хестааст, ҳар қадар соҳибони хона аз роҳаш гардонданӣ шудаанд, натавонистаанд. Ҳоло, ки дар хонаи худаш ҳам байни шаҳварашу фарзандон ҳамон гап буд, аз дар даромад.

соли 2015

САРХӮР
Ҳикоя

Аз хурдӣ мешунид, ки вайро Сархӯр мегӯянд. Вагарна номи ӯ Исфандиёр. Номи нағз, ба бисёриҳо писанд. Модараш ин номро ба ӯ гузоштааст. Ҳамин гуна номи ба дилу зебо дораду боз Сархӯр ба ӯ илова. Дар мактаб, дар хона, дар ҳама ҷо. Одат кардааст. Лекин гоҳо дар фикр мешавад, фаҳмидан мехоҳад, ки чаро ба вай ин хел ном додаанд, ба чӣ ваҷҳ, барои чӣ? Аз модар бисёр пурсидааст, вале ҷавоби аниқ надодааст.

[1] Камҳушию гарангӣ.

– Напурс, бачам, аз ҳеҷ кас напурс, – таъкид шунидааст.

– Чаро, оча? Ягон гап ҳаст?

– Ҳеҷ гап нест, бачам, кадоме дар кадом вақте туро Сархӯр гуфтааст, баъд ҳамин ном мондааст. Сархӯр гапи ганда нест, мон гуфтан гиранд, Худо тану ҷонат сиҳат бошад. Баъзе номҳо хосият доранд, ба одам намефоранд. Ба Худо ҳазор шукр, ки ба ту форидааст, сарат дард намекунад, ҷақонаку паронак, назардаро, корбудкунак шудаӣ.

– Не, оча, сархӯр гапи ганда. Касе аз ман ранҷад, таъна мезанад, сархӯр мегӯяд.

– Номаъқул кардаанд, бачам. Гуфтам-ку файзи ин номро дидам. Баъзан туро Исфандиёр гуфта гардам, авзоат беҷо, касалманд, корҳоят нопешрав мешаванд, файзу баракати хона мепарад. Бовар кун, бачам, таҷриба кардам. Мон туро Сархӯр гӯянд.

Вале Исфандиёр фақат дар фикре, ки чаро номаш Сархӯр ҳам шуда? Аз кӣ пурсад? Муаллимаш ба хотир омад, на, наметавонад назди ӯ рози дил кушояд, шарм ҳам медорад. Як ҳамсояашон одами нағз, бобои Ӯзбакхоҷа. Пиру кампиранд, танҳодаст. Ба онҳо дастрасоӣ мекунад, сатил-сатил об кашонда дуои пиру кампирро мегирад.

Боре ба хонаи бобои Ӯзбакхоҷа як мошин ҳезуму як ароба коҳ оварда дар паси дарвозаашон рехтанд.

– Бачам, Исфандиёр, камтар ёрӣ мерасонӣ? – Сархӯр китобу дафтарҳояш дар таги каш аз дарвоза баромада бобои Ӯзбакхоҷаро дид.

– Хуб шудааст, бобо, – ӯ ақиб гашта китобу дафтарҳояшро дар хона монда, либоси дигар пӯшида назди бобо ҳозир шуд.

– Омадӣ, бачам?

– Омадам, бобо, мактаб намеравам, ҳамаи коҳу ҳезумҳоятонро худам медарорам, лекин аз шумо як чӣ мепурсам, рости гапро гӯед.

– Чӣ мепурсӣ, гап зан, бачам.

– Ҳозир не, бобо, ҳамаи корҳоятонро, ки кардам баъд. Лекин шумо рости гапро гӯед.

– Ҳозир пурс, бачам, кор ҳам, ки накунӣ, пурс, агар донам ҷавоб мегӯям.

– Не, не, бобо, гапи ман якто, лекин шумо рости гапро гӯед, – боз гапашро такрор намуд.

Сархӯр ҳамон рӯз ҷонро аз худ нагуфта то бегоҳ коҳу ҳезумҳои бобои Ӯзбакхоҷаро ба коҳдону ҳезумхонааш дароварда ҷобаҷо кард, баъд назди ӯ, ки рӯӣ суфа нишаста китоб мехонд, рафт.

– Корҳоят буд шуд? Акнун дуо диҳед, мегӯӣ, бачам? – бобо сар аз болои китоб бардошт.

– Не, бобо, гуфтам-ку шумо ба ман гӯед, ки чаро маро сархӯр мегӯянд, ин ҷо чӣ гап ҳаст? – Сархӯр арақҳои сару рӯяшро, ки ҳанӯз хастагиаш набаромада буд, пок карда ба суолаш ҷавоб хост.

– Биё, гузашта шин, – бобои Ӯзбакхоҷа Сархӯрро ба паҳлуяш хонд. Вақте онҳо баҳузур нишастанд, бобо аз болою поён гап андохта, баъд сабаби Сархӯр ном ёфтани Исфандиёрро ба тафсил ҳикоя кард.

Деру дур не, ҳамон рӯзи ба дунё омаданаш падараш қазо кардааст. Дар хонаашон ғирев. Дар дору гири он рӯз тифлро кӣ соҳиб шуда, надонистаанд.

Ноомадӣ, тақдири бада бинед, ки боз ва боз дар хона ҷаноза шудааст. Ҷанозаи ду духтари дигари модар, ки Фотимаю Зуҳро будаанд. Ғаму алами бедавои модар. Ана дар ҳамон рӯзҳо тифли навзодро бепою қадам, бехосият, сархӯр эълон кардаанд ва баъд ин ном ба ӯ шиштааст, номи Исфандиёр Сархӯр шуда.

Сархӯр чашм кушодаю модари ғамзадаро дида. Ғами ӯро мехӯрда вай. Давраи мактабхониаш расидаю вай барои таъмини зиндагии модар медавида. Аз рӯзи ногузаро чӣ заҳматҳое намекашид. Ҳамсояҳо чи коре мефармуданд, ба по не, бо сар медавид. Мошин-мошин коҳу алафи аз саҳроҳо овардаи онҳоро аз кӯча ба коҳдону болохонаҳояшон мекашонд, ҳезум мешикаст, шоху шаппаҳои дарахтонашонро дарза мебаст, хоку хокистар мепартофт, ҳавлӣ мерӯфт. Ҳамааш аз баҳри як лаб нон, ё як пайса-нимпайсае, ки аз дар медаровард, ба модар медод. Баҳри ризояти модар аз ҳеҷ роҳ, аз ҳеҷ хавфу хатар рӯ наметофт, ба обу оташ ҳам худро меафканд, аз ҷар паридан лозим ояд, мепарид. Дар ҳамин руҳия тарбият меёфт, рӯзу рӯзгори хонаро уҳда мекард, нону намакашон муҳайё, камоие не, муҳтоҷи дари хонаи касе набуданд.

Дар синфҳои панҷ ё шаш мехонд. Гови бо гусолаи бобои Мирзораҳим дар сари қуллаи якторае куҳ дармонд. Чӣ тавр, бо чӣ роҳ гов бо гусолааш он ҷо баромада, ба ақл рост намеомада, тасаввур намекарданд. Одамон ба гов, ба қуллаи баланд назар андохта байни худ ким-чӣ мегуфтанд, аз ҳайрат даст дар гиребон ба хонаҳояшон бармегаштанд. Гов мемонду куҳи бадвоҳима, ҳаволааш ба Худо, гоҳ-гоҳе баос мезад, мадад мехост, аммо ку имконе, ки ба танаи куҳи оинасон, лағжон пой монию боло шавӣ.

Сархӯр ҳам ҳамроҳи одамон. Дар танаш ҷомачаи куҳнаи беқасаби рангпарида, дар миёнаш рӯймол. Дар чи фикре буд, ки як ҷо ором истода наметавонист, нигоҳаш ба куҳи баланду гов. Роҳраваки танаи куҳро хурда карда болою поин медавид.

– Бобои Мирзораҳим, – Сархӯр ба мӯйсафеди соҳиби гов гап андохт. Ӯ хомӯш, ғарқи фикру хаёл, гӯё ҳарфи Сархӯрро намешунид.

– Бобо, – боз ба ӯ мурочиат кард.

– Чӣ мегӯӣ?!

– Говатонро фарорам?

– Чӣ гуфтӣ? – Бобо гапашро такрор намуд.

– Говатонро фарорам?

Бобои Мирзораҳим лаҳзае чи гуфтанашро надониста хапу дам истод.

– Намурда мондӣ, боз як балои дигар ба сарам. Дафъ шав, дар назарам натоб, рав, ҳамин ту намерасидӣ. – Бобои Мирзораҳим як химчаи дароз гирифта, ба банди пойҳои урёни Сархӯр зада-зада аз куҳ поёнаш кард. Аммо намедонист, ки ҳамон рӯзҳои баҳор ҷои Сархӯру бачаҳои бисёр аз пагоҳ то бегоҳ куҳ буд. Қуллаҳои баланду теғаҳои куҳро мебаромаданду мефаромаданд. Дарза-дарза чукурию торон, сиёҳалафу модил мечинданд.

Пагоҳии дигар бобои Мирзораҳим саросема намози бомдодро хонда, дуою фотиҳа накарда аз дари масҷид баромад. Ҷониби куҳ шуд. Ду шабу ду рӯз боз хоб набуд, мижа таҳ намекард, ҳушу ёд ба гову гусолааш. Гусола садқаи сар, говаш аз даст наравад. Вай дар куҳ, бесоҳиб, туъмаи гургон. Доштанд, надоштанд, дар қуру бисот ҳамин як гов, бо осонӣ наёфтаанд. Ангури боғу

меваҳои ҳавлиро фурӯхта, нахӯрда, напӯшида, аз нони даҳон канда, як сомону ним сомон ғун намуда, гов хариданд, ба як қошуқ шираш шукрона гуфтанд. Аммо ин бебахтиро бинед, ки камбағалро аз болои шутур саг газида. Ӯ аз гову гӯсолааш мондааст, Худо нишон надиҳаде. Мӯйсафед бо асои дарози пешаш белчадори дасташ такя дода-такя дода куҳ мебаромад. Ҳавои субҳгоҳӣ дар куҳ тоза, форам, осмон софу беғубор, каб-кабуд, ягон-ягон ситораҳо болои сар дурахшон, олам зебо, аммо хаёли бобои Мирзораҳим ба дигар ҷо. Ку гову гӯсола? Ба таги куҳ расид ва тарафи говаш ба қуллаи куҳ рӯ овард. Канӣ гов? Куҷо шуда? Ба чашмаш намеғалтид, боз нигоҳ мекард, гов набуд. Дар пойҳояш мадор намонд, такя ба асо бемадорона нишаст. Аламаш омада гирист. Боз аз ҷой бархост. «Ҳеш-ҳеш», овоз баланд кард. Аммо аз куҷо садое? Гов набуд, набуд, ки набуд. Гапзании зану фарзандонаш ба гӯшаш омад, онҳо меомаданд. Зорию илтиҷо кард, ки дурусттар нигаранд, гов ба чашмаш наафтодааст, чашмони бобо шав задаанд, хира шудаанд. Аммо ӯ ғалат накарда буд. Зану фарзандонаш ҳам диданд, ки гов набуд, дилашон ба замин зад, ба ғам афтоданд. Говро гургҳо хӯрдаанд. Ҳама дар таги қулла гирду ғун, мотам гирифтанд, мотами гову гӯсола. Ҷабр, ҷабр ба як оилаи камбизоат, камбағал.

Офтоб аз паси теғаҳои куҳ сарнишеб шуд. Нурҳояш болои сангҳо ғалтиданд, ранг доданд ба ҳама ҷо, рангҳои зарди тиллоӣ, гулобӣ, сурхчатоб, куҳ ғарқи нур. Ҳамсояҳо меомаданд, барои хабардорӣ, огаҳӣ аз ҳолу аҳволи бобои Мирзораҳим, аҳли байти ӯ. Шуниданд, ки ба гов ягон гап шуда, камбағалакон аз говашон мондаанд, таассуф. Ба бобои Мирзораҳиму аҳли хонаводаи ӯ ҳамдардӣ изҳор мекарданд, «хуб нашудааст, ҷабр шудааст», мегуфтанд. Сарҳо хам, чеҳраҳо ғамолуд, баъзеҳо ашк ҳам мерехтанд. Офтоб болои сарҳо баландтар мешуд. Дар шохаҳои кадом як дулонаи танаи куҳ гунҷишкакон фир-фир парида ғаҷар-ғуҷур доштанд, ки ба гӯши бобо намефорид. Ба хаёли ӯ замину замон андуҳовар, бо вай ғамгин. Ана дар ҳамин ҳангом баногоҳ садои баоси гов ба гӯш омад. Садоро аз ҳама аввал бобои Мирзораҳим шунида.

– Истед, истед, – даст боло кард, ки ҳама хомӯш шаванд, – мешунавед? Баоси гов. Боз ва боз баос мезад гов. Ҳама шуниданд, лекин садо аз куҷо? Намедиданд, дар ҳеҷ куҷо гов наметофт, вале садои он боз ва боз баланд.

– Ба номи Худо баоси гови худамон, дурӯғ намегӯям, шинохтам, гови худамон! – Бобои Мирзораҳим садои гови худашонро шинохт, вале ҳар қадар ба дуру наздик назар меандохт, гов наметофт. Ниҳоят аз паси сангҳои баланд-баланди хонамонанд гов намоён шуд. Бобои Мирзораҳим саҳв накарда буд, ҳамон модагови шохҳояш чунг-чунги гарданаш сап-сафеди худашон, дар баосаш садқа, хонаро ёд кардааст.

– Гови худамон, ба Худо худаш, – пирамард ба касе дигар эътибор надода қанот бароварда, сӯи гов парвоз кардан мехост, ба сангҳо пешпо хӯрда гоҳ афтодаю гоҳе хеста тарафи гов мерафт. Гусолааш ҳам пайдо шуд, бандаш дар дасти Сархӯр, дар дасти дигари Сархӯр як дангали дароз, бо он говро пешандоз карда меомад.

– Вай Сархӯр аст? – Зани бобои Мирзораҳим кампири Низорамоҳ ба чашмонаш бовар намекард.

– Ҳа, оча, бахудо худаш, Сархӯр, – Гулзираи духтари хурдӣ чапак зад.

– Гова ёфта овардааст?

– Дина ба дадам гуфта буд, ки говтона ёфта мебиёрам, дадам вайро заданд, ҳақорат карданд.

– Худо занад ин дадаи туя, феълаш бад, гизала, бадқаҳр.

– Бечора Сархӯр, ҷона аз худ нагуфта куҳ баромадааст.

– Очам хурсанд шавад гуфта, уболак[1] худашро ба ову алов меандоза, – ба гап ҳамроҳ мешуданд ҳамсояҳо.

Одамони бисёр атрофи гову гӯсола ва Сархӯр гирд омаданд. Сархӯр даст дар гардани гӯсола чашмонашро мебӯсид ва сулфида-сулфида «ту аз худам, гӯсолаҳаки худам», гуфта онро меҳрубонӣ мекард.

– Бечора Сархӯр, шамол хӯрдааст, – занҳо байни худ гап-гап карда, ғами ӯро мехӯрданд. Аз Сархӯр мепурсиданд, ки ӯ чӣ тавр роҳ ёфта, ба қуллаи куҳ баромадааст, кай ин корро кардааст, чӣ тавр гову гӯсоларо фаровардааст, шаб дар куҳ натарсидааст? Ба Сархӯр офарину таҳсин мехонданд. Зани бобои Мирзораҳим кампири Низорамоҳ аз хурсандӣ дар куртааш нағунҷида даҳони бедандонаш воз, ҳолаш хандоханд, бо ханда «биё, бачам, ба ту мемирам, бачам, биё», гуфта чанд панҷа мавизро, ки дар остинаш будааст, чочилиқ гӯён, ба сари Сархӯру гӯсола пошид. Хурсандии бобои Мирзораҳим ҳам беҳадду ҳисоб, ба гуфтаи худаш барои ӯ дунё муяссар шуда, дунёро барои ӯ Сархӯр оварда, Сархӯре, ки мӯйсафед вайро ба қатори одам намеҳисобид, дирӯз химчашап карда аз наздаш ронда буд. Дунёро бинед, ки вай ҳоло назди ҳамин бачаҳак сархам, намедонист, бо кадом забон меҳрубониаш намояд, хору хаси ҷомачаашро мечинд, сару рӯяшро дастмол мекард, «дар пеши пойҳоят бимирам, барака ёбӣ, калон шавӣ, бедард шавӣ», боз мегуфт, ки ба Сархӯр мукофот медиҳад, ба хонаашон, ки мерасидаанд, ана баъд ба Сархӯр чӣ тӯҳфа доданашро медонистааст, доманашро пур-пури чормағз мекардааст, ду тоқӣ мавизи даба ҳам медодааст, баъд то умре доштааст, то дами забонаш тар будан дуои ҷони ӯро мекардааст.

– Чӣ гуфтӣ, бачам? – Забонширинӣ дошт бобои Мирзораҳим.

– Ман чормағз намегирам, мавизи дабаатон ҳам азони худатон, – гуфт Сархӯр.

– Чӣ мегирӣ, бачам, дуои нек мегирӣ? Умрат дароз мешавад.

– Умри ман дароз нашавад, – чеҳраи Сархӯр ғазаболудтар мешуд.

– Ин хел нагӯй, бачам, одам бо дуо сабз мешавад.

– Дуо накунед.

– Хайр, бачам, худат бигӯ, чӣ диҳам? Чормағз нагирӣ, мавиз нагирӣ.

Табъи бобои Мирзораҳим хира шуд, баъд чӣ фикре ба сараш зад, ки бо ханда ба ҷамъи ҳозирин назар андохта:

– Қавмо, очаи Гулзира, – ба завҷааш ҳам муроҷиат кард: – як гап мегӯям, ҳамаатон шунавед, хизмате, ки Сархӯр кард, ҳеҷ гоҳ аз хотир намебарорам, вайро ба фарзандӣ мегирам.

– Чӣ? Чӣ, чӣ гуфтӣ, пирхар? –завҷааш оташ гирифт, ба шӯр омад: – Сархӯра ба фарзандӣ мегирам, гуфтӣ?

[1] .Ҳарфи меҳромез дар ҳаққи тифлакон

– Хайр чӣ бадӣ дорад?

– Ба дилат қошуқ метарошӣ, як бор даҳон маза карда будӣ-ку. «Очаи Сархӯра мегирам» гуфта будӣ-а? Не, ҳал накардӣ, пирхар. Поям ба лаби гӯр расида бошад ҳам, ҳоло зиндаам, хоната алов сар метеям.

– Э, занак, занаки аҳмақ, дар ин рӯзи хурсандӣ, ҷанг нахезон, наход ман зан гирам? Ҳолма намедонӣ? Э, муре! Рашк карда мемурӣ. Аз худат безорам, боз як беваи дигара чӣ мекунам. Ман як фикри дигар дорам.

– Чӣ фикр дорӣ?

– Ҳозир мегӯям, ту ҳам мефаҳмию ҳама ҳам мефаҳманд. Гулзира ин ҷо биё, дастатро деҳ, – духтарчаашро наздаш хонд. Аз дасти ӯ дошта, – мебинед-а, одамо? – Гуфт. – Ман қасам мехӯрам, дар назди ҳамаатон қасам мехӯрам, агар аз гапам гардам, ҳамин кампирам ба ман номаҳрам, сар медиҳам.

– Рӯта сиёҳ мекунам, пирхар, – завҷааш ғур-ғур кард.

– Ту даматро гир, кампир, гӯш кун ман чӣ мегӯям, – завҷаашро ором намуда, бобои Мирзораҳим афзуд: – Сархӯр, – писаракро нидо кард, – ту ҳам ин ҷо биё, – фармоиш дод, лекин Сархӯр пеш наомад. – Хайр, ту набиё, – боз рӯ ба ҳозирин давом намуд: – мебинед-а, – ба Гулзираю Сархӯр ишора кард, – инҳо ҳоло хурдакак, лекин ман зомин, ки инҳо калон мешаванд, мавриди шаҳию арӯсиашон мерасад. Он вақт Сархӯрро ба фарзандӣ мегирам, Гулзираро ба вай медиҳам, тани ҳамин хизматаш. Чӣ гуфтед, мардум? Омин мегӯем, – даст ба дуо бардошт, «Омин!», овозҳо баланд шуд. – Омин! – боз худи бобо афзуд: – Гулзираро ба Сархӯр медиҳам, зану шӯ мешаванд.

– Ман Гулзираро намегирам, ман гӯсоларо мегирам, – Сархӯр банди гӯсоларо кашид.

– Ту Гулзираро намегирам мегӯӣ? Ба ту сағераи дар таги девор мондагӣ ман духтар диҳам гӯям «намегирам» мегӯӣ? Вой, вой, вое. Медонӣ падарат чӣ одаме буд? Нонталаб буд, аз сагу мурғ қарздор, қарзу қавола катӣ аз олам гузашт. Зот ба зотатон камбағал, ба шумоҳо зан намедиҳанд, ноз накун, Гулзира гӯй, гӯсола нагӯй.

– Ман гӯсолая мегирам, – Сархӯр гӯсоларо аз миёни одамон ба берун кашид. Барои гӯсола ӯ кам ҷон наканда. Шаб буду сари кӯҳи баланд, ҳаво сард, хунук, кӯҳбаронӣ осон не, дасташу танаи сангҳо, пойҳояш меларзиданд, сангҳоро ханҷолхарош карда, худро боло мекашид, куҳ мебаромад. Ангуштонаш дар таги санг дармемонданд, аз онҳо хун мешорид, месӯхт, наафтам гуфта баъзан сангҳоро дандонгаз карда, ҷунбида-ҷунбида, хазида ба гову гӯсола наздик мерафт, баоси гӯсола, ҳуммоси гов ба гӯшаш расид. Боз як қадам худро болотар кашиду пеши гову гӯсола афтод, нафасаш омад, фукаш дар фуки гӯсола. «Гӯсолаҳаки худам, ту азони худам», даст дар гардани гӯсола аз ҷояш хест. Маҳтоб мебаромад, моҳи пурра. Куҳ равшанӣ меёфт, ҳама ҷо шир барин сафед. Шаби маҳтобию куҳ ва як нишони одамӣ. Сархӯри яккаю танҳо дар шаби моҳтоб, дар сари куҳ. Ӯро фақат як орзу, орзуи гӯсола, ки онро мегирад, гӯсола азони ӯ. Орзуҳо инсонро зинда медошта. Гову гӯсоларо чӣ тавр поён фарорад? Бо роҳи омадааш? Ба он паранда пар андохта наметавонад. Фаромадани куҳ барояш андак осон шуд. Гову гӯсола роҳашонро медонистаанд, вале Сархӯр онро надида. Гов бо роҳи омадааш

мерафт, каҷмакаҷу сарнишеб. Сархӯр аз паси гов по пеш мемонд. Ҷое меомад, аз ҳарос чашм пӯшида худро ба болои гов мепартофт. Гӯсола ақиб, ки мемонд, гов меистод, баос мезад, садо медод, гӯсола пайдо мегашт. Ба ҳамин минвол Сархӯр гову гӯсоларо аз қуллаи куҳ поён фаровард. Бандро аз миёнаш кушода ба гардани гӯсола баст. Ҳамин тавр Сархӯр баҳри гӯсола ҷон коҳонду ҷон. Вале ҳоло бобои Мирзораҳим онро ба ӯ намедод. Як нӯки банд дар дасташ, кашмакаш. Сархӯр пухтагӣ карда ними бандро дар миён чанд печ печондааст, дар банди дасту пойҳояш ҳам бандро гиреҳ андохтааст. Бобо бандро мекашид, Сархӯр аз по афтода рӯ-рӯи сангу шохаҳо кашола мешуд. Либосҳояш дарида, пора-пора шуда, тану баданаш хуншор, аз биниаш хун сар зада. Вале вай ба ҳеҷ ваҷҳ гӯсоларо доданӣ не, ҷонашу гӯсола. Бобои Мирзораҳим зӯр зада гӯсоларо гирифтанӣ, аммо наметавонист, писарак ба бобо зӯр оварда. Бобо хастаю монда, беҳолу бемадор як нӯки банд дар даст уффосзанон болои санге нишаст, ҳалқаш хушк шуда буд, «об» гуфт, бандро раҳо дода косаи обро ба сар кашид. Ба дили Сархӯр шуда. Чолокона аз ҷой бархоста гӯсоларо рӯ ба нишебии кӯтал кашид, давид, гӯсола ҳам аз пасаш давид. То бобо косаро ба ҷо гузошт, ки гӯсолаю Сархӯр дар наздикиҳо наметофтанд. «Ҳалол, гӯсола ҳалоли Сархӯр!» одамон чапак заданд, Сархӯр сари як дав ба хонаашон расид. Дарвозаро шараққосзанон кушод. Имрӯз ӯ аз дар гӯсола дароварда. Сару рӯяш хуншору либосҳои дарида, базӯр ба по меистод.

– Гӯсола овардам, оча, ана бин, азони худамон, – Сархӯр беҳолу бемадор худро ба оғӯши модар андохт. Очаю бача соҳиби гӯсола, баъд аз ҳамин як гӯсола соҳиби чандин гову гӯсола шуданд. Ҳамон рӯз бобои Мирзораҳим гӯсоларо ба Сархӯр бахшида буд.

Аз силсилаи «Саргузашти Сархӯр»

РАХНАИ ОБ
Ҳикоя

Нигора интизори роҳи модар, ки бо супориши падар барои фаҳмидани ҳарфи «ҳа» ё «не»-и Сархӯр ба хонаи онҳо рафтааст, рӯ-рӯи ҳавлӣ қадам мемонд. Лаби ҷӯй рафта даст ба мелок, ки дар як навдаи себ овезон буд, гузошта, назар ба шири табақ дӯхт, шир рӯ гирифта қаймоқ баста. Модараш баргардад, қаймоқ мехӯранд. Болои суфаро боз як бори дигар ҷорӯб зада кӯрпачаҳоро гирди хонтахта паҳн намуд. Дар рӯи дастархони қӯроқии тагаш сабз, ки захми сӯзани худаш аст, нони гарм, фатир, ҳамин пагоҳ пухтаанд. Модараш барвақттар баргардад, падарашро аз боғ ҷеғ мезананд, сари дастархон менишинанд. Вале ӯ ҳеҷ чиз хӯрдан намехоҳад, бо беқарорӣ интизор аст, ки модар чӣ хабар меорад. Хабари «ҳа» ё «не». Падар бисёр мехоҳад, хабари «не» шунавад, бегила мешуда. Аз аввал ҳам аз гапе, ки аз даҳони модари Нигора баромад, розӣ набуд, сарзанишаш кард. Лек чи кунад, ки гап баромад. Бегоҳ дар ҳамин масъала ҷанҷол хест.

– Занак, ба ту мегӯям, гӯш кун, ҳамон гапу ҳарфе, ки ҳамон рӯз хезондӣ

оқибаташро мебинӣ, ки чӣ шуда истодааст, чӣ мешавад.

– Чӣ кор кардам, мардак, бекиноюю турғуза гап занед. – Модари Нигора оташин шуд.

– Шарт буд, ки чашмонат сиёҳу торик ҳамон гапа гӯӣ?

– Чӣ гапа?

– Оҳ, оҳе, боз чӣ гап мегӯяде. Ба номи Нигора сиёҳӣ овардӣ, бахташро сӯзондӣ, миёни роҳ кардӣ. Сархӯр одаме буд, ки ҳамин гапа гӯӣ?

– Вай рӯза ба хотирам набиёре, мардак, вай рӯза кӣ ба сарам овард? Кӣ? Худатон, Худо занад шуморо ба ҳамин ҳушу гӯшу папироскашиатон, агар мардум саркану покан намедавиданд, мурдани худамон, сӯхта хокистар шудани рӯзу рӯзгорамон садқаи сар, аз Нигора мемондем. Аз ёдатон баромад, Нигора гуфта ман дар рӯи ҳавлӣ аз ҳуш рафтам, худатон гирдогирди алов «духтарам», гуфта чилпилак мерафтед. Мардум ҳама «Нигора, вой Нигора!» гӯён оламро бо фарёду фазаҳ меҷунбонданд. Духтарам дар даруни алов, дар аз болояш қуфл, месӯхт, «кӣ дара қуфл кард?»

– Ба номи Худо нафаҳмидам, ки вай дар даруни хона аст, хаёл кардам, ки мактаб рафтааст.

– Духтарамон дар алов месӯхту ҳеҷ кадомамон коре карда наметавонистем, аловкушҳо ҳам тан ба тақдири ҳақ доданд, умедҳо канда шуд. Гуфтанд, ки Нигора ҳайф шуд, гуфтанд, ки Худо раҳматаш кунад. Ҳа, ҳамин гапҳоро ба ду гӯшам шунидам, дуои духтарамонро хондем, «аз Нигора мондем», гуфта рӯю мӯй кандам. Баъд дар ҳамин дам дида будед, ки чӣ гап шуд. Ҳамин Сархӯрро Худо аз куҷое расонд. Шунид, ки Нигораи ҳамсинфаш дар даруни алов, девона шуд. Дидед, ки чӣ кор кард? Мисли шумо, падараш ғами ҷони худашро нахӯрд, сӯхта мемурам нагуфт. «Наход Нигора дар даруни алов мондааст?» об пурсид, сатил-сатил обро ба сараш рехта, ҷомаашро ҳам тар кард, онро ба сар кашида ақиб гашт. «Эй бача, ту чӣ кор карда истодаӣ? месӯзӣ, мемурӣ», пеши роҳашро гирифтанд. Аммо вай ба ҳеҷ кас гӯш надода ба хона, ба даруни алов зада даромад. Дар як они воҳид вай чӣ тавр қулфи дарро шикасту чӣ тавр аз миёни дуду алови даргирон Нигораро ёфт? Тасаввур кардан мумкин набуд. Дидем, ки Нигора дар бағал, дар сар то қадами худаш алов, мисли як аловдаста тарафи кӯли об шуд. Нигораро ба об андохт, одамон ба имдоди худи ӯ давида, алови даргирони ҷомаю либосҳояшро мекуштанд. Дидем, ки қариб ягон ҷои Нигора насӯхта, аммо худи Сархӯр сӯхта, чанд рӯз дар беморхона хобид.

Модар лаҳзаҳои сӯхтор, ҳолати духтарашон Нигораро боз як бори дигар ба хотири шавҳараш оварда афзуд:

– Ана баъд ман дар он лаҳзаҳо ба ивази ҷонфидоии Сархӯр, ки вай Нигораи ману шуморо аз дами марг ба мо баргардонд, чӣ мегуфтам? Гуфтам, ки Нигораро поку пиҳил ба Сархӯр бахшидам, ҳа, ҳамин гапа гуфтам.

– Баъд чӣ шуд? Надидӣ? Нафаҳмидӣ?

– Қудогиамонро мегӯед?

– Қариб ҳамин кор мешуд, дилкашолӣ доштанд.

– Зиқ шудед? Ғам мехӯред?

– Ҷои муносиб буд.

– Доранда буданд, мегӯед? Худамон ҳам аз онҳо камӣ надорем, хонаю

дар, ҳавлию ҳарам, гову мол, боғу роғ, мошин, магазин. Чашм нарасад, ҳама чӣ дорем, хуб шуд, ки хеш нашудем, зоти хуб нестанд, талххонаанд, барои ҳамин ҳама онҳоро талхако мегӯянд. Одамгарӣ надоранд. Ҳамон рӯз рӯз буд барои мо, ки гап аз даҳонам набаромада фуки бачаашон тоб хӯрд, алови хона намурда чапасар аз дарвоза баромад, пеши обро аз хонаашон баст, «дигар хонаи мо қатӣ об намебандед, наменонам», овозаш гирифта дар сари ҷӯйбор савор шуд. Аловкушҳо беоб монданд, алов аланга мезад, даступохӯрда шуданд. «Обро қоқ накун, Фурқат! Обро сар те!» доду фарёд бардоштанд, белу каландҳо дар даст тарафи хонаашон давиданд. Ин бедодию берӯгӣ барои чӣ буд? Барои як даҳон гап. Баъд боз гову молҳоятон аз поёни боғи мо мегузарад, гуфта қиёмат андохтанд, симтӯр кашиданд, худи ҳамин Фурқат убола надониста пои чанд мурғамонро шикаст, «дигар мурғҳоятон ба хонаи мо нагузаранд», гуфт

– Ҳеҷ мефаҳмӣ, ки ҳамаи ин аз барои чӣ? – Пурсид аз завҷааш падари Нигора ва худаш ҷавоб гуфт: – Фурқат Нигораро дӯст медорад.

– Дӯст медорад мегӯед? Дурӯғ, рӯяшро сиёҳ кардааст, агар вай Нигораро дӯст медошт, ба алов медаромад, пушт-пушти одамон гурехта намегашт.

– Аз ҷонаш тарсид бача, тарафи алов рафта намешуд.

– Худатон ҳам аз ҷонатон тарсидед, духтарам нагуфтед.

– Киноя назан.

– Фаҳмидам, ҷон фақат барои Сархӯр азиз набудааст, ҷони вай аз сари роҳ омадагӣ будааст.

– Сархӯра монда гап зан, вай аз баҳри ҷонаш гузаштагӣ одам. Барои гӯсолаи бобои Мирзораҳим худашро аз сари куҳ ғелон карда буд, ҳеҷ кас мисли вай шуда наметавонад.

– Садқааш шавам, донаҳои баракат дар сараш резад, хока гираду зар гардад. Агар Сархӯр намебуд, аз духтарам мемондам, мемурдам, худамро мекуштам.

– Лекин занак, ту ҳазор гӯӣ ҳам ман як гап мегӯям, Фурқат Нигораро дӯст медорад, се сол мегузарад, ҳоли ҳам вай дум-думи Нигора, «Нигора», мегӯяд. Дар хонаашон ғазо, духтари холааш ё духтари мулло Абдурасули куҳдарагиро, ки овозааш дар хушрӯӣ дар олам, намегирам мегӯяд, «Нигораро мегирам», гуфта рӯзи падару модарашро сиёҳ кардааст. Дар вақташ инҳо аз ҳамдигар ҷудо набуданд, ҷон дар ғами ҳамдигар, гулу булбул буданд. Ба ишқу ҳаваси инҳо зомин шудӣ. Аз рӯзи «Нигораро ба Сархӯр бахшидам», гуфтанат авзои вай ҳам тағйир ёфт, бо Фурқат дигар гап намезанад. Дилаш ба Сархӯр. Лекин ту ҳаминро дон, ки Сархӯр ба вай наметанад, ҳамина гӯй, ки ба як рӯз «Нигора», гуфта вай аз дари мо даромадааст ё ту оча шуда аз духтарат пурсидӣ, ки Сархӯра дӯст медорад ё не?

– Пурсидам, даҳҳо бор аст, ки мепурсам.

– Чӣ мегӯяд?

– Дам намезанад, сараш хам. Вале таги дилаш маълум, ба хонаи онҳо пой тоза кардааст, кору гири очаи Сархӯрро мекунад, об мегӯяд, алов мегӯяд, гов меҷӯшад, хӯрок мепазад, либосҳои Сархӯрро мешӯяд. Сархӯр ҳам Нигораро аз бачаҳо ҳимоят мекунад. Рӯзториктар, шаб бошад, Нигораро ба хона мебиёрад. Лекин як гап, ки ба вай даст намерасонад, худи Нигора ҳам гуфтааст.

– Боақл аст, бисёр, бисёр боақл. Аз зиндагӣ бохабар, чи ҳолу аҳвол доранд, медонад. Хонаҳояшонро бинӣ, мегӯй, ки ҳамин ҳоло мегарданд, аз падараш як сарпаноҳи дурусте намонд. Раҳматӣ як одами бебандимиён буд, на зан мегуфту на зисту зиндагӣ, қарздор. Аз рӯзе, ки Сархӯр ба дунё омадааст, барои як даҳон нон медавад, очама хӯронаму пӯшонам гуфта сарша ба сангҳо мезанад. Ҳамин ҳолатҳо вайро боақл кардааст. Шунидам, одамон вайро табрик гуфтаанд.

– Барои чӣ? – Пурсидааст.

– Соҳиби зан шудӣ.

– Чӣ хел зан?

– Нигораро ба ту поку пиҳил бахшидаанд, хонаатон мебиёрӣ, пулу молдор мешавӣ, домоди одамони бадавлат.

– Мо мувофиқи онҳо нестем, ҳар кас ба ворвори худаш, мо камбағалем, – гуфтааст, ба тақдир тан додааст.

– Дурӯғ будагист, – модари Нигора бовар намекард.

– Сархӯр барин бачаҳои боақл каманд. Ба худи ман ҳам ёрдам кардааст. – Падар ба хотир овард:

Бегоҳирӯзӣ шуда буд. Бо харидаҳои беҳисоб аз бозор баромад. Худе, ки рӯз торик мешуд. Бору бунаш бисёр. Халтаҳои пур-пур дар дастҳо ва дар китф, таги бори вазнин, хастаю монда, ба фук зада, ба фук зада тарафи истгоҳи автобусҳо мерафт. Ҳамин ҳангом Сархӯрро дид, ӯ аз роҳ мегузашт. Вай ҳам падари Нигораро, ки «амак» мегуфт, дид, диду тарафаш гашт. Даст ба халтаҳои бори вай бурд.

Дар истгоҳ мошин набуд. Аз автобус дарак не. Одамон кам монда буданд. Баъзеҳо «мошин намешавад», гуфта мерафтанд. Дар як гӯша, дар дарахтзор чанд нафар назар ба онҳо меистоданд. Нигоҳҳо бечо. Дар ин ҷойҳо баъзан сари роҳи одамонро мегирифтанд. Сархӯр халтаҳои борро назди амакаш монд.

– Меравӣ, бачам, раҳмат, рав, аз рафиқонат ақиб намон. Рафиқони Сархӯр дар он сӯи роҳ интизораш буданд. Аммо дили Сархӯр нашуд, ки падари Нигораро дар он бегоҳирӯзӣ, ки раҳмонда шуда буд, танҳо гузошта равад.

– Ман ҳамроҳатон меистам, амак. – Тарафи ҳамроҳонаш даст боло кард, «хайр» гуфт. Баъд интизорӣ сар шуд, на ягон мошин, на автобус. Истгоҳ беодам монд.

Онҳо хело дер ба деҳа расиданд. Сархӯр назди хонаашон ҳам аз мошин нафаромад, ҳамроҳи амакаш то хонаи онҳо рафт, ҳамроҳ бо амак борҳоро фаровард, ҷо ба ҷо кард. Баъд ҳар қадар, ки Нигораю падараш хоҳиш карданд, ки нишинад, чой нӯшад, қабул накард. Нигора ӯро то назди дарвоза гусел намуд. Чанд лаҳзае зери дарахти тути назди дарвоза истоданд. Дар шабӣ ҳама ҷо ором, хомӯшӣ, хомӯшие, ки Нигораю Сархӯр таппиши дили беқарори ҳамдигарро мешуниданд. Ҳарду паҳлӯи ҳам истодаю хомӯш. Чӣ гӯянд? Забони Нигора пеш намерафт, ки чизе гӯяд, Сархӯр бошад хомӯш. Ситораҳо, ки дар осмони дур дурахшонтар гашта буданд, гӯё Нигораро талқин доштанд: ба сухан ояд, хомӯширо бишканад, ҳарфҳои кайҳо боз дар дил нуҳуфтаашро ба забон орад. Охир меҳрашро ӯ дар дили вай нишондааст, дер боз, баъде, ки Сархӯр аз даруни алов берунаш овард, баъде, ки боз бисёр

некиҳо дид. Ҳамин ҳоло ҳам падари ӯро аз чи носозгорие раҳонда хона овардааст. Дар ҷавоби ҳамаи ин Нигора ба вай чӣ бигӯяд? Ҳарфҳои дилашро? Кадом духтар рӯ бароварда ин гапҳоро ба хостааш гуфта тавонистааст. Аммо Сархӯр чаро аз дили ӯ бехабар? Ҳоло ҳам, ки паҳлӯи ҳам истодаанд, забон намекушояд, ягон чӣ намегӯяд? Чаро хомӯш аст? Ниҳоят ба забон омад Сархӯр, овозаш баланд шуд. Чӣ ҳарфе гуфт? Ҳарфе, ки Нигораро хиҷил сохт. Ҳарфи хунук, «хайр» гуфту рӯ ба роҳ шуд. Ҳарфи «хайр» дар гӯши Нигора монд.

* * *

Нигора дар озмуни ҳусн, ки байни духтарони мактабҳои ноҳия барпо гашта буд, ғолиб омад, овозаи ҳуснаш дар ҷумҳурӣ. Ҷавонони мактабҳои деҳаҳои ҳамсоя ба дидани ин духтар меомаданд, баъзеҳояшон аз пасаш кашола, гап партофта шӯхиҳои бечо мекарданд, ҳатто ба ӯ дармеафтоданд, фиғонаш мебаромад. Як гурӯҳ бачаҳои деҳаи Болооб паси дарвозаи онҳоро гӯё иҷора гирифта. Тараққотуруқи дарвоза, «Нигора, баро, баро!» овозҳо. Ғазаби падараш меомад. Як бегоҳирӯзӣ тоқат накард, аз тори тути назди дарвоза ба кӯча назар андохт. Дар берун бачаҳо, якеашон сардор буд, ки ба ҳамроҳонаш мефармуд, пеш раванд, сари девор бароянд, дарвозаро зананд, духтарро садо кунанд. Худаш дуртар меистод. Падари Нигора аз тори тут фаромаданӣ шуд, ҳамин дам Сархӯр пайдо шуд. Аз тарафи роҳрави мактаб меомад. Бачаҳоро дида дар ҷояш истод. Худо ба Сархӯри бекасу танҳо қаду қомат, тану тӯш дода. Қадаш аз ҳамаи ҳамсинфон баланд, бузбала, боқувват, гӯштингир, ба ҳамаи ҳамғулҳояш ғолиб. Боз дар шаҳр машқ ҳам карда, як худаш ҳисоби чанд касро мерафтааст, овозааш ба мактабҳои ҳамсоя рафта. Баъзе талабаҳои мактабашонро талабаҳои мактабҳои дигар мезадаанд, онҳо номи Сархӯрро мегирифтаанд, мегуфтаанд, ки ҳоло истанд, Сархӯрро мебиёранд.

Сархӯр даме дар ҷояш итоду ҷониби сардори бачаҳо омад, ӯ танҳо, рафиқонаш ба дару девор, дарвозаи Нигораашон наздик мешуданд.

– Ту Сармисоқ ном дорӣ? –Сархӯр дастҳояш дар миён рӯ ба сардори бачаҳо истод.

– Ҳа, ман Сармисоқ, номамро аз куҷо медонӣ?

– Ман туро кофта мегаштам.

– Чӣ кор мекунӣ?

– Ҳозир зада ба замин яксонат мекунам, ё ҳамроҳонатро ҳам ҷеғ мезанӣ?

– Аз касе, ки номи маро шунидӣ, баъд напурсидӣ, ки Сармисоқӣ болообӣ кӣ? Нагуфтанд? Ман ту баринҳо, боз чандинтои дигаратро ҳам рӯ ба рӯ мезанам. – Паст наомад Сармисоқ, ба сари Сархӯр даст боло кард. Дасташ дар ҳаво монд. Сархӯр чи гунае ӯро зад, ки рӯи замин дароз ғелид, ҳамроҳонаш ҷониби вай давиданд. Вале чун назди Сархӯр расида ӯро диданд, шасташон паст шуд.

– Сархӯр, акаи Сархӯр! – вайро шинохта дастҳо пеши бар истоданд ва баъд ҳамроҳон аз дастони Сармисоқ дошта ӯро хезонданд.

Баъд тавбаю надомати бачаҳо назди Сархӯр сар шуд. Падари Нигора оҳи сабуке кашида, аз болои тут фаромад. Модари Нигора нақли шавҳарашро

шунида боз ба забон омад:

– Магар Фурқат ҳам ҳамин хел рафтор карда метавонад, барои Нигора оби шикамашро меҷунбонад? – Пурсид аз шавҳараш.

– Фурқат ҳам бачаҳоро дида буд, – хандид падари Нигора, рости гапро гуфта боз афзуд, ки Фурқат бачаҳоро дида дарвозаашонро аз дарун қулф андохта будааст.

– Дадаш, Нигораро ба Сархӯр диҳем-чӣ? – Ниҳоят модари Нигора мақсадашро назди шавҳар ошкор сохт.

– Сархӯр Нигораро намегирад, аз рӯи шунидам вай хонданӣ мерафтааст.

Падар рост мегуфтааст, дар ҳақиқат Сархӯр баъди хатми мактаб хонданӣ рафтанӣ, модари Нигора, ки бо супориши падари ӯ баҳри шунидани хабари «ҳа» ё «не»-и Сархӯр ба хонаи онҳо рафта буд, ҳамин хел хабар оварда, хабари барои Нигора нохуш.

Падару модар рӯи суфа, гирди хонтахта, ки Нигора дастархон густурда буд, менишастанд. Нигора хиҷилу руҳафтода. Модар боз таъкид намуд, ки хабари «не»-ро аз забони худи Сархӯр шунидааст, ӯ хонданӣ мерафтааст. Ҳамон рӯз хабари «Нигораро намегирам», гуфтани Сархӯр дар деҳа паҳн шуд. Ин хабар ба Фурқат ҳам расид, ҳамон лаҳза ба ҳавлии Нигораашон об омад, рахнаи обро кушода будаанд.

Январи соли 2017

Аз силсилаи «Саргузашти Сархӯр»

ИЗДИВОҶИ БЕМАСЛИҲАТ

Ҳикоя

Чӣ рӯзе ба сари модар омада! Мардум бовар кунанд, ки вай ғайри зиндагии хушу осуда ба фарзанд ва хонаводашону хоҳараш Макнуна фикри дигаре надорад. Ҳамин ба миён омадани Қарори ҳукумат дар масъалаи никоҳи байни хешу табор ҳам беҳуда нест, як ғамхорӣ, як роҳнамоӣ баҳри одамон аст. Тифлон зарар мебинанд, носолим ба дунё меоянд, умре ранҷур, дастнигар, муҳтоҷ… Баъд ин никоҳ гоҳе теша ба решаи хешию таборӣ, апаю хоҳарӣ, акагию додарӣ ҳам мешавад. Фарзандон соз намегиранд, калонсолон ҷанҷол. Як мисолаш балое, ки ба сари ҳамсояи худашон омад. Фотимаю Зуҳро дугоник буданд, нуҳ моҳу нуҳ рӯз дар шиками модар ҳамроҳ, ҳамроҳ ба дунё омаданд, бо ҳам аз синаи модар шир ошомиданд, даст ба дасти ҳам роҳрав шуданд, камол ётанд, модар шуданд. Фотима духтардору Зуҳро писардор. Чӣ воқеаи хуше, бо ҳам қудо мешаванду дастархони мурод мекушоянд. Тӯи арӯсию домодии фарзандонро диданд, яке соҳиби келин, дигаре домоддор, духтару писарашонро бегона накарданд, худӣ ба худӣ гуфтанд. Вале афсӯс, ҳазор афсӯс, ки худиҳо носоз шуданд. Оби дидаи духтари Фотима дар параи рӯй. Писари хола ӯро нағз надид, талоқ дод. Байни дугоникҳо шӯре, сари роҳашон гӯё гурбаи сиёҳ баромада. хешиашон намонд, душман шуданд, душманоие, ки дар як шикам ғунҷида буданду акнун дар олам намеғунҷиданд, куртаканию мӯйканӣ, сояи ҳамдигарро аз дару деворҳо метарошиданд, якдигарро намешинохтанд, ногап шуданд, рӯи нодид, қаҳрию

ёғӣ аз олам гузаштанд. Холаи Меҳринисо ақл дорад, рӯзи ба сари дугоникҳо омада барояш панд. Як кас, ки дар алов сӯхт, каси дигар дониста ҷониби он алов намеравад. Қудогию ҷудогӣ гуфтаанд, хоҳараш барои ӯ азиз, дукасаканд дар ин дунё, ду чочи асп, нишона аз модар, ӯ зинда нест, ки барои вай боз хоҳар зояд, хоҳар ёбад. Барои ҳамин ҳам вай намехоҳад, ки бо хоҳараш қудо шаванд. Аммо Макнуна мехоҳад, бачаю духтар Фахрию Дилбар ҳам талабгори ҳамдигар. Ҳатто падари Дилбар ҳам розӣ. Лекин дар миён як норозӣ, як сояи шум. Ин соя худаш, Меҳринисо. Агар вай «ҳа» гӯяд, олам гулистон. Тӯй мешаванд, Фахрию Дилбар ба мурод мерасанд. Вале вай «ҳа» намегӯяд. Дар идораи ҷамоат ҳам гуфтаанд, ки никоҳи онҳо нораво, хунашонро санҷидаанд. ноумедӣ, руҳафтодагӣ. Дилбар бештар ошуфта. Дили модар ба вай месӯзад. Ӯ намефаҳмад, ки Фахрӣ боз бо чанд духтари дигар ҳамгапӣ дорад, дум-думи онҳо мегардад. Ба духтари талбидаю харидаи вазир Мунисаи нозукандом-ку аз чиллаю чормоҳагиаш ошиқ. Худо ба ин бадбахти Фахрӣ ҳусн ва забон додааст. Магар Дилбар намебинад, ки кайе, ки Фахрӣ ба хонаи онҳо биояд, Муниса дар паси дару деворҳои онҳо. Баъде, ки Дилбар Фахриро то паси дарвоза гуселонд, Муниса тарафаш медавад. Онҳо боз боҳам, Дилбар гӯё маҳбубашро бо ду дасти адаб ба ихтиёри Муниса супурда, бо ҳоли ногуворе ба хона бармегардад, рӯзи равшан барояш торик. Борҳо аз Фахрӣ гилагузорӣ кардааст, модар шунидааст:

– Фахрӣ, рости гапро гӯй.

– Чӣ гапи ростро гӯям?

– Мунисаро дӯст медорӣ ё маро?

– Туро дӯст медорам, Дилбар, туро. Ту барои ман ситораӣ, ситораҳаки ман. Вай Муниса кӣ? Не, не ту бароям азизӣ, ту! Туро ба дунё намедиҳам, ту ҷони манӣ, руҳу равони манӣ. – Дилбарро ба оғӯш мекашад. Баъд ҳарду аз олам бехабар, масти лабони ширину гармии нафаси ҳамдигар… Баъд гӯё оламе насиби Дилбар. Хушу хурсанд, болидарӯҳ. Чӣ кайфияте. Худи Меҳринисо ҳам дар вақташ аз вохӯриҳо бо падари Дилбар чӣ ширинихое чашида, чӣ лаззатҳое бурда. Пир мешаванду ба хотир меоранд, ҳанӯз аз лаззати он вохӯриҳо баҳраваранд. Духтараш ҳам аз хушиҳои айёми ҷавонӣ бархурдор гардад. Ҳоло ӯ чун як гуле, гули садбарги навшукуфта, баргҳои гул шабнамзада, тару тоза. Хушрӯй аст духтараш. Вақташ меояд, хушбахт мешавад. Вале на бо бачаи хоҳараш.

Ҳафтаи гузашта дар оғил гов меҷӯшид, гов шир намедод, ором намеистод. Ҳушаш ба гову хурмаи шири дасташ буд, ки ба гӯшаш овози Дилбар омад, гапзанӣ аз паси девори оғил. Хурмаи ширро болои тахта монда нӯки по баланд шуд, аз мӯрӣ ба паси оғил назар андохт. Дар таги дарахти зардолу Дилбару Фахрӣ гап-гап доштанд, осмон нимколаабр, ҷо-ҷо ситора. Ситораҳо гӯё ба сӯи Дилбари модар чашмак мезаданд. Дилбар парешон, ҳолаш раҳмовар. Аз ҷониби дарёчаи паси хонаашон боди сард мевазид, боди нофорам.

– Фахрӣ, ту гапи маро мешунавӣ? – гуфт Дилбар.

– Мешунавам, Дилбар, гап зан.

– Қавлу қасамамон дар хотират ҳаст? Гуфта будӣ, ки ба ту бовар кунам, маро миёни роҳ намекунӣ, боз гуфта будӣ, ки моро марг ҳам ҷудо карда наметавонад, лозим ояд мемирему ҷудо намешавем. Ҳамин тавр гуфта будӣ ё

не?

– Гуфта будам, лекин коре, ки намешудааст.

– Намешудааст мегӯй?

– Ҳа, илоҷ намонд.

– Дили ту пур, Муниса дорӣ, лекин ман куҷо меравам? Ман чӣ кор мекунам?

– Ту ҳам обод мешавӣ, – бепарвоёна Фахрӣ боз ба сухан омад.

– Не, не, Фахрӣ, ин хел нагӯй. Ман ҳаргиз обод намешавам, ман туро дӯст медорам, ман туро дорам, танҳо туро, бе ту наметавонам, қасам хӯрда будем, таги чинори пушти мактаб аз ёдат рафт?

Шаб буд. Лекин мисли шаби ҳозира дилгир, шаби сиёҳ набуд. Осмон софу беғубор буд, моҳ рух менамуд, ситораҳо ҳам бо мо шод буданд, мавҷак мезаданд, механдиданд, қасам хӯрда, даст дода аҳду паймон баста будем, ки аз ҳам ҷудо намешавем. Садои шилдироси оби ҷӯи таги чинор баланд мешуд, боди руҳбахш мевазид, баргҳои чинори азим баҳам хӯрда ба хурсандии мо чапак мезаданд. Он шаб шаби шодию хурсандӣ буд, дастонамро мебӯсидӣ, мӯйҳоямро мешамидӣ, дар ихтиёрат будам, масту бехабар мешудӣ. Агар мард бошӣ, биё боз ҳамон шабро ба ёд мебиёрем, қасам мехӯрем, мегӯем, ки марг моро ҷудо карда наметавонад, мегӯем, ки мемирем, бо ҳам мемирем, мегӯем, ки моро бо ҳам ба хок гузоранд. – Онҳо дасти ҳамдигарро фишурданд, даст ба дасти ҳам рӯ ба осмон такрор ба такрор мегуфтанд:

– Аз ҳамдигар ҷудо намешавем. – Дар лабони Дилбар ханда, нигоҳҳо ба осмон, осмон абролуд, ситораҳо нонамоён, аз ҷониби дарёчаи паси хона бод мевазид, боди сарди тирамоҳ.

Дили модари Дилбар андаке сабукӣ ёфта, даричаи мӯрии оғилро пӯшид, хурмаи ширро аз ҷояш гирифт.

Амалҳои нохуш баъди ана ҳамон шаб, шаби қасам хӯрдани Дилбару Фахрӣ, ки модар бо ду гӯшаш шунида буд, сар заданд. Шабе, ки ба дидаи Дилбар хоб намеомад, даруни ҷойгаҳ меҷунбид, паҳлу мегашт. Баҳри онҳо роҳи дигар намонда. Ишқ гуфтанд, муҳаббат гуфтанд, ҳамаашро диданд, ба анҷоми ин ҳама расиданд. Онҳо номурод, Издивоҷашон номумкин, зану шавҳар шуда наметавонанд, модар намегузошта, қонун никоҳи байни хешу таборҳоро маън карда. Гап дар сари хун. Бовар намекарданд, сарашонро ба сангҳо заданд, духтур ба духтур давиданд, аз нав, аз нав хун супурданд. Дар ҳама ҷо хурӯсро як фарёд: Хунашон монанд, тамом ва салом. Онҳо номурод, онҳо бенасиб. Чаро Худованд меҳри Дилбару Фахриро дар дили ҳамдигар ҷо намуд? Чаро ҳамдигарро дӯст доштанд? Чаро? Дилҳо пурорзу буд, дар орзуе, ки саҳар аз хоб дида кушоянду дида ба дидори якдигар бубанданд, орзуе, ки бубинанд дар як ҷойгаҳ, сар дар як болинанд. Баъд бо ҳам аз болин сар бардошта аз паи рӯзу рӯзгор афтодан, хонаю дар, бачу кач гуфтан… Э боз чи орзую умедҳое. Лек намедонистанд, ки ҳамаи ин орзую умедҳо баҳри онҳо номумкин буда, гӯё акаю хоҳар будаанду бехабар. Чӣ чаҳшат, чӣ фоҷиа? Афсӯс, сад таассуф. Барояшон роҳ намонда, як роҳ монда.

Дилбар бо сари пурғавғо, хаёлҳои ноҷо аз ҷой бархост. Бо умеде, ки модар бедор нашавад, оҳиста тарафи дар рафт, рӯи ҳавлӣ баромад. Намедонист чӣ ғоти шаб, шаб пухта ё на, осмон пурситора, рӯ ба ситораҳо оварда. Дар осмон

ҳар кас ситора дошта, ситораи ӯ ку? Бо худ ҳарф мезад, боди сард лаби домани куртаи ҳарири сафеди ӯро ба банди пойҳояш мепечонд, назарашу ситораҳо. Онҳо беҳисоб, яке камнуру дигаре пурҷило, зебо, нурафшон. Кадоми ин ситораҳо ситораи ӯ? Ситорае бисёр зебо, наздикаш ситораи дигаре чашм мерабуд. Дар тасаввури Дилбар он ситораи Фахрӣ. Онҳо ду ситораанд, боз шунидааст, ки одам аз дунё гузарад, ситорааш ҳам аз осмон канда мешуда. Ситораҳои онҳо чӣ? Шояд пагоҳ?.. На, на, боз як рӯзи дигар муҳлат.

Лаби ҷӯи об рафт, ки аз миёни ҳавлӣ таг-таги дарахтон мегузарад. Шаб хомӯш, садои шилдироси об. Аз ким-кучое, аз шохаи кадом дарахте хониши паррандае, садои қум-қуми кабӯтарон аз лаби боми ҳамсоя, шаби салқину гуворо. Ин қадар зебо дунё.

Дари хона садо дод. Модар алахон шуда, аз паси вай баромадааст.

– Дилбар, Дилбарҷон, – садо кард модар.

– Лаббай, оча.

– Чаро хоб намеравӣ?

– Хобам намебарад, хобамро шумо гирифтед, оча, шумо.

– Ин хел нагӯй, бачам, зиқӣ накун.

– Хурсандӣ кунам?

– Худо намехостааст, бачам, ҳама кор дар розигии Парвардигор.

– Шумо оча, бахти маро сиёҳ кардед, – Дилбар берӯю рио бо модар гуфтугӯ кардан мехост, – шумо маро аз дунё дилхунук кардед.

– Ман ба ту душман нестам, зиндагии ту дар пеш, дар дунё фақат як Фахрӣ нест. Агар бачам, рости гапро гӯям, Дилбар, – модар ба насиҳат сар кард: – агар рости гапро гӯям, – давом намуд: – пеш аз падари ту бо як ҷавони дигар дилдода будам. Мағзи нон барин дӯст медоштам, раҳматии модарам розӣ нашуданд, «ба вай ҷавон намерасӣ, духтарам, агар маро модар гӯӣ, бачаи Зардорхонро гир, рӯзу рӯшноӣ мебинӣ, баракат мебинӣ», – гуфтанд. Бачаи Зардорхон ҳамин падари худат. Баъд чунон дӯсташ доштам, ки ана худат мебинӣ. Ин дӯстдории шумоён як боди даргузар аст. Ба Фахрӣ бовар накун, ҳайф мешавӣ.

– Мо қасам хӯрдем.

– Шунида будам.

– Шунида будед?

– Ҳа, дина шаб.

– Мо бо ҳам мемирем, баъд мебинед, баъд месӯзед.

– Ин хел нагӯй, беақлӣ накун, раҳми очата хӯр, раҳми падаратро хӯр, офтоби сари куҳ шудааст, бардошти ғам надорад.

Ин гуфтугӯи байни модару духтар як шаб пеш буд. Имшаб авзои Дилбар бечо, хобаш намебурд, рӯ-рӯи хона мегашт, сандуқи либосҳояшро кушода, куртаю камзулчаҳои зарбофташро бароварда ба қадаш чен карда, таҳ карда боз ба ҷояшон мегузошт.

– Аз ман нишона, барои модарам. –Тӯпии қубадори зардӯзиашро ба сар монд, боз афзуд: – Баъд аз сарам баъд мегиранд, – модар, ки сар таги курпа ба гапҳои Дилбар гӯш медод, тоқат накарда аз ҷойхобаш хест.

– Ту, Дилбар, сиҳат нестӣ, девона шудаӣ, ҳоло ист ба падарат, ба акаат, ба ҳама мегӯям, туро дигар аз хона баромадан намемонам, ба пою дастонат ки-

шан мезанам, девонахона мебарам, духтари бисёр надорам, якта дорам, якта… Модар бо духтар ҷанг кард, ғирев андохт. Баъд бо умеде, ки ба вай гап фаҳмонда тавонист, вайро тарсонд, – сар ба болин монд. Сар ба болин монду ӯро хоби ғафлат бурд. Чашм кушод, рӯз равшан шуда, ҷойхоби Дилбар холӣ.

– Дилбар! Дилбарҷон?! – Бо доду фарёд аз хона берун шуд. «Дар куҷоӣ Дилбар? Канишӣ Дилбарҷон!!» – фарёд мезад, садое не. Оғил, ахтахона, ҳоҷатхона, ҳезумхона кулбае намонда, ки модар ба он сар назада. «Дилбар!» гуфта заминро хокпарчак мекард модар, аҳли хонадон, ҳамсояҳо бедор шуданд, рӯи ҳавлӣ пур-пури одам шуд.

– Духтарам нест, рӯям сиёҳ шуд, вай рафтааст.

– Куҷо рафтааст Дилбар? Чӣ гап шудааст? – Ҳамсояҳо мепурсиданд.

– Рафтааст, баромада рафтааст, ман медонам куҷо рафтааст, Куҷое рафта бошад, ҳамроҳи Фахрӣ рафтааст. Модар ба замин афтода аҷириқҳоро панҷолхарош мекард. Ба писараш Шоҳпур фармуд, ки Фахриро ёбад, аз паси Фахрӣ шавад.

Аз миён лаҳзае гузашта ё нагузашта, ки Шоҳпур ҳамроҳи модари Фахрӣ Макнуна аз дарвоза даромад, гуфт, ки Фахрӣ дар хонаашон нест, модараш ҳам бехабар буда, ки вай кай аз хона баромада, куҷо рафта ё нарафта. Ба хаёли модари Дилбар, ки хоҳарашро парвое не, дилаш пур. Вай бовар намекарда, ки Фахрии ӯ аз паи ким-чӣ фикрҳои беҳуда афтода.

– Апаҷон, бовар кунед, ки бачаи ман ҳеҷ гоҳ, ба ҳеҷ ваҷҳ ин хел фикрҳо надошт, аз забонаш намешунидам. Имшаб ҳам бо ҷӯраҳояш, бо духтарҳои бисёр дар тӯй буд… – Макнуна гуфта-гуфта ба дили апааш ҳам андаке умедворӣ овард, болои алангаи оҳу нолаи модари Дилбар андаке об пошид, аҳли хонадон ором шуданд. Аммо истода-истода дили модари Дилбар боз алов гирифт. «Не, не, ҳамааш дурӯғ, духтари ӯ фикри беҳуда дошт, Макнуна намедонад». Бо оҳу нола рӯзи ба сол баробари модари Дилбар бегоҳ шуд. Шаб омад, на аз Дилбар хабару на аз Фахрӣ. Модари сарсахти Дилбар якравӣ намуда, аз ҳамон ҷои дар рӯй ҳавлӣ нишастааш нахест, ба хона надаромад. Шабаш бо дидаи бедор дар хаёли духтар рӯз шуд. Чашмашу осмон, ситораҳо, бо ситораҳо ҳамгап, дар ҷангу хархаша, ки Дилбари ӯ куҷо шуда. Офтоб баланд шуда хабар омад, ки Фахриро дар ким-куҷое бо як духтар дидаанд. Ҳушу ҷони модар тоза шуд, ба баданаш ҷон омад. Ба хаёлаш, ки духтари ҳамроҳи Фахрӣ кӣ ҳам мебуда? Албатта, ӯ Дилбари модар. Вале лаҳзае баъд модар боз ноумед шуд. Гуфтанд, ки духтари ҳамроҳи Фахрӣ Дилбар не, Муниса буда. Дили модари андаке ба худ омада боз ба замин зад. Чӣ балое, лаҳза ба лаҳза хабари нохуш, лаҳза ба лаҳза мемурду мезист.

Боз як хабар: Фахрӣ хонаашон омадааст. Ӯро Шоҳпур пешандоз карда ба ҳавлиашон, назди модар овард. Фахрӣ ба ҳазор суолу пурсиш як ҷавоб намегуфт, намегуфт, ки Дилбарро дидааст ё надидааст. Ранги рӯяш канда сафед мешуд, боз дар рӯяш хун меомад. Ӯ чун як пайкарае, ки дам ба дарун, хомӯш, аз забон монда. Хомӯшиаш ҳамаро девона карда, модари Дилбару Шоҳпур девонатар. Намедонистанд, ки ба ин пайкараи сангбаста чӣ гӯянду чӣ кунанд, Шоҳпур тоб наовард, ба сари Фахрӣ хест, аз гиребонаш дошт. «Гап зан, Дилбар канӣ? Куҷо шуд? Канӣ хоҳарам?» ба сару рӯяш бо мушт зад, пеши чашмонаш хун омад. Модари Фахрӣ худро ба болои фазандаш пар-

тофт, падари Фахрӣ, бародаронаш ҳам омаданд, хешовандон ҳамдигарро намешинохтанд, байни ду хонадон ҷанг, қиёмате. Дар айни ана ҳамин низоъю гиребонгирӣ пирамард Ӯзбакхоҷа, ки аз ҳикояи «Саргузашти Сархӯр» («Адабиёт ва санъат», № 4, 26.01.2017») хонанда ӯро медонад, аз дарвоза даромад. Дар сари ӯ ҳамон саллаи сафедашу дар бар либосҳои озода, дар даст асо. Бо дидани пирамард, гирифторони ҷангу хархаша даст аз гиребони ҳамдигар гирифтанд. Алови ҷанг шип зад. Меҳринисою Макнуна «таға, тағоҷон!» гуфта ҷонибаш давиданд.

– Чӣ гап? Ин чӣ хунохасмӣ? – ангуштони пирамард Ӯзбакхоҷа дар танаи асояш меларзиданд.

– Таға, тағоҷон, Дилбарам, Дилбар… – алами модари Дилбар тоза шуда фиғон андохт.

– Дилбар сиҳат аст.

– Шумо духтарамро дидед? Вай дар куҷо?

– Дар хонаи Сархӯр.

– Сархӯр кӣ таға? Барои чӣ духтарам дар хонаи вай?

– Гап бисёр, барои ҳамин омадам.

Аз ин хабари бобои Ӯзбакхоҷа ҳама дар ҳайрату тааҷҷуб монданд, Фахрӣ безобита шуд, дар куртааш занбӯр даромада, ки дар ҷунбуҷӯл афтод. «Дилбар зинда?!» Дар хаёли Фахрӣ вай ким-кайҳо фавтида… «Аввал ман, аввал ман!» гуфта худро ба ҷар афканд. Чӣ хел ӯ боз зинда? Ин ҷо ягон гап ҳаст. Бале, гап ҳаст, ки онро муаллифи ин ҳикоя медонад. Тафсилоти зиёд, мавзӯъи боз як ҳикоя, давоми ҳикояҳо аз силсилаи «Саргузашти Сархӯр». Ин ҳикоя ҳам дар ихтиёри ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», дар ихтиёри сармуҳаррири муҳтарами он, агар лозим донанд, дар ягон шумораи наздик чоп мешавад.

Аз силсилаи «Саргузашти Сархӯр»

МАЗОРИ АРӮСОН

Ҳикоя

Дилбар дар ҷои ваъдагӣ, дар таги чинори паси девори масҷид ҳозир шуд, ба паси кундаи чинор гузашт, панаҳ бурд, то ба чашм наафтад, набинандаш. Хотираш парешон, роҳе, ки меравад ноосудагӣ, бо ҳар қадам риштаи умр барояш кутоҳ мегардад. Омода шудааст, худашро оро додааст. Абрувонаш усмаолуд, мижгонҳо сиёҳӣ гирифтааст, рухсораҳо ҳамон тару тоза, гул барин, дандонҳо аз сафедӣ медурахшанд, куртааш матои тагҷигарӣ, ҷо-ҷо гул дорад, камёфт, гоҳе бо шиносоӣ меёбӣ, пойпӯшҳо зарҳалолуд, тилловориҳо беҳисоб, падару модар «фидои духтари эркаю ягона», гуфта харидорӣ кардаанду харидаанд, гӯшҳо аз ҳалқаҳои тиллои ба заргар фармудаашон бор оварда, вазни зиёди гарданбанд ҳис мешавад, як нигинаҳои қуббаи миёни он нархи чанд хонаю ҳавлӣ, дастпонаю ангуштаринҳо тиллои холис, қиммат. Чаро ҳамаи онҳоро ӯ ба бар карда? Баҳри чӣ? Дилаш ба модар месӯзад, баъди сари Дилбар ҳар яки онҳо аз духтари ҷавонмарг барояш нишона не, мору каждум,

як ғамашро сад ғам месозад. Саҳвашро мефаҳмад, модар, дар масъалаи Фахрӣ ҳам. Мебинад, ки ӯ духтари вайро фиреб намедода, мебинад, ки Фахрӣ ҳам дар паҳлӯи духтари вай, ду майит.

Ку Фахрӣ? «Рӯз равшан нашуда аз шаҳр мебароем», гуфта буданд. Чаро ӯ намеояд? Дилбар ноосудатар гашт. Хайрият намоён шуд, наздаш омад. Қадаш аз қади Дилбар як сару гардан баланд, навча, ниҳолу нозук, ба дили Дилбар, як дунёю хандаҳояш, аз ханда тарҳи рӯи сафедчатобаш мешукуфад. Мисли Дилбар Фахрӣ худро оро надодааст, дар тан ҳамон шиму костюми зардчатобаш, ки бо мӯйсари болои абрувонаш хамида мезебад. Гиребонҳои куртаи сафедаш мисле, ки ягон вақт гард намегирад, тозаю озода. Дар либоспӯшӣ ӯро таъриф мекунанд. Ҷавони аз сару рӯ, либосҳояш бохабар. Ҳаво андаке сард, вале сараш урён, тӯппӣ напӯшидааст.

– Омадӣ, Дилбар?

– Барвақттар омадам, тезтар аз маҳалла бароем.

– Шитоб накунем-чӣ?

– Хайр гуфтӣ?

– Мебинӣ, ҳо ана дарвозаашон, – дарвозаи сабзи гулноки рӯ ба рӯро нишон дода қадам монд.

– Нарав.

– Хайр мегӯям, – дарвозаро бо лағат сахт зад.

– Барои чӣ бо лағат задӣ?

– Боз мезанам, – чи ишорае байнашон буд, ки боз лағат зад. – Намеарзад, – саросема ба роҳ даромад. – Тез роҳ гард, – фармоиш дод ба Дилбар.

Ба беруни шаҳр расиданд, ин тарафи роҳашон рӯ ба адиру теппаҳо, аз канори киштзорон. Ғаллаҳои тирамоҳӣ неш зада заминро пӯшондаанд, дар талу теппаҳо ҳам сабза дамида. Тирамоҳи фиребо, ба назар ҳусни баҳор мерасид. Офтоб баромада рӯи роҳу сабзазорон нур мерехт. Замину замон зебо. Ягон-ягон гунҷишкакон сари шохаҳои дарахтон, ки болои теппа, миёни заминҳо рӯида будаанд, фир-фир паропар доштанд. Дарахтон бебарг, баргҳо хазон шуда рехта. Умед ба баҳор, ки боз сабз мешаванд. Парандагон рӯ-рӯи киштзорон паст дар парвоз, бол мехобонданд, сабза мечиданд, дон меёфтанд.

– Роҳамон дур аст?

– Ҷари Говкушро мегӯӣ? – Хаёли Фахрӣ ба ҷар буд, ки номи онро ба забон овард.

– Дидагӣ ҳастӣ?

– Ҳа, ман ин ҷойҳоро медонам, медонӣ-ку хонаи тағоям Ӯзбакхоҷа дар Сафедоб, ҷари Говкуш ҳам дар поёноби ҳамин деҳа.

– Номаш дар гӯр, аз худат шунида будам. Он вақт дар хаёлат набудам, аз пасам медавидӣ, «Агар маро нагирӣ, худамро мекушам, худамро аз ҷари Говкуш мепуртоям», мегуфтӣ, нияти бад карда будӣ, дар гӯшам ҳамин гапро хондӣ, талқин кардӣ, ман акнун худамро аз ҷар мепартоям, ту не, ман!

– Ман ҳам…

– Чаро номи сабили ин ҷар Говкуш?

– Ҷари бетаг аст, гов афтад, зинда намемонад. Баъд одамон ҳам худашонро аз ин ҷар партофтаанд, арӯсҳо. Ин ҷоро Мазори арӯсон ҳам мегӯянд.

– Мазори ман ҳам.

– Ин тавр нагӯй.

Баландиеро баромаданд. Фахрӣ бозистод.

– Расидем, – гуфт.

– Канӣ ҷар?

– Ба поён нигар.

– Ман ҳеҷ ҷойро намебинам, наздикам биё, Фахрӣ, дастамро гир, – дар пойҳои Дилбар ларза афтод.

– Сабр кун, Дилбар, тавбу кун, ба худ биё, ақиб мегардем, худамонро аз ҷар намепартоем.

– Баъд чӣ кор мекунем?

– Акаю хоҳар мешавем.

– Бе ту наметавонам.

– Дар тақдирамон набудааст.

– Қасам хӯрда будем, аз хотират баромад?

– Қасам хӯрда будем, – овози Фахрӣ ларзид.

– Бо ҳам мемирем, беҳамдигар намезиҳем, гуфта будем?

– Гуфта будем.

– Аз роҳат нагард, дастатро деҳ.

– Чӣ мекунем?

– Бо ҳам, якҷоя, дасти ба даст… – Дилбар пештари ҷар рафт.

– Пеш биё, ақиб нагард, номард нашав, чашм мепӯшему дасти ба даст, баъд…

– Не, не, Дилбар, ман туро дӯст медорам, ту бароям азизӣ, ман аввал худамро мепартоям, ман аввал, – овози Фахрӣ ларзид.

– Ту аввал худатро мепартоӣ? Не, не, ҳаргиз, дилам намешавад, дида наметавонам, зиндамур мешавам, кӯр мешавам. Ман аввал! Ман аввал!! – овози Дилбар баланд садо дод, пой ба лаби ҷар бурд. Баъд чи шуду нашуд Фахрӣ бехабар. Аз Дилбар нишоне намонд, худаш мондаю лаби ҷар. Аз ҷои исташ намеҷунбид, беҳаракату карахт, ҳайрон. Ҳамин ҳангом овозе шунид, ки «Фахрӣ!», гуфт, овози шинос, ба ақиб рӯ овард, Муниса. Байнашон гуфтугӯ буд, ки Фахрӣ дарвозаро мекӯбад, рамзе, ки ҳарду мефаҳмиданд. Баъд Муниса ноаён аз паси Дилбару Фахрӣ афтод, дар лаҳзаи лозимӣ омад, дасти Фахриро гирифт. Бо ҳам даст ба даст баландиро хамиданд.

* * *

Сари ҳар ҳафта ё моҳ як-ду бор дар хонаи бобои Ӯзбакхоҷа ширинкорон, базлагӯён, одамони шӯху хушчақчақ ҷамъ меоянд, ба қавли худашон менишинанду мегӯянду, механданд, ғубори дил бароварда мераванд. Имшаб ҳам дар ин ҷо маърака буд. Мавзӯи ширингӯиҳо бачаи кампири Руқиямоҳ Сархӯр. Мегуфтанд, ки деҳаро ҳазор бор тагу рӯ карда кобӣ ҳам ӯ баринашро намеёбӣ. Худо ӯро яккаю ягона офарида. Як вақаб кӯдак буда ӯ, ки ба аспҳои ҷавмаст, навсаворӣ, чарс, бадфеъл савор мешуда, аспҳои пушти луч, безину афзол, дингалак мезадаанд, рост-рост мехестаанд, тӯр мебардоштаанд, медавидаанд. Вале Сархӯр кана барин дар пушти асп часпидагиаш часпидагӣ. «Бача ягон гап мешавад», гуфта одамон чашм мепӯшиданд. Борҳо аз асп афтода бо ҷогаҳу ҷома ҳам шудааст, модар ҳалилобдориаш карда. Аммо сари

по, ки мешуда, боз ҳолаш ҳамон, аз паси аспҳо давидан. Гӯё ҷонаш ба ӯ намефорида.

Дирӯз дар масҷид кадом як навдаи якторае як чинори азимро ба ӯ нишон дода васваса андохтанд, ки кӣ баромада метавонад? Сухан дар забонҳо, ки Сархӯр ба кундаи чинор часпидааст, базӯр нигоҳаш доштаанд. Номи Сархӯр вирди забонҳо буд, ки нафаре аз ҷой бархост:

– Шунидед, ки дар деҳа чӣ гап? – Хаёли ҳамаро ба худ кашид.

– Чӣ гап?

– Бачаҳо ҳама ғалтидаанд, ғайри Сархӯр.

Ба як мӯйсафеди хушгап Худо дода буд, ки аз ҷояш парида хест.

– Алахонум кардӣ, Зиёвиддинҷон, бачаҳо аз чӣ ғалтидаанд? Аз хар, аз асп? Ё гӯштин гирифта ғалтидаанд?

– Бобо, муғамбирӣ мекунӣ, медонӣ.

– Чия медонум?

– Бачаҳо аз имтиҳон ғалтиданд, ягонтаашон дар мактабҳои олӣ дохил нашудаанд, ғайри Сархӯр.

– Ин хел бугу, нафаҳмидум, пирӣ –дия, Зиёвиддинҷон, – мӯйсафеди хушгап худро ба нодонӣ андохта боз пурсид: – Сархӯр дохил шудай гуфтӣ?

– Ҳа, Сархӯр дохил шудааст.

– Вай кадом мактаб рафтай?

– Институти санъат.

– Кӣ мешудай?

– Ҳофиз.

– Ҳофизия метона? Овозша нашунида будем-ку.

– Як муаллими зӯр ёрдам расондааст. Баъд худаш Аҳмад Бобоқулро тақлид кардааст, тавонистааст.

– Худо дохил намешуд, Худо аз кампири Руқиямоҳ ҳамин як сағера ҳам наемонд, – як мӯйсафед Сархӯрро дуои бад кард.

– Барои чӣ, бобо? – Ҳама дар ҳайрат афтоданд.

– Як одати бад пайдо кардааст, дарахт намонда бурида гаштааст.

Мӯйсафед рост мегуфтааст, Сархӯр баъди донишҷӯ шудан ҳамин хел кор мекардааст, аммо дарахти сабз намебуридааст, ҳеҷ гоҳ, ба ҳеҷ ваҷҳ. Тешаю табар, арра дар даст, хараш пеш-пеш дара ба дара, ҷар ба ҷар гашта дарахти хушк меҷуста ӯ. Дарахтҳои хушк кам, ягон-ягон. Онҳо дар сари теға, танаи куҳу камар, дар ҷойҳое, ки пои одамӣ намерасида. Вале Сархӯр ноилоҷ, бори зиндагии модар ба уҳдааш, боз дар шаҳр хондан, сағераи бекас, таг замину боло осмон, бо ҳар роҳе, ки набошад бояд бизиҳанд, рӯзи худашу модарро гузаронад. Албатта, бо роҳи ҳалол, бо меҳнат. Ҳафтае як-ду бори хар ҳезум ёфта деҳ ба деҳ бурда мефурӯхт, пул меёфт, ба гуфтаи модар, ки мардбача аст, хор намешаванд.

Он рӯз ба ҷари Говкуш омада буд, ба гуфтае, ҷари одамхӯр. Чанд дарахти хушк дар танаи ҷар, аз кадом давру замоне монда, ҳуши ҳама ба онҳо, ҳезум, аловӣ. Лекин ку имконе, ки наздик равӣ, яки онҳо аз сари ҷар хеле поён, дар нишебнамо, баъд нишеби нишеб, ҳеҷ бандаи муъмин он ҷо рафта натавонад, сарозер мешавӣ, тамом, вассалом, кас буд ё набуд.

Сархӯр девонаи ба кори худ ҳушёр. Чӣ кор карданашро медонад. Хона ба

хонаи аҳли деҳа гашт, як вақаб банде, ки доштанд, мардум ба ӯ доданд. Бандҳоро нуки ба нук карда, дар танаи як-ду дарахти сари ҷар ва дарахтони аз ҷар дуртар баст. Ба ҳар тори онҳо худро печонд, дар танаи ҷар рост ҳам истода метавонист, хам шуда ба кундаҳои дарахтони шикаста ва ба сангҳои калон-калон даст мерасонд, як навъ монеаҳое, ки кас шояд дар онҳо дармонад. Монеаҳои ночиз, дар лаҳзаҳои фоҷиа, садорум намешаванд, раҳо меёбӣ, рӯ ба сарнишебӣ, рӯ ба марг. Бандҳоро кашида-кашида ба бехи дарахте, ки пешчашма карда буд, расид. Такя ба дарахт истод. Тешаю табарро ба танаи он зад, аррароба шохе овехт. Дарахти азим, аввал шоху навдаҳояшро мезанад, ана дар ҳамин лаҳзаҳое, ки Сархӯр дар зери дарахт буд, Фахрию Дилбар сари ҷар омада буданд. Садои гапзанӣ ба гӯшаш расид, гапзании ду нафар, писару духтар, нигоҳаш ба ҷониби онҳо, ки наменамуданд, гӯшаш ба гапзанӣ. Писару духтар маслиҳат доштанд, «аввал ман, аввал ман!» мегуфтанд. Ба як қарор омаданд, ки «аввал ман!» овози духтарро шунид. Чӣ даҳшате, бачаю духтар худро аз ҷар мепартоянд. Вай шоҳид, пеши назараш ин воқеа рух медиҳад, сади роҳашон шуда наметавонад, фарёду фиғон бардорад ҳам. Саросема шуд. Ҷоеро, ки духтар дар боло буд, муайян намуд, бандҳоро дошта-дошта рӯ ба он сӯ шуд. Ҳамин лаҳзаҳо духтар аз пешаш сарнишеб, ба қаъри ҷар меравад. Духтарро медорад, аз марг мераҳонад. Ӯ аз алов бароварда буд духтарҳоро. Лек ин ҷо аз алов бадтар. Дар такопӯ афтод. Рӯ ба боло дар танаи ҷар ҷой гирифт. Пойҳояш дар банд, дастонашро ба ду тараф ёзонд. Ӯ омода, сонияҳо, лаҳзаҳо… Аз сари ҷар ғелид духтар, сарозер меомад. Садои даҳшатовар, гӯё ҷари одамхӯр овоз бароварда. Чанги хок ба осмон, регпораҳо ба сар мерехт, Худоё, зарб хӯрда духтар аз болои Сархӯр гузашта наравад. Вай ба зарба тоб меорад? Аз пой дарнамеафтад? Ҳамроҳи ӯ сарозер намеравад? Бархӯрд, зарба, духтар ба оғӯшаш афтод, истодагарӣ карда натавонист, рӯ ба поён шуд, пойҳо рӯболо, дар поён ҷар. Ба хаёлаш бандҳо канданд, раҳо хӯрд, сарнишеб рафт. Ҳайф, умраш то ба ин ҷо будааст, войи ҷони модари танҳою зораш. Аз миёни аловҳо гузашта чанд ҷонро раҳонд, аммо дар ин ҷо натавонист. Ин ҷо рӯи замин не, ӯ дар миёни замину осмон, рӯ ба қаъри бетаги ҷари одамхӯр. Ин ҷо осон не. Муборизаи байни ҳаёту мамот, ҳама ҷо ба назараш тираю тор, чангу ғубор, ҳеҷ ҷойро намебинад. Чи қадар хоку хору хас, қум, кулӯху санг ба сараш борид, намедонад, лат хӯрд. Чӣ чора? Хоб аст ё бедор? Не, не, ӯ муваффақ шуда. Духтарро дошт, зарб хӯрдааст, ба сангҳо бархӯрдааст, сараш хун, пеши чашмонаш хун, шукр, ки зинда, нафас мекашад, бахти баланди духтар, бахти баланди Сархӯр. Ҷони зинда дар бағал худро боз ба тарафи дарахт кашид, дарахти хушк кор дод. Умедгоҳ дар танаи ҷар, ба дарахт такя дод, нафасаш омад, даме осуд. Ҷавони ҳамроҳи духтар омада ку? Ба хотир овард. Шояд вай ҳам худро ба ҷар афкандаву Сархӯр бехабар монда. На, на, ин тавр нашуда. Агар вай худро ба ҷар мепартофт, боз қиёмате. Ғулғула, ҷар садо медод, садои даҳшатфизо, садои ба ҳам хӯрдани сангу сафолҳо, чанг, ғубор, сиёҳӣ, хоку қум ба сар меборид. Вале ҳеҷ гап нашуда. Ҷавон худро ба ҷар напартофтааст. Духтар фireб хурда. Ӯ дар бағали Сархӯр, бори вазнин, бардоштан осон не, ӯро кучо гузорад? Зери дарахт? Он ҷо чанд вақаб ҷой, нишебнамо, ҷунбидан, паҳлу гаштан намешавад, вақабе поёнтар роҳ ба қаъри ҷар. Дилаш нашуд, ки

духтарро он ҷо гузорад. Ба осонӣ ба даст наомадааст. Ӯро бояд боло, ба сари ҷар барорад, душвор. Вай дарзаи ҳезум не, ки бо банд боло кашад. Вай ҷон, ҷони зинда. Дар танаи ҷар касе не, ки ҳамроҳ шаванд, аз болои ҷар ҳам овозе намеояд. Умед ба худаш, танҳо ба худаш, ба дасту бозувонаш, ки машқ мекунад, умед ба бандҳо, онҳо дар дарахтони азим баста шудаанд, торҳои банд беҳисоб, дар сар то қадами Сархӯр ва духтар печ хӯрдаанду печидаанд. Намеафтанд, бандҳо намекананд, фақат лозим, ки Сархӯр ҷон коҳонаду худ ва духтарро боло кашад. Кафҳои даст, панҷаҳояш обила задаанд, хуншор, дарду сӯзишаш беҳисоб. Бандҳоро гиреҳ андохта-гиреҳ андохта ваҷаб ба ваҷаб худ ва духтарро боло мекашид. Рӯ ба роҳ аст, роҳи ҳаёт. Саҳар, вақти офтоббаро ин ҷо омада буд. Офтоб ҳоло дар куҷои осмон? Чӣ ғоти рӯз шуда? Мисле говгум. Шаб меояд, салобати шаб, торикии ҷар ваҳмовар. Шаб дар ҷар намонанд, не, бояд ин тавр нашавад. Меҷунбад, ҷон аз худ нагуфта меҷунбад. Хаста гаштааст, сару рӯяш арақшор, об мехоҳад, кому ҳалқаш хушк шудааст, об, дилаш об меҷӯяд. Тоб меорад, тоқат мекунад, вай ҳамон Сархӯр, Сархӯри азобу азиятдида, ҷафокашида. Ниҳоят, ниҳоят ба чашмаш равшанӣ хӯрд, офтоб. Дид, ки ба лаби ҷар расидааст. Берун омад аз ҷар. Ӯ ҳамроҳи духтар дар беруни ҷар, дар олами равшан, офтоб дар дами ғуруб, вале охирин нурҳои он рӯи сабзаҳо гулрезӣ доранд. Сабзазорон, офтоб, олам зебо, мисли баҳор. Бандҳоро аз тани худ ва духтар кушод. Болои сараш дарахтҳое, ки ба онҳо банд андохта буд, гӯё раҳмат мегуфт ба дарахтон. Духтар назди Сархӯр рӯи сабзаҳо хобида, беҳушу беёд, сару рӯяш пури хун. Ӯ кист? Куҷоӣ? Чаро ҷавони ҳамроҳаш ӯро гузошту рафт? Тақдири минбаъдаи Дилбар ва Фахрӣ ва ҷавоб ба суолҳои Сархӯр мавзӯи боз як ҳикоя, ҳикояҳо аз «Саргузашти Сархӯр».

23.03.2017

Аз силсилаи «Саргузашти Сархӯр»

БОЗ ЯК ФОҶИА

Ҳикоя

Кампири Санамро гӯё дарди сӯзмол[1] гирифта, лаҳзае дар ҷояш шишта наметавонист, ба хона даромада мебаромад. Ҳушу хаёл ба бачааш, рӯз торик, осмон пурситора шудаю аз ӯ дарак не. Ин хел одат надошт, офтоб напарида бо як бори хар ҳезум аз дарвоза медаромад. Имрӯз ӯ ба ҷое рафта, ки дили модар меларзид, бачаи беақл, ҷари Говкуш ҷое, ки ба ҳезум равӣ. Аҷал аст ҷар, аҷал. Агар мардум наметарсиданд, вай дарахтони сабилӣ он ҷо мемонд? Дар солҳои беҳезумӣ ҳам ба дарахтони ҷар кордор нашуданд. Лекин ин бачаи ӯ? Худо нишон надиҳад, вай бандаи бадавлат нест. Бо ҳазор фикру хаёл афтода буд, ки Сархӯр омад. Банди маркабро тарафи дари хона кашид. Бори улав вазнин, ором намеистод, сумак мезад.

[1] .Дарди бедаво

– Дер кардӣ, бачам?

– Шаб шавад, баъд қишлоқ дароям гуфтам.

– Барои чӣ?

– Ҳозир гап мезанам, келин овардам, оча, келин, – хурсандӣ дошт Сархӯр. Давом намуд: – Биё, пеш биё, оча, келинта фарорем.

– Шӯхӣ накун, бачам.

– Шӯхӣ намекунам, оча, Худо зуволаи бачата мӯл кардааст, дар роҳи рафтааш ҳам як чи меёбад, ёфтам, ана худат бин.

– Чиро бинам? Дар торикӣ ҳеҷ ҷойро намебинам.

– Мебинӣ, оча, ёрдам расон, оча. – Духтарро, ки болои дарзаҳои ҳезум хобонда, рӯяшро бо ҷелакаш пӯшонда буд, бо модари ҳайратзада бардошта дар оғӯш гирифт. – Ҷой соз кун, оча, – хоҳиш намуд аз модар.

Духтарро очаю бача рӯи чанд қабат кӯрпача дар болои хона хобонданд, талх-талх нолиш мекард, аммо ба гап набуд.

Баъд суолу ҷавоби беҳисоби модару бача сар шуд. Сархӯр ҳикоят кард. Модар фаҳмид, вале хомӯш намеистод.

– Чаро вайро ба хона овардӣ? Агар як кору гап шавад, ба бало мемонем, бо сӯхтан пок намешавем, ҷавобгар мешавем.

– Нафас мекашад, нолиш дорад.

– Ҷонша даст гирифтӣ, хуб кардӣ, ба милиса хабар медодӣ, духтур мебурдӣ.

– Гап бисёр мешуд, оча, кӣ гуфтааст, ки ман духтарро наҷот диҳаму дигарҳо вайро соҳиб шаванд. Ақлат кам шудааст, оча.

– Ман намедонам ту чӣ мехоҳӣ, лекин гап бисёр мешавад. Чароға пештар биёр, – фармуд модар.

– Свет дар[1] нагирифтааст?

– Намедонӣ, қариб ними шаб свет мешава.

Модар дар равшании лампаи карасинӣ медид, ки куртаи духтар дар танаш лах-лах даридагӣ, тоқиаш якнима, бо сӯзан ба мӯйҳои сараш андармон карда будааст. Назари кампир ба гарданбанду дастпона, ангуштаринҳои ӯ афтода ақлаш коҳид, тарсид.

– Ин чӣ гап, бачам? Сар то қадамаш дар тилло таре. Ин духтар духтари ягон калоншаванда ё ягон бойбово аст. Аз тиллоҳояш тарсидам. Ҳоло бачам, як кор мекунем.

– Чӣ кор?

– Тилловориҳояшро буҷо[2] мекунам.

– Таги ҷо мезанӣ?

– Э нее, ин хел нагӯй, бачам, тиллоҳояш ба худаш насиб кунад. Лекин ман мегӯям, ки агар ҳамин ҳоло милиса ё духтур биояд, барои тиллоҳо чорчангола ба вай мечаспанд, бардошта мебаранд.

– Барои чӣ гуфтӣ?

– Барои тиллоҳо, ҳуши ҳама кашол мешавад.

– Ҳуши ман ба худаш кашол.

– Беақл нашав. Ворисонаш ҳам, ки биёянд, аз мо тиллоҳоро мепурсанд.

[1] Чароғи барқ
[2] Пинҳон

Тилло барои одам бало, дарди сар. Кампири Санам мӯйҳояшро дар осиёб сафед накардааст, зиндагидида аст, аз пастию баландиҳои дунё бохабар. Як пора нони хушкро дар об тар карда мехӯранду осудаанд, тинҷанд, ина бинед, ки бачаи беақл ба сарашон чӣ бало овард. Дар рӯи хона чинор барин як духтар беҳушу беёд хоб. Як гапу кор шавад, бо мурдаи ӯ чӣ ҷавоб мегӯянд? Ному нишонашро намедонанд. Оҳ вое, чӣ рӯзе, чӣ балое! Боазоб сӯзанакҳоро аз мӯйҳои духтар ҷудо карда, токиро аз сараш гирифт. Куртаи сони сафеди дарозу васеи худашро ба вай пӯшонд. Саргираки оҳарии обнарасидаашро ба сари ӯ бастан хост. Вале дид, ки аз сараш хун мешорад, ҷо-ҷои сараш кафида будааст. Дону нодон ба табобати духтар пардохт, як калла қанди сафедро кӯфта, майда карда, ба ҷойҳои хун пошид, латтаю пашм сӯхт. Сандуқчаашро кушода аз даруни гиреҳу гиреҳбачаҳо сиру нил, буғма, даҳонифаранг, ҳазориспанду ким-чи хел нохуну торҳои риши азизу бузургонро ёфт. Сир хоида, буғма хоида ба таги дандони духтар монд, дар бехи биниаш ҳазориспанду пари кадом парандаро дуд андохт. «Эму демат ҳамин», гуфта ба сараш тешаю табар, ухлоқ бардошт, «дасти ман не, дасти фалону бисмадон, қушночу бахшиҳо», гуфта, дегдон фаровард, «эму дем», гуфта гирди сараш алов гардонд, дар чор бурҷи хона нукча зад, дар ҳаққи духтар корҳои аз дасташ меомадаро ба ҷо овард, дар рӯи ӯ хун омад, ба ҷунбуҷӯл даромад, баланд-баланд нолиш мекард.

– Нағз шуда истодааст, баҳуш меояд. – Сархӯр хурсанд гашт.

Кампири Санам даст ба мӯйҳою рӯи ӯ бурда модарвор меҳрубониаш мекард, ба ҳолаш мегирист ва боз мегуфт: «Беақлӣ кардӣ, ҷони бибӣ, ба ҷонат ҷабр кардӣ, ҷони бибӣ».

Духтар ба ҳуш омад, паҳлу гашт, сӯзиши дардро ҳис кард, ки бехудона «оча, вой, очаҷон!» гӯён чашм кушод. Барои Сархӯру модараш гӯё дунё насиб гашта, ҳарду аз ҷой рост шуданд.

– Чӣ хуше, оча, шодиёна! –Сархӯр чапак зад, чароғҳои барқии хона, ки то ҳол хомӯш буданд, фурӯзон гаштанд, хона равшан, дидагони бози духтар ба атроф, ба кампир. Кулбаи фақирона, бомаш пастакак, деворҳо качу килеб, дар поёни хона як сандуқи чӯбину сандуқча, болои онҳо чанд курпаро тал чидаанд, дар фарши хона гилеми пашмини порча-порча сафеду сиёҳ, як тиреза ҳам дошта хона, он дар наздикии дари даромад. Назараш ба хона, ба гирду атроф, дар фикр шуд. Ӯ ба худ аст ё бехуд? Шояд фавтидааст, куртааш сафед, рӯймоли сар ҳам сафед, либосҳои сафед кафан. Ӯ мурда, мешунид, ки баъди марг рӯхи одам зинда мемонда. Рӯҳи вай зинда, саргардон, дар хонаи одамони бегона, камбизоат, камбағал. Аз афташ кампиру ҷавон очаю бачаанд. Чашмонаш мебинанд, дасту пойҳояшро ёзонд. Лаби кӯрпаро аз болояш бардошт, як тараф кард, хестанӣ шуд, аммо натавонист, сараш аз худаш не, пеши чашмонаш сиёҳӣ заданд, баъд надонист, ки ӯ зинда ё мурда, аз ҳуш рафт, чашмонаш пӯшида гаштанд. Хайрият аз миён андаке гузашту боз ба ҳуш омад, медид, ки кампиру бача дар болои сараш. «Духтарам, духтарҷонакам, чашмакота кушо, ба ҳуш биё, ҷонам, ҷонакам», овози кампирро мешунид. Кампир одами зинда, ҷавон ҳам рӯ ба вай истода, ҳарф мезанад, пою дастҳо, тамоми узви баданаш мисле дар даҳони мор месӯхт, дард мекард. Вай намурда, зинда, «ман аввал!» гуфта худро аз ҷар партофта буд,

магар вай зинда монд? Фахрӣ дар куҷо? Вай мурдаю Дилбар зинда? Агар ин тавр шуда, вай зинда будан намехоҳад. Ҳаргиз, як дам ҳам. Лаби ҷар меравад, худашро боз мепартояд. Агар ҳамин тавр накунад, зиндагӣ барояш ҳаром, қасам мехӯрад. Вай чӣ тавр ба ин хона афтодааст? Мепурсад, муайян мешавад.

– Бибӣ, ман дар хонаи шумоям? – Аввалин сухане, ки ба забони духтар омад.

– Ҳа, бачам, дар хонаи мо.

– Маро кӣ ин ҷо овард?

– Бачаам овард, туро бачаам Исфандиёр наҷот дод.

– Исфандиёр?! – суоломез ба рӯи Сархӯр назар андохт духтар. Ба хаёли Сархӯр, ки ӯ бовар накарда, ки вайро ӯ аз марг раҳондааст.

– Дар танаи ҷар ҳезум мезадам, туро доштам, худам қариб ҷар шудам,[1] зинда монданат мумкин набуд, – гуфт Сархӯр.

– Ҳа, духтарам, барои ту аз бачам мемондам. Лекин хуб шудааст, ки ту духтарам зинда мондӣ, – модар ҳарфҳои писарашро тасдиқ намуд.

– Ту маро доштӣ? Ту маро наҷот додӣ? Чаро ин корро кардӣ? – Ба ҷои изҳори миннатдорӣ, раҳмат гуфтан чеҳраи духтар ғазаболуд гашт.

– Ҳа, ман туро доштам, боазоб, як бало карда доштам. – Сархӯр аз он ки духтар ба ғазаб омад дар ҳайрат афтод.

– Мо аҳд баста будем, акнун ман зинда мондаму вай мурдааст, барои ман вай мурдааст? – Дилбар назди ошиқаш дар хиҷолат, рӯсиёҳ. Акнун ӯ бо кадом рӯ, бо кадом забони дароз дар ин дунё мезиҳад? Чӣ гуна ба рӯи холааш менигарад? Ба хаёли хола вай – Дилбар Фахриро ба лаби ҷар бурда куштааст, – Дили духтар ба шӯр омада овоз бароварда:

– Ту маро доштӣ, ки намирам? – Боз такрор намуд духтар.

– Некӣ кардам, ҷонамро ба хатар монда туро наҷот додам.

– Некӣ не, ту маро хоки рӯи замин кардӣ, зиндамур шудам. Ту бефаҳм, беақл, аҳду паймонро намедонӣ. Туро ба куҷоҳо барам, ки гӯям маро ҳамин одам аз Фахрӣ ҷудо кард, бо ин ҳам худамро сафед карда наметавонам, имрӯз бояд мурдаи ману Фахриро мебаровардand, ду тобут думи ба дум мешуд, мегуфтand, ки тобути ошиқон, тобути Фахрию Дилбар. Ана баъд Мӯниса медид, мефаҳмид, ки Фахрӣ киро дӯст медоштааст, барои кӣ мурдааст, ба кӣ забон медодаасту ба кӣ дилдода будааст. Месӯхт бевача, мемурд духтари вазир. Аммо ҳайф, ки ба орзуяш нарасид, номурод шуд, ба ҳамааш ин бача гунаҳгор, айби ӯ.

Дилбар ба мақсад нарасид, халал расонданд.

– Ту, Исфандиёр, маро шарманда кардӣ, таги таънаю тавоза мемонам, намедонам ба ту чӣ кор кунам, кушам хабар намешавам, ту гунаҳгор, ту! – Дӯғу пӯписа шунид Сархӯр, – акнун ба гӯристон як тобут, тобути Фахриро мебаранд, – ба худ дар мегирифт Дилбар, Фахриро фиреб дод. На, вай ба ваъда вафо мекунад, зинда мондан наметавонад, тобути Дилбарро ҳам ба гӯристон мебаранд, имрӯз ё пагоҳ. Мегӯяд, ки ӯро дар паҳлӯи гӯри Фахрӣ ба хок гузоранд. Ду гӯри нав, афсона мешаванд. Вафодориро аз онҳо омӯзанд.

[1] Ба маънии ба ҷар афтодан

Лекин мисли Фахрию Дилбар номурод нашаванд.

– Исфандиёр, – бо овози гирифта, хастаҳолона номи Сархӯрро ба забон овард Дилбар.

– Лаббай, – ба ҳоли Дилбар раҳми Сархӯр омад. – Чӣ мегӯӣ, ҷони ширин?

– Ҷони ширин нагӯй, дар беҳушиам ба рухсораҳоям даст расондӣ, мӯйҳоямро ғоз медодӣ, ҳис мекардам, мешунидам, ки «ин қадар ту зебо, Худо туро ба ман додааст», мегуфтӣ, маро бӯсидӣ, ҷунбида наметавонистам, нафратам меояд ба ту, муносиби худатро ёб, – хомӯш шуд, баъд чашмаш дар рӯи Сархӯр афзуд: – аз ту як хоҳиш, ба ман ёрдам расон, раҳмат мегӯям.

– Барои чӣ раҳмат мегӯӣ?

– Маро ба лаби ҷар бар.

– Чӣ ном дорӣ, духтарам? – модари Сархӯр таги гапҳои духтарро фаҳмида пурсид: – Аз куҷо мешавӣ?

– Номам, бибиҷон, Дилбар, аз Шоҳмансур, хонаамон дар пушти масҷид.

– Фаҳмидам, духтарам, туро пагоҳ худам ба хонаатон мебарам, тангаю тиллоҳоят қатӣ ба падару модарат месупорам.

– Бибиҷон, ман аз шумо миннатдор, – давом намуд: – аз куҷо буданамро фаҳмидед, номамро гуфтам, хонаамон равед, тилловориҳоямро ба модарам бурда диҳед, худамро баъд ба хонаамон мебаранд, худамро мекушам. – Дилбар безобита шуд, гуфта-гуфта ба шӯр омад, хаёлаш беҷо, боз чашмонаш пӯшида гаштанд.

Модари Сархӯр фикр кард, ки хуб шуд, ному ҷою макони духтарро фаҳмид. Медонад, дидааст, ки одамони сарашон латхӯрда аввал ҳеҷ чи намефаҳманд, ҳушашон бачо, сип-сиҳат метобанд, лекин ба ногоҳ мебинӣ, ки афтоданду ба ҳоли худ шудаанд. Худо нишон надиҳад, ки ин духтар дар рӯи кулбаи фақиронаи вай нобуд шавад, авзояш беҷо, «худамро мекушам», мегӯяд. Очаю бача ба бало мемонанд, пул дода дарди сар хариданд. Ба ҳамсояҳо хабар диҳад? Одамони дилпур нестанд, ба ҷои ғами онҳоро хӯрдан данг-данги гапро ба олам мебароранд. Худаш ҳам шаб саҳар шуда истодааст, дари кушода доранд, ягон кас омада монад-чӣ? Духтари боҷогаҳу ҷома хобидаро мебинад, ана баъд гап ёбу гӯй, ки ӯ кӣ? Чӣ тавр дар хонаи онҳо пайдо шудааст?

– Бачам, Исфандиёр, – чи гапе ба хотири модар омад, ки номи ӯро гирифта гуфт, ки ба ӯ гӯш андозад.

– Чӣ мегӯӣ, оча? – бо табъи хира бо модар гӯш андохт.

– Ту бачам, намедонӣ, ки асли ҳамин амаки Ӯзбакхоҷа аз куҷо, – ва худаш шарҳ дод: – вай ҳам омад, аз Шоҳмансур аст. Ким-кадом солҳое кӯчида ба Гулоби мо омадааст, ҳоло ҳам хешовандонаш омада мераванд. Биё, як кор кун, ба сари амаки Ӯзбакхоҷа дав. Аз ҳамин одам бисёр некӣ дидаем, агар надонем кӯру кӯҳрӣ мешавем, ҷондастгирамон аст, Худо нигаҳбонаш шавад. Рав, зорӣ кун, гӯй биояд.

Хонандаи гиромӣ аз ҳикояҳои «Саргузашти Сархӯр» («Адабиёт ва санъат» № 4, 26.01.2017), «Издивоҷи бемаслиҳат» («Адабиёт ва санъат» № 15, 23.04.2017), «Мазори ошиқон» («Адабиёт ва санъат» № 16, 27.04.2017) ва «Рахнаи об» «Садои Шарқ» №6, 2017 бо пири хирадманд, бобои Ӯзбакхоҷа шинос аст. Маънии ҳарфи Сархӯр ва сабаби Сархӯр ном гирифтанашро Ис-

фандиёр аз ӯ фаҳмид. Дар охири ҳикояи «Издивоҷи бемаслиҳат» айни алангаи ҷангу ҷидоли хешовандон, ки Дилбарро фавтида ҳисобида даст ба гиребон мешуданд, аз дарвоза ҳамин бобои Ӯзбакхоҷа даромаду ҳама хомӯш шуданд, хабари зинда, дар хонаи Сархӯр будани Дилбарро шуниданд.

* * *

Сархӯр ба сари бобои Ӯзбакхоҷа рафт, ӯро дар хонааш наёфт, Шоҳмансур рафта будааст. Баъд рӯз шуду боз шаб омад. Чашми кампири Санаму писараш ба роҳи ӯ. Духтар бетоқатӣ дошт, мегуфт, ки роҳи дигар надорад, роҳи ҷари Говкушро ба ӯ нишон диҳанд, ӯро ба он ҷо баранд. Дар забонаш номи Фахрӣ, ки чаро вай мурдаю Дилбар зинда. Ба дилаш алов ғалтида, бедавотар мегашт. Зорию тавалло, насиҳатҳои модари Сархӯр ба дардаш даво намегашт. Мисли девонае, ки ҳу гӯяду аз дару деворҳо берун равад. Дарро аз дарун занҷирпеч карданд. Умеди очаю бача ба бобои Ӯзбакхоҷа, ки ӯ ояду Дилбарро аз роҳ гардонад, ором созад ва шояд ӯро шиносад. Ниҳоят бобои Ӯзбакхоҷа қарибиҳои ними шаб, ки ҳамон лаҳзаҳо аз Шоҳмансур баргашта будааст, омад.

– Чӣ гап? Чӣ воқеа рух додааст? – бобои Ӯзбакхоҷа бо хотири парешон аз дар даромад. Очаб бача ҷойгаҳи миёни хонаро, ки дар он духтар мехобид, нишон дода, қисса карданд, кампири Санам гириста-гириста гуфт, ки номи духтар Дилбар, аз Шоҳмансур, хонаашон дар пушти масҷид, падараш муаллим.

– Дилбар, аз Шоҳмансур, духтари муаллим, хонаашон дар пушти масҷид? – бобои Ӯзбакхоҷа бо ҳайрат лаби кӯрпаро аз рӯӣ духтар поёнтар кард, – Дилбар, Дилбарҷон? – бо дидагони ашкбор баланд овоз бароварда.

– Таға?! – духтар чашм кушод, тағою ҷиҳан ҳамдигарро шинохтанд.

– Дар ҷаноза будам.

– Дар ҷаноза?! – Дилу ҷигари Дилбар бо шунидани ҳарфи ҷаноза сӯхта бирён шуд.

– Ҳа, чунон ҷанозаи серодам, пурсӯзу гудоз шуд, ки ҳеҷ вақт ин хел нашуда буд. Очату холат рӯю мӯй меканданд, сангу чӯб ба гиря даромад, дар баландӣ, дар паҳлӯи раҳматии бибиат гӯр кардем, худам дар хок мондам.

– Худатон дар гӯр мондед?

– Ҳа, бачам, ҷигарбандам аст, худат медонӣ, – бобои Ӯзбакхоҷа боз чи гапҳое гуфту нагуфт, ки Дилбар намешунид, гӯшҳояш қулф заданд. Ӯ хабари ҷанозаи Фахрриро шунид, ӯ мурдааст, дамаш ба дарун афтод, аз гап монд.

– Натарсед, эшонҷон, – кампири Санам бобои Ӯзбакхоҷаро аз эҳтиром ҳамин тавр ном мебурд ва давом намуд: – вай гоҳ-гоҳ ҳамин хел мешавад, боз ба ҳуш мебиёяд, ҳазор раҳмат, эшонҷон, ки омадед, фарзанди худатон будааст, дилам қувват гирифт, дигар наметарсам, Исфандиёр хуб кардааст, ки вайро наҷот додааст, хуб кардааст бачам.

Кампири Санам боз таъкид намуд, ки бобои Ӯзбакхоҷа алахон нашаванд, хонаашон равад, дам гирад, хоб кунанд. Аммо бобои Ӯзбакхоҷаро хоб аз куҷо? Саросема аз ҷой бархост, дар ҳамон шабӣ боз рӯ ба роҳи Шоҳмансур оварда.

* * *

– Таго, тағоҷон, – Дилбар ба ҳуш омад, тағояшро пурсид. Фаҳмид, ки он кас рафтаанд. – Фаҳмидам, ҳамон гапи худам, Фахриро гӯр кардаанд, сари гӯраш меравам, омадам мегӯям, хоки гӯрашро ба сарам бод мекунам, худамро дар болои гӯраш мекушам, ҳамроҳаш мешавам, – Дилбар бехудона ба худ ҳарф мезад.

Аз ҷойхобаш хест Сархӯру модараш ӯро аз роҳ гардонда натавонистанд. Шӯру қиём андохт, пеши чашмаш чизе меафтод, коса ё табақу пиёла, чойник, ҳатто кафшу калушҳоро бардошта ба дару деворҳо мезад, шишаҳои тирезаҳоро шикаст. Кампири Санам дарро кушод, ба Сархӯр гуфт:

– Мон равад.

* * *

Пас аз борон ҳаво тоза, руҳафзо шуда буд, осмон соф, ситораҳо ягон-ягон метофтанд, субҳ медамид. Вале сари теғаҳои куҳ ҳанӯз абр, он ҷо борон.

– Дилбар, бигӯ, куҷо меравӣ? – аз паси ӯ аз дарвоза баромада пурсид Сархӯр.

– Нашунидӣ? Сари гӯри Фахрӣ меравам, гуфтам.

– Гӯри вай дар куҷо намедонам, вале роҳи Шоҳмансур ин тараф қатӣ, – поёни куҳро нишон дод.

– Бо роҳи ҳамроҳи Фахрӣ омадаам меравам.

– Пиёда? Дур аст.

– Ҳамроҳи ту равам дур, лекин бо Фахрӣ омадам, наздик буд.

– Нахоҳӣ ҳамроҳат намеравам.

– Биё, ҳамроҳи Фахрӣ наметарсидам.

– Бо ман равӣ метарсӣ?

– Нахоҳӣ, набиё.

– Биё гӯӣ меравам.

– Биё.

– Лекин медонӣ-чӣ? Бо роҳи ту мегуфтагӣ имрӯз рафта намешавад, дар дара сел омадааст.

– Бигзор сел бошад, бало бошад, аз ҷар натарсидӣ-ку.

– Ҳамроҳи ту наметарсам.

– Шӯхӣ накун, наханд, дилам намебардорад.

Аз баландӣ рӯ ба дара мефаромаданд, сари теғаҳои куҳ абр, борон меомад, оби сангоб меҷунбид. Дар пойҳои духтар туфлии нӯкборик, ба либосҳояш обу лой мепарид. Почаҳои лозимии атласашро то ба зону бар зад, дар назари Сархӯр духтар ин қадар зебо, банди пойҳояш зебои зебо. Дар деҳа ҳеҷ гоҳ духтарон почаҳои лозимиро ним ангушт ҳам боло намебардоранд. Дилбар духтари шаҳр, ӯро парво не, ки Сархӯр ба куҷои ӯ менигарад. Ҳар гоҳе пояш ба чуқурие равад ё пешпо хӯрда афтад, даст дароз мекунад, Сархӯр медавад. Паҳлӯ ба паҳлӯи ҳам ба лаби сангоб расиданд, оби сангоб дамиш хӯрда сел меомад. Сархӯру Дилбар қад-қади сангоб болою поин давида ҷои тунукоб мекофтанд.

– Гузашта намешавад, ақиб мегардем, роҳ қатӣ меравем.

– Ба Фахрӣ ҷон азиз набуд, худашро аз ҷар партофт.

– Вай худашро аз ҷар напартофтааст.

– Нашунидӣ тағоям гуфтанд, дина ҷанозааш буд.
– Ман дар танаи ҷар будам.
– Туро сари гӯраш мебарам, мебинӣ.
– Аз об гузашта намешавад.
– Метарсӣ?
– Об бисёр шуд, говро меафтонад, мошинро чапа мекунад.
– Ман мегузарам.

Сархӯр ҳис намуд, ки духтар аз раъяш намегардад, ҳамин ҳозир пеши назараш ӯ ба об медарояд. Ӯро наҷот дода буд, ҳоло наметавонад, об ҷои бозӣ не. Ҳардуяшонро мебарад, мурдаҳояшонро намеёбанд. Сангоб ба Кофарниҳон мепайвандад, ана баъд дар оби қиёмат[1] мурда кобу мурда ёб. Чи беақлие, ӯро ҳазор дорӣ, агар дасту пояшро ба занҷирҳо бандӣ ҳам аз роҳаш намегардад. Аҷал дар дилаш васваса андохтааст, об аҷали ӯ, сӯяш давида истодааст. Сархӯр чӣ кор кунад? Ӯро ба ҳолаш гузораду равад? Куҷои одамгарӣ, ҷавонмардӣ? Ҳайф мешавад. Чи қадар нозуку ниҳол, зебо аст, ба дил ширин кардааст ӯро. Аз ӯ ҷудо намешавад, ҳамроҳ рӯ ба марг меравад, вале маргро намехоҳад, безор аст. Дар хона модари зору танҳояш чашм ба роҳи ӯ, ӯро интизор. На ӯ зиндагӣ мехоҳад, борҳо бо марг ғолиб омадааст, ӯ ҳамон Сархӯр. Шикастарӯҳ намешавад, аз об мегузарад, духтарро ҳам мегузаронад. Панҷаҳояшро мушт кард, дар тарҳи рӯ ҳисси ғазаб, аз ғазаб сангҳоро бо лагад мезад, тарақотуруқи сангҳо ба фалак, қад-қади сангоб болою поин давид, ҷои тунукоб ҷуст, назараш ба он сӯи сангоб, лаб-лаби сангоб дарахт, ягон-ягон. То он сӯи об масофа зиёд не, 15-20 қадам, наздик, вале аҷал ҳам наздик, шохаҳои бедҳои лаби Сангоб рӯи об хамидаанд. Агар наздик шавад, даст ба навдаҳои онҳо мебарад, медорад. Об ҷониби дарахтон гаштааст, бехи чанди онҳоро кома кардааст, фашшос мезанад, садои аҷал, ба ҳар ҳол Сархӯр боумед. Ҳамин, ки наздики дарахте шавад, даст дароз мекунад, дастама гир, мегӯяд, ҷондастгираш дарахтҳо.

– Ба об медароем, – аз дасти Дилбар дошт.
– Наметарсӣ?
– Ҳамроҳи ту наметарсам, намемурам, бо ҳам аз ҷар баромадем, аз об ҳам мебароем.
– Чӣ хел?
– Пуштора мекунам.
– Метавонӣ? Ман вазнин.
– То хонаатон ҳам, ки гӯӣ пуштора мекунам, хурсанд мешавам, Худо мегӯям ҳамеша дар пушторааам бошӣ, азони худам бошӣ.
– Ин хел нагӯй, гуфтам-ку дилам намебардорад, шӯхӣ накун.
– Биё ҷонам, – назди як санги баланд истод, хаёл дошт, ки барои «ҷонам» гуфтан гап мешунавад, вале Дилбар дам назад, болои санг баромада ба пушти Сархӯр часпид, ба гарданаш даст андохт, дастони нозуки духтар дар гарданаш печиданд.
– Чашмонатро пӯш!-шунид Дилбар овози Сархӯрро, ҳарчанд, ки садои об баланд, сангҳо қасар-қасар ба ҳам мехӯрданд, санг меғелонд об. Сархӯр ба

[1] Ба маънии оби бисёр

дарунтари об даромад, боз қадам монд, пойҳояш рӯи сангҳо лағжиданд, қариб афтод. «Натарс, ҷон, натарс», гуфт ба Дилбар, оҳиста-оҳиста пеш мерафт. Лаҳзае Дилбар чашм кушод ки қариб ба беруни сангоб расидаанд, дарахтҳо наздик, талош, саъю талоши Сархӯр ҷониби онҳо, вале об гузар намедод, онҳоро мепечонд, боз қадам монд, об то китфонаш баланд шуд, қарибе таги об монданд. Аммо Сархӯр ба пой рост шуд. Лаҳзае, боз чанд лаҳзае. Овози Сархӯр баланд гашт: «фаро!» Пушташро ба тарафи соҳил гардонд. «Фаро! Худатро соҳиб шав, фаро!» фарёд зад. Лаҳзаҳое, ки Дилбар худро рӯи сабзазорони канори сангоб дид. Вале худи Сархур баромада натавонист, ҳар қадар меҷунбид, печутоп мехӯрд, дасташ ба шохи дарахт ё буттае намерасид. Ниҳоят наздики як дарахте шуд, сершоху навда, об таги решаҳои онро мекофт, кома мекард, дарахтро ба ком мекашид, дарахт аз бехи решааш канда хурд, обаки шуд. Сархӯр ба шоху навдаҳои дарахт часпид. Дарахт рӯрӯи об мерафт, дарахт ва Сархӯрро об мебурд, Дилбар тоби назораи ин манзараи фоҷиабор надошт. Чашмонашро пӯшид. Вақте чашм кушод, ки на дарахт буду на Сархӯр. Сари шохаҳои дарахтон, болои сараш нурҳои офтоб афтода, нурҳои заринтоби офтоби пагоҳ. Ӯ мондаю лаби сангоб. Аз ҷой бархост, роҳи ӯ давомдор, мисли давоми ҳикоя.

23-юми июли соли 2017,
д. Нилкон

ҲИКОЯҲО АЗ ҲАЁТИ ПРЕЗИДЕНТ

ОФТОБИ ПАСИ ТЕППА

Бонуе, ки аз шаҳри Ваҳдат ба Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон модар шудаанд

Рӯзҳои омодагӣ ба ҷашни 5-солагии Иди Ваҳдати миллӣ буд. Дар сар то сари ҷумҳурӣ тайёрӣ медиданд. Ба ин муносибат Президенти муҳтарам, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат сафар мекарданд. Сафарҳои пеш аз ид. Гуфтанд, ки Ҷаноби Олӣ ба ноҳияи Кофарниҳон (ҳоло шаҳри Ваҳдат) сафар мекунанд. Он рӯз чоршанбеи 24-уми апрели соли 2002-юм буд. Хушбахтона дар қатори чанд нафар адибон, аз ҷумла, Муъмин Қаноат, Гулназар банда ҳам дар сафар ҳамроҳашон будам. Пагоҳии бармаҳали баҳор, дарахтон ғарқи гул, дар роҳу роҳравҳо сабзаҳо дамида, ҳавои атромез, боди салқину руҳафзо бӯи гулу гиёҳҳоро ба машом меовард. Сафаракиҳо дар назди бинои Ҳукумати Тоҷикистон ҷамъ омада, мунтазири роҳакӣ шудани автобусҳо. Банда, устод Муъмин Қаноат, Гулназар паҳлуи ҳам наздики тирезаҳо ҷой гирифтем. Шеърхонӣ. Шеърҳо дар васфи Ватан, баҳор. Роҳамон рӯ ба Кофарниҳон, ин қадар зебоиҳо, қад-қади роҳ навниҳолон, арчаҳо ҳама сарсабз.

Пазироии Президенти муҳтарам аз деҳкадаи Заводи Хишт (Кирпичний) оғоз гашт. Мардуми шарифи ноҳияи Кофарниҳон ба истиқболи Ҷаноби Олӣ баромадаанд. Ба назар беҳисоб, садои карнаю сурнай, доираю табл, суруду мусиқӣ. Салому алайк мегуфтанд, ба ҳарфҳои Ҷаноби Олӣ гӯш медоданд. Авҷи сухангӯӣ буд, ки шима-шима борон омад, осмон абролуд, мардум гӯё ба ҷунбиш даромаданд, боридани борон андаке афзуд, нооромӣ аз назари Ҷаноби Олӣ пинҳон намонд.

– Борон омад. – Бо лабони пурханда ба ҳозирин муроҷиат карданд ва хандида афзуданд боз: – Борон омад, метарсам, ки аз пою қадами мубораки банда жола наборад, – баланд хандиданд, ҳама хандиданд. Лаҳзае нагузашта буд, ки ҳавои баҳор тағйир ёфт. Марди солманде назараш ба осмон хандида-хандида аз қатори одамон пеш баромад.

– Не, Ҷаноби Олӣ, ҳаргиз ин тавр нагӯед, аз қудуми Шумо файз меборад, баракат меборад, ҷола намеборад, ана бинед, ҳаво соф кард, офтоб мебарояд, офтоб! – Ба шавқ омада қоҳ-қоҳ хандид. Дар чеҳраи Президент ҳам ханда, ба мард муроҷиат карданд.

– Саломатиҳо чӣ хел, муаллим? Осуда ҳастед? Дигар ғам намедиҳанд? – Ҷаноби Олӣ мардро мешинохтаанд. Аз ӯ ҳолу аҳвол пурсиданд, «ғам намедиҳанд?» гуфтанашон чӣ маънӣ дошт, баъдтар фаҳмидем. Муаллимро ман ҳам медонистам, ба мо дарс дода буданд, баъд ба деҳаи ҳамсоя, ба ноҳияи Кофарниҳон кӯчиданд. Ҳарфҳои пурҳикмати муаллим дар хаёлам монданд, ки аз офтоб сухан мегуфтанд. Баъдтар банда ва ёрдамчии баландмартабаи Президент дар он рӯзҳо, ҳоло муовини Ҳизби халқӣ демократии

Тоҷикистон, Саидмурод Фаттоҳзода ба шарафи 50-солагии Президенти муҳтарам, Ҷаноби Олӣ китобе мураттаб сохтем, номаш «Рӯ ба офтоб».

Ҷаноби Олӣ дар давоми сухан лаҳзае таваққуф карданд.

– Карокатулло Мирзоев, ин ҷо биоед, – номи бандаро ба забон оварданд. Дар ҳайрат ва ҳаяҷон афтодам, ба мисле даступохӯрда шудам. Ҷаноби Олӣ маро наздашон хонданд? Бечуръатона ба паҳлӯяшон гузаштам. Бандаро яке аз сокинони ноҳияи Кофарниҳон меҳисобиданд, даст ба китфам гузошта рӯ ба мардум афзуданд:

– Карокатулло Мирзоевро мешиносед?

Ҳама ба як овоз: «Ҳа, Ҷаноби Олӣ, медонем, аз Роҳатӣ!» – нидоҳо баланд гаштанд, овози муаллим баландтар:

– Карокатулло шогирди худам, Ҷаноби Олӣ, ба вай дарс гуфтаам. – Аз миёни одамон боз пештар омаданд.

Президенти муҳтарам даст дар китфи банда давом намуданд. Гуфтанд, ки Карокатулло дар даврахои нооромӣ ҳам менавишт, эҷод мекард. Ба гурӯҳе ҳамроҳ набуд, метавонист гапи хайру нек мегуфт, ҷонибдори ҳукумат буд.

Дар он солҳо ҷони ҳама дар хатар буд. Ба кадом ҷониб майл доштани одамон ба ҳисоб гирифта мешуд. Сухан сари сабзро мехӯрд. Эҳтиёт шудан лозим буд, дил ба ҳеҷ кас пур намешуд. Радиошунавоние бо номи «Тошработ» фаъолият дошт. Ба хона даромада, дарро ба рӯям баста мавҷи ин радиоро меҷустам. Боре сухангӯии ширине ба гӯшам омад. Суханҳо баҷо, пӯхта, ҷозиб, ҳақ мегуфт. Лаҳнаш зебо. Маъқулам шуда, ҳарфгӯиҳояшро гӯш медодам, ному насабашро намедонистам, аз овозаш мешинохтам. Боре шоҳиди як гуфтугӯи гарму самимиаш гаштам. Ӯ ҷавобан ба гурӯҳҳое, ки онҳоро ба номусулмонӣ бадном мекарданд, ҷавоб мегуфт. Мегуфт, ки эй бародарон, бовар кунед, алҳамдулиллоҳ ҳамаи мо мусулмонем, якеаш худам. Дар колхоз роҳабр будам, баъзан аз марказ намояндаҳо меомаданд, ҳамроҳашон сар ба сари заминҳо мегаштем, бо пахтакорону ғаллакорон суҳбат мекарданд. Мавридҳое мешуд, ки ҳамроҳашон будаму аз масҷид овози азон баланд мегашт. Ба ҳурмати азони муҳаммадӣ бояд кас биншинад, дуою фотиҳа хонад. Дар он ҳолатҳои бо намояндагони ҳизби коммунист, бо атеистон ҳамроҳ будан чи кор карданамро надониста бо шунидани овози азон хам шуда бо баҳонаи бандҳои ботинкаамро гузарондан фотиҳаи азонро хонда, баъд рост мешудам. Кӣ буда он сухангӯ, он роҳбар? Намедонистам. Баъд фаҳмидам, ки сухангӯ, ин роҳбар Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонов будаанд, ки дар сафар ҳамроҳашон будам.

Вохӯрии Ҷаноби Олӣ дар он рӯзи баҳор дар ҷамоатҳои деҳоти бародарон Карим Исмоилов ва Раҷаб Исмоилов давом ёфт. Мардум бо хушнудӣ истиқболашон мекарданд. Шиносҳо ва дӯстонашон зиёд. Назарашон ба марде афтод, ки базӯр-базӯр роҳ гашта, ба ҷамъомадагон наздик меомад, бемадорона қадам мемонд.

– Абдулло, Абдулло, – назар ба марди бемор номашро ба забон оварданд. – Ин тараф биё, – ҷонибаш рафтанд. – Чӣ гап шуд, Абудлло, касалӣ?

– Ҳа, Ҷаноби Олӣ, хело вақт шуд, аз ҷоям хеста наметавонам, фаҳмидам омадед, як бало карда аз ҷойгаҳ хестам, – овози Абдулло аз бемадорӣ базӯр шунида мешуд. Абдулло дар вақташ раиси хоҷагӣ будааст, муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон ҳам дар ноҳияи Данғара раиси хоҷагӣ. Хоҷагиҳо байни ҳамдигар корафтод. Раиси муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон картошкаи тухмӣ, бисёр зироатҳои дигарро аз хоҷагии Абдулло мебурдаанд, дар соҳаи чорводорӣ ҳам аз Абдулло маслиҳат мепурсидаанд. Байнашон омаду рафт, дӯстию бародарӣ. Ҷаноби Президент таассуф мехӯрданд, ки дӯсташон ранҷур шуда. Пурсупосашон давом ёфт. Даст ба ҷайбашон бурда гуфтанд, ки Абдулло аз паи табобат шавад.

Вохӯрии Ҷаноби Олӣ он рӯз бо як бону хотирмон буд. Ӯро банда ҳам медонист, дигарон ҳам медонистанд, яке аз фаъолзанҳои машҳури ноҳия, номдор. Аз як амали некхоҳонаи ӯ дар ҳаққи Президенти муҳтарам ҳама огоҳ буданд. Ба худи Ҷаноби Олӣ ҳам хабар расида. Амале, ки дар он рӯзҳо қаҳрамонӣ ҳам гӯем, саҳв намешавад. Вале худаш намехост, ки амалаш овозаю дарвоза шавад. Таъкид мекард, ки номаш пинҳон монад. Меҳаросидааст. Дар рӯзҳое, ки Президенти муҳтарам бори аввал ба ноҳияи Кофарниҳон сафар доштанд, вазъият хуб хуб набуда. Ҳатто одамон аз сафар ба баъзе деҳаҳои ҷамоати Ромит ҳарос доштанд, ба гапу ҳарфҳо эътибор медоданд, ошною ноошно мегуфтанд.

Рӯзи бори аввал ба Кофарниҳон омадани Сардори давлат ҳамон муаллиме, ки Президент мешинохтаанд, Ҷаноби Олиро «Хуш омадед!» гӯён пазироӣ кардааст, Президентро офтобу силоҳдорҳоро шаби сиёҳ хондааст. «Мо озод шудем, озод!» аз шодӣ гиристааст. Баъд чӣ қадар шеъре, ки ёд медонистааст, хондааст. Гуфтаасту гуфтааст, ки ӯ ҳақ асту ҳақ мегӯяд, аз касе ҳарос надорад.

Аз миён як ё ду рӯз нагузашта шаб ба сари муаллим омадаанд. Чанд нафаре, ки будаанд, ҳама ниқобпӯш. Лаҳзае фурсат надодаанд, ки муаллим либос пӯшад, бо таҳқиру таҳдид, зада-зада пешандозаш кардаанд, аз хона баровардаанд. Зану фарзандон аз паси муаллим гирёну нолон. Муаллимро дар он шаби тор куҷо бурданд, аҳли хонавода намедонистанд. Муаллимро бо лату кӯб ба ҷое бурда будаанд, ки фармондеҳон будаанд. Ба қатл ҳукм кардаанд. Вале дар айни иҷрои фармон нафаре пайдо шуда, ки муаллимро шинохтааст. Ӯ як талабаи кундзеҳни муаллим будаю муаллим ҳаргиз вайро намеранҷонда, дар назди бачаҳо баъзан таърифаш ҳам мекардааст. Чашмони муаллим баста.

– Муаллим, дар ёдат ҳаст, ҳамаи бачаҳо гуфтанд, ки ба ман баҳои 2 гузорӣ, аз синф барорӣ, вале ту ба ман баҳои 5 мондӣ, дастгириам кардӣ.

– Ту бачаи амаки Абдусамад Раҳматуллоӣ?

– Ҳа, муаллим, ман Раҳматулло.

– Шинохтам, бачам, шинохтам.

– Намепаронемта, дига бачаҳои моро шаби сиёҳ, торикӣ нагӯй, даҳонта соҳиб шав. Агар ин дафъа як гап шунавам, худам туро мепаронам, худам! – Муаллимро ҷавоб доданд.

Бонӯи гуфтаи мо низ барои амали баҷоовардааш дар дил хавф дошт, хавф аз боиси худаш не, аз бобати фарзандон. Меҳаросид, ки ба онҳо ягон гап нашавад. Вазъият нохуб. Барои як-ду ҳарфаш ба сари муаллим бало оварданд. Худо нишон надиҳад, ки аз душманоӣ дар ҳаққи вай гап кунанд. Гуноҳи ӯ вазнинтар, ба интихоботи Президенти Тоҷикистон дахл кард. Ду нафар ба вазифаи Президентӣ пешниҳод гашта, якеашро мешинохт, нафари дигарро

намедонист. Барояш Эмомалӣ Раҳмон беҳ, ки медонад. Хонаи ӯ аз деҳаи онҳо дур не, чанд теппа он сӯ Данғара. Ба Кофарниҳон равуо доранд. Аз замоне, ки бонуи муҳтарам худро мешиносаду сардори бригада аст, як гапу ҳарф мешунавад. Фалон роҳбар кию куҷоӣ? Ҳеҷ бало намешуда, куни замин ба осмон намечаспида, ки як бор аз ҷонибҳои онҳо ҳам як кас Президенти Тоҷикистон шавад. Чи хубе, олам гулистон. Дар байни мардум як гап мегӯянд, мегӯянд, ки тавонӣ гилемро ба ҳамсоя фурӯш, ки дар лабаш менишинӣ. Эмомалӣ Раҳмон Президент шавад, нози ин бонуи солхӯрда ба ӯ меғунҷад, «бачам» мегӯяд. Вай дар колхоз кам кор накардааст, амалдор буд, сардори звено, баъд бригадир. Пахтае, ки аъзоёни бригадаи Бибисолиҳа мерӯёнданд, бригадаҳои дигар ин қадар ҳосил гирифта наметавонистанд. Ҳамон соли ба нафақа баромада, вазифаи бригадириро супурданаш ҳам кам ҳосил нагирифта буданд, колхоз тӯй дод. Эмомалӣ Раҳмони раис ҳам аз Данғара омад. Дар ҳамон маҷлиси калон, ки сухан аз хизматҳои ӯ мерафт, вай ҳам ҳарф зад, гуфт, ки холаи Бибисолиҳаро медонад, таърифаш кард, суханҳое гуфт, ки дар чашмони вай ашк омад. Ӯ ҳам дар ҷавоб аз Эмомалӣ Раҳмон изҳори миннатдорӣ кард «ба ҷои фарзандам бошӣ, Эмомалиҷон!» гуфт. Барои ҳамин ҳам Бибисолиҳа ба ҷонибдории ӯ овоз надода ба кӣ овоз медиҳад. Лекин вай аз баъзе шиносҳо, одамони колхоз гила дорад, онҳо тарафдори номзади дигар. Номзаде, ки Бибисолиҳа дар умраш надидааст. Ба гӯши фарзандони вай чунон хондаанд, ки ба гапи модар намедароянд, э нее, номаъқул кардаанд. Вай ҳамон Бибисолиҳаи бригадир аст, ки ягон аъзои бригада аз гапи ӯ намебаромаданд, дар колхоз ҳам гапи ӯ гап буд. Фарзандонаш чи ки ягон хешованд, аъзои бригадаашро намегузорад, ба каси дигар овоз диҳанд. Ӯ зинда, кори мекардаашро медонад, қанд зананду ҷигарбандҳо аз гапи модар бароянд. Чӣ кор карданашро медонад, ку ҳамон рӯзи интихобот биояд. Ба бачаҳои ӯ гуфтаанд, ки агар ҳамон фалонӣ Президент шавад, ба ҳар кадоми онҳо алоҳида-алоҳида вазифа. Бачаҳояш чунон фирефта гашта, ки аз модар хоҳиш доранд, тарафи номзади онҳо овоз диҳад, агар аъзоёни бригадаашро ба гап дарорад, вайро раиси колхоз таъйин мекардаанд.

Рӯзи интихобот расид, модар субҳи барвақт аз хоб хест. Фарзандонашро наздаш, ба рӯи ҳавлӣ хонд. Варақаҳои даъватиашонро аз онҳо гирифт, пешпеш андохт, ба роҳ даромаданд, ба участкаи интихоботӣ расиданд, дари хонаи овоздиҳиро кушоданд. Бо фармоиши модар фарзандон рӯ ба қуттии овоздиҳӣ истоданд.

– Маро мешиносед? – Муроҷиат кард ба масъулони овоздиҳӣ, – ман ҳамон Бибисолиҳаи бригадир, инҳо фарзандони ман, – ба бачаҳояш ишора кард ва афзуд: – Ба кӣ овоз доданамонро медонем. – Баъди ба ҷонибдории Эмомалӣ Рахмон овоз додан модар бо сари баланд аз хонаи овоздиҳӣ баромад. Рӯ ба теппаҳо овард, ки аз паси онҳо офтоб мебаромад.

Сари ҳар қадам дар вохӯрию суҳбатҳо ҳис мешуд, ки шиносҳо, дӯстони Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Кофарниҳон зиёд, саломуалайк мекарданд, оғӯш ба оғӯш, даст ба даст вомехӯрданд, ҳолу аҳволпурсӣ.

Эмомалӣ Раҳмон дар синфҳои ҳашт ё нуҳ мехонданд. Пас аз тӯи калони як ҳаммаҳалаашон авзои падар андаке дигаргун гашта. Писари зираку доно ҳис карда. Тағйири ҳолу аҳволи падар баъди боз чанд рӯзу ҳафта равшантар шуд.

Бештар андешаманд, дар фикру хаёл. Ягон чи гум кардагӣ барин, ягон гап шудагӣ барин, чеҳраашон мисле ғуборолуд. Яқин гашта ба Эмомалии наврас, ки падар гирифтори мушкилие. Нагӯянд ҳам маълум. Чӣ мушкилӣ? Чӣ нохушие? Аз модар пурсон шуданд. Модар фаҳмонданд. Аз рӯи таомул хешовандон сарфу харҷи зиёд карда ба тӯи наздикон мерафтанд. Падару модар дасту дастархон карда тӯй рафтаанд, чорво бурдаанд, боз маблағе ба дасти тӯйдор додаанд. Қарздор шудаанд аз ҳамсоя. Ҳисоби қарзро ҳам модар ба писар гуфт. Падар аз он дар хиҷолат будаанд, ки дар вақти ваъдагӣ қарзро баргардонда наметавонистаанд.

– Муҳлати қарз то кай? – Эмомалӣ аз модар пурсидаанд.

– Чӣ мекунӣ пурсида, бачам? Аз дасти ту наояд, – модар ҳасрат кардаанд.

– Як бало мекунем, – бо қатъият ин ҳарфҳоро гуфта аз назди модар бархестаанд.

– Чӣ бало мекунӣ, бачам? – модар хандидаанд.

Эмомалии ҷавон ба худ бовар карда дар назди модар «як бало мекунем», гуфта будаанд, беҳуда не.

Эмомалӣ бо кадом як андешаи рӯзи фардо хело солҳо боз кам-кам пул ғун мекардаанд, баъзан аз фурӯши як мурғ ё чорвое, ки пайсае насибашон мегашта. Боз ҷӯраҳо будаанд, ки ба ҳам вафодор, дар паҳлӯи якдигар. Бо маслиҳат ҷӯраҳо як-ду мол харидаанд, харобтар, аз паи нигоҳубини онҳо афтодаанд, парвариш кардаанд. Ҷавонаҳо фарбеҳу чашмдаро шудаанд. Ҷӯраҳо онҳоро бо нархи баландтар фурӯхтаанд. Ба ҳисоби қарзи падар баробар. Пули қарз дар ҷайб Эмомалии ҷавон бо сари баланд аз дари ҳамсоя медароянд, пулҳоро назди ӯ мегузоранд.

– Ин чӣ хел пул, бачам? – Мепурсад ҳамсоя.

– Пули қарзи падарам.

– Ин қадар барвақт, охири моҳ медиҳам гуфта буданд.

– Гиред, амак, раҳмат, амак, – Эмомалӣ аз ҳамсоя изҳори миннатдорӣ карда назди падар омаданд.

– Шумо аз хамсоя дигар қарздор нестед, – хабари хуш расонданд ба падар.

– Чӣ хел қарз, бачам? Намедонам ту чӣ мегӯӣ, бачам? – Падар дар ҳайрат шудаанд.

– Пули қарзи ҳамсоя. – Боз таъкид намудаанд Эмомалӣ.

– Як бало мекунем, гуфта будӣ-а, бачам? Баракат ёбӣ, бачам, – модар писарашонро дуои нек карда ба падар воқеаро фаҳмонданд.

Президенти муҳтарам, Пешвои миллат он рӯз дар вохӯрӣ бо мардуми ҷамоати деҳоти Карим Исмоилов аз адо намудани қарзи падарашон ҳикоят намуда баъд ба ҳозирин мурочиат карданд:

– Медонед ҷавонаҳоро аз куҷо харида будам? – Бо чеҳраи пуртабассум аз ҳозирин пурсон гаштанд ва худашон бо овози баланд шодона ҷавоб гуфтанд: – аз ҳамин ноҳияи шумо, аз бозори Орҷоникидзеобод – ва афзуданд: – Файзу баракат аст аз шумоён, файзу баракат, – таъкид намуданд.

Аз он сафари Президенти муҳтарам ба ноҳияи Кофарниҳон-ҳоло шаҳри Ваҳдат, ки банда ҳамроҳашон будам, 15-сол мегузарад. Дар ин солҳо таҳти роҳбарии Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистони азиз сар то охир дигар шуда, шукуфоӣ пайдо намуда, аз ҷумла шаҳри Ваҳдат ҳам акнун

мисли он рӯзҳо нест, ба маънии аслӣ ба як шаҳри ободу зебо монанд гаштааст. Аз кадом як ободии он сухан гӯем. Дар ин миён Ҷаноби Олӣ ба шаҳри Ваҳдат боз борҳо сафар кардаанд, ба назар чунин менамояд, ки Президенти муҳтарам дар ҷумҳурӣ аз ҳама зиёд ба шаҳри Ваҳдат сафар доштанд. Сафари онрӯзаашон ба истиқболи Иди 5-солагии Ҳаракати Ваҳдати миллӣ-ба имзо расидани Созишномаи сулҳи байни тоҷикон буд. Имсол 20-солагии Иди Ваҳдати миллӣ фаро омадааст. Ин ид имсол дар шаҳри Ваҳдат мегузарад. Президенти муҳтарам, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон боз ба шаҳри Ваҳдат сафар мекунанд. Сафар муборак!

Ба Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Кароматуллоҳи Мирзо муяссар гашта, ки дар баъзе сафарҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ширкат намояд, инчунин ӯ дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси мудири шуъбаи иттилоотию таҳлилӣ кор кардааст, шоҳиди суханронӣ, гуфтугӯҳои ҷолиби Сарвари давлат дар сафару маҷлисҳо шуда, амалҳои неку хайрашонро дида, рӯзнома, хотира менавиштаааст. Қайду хотира, навиштаҳояш имкон дода, ки аз он рӯзҳо ҳикоятҳо нависад, силсилаҳикояҳо.

ҶОН БА ҲАЙВОН ҲАМ АЗИЗ

6-уми сентябри соли 2001. Мо як гурӯҳ адибон устод Муъмин Қаноат, Меҳмон Бахтӣ, Гулназар, Саидалӣ Маъмур ҳамроҳи Ҷаноби Олӣ, Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Кӯлоб рафта будем. Ин қадар пазироии гарму самимӣ, меҳрубониҳо. Мардум пеши қадамҳояшон гул мерехтанд, ҳама гӯё тӯй доштанд. Пирзанҳо ҳам омада. Онҳо дасти Президентро мебӯсиданд, модарвор сару рӯяшонро сила мекарданд, дуои хайр мегуфтанд. Ҳамин гуна пазироии Ҷаноби Олӣ дар хоҷагии Ҳамадонӣ ҳам баргузор гашт. Роҳбари хоҷагӣ Абдуҷаббор Зардиев, ҳозирини беҳисоб, тифлакон, занону духтарон, қариб ҳамаи сокинони маҳалҳо ба истиқболашон баромадаанд. Заргарон, наққошон, наҷоррон, кӯзагарон, қошуқу табақтарошон, сабадбофон ҳама намунаҳои дастранҷҳояшонро овардаанд. Дар майдон рақсу бозӣ, садои суруду мусиқӣ, доираю таблаку карнай ба авҷи фалак. Замину замон, одамон ҳамаро рӯҳияи идона фаро гирифта. Офтоби тирамоҳ оламро гарму нарм мекард, нур мерехт. Барои Ҷаноби Олӣ, ҳамсафаронашон ҷои алоҳида густарда шуда, рӯ ба ҳозирин, назаррас. Табъашон болида, чеҳраашон кушодатар гашта. Ҳама гӯш ба сухангӯияшон, сухан мегуфтанд. Изҳори миннатдорӣ аз ҳозирин, аз ҳама. Як шодию фараҳмандие. Аз ташрифи фарзанди фарзона, Сардори давлати Тоҷикистон сарашон ба осмон. Онҳоро як таомуле. Ҳангоми ташрифи меҳмони муътабар аз шодӣ косакуҷомонам мешаванд, худро гум мекунанд. Дар куҷо нишондани меҳмонро намедонанд. Ҷои меҳмон болои дида медонанд. Ҷаноби Олӣ дар он лаҳзаҳо барои ҳозирин ҳамин гуна меҳмон.

Лаҳзае баъд миёни ҳозирин ғулғулае бархост: «Оварданд, ана оварданд!»

садоҳо баланд. Чӣ оварданд? Назарамон ба мардум. Дидем, чанд нафар нӯги бандҳо дар даст як ҷавонаи боникардаи сар ба осмонро ба тарафи мардум мекашиданд. Ҷавона чунон фарбеҳ ва калон, ки гӯянд, бом барин, бом барин ҷавона, дар биниаш занҷир андохтаанд.

Оварданд онро, наздики моён, наздики ҳама қарор гирифтанд онҳое, ки бо бандҳо ҷавонаро мекашиданд. Ҷавона беқарор, сумак мезад, фих-фих бинӣ меафшонд. Гоҳе баосаш баланд, гӯё бому дарҳоро ба сар мебардошт. Дар дасти марде корд, дами корд дар тобиши офтоб медурахшид, чашм мерабуд. Мард қассоб будааст, азимҷусса, ботанутӯш, дар пойҳояш мӯза, дар тан ҷелак, ҷелакаш сурх, либосҳояш сурх. Қассобҳоро шояд ҳамин гуна либос бошад. Лаби ҷелакро аз ду тараф ба зери рӯймоли миён хастааст, ғамашро хӯрда, ки хун нарасад, ба кори қассоб халал наояд. Ҳамроҳонаш чандкаса ба мол дарафтоданд, бардорузан, афтодану бархостан, бо як азобе онро афтонданд, хобонданд, пойҳояшро бо бандҳо бастанд. Вале тан намедод, дар талвоса, зӯр мезаду зӯр, хестанӣ. Нигоҳи қассоб ба мо, ба Ҷаноби Олӣ шуда.

– Чӣ кор мекунед? – пурсиданд Ҷаноби Олӣ.

– Мекушем, Ҷаноби Олӣ, пеши пойҳои Шумо забҳ мекунем, – овозҳо танинандоз гаштанд. Забҳи мол, хоҳиши як қассоб не, хоҳиши ҳама. Тайёрӣ дида будаанд ба омад-омади Ҷаноби Олӣ, моли пеши бозорро харида дер боз бонӣ мекардаанд. Аз рӯи анъана, аз қадим расме, ки назди меҳмони азиз, пеши пойҳояш чорво хун кунанд. Ва худи Ҷаноби Олӣ ҳам медонистаанд, аз таомул огоҳ, ба мо ҳам мефаҳмонданд.

– Ҳоло накуш, ист, – ба қассоб фармоиш дода, ба сар то қадами ӯ нигариста, бузбала, азимҷусса будани ӯро дар назар доштанд, ки бо ханда давом намуданд:

– Дидед, буқаро чӣ хел одам мекушад? Афту андомаш воҳиманок, мол ҳам метарсад.

Садои ханда, хандаи бисёрӣ, ҳама механдидем.

Қассоб саросема буд, корд дар даст гирди мол мегашт, интизоре, ки Ҷаноби Олӣ барои куштани он ризоят диҳанд, ишорат кунанд. Назарҳо ба қассоб, ба мол, ба Ҷаноби Олӣ. Ҳама дар хаёле, ки Ҷаноби Олӣ чӣ мефармоянд, ба забҳи мол иҷозат мешавад ё на. Мол дар талвоса, қассоб омодаи забҳ. Ҳолати риққатоваре. Ҷаноби Олӣ вазъи баамаломадаро ҳис менамуданд. Ҳама бетоқат, зинда мондан ё забҳ шудани он дар ихтиёри Ҷаноби Олӣ.

– Мехезем? – Аз ҳамроҳон пурсиданд ва худашон ба хулоса омада буданд, ки «мехезем» гуфтанд. Садои суруду мусиқӣ, таблу доира хомӯш гашта буд. Ҳушу ёдҳо ба қассобу мол ва фармоиши Ҷаноби Олӣ. Ҷаноби Олӣ тарафи қассоб рафтанд, наздаш истоданд.

– Чӣ мегӯӣ, ки ҷавонаро кушем? – Ҳамгап шуданд бо ӯ.

– Ҳа, Ҷаноби Олӣ, мекушем, – қассоб бетоқат. Хоҳоне, ки пеши назарҳо, назди мардум вазифаашро ба ҷо орад. Ифтихормандие. Ифтихоре, ки пеши қадамҳои Президент чорворо ӯ мекушад. Кордро гоҳе миёни дандонҳо мемонд, гоҳе ба даст мегирифт.

– Сабр кун, – гуфтанд ба ӯ Ҷаноби Олӣ. – Кордро ба ман деҳ, – даст дароз карданд. Ҳама дар ҳайрат. Хомӯшӣ, як сукуте. Ба ҳам бархӯрдани баргҳои дарахтон аз вазиши боди сабук ба гӯш мехӯрд. Садои шилдироси оби

ҷӯйчаҳои зери чинорҳо баланд. Ҳатто одамон шояд садои тапиши дили ҳамдигарро мешуниданд.

Фасли тирамоҳ, обҳо соф, баргҳои дарахтон ягон-ягон зард шуда ба замин меафтоданд. Офтоб баланд баромада майли миёни осмон дошт. Гармии гуворо… Ҳозирин диданд, ки Ҷаноби Олӣ кордро аз дасти қассоб гирифтанд. Ҳама акнун бовар карда, ки молро худашон забҳ мекунанд.

– Мегӯй говро кушем? – Бо ханда боз аз қассоб пурсиданд.

– Ихтиёратон, Ҷаноби Олӣ.

– Ҳа, худам… – давоми суханашонро нагуфта корд дар даст болои ҷавона хам шуданд, яқин шуда, ки молро худашон мекушанд. Онҳое, ки молро афтонда буданд, мадад расонданд, сару тан, пойҳои ҷавонаро маҳкамтар пахш карданд. Аммо бар хилофи фикру хаёли ҳама Ҷаноби Олӣ ба гулӯи ҷавона корд намонданд, хамтар шуда банди пойҳояшро буриданд, ҷавона ҷаста хест, чашмонаш равшан гаштанд. Ҳайвони безабон ҳам халосиашро ҳис менамуда, халосгарашро медида, фарқ мекарда. Дида, ки банди пойҳояшро кӣ буриду кӣ озодаш намуд, дид, ки вайро кӣ аз марг раҳонд, ҷон бахшид. Лаҳзаҳо ҳайратзада назди Ҷаноби Олӣ истод ҷавона, сар хам кард, фукаш ба тарафи он кас либосҳояшонро бӯидан мехост, ҳуммос мезад, нидои арзи сипос, миннатдорӣ. Баъд сар ҷунбонд, хору хасҳои танашро афшонд, мӯйҳояш зард, зарди тилоӣ, пашмҳои дароз-дарози пешонӣ болои чашмони сермижгонаш хамида, ҳайвони безабонро як зебоие, гӯё механдид. Дамаш омада, ки ба пеш давид, аз майдон баромад. Халос хӯрда медавид, қассобу ҳамроҳонаш аз паяш шуданд.

Хурсандӣ, лаҳзаҳои аз марг раҳидани як мавҷудоти зинда, ба вай Ҷаноби Олӣ ҷони дубора бахшида, бале, хурсандӣ. Хурсандии ҳама, гӯё як бореро аз дӯш фиканда нафаси тоза ёфта буданд. «Кори хуб шуд, хуб кардед, Ҷаноби Олӣ!» мегуфтанд.

– Кори хуб кардем-а? – Рӯ ба офтоб дар ханда буданд Ҷаноби Олӣ. Чапак мезадем ҳама, садои чапакзанӣ, садои суруду мусиқӣ, таблу доира аз нав дар майдон баланд гашт.

ДУОИ ХАЙР

15-уми апрели соли 2011, панҷшанбе. Президенти муҳтарам Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Ваҳдат сафар доштанд. Дар ин ҷо, дар соҳили дарёи Элок маросими ботантана, тӯе ба муносибати ба истифода дода шудани пули нав аз болои дарёи Элок. Баъд вохӯрӣ бо бунёдкорони роҳи оҳани Ваҳдат-Ёвон-Қӯрғонтеппа. Дар он рӯзи баҳор чоруним километри роҳ ба истифода омода. Ҷамъомади хурсандӣ. Дар ҳозирии Президент ин масофа бо поезд бояд тай мешуд. Бо хоҳиши Ҷаноби Олӣ мо чанд нафар ҳамсафарашон, аз ҷумла муовини аввали сарвазир шодравон Асадулло Ғуломов ва адибон Меҳмон Бахтӣ, Гулназар ва банда ҳамроҳашон ба вагон нишастем. Лаҳзаҳои хотирмон, умеди ба истифода дода шудани роҳи оҳан. Хурсандӣ, кафкӯбӣ, ба наворгирии филми мустанад. Баъд роҳи Ҷаноби Олӣ ба боғу токзорони «Ёқут – 2000»-ум. Он дар домони ағба бунёд мегашт. Ҳосили заҳмати

боғпарваронро, ки худашон хоҳиш карда, ки дар домони ағба боғ бунёд шавад, тамошо мекарданд. Токҳо сербарг шудаанд, сабзу манаввар, ниҳолакон қомат афрохтаанд. Дар он рӯз худашон ниҳол нишонданд. Бел дар даст ба бехи ниҳол хок партофта мегуфтанд, ки одам дар ин дунё зияд, ки аз ӯ як нишона монад ва такрор мекарданд: «Як дарахт ҳам аз одам нишона». Боғпарварон, ки аксар занону духтарон буданд, атрофи Президенти муҳтарам бо хурсандӣ ғун омада. Ҷаноби Олиро «хуш омадед», мегуфтанд. Ва Ҷаноби Олӣ бо чеҳраи кушод, бо ханда даст ба китфи сарвари коргоҳ Ҳоҷӣ Абдуҳалим гузошта, аз бунёди боғу заҳмати боғпарварон изҳори қаноатмандӣ намуда, хоҳиш карданд, ки аз номи он кас ба онҳо якмаошӣ мукофот диҳад. Садои кафкӯбӣ баланд гашт. Занону духтарон-боғпарварон бо хурсандӣ гашта баргашта мегуфтанд: «Ҷаноби Олӣ, боз биёед, боз биёед».

Офтоби баҳор саховатмандона ба рӯи сабзаю гулу гиёҳҳо, ки ағбаро пӯшида буданд, олам-олам нур мерехт. Ин қадар зебоӣ, гулҳо шукуфта, гулҳои хор, ки ҷо-ҷо туп-туп ба назар меғалтиданд, мисле даста-даста гул, гулҳои зарду сурх, гулҳо ҳусни баҳор.

Таклиф шуд, ки Ҷаноби Олӣ ба чойнӯшӣ бинишинанд, як пиёла чой, яккосагӣ хӯроки саридастӣ. Рӯ ба ҷониби баландие, қад-қади сангоб. Ниҳоят теппае пеш омад. Ҳама аз мошинҳо пиёда шуданд. Ҷаноби Олӣ, ҳозирин ба баландӣ мебаромаданд. Аммо банда… Ҳамон рӯзҳо, андаке пештар, ҷарроҳии дил гузаронда будам, даруни мошин нишастам.

Вақти зиёде нагузашта як мошини сиёҳшишаи боҳашмат пайдо шуд. Он кӯҳу пуштаро мебаромадааст.

Ба банда гуфтанд, ки ба мошин нишинам, Ҷаноби Олӣ бандаро пурсида будаанд, Гулназар ҳоламро баён сохта.

Болои теппа аз мошин фуруд омадам. Чӣ тамошогаҳ ва зебоие. Теппа ба мисли як гӯшаи биҳишт, ҳама ҷо гул, хоргул, гиёҳҳои камёфт, ки бӯяшон ба кас ҳаловат мебахшид. Миёни гулу гиёҳ, хоргулҳо катҳо гузошта шуда. Садои фуғ-фуғи чархи дӯғкашӣ. Занҳо дӯғ мекашиданд. Хумчаҳо пури дӯғ, хумчаҳо суп-сурх, лоларанг, меҳмонҳо коса-коса дӯғ дам мекашиданд. Халтаҳои чакка сари шохаҳои дарахтон овезон. Ҷое ки Ҷаноби Олӣ бо ҳамроҳон нишаста буданд, сергултар, баландинамо. Қафасҳои парандаҳо чандинто, кабк, гунҷишк, қафаси бӯдинаю шегол. Шеголҳои рангбаранг, зард, зарди тилоӣ, сурх, кабудтоб. Садои ғаҷар-ғуҷури парандаҳо, гӯё бозори парандаҳо. Кабкҳо қаҳ-қаҳ мезаданд. Ба гуфтаи маъракадорон ҳамаи он ҷонварҳо аз они як ҷавон, парандапарвари номдор, кафтарбоз ҳам буда ӯ.

Ҷаноби Олӣ рӯ ба ҷонваракон ва қафасҳо истоданд. Парандаҳо ноором, ноосуда, дар талошу талвоса, худро ба танаи қафас мезаданд, роҳи халосӣ, роҳи раҳоӣ меҷустанд, пар-пар карда, пар меафшонданд. Боз назар ба берун, ба ҳавои кушод, ба дуриҳо дур, ба офтоб, ки оламро зеб медод, ба села-села парандагон, ки ҷониби теппаҳои сабзпӯш баланд парвоз доштанд, озод буданд, аммо онҳо дар азоб, дар банд, дар қафас. Зиёдтар ба таҳлука меафтоданд, боз давида-давида, сӯхта-пӯхта худро ба қафас мезаданд, лек боз ноумедӣ, роҳгумӣ, боз ҳамон пар-пару тапар-тупур, боз ҳамон худро ба қафас задан. Роҳ меҷустанд, роҳи халосӣ, роҳи раҳоӣ.

Ҳушу хаёли Ҷаноби Олӣ ба онҳо. Дар фикр шуда буданд. Чӣ фикр? Худа-

шон медонистанд. Ҷавоне, ки соҳиби парандагон эълон шуда буд, дар бар ҷелаки дарози сабз, дар сар тӯппии сергул, дастҳо пеши бар наздиктарашон мерафт. Ӯ хурсанд ва ифтихорманд, ки диққати Ҷаноби Олӣ ба парандагони вай шуда.

– Биё, пеш биё, – вайро наздашон хонданд. – Ин чумчуқакҳо аз они худат? – пурсиданд.

– Бале, Ҷаноби Олӣ, – бечуръатона ҷавоб гардонд.

– Харидӣ?

…Ҷавон хомӯш монд.

Президент даст ба ҷайбашон бурданд.

– Бачам, гир, – ба ҷавон пул додан хостанд.

– Барои чӣ?

– Ин гунҷишкакот акнун аз они ман, – ба қафасҳо ишорат карданд.

– Гиред, Ҷаноби Олӣ, гиред, хурсанд мешавам, – ҷавон якравӣ карда пулҳоро намегирифт. Аммо бо як азобе ба ӯ пул доданд, «розӣ шав», гуфтанд. Ва баъд як-як дари қафасҳоро кушода «ту озод, ту озод», гуфта бо ханда бо парандаҳо гӯё гап зада-гап зада онҳоро раҳо мекарданд. Парандагон яке паи дигар фир-фир парида аз қафас берун мерафтанд. Пеши офтобро паранда гирифта. Ба ҷониби талу теппаҳои сабзпӯш, ҷониби даштҳои пургулу гиёҳ, ҷониби осмони баланду ҳавои беғубор парвоз мекарданд, ғаҷар-ғуҷур садо медоданд, мешунидем. Дуои хайр мехонданд, дуои хайри Ҷаноби Олӣ, ки ба онҳо озодӣ бахшида. «Озодӣ, Озодӣ!» гӯё фарёд мезаданд. Аҷаб неъмате, Озодӣ. Парандагон аз қафас озод гашта.

– Биёед, биёед, акнун менишинем, хӯрок мехӯрем, – ҳамаро ба сари дастархон хонданд Ҷаноби Олӣ. Назарашон ба банда афтод.

– Чӣ гап шуд, ҷарроҳӣ шудед? – Аз ҳолу аҳволам пурсон гаштанд. Ва ҳамон рӯз барои табобати банда худашон як маблаға раво диданд, «табобат кунед, аз паси саломатӣ шавед», гуфта ғамхорона таъкид мекарданд.

БОЗОРИ НАВ

20-уми моҳи июни соли 2016 шояд яке аз рӯзҳои серкории Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат-Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд. Пагоҳирӯзӣ аз тариқи телевизион дидем, ки ҷаласа доштанд. Хеле давом ёфт. Сухан мегуфтанд, ба суханронии ҳозирин гӯш медоданд, суолу ҷавоб. Дар ҷамъбасти ҷаласа ҳам худашонро медидем. Боз баёни фикру андеша вобаста ба масъалаҳои баррасишуда. Баъди анҷоми ҷаласа шояд фикрашон ба корҳои дигарашон буд, ки бояд дар он рӯз анҷом бигиранд. Баргузории иди Ваҳдати миллӣ, тантанаҳо. Дар он рӯз дар кушодашавӣ, ба истифода додани чандин бинои баландошёна, иншоот, марказҳои савдо, таълимӣ дар ноҳияҳои Шоҳмансур, Исмоили Сомонӣ, хиёбони Рӯдакии шаҳр ширкат намуданд. Соҳибкорону биносозон, аҳли заҳматро табрику таҳният гуфтанд. Ба маҳаллаи Зарафшон ҳам омаданд. Дар ин ҷо соҳибкор Сурайё Уроқова бинои баландошёнаи манзилӣ, бозори ҳозирзамон ба истифода доданӣ. Бо ҳозирин-пешвозгирандагон вохӯрда ҳолпурсӣ карданд. Ба банда

нигоҳашон афтод, ба наздашон хонданд. Лентаи кушоиш, ба истифода додани бино, бозорро ҳамроҳи модари соҳибкор бурида дохили ошёнаи аввал-дохили бозор шуданд. Бино муҳташам, калону доманадор. Масоҳаташ ба як гектар расида. Назари Ҷаноби Олӣ ба бозор, ба одамон. Бозори болояш пӯшидашуда, аз як гӯша гӯшаи дигараш нонамоён. Ба лоиҳакаш таҳсин, ташаккур, ки суннатҳои миллии биносозӣ риоя шуда. Гуландозӣ дар девор, нигораҳо, пештоқу сутунҳо, сутунҳо мисле кандакорӣ, гулдодашуда. Баъд ғурфаҳо, қатор-қатор раставу дуконҳо. Растаҳои меваҳои тар, ангур, гелос, шафтолу, себ. Гӯшаҳои харбузаву тарбузфурӯшӣ. Растаҳои алоҳидаи сабзавот, картошкаю сабзӣ, пиёз, дуконҳои атриёт. Фурӯшандаҳо аксар занону духтарон. Нигоҳашон ба Президент. Интизоре, ки Пешвои миллат ба сухан оянд, интизор, ки як-як бо онҳо вохӯранд, дар суҳбат шаванд, фурӯшандаҳо бисёр, раставу дӯконҳо бисёр. Ба хаёли мо сардори давлатро ку вақту фурсате, ки назди ҳар яке раванд, аҳвол пурсанд, дар суҳбат шаванд. Корашон кам не. Пеш аз ин ҷо омадан чанд биною иншоотро ба истифода доданд, он ҷоҳо ҳам маросим, пешвозгириҳо, салому алайк, сухан гуфтанду маслиҳат доданд. Шояд хаста ҳам шудаанд. Хаёл доштем, ба бозор як назар меандозанду бо чанд нафаре суҳбат карда, баъд ба ҳама барору комёбӣ хоста аз бозор мебароянд. Лек саҳв кардем. Вақтро дареғ надоштанд, қариб бо ҳамаи фурӯшнадаҳо дар суҳбат шуданд. Ба дарди дилу таклифу дархостҳо гӯш доданд. Суҳбатҳо, алалхусус, дар растаҳои нонфурӯшон, хӯрокӣ, меваҷот, асалфурӯшӣ тӯлонӣ гашт. Атрофи ин гуфтугузорҳо шояд муфассалтар менависем. Вале ҳоло ҳушу ёд, диққати ҳама ба Ҷаноби Олӣ, ки аз растаи гӯштфурӯшон гузар доштанд. Назди дӯконҳо истода-истода мегузаштанд. Дар пешгоҳи дуконҳо яклухт пою дасти мол ё тилим-тилим гӯшти онҳо дар чангакҳо овезон. Гӯшти молҳои фарбеҳ, гӯшти наву тоза, лола барин сурх. Бо фурӯшандаҳо суҳбаташон гарм мешуд, пурсупос мекарданд, суҳбатҳо ба тариқи зайл сурат мегирифт:

– Ҳар, ҳафта мол мехаред?

– Бале, Ҷаноби Олӣ.

– Аз куҷо?

– Аз бозор.

– Худатон чорво парвариш намекунед?

– Куҷост вақту фурсат? Баъд имкон надорем.

– Яъне фақат мол мехареду мекушеду мефурӯшед?

– Бале, ҳамин тавр, Ҷаноби Олӣ.

– Яъне машғулиятатон?

– Воситаи рӯзгузаронӣ.

Ҷаноби Олӣ дар ҷавоб хомӯш монданд, дар фикр буданд. Яъне, чӣ буда, ки мол харию гӯшт фурӯшию зиндагӣ бикунӣ? Шояд пешаи ҳамаи қассобҳо ҳамин гуна бошад. Фаъолияти хуби асалфурӯшон дар ин бобат ба хотир меомад. Қариб ҳамаи асалфурӯшон занбӯрпарваранд, занбӯр доранд, нигоҳубин мекунанд, заҳмат мекашанд, қутиҳои занбӯрашон меафзояд, асал мегиранд, асал мефурӯшанд. Ҳатто дар шаҳру ноҳияҳо дуконҳои асалфурӯшӣ доранд, Президенти муҳтарам ҳам ба онҳо мададгор шудаанд, хоҷагиашон ривоҷ меёбад. Аммо қассобон ин гуна таҷриба надоранд, вагарна дар ҷумҳурӣ

соҳаи чорвопарварӣ низ инкишоф меёфт, мардум рӯ ба ин соҳа меоварданд.

Назди як дукони гӯштфурӯшӣ бештар таваққуф карданд.

– Ту ҳам қассобӣ? – Фурӯшанда хеле ҷавон менамуд.

– Бале, Ҷаноби Олӣ.

– Худат ҳам мол мекушӣ?

– Не, Ҷаноби Олӣ, падарам гов мекушанд, худам гов мехарам, гӯшт мефурӯшам.

– Барои чӣ худат намекушӣ?-Ҷавон дар ҷавоб забон хоид, хомӯш монд. Баъд ӯ гуфт, ки агар рости гапро гӯяд, ҳамин қассобӣ ба ӯ писанд не, чӣ коре, ки фақат мол кушию гӯшт фурӯшӣ, зиндагӣ кунӣ. То кай? Ба ақидаи ӯ ҷони мол ҳам барояш азиз, хуни мол одамро мегирифтааст. Вай ҳоли қассобҳоеро, ки аз мӯи сар зиёд мол забҳ карда зистаанд, дида, дида, ки гирифтори дардмандиҳо шудаанд. Ҷавон дар охир гуфт:

– Ҷаноби Олӣ, бовар кунед, дилам намешавад, ки мол кушам.

– Худат ҳам дили бараҳм доштай,-гуфтанд.

Чун назарашон ба дукони дигар шуд, он ҷо ҳам ҷавоне, дар дукони дигар ҳам як ҷавон гӯшт мефурӯхт. Ҷавонҳое, ки ба назар нав ягон мактаб ё дорулфунунро хатм кардаанд ё баъзеашон соҳибмаълумот ҳам нашуда, паи касби қассобӣ афтодаанд. Мол харида, мол кушта, гӯшт фурӯхта зиндагӣ карданӣ... Вале як ҷавони мисли онҳо дар суҳбат бо Ҷаноби Олӣ гуфт, ки мол намекушад, дилаш намешуда. Президенти муҳтарам гуфтанд: «Ту ҳам дили бараҳм доштай» Дар ҳарфҳои «худат ҳам» гуфтаашон худашонро ҳам дар назар дошанд. Медонистем, ҳама медонанд, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бараҳманд.

ХОТИРАҲО

РӮЗҲОИ ОХИРИ УМРИ ЛОИҚ

17.06.2000, шанбе.

Баъди фотиҳа, ки соли раҳматии Аълохон буд, Абдулҳамид, Лоиқ, Фарҳод ҳамроҳ ба Иттифоқи нависандагон омадем. Соати 9 автобус омад, якҷоя Ҳисор рафтем, мавлуди 50-солагии нависанда Султонмурод Одинаев. Банда, Лоиқ, Абдулҳамид назди баландгӯяк даъват шудем, сухан гуфтем. Сухангӯии охирини Лоиқ дар тӯй, дар назди мардум.

22.06.2000, панҷшанбе.

Ба идора дертар омадам, сукунат. Фарҳод, ки ҳанӯз наомада буд, телефон кард. Гуфт, ки ҳоли Лоиқ бад, инсул шуда ӯ. Соати чор бо Шералӣ Қарияи Боло омадам. Дар атрофи беморхона одамони бисёре, Х.Шарифов, Сорбон, Афзалшоҳ, Сайидалӣ Маъмур, Мирзобек, Ҳадиса. Гуфтанд, ки аз сухан монда, гуфтанд, ки фишораш ба 300 расида будааст. Ба мисле ноумедӣ. Бо дили шикаста баргаштам. Ҳоло бегоҳирӯзӣ аст. Дар кулба, паси миз нишастаам. Шояд пагоҳ хабарҳои хуш шунавам. То пагоҳ, ҳар рӯз ба умеде пеш ояд.

23.06.2000,ҷумъа.

Гуфтанд, ки ҳоли Лоиқ андаке беҳ, ба гап даромада ӯ, мешинохтааст ҳозиронро. Лек духтурон нагузоранд, ки ба наздаш дароем. Ва агар зарар бошад ба ӯ, чӣ лозим дидорбинӣ?

Якшанбе тӯи ҷиянам Холмаҳмад, Афзалшоҳ омада ба хонаи ӯ. Ӯ баъди ҳар суруд рӯ ба мардум – тӯякиҳо оварда даст ба дуо кушода мегӯяд:

– Худо гӯед, Лоиқ шифо ёбад.

– Омин! Омин! – садои аҳли деҳаи Нилкони ҷамоати деҳоти Роҳатӣ, мухлисони Лоиқ ба фалак:

– Омин! Омин!!

28.06.2000, чоршанбе.

Ба хабаргирии Лоиқ хабар омадам. Дар беморхона Абдулҳамид, Сорбон, Х.Шарифов, бародари Лоиқ, ҳамсараш, фарзандонаш. Ҳамроҳи Садриддин Бобоеви прокурор вориди беморхона шудам. Чанд монеа, дарҳоро гузаштем, назди Лоиқ даромадем. Духтурҳо дар гӯшаҳои хона менишастанд. Ҳоли Лоиқ ниҳоят вазинин, нафасгириаш душвор. Аз дур садои нафасгирии ӯ шунида мешуд. Аз кислород нафас мегирифт. Бад шудани ҳоли ӯ, аз бад гаштани ҳаво. Хеле истодем рӯ ба каташ. Баъд берун шудем аз наздаш, аз назди дӯсти солҳои ҷавонӣ, аз назди ҳамсабақи азизам Лоиқ, ки ба мисле ба панҷаи марг афтода ҳоло ӯ. Ноумедиҳо беш.

Соати чор Абдулҳамид сим зада буд. Аз ҳоли Лоиқ пурсидам. Гуфт, ки гӯё Мирзобек гуфта, ки ҳолаш андаке беҳ шуда. Пагоҳ шояд боз хабаре шунавам.

29.06.2000, панҷшанбе.

Ҳоли Лоиқ беҳ не, гӯё бад. Ҳафтаи гузашта ба ин ҳол афтода, имрӯз панҷшанбе, яъне 8 рӯз гузаштаю беҳ нашуда.

30.06.2000. ҷумъа

Пагоҳӣ хабари аз олам гузаштани Лоиқро шунида гирифтори ғаму алам гаштам, дилам гӯё ба замин зад, олам пеши чашмонам торикистон гаштаву бо дидагони ашкбор рӯ ба хонаи Лоиқ овардам. Ва чун маълум гашт, ки ӯ зиндаву хабари маргаш дурӯғ, дилам аз нав мадор ёфт, ба худ омадам, шукр гуфтам, шод шудам. «Лоиқ зинда!» гуфта фарёд задан мехостам. Вале гӯё дар як лаҳза ин ҳама барҳам заду боз нохушӣ пеш омада. Гуфтанд, ки ҳоли Лоиқ боз бад шуда, чи хеле мегӯянд, ба ҳоли худ, пеши Худо. Ба зинда монданаш умед намонда, ҳама дар ташвиш, дар талхука, духтурҳо баҳри пешгирии марги Лоиқ чорае намеёфтанд, оҷиз монда буданд. Атрофи беморхона серодамтар мешуд. Ба сари ҳама ғам омада, аз дидагони дӯстон гӯё хун меборид, бандаро ҳам ҳамин ҳол. Қадам мемондем аз ин сӯ ба он сӯи роҳ, Худо мегуфтем, илтиҷо доштем, ки худованд ба Лоиқ умри дубора бидиҳад, шифо ёфбад.

Офтоб ба гӯшаи ғарбии осмон майл дошт. Бо хотири ошуфта ҳамроҳи ҳамкорам Шералӣ ба нашриёт баргаштам. Баъд ба деҳа, ки модари фарзандонам он ҷо буд, рафтан лозим омад, ӯро бо аҳли байт бояд ба шаҳр меовардам.

Дар деҳа шаб мешуд, мавзӯи гуфтугӯ, сӯҳбати аҳли хонаводаи мо Лоиқ буд. Ба мисле ҳар кадоми мо ӯро ёд меовардем, гӯё хотира мегуфтем. Китобҳояшро аз рафҳои ҷевон гирифта варақ мегардондем, шеърҳояшро мехондем. Номаҳо ва китобҳои ба номам навиштаашро гашта баргашта аз назар мегузаронидем, аз Лоиқ нишона, осор меҷустем.

Ҳамин тариқ боз хабари марги Лоиқро шунидам. Фарҳод сим зада «Лоиқ, Лоиқ...» мегуфту дигар ҳарфе гуфта наметавонист. Ва он шаб саҳар мешуду ба дидагонам хоб намеомад. Хаёлам ба Лоиқ, ба дӯсти ба дилу дида наздикам. Ӯро марг аз мо ҷудо намуд. Дигар бо ӯ дар ин олам ҳимнишинию ҳамсӯҳбатӣ насибам намешавад. Рӯзҳои бо ӯ ҳамроҳ будан, ҳамсӯҳбат гаштанҳо як замоне, афсонае, гӯё хобу хаёле буда. Ё худи ҳамин дунёе, ки мо дар он мезиҳем, – афсона, як хоббиние аст? Марг ба ҳамаамон ҳамроҳ. Ҳар лаҳза лозимаш шавем, моро ба дами фано мебарад, барҳам мехурем, ба мисле дар ин олам мавҷуд набудем. Баъд ҷоямон холӣ дар хона, дар сари дастархон, дар миёни дӯстону рафиқон. Баъд аз ёдҳо меравем. Баъд боз шаб меояду ситораҳо аз осмон ба сӯи оламиён чашмак мезананд, моҳтоб ва боз офтоб мебарояд, саҳар мешавад. Вале мо дигар пайдо намешавем. Ин дунёи афсона баъди мо побарҷо, бардавом, оромгоҳи шабу саҳар. Инсонҳо ба он меоянду мераванд. Ва Лоиқ он бегоҳирӯзӣ аз олам гузашта. Ғам мехурдам, бо марг ботинан дар гуфтугӯ будам. Шиква доштам аз марг, хобам намеомад.

Аз кулба берун омадам. Осмони софу беғубори деҳа ситоразор. Саҳар меомад, олам зебо. Худованд чи оламе офарида баҳри инсонҳо. Ин қадар умри кӯтоҳе дода ба онҳо. Ҳама, ҳам шоҳу ҳам гадо ва ҳама, ҳама –миранда. Имтиёз дар роҳи марг ба ягон бандазоти Худо набуда. Вале ҳазор таассуф, ки

баъзе ҳамҷинсони мо – инсонҳо ана ҳамин, ҳамин миранда буданашонро аз ёд бароварда. Пиндоранд, ки дар ин олам сутунанд, доимианд. На, бояд ба худ биоем. Лоиқ барин як шоири тавоно аллакай он шаб ба ҳисоби майитҳо ҳамроҳ шуда. Якшаба меҳмони ин дунё. Аввалин субҳе, рӯзе меомад, ки Лоиқро офтоб, дар бистари марг дармеёфт, аввалин субҳе медамид, ки Лоиқ чашм намекушод.

Рӯз равшан шуду хуфта натавонистам. Ба хаёли Лоиқ бо аҳли оилаам ба шаҳр рӯ овардам. Мағзи нон, қатраи об ба даҳон набурда, ба мурдахона – сӯи хонаи Лоиқ равон будам. Роҳу роҳравҳо ва гирду атрофи хонаи Лоиқ серодам. Гӯё замин кафида одам рӯида, биное, ки кулбаи Лоиқ дар он ҷойгир буд, миёни сели одамӣ монда. Ба он наздик шудан қарибе ноимкон. Боазоб роҳ меёфтам. Аз миёни одамон мегузаштам. Дохили дари даромадгоҳ шудам. Одамон ба ошёнаи дуюм, ба манзили Лоиқ дар равуо буданд. Бори аввал буд, ки баъди марги Лоиқ ба остонаи хонааш қадам мемондам, кулбае, ки ҳар бор моро худи Лоиқ бо чеҳраи шукуфон пешвоз мегирифт. Аммо ҳоло дар он пагоҳирӯзӣ ҷасади ӯро аз манзилаш бурун меоварданд. Садои нола, гиря. Аз оҳи ҷигарсӯзи муҳибон, фарзандони Лоиқ дилҳо реш мегашту ғаму алам зиёда. Ҳама гирён. Назарам ба Ромиш бархӯрд. Дар сар тупӣ, дар бар ҷома, ришҳояш расида. Ба мисле ба по истода наметавонист, беҳолу бемадор, дар ғами падари бузургвор месӯхт, менолид. Маро, яке аз дӯстони наздики падарро дида, аламҳояш тозатар гашт. «Амакҷон, падарам, бародаратон» гуфт, ҷонибам омад, ҳамдигарро ба оғӯш кашидем, талх мегиристем, ашки сӯзон аз дидаҳо равон, сухани таскиномезе намеёфтам, ки ба фарзанди ҳамсабақам бигӯям...

Пайкари Лоиқро аз поғундаҳои зинаи ошёнаи дуюм поён меоварданд, онҳое, ӯро аз хонааш ба поён меоварданд, ки ҳама наздикон, хешовандон, фарзандони ӯ буданд. Банда ҳам аз паҳлӯи онҳо ҷой ёфта будам. Дар берун, дар дами дари даромадгоҳ тобути ӯ гузошта шуда буд. Дар берун сели одамӣ дар ҳаракат, сели одамӣ гӯё аз як сӯ ба сӯи дигар мавҷ мехурд. Офтоби пагоҳ рух менамуд. Болои одамон нур мерехт, нурҳои заррини он дар пойгаҳи дари бино, ки аз он Лоиқро берун меоварданд, чун пойандоз паҳн мешуд. Пойандоз аз дами дар то ба тобут, баъд то ба хонаи гӯри Лоиқ. Офтобро Лоиқ дар шеърҳояш ситоиш ва бо ҳазор ранг тасвир намуда. Махсусан ӯ лаҳзаҳои парешон шудани нурҳои офтобро рӯи мавҷҳои дарёи Варзоб беш дӯст медошт, тамошо мекард, ба шавқ меомад. Шоирро ба илҳом меовард офтоб, мавҷҳои дарё ва ҳоло нурҳои офтоб пойандозаш шуда то ба тобут ва баъд то ба хонаи гӯр.

Дӯстон боэҳтиёт, оҳиста гӯё лахти ҷигари хеш – Лоиқро ба тобут мегузоштанд. Имкон ёфтам, ки ба пояи тобут даст барам, тобутро бардоштем. Лаҳзае пояи тобути дӯст, бародарам Лоиқ дар дастам. Аз вақте ману Лоиқ якҷоя ба донишгоҳ ба таҳсил омада будему баъд солҳои тулонӣ ҳамнишинию ҳамсӯҳбатӣ доштем, ба ёдам намеомад, ки ҳамин хел ҳол рух медиҳад, тасаввур надоштам, ки пояи тобуташро мебардорам. Аммо ҳазор таассуф, ки ҳамин хел рӯзи сиёҳ омада, пояи тобути Лоиқ дар дастам.

Мардум, сели одамӣ ба ҷунбиш омад. Нигоҳҳо ба ҷониби тобут, ҳазорҳо мухлисон, эътиқодмандони Лоиқ тобути ӯро ба дӯш гирифтан мехостанд ё

дар орзуе, ки ақалан ба он даст расонанд. Вале наметавонистанд, одамон ба якдигар бармехурданд, меафтоданд, мехестанд пеш меомаданд. Кайҳо пояи тобут аз дастам раҳо ёфта буд, даст ба даст ба осмон мерафт тобути Лоиқ, дигар намедидам, пеши чашмонам сиёҳӣ, мавҷ мезад, аз паси одамон мерафтам, бо онҳо қадам мемондам. Аз кӯчаҳои шаҳр мерафтанд мардум, Лоиқро аз назди хиёбону гулгаштҳои шаҳри азизаш, ки аз айёми наврасӣ онро манзили зист ихтиёр карда буд, мегузаронданд.

Баъд мавриди видои мардуми Душанбе, мухлисони беҳисоби шоир дар Театри опера ва балети ба номи С.Айнӣ давом ёфт. Офтоби тафсони тобистон болои бому дар ва рӯи дарахтон меомад, гармӣ медод. Гармие, ки дар умрам ба он дараҷа ҳарорат эҳсос накарда будам. Месӯхтам аз ғами Лоиқ, аз тобиши офтоб. Раҳме набуда офтобро. Месӯзондам, обу адо мегаштам. Дар саҳни васеъи бинои Театри опера ва балет ва дар дохили он, ки одамони беҳисоб тобути Лоиқро давра гирифта буданд, ҷои истодан намеёфтам. Гӯё ягон ваҷаб ҷои осудан намонда бароям дар рӯи замин. Ва ҳамроҳи одамон боз рӯ ба дохили бино овардам. Ин ҷо Лоиқ, тобути Лоиқ. Аз телевизион равуои одамон, лаҳзаҳои видои дӯстон, ҷигарбандон, наздикон, мухлисони Лоиқро рӯи навор меовардand, сухангӯиҳо ба лентаи овоз сабт мешуданд, дӯстон бо дидагони ашкбор, бо сӯзу гудоз ҳарф мезаданд. Сухан аз Лоиқ, ба ёд меовардand ӯро, ёдномагӯӣ. Аллакай хотираҳо мегуфтанд, аллакай ба ҳисоби гузаштагон ҳамроҳ шуда Лоиқ, хотира шуда Лоиқ. Мухбири телевизион Ҳокими Азиз аз банда хоҳиш дошт, сухан бигӯям, аз Лоиқ ҳарф бизанам. Хайр гуфтам, назар ба тобути Лоиқ андохтам, нигоҳам ба рӯяш афтод. Намедонистам, ки чӣ мегӯям, дидагонам ашкбор, сухан мегуфтам. Бале, чи гуфтаму нагуфтам, беҳушона гуфтам, суханҳоям дар ёдам намонда.

Назарам ба яке аз ҳамсабақонамон – ба Меҳмон Бахтӣ хурд. «Аз Лоиқ мондем, Карорматуллоҳ», гуфт ӯ. Ҷӯрабек Муродов бо дидагони хунполо сӯям омад, бо ҳам оғӯш ба оғӯш шудем. Занону духтарон аз назди тобути Лоиқ гузашта бо дидагони пурашк бо ӯ видоъ мегуфтанд. Миёни онҳо шояд ҷавонзанҳо, духтароне ҳам буданд, ки Лоиқ барояшон алоҳида ва бо ӯ сӯҳбатҳо, ҳамнишиниҳои маҳрамона ҳам доштанд. Он рӯз аз ҳама беш онҳо ғамдор, либосҳои сиёҳ дар бар, барояш месӯхтанд. Ҳамин гуна буданд он лаҳзаҳо. Шаб буд ба хаёлам он лаҳзаҳо, гӯё хоб будаму хоб медидам, ки Лоиқ фавтида. На, таассуф, ки хоб набуд, қиёмат буд, рӯзи марги Лоиқ буд. Сӯхангӯиҳо, митинг барпо шуд. Ҳама чун наворе аз назарам гузаштанд. Тобути Лоиқро бардоштанд. Мошинҳо, одамон рӯ ба роҳ шуданд. Офтоб гармтар ва нурҳояш сӯзонтар гашта, хело паст фаромада, болои сарҳо омада. Нафасгардон мешудам, дилу ҷигарам бирён, месӯхтам, ташна монда будам. Об нӯшидан мехостам. Оби сард. Назарам ба саҳни масҷид, об меҷӯстам – ҳо ана аз қубури зери чиноре об фавора мезад. Одат надоштам, ки оби сард нӯшам. Аммо ноилоҷ будам, лаб ба қубури об мондам. Ҳар қадаре, ки дил мехост об нӯшидам. Баъд гӯё ба худ омадам. Одамонро медидам. Саҳни тозаю озодаи масҷиди Ҳоҷӣ Яъқуббой. Вақти намози пешин. Муаззин такбир мегуфт, намоз мегузоштанд. Тобути Лоиқ канори пешайвон гузошта шуда. Мо маҳтали анҷоми намоз, маҳтали адои намози ҷанозаи Лоиқ. Мардум аз намоз баромада, ба намози ҷанозаи Лоиқ саф мегирифтанд. Банда ҳам дар саф ҷой ёфтам,

ҷанозаи дӯстам, – ҷанозаи Лоиқ. Нияти ҷанозаи Лоиқ зикри забонам буду Лоиқи дигар – Лоиқи нав ба курсии донишҷӯӣ омада пеши назарам. Овози марғуладораш ба гӯшам меомад, «Карорматуллоҳ», мегуфт. На, он Лоиқ Лоиқи дигар буда. Лоиқи кӯҳансол пеши назарам, ана тобуташ дар пешгоҳ, ҷанозаи Лоиқ. Баъд мо он рӯз Лоиқро ба хок супурдем, мадфанаш дар баландиҳо, дар баландии мавзеи Лучоб, дар ин баландии Лучоб боз бисёр адибони баландмақом манзили абадӣ ёфтаанд. М.Турсунзода он ҷо, Лоиқ паҳлӯи Сотим Улуғзода, дар вақташ устод ба маҷмӯаи аввали шеърҳои ӯ сарсухан навишта. Имрӯз Улуғзода ва Лоиқ ҳамсояманзил, дар паҳлӯи ҳамдигар.

Лоиқ аз олам гузашт, дӯсти меҳрубону ба дил наздикамро ба хок супурдем. Имрӯз аз ӯ, аз рӯзҳои дар ин дунёи равшан буданаш нақш меҷӯям. Аз чи буд, ҳар гоҳе, дар куҷое бо Лоиқ вомехурдам, ҳамроҳаш ба ҷое мерафтам, гуфтаҳо ва ҳолатҳои бо ҳам шоҳид шудаамонро баъзан ба дафтари хотираам сабт мекардам. Имрӯз аз он дафтарҳо, аз он сатрҳо нақш меҷӯям, нақши рӯзҳои дар ин олами равшан будани Лоиқро. Чанд китобаш бароям бо соядаст монда, ӯ таъкид бар он дошт, ки мо бо ҳам дӯстони деринем, дӯстони солҳои донишҷӯӣ, айёми наврасӣ...

АЗ УБАЙД РАҶАБ ЁД МОНДА, СУХАН МОНДА

Аз он рӯзи чоршанбеи чоруми моҳи августи соли 2004 – ум, ки ӯ аз ин дунёи равшан чашм пӯшид, беш аз ҳафт сол мегузарад, аз ҳафт сол зиёд аст, ки ӯ бо мо нест, ёдаш дар хаёли мо монда. Шеърҳояш зикри забонҳо, шеърҳояшро мехонанд, шеъри Убайд Раҷаб мегӯянд. Устод Убайд Раҷаб. Соҳиби ин номро чи қадар курбу манзалат, шаҳомат, мухлису шиносу ошно ва дӯстоне буд. Ӯ хушсухан, хушгап, маъракаоро. Маҷлису маърака, базму ҳамнишиниҳо аз сӯҳбаташ гарм. Ӯ барандаи тӯйҳо, хурсандиҳо. Ӯ барои онҳое, ки аз худаш хурд буданд, «ако,» баҳри аҳли қалами кӯҳансол, ҳамсолон «Убайдулло» ва барои шогирдон «устод» буд, бале буд, буд… Ҳазор таассуф, ки имрӯз вай бо мо нест. Мо аз ӯ ҷудо. Марг ӯро рабуда, марг, ки ҳамаи моро ҳамроҳ то рӯзе, ки навбат биояд. Ва ҳоло аз дӯст, бародари азизи мо, шоири тавоно Убайд Раҷаб ном монда, номи нек, ёди нек. Дар роҳи дӯстӣ, рафоқат назираш набуда. Як дӯсти қарин, наздику меҳрубони банда ҳам буд. Садоқату вафодории ӯро дидаам, шоҳид гаштаам.

Яке аз дӯстони наздики Убайд Раҷаб дар мавзеи Кофарниҳон шоир Нӯъмон Розиқ буд. Нӯъмон Розиқи шоир ва дар он айём раиси колхоз, шахси вазифадор, вале бисёр ҳалиму хоксор, хайрхоҳу меҳрубон, дари дилу манзилаш ба рӯи ошною ноошно кушода. Шахси меҳмоннавоз, дастархондор. Аҳли қалам қариб ҳама меҳмонаш мешуданд, навқаламон, то адибони номию шӯҳратёри мо. Дӯстонаш ба мисле беҳисоб буданд. Ва устод Убайд Раҷаб ҳам яке аз ошноҳо ва дӯстони шоири раис Нӯъмон Розиқ.

Марги нобаҳангом Нӯъмон Розиқи дӯст ва бародари моро рабуд. Ба ҷанозааш дӯстон хабар шуданд. Вале на ҳамаи онҳое, ки дар зиндагӣ ӯро дӯст, бародар, ошно мегуфтанд, дар он рӯзи дафни ӯ ҷамъ омаданд. Ками ан-

дар кам дӯстонаш ҳозир шуданд. Аммо дар он рӯзи сиёҳ баҳри хонадони шоир Убайд Раҷаб чун як бародари ӯ дар тан ҷома, дар миён рӯймол, дар сар тӯпӣ дар паҳлӯи ҷигаргӯшаҳо, фарзандони ӯ буд. Дӯсташ Нӯъмон Розиқро ӯ ба хок гузошт. Аз гӯр берун омада хоки дасту панҷаҳо, либосҳояшро афшонд, рӯ ба офтоб, ки миёни осмон омада буд, овоз андохт, нолид, «бародарам», гуфт.

Ва баъд, минбаъда дар маъракаҳои ёдбуди Нӯъмон Розиқ, дар сешувон, ҳафт, чил ва сол дӯстону ошноҳояш кам ва боз камтар мешуданд. Вале Убайд Раҷаб дар ҳамаи ин ҷамъоиҳо ҳозир, сарвар, дуогӯ буд.

Ба хотираи шоир Нӯъмон Розиқ мактаби деҳаи Симуганҷро ба номаш гузоштанд. Дар рӯзҳое ин тадбир ба амал меомад, ки ҷумҳурӣ ноором буд, ҷангу ҷидоли байни тоҷикон шиддат мегирифт. Хусусан, дар мавзеи Кофарниҳон ва дараи Ромит низоъҳо баландтар аланга мезаданд. Дар ҳамон рӯзҳои пурхавфу хатар лавҳаи номи Нӯъмон Розиқ сабтшударо аз Душанбе дӯсти ӯ Убайд Раҷаб бо чанд нафар адибон аз дидбонгоҳи силоҳдорон гузашта, ба деҳаи Симуганҷ бурд. Маъракаи номгузориро ӯ сарвар буд, маҷлис гузаронд. Дар роҳи дӯстӣ ана ҳамин хел бовафо, садоқатманд буд Убайд Раҷаб.

Аз ӯ хурд, навқалам будам. Убайд Раҷаб сармуҳаррири маҷаллаи «Садои Шарқ», котиби Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, адиби номию шӯҳратёр. Аммо ба банда мисли як ҳамсафу ҳамқаламаш эҳтиром дошт. Борҳо ҳамсафар шудаем, дар Ҷумҳурии Исломии Эрон, шаҳри Маскав, дар Озарбойҷону Гурҷистон будем, дар ҷумҳурӣ низ ба бисёр шаҳру ноҳияҳо ҳамроҳ сафар кардаем. Чи хеле мегӯянд, сӯҳбаташ бо банда мепӯхт, мехост дар сафарҳо ҳамроҳ бошем. Ба деҳа, ба хонаи мо ҳам мерафт. Дар тӯю маъракаҳоямон маслиҳатгарамон буд. Аз ёдам намеравад, тӯи суннати фарзандонам Иқболу Парвизро мегузаронем. Дар он шаби тобистони соли 1984 ҳавлиамон пур аз меҳмонон буд. Аксар аҳли қалам, шоиру нависандагон ва ҳунарпешагон. Чанд нафар дӯстонам – кормандони масъули ҳизбӣ, аз ҷумла Холмурод Шарифов, Нур Табаров ҳам дар тӯй ҳозир буданд. Дар рӯи ҳавлӣ, зери осмони софу ситоразор маъракаи хурсандӣ давом дошт. Аммо Холмурод Шарифов ва Нур Табаров аз хона намебаромаданд. Гилагузорӣ доштанд, ки чаро дидаю дониста онҳоро ба тӯи суннатии фарзандонам, ки дар он айём номумкин буд, хабар кардаам. Ҳарос доштанд. Беҳуда ҳам на. Ба кормандони ҳизбӣ, ҳатто барои ширкат дар ин гуна маъракаҳо ҷазо медоданд. Устодон Убайд Раҷаб ва Фазлиддин Муҳаммадиев, ки сарварии маърака ба дӯшашон буд, аз ин ҳол огоҳ гашта, байни худ паст – паст хело гап заданд ва ба назди ҳофизи ширинадо Давлатманд Холлов омаданд, ки овозаш фазои деҳаро гирифта буд. Лаҳзае Давлатманд хомӯш монд. Убайд Раҷаб ва Фазлиддин Муҳаммадиев сухани ҳамдигарро аз тариқи баландгӯяк тақвият дода ба мардум мегуфтанд: Сабаби баргузории маъракаи Кароматуллоҳи Мирзо ба нашр омадани китобаш-қиссаи «Шабе дар Кабудҷар». Онро ба ҳозирин нишон медоданд ва мегуфтанд, ки сабаби дигар ҳам будааст; фарзандони банда Иқболу Парвиз мактабрав мешудаанд.

Устод Убайд Раҷаб гоҳе ба нашриёти «Адиб», ки он айём сарвариаш ба ӯҳдаам буд, меомад. Чи воқеае шуду баъдтар чанд ҳафта наомад. Ҳамон рӯзҳо китобаш ба чоп расида буд. Меҷустемаш. Гуфтанд, ки бемор аст, бе-

мориаш вазнин, аммо ба ӯ намегуфтаанд. Ҳамроҳи яке аз дӯстон – Фарҳод Каримов, ки ҳоло раиси нашриёти «Адиб» аст, ба аёдаташ ба беморхонаи Қарияи Боло рафтем. Дар ҳуҷраи алоҳидае мехобид, завҷааш ҳамроҳаш. Янгаи меҳрубон шабу рӯз нигаҳбони ӯ. Ғам мехӯрд, бо устод гӯё ӯ ҳам дард мекашид. Чанд нусха китоб ва ҳаққи қалами устодро оварда будем. Шод шуд, изҳори минатдорӣ намуд. Ҳис мешуд, ки дард озораш медод. Лек устод мисли даврaҳои сиҳатӣ зиндадил, хушсухан, хушчақчақ. «Худо хоҳад, ҳамааш мегузарад, дард меҳмон», мегуфт. Сипас изҳори хурсандӣ кард, ки гумони духтурҳо дар масъалаи дарди ӯ ғалат будааст. «Хайрият» ва боз ба забон овардани ин суханро мешунидем аз ӯ. Ва Фарҳоду банда барои беш ба ташвиш нагузоштани бемор бо устод «хайр» гуфтем.

– Фарҳод, Кароматулло, хабар гиретон, боз биёетон… – овози Убайд Раҷаб ҳангоми аз наздаш баромадан дар гӯшамон монда буд.

Чанд бори дигар ба хабаргирии устод Убайд Раҷаб ба беморхона рафтем. Ҳолаш беҳ намегашт. Баъд шунидем, ки ӯро ба хонааш овардаанд. Бемориаш вазнинтар шуда. Аз аҳволи ӯ ҳамон рӯзҳо намоише, ки онро Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб омода намуда буд, дар телевизион пахш шуд. Тамошобинон, мухлисон, дӯстони шоир медиданд, ки ӯ чи қадар харобу афтода шуда, бемадорона базӯр – базӯр ҳарф мегуфт. Медидем, ки дарди бедаво Убайд Раҷаби ботанутӯшро ба чи ҳол оварда, таассуф мехӯрдем, дилҳо ба ҳоли ӯ реш гашта.

Аз Муҳаммад Ғоиб хоҳиш кардам, ки ҳамроҳ ба хабаргирии устод Убайд Раҷаб биравем.

Пагоҳии рӯзи сешанбеи 27 – уми июли соли 2004 буд. Моро боз ҳамон завҷаи меҳрубони устод Убайд Раҷаб, ки сари болини ӯ медидемаш, пазирой намуд. Хастаю хароб ва рӯҳафтода менамуд. Офаринаш мехондем, ки дар ин қадар рӯзу ҳафта ва моҳҳои бемории устод ҳамеша ӯ ҳамроҳаш. Беш азобу азият кашида. Моро ба нишастан таклиф карда худ аз хона баромад. Устод болои кат рӯ ба сақфи хона хобида буд.

– Омадетон, Муҳаммад, нағз ҳастетон? – рӯйҷоро аз болояш нишеб карда майли рӯй ба ҷониби мо гардондан намуд, якнима, паҳлӯ гаштан мехост. Натавонист.

– Муҳаммад, ёрдам расон, ту ҳам, бачам, Кароматулло, – устод аксар ба банда ҳамин тавр мурочиат мекард ва давом намуд: – Ҳолам намондааст, наметавонам.

Убайд Раҷабе ҳоло дар ҷойгаҳи маризӣ барои ним гаштан мадад мехост, ки дар вақташ аз ҷумлаи мардоне буд, чи хеле мегӯянд, мушт занад девор мегашт. Ва мешунидем, ки мардум мегуфтанд: «Убайд Раҷабро Худованд пайкари бузург, қаду қомат, дасту бозӯи бақувват, саломатии бардавом дода».

Бале, ӯ қариб бемор намешуд, аз синну солаш хеле чавон менамуд, дар рӯяш ожанге наафтода, як тори мӯяш ба сафедӣ нарасида. Ба ӯ ҳасад мебурданд. Анна, ҳамин як марди тавоно ҳоло дар панҷаи дард дармонда, ба ҳоле афтода, ки дар ҷойгаҳ паҳлӯ гашта наметавонист. Ӯро медидаму ба ҳикмати «Дард кӯҳро паст бикунад», бовар мекардем.

Ману Муҳаммад Ғоиб аз китфонаш доштем, мадад расондем, болои кат пойкашол нишаст, чанд лаҳза хомӯш монд, нафас рост кард ва рӯ ба мо ба

гап даромад.

– Муҳаммад, нағз ҳастӣ? – боз аз мо ҳолу аҳвол пурсид. –Ту чӣ аҳвол дорӣ, Карорматулло? Бачаҳот, янга ҳама сиҳат саломатанд? Вазифаат баланд шудааст, шунидам, заҳматат зиёд мешавад, бачам. Бовар кардаанд, нағз кор кун, – ҳамон рӯзҳо банда ба вазифаи мудири шӯъбаи иттилооту таҳлилии Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҷумҳурӣ таъйин шуда будам. Устод ин хабарро шунида… Ӯ чун ҳамеша ба банда ғамхор, меҳрубон, насиҳат мекард, маслиҳат медод.

– Худованд шифо ёбед, – гуфта Муҳаммад дуо кард. Ҳамин суханҳо дар забон даст ба рӯ кашидем.

Ва устод ба сухан омад:

– Ҳолам ҳамин рӯзҳо ҳамин, танҳо, ки мемонам, рӯ ба шифти хона, рӯ ба девор гап мезанам. Баъзан аз нав ва аз нав гашта баргашта рӯзҳои гузашта, одамон, ҳамкорон, шиносҳо, дӯстон, корҳои кардаамро ба ёд меорам. Ба хаёлам фақат некӣ мекардам, касе аз ман наранҷад, мегуфтам. Ё шояд ягон амали носавоб ҳам аз ман гузаштааст, ҷазо мебинам. Лекин бовар кунетон, қасам мехӯрам кори бади кардаам ба хотирам намеояд, намедонам, ба Худо, ки намедонам.

Ба хаёли мо устоди азиз аз ин ҷиҳат беҳуда дар андеша монда. Ба ҳама некиаш расидааст, ҳама аз ӯ сухани нек шунида. Дилозор набуд. Бекина буд, чеҳрааш ҳамеша кушода, аз ҳоли худию бегона хабардор шудан мехост. Аммо ҳоло гирифтори дард буд, дарди бедаво. Аз дард, аз ачал касе эмин буда наметавонад. Албатта, ҳоли ӯро дар он лаҳзаҳо тасаввур менамудем, сӯзу гудозаш зиёд, диламон месӯхт, ашк гулӯгирамон буд. Дар таскину тасаллиаш ҳарфе ба забон оварда наметавонистем, оҷиз, ночор будем.

Янгаи меҳрубон дар ин мобайн наздамон дастархон густурда буд. Болои дастархон ҳар гуна меваҳо. Дар як лаълӣ себ, себҳои суп – сурх, ба гуфтаи худи устод Убайд Рачаб «бечирм».

Бо дили пураламу хаёли ошуфта ману Муҳаммад аз ҷой бархостем. Рӯ ба устод Убайд Рачаб, ки ҳанӯз болои кати хоб пойкашол менишаст ва аз сӯзу гудози дард – ҳолашро худ медонисту Худо, хело истодем.

– Мераветон? – гуфт устод.

– Иҷозат шавад… – бо сари хам, дастҳо пеши бар меистодем.

– Худованд шумоҳоро дар паноҳаш нигаҳ дорад, барака ёбетон, бачаҳом.

– Хайр…

– Як дам истед, себ гиретон, аз дастниҳолҳои худам, гиретон… Ба нею нестонамон нигоҳ накарда устод фармуд себ гирем. Яктоӣ себ гирифтем.

– Ин хел не. Гуфтам – ку, деҳқонӣ, гиретон.

– Ноилоҷ аз рӯи хоҳиши устод аз лаъли боз себ гирифтем, дами дар омада, ақиб гашта бори дигар ба устод Убайд Рачаб рӯй овардем, «хайр» ва боз бо ӯ «хайр» гуфтем.

Ба ҷои кор баргашта дар роҳрави идора бо яке аз дӯстонам, инсони некхоҳу нексиришт, дар ҳамон рӯзҳо мудири шӯъбаи Дастгоҳи иҷроияи Президент шодравон Усмонқул Шокиров вохӯрда гуфтам, ки аз хабаргирии устод Убайд Рачаб омадам, аҳволашро нақл кардам Усмонқул Шокиров аз банда бисёр хоҳиш кард, ки ҳафтаи оянда ҳамроҳ ба хабаргириаш равем. Лекин

ин нияти мо амалӣ нагашт.

Пагоҳии рӯзи чоршанбеи 4 – уми моҳи август буд. Аз назди ҳуҷраи муовини сарвазир Х. Мавлонова мегузаштам. Дари ҳуҷра боз гашта, ёрдамчии муовини сарвазир Алиҷон Шоҳназаров саросема ва бо ҳоли парешон берун омаду бо таассуф гуфт, ки устод Убайд Раҷаб аз олам гузаштаанд. Аз номи ҳукумат таъзиянома омода намуданӣ будаанд. Хабари нохуш ҷисму ҷонамро гудохт. Карахт гашт тамоми вуҷудам. Беҳаракат мондам, аз ҷой намеҷунбидам, забонам ба сухан намепечид. Алиҷон кайҳо аз наздам рафта буд. Хаёлам ба устод Убайд Раҷаб. Ӯ аз олам гузашта. Ҳайфи ӯ, сад ҳайф ва сад ҳайф, ки инсонҳоро ҳамин як роҳ, омадан ба дунё ва аз он рафтан, реҳлат кардан, роҳи дигар, роҳи баргаштан набуда.

Пагоҳии панҷшанбеи 5 – уми моҳи августи соли 2004. Соатҳои қариб дувоздаҳ тобути устод Убайд Раҷаб дар пешгоҳи ҳавлиашон гузошта шуда. Ҳаққу ҳамсояҳо, мардумони беҳисобе ҷамъ омада ба ҷаноза. Митинги мотамро дар он вақт Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, узви вобастаи Академияи улуми ҷумҳурӣ Карроматулло Олимов боз намуда, аз рӯзгор, зиндагӣ, фаъолияти эҷодии устод Убайд Раҷаб сухан мегуфтанд, шеърҳояшро мехонданд, нақшашро дар адабиёти тоҷик таъкид мекарданд. Сухан ба ҳамдеҳа, ҳампартаи ӯ дар Омӯзишгоҳи омӯзгории ш. Панҷакент ва дар Донишгоҳи омӯзгории ш. Душанбе, олими шӯҳратёр Шарофиддин Рустамов, ки имрӯз ӯ низ аз олам реҳлат карда. Устод оҳи ҷигарсӯз аз синаи пурдоғ кашида менолид, «Убайд, Убайдулло» мегуфт. Сухан боз ба наздикону дӯстон…

Баъд роҳамон аз паси тобут ба қабристони Лучоб шуда буд. Ба банда низ навбат омад, ба хокдони шоир, ки дар ин олам дӯсти азизу хайрхоҳ, ғамхорамон буд ва бандаро гоҳе бо лаҳни зебои худаш «бачам, Карроматулло», мегуфт, чанд бел хок партофтам ва хок олудаи ашки дидагонам мегашт.

Ба истиқболи 90-солагии шоир

СИМУ ГАНҶИ НУЪМОН РОЗИҚ

Аз хурдсолӣ номи шоир Нуъмон Розиқро мешунидам, шеърҳояшро мехондам. Шоири овозадори бачаҳо. Муаллимонамон бо ифтихор мегуфтанд, ки ӯ ҳам як ҳаммаҳаллаи мо, аз деҳаи Симуганҷ. Байни Симуганҷу Роҳатӣ як қадам роҳ. Чанд теппа он сӯ Симуганҷ. Чандин талабаҳои ин деҳа, аз ҷумла, акаи шоир Саъдулло Розиқов дар мактаби деҳаи Роҳатӣ мехондаанд. Худи Нуъмон Розиқ ҳам чанде дар мактаби Роҳатӣ таҳсил карда. Омӯзгорон ӯро медонистаанд. Бачаи боодоб, бисёр китоб мехондааст. Китобдор, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ бобои Нори Гулон вайро ба хотир оварда даҳонаш гарм мешуд, тавсифаш мекард, мегуфт, ки ӯ бештар китобхона, назди вай меомада. Китоб мепурсидааст, китоб мегирифтааст. Бобои Нори Гулон маслиҳат медод, ки агар мо ҳам китоб хонем, шеър аз бар намоем, мисли Нуъмон Розиқ шоир мешавем. Баъд вай китоби шеърҳои Нуъмон Розиқро ба мо нишон медод. Китоби ранга, гулдор. Бобои Нори Гулон аз рӯи китоби шеърҳои шоир дар китобхона, ки дар зери чинори баланди лаби ҷӯй ҷойгир

буд, суҳбатҳо мегузаронд. Шеърҳои шоирро аз бар медонист.як шеъри ӯ бо номи «Дарёчаи шӯх» ба вай писанд буд, ки ҳар гоҳ онро мехонд, моён низ ҳамроҳаш мехондем.

Дерёчаи деҳи мо, Як шохаи Вахш аст ӯ.
Туғён дорад доимо. Соҳилро пур мекунад,
Аз таги тарма ояд, Дарёро зӯр мекунад.
Аз сари шах фарояд. Бино кунем дар Роғун,
Мекунад чунон шитоб, Дарғоти ГЭС-и Роғун.
Мехӯрад сад печу тоб. Обаки шӯхи дарё,
Донӣ куҷо меравад? Дарояд ба новаҳо.
Аз паи чӣ медавад? Шарораи зӯр шавад,
Обаки ҷонбахш аст ӯ, Олам пури нур шавад.

Мо шеърҳои шоирро аз ёд мегуфтем, дар дилҳо ҳаваси шеъру шоирӣ пайдо мешуд. Банда, ки аз хурдӣ ба навиштан ҳавас доштам, дар газетаи «Пионери Тоҷикистон» (ҳоло«Анбоз») мақолаҳоям чоп мешуданд, ба ном шеър ҳам мегуфтам, орзу доштам, мисли Нуъмон Розиқ шоир шавам. Агар бигӯям, ки ҳаваси ба роҳи эҷод омадан дар дилам ба туфайли шоири ҳаммаҳаллаамон Нуъмон Розиқ пайдо шуда, саҳв намешавад. Эҳтиромам ба Нуъмон Розиқ зиёд, мепарастидамаш. Дидорбинию шиносоиям бо ин шахсияти номдор бароям дер, баъди хатми Донишгоҳи омӯзгории ш.Душанбе, ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи устод С.Айнӣ ба вуқӯъ омад.

ШИНОСОӢ БО ШОИР

Дар редаксияи газетаи «Пионери Тоҷикистон» кор мекардам. Дар як ҳуҷраи нисбатан калон чанд нафар менишастем. Устод Мухтор Қаҳҳор, Саидалӣ Очилдиев, Раҳмон Шералӣ (руҳашон шод бод), Насимҷон Рачабов, Саидҷон Почоев. Рӯзе атрофи як мақола баҳс доштем, овозамон баландтар мешуд, ки дари ҳуҷра чанд бор оҳиста куфта шуд.

– Дароед, – устод Мухтор Қаҳҳор аз ҷой нимхез шуданд. Дар боз шуд. Марди миёнсоли ботанутӯше дар сар тӯппӣ, дар даст папкаи калони чармини сурх аз дар даромад. «Биёед, биёед, раис», ҳама ба пешвозаш аз ҷой бархостанд, банда ҳам хестам. Ӯ ба ҳар кадомамон даст дода вохӯрд ва ба як курсии наздики шоир, котиби масъули газета Мухтор Қаҳҳор нишаст. Шинохтам, шоир Нуъмон Розиқ. Шеър оварда будааст. Ман, ки дар орзуи бо Нуъмон Розиқ вохӯрдан будам, намедонистам бо ӯ чи гуна ҳамгап шавам. Дар чойник чой дам карда, дар пиёла чой рехта наздаш мегузоштам, дар як тақсимча қанду мавиз овардам, «қанд гиред, чой нӯшед», дам ба дам ӯро муроот мекардам.

– Ин кас коргари наватон? – Бо табассум ба банда рӯй оварда пурсид аз Мухтор Қаҳҳор.

– Нашинохтед?

– Не.

– Аз маҳаллаҳои худатон, аз Роҳатӣ.

– Аз Роҳатӣ мешавӣ? – Назари меҳрубононааш ба банда шуд.

– Мактаби Роҳатиро хатм кардам.
– Бачаи кӣ мешавӣ?
– Бачаи эшони домулло Мирзо, аз Нилкон.
– Қиблагоҳ олими бузург буданд, медонистам. Чӣ ном дорӣ?
– Карорматулло Мирзоев.
– Карорматулло Мирзоеваш худат ҳастӣ? Медонам, ҳикояҳоятро хондам. Қалами хуб дорӣ, навис. Баъд дур нагард, ба қишлоқҳои мо биё, хона биё.

Ҳамин тавр он рӯз бароям хотирмон буд, ки бо шоир, шоири овозадори бачаҳо, ҳаммаҳаллаамон Нуъмон Розиқ шинос шудам.

Чанд байт шеърашро, ки «Лола» ном дошт, дар назди ӯ хондам.

Лола, лола, ҳай лола,
Булбул омад ба нола,
Қаҳ-қаҳ зад кабки маст,
Аз сари кӯҳу ёла.

Мавсими навбаҳор аст,
Авҷу барори кор аст,
Корвони турнаҳо,
Рӯи фазо қатор аст.

РАИСИ КОЛХОЗ

Нуъмон Розиқ раиси колхоз буд. Ташвишҳояш аз мӯи сар зиёд. Роҳбари як хоҷагии калон, ки колхози «Ленинград» мегуфтанд, баъд дар деҳа зиста вақт ёфта навиштан ҳам осон не. Деҳа талабу анъанаҳои худро дорад. Маъракаҳо бисёр. Хоҳ хурсандӣ, хоҳ маргу мотамдорӣ бошад, бояд ҳозир биёӣ. Ба ҳисоб мегиранд, ки дар маърака кӣ буду кӣ набуд. Меҳмондориҳо ҳам як анъанае. Хонаи касе меҳмон ояд, ҳамсояҳо, одамони дилхоҳ, боборӯйро пеши ӯ меҳонанд. Баъд таомуле, ки пеши меҳмон бояд дасти холӣ наравӣ. Таом пухта дар табақ таом мегирӣ, ё агар ҳеҷ имконат, ки набошад, дар дастархон як ё ду нон, дар болои нон як панҷа мавиз ё қанд мерезию аз дари меҳмондор медароӣ. Агар хабар диҳанду назди меҳмон наравӣ, меранҷанд, ба ҳар гуна фикрҳо меафтанд, гӯё дилмондагие доштаӣ. Ва баъд ба хонаи худат ҳам меҳмон ояд, биёед гӯиашон намеоянд. Ҳар кас аз киштааш медаравад, нарафтани дари дӯст пастамбаи дари худ, мегӯянд. Барои Нуъмон Розиқ барин раиси колхоз душвортар, вай ба мисли падар ҳам, падари ҳамаи колхозчиён. Вай бояд ба маъракаҳо биравад, ӯро боз алоҳида-алоҳида металбиданд, талботалб. Дар он солҳо анъанае ҷорӣ буд, касе тӯй мекард, аввал бо раис маслиҳат меандохт, металбидандаш, раситалбон мегуфтанд. Дар маъракаҳои маргу мотамдорӣ-ку вазифаи раис алоҳида, дар паҳлӯи майитдор бояд биистад. Боз чанд мавсимҳои дигари серкорӣ. Он мавсимҳоро «сезон» ҳам мегуфтанд, «сезони» пахтакорӣ, пахтачинӣ, ҷамъоварии ҳосили ғалла, мева… Раис ба по рост мемонд. Ана ҳамин гуна ҳолу аҳволу боз Нуъмон Розиқи раис вақт ёфта шеър мегуфт, хабару мақолаҳо менавишт. Вай, албатта, барои ҳаққи қалам наменавишт, эҳтиёҷ надошт, раиси колхоз буд. Шеъргӯию навиштан барои ӯ як дилкашолие, дилкашолии ба хун омада. Аз рӯи меҳр, меҳр

ба эҷод, ба адабиёт. Вагарна раиси колхоз-ҳокими як маҳалро чи зарурияте, ки як шеър ё чанд хабару мақолаҳаке дар даст паси дари идора ба идораи кадом як рӯзнома, маҷалла, нашриёте гардад ва интизоре, ки пазироӣ мекунанд ё биё, мегӯяндаш ё на. Ҳамин меҳри эҷод, навиштан баъдтар Нуъмон Розиқи раисро ба даргоҳи рӯзномаи «Коммуна»-и ноҳия, ки ҳоло «Шаҳриёр» ном дорад, овард, ба вазифаи сармуҳаррирӣ.

ДАСТАРХОНДОР

Нуъмон Розиқ дастархондор буд. Сари вазифа буд ё не, дари хонааш ба рӯи меҳмонон ҳамеша боз. Меҳмонони ӯ аксаран аҳли қалам буданд. Новобаста аз он ки онҳо дар чи вазифаю дараҷа, чӣ менависанду наменависанд. Ҳама дар ҳисоби ӯ меҳмон, меҳмон атои Худо. Посбонҳои дари хонаю идораҳои эҷодиро аз ҳама хуштар пешвоз мегирифт. Чеҳрааш ҳамон як зайл кушодаю дар лабонаш ҳамон табассуми ширин. Меҳмондорӣ мекард, меҳмонҳоро ба сайри боғу бӯстонҳо мебурд, барои тамошо ва моҳидорӣ ба лаби дарёи Кофарниҳон мехондашон, ки аз поёнтари ҳавлиаш бо садои пурғулғулае ҷорӣ буд ва ҷои осоиш, дамгирии худаш ҳам аксаран лаби ҳамин дарё. Табъи меҳмонон хуш, ки мегашт, чеҳраи соҳибхона кушодатар мешуд. Меҳмондориҳои ин марди шариф дар Душанбе овоза шуда, яке ба дигаре тавсифаш менамуд. Аз рӯи ҳамин овозаҳо ҳам баъзеҳо ӯро шиносанд нашиносанд, меҳмонаш мешуданд, хонаашро ҷуста ба Яккатол мерафтанд. Хусусан, дар рӯзҳои дамгирӣ, шанбею якшанбе ҳавлии Нуъмон Розиқ сермеҳмон мешуд, як тӯйхона, меҳмондорию меҳмонгузорие. Янгаи меҳрубон, завҷаи Нуъмон Розиқро аз пагоҳӣ ҳолашон пухту паз, дар чеҳраашон ханда, дастҳо пеши бар меҳмононро бо тавозуъ «хуш омадед!» мегуфтанд. Руҳашон шод бод, аҷаб бонуи дилкушоду ба дӯстони шавҳарашон меҳрубоне буданд. Хурсанд мешуданд, ки хонаашон сермеҳмон, оилаи овозадор, дастархондор. Кас аз дили кушоду саховатмандӣ овозадор мешуда.

САНГ МОНДАЮ НОМ

Устодон Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар, Гулчеҳра Сулаймонова, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Убайд Раҷаб ҳам меҳмони Нуъмон Розиқ шуда будаанд. Меҳмонони бисёр азизу олиқадр. Барои Нуъмон Розиқ як ифтихоре, сараш ба осмон расида. Фаромӯшношуданӣ, ҳодисаи таърихӣ. Намедониста, ки чи гуна истиқболу пазироиашон намояд. Дар рӯи суфаи миёни ҳавлӣ барояшон ҷой густурда, қолинҳо андохта, кӯрпачаҳо ҳама нав ба нави озода, болиштҳо гулдӯзию қуроқӣ. Дар гӯшаҳои суфа оинахалта, чойхалта, сӯзаниҳои сергул овехта шуда. Ҳама аз рӯи таомул, анъанаҳои тоҷикӣ, хона хонаи тоҷик, меҳмонгузории тоҷикона. Атрофи суфа палчаҳои гул, гулҳои садбарги сурху сафед, зард шукуфтаанд. Ҳавлӣ сердарахт, аз зери дарахтон рӯи сабзаҳо об ҷорӣ, оби соф, широсо, ҷо-ҷо дар рӯи ҳавлӣ ҳавзчаҳо, моҳиҳо дар шино. Ҷӯякҳои гулу райҳон, гулҳои ишқандарпечон ба танаи ниҳолакон печида, нилобию сурхчатобу зард. Ҳавлии шоир табъи дили ӯ, шоирона зеб ёфта. Аз як назар руҳи кас болида, хуш гардад. Назди меҳмонон мувофиқ ба хоҳишашон ҳофизу навозандагон хабар шудаанд. Базми шеъру суруд дар авҷ. Садои мусиқӣ, садои ҳофизи

ширинадо, садо ба дури дуриҳо. Ҳамсояҳо аз дари ҳавлӣ медаромаданд, занону духтарон аз паси дару деворҳои баланд калла кашида тамошо мекарданд. Мусиқии дилангезу сурудҳои дилнишину шашмақомхониҳо аҳли даврa, устод Мирзо Турсунзодаро мафтун намуда. Садоҳои «Аҳсант, офарин, қурбон!»-гӯиҳо баланд, қадаҳгӯию кафкӯбиҳо. Устод Мирзо Турсунзода ба рақс омада, аз ҷой бархоста буданд. Устод Мирсаид Миршакар «ҳа, Боқӣ, Боқиҷон!» гӯён гӯё барои рақс ба устод Боқӣ Раҳимзода илҳом мебахшиданд, ҳама мерақсиданд, ҳамаро як кайфияту хурсандие. Ана ҳамин тавр он рӯзи баҳорон дар ҳавлии Нуъмон Розиқ болои суфаи баланд як базме, нишасти бузургони адабиёти тоҷик буд. Он лаҳзаҳо ҳам даргузар, як давре буда. Баъдтар болои суфаи миёни ҳавлии Нуъмон Розиқ санге пайдо шуд, санги мармари назаррабо, пурҷилло. Рӯи он номҳои устодон Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар ва ҳамроҳони онҳо, ки дар он базм болои суфа ҳозир буданд, моҳирона ҳаккокӣ шуда, бо соату лаҳзаҳои дар ин ҷо буданашон. Хотирае дар санг. Солҳо аз байн рафтаю номҳои бузургон Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар ва ҳамроҳони онҳо дар санг монда, вале ку худашон? Ку? Дунё гузарон, дунё афсона.

ДИЛ ҒАМ МЕДОДА

Дар ёдам мондааст. Чанд рӯз пеш аз марг Нуъмон Розиқ аз дари ҳуҷраи мо, ки бо нависанда Мутэулло Наҷмиддинов (руҳашон шод бод) ва Шоири халқии Тоҷикистон Зулфия Атоӣ дар шуъбаи адабиёт ва санъати рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ», ҳоло «Ҷумҳурият» якҷоя кор мекардему банда мудири шуъба буд, Нуъмон Розиқ даромад. Бо ҳамаамон саломуалайк кард. Чанд лаҳза суҳбати гарму нарме байнамон давом ёфт. Аз чи буд, ки Мутэулло Наҷмиддинов аз ӯ бештар ҳолу аҳвол пурсиданд. «Саломатиҳо чӣ хел? Қанд паст фаромадааст? Фишор ғам намедиҳад?» мегуфтанд ва дам ба дам ба ману Зулфия нигариста хандида бо шӯхӣ меафзуданд: «Шумоҳо ҳоло ҷавон, моён (Нуъмон Розиқро дар назар доштанд) бояд аз саломатии ҳамдигар бипурсем». Нуъмон Розиқ дар ҷавоб изҳор дошт, ки вақтҳои охир фишораш баланд, дил ғам медода.

– Ҳамааш мегузарад, – дар лабони Нуъмон Розиқ боз ханда омада бо табъи хуш афзуд: – Баҳор шудааст, бачаҳо, баҳор! Мегӯям, ки ба тарафҳои мо биёед. Карроматулло мошин дорад, агар не гӯяд, худам омада мебарам. Чӣ гуфтӣ, Карроматулло, ё гапи нодуруст мегӯям?

– Рост мегӯед, устод, агар хоҳанд мебарам.

– Ту дигаронро мебарӣ, беҳтараш, ки гапамро гир, сират фош мешавад. – Дар лабони устод ханда буд.

Ҳарфҳои устод ҷой доштанд, як бонуе дар нашриёти «Маориф» китобашонро ороиш медод. Ҳар боре, ки мегуфт хонаи муаллифи китоб барамаш, мебурдам. Баъд ба хонаи устод бештар мерафтагӣ шуд.

– Худатонро гуфта вай хонаи Шумо мерафт, барои худатон мебурдам, – бо ханда ҷавоб додам.

– Ту ҳам бало, Карроматулло, гуноҳатро ба гардани мани мӯйсафед мемонӣ, – ҳама баландтар хандидем.

Вақти рафтан устод Нуъмон Розиқ аз бағал чанд варақ коғаз бароварда бо-

лои мизам гузошт.

– Як хонда бин, Карокатулло, – гуфт.

– Хуб шудааст, албатта, мехонам, устод, – дастонам пеши бар аз паси миз хестам.

– Мехонам нагӯ, чоп мекунам гӯй, – хандаашон омада бо чеҳраи кушод аз дари ҳуҷра берун шуданд. Аз пасашон то беруни идора баромада «хайр, хайр» гӯён гуселашон кардам. Аз куҷо медонистам, ки он пагоҳии баҳор, ки офтоб баланд мешуд, охирин лаҳзаҳои дидор бо устоди азиз Нуъмон Розиқ будааст.

РУҲАШОН ШОД, ҶОЯШОН ҶАННАТ

Дар он рӯзи 2-юми апрели соли 1982-юм, дар аёми баҳорон, ки гиёҳҳои аз хок дамида дар авҷи нашъунамо буданд, офтоб синаи заминро гарм мекард, гунҷишкакон дар шохаҳои дарахтон суруди шодиёна мехонданд, ки баҳор омада, аз хонаи шоир Нуъмон Розиқ садои оҳу нола баланд мегашт. Мотам доштанд, мотами соҳиби хона, мотами падари фарзандон шоир Нуъмон Розиқ.

Чанд рӯз пеш Нуъмон Розиқ ба деҳаи ҳамсоя ба меҳмонӣ даъват шуда буд, ҳарчанд мазааш набуд, саломатиаш хуб не, қандаш баланд, дил гоҳе азобаш медод, вале хоҳиши меҳмонгузорро рад карда натавонист. Фикр мекард, ки аз рӯи эҳтиром ӯро ба меҳмонӣ мехонанд, тайёрӣ дидаанд, таомуле ҳаст, ки чи касе набошӣ, ба меҳмонӣ, ки даъват шавӣ, бояд биравӣ. Қавму маҳалдорӣ гуфтанӣ гапҳо ҳаст, дар деҳа калон шудааст, бо мардум зинда аст, қурбонашон мешавад. Аз роҳаш нагашт. Бардам-бардам қадам гузошта аз дарвоза баромад. Вале баъд ҳангоме, ки офтоб ба рӯи ҳавлӣ меомад, ӯро оварданд. Гуфтанд, ки мазааш нашудааст, мазааш нашудааст гуфтан ҳам гап, қандаш, фишораш баланд шуда, дар ҷояш афтода будааст. Дар меҳмонӣ хӯрокҳои тоҷикӣ гуфта, пешаш қурутоб, фатирмаска, чанголӣ овардаанд. Вай ҳам соҳиби хона наранҷад гуфта, аз хӯрокҳо ошомидааст, боз наранҷанд гуфта қаторашон ба табақҳо даст бурда даст овардааст. Натиҷааш баъд маълум. Баъди ҳамин ба гуфтае, тобаш гурехтан дигар ҳолаш беҳ нашуд. Ба замми ин таомул вайрон нашавад, наранҷанд гуфта боз ба чанд маъракаи дигар ҳам, ки хабар шуда будааст, рафтааст. Ба хонааш дӯстони шораш Басир Расою Акобир Шарифӣ, Бобо Ҳоҷӣ ба меҳмонӣ омадаанд, наранҷанд гуфта онҳоро ба деҳаи Симуганҷу дараи Ромит ба тамошо бурдааст. Баъди ин ташвишҳо ҳолаш беҳ нею бадтар шуда. Дар куҷое бо устод Муъмин Қаноат вохӯрда аз рӯи одаташ ӯро ба хонааш хондааст. Устод рамузфаҳм, мушоҳидакор, ки ҳастанд, ҳолати Нуъмон Розиқро фаҳмида, таъкид намудаанд, ки розӣ шавад, ӯро ба беморхонаи ҳукуматӣ мебурдаанд, ба духтурҳо телефон ҳам кардаанд. Вале Нуъмон Розиқ «баъд, баъд табобат мекунам», гуфтааст. Ва баъд дигар сар аз болин набардоштааст.

* * *

Мо, Зулфиябону, устод Мутэулло Наҷимддин ҳам дар рӯзи дафни устод Нуъмон Розиқ ҳозир будем. Дар ҳавлиаш ҳама нолон, ҷанозаи пурсӯзугудоз ва ин қадар серодаме, замин кафида гӯё одам баромада. Ҳама дӯстон,

шиносҳо, нону намакхӯрҳо. Боғу майдон, кӯчаҳои деҳаи Яккатол пур-пури мошину одам. Ҷанозаи ботантанаю серодамие. Ҷанозаи шоир. Дар хонаи мурдадор, дар ҷаноза нафаре диққати бештаринҳоро ҷалб намуда. Марди танумандиқавипайкаре, дар тан ҷома, дар сар тӯппӣ, миёнашро баста. Хешовандон, аҳли хонадони шоир Нуъмон Розиқ, фарзандонаш гирди ин мард бо сари хам меистоданд, ояндагон назди ҳамин мард сар хам карда таъзия баён мекарданд. Ӯ соҳиби майит, бародархонди қиёматии Нуъмон Розиқ Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи А.Рӯдакӣ устод Убайд Раҷаб. Дар даст ба об гирифтани майит ҳам ӯ ҳозир, ба қади майит ӯ либоси охират-кафан пора карда, ӯ майитро ба кафан печонда, ӯ ба гӯр-ба қабр даромада, бародари қиёматиашро ба хок монда, ӯ баъди ба хок гузоштан рӯи майитро ба қибла гардонда, ӯ гириста, гириста Нуъмон Розиқро бародари қиёматиам гуфта. Бале, Убайд Раҷабу Нуъмон Розиқ дар зиндагӣ бо ҳам меҳрубон, бо ҳам бародар буданд. Устод Убайд Раҷаб дар рӯзи дафни Нуъмон Розиқ бародарвор мегирист, бародарвор хизмат мекард. Мо ҳам дар он рӯз дуо мекардем, ки руҳи бародарамон Нуъмон Розиқ шод, ҷояш ҷаннат шавад.

Январи соли 2017

ШАБЕ ДАР КАЗДОН

Аҳли қариб ҳамаи деҳаҳои ноҳияи Айнӣ устод Қутбӣ Киромро ба рӯзи мавлудашон муборакбод мегуфтанд, ба меҳмонӣ мехонданд. Бо устод вомехурданд, маърака меоростанд. Базми суруд, мусиқӣ, шеърхонӣ. Дар ҳамаи базму маъракаҳо устод гули сари сабат. Ба хаёлам устодро мисли он рӯзҳо ба он дараҷа шоду мамнун надида будем. Шоири ҳамдиёрашонро мардум хуш пазироӣ доштанд. Баъди як-ду рӯзи дар Айнӣ буданамон ба деҳаи аз маркази ноҳия хело дур ба Каздон омадем. Каздон зодгоҳи яке аз шогирдони устод, шоири ҷавон Махсум Олимӣ, инсони ба дӯстон меҳрубон, дидадаро. Андаке пеш китоби шеърҳояшро ба нашриёт оварда буд. Дӯсташ медоштем. Махсум Олимӣ бандаро ҳам борҳо ба зодгоҳаш ба меҳмонӣ хонда буд. Вале ҳоло дар рӯзҳое ба Каздон омада будем, ки ӯ дар қайди ҳаёт набуд. Дар рӯзҳои нооромӣ, дар рӯзҳое ки баъзе ҳамзабонони мо ҳамдигарро намешинохтанд, кушта гашта буд. Ҳамдеҳагон он рӯз маъракаи ёдбуди ӯро мегузаронданд, хуб тайёрӣ дида будаанд. Дар он рӯз аҳли деҳа қариб ҳама аз ҳавлиҳо бурун омада. Ба деворҳои ҳавлиҳо аз ҷониби кӯча қолинҳо овехта. Дегҳо болои дегдонҳо. Ош мепухтанд, аз Қуръони карим оятҳо хонда ба рӯҳи марҳум мебахшиданд. Гӯристони деҳа ру ба ҳавлиҳо, дар баландӣ. Нурҳои офтоби пагоҳ болои деҳа ва рӯи гӯрҳо парешон мегашт. Ва нурҳои заросои офтоб болои гӯри Махсум Олимии шоир ҳам афтода. Манзили абадии ӯ мармарпӯш, мармари сиёҳ. Мо дӯсти ҷавонамонро ба ёд меовардем. Устод худашон «Аузу бикалимотуллоҳи томотул ва бобаракотул куллаҳо мин шарри мо халақ», гӯён ҳамин ояи ҳамеша зикр менамудаашонро хонданд, ҳамроҳашон

савоби дуоро ба рӯҳи Махсум Олимӣ бахшидем, даст ба рӯ бурдем.

Шаб меҳмони каздониҳо будем. Меҳмонхонаи калону зебо ва васее. Аҳли Каздон пазироӣ мекарданд моро. Дастҳо пеши бар дар дами дар ва беруни он истода буданд. Ҳама гӯё бо як по ба хизмат омода. Ба оташдон ҳезум мемонданд, шохаҳои арча, чӯби заранг алов гирифта месӯхтанд, бӯи хуши ҳезуми кӯҳӣ ба машом меомад, дар берун барф меборид. Хона гарм, сӯҳбати аҳли давра гарм. Таом меоварданд. Қурутоб, чанголӣ, фатирмаска, кабоб. Ва қадаҳҳо гоҳе пурмай мешуданд. Устод Қутбӣ Киром аз меҳмоннавозии каздониҳо хело шод гашта буданд. Сарашон гӯё ба осмон расида. Аҳли деҳа ҳама адабиётдӯст, ба мисле ҳама шоир. Шеър мехонданд, шеър мегуфтанд. Ҳарфу суханашон бо шеър. Устодро хуш омада шеъргӯиҳо, хуш омада мусоҳибон. Ва сархуш гашта буданд.

– Биллоҳ шумо каздониҳо моро шод кардед. Як чи гӯям, ки шумоҳо ворисони ҳақиқии одамушуарро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳастед. Шояд устод Рӯдакӣ аз ҳамин деҳаи шумо, аз Каздон ҳастанд, – устод қадаҳ бардоштанд: – Барои устод Рӯдакӣ, барои каздониҳо, – ва дар хотирамон монда, ки дар ҳолати хушнудии беинтиҳо: – медонед чӣ, бачаҳо? – ба ҷамъи аҳли меҳмонхона муроҷиат карданд. – Ман як чи мегӯям.

– Гап занед, мулло Қутбӣ, шумо ҳарчӣ ки гӯед, мо гӯш мекунем, шумо ҳоло ҳоким, шумо сарвари мо, мураматон шумо соҳибҷашн, – шоир Субҳон Тӯйғун аз ҷой бархостанд.

– Ман як чи мегӯям, – боз ба сухан омаданд устод ва афзуданд: – Муҷассамаи устод Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз Панҷакент ба Каздон мебиёрем. Ана ҳамин хел мекунем, – биллоҳ ҳамин каздониҳо ворисони аслии Рӯдакианд. Инсонҳои баланданд, – гуфтанд ва бо хоҳиши устод Қутбӣ Киром қадаҳ бардоштанд ва қадаҳ ҷанг андохтанд.

Дар бозгашт аз ноҳияи Айнӣ роҳамон боз ба Панҷакент ва баъд ба Самарқанд ва аз он ҷо бо қатора ба Душанбе буд. Дар Панҷакент шаб дар манзили ҳамкорамон Фарҳод хуфтем. Ва ҳанӯз устод зери таъсири меҳмоннавозиҳои каздониҳо буданд. «Биллоҳ, ки каздониҳо ворисони Рӯдакианд», мегуфтанд. Ҳанӯз устод дар ҳамон ақида, ки муҷассамаи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба Каздон бурда шавад. Ва хотирашон дар манзили Фарҳод бештар шод гашта. Шаб мегузашт. Базм, хурсандӣ давом меёфт. Риштаи сухан дар ихтиёри соҳибҷашн устод Қутбӣ Киром, Лоиқу Убайд Раҷаб ва Гулназар. Бо хоҳиши онҳо ҳофизони панҷакентӣ Афзалшоҳ, Олимҷон, Абубакр суруд мехонданд. Сурудҳо аз «Шашмақом», аз ашъори бузургони адабиётамон, гоҳ-гоҳе айни сурудхонӣ ё баъди анҷоми суруд нидои устод Қутбӣ Киром баланд мегашт. «Қурбон! баҳ, баҳ, аҳсант!». Аз асари оҳангҳои шево, рӯҳафзо ҳама ба ваҷд омада, маст ва сархуш гашта. Ва ба-дин минвол шаб саҳар мешуд. Осмони софу беғубори нилии Кулолӣ камситора гашта. Вале чароғи кулбаи Фарҳод фурӯзон. Садои танбуру рубоб, доира ва овози хуши ҳофизон баланд.

– Устод, устоди азиз, Қутбӣ Киром, – касе аз панҷакентиҳо қадаҳи пурмай дар даст баланд шуд, – иҷозат мешавад аз шумо як чӣ пурсам?

– Марҳамат, пурсед, ман қурбонатон.

– Ҳофизони Панҷакент ба шумо писанд шуданд? – суол кард аз устод ӯ.

– Ҷои гап нест, қурбонашон мешавем, хизмат карданд, зинда бошанд.

– Ҳазрати Рӯдакӣ ҳам ҳофиз буданд, менавохтанд...

Устод аз мақсади бародари панҷакентии мо огоҳ гаштанд.

– Мегӯед, ки шумоҳо ворисони Рӯдакӣ ҳастед?

– Қурбонатон шавам.

– Мегӯед, ки муҷассамаи устод Рӯдакиро ба Каздон набарем? – Бо шавқ ҳарф мегуфтанд устод Қутбӣ Киром.

– Илтиҷо дорем.

– Ҳамин тавр мешавад, ба хотири Афзалшоҳ, ба хотири Олимҷон, ба хотири Абубакр. Зинда бошанд, базми мо гарм шуд. Роҳат кардем, хуш гаштем.

– Қадаҳ мебардорем?

– Мебардорем.

– Муҷассамаи устод ба Каздон бурда намешавад?

– Бале.

– Мо ворисони устод Рӯдакӣ? – Афзалшоҳ, Олимҷон, Абубакр рӯ ба устод меистоданд.

– Ҷои гап, ҷои шубҳа нест.

– Ба ин муносибат қадаҳ мебардорем.

– Мебардорем.

Садои ба ҳам бархӯрдани қадаҳҳо баланд гашт. Дар миёни аҳли маъракa устод Қутбӣ Киром бештар аз ҳама шод буданд.

Он лаҳзаҳо лаҳзаҳои хушнудии устод Қутбӣ Киром ва шодмониашон буд. Бо овози баланд такроран мегуфтанд:

– Панҷакентиҳо ворисони устод Абуабдуллоҳи Рӯдакианд, муҷассамаи устод Рӯдакӣ ба Каздон бурда намешавад, Рӯдакӣ аз Панҷакент, Рӯдакӣ азони худи панҷакентиҳо...

* * *

Он рӯз, панҷшанбеи 26-уми октябри соли 1996 дар толори опера ва балети ба номи С.Айнӣ тобути устоди азизи мо Қутбӣ Киром гузошта шуда буд. Мухлисон, наздикон, хешовандон бо шоир, инсони тавоно, соҳибирода шахсияти бузург видоъ мегуфтанд. Ва мо ҳамкоронашон – аҳли нашриёти «Адиб» ҳам бо ҳозирон ҳамроҳ будем. Дилҳо ба ёдашон гум мезад, дидаҳо пуроб. Ва дар аснои митинги серодам сухан ба банда омад. Аз ғаму аз алам намедонистам дар ҳаққи дӯсти азизу меҳрубонамон чӣ ҳарфе ба забон орам. Маълумамон, ки аз устод, аз дӯсти азизамон мондаем. Ҷояшон минбаъда дар нашриёт холӣ. Ва бо лаҳни ширин «Мулло Кароматуллоҳ», гуфтанҳояшонро дигар намешунидем. Ҳамаи ҳамсӯҳбатию ҳамнишиниҳо бо Қутбӣ Киром дар ин дунёи равшан як давре, як хобу хаёле буда. Ва он рӯз офтоб, ки Қутбӣ Киром умре мафтуни нурҳои заросои он буданд ва васфаш шеърҳо гуфта, боз рух намудаю устодро ба ҷон наёфта. Чашмонашон баста, қалби пуршарушӯр ва пурорзую умедашон аз тапидан монда, дили шоир сукунат ихтиёр намуда. Он рӯз дар лаҳзаҳои видоъ сари тобути устод Қутбӣ Киром бо ҳамин мазмун суханҳо гуфта будам. Сухан мегуфтаму аз алам дил дар сина месӯхт, ашк гулӯгир, мегиристам. Медидам, ки дидагони ҳама ашкбор. Бале, ҳамин тавр рӯзи бароямон пураламу пурандӯҳ буд он рӯз. Он рӯз рӯзи видоъ бо устод

Қутбӣ Киром буд.

Дӯсти азизамон Қутбӣ Киромро ба хок супурдем. Ва баъд бо Аълохон Афсаҳзод ва ҳамроҳонашон рӯ ба роҳ овардем. Дар Панҷакент дар хонаи қиблагоҳашон чашм ба роҳашон буданд, мавлуди 60-солагиашонро мегузаронданд.

Ағбаи Анзобро боло мешудем. Барф борида домони ағба сафедӣ ёфта. Қуллаҳои кӯҳ барфпӯш. Аз нурҳои офтоб болои барф заросо, тиллоӣ. Манзараи дилангез, дилҷӯ, зебое. Хуш тамошое. Ва устод Қутбӣ Киром ҳам, албатта, борҳо аз ин роҳ гузашта, ҳамин гуна манзараҳоро дида, тамошо карда, мафтун шуда ва ба илҳом омадаю шеър гуфта. Аммо минбаъда бо ин роҳ ҳаргиз дигар гузар намекарданд. Ҳамаи роҳҳо, роҳи ағбаи Анзоб, ҳам ки аз айёми тифлӣ то дами охир бо он дар равуо буданд, чун роҳи умр барояшон тай шуда, устод бо ин роҳ, қад-қади Зарафшон дигар ба Урметан намеомаданд. Устод дар Душанбе, дар баландии Лучоб манзил ёфта, манзили абадӣ. Ва мо баъди ба хок супурдани устод бо дили пурандӯҳ, бо ёди эшон аз роҳҳои барои он кас ошно мегузаштем, қад-қади Зарафшон аз канори Урметан ҳам гузаштем. Ин деҳаи дар умрам надидаро бо шарофати устоди азиз Қутбӣ Киром дида будам. Вақте шаб шуда, торикӣ фаромада буд, ба Панҷакент расидем. Шаб дар ҳавлии устод Аълохон Афсаҳзод ҳама ҷамъ омада будем. Аҳли хонадон, қиблагоҳи бузургворашон ҳама дар ташвиш, дар таҳлука, аз паи пазироии меҳмонон. Ба шарафи мавлуди 60-солагии фарзанди баруманд қиблагоҳи Аълохон тӯй ва дастурхони тӯёна ороста буданд. Падар ва аҳли хонадон ҳама шоду мамнун, дар кулбаи эшон садои ханда, айёми хушию хурсандӣ. Хушнудие доштанд. Чароғи аҳли хонадон то ба рӯз фурӯзон, дар кулбаашон садои ханда, нидои хушӣ. Вале ҳамаи он рӯзгорони хушу гувороро ҳам барои аҳли хонадони бародари мо Афсаҳзод як давре, як нафасе ва як замоне буда, ҳама гузаро буда. Имрӯз на қиблагоҳи Аълохон дар қайди ҳаётанду на худи Аълохон ва на бародарашон Ансор. Имрӯз аз онҳо ва аз устоди азизи мо Шоири халқии Тоҷикистон Қутбӣ Киром ёд монда, ба хотир ва боз ба ёд меоваремашон. Ҳамин тавр буда дунё, дунё дунёи ёдҳо...

ҲАҚИҚАТИ ЗИНДАГӢ

Дар толори хурди ИН Тоҷикистон рӯнамои китоби шеърҳои Махсум Олимӣ мегузашт, китобаш ба номи «Парвози нотамом». Хешовандон, мухлисон ва ҳамдиёрони шоир ҷамъ омада буданд. Толор серодам, ҷой намерасид. Махсум Олимӣ дар ҷавонӣ, дар солҳои низоъҳои байниҳамдигарии тоҷикон кушта шуда буд. Шоири шаҳид. Дӯстон, наздикон ёд меоварданд ӯро, шеърҳояшро мехонданд. Марди ба назар андак солдидае, ки торҳои мӯйсараш ягон-ягон сафедӣ ёфта буданд, сухан гуфт. Ӯ ҳам аз деҳаи Махсум Олимӣ, аз Каздон будааст. Сухангӯиҳояш бо мағзу маънӣ, мақбули ҳозирин. Ӯ баъди анҷоми ҷамъомад наздам омад. Худро шиносонд. «Мухтор Боқизода», гуфт ному фомилашро, рӯзноманигор, аҳли қалам, тахаллуси эҷодиаш Соҳибихтиёр. Китоберо ба дастам дод, «Гулоби сиришк», муқоваш чунон ранге гирифта, ки ба назар бисёр зебо метофт. Китоби худаш будааст,

гуфт, ки бихонам, фикрамро гӯям ва агар лозим донам, сарсухан нависам.

– Ба китобе, ки чоп шудааст, сарсухан нависам? – Дар ҳайрат афтодам.

– Чопашро нигоҳ медорам, устод, – гуфт ӯ.

Китобро хондам. Пораҳои алоҳида-алоҳидаи наср. Ҳикояҳо не, қиссаҳо номида онҳоро муаллиф. Чи ному унвоне набошадашон хонданианд, ҷозиб, хонандаро мегиранд. Китоб бо «Девона» ном қиссае оғоз меёбад, ҳаҷман ҳафт варақи пуштурӯ аст. Девона дар тасвири муаллиф мисли ҳамон девонаҳое, ки мебинемашон, дучор меоем. Ҳаракату амалҳояш табии, мисли девонаҳо. Забони асар равон, ширадор, гӯё нависанда тарона мегӯяд, тарона менависад. Ва дар навишти қиссаҳои минбаъда чунин сабку услуб нигоҳ дошта нашудааст. Мавзӯи қиссаҳои «Шумқадам», «Носипос», «Доғ» низ ба қиссаи «Девона» монанд аст. Аз ишқу хиёнати зан ба мард ҳикоят мешавад. Қаҳрамони қиссаи «Девона» Ҳамид ном донишҷӯ аст, дар шаҳр мезиҳад. Чанд моҳе паи ҳам ба деҳа рафта наметавонад. Ниҳоят пас аз супурдани имтиҳонҳояш имкон меёбад, рӯ ба деҳааш орад. Он ҷо завҷааш, ки беш дӯсташ медорад, бо ошиқӣ ҳамхона шудаанд. Вале чун шабона аз дари хонааш медарояд, завҷаашро дар як бистар бо марде, аниқтараш бо як шинос, рафиқаш мебинад. Бо кӯмаки падар тӯй карда ҳардуро ҳамхона мекунад. Дар қиссаи «Шумқадам» ва «Носипос» низ хиёнати зан ба мард қаламдод шудааст. Мавзӯи қиссаи «Доғ» ҳам ба қиссаи зикршуда монанд аст. Аммо ин ҷо оқибати амали нопок ба фоҷиа меанҷомад. Мард хиёнати модари фарзандашро намебахшад. Баҳри ӯ ва ҳамхобааш, ки вайро ба хона овардааст, дар косаи об заҳр меандозад. Аммо заҳрро тифли бегуноҳи худи ӯ меошомад. Наҳсиятӣ, ҷазои нопокӣ ба сари косаи шири онҳо омада.

Қиссаҳои аввала тарзе анҷом гирифта, ки шояд ба хислату характери мардҳо дар мавриди хиёнати зан дуруст намеоянд, шояд аз камтаҷрибагии нависанда ҳамин тавр шудааст. Қиссаҳои дигари ӯ дар мавриди хиёнати зан ба мард дигар гуна анҷом гирифтаанд. Қиссаи «Марги Мирзосайид» ба ин гувоҳ мебошад, Мирзосайиди паҳлавон шунида, ки дӯст, рафиқи наздикаш Шаҳбоз ба зани ӯ назари бечо доштааст, ӯро бӯсида будааст. Аз худ бехабар мегардад. Аз рӯи нангу номус дар масъалаи зан ба сари ин мардҳои куҳистонӣ чи балоҳое, ки меояд. Мирзосайид кушта, фарҷоми Шаҳбоз ҳам марг мешавад. Маълум, ки доираи фаҳмиши адиб аз як навишта то навиштаи дигараш сайқал меёбад. Ҳақиқати зиндагӣ минбаъда дар навиштаҳояш тасвир меёбанд. Ва аз ҳамин ҷиҳат дар роҳи эҷод ба ӯ тавфиқ мехоҳам, роҳи пешанамудааш роҳи заҳмат аст, бояд дар ин роҳ қадамҳои устувор ба пеш гузорад.

НОМАҲО, НАВИШТАҲОЯШ МОНДА

Аввалҳои тобистони соли 1969 буд, яъне беш аз 25 сол пеш аз ин. Муҳаррири ҳамонвақтаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон») Абдулло Зокиров маро ба наздаш хонда буд. Аз деҳа(он вақт муаллим будам) ба шаҳр омадам. Дар ҳуҷраи муҳаррир бо ҳам менишастем. Ӯ бо телефон ҳарф мезад. Назарам ба китобҳои ҷевон, ба сақфу фарши

ҳуҷраи тозаю озода.

Муҳаррир бо касе дар гуфтугӯ буд. Ӯ баҳри чӣ маро ҷеғ зада? Ба дараҷае аз мақсадаш огоҳ будам: ба рӯзнома ба кор хонданиам будаанд.

Дари ҳуҷра кушода гашту Баҳром Фирӯз ба назди муҳаррир даромад. Вазифаи мудири шӯъбаи пропаганда ва агитатсияи рӯзномаро адо менамуд ӯ. Як-ду ҳикояам аз ҳамин шӯъба дар рӯзнома нашр шуда буд.

– Салом, Кароматулло, – гуфт Баҳром бо ҳамон овози боқуввату бардамона, ки хосси ӯ буд.

– Салом.

Даст дода бо ҳам вохӯрдем. Дар ин мобайн Абдулло Зокиров гӯшаки телефонро ба ҷояш монда, аз ӯ пурсид:

– Мулло Баҳром, Кароматуллоро ба кор гирем, мегӯем. Шумо чӣ маслиҳат медиҳед? Саҳв намекунем?

– Нағз мешавад, дар шӯъбаи мо ҷой ҳаст.

– Якбора ба шӯъбаи шумо?

– Ҳа, боз ба кадом шӯъба одам меҷӯем? Аз шумо хоҳиш мекунам, рафиқ Зокиров, Кароматуллоро ба шӯъбаи мо гузаронед, корамон бисёр аст, медонед.

– Хайр ин қадар бовар дошта бошед ба ин кас, ман розӣ. – Муҳаррир аз афташ ягон фикри дигар дошт, ки ноилоҷ монд, аз ноилоҷӣ ба талаби Баҳром сар фаровард. Хурсанд гаштам. Дар дил ба Баҳром ташаккур мехондам. Худам ҳам орзуи дар шӯъбаи адабиёт кор кардан доштам.

Дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон», дар шӯъбаи пропаганда ва агитатсия, ба кор шурӯъ намудам.

Баҳром ва чанд нафар ходимони рӯзнома дар як ҳуҷраи калону васеъ ҳамроҳ менишастем. Рӯзҳои хуш ва ширини зиндигиам буданд он рӯзҳо. Рӯзнома ба назарам даргоҳи муқаддас менамуд. Он ҷо заҳмат мекашидам. Ҳар рӯз хело бармаҳал ба идора меомадам, аз роҳи дур, аз деҳа меомадам, пеш аз ҳамкорон, пеш аз онҳое, ки дар шаҳр мезистанд, дар наздикиҳои идора иқомат доштанд.

Бо Баҳром кор мекардам. Вале ҳамон рӯзҳои аввали корманди рӯзнома шуданам воқеае рух дод, ки Баҳромро дар назди муҳаррири серталабу сахтгирамон Абдулло Зокиров забонкӯтоҳ кардам. Ба шумораи якшанбегии рӯзнома бо Баҳром навбатдор будам. Ӯ ба ҷои муҳаррир рӯзномаи онрӯзаро мехонду ман ёрдамчиаш.

Офтоб ғуруб намуд, дар осмони Душанбе ситораҳо падид омаданд. Ҳанӯз кор беш. Саҳифахонӣ анҷом намеёфт. Кадом як мақолаи нав аз Кумитаи Марказии комсомол омадаро аз забони русӣ ба тоҷикӣ мегардонданд. Маълум, ки саҳифахонӣ хело давом меёфт. Ҳушу хаёлам ба деҳа, ба хона. Дер шуда буд. Автобус дигар ба деҳа намерафт. Мошинҳои роҳ ҳам кам монда буданд, ноумед гашта будам. Нигоҳам аз тиреза ба берун. Ториктар мешуд. Чӣ бояд кард? Кай саҳифахонӣ анҷом мегирад! Тарҷумаи мақола тӯл мекашад. Парешонию беқарориамонро ҳама ҳис менамуданд.

– Кароматулло шумо равед. Хонаатон дур. Ман худам мехонам, – таъкид намуд Баҳром.

Хоҳиши Баҳромро рад намудам. Ҳамроҳаш саҳифа хондам, вале хаёлам

осуда набуд. Бо хаёли парешон ба ҳамон шумораи рӯзнома имзо мондам. Яъне иҷоза ба чоп додам. Мошинҳо ба кор даромаданд, шумораҳои рӯзнома яке паси дигар аз зери онҳо мебаромаданд. Рӯзнома чоп мешуд, вале аз куҷо медонистам, ки бо саҳву хатоҳо онро ба чоп имзо мондаам, аз хатоям бехабар будам.

Рӯзи душанбе дар идораи рӯзнома шӯру қиёме ба амал омад. Аз Кумитаи Марказии комсомоли ҷумҳурӣ паси ҳам сим зада мегуфтанд, ки чаро дар сарлавҳа аз калимаи съезд ними як ҳарф шикаста, чанд сатри дигари миёни матн пешу қафо ва боз кадом як нуқтаю вергул ба ҷояш наомада... Хуллас, шумораи пурсаҳву хато, ҷавоб гуфтан лозим.

Муҳаррирро мепурсиданд. Ӯ омад. Маҷлиси ғайринавбатӣ ва ғайричашмдошт даъват шуд. Бо айби ман, корманди нави рӯзнома, нооромӣ ба амал омад. Дар кумитаи марказии комсомол аз муҳаррир баёнот хоста будаанд. Гӯё саҳви рӯйдода саҳл набуда, саҳви сиёсӣ, аз ғараз ва боз аз ким-чи гуна афкорҳо ба амал омада.

Мани гунаҳгор бо сари хам менишастам. Пас аз чанд лаҳза маҷлис. Чӣ ҷавоб бигӯям? Ба рӯи аҳли рӯзнома, ки ба ҳуҷраи муҳаррир ғун меоянд, чӣ гуна менигарам? Ҳанӯз маро бо онҳо нашиносондаанд. Аз афташ маълуми ҳамагон менамояндам, ки корманди нави рӯзнома ҳастам, бо айби ман хато гузашта, барои ин муҳокимаам мекунанд. Баҳром ҳам аз туфайли ман гапшунав.

Баҳром наздам омад. Болои сарам меистод ӯ.

– Бо вуҷуди ҳамин қадар ҷон коҳонданамон хато шудааст-а?

– Ҳа, бо айби ман.

– Ин тавр нагӯед, хафа нашавед, минбаъд ҳушёр мешавем, баъд одат кардан лозим, аз ҳар кадом корманди рӯзнома хато мегузарад, аз муҳаррир ҳам, – гуфт Баҳром ва чеҳраи зебояш аз табассум пурнуртар гашт.

Маҷлис сар шуд.

– Дидед, Баҳром!? Гуфта будам, ки Карорматулло ҳоло камтаҷриба, мо дигар фикр доштем. Вале шумо ба миён даромадед, ба шӯъбаи худатон гирифтед, кафил шудед. Ана акнун ҳамаамон ҷавоб мегӯем, ҷазо мегирем, – муҳаррир бо димоғи сӯхта ба сари Баҳром ғурбат намуд.

– Карорматулло гуноҳ надоранд, – гуфт бо қатъият Баҳром. – Ман гунаҳгорам, айби ман!

– Ба Кумитаи Марказии комсомол ҳамин тавр ҷавоб гӯем? – муҳаррир оташин гашта буд.

– Ин саҳифаро Карорматулло нахондаанд. Худам гуфта будам, ки нахонанд. Айби ман.

– Кӣ хонд?

– Худам хондам, хато гузаштааст, – гуноҳи азими маро Баҳром ба гардан гирифт.

Азбаски Баҳром миёни ҳамкорон, назди муҳаррир обрӯи баланд дошт, аҳли маҷлис ҳама сокит монданд. Муҳаррир ҳам ҳарфе нагуфт, танҳо як нигоҳе ҷониби Баҳром афканд.

Ҳама аз ҳуҷраи муҳаррир мебаромаданд. Ман низ дар ҳолате ки аз рафтори олиҳимматонаи Баҳром дар ҳайрат монда, чӣ гуфтанамро намедонистам,

аз паҳлуи ӯ бархостам.

– Шинед, – шунидам овози муҳаррирро. Баҳромро ҳам нигоҳ дошт ӯ. Сукуте ба амал омад. Аз афташ аз як муҳокима халос шуда, ба муҳокимаи дигар дучор гашта будам. Чӣ мегуфта бошад муҳаррир?

– Мулло Баҳром, медонам, айби Карокатулло аст, ба ман гуфтанд. Шумо боз ин касро дастгирӣ намудед. Минбаъд ҳушёр шаванд, хуб кор кунанд, ба қадри некӣ расанд. Ман, Баҳром, ба шумо қоил, аз шумо омӯхтан лозим, – Абдулло Зокиров ба Баҳром таҳният хонд. Хурсанд буд ва ба ман нигарист: – Ба шумо ҷавоб, аз пайи кор шавед. Ба ҷои шумо Баҳром ҷазо мегиранд, – гуфт бо ханда муҳаррир.

Баъди ин воқеа назди Баҳром худро қарздор ҳис менамудам. Саъй менамудам, ки хабару мақолаҳои мухбирон, очерку лавҳа ва ҳикояҳои ба шӯъба омадаро бесаҳву хато ба чоп ҳозир орам, худам нависам, Баҳромро шод гардонам.

То он рӯзҳо бо Баҳром хуб шинос набудам, асарҳояшро хонда будам, гоҳе вомехӯрдам бо ӯ. Сӯҳбат мекардем. Аммо дар давоми ҳамкорӣ чӣ гуна шахсияти неку хайрхоҳ будани вай маълумам мегашт.

Ӯ ба ҷои худашро сафед кардан, ки одати гӯё модарзодии аксари мардумон аст, гуноҳи маро ба дӯш гирифт. Баъд дар давоми солҳои зиёди дар рӯзномаҳо заҳмат бурданҳо, бо ҳамқаламон ҳамнишинӣ намуданҳо кам одамонеро дучор омадам, ки дар мавридҳои зарурию душвор дӯстону наздиконашонро одилона дастгирӣ намуда бошанд. Баръакс, дӯстонеро медидам, ки гуноҳи нокардаро ба дӯши якдигар мемонданд, худро сафед ва дар чашми калоншавандаҳо ширин мекарданд.

Баъди чанд муддати ҳамкориамон Баҳром Фирӯзро ба идораи маҷаллаи «Садои Шарқ» ба кор даъват намуданд. Бо тавсияи ӯ вазифааш дар рӯзнома ба ӯҳдаи ман гузошта шуд. Хело солҳо баъди Баҳром дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» мудири шӯъбаи пропаганда ва агитатсия будам.

Бо Баҳром боз дар нашриёти «Маориф» ҳамкор шудам. Аз рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» («Ҷумҳурият»), ки вазифаи мудири шӯъбаи адабиёт ва санъатро ба ҷо меовардам, ба ин ҷо маро ба вазифаи мудири шӯъбаи адабиёти бачаҳо ва наврасон даъват карда буданд. Баҳром яке аз муҳаррирони шӯъба. Дар нашриёт, дар ҷои кори нав, ӯ бароям шахси наздик, шинос, гардиши айём, тасодуф. Баъди 15 сол мо боз бо Баҳром ҳамкор. Хурсанд набудам, ки аз рӯзнома ба нашриёт ба кор омадам. Боре ғарқи хаёл дар долони нашриёт қадам мемондам. Баҳром аз пешорӯ меомад.

– Аҳволҳо чӣ тавр, Карокатулло? – гап андохт ӯ.

Ба Баҳром дари дил кушодам. Гуфтам, ки аз он ки ба нашриёт ба кор омадам, пушаймонам. «Рӯзнома нағз», – ҳасрат намудам. Баҳром хандид.

– Одат мекунед, – гуфт ӯ ва бо ханда афзуд. – Шахсан маро акнун ба вазифаи сармуҳарририи рӯзнома ҳам гӯянд, намеравам. Андаке кор кунед, баъд мефаҳмед.

Ин суханони Баҳром аз ёдам намераванд. Гӯё дирӯз ӯ ба ман таъкид карда буд. Рост гуфта будааст, Баҳром.

Баъди таъсиси нашриёти «Адиб» мо боз бо ҳам кор кардем. Баҳром мудири шӯъбаи адабиёти муосир ва банда директори нашриёт.

Ҳаёт дар Душанбе, дар ҷумҳурӣ ноором гашта буд. Низои байниҳамдигарии Тоҷикистон. Кушторҳо сар заданд. Баҳром мехост аз ин ҷанҷолҳо дуртар бошад. Чи хеле мегӯянд, мехост на бинаду на сӯзад. Дилаш аз ҳамаи ин низоъҳои бемаънӣ озурда гашта.

Ба рухсатӣ ва баъд ба рухсатии бемузд баромад. Минбаъд рӯзҳояш дар шаҳри Хуҷанд, пеши азизону наздикон мегузашт, он ҷо зиндагӣ ихтиёр намуд.

Гоҳе ба Душанбе меомад, ба нашриёт медаромад. Аксаран дасти холӣ ҳам меомад. Ӯ занбури асалпарвар буд. Ҳунаре дошт. Аз асал май мегирифт, майи болаззату боқудрат. Боре ба хабаргириамон омада, пас аз хеле ҳолу аҳвол пурсиданҳо шишае аз майи асалӣ болои миз монд. Сайидалӣ Мъмур, Қутбӣ Киром, Ҳайрат, Раҷаб Мардон, Ҳоҷӣ ва дигару дигаронро суроғ намуд. Ҳама ҷамъ омаданд. Гӯё дар он лаҳзаҳо Баҳром моҳ буду мо, ситорагон, дар атрофаш. Аз Хуҷанд, аз кору бори эҷодии адибони хуҷандӣ нақлҳо менамуд, ҳоли моро мепурсид.

– Биёед як лаҳза ҳамин дунёи пурғавғоро аз хотир барорем, – гуфт.

Бо хоҳишаш шишаро кушодем ва газакҳои овардаашро ҳам пешамон овард. Сӯҳбатамон гарму нарм, ширину асалин мегашт.

Бори охир ба Душанбе омаданаш ҳам Баҳром ба нашриёт омада буд. Дар ҳуҷраи ман бо ҳам хеле нишастем. Сӯҳбат доштем бо Баҳром. Сӯҳбати ширину гуворо, сӯҳбати вопасину охирин бо Баҳром.

Ӯ дар Хуҷанд буд. Аз мо дур, лекин диламон пур, ки имрӯз-пагоҳ ӯ боз ба Душанбе бармегардад, ҳамроҳамон мешавад, бо ҳам кор мекунем. Вале ҳайҳот, умедамон хато будааст. Аҷал аз пайи гусастани риштаи умри Баҳром Фирӯз афтодаю мо бехабар. Аҷал ва ё чи тавре гӯянд, фалаки каҷрафторро чи парвое.

Ҳамон рӯзи душанбеи 26-уми сентябри соли 1994 бармаҳал ба идора омада будам. Дари ҳуҷраамро кушода, пеши тиреза истодам. Рӯ ба кӯча, рӯ ба шоху навдаҳои дарахтон, рӯ ба офтоб. Рангҳои сурхчатобгаштаи офтоб болои баргҳои заъфаронии дарахтон медавиданд. Манзараи тирамоҳ. Баргҳо, нурҳои офтоб ранги дигар ёфта. Қутбӣ Киром, ҳамкорам Фарҳод Каримов вориди ҳуҷраам шуданд. Аз рӯзҳои истироҳат, ки шанбею якшанбе дам гирифта будем, аз рӯйдодҳои хушу нохуш, аз шунидаҳоямон ба ҳам нақл менамудем. Ҳамин хел рӯзҳо омада буданд, ки хабарҳои нохуш беш мешунидем, ошӯфта мегаштем. Сайидалӣ дарро кушод. Танҳо набуд, шоир Нарзулло Тиллозода ҳамроҳаш.

– Хабар доред? – бо андӯҳ сухан оғоз намуд Сайидалӣ. – Баҳром Фирӯз аз олам гузаштааст.

– Баҳром Фирӯз фавтидааст?! – аз шунидани ин хабар ҳамаамон гӯё карахт шуда будем. Ёрои лабкушоиамон намонда. Чӣ хабаре буд, ки он пагоҳ шунидем? Занги телефон садо дод. Гӯшакро бардоштам. Аз Иттифоқи нависандагон Абдураҳмон Абдуманнонов маро мепурсид:

– Баҳром гузаштааст, – бо ҳасрат тасдиқ намуд хабари марги ӯро ва фармуд, ки барои рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» мақолае нависам. Охир Баҳром ҳамкорамон буд.

Розӣ шудам ва гӯшаки телефонро гузоштам.

Баҳром Фирӯз дар бораи қиссаю ҳикояҳоям мақолаҳо навишта буд, ҷонибдориам мекард, шахсе, ки борҳо дар зиндагӣ дастгирам гашта. Акнун рӯзе омада, ки ман аз маргаш нависам? Наход қарзамро дар рӯзҳои мотами вай ба ҷо меорам? Ба хотир меовардам Баҳромро. Акнун аз ӯ бароям ёд монда, суратҳои бо ҳам гирифта, номаҳо, навиштаҳояш монда...

ЯК ҲИКОЯ

Чанд рӯз буд. Баҳром дастнависеро дар хона мехонд. Муҳлати ба чопхона супурданаш гузашта. Муҳаррирони техникӣ норизоӣ доштанд. Гапу ҳарф то ба самъи директори нашриёт мӯҳтарам Собир Хоҷаев расид. Он кас маро наздашон хонданд. Супориш шуд, ки дастнавис дераш баъди зуҳр ба чопхона фиристода шавад.

Ба хонаи Баҳром сим задам. Ӯро пайдо намудам. Гуфт, ки ҳамин лаҳза ба роҳ мебарояд. Вале рӯзи кӯтоҳи тирамоҳ бегоҳ мешуду аз Баҳром дараке набуд. Ба хонааш боз сим задам. Ким-кайҳо баромада будааст, пиёда не, савори мошинаш.

Чӣ гап шуда бошад? Дар ташвиш афтода будам.

Баҳром, вақте ки ҳама аз кор мебаромаданд, ба нашриёт омад. Чеҳрааш пуртабассум.

– Карорматулло, ба деҳаи шумо рафта будам, аз Теппаи Самарқанд омадам. Бовар намекунед?

* * *

Аз рӯи нақли Баҳром воқеа ин тавр рух дода будааст.

Сари роҳ ба бозори Шоҳмансур даромаданӣ буд Баҳром. Мошинашро назди дарвоза монд. Аз растаи нонфурӯшон гузашт. Мева гирифтанӣ буд. Ноку биҳӣ ва ангур харид. Халтаи пури меваҳо дар даст аз бозор баромад. Назди мошинаш омад. Пирамарде пеши он меистод. Як писараку духтаре ҳамроҳаш. Зане ҳам бо вай истода. Харидаҳои зиёде доштанд. Аз афташ интизори мошин буданд.

Баҳром дари мошинашро кушод. Нигоҳаш бо нигоҳи пирамарди нуронӣ дармонд.

– Салом, – гуфт Баҳром.

– Салом, писар. Чӣ хел шумо? – Чеҳраи Баҳром ба ӯ шинос намуд, ки бо вай ҳамгап шуд. Ба Баҳроми нависанда ин хел ҳолатҳо рӯй дода. Қариб сари ҳар қадам дар роҳҳо, гулгаштҳо ва ҷойҳои серодам мардум вайро мешиносанд, салом медиҳанд. Мухлисон, одамоне, ки ӯро дидаанд ва ё дар бораш шунидаанд...

– Куҷо меравед? – пурсид Баҳром.

– Мо, писар, ҷониби километри нӯҳум. Шумо-ку ба ҳамон тарафҳо равона нестед?

– Кошки ҳамин тавр кунед, Худоё барака ёбед. Занак, – пирамард халтаҳои калон-калони наздаш гузоштаро бардошта ба ҳамсараш муроҷиат намуд: – Чӣ истодӣ? Магар нафаҳмидӣ? Додарам, – Баҳромро боз додар гуфт ӯ, – ҷеғ доранд. «Ба мошинам савор шавед,» мегӯянд. Ҷунб, зуд бош, Худо барака

ёбанд, – пирамард Баҳромро дуои нек карда, бору бунашро ба мошин ҷой кунонд. Ҳама ба мошин савор шуданд. – Обо, писаре, ба ҳафт пуштатон раҳмате, барака ёбед. – Пирамард ба мошин нишаста худ ба худ ҳарф мегуфт: – Хело интизор шудем, мошин нест, автобус намегардад. Хайрият шуд. Писар, пурсидан айб нест, шумо дар Полиграфкомбинат кор мекунед? – Барои он ки мусоҳибаш сухани ӯро шунавад, болои сари Баҳром хам шуд.

– Не, амак, ман дар нашриёт кор мекунам.

– Шумо нависандаед? – ғайричашмдошт суол дод пирамард ба Баҳром ва давом намуд: – Исми шарифатон чӣ? Чеҳраатон шинос. Агар саҳв накунам, шуморо дар ким-куҷо дидаам.

– Дар телевизор, – духтараки пирамард, ки дар паҳлуи модараш ҷафс шуда нишаста буд, пичиррос зад.

– Ҳа, дар телевизор дида будем. Шумо ҳам китоб менависед? – гӯё даҳони пирамард гарм шуда буд.

– Ҳа, амак.

Пирамард лаҳзае хомӯш монд, ба фикр афтод.

– Шумо Баҳром Фирӯз ном надоред? – ногоҳ номи Баҳромро ба забон овард ӯ.

Баҳром ба ақиб, ба рӯи мусоҳибаш, назар андохт. Пирамарди нуроние, дар сараш тӯпии чортаркаи фарғонадӯхт, риши сафедаш батартиб ва бо тариқи зебо қайчӣ зада, чашмонаш медурахшиданд.

– Шумо китоб мехонед? – нависандаро пирамард гӯё ба ҳайрат оварда буд.

– Ҳа, Баҳромҷон, китоб ҳамсӯҳбати беминнати одам, ҳамсӯҳбати нағз, бадил, – пирамард номи ӯро ба забон оварда бо вай ҳарф мегуфт.

Пирамард худашро ба Баҳром шинос намуд: номаш бобои Довуд, аз деҳаи Теппаи Самарқанд, деҳаашон ба шаҳр наздик.

– Номи деҳаатон Теппаи Самарқанд? Ба чӣ муносибат ин тавр номидаанд, Теппаи Сармақанд гуфтаанд?

– Шумо, Баҳромҷон, худатон аслан куҷоӣ? – пурсид бобои Довуд.

– Аз Самарқанд.

– Ягон рӯз, агар насиб бошад, ба тарафи мо биоед, дар хона ман ба шумо аз таърихи деҳа ҳикоят мекунам, мӯйсафедҳоро ғун меорам, ба муаллимон мегӯям, – баъд бобои Довуд номи чанд китоби Баҳромро ба забон овард. Алалхусус повести «Ту танҳо нестӣ»-и ӯ ба пирамард хело маъқул гашта будааст.

Бобои Довуд, пирамарди хайрхоҳи дилсоф, дар чанд лаҳза дар бораи худаш, ба дараҷае аз тарҷумаи ҳол, давраи сағирагӣ, замони шӯравӣ, рӯзҳои хушу нохуши аз сар гузарондааш ба Баҳроми нависанда ҳикояҳо гуфт. Ҳамин тариқ ҳам Баҳром Фирӯз ва ҳам мусоҳиби ӯ чи тавр ба истгоҳи Комбинати полиграфӣ расиданашонро нафаҳмиданд.

– Баҳромҷон, хайр, мо ҳамин ҷо мефароем. Ҳо, ана деҳаи мо, – аз тирезаи мошин бобои Довуд ба ҷониби кӯҳ, ба деҳае, ки намоён буд, бо ангушт ишора кард ва ба суханаш давом намуд: – Ягон рӯз биоед, «Хонаи бобои Довуд канӣ?» гӯед, ҳама медонанд, нишон медиҳанд. Биёед, Баҳром, – мӯйсафед хоҳиш намуд, ки мошинро нигоҳ дорад. Аммо Баҳром ба ӯ гӯш намедод, суръати мошин суст намегашт.

– Чӣ кор мекунед, Баҳромҷон, истед, – бобои Довуд аз мошин фаромадан мехост.

– Не, амак, ман шуморо мебарам, то хонаатон мебарам, – гуфт бо қатъият Баҳром.

– Ин тавр накунед, Баҳромҷон, дар истгоҳ мефароем, мошин бисёр. Хуб нашуд, шуморо саргардон кардем, беодобӣ шуд, истед, – бобои Довуд ва ҳамсараш дар хиҷолат монда буданд.

– Ҳеҷ гап намешавад, амакҷон, хонаатон дур набудааст-ку, – мошин аз роҳи калон берун шуда рӯ ба дохили дара мерафт. Ҳар қадар мусофирони ӯ узрхоҳӣ намуда, илтиҷо доштанд, ки саргардон нашавад, мошинро нигоҳ дорад, онҳо мефароянд, вале Баҳром бобои Довуд, аҳли байташро дар роҳ нафаровард...

Соат аз се гузашт. Аз чопхона боз дастнависро пурсиданд.

Аз Баҳром дараке набуд. Аз хонаашон ҳам як хел ҷавоб мегуфтанд: «Баҳром ким-кайҳо аз хона баромада...».

* * *

Баҳром ҷузвдони калони дастнавис дар зери бағал, бо чеҳраи хандон дари ҳуҷраамро кушод.

– Дер кардам, Кароматулло?

– Бахудо, алахон шудем. Чӣ воқеа рӯй дод? Куҷо рафта будед?

– Ҷониби қишлоқҳои шумо, Теппаи Самарқанд рафта омадам. Хонаи бобои Довуд. Мешиносед?

– Ҳа, он кас аз шиносони наздикам.

– Худашон ҳам гуфтанд. Бисёр одами нағз, фарзандонаш ҳам бомаънӣ, ҳамааш китоб мехондаанд, китобҳоямро ба ман нишон доданд. Мо аз мардум дур, ин хел мӯйсафедон ҳам будаанд. Ин одам як асар. Шумо чаро дар бораи ҳамин хел одамон наменависед? Одамони меҳнатӣ... – Баҳром ҷузвдонро аз даст нагузошта, шодона бобои Довудро таъриф мекарду дар ҳаққи ӯ аҳсант мехонд. Аз шиносоиаш бо бобои Довуд ҳикоя намуд.

Пири равшанзамир бобои Довудро мешинохтам. Хонааш ҳам равуо дорам. «Ба як мард чил ҳунар кам аст,» гуфтагӣ барин ӯ соҳиби бисёр касбҳост. Усто аст, дар хонааш ҷувози барқӣ бунёд намудааст, осиёбдор. Фарзандонаш ҳам боҳунар, зиндагии хуш ва осуда доранд. Бобои Довуд марди дастархондор, дасткушод. Албатта, ӯ одами маълумоти олидор нест. Вале, чи хеле мегӯянд, агар хоҳад, самолёт месозад. Дар рӯзҳои камсаводии мардум ҳамин марди боҳунар дар колхоз солҳои сол сармуҳандис будааст, баъд ӯ дар деҳа бригадир ҳам буда. Ҳама баҳри ҳалли бисёр мушкилиҳо дар ҳолатҳои дармондагӣ наздаш меоянд, маслиҳату машварат мехоҳанд аз вай. Боғҳо бунёд карда, дарахтҳои беҳисоб сабзондааст ин мард. Дар бораи ҳамаи ин ба Баҳром ҳикоя намудам. Вай аз зиндагӣ ва кору бори бобои Довуд бештар фаҳмидану донистан мехост.

Хонаҳои зебо, ҳавлии сердарахти калону васеашро таъриф мекард. Ҳавлиаш дар лаби дарёча, баҳорон пуроб мешавад.

– Ман қоил, ин қадар ҳавлиашон зебо аст. Ниҳолҳо, дарахту гулу буттаҳо чунон ҷо ба ҷо, чунон бо низому тартиб шинонда шудаанд, ки аз зебишашон

кас ангушти ҳайрат мегазад, – мегуфт Баҳром ва гӯё як оламе баҳраш тадқиқ намуда буд.

Минбаъд омадурафти Баҳром ба деҳаи Теппаи Самарқанд, ба хонаи бобои Довуд, давом меёфт. Маълуми ҳамагон аст, ки Баҳром пешаи занбӯри асалпарварӣ ҳам дошт. Қуттиҳои занбӯри асалашро дар канори ҳавлии бобои Довуд, зери дарахтони себу анор, гузошта буд. Алалхусус, Баҳром баҳорон, вақти гулу сабзиши гиёҳҳо ва ҷомаи сабзгун ба бар кардани талу теппаҳо бештар ба Теппаи Самарқанд, ба хонаи бобои Довуд, равуо менамуд.

Аксар вақти аз деҳа ба шаҳр ба кор омадан ва ё аз кор баргаштан дар роҳ ба Баҳром дучор меомадам. Рӯ ба рӯям меомад, ба ронанда мефармудам, ки мошинро нигоҳ дорад. Аз мошин мефаромадем. Ғуруби офтоб ё тулӯи хуршеди оламороро тамошо мекардем. Ӯ мегуфт: ба хонаи бобои Довуд равон аст ё аз он ҷо баргаштааст.

Чанд рӯз пеш аз деҳа ба шаҳр меомадем, шиноси деринам бобои Довудро дидем. Вай аз масҷиди деҳа баромада, ҷониби хонааш мерафт. Аз афташ дар масҷид намози асрро хонда буд. Оғӯш ба оғӯш бо ҳам вохӯрдем.

– Камнамоед, додарам. Ин вақтҳо дар қишлоқ зиндагӣ намекунед-чӣ? – пурсид бобои Довуд.

– Ҳа, – сар ҷунбондам.

– Оббо, додаре. Аҷаб замонаҳое шуда, – гуфт ва баъд суолам дод: – Як хабари ганда шунидам, рост аст? Бовар намекунам, ба Худо. Мулло Баҳром қазо кардааст?

– Баҳром аз олам гузашт, – бо ҳасрат тасдиқ намудам.

– Ҷони одам буд Баҳром, тилло буд, ҳайф шуд, сад ҳайф... Бачаҳо хона хабар оварданд... Рост будааст. Вой, войе, ҳайф шуд. Кӯдаконам гиря карданд, «акаи Баҳром»... гуфтанд. Нағз нашуд, вай ёш буд...

Мо дар канори роҳ Баҳромро ёд меовардему ёд меовардем.

Тарафи мошин гаштам. Хаёлам ба Баҳром ва бобои Довуд. Аҷаб не, ҳанӯз қуттиҳои занбӯрҳои асали Баҳром дар хонаи бобои Довуд бошанд. Дигар Баҳром ба суроғи онҳо намеояд... Боз баҳор меояд, гулҳо мерӯянд... Ман дар роҳи деҳа бо Баҳром Фирӯз дучор намеоям. Гузаштанд рӯзҳое, ки вай дар ин олами зебо рӯз мегузаронд, ҳамроҳамон буд...

Октябри соли 2004

ДУХТАРИ ЭРКАИ ПАДАР

«Падарам мехостанд дар деҳа, дар теппаи Пилтамолак хокдон ёбанд. Теппаи хушманзара аст Пилтамолак, дар беруни деҳа, сари роҳи деҳаҳои Ҷарбулоқи Боло, Хоҷачилдиёри Боло. Ин қадар баландии хушбодуҳаво, зебо, дар баҳорон сабзапӯшу гулрез мешавад. Баъзан соатҳо сари он теппаи баланд менишастанду деҳаи Тӯда, талу теппаҳои дуру наздикро тамошо мекарданд,

илҳомашон, ки меомад шеър мегуфтанд. Нақл мекарданд, ки дар тифлӣ, аёми баҳорон бо бачаҳо ин ҷо меомадаанд, рӯи сабзаю себаргаҳо бозии чашмпӯшакон карда медавидаанд, гул мечидаанд. Алафи пилтамолак бисёр, барои ҳамин ҳам теппаро теппаи Пилтамолак мегуфтаанд, алафи пилтамолак хушхӯр, дар даҳон маза медодааст. Ин теппаро падарам дӯст медоштаанд, барои ҳамин ҳам орзуяшон буда, ки дар ҳамин ҷо хокдон ёбанд»

* * *

Як ҳикоя, шеър ё ягон асари бузургҳаҷми адиб-нависанда ё шоир агар ба хонанда писанд ояд, ба дилаш кора кунад, ӯ баъд аз паи дарёфти навиштаҳои дигари вай меафтад, пайдо менамояд ва боз дар хаёле, ки ӯ боз чи чизи наве навишта. Ҳамин тариқ нависанда мухлис меёбад, номаш аз забон ба забон меравад, тарғиби асарҳояш сар мешавад. Мухлисон болу пари адиб, эътиқодмандон, меҳрубонаш ҳам мешаванд. Суроғаш мекунанд, сим мезананд, барои дидор рӯ ба ҷои кор, ба хонааш ҳам меоранд. Чи бахти баланде барои адиб. Аммо ин гуна адибон ягон-ягонанд. Устод Ҳабибулло Назаров аз зумраи ҳамин гуна адибон буданд, сермухлис, серхонанда буданд. Пас аз фавташон ҳам номашон зинда, асарҳояшонро мехонанд, хонанда доранд. Хонандаҳояшон наслҳои нав ба нав, насли имрӯз ҳам. Онҳо, албатта, дар бораи нависанда кам маълумот доранд. Чи шахсияту инсони номдоре буданд, намедонанд. Донистан мехоҳанд. Дар китоби «Адибони Тоҷикистон» (соли 2015, саҳ.335-336) мухтасари тарҷумаи ҳолашонро овардаанд.

«Ҳабибулло Назаров 15-уми августи 1907 дар деҳаи Тӯдаи ноҳияи Ҳисор, дар оилаи деҳқони камбағал таваллуд шудааст. Фаъолияти меҳнатиаш аз соли 1927-ум сар мешавад. Даставвал чӯпон буд. Раиси шӯрои камбағалон, котиб ва ҷонишини раиси деҳшӯро, котиби ташкилоти комсомолӣ, раиси ҷамъияти кишоварзӣ шудааст.

Дар курсҳои маҳви бесаводӣ ва мактаби шабона таҳсил кардааст, аз соли 1938-1941 дар Академияи умумииттифоқии ҳуқуқ хонда, соли 1950 Институти ҳуқуқшиносии ш.Маскавро хатм кардааст.

Аз соли 1955 дар ташкилотҳои гуногуни ҳуқуқ кор карда, ба мансабҳои ҷонишини вазир ва вазири адлия, раиси Суди Олии ҷумҳурӣ расидааст.

Соли 1958 ба узвияти ИН Тоҷикистон пазируфта шудааст. Асарҳои машҳури ӯ «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона», «Мирзо Ризо», «Баландии 144», «Саргузашти Сафар Махсум» (дар ҳаммуаллифии Ҷ.Икромӣ) мебошанд, 25-уми январи соли 1978 даргузаштааст».

Рӯзи дафни устод банда низ чун яке аз шогирдонашон ҳозир буд. Шаб барф меборид, пагоҳӣ ҳангоми ба хок супурда шуданашон ҳаво соф, гӯё офтоб ҳам баҳри гуселашон рух намуда. Одамони бисёре аз паси тобуташон мерафтанд. Маросими дафн аз рӯи тартиби муайяннамудаи ҳукумат мегузашт. Устод ҳарчанд дар он солҳо дар нафақа буданд, лек ҳизби коммунист хизматҳояшонро фаромӯш накарда. Фармоиши махсус ба таҳсиб расида, ки устод Ҳабибулло Назаров аз рӯи анъанаҳои ҳизб ба хок супурда шаванд. Мусиқии мотам бояд садо диҳад. Пеш-пеш суратҳои устодро бардошта мерафтанд, ордену медал, мукофотҳои давлатиашон дар болиштчаҳо дӯхта шуда. Банда ва шодравон Мӯсои Мавлавӣ ҳам як болиштчагӣ дар даст, дар

қатори пештар роҳ мерафтем, як муовини котиби Кумитаи Марказии ҳизби ҷумҳурӣ назоратчии тартибот буданд. Дар кадом гӯристон ба хок супурда шудани Ҳабибулло Назаров низ бо талаби ҳизб дар фармон таъкид шуда. Бояд дар гӯристони Интернатсионалистон, ки ҳоло гӯристони русҳо гӯянд, дар қатори роҳбарони баландмартабаи давлатию ходимони намоёни ҷамъиятӣ дафн шаванд.

Солҳои аввал гоҳ-гоҳе ба зиёрати мадфани устод Ҳабибулло Назаров мерафтам. Дар ҳар бор ҳам бо бонуе вомехӯрдам, ки сари гӯри он кас ҳозир. Сангҳои болои гӯрро, ки ҳама мармар буданд, мебӯсид, бо оби дида мешуст, мегиристу мегирист, чи хеле гӯянд, хун аз дидаҳо мекард. Наздаш сар хам мекардаму гӯш ба нола, оҳу афғонаш медодам.

– Шумо Карорматуллоҳи Мирзо? – оби дидагонашро пок карда, бо меҳр аз банда пурсон шуд боре.

– Ҳа. Шумо кӣ мешавед ба устод?

– Ман духтарашон Адолат, – ва меафзуд: – падарам дар бораи Шумо гап мезаданд, мегуфтанд, ки нависанда ҳастед.

– Бале, як шогирдашон ҳастам.

– Ташаккур, фаромӯш накардед. Ман аз як чи норизо ҳастам, – гуфт бо ҳасрат Адолатбону.

– Аз чӣ?

– Аз он, ки падарамро аз рӯи васияташон ба хок супурда натавонистем.

– Васият карда буданд?

– Падарам мехостанд дар деҳа, дар теппаи Пилтамолак хокдон ёбанд. Теппаи хушманзара аст Пилтамолак, дар беруни деҳа, сари роҳи деҳаҳои Ҷарбулоқи Боло, Хоҷачилдиёри Боло. Ин қадар баландии хушбодуҳавою зебое, дар баҳорон сабзапӯшу гулрез мешавад. Баъзан соатҳо сари он теппаи баланд менишастанду деҳаи Тӯда, талу теппаҳои дуру наздикро тамошо мекарданд, илҳомашон, ки меомад, шеър мегуфтанд. Нақл мекарданд, ки дар тифлӣ, аёми баҳорон бо бачаҳо ин ҷо меомадаанд, рӯи сабзаю себаргаҳо бозии чашмпӯшакон карда медавидаанд, гул мечидаанд. Алафи пилтамолак бисёр, барои ҳамин ҳам теппаро теппаи Пилтамолак мегуфтаанд, алафи пилтамолак хушхӯр, дар даҳон маза медодааст. Ин теппаро падарам дӯст медоштанд, барои ҳамин ҳам орзуяшон буда, ки дар ҳамин ҷо хокдон ёбанд. Ҳатто чанд байт барои санги болои гӯрашон гуфта буданд.

– Пас чаро васияташонро ба ҷо наовардед?

– Магар рӯзи дафнашон надида будед? Чи қадар одами бисёре аз Тӯда, аз Ҳисор омада буданд, мехостанд, падарамро баранд, лек ҳамаро пеш карданд, забон кушодан нагузоштанд. Гуфтанд, ки қарори ҳукумат шудааст дар масъалаи мадфанашон, талаби партия будааст.

Бале, ҳамин тавр шуда будааст. Бо фармон, бо муҳру васиқа ҷои дафни Ҳабибулло Назаров муайян гашта.

Синну соли Адолатбону ба ҷое расидаю ҳанӯз дар орзуе буда, ки васияти падар ба ҷо оварда шавад.

Ӯ дар қатори бародаронаш Рустаму Темур аз ҳама беш ба падар меҳрубон. Ва аз афташ, беҳуда нагуфтаанд, ки духтар силаи раҳм, меҳри духтар ба волидайн беш. Пас аз сари падар Адолатбону бо хаёли он кас мезиста. Ҳар гоҳе

падар гӯяд, чашмонаш об мегиранд, месӯзад. Баҳри зинда нигоҳ доштани ному нишони падар то ҷое аз дасташ омадан хизмат ба ҷо меорад. Баъди фавти устод ҷашнҳои ёдбуди 80-90 ва садсолагиашон бо тарзи тантанавӣ гузаштанд. Барои ин Адолатбону ҳамроҳи Рустаму Темур медавиду ташвиш мекашид. Ӯ мураттибу вориси асарҳои падар. Медонист, ки падар қисми дуюми асари безаволи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона»-ро, ки ба бисёр забонҳои олам тарҷума шуда буд, ба чоп ҳозир намуда буданд. Вале баъд аз фавташон фарзандон онро пайдо карда наметавонистанд. Бастаҳои дастнависҳо беҳисоб. Тал-тал коғазу дафтару китобҳо, моҳҳои моҳ Адолатбону даруни коғазу дастнависҳо меҷунбид, варақҳо зард, дарида, нохоно. Чанги китобу коғазҳои куҳан нофорам. Адолатбону асарро пайдо намуд, хонда-хонда варақҳои парешонро ҷо ба ҷо сохт. Баъд он бо ҳиммати соҳибкор, шодравон Баҳрулло Саъдуллоев ба шарафи ҷашни садсолагии Ҳабибулло Назаров бо қисмати аввали қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» якҷоя ба табъ расонда шуд. Адолатбону бонуи босавод, соҳибмаълумот, ҳавасаш ба адабиёт, ба эҷодиёти халқ. Айёми хурдсолиашро дар хотир дорад. Ҳавлиашон дар кӯчаи ба номи Карл Макс (ҳоло ба номи М.Турсунзода) ҷойгир буд. Устодон Мирзо Турсунзода, Носирҷон Маъсумӣ, Зиёдулло Шаҳидӣ, Боқӣ Раҳимзода, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Аҳрор Ёрматов, Акашариф Ҷӯраев ҳама ҳамсоя. Баъзан онҳо дар ҳавлии Ҳабибулло Назаров ҷамъ меомаданд. Аксар дар баҳорон болои кати зери дарахтони гелос, ки ғарқи гул буданд, менишастанд. Базми шеър, базми суруду мусиқӣ, суҳбатҳои шавқовар. Адолат, ки духтари қадрас буд, дар хизмат. Дастархон мегустурд, чою лаълиҳои пурқанду ширинӣ меовард ва лаҳзаҳо аз он суҳбатҳо, аз сурудҳои Акашариф Ҷӯраеву оҳангҳои Зиёдулло Шаҳидӣ баҳравар мегашт. Падар ӯро бо меҳр «Чумчуқаки додо!» мегуфтанд. Бо тавсияи падар ба факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи омӯзгории ба номи Т.Г.Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С.Айнӣ) дохил шуд, баъд дар Институти забон ва адабиёти АИ ҷумҳурӣ, дар шуъбаи фолклор кор кард. Аз хотираш намеравад, ки дар шаби тӯи арӯсиаш устод Боқӣ Раҳимзода раиси маърака буданд ва устод Мирзо Турсунзода барои рӯзгори оилаи ҷавон чанд чумчаю табақҳои чӯбини кандакоришуда оварданд.

Адолатбону бо эҷодиёти падар ба сифати як корманди илмӣ низ муносибат мекард. Китобҳо, навиштаҳояшонро нигаҳбон. Қаламу коғаз, дафтарҳояшон мисли дар қайди ҳаёт буданашон ҳама ҷо ба ҷо. Ҳатто устод бо ҳусни хати худашон навишта, ки бо кадом қаламу ручка кадом асарашонро навиштаанд. Онҳо баҳри Адолатбону аз падар ёдгор, ёдгориҳои пурқиммат. Дар мактаби таълимоти миёнаи умумии деҳаи Тӯда, ки ба номи Ҳабибулло Назаров гузошта шудааст, осорхонаи падарро ташкил намудааст. Осорхона шаҳодати зиндаи кору зиндагӣ ва эҷоди адиб дар ин дунёи равшан. Ёдашон дар дилҳо, хотираашон пос дошта мешавад. Ба шарафи 100-солагии адиб муҷассамаи барқадашон бо сарфу хароҷоти хешовандашон Баҳруллои соҳибкор дар ноҳия гузошта шуд. Вале Адолатбону ҳанӯз дар хаёле буд, ки падар мехостанд, дар теппаи Пилтамолак хок шаванд.

Чанд сол пеш Адолатбону барои таскини дилаш хоҳиш намуд аз саҳни мактаби ба номи падараш як лаб замин ҷудо намоянд. Лоиҳа сохтанд,

Баҳрулло беш аз 40 ниҳоли арча овард. Гирдогирди пораи замини ҷудошуда арча шинонданд. Ниҳолҳо сарсабз гаштанд, ҷойҳои нишаст, фавворaҳо сохта, ба он гулбоғи Ҳабибулло Назаров ном гузоштанианд. Аз ҳама муҳиммаш ба хаёли Адолатбону, ки аз теппаи Пилтамолак ва аз сари мадфани падар – аз қабристоне, ки он ҷо дафн шудаанд, як сатилӣ хок биоранду мазори падарро бунёд созанд. Ӯро дар дил орзуе. Барои ин дар талошу такопу ҳам буд. Имрӯз бонуи азиз дар қайди ҳаёт нестанд. Ҳамин мақоларо бо хоҳишашон навишта ба хондан ба худашон супурда будам, мақола баъди сарашон чоп мешавад, Адолатбону Назарова падарро бисёр дӯст медоштанд. Мегӯянд, ки дами марг ҳам «падар, падарҷон», гуфта аз олам гузаштаанд.

Адолатбону дар баробари осорхонаи падар боз чанд осорхонаи дигар аз худ ба ёдгор мондаанд: Осорхонаи устоди бузургвор Мирзо Турсунзода дар мактаби таълимоти миёнаи умумии ноҳияи Синои ш.Душанбе, ки он ҷо дарс мегуфтанд, осорхонаи шавҳарашон, Устоди варзиши собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулло Муродов, ки ҳоло муассисаи таълимоти миёнаи умумии № 44, деҳаи Бобосурхони шаҳри Ҳисор ба номи ӯ гузошта шудааст. Заҳматҳои бонуи азиз Адолат Назарова варомӯш намешаванд, қадр мешаванд. Барои худашон ҳам имрӯз дар осорхонаи Марказии ш.Ҳисор, дар паҳлӯи гӯшаи нависанда, шоир, арбоби намоёни давлатӣ Ҳабибулло Назаров, ки имсол 110-солагии мавлудашон ҷашн гирифта мешавад, гӯшаи алоҳидае аз ҳаёту фаъолияташон ташкил шуда. Дар тантанаи кушодашваии он ҳозир будам, сухан гуфтам, таассуф мехӯрдам, ки мақолаи фармудаи Адолатбону имрӯз барояшон хотира шуда, ёди неке. Ҳамин хел буда хостаи дунё, ки кас надонад фардояш барои ӯ чӣ рӯзе.

соли 2015

МУҲАММАДҶОН ШАКУРИИ БУХОРОӢ:
«Ҳастем, ҳоло ҳам ҳастем»

Рӯзҳои сарвари нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон буданам аз ёд намераванд, хело солҳо дар ин вазифа будам. Муддати тӯлоние, беш аз чаҳордаҳ сол. Вале дар ҳисоб буданд бароям ҳар рӯзе, ки аз умр паси сар мешуд ва ҳатто баъзан соатҳояш ҳам. Хушу нохуш ҳам буданд он рӯзҳо, зиндагӣ ҳамин гуна, гоҳе ширинаву гоҳе талхӣ. Ҳамвор набуда роҳ, ба баландиву пастиҳо дакка мехурӣ. Ба ҳар ҳол хушиҳои зиндагӣ бештаранд, равшанӣ дунёро фарогиртар.

Ҳамкорон, ки он солҳо дар нашриёт беш аз саду бист нафар буданд, ба ҳамдигар дӯсту меҳрубон, хоҳару бародар, ёдашон мекунам. Чи хеле гӯянд, коллективи дӯсту тифоқе. Кор ҳам бароямон хушоянд, ба дил.

Муаллифон ба нашриёт меомаданд, онҳо шоиру нависандагон, олимон, китоб меоварданд, мехондем, ба нақшаи чоп мегирифтем асарҳояшонро. Китобҳо нашр мешуданд. Шартнома ба имзо мерасондем, ҳаққи қалам мегирифтанд. Байни нашриёту адибон як пайвандии доимие. Ҳамон рӯзҳо хаёле ба сарам омада, ки омадурафти адибон, суҳбатҳоямонро ба қалам биёрам.

Хотира менавиштам, дафтар-дафтар хотираҳо монда аз он рӯзҳо, солҳо рафтаанд, хело солҳо. Ва имрӯз он дафтарҳоро варақ мезанам. Дафтарҳо куҳна, варақҳо зард, ҳарфҳо нохоно гаштаанд. Ба ҳар ҳол мехонам, зинда мешаванд, пеши назар меоянд он рӯзҳо. Номҳои беҳисобе сабт шуда дар хотираҳоям, номи адибон, аксар адибоне, ба мисли худам ҷавонтар ҳам буданд. Имрӯз онҳо барои аҳли ҷомеа маълуму машҳуранд. Нависандагони халқии Тоҷикистон Абдулҳамид Самад, Саттор Турсун, Сорбон, Ҷонибеки Акобир, Ӯрун Куҳзод, шоирони халқии Тоҷикистон Гулназар, Гулрухсор, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Ҳақназар Ғоиб, Ҳадиса Қурбонова ва Нависандаи халқии Тоҷикистон, раиси ИН Тоҷикистон Меҳмон Бахтӣ ва нависандагону шоирон, Низом Қосим, Бароти Абдураҳмон, Равшани Ёрмуҳаммад, Маҷид Салим, Ҳикмат Раҳмат, Алӣ Бобоҷон, Насим Раҷаб, Нозирҷон Боҳирӣ ва ҳамкорони онрӯзаам муовини директор, ҳоло директори нашриёти «Адиб» Фарҳоди Карим, сармуҳаррири нашриёт Сайидалӣ Маъмур, мудирони шуъбаи нашриёт Раҷаб Мардон, Юсуф Аҳмадзода, Гурез Сафар, Одина Мирак, Ҳоҷимурод, аз он зумраанд.

Вале афсӯс, сад афсӯс, ки имрӯз баъзе аз адибон, олимоне, ки ба нашриёт равуо доштанд, асарҳояшон ба нашр мерасид, аз дӯстони азизу муаллифони доимиамон буданд, дар қайди ҳаёт нестанд, суҳбату ширингӯӣ, шӯхиҳо ва номҳои эшон, аз ҷумла Лоик Шералӣ, Убайд Раҷаб, Ашӯр Сафар, Абдумалик Баҳорӣ, Юсуфҷон Акобиров, Аъзам Сидқӣ, Додоҷон Раҷабӣ, Озод Аминзода, Мавҷуда Ҳакимова, ҳамкоронамон мудирони шуъбаи нашриёт Шоири халқии Тоҷикистон устод Қутбӣ Киром, нависанда Баҳром Фирӯз, шоир Ҳайрат Шанбезода, олимон Аълохон Афсаҳзод, Ҷӯра Бақозода ва устод Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ дар рӯи дафтарҳоям мондаанд. Рӯзҳои бо онҳо будан, ҳамсуҳбатиҳоямонро ба хотир меорам: оғоз аз устод Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ.

* * *

4-уми феврали соли 2004-ум, чоршанбе. Баъди барфи дирӯза ҳаво имрӯз соф, офтоб баромада, вале табиати рӯз хунук, гармии нурҳои офтоб ҳис намешавад. Ҳарчанд, ки тирезаҳои ҳуҷраам ҳама бастаанд, маҳкаманд, аз онҳо ҳавои сард меояд. Ба хаёлам як ҳуҷраи банда не, утоқҳои ҳамаи ҳамкорон низ гарм набуданд. Дар ҳамин ҳол ҳама машғули кор будем. Банда сармуҳосиб Саодатбону ва хазинадор Умедахонро ба ҳуҷрааш хонда буд. Сари як масъала баҳс мекардем. Дар як ҳисоботи пулӣ рақаме ғалат афтода. Гап шунида будем. Айби кӣ шуда? Номаълум. Баҳсу мунозира давом меёфт. Дар ҳамин ҳангом дари ҳуҷра боз шуда котиба Раънобону хабар расонд: устод Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ омадаанд. Суҳбатамон ноанҷом монд. Баҳри пазироии устод ба қабулгоҳ баромадам. Устод ҳамон як ҷузвдони калони чарминашон дар бағал дар як курсии паси дар менишастанд. Салому алайк кардем. Дастҳо пеши бар хоҳиш намудам, ба ҳуҷра дароянд.

– Не, бародар, аввал худатон, Шумо соҳибхона, – гуфта хоҳишамро напазируфтанд.

Бо устод пасопеш дохили ҳуҷра шудем. Хоҳиш намудам, устод ба паси мизи хурд гузаранд. Мизе, ки атрофаш ду сандалӣ буду аксар бо дӯстон,

меҳмонони иззатманд гирди он менишастем, чой менӯшидем, қаҳва мефармудем.

Раънобону чой овард, наздамон як пиёлагӣ чой гузошт.

– Хайр, мулло Кароматулло, кани гап занед, чӣ аҳвол доред? – устод пиёлаи чойро ба лаб бурданд.

– Нағз, устод, нағз, лекин худатон хело камнамо шудед, намеоед.

– Ҳастем, мулло Кароматулло, ҳоло ҳам ҳастем, – бо лабони пуртабассум ин ҳарфҳоро такроран ба забон оварда боз бо ҳамон лабони пурханда афзуданд: – тааҷҷуб накунед, ки чаро ҳастем, ҳоло ҳам ҳастем мегӯям. Ин ҷо гап ҳаст, гап, – ва боз бо табъи хуш давом намуданд:

«ШОФЁРИ ХУШЛИБОС»

Устод Муҳаммадҷон Шакурии Бухоройӣ он солҳо дар Донишгоҳи омӯзгории ш.Душанбе, ба номи Т.Г.Шевченко, ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ дарс мегуфтаанд, аз паъйи корҳои илмиашон будаанд, аксар пиёда мегаштаанд, гоҳе ба ягона воситаи писандидаи мусофиркашонии он давр тролейбус савор мешудаанд. Истгоҳ рӯ ба рӯи бинои таълимии донишгоҳ. Тролейбусҳо серодам. Вале муаллим чун дохили он мешудаанд, қариб ҳама «марҳамат устод, марҳамат», гуфта ба эшон ҷой медодаанд. Ва ронандаҳои тролейбус низ он касро шинохта карда. Хусусан, яки онҳо беш устодро мепарастида. Ҷавоне буда ӯ қоматбаланд, ботанутӯш. Ба қавле ба дили худаш либос мепӯшида. Дар тан ҷома, дар сар тоқии гулдӯзии пилтамахмал, рӯймоли миёнаш ҳилҳиладор. Ва вайро бо ҳамин либоспӯшиаш дар Душанбе мешинохатаанд, «шофёри хушлибос» мегуфтаанд ӯро. Рӯзе устод баъди дарсҳо ҳамроҳи Николай Сатторӣ, ки он кас ҳам омӯзгори донишгоҳ будаанд, сӯи истгоҳи тролейбус мерафтаанд. Шофёри хушлибос устодро дида тролейбусро манъ кардааст, ҳатто ба пешвозашон аз кабина-ҳуҷрачааш берун шудааст.

– Муаллим, худам ҳам шуморо мекофтам, хайрият дидаматон, марҳамат, биёед, – устодро ба нею нестонашон нигоҳ накарда ба паҳлуи худаш хондааст. Устод ноилоҷ мондаанд.

– Муаллим, ба шумо кор дорам, ба номи Худо рост мегӯям, – ронанда чашм ба роҳ, ки мошинҳои беҳисоб дар равуо буданд, ба гап даромадааст.

– Чӣ кор доштед, бародар? Марҳамат гап занед.

– Номи ман, муаллим, Ашӯралӣ, аз қишлоқ омада меравам.

– Хуш?

– Ҳа, муаллим, қишлоқи мо Оқчакман ном дорад, ба шумо кор доштам,- боз такрор намуд.

– Чӣ кор доштед?

– Пагоҳ мегӯям.

– Чаро имрӯз, ҳамин ҳоло не?

– Пагоҳ мегӯям.

– Пеши ман ба донишгоҳ мебиёед?

– Не, муаллим, канӣ фурсат? Мебинед-ку як лаҳза аз тролейбус берун шуда наметавонам.

– Хайр чӣ кор кунам? Гӯед гапатонро.

– Пагоҳ, албатта, пагоҳ пеши ман биёед.

– Ба куҷо?

– Ба ҳамин ҷо, дар истгоҳ вомехӯрем.

– Аҷоиб-ку, бародар!

– Хайр, то пагоҳ, албатта, биёед,-гуфта шофёри хушлибос дарро ба рӯи устод, ки ба ҷои мехостаашон расида будаанд, кушодааст.

Устод Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ қиссашонро ба ин ҷо оварда боз пиёлаи ҷойро ба даст гирифтанд. Ва банда гӯшу ҳуш ба ҳикояташон шуда будам, мехостам ҳар чи зудтар давоми суҳбаташонро шунавам.

– Устод, баъд шумо ба ҷои ваъдагии шофёри хушлибос рафтед? Чӣ мегуфтааст?

– Аҷоибаш ҳам дар ҳамин ҷо-дия, бародар, – устод гоҳе ба дӯстон ҳамин тавр муроҷиат мекарданд. Устод афзуданд:

– Мехоҳед, ҳикоятро давом диҳам? Коратон бисёр будагист, ҳоло маҷлисатонро кӯтоҳ кардед, боз шуморо интизоранд.

– Ман ба котиба гуфтам, устод… – ва афзудам: – хуб шуд, ки омадед, хело боз намеомадед.

– Ҳастем, мулло Кароматулло, ҳастем, – аз афташ, кайфияташон хуб ва хурсанд ҳам буданд, ки боз ҳамин ҳарфҳоро ба забон оварда хандиданд ва бо ханда аз банда пурсиданд:

– Шумо ҳам аз Роҳатӣ-а?

– Аз як деҳаи ҷамоаи Роҳатӣ, аз Нилкон, Оқчакман ҳам ба деҳаи мо наздик аст.

– Ангури Роҳатиро шунидаем, хӯрдаем, хуб ширин аст. Ба ростӣ, шабаш қатӣ ҳамон рӯз дар хаёл будам, ки ин мардак ба ман чӣ мегуфта бошад?

– Чӣ мегуфтааст?

– Гуфтам-ку, ҷони гап ҳам дар ҳамин ҷо, ки ин мард чӣ мегуфтааст. Аз рӯи ваъда пас аз анҷоми дарсҳоям, ба фикрам қариби нимрӯз буд, ба сари истгоҳ шитофтам, интизор шудам. Ниҳоят, тролейбуси «шофёри хушлибос омад». Маро дида ӯ аз тролейбус берун шитофт.

– Омадед, муаллим! – аз диданам хурсанд шуда буд.

– Омадам, мулло Ашӯралӣ, омадам,-ҷавоб гардондам ва ҳанӯз дар ҳайрату изтироб будам, ки ӯ ба банда чӣ гап дошта бошад. Ин дам писарбачаи 14-15 – солае як сатили калон дар даст базӯр аз дари ақиби тролейбус берун омад. Сатилро, ки даҳонаш бо суфи сафед баста буд, назди ману Ашӯралӣ гузошт.

– Муаллим, – Ашӯралӣ боз муаллим гуфта ба банда муроҷиат кард ва ба писарбача ишора намуда афзуд: – муаллим, ин писари ман, Холназар. Ангур овардем, муаллим, Холназар хонаатон мебарад, хонаро бинад, баъд худаш рафтан мегирад, меваҳои боғи мо бисёр, муаллим.

– Лаҳзае ба Ашӯралӣ чӣ гуфтанамро надонистам. Фаҳмидам, ки ӯ барои чӣ ба шумо гап дорам мегуфтааст.

– Раҳмат, бародар, лекин хуб накардед, саргардон шудед, – гуфтам.

– Мо Шуморо дӯст медорем, муаллим. Дар қишлоқи мо Шуморо медонанд, муаллим.

– Гуфтам-ку, бародар, Ашӯралӣ, саргардон шудед, лозим набуд, – чи тарз

аз ӯ миннатдорӣ карданамонро намедонистам.

Ашӯралӣ фурсат надошт. Аз паси тролейбуси ӯ, тролейбусҳо қатор шуда «дид-дид…» ошарф медоданд, одамон ғур-ғур мекарданд. Ҳамроҳи Холназар рӯ ба кулбаи банда мерафтем.

Давоми ҳикояи устод Муҳаммадҷон Шакурии Бухороиро шунида банда ҳам аз чи гап доштани Ашӯралӣ ба он кас воқиф гашт. Ашӯралиро мешинохтам. Аз деҳаи онҳо дар он солҳо боз чанд нафари дигар ронандаи тролейбус буданд, ронандагони аввали тролейбус дар ҷумҳурӣ, фарзандонашон ҳам имрӯз ронандаҳои тролейбус ҳастанд. Холназар ҳам тролейбусчӣ аст.

Устод Муҳаммадҷон Шакурии Бухоро боз давоми ришгаи ҳикоятро ба ихтиёр гирифтанд.

Фарзанди Ашӯралӣ Холназар боз чанд соли дигар ба хонаи эшон омадурафт доштааст, ангур меовардааст. Баъд зиндагии устод ба роҳи дигар печ хӯрда. Соҳиби хонаҳои нав шудаанд, аз хонаҳои чӯбии Донишгоҳи омӯзгорӣ кӯчидаанд, ҷои корашон ҳам нав шуда. Минбаъда зарурати ба тролейбуси шофёри хушлибос савор шуданашон намонда, солҳо рафтаю оламу одам тағйир ёфта. Шаҳри Душанбе шинохтанашаванда, ободу зебо гашта. Мошинҳо ҳам акнун ранги ба ранг, истеҳсоли хориҷа, воситаҳои нақлиёти мусофиркашонӣ қарибе беҳисоб. Устод «шофёри хушлибос» Ашӯралиро дигар вонахӯрдаанд, ҳатто фаромӯш шуда ӯ. Вале ҳикмати мардумӣ рост буда, куҳ ба куҳ нею одам бо одам вомехӯрда. Ҳамин ҳолат барояшон рух дода. Рӯзе боз дар ҳамон истгоҳи назди Донишгоҳи омӯзгорӣ меистодаанд. Тролейбусе меояд, ба он менишинанд.

– Марҳамат, пулатонро гиред,-ба ронанда пул дароз мекунанд. Марди куҳансоле ҷонибашон рӯ меорад.

– Истед, ки муаллим, шумоед? – ронанда бо ҳайрат аз ҷой бармехезад.

– Ҳа, бародар, ман ҳастам, пулатонро гиред, – устод пул дар даст ҳайронҳайрон аз ронанда чашм намекандаанд.

– Шумо ҳоло ҳам ҳастед? – ронанда барои вохӯрдан даст дароз мекунад.

– Ҳа, бародар, ҳастам.

– Нашинохтед?

– Ашӯралӣ?!

– Ҳа, ман.

– Ба Худо нашинохтам, пир шудаем, пир, – онҳо рӯ ба дидори ҳамдигар меистоданд. Бесухан, беҳарф. Ба ёд меоварданд, ки дар чӣ ҳолу рангу рӯе буданду ҳоло чӣ тағйироте дар симояшон. Дар он лаҳзаҳо айёми ҷавонӣ, Донишгоҳи омӯзгорӣ, ки ба шогирдон устод дарс мегуфтанд ва пас аз дарсҳо рӯ ба истгоҳи тролейбус мешитофтанд, шодравон муаллим Николай Сатторӣ, тролейбусҳои қатор, «шофёри хушлибос» – Ашӯралӣ пеши назарашон буданд. Ҳамон Ашӯралие, ки ҳоло дар айёми пирӣ овози ӯро мешуниданд. Ӯ мегуфт:

– Муаллим, шумо ҳоло ҳам ҳастед?

Устод Муҳаммадҷон Шакурии Бухоро ҳикояташонро анҷом доданд ва бо ҳамон лаҳни зебою нарм, ҳамон чеҳраи пуртабассум ба банда рӯ оварда, боз давом намуданд:

– Ана ҳамин тавр, мулло Кароматулло, мебинед, ки ҳоло ҳам ҳастем.

ИМРӮЗ Ё ФАРДО

Соли 1955-ум, солҳе, ки ҳанӯз захмҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон рӯ нагирифта, доғу аламҳо зиёд, дилҳо озурда, ҳаво тира ва хира. Дар ҳама ҷо ҳол ҳамин гуна. Дар Донишгоҳи омӯзгории ш.Кӯлоб ҳам, ки устод баъди хатми Донишгоҳи омӯзгории ш.Душанбе ба ин ҷо ба кор омада будаанд, ҳама ба мисле мотамзада.

Муаллима Рӯзигул, ҳатто дар дарсҳо овоз андохта мегирист, омада-омада дар рӯзҳои охири ҷанг фарзандаш нобуд шуда. «Баламой,» мегуфт, ҳолашро медонистанд. Муаллим Ҷумъахон аз як пой монда аз ҷанг омада, бо асобағал базӯр ба синфхонаҳо даробаро мекард. Дар курсҳое, ки устод дарс мегуфтаанд, ду донишҷӯ аз ҷабҳа баргашта боз таҳсил мекардаанд. Ҳар ду ҳам маҷрӯҳ, яке лангида-лангида роҳ мерафт, дуюмӣ ҳам тир хӯрда аз як даст маҳрум. Донишҷӯёни дигар ба ҷанг нарафта, аммо ҳолашон хуб не, дилшикаста, касалманд. Худи устод ҳам сиҳат набудаанд. Дарду дардмандиҳо ҳама аз асари ҷанг, ҷанги маргзо, касофатзо. Чи бӯи умеди дигаре ҳам аз ҷанг. Оташи ҷанг, албатта, дар дуриҳои дур аз Тоҷикистон аланга мезад, вале дар ин ҷо мо ҳам одамон месӯхтанд. Устод дар даврaҳои донишҷӯӣ ба касал зада будаанд. Сабаб боз ҳамон ҷанг, ноосудагӣ, ҳои зиндагӣ, ғаму алам. Дар Кӯлоб тағйири обу ҳаво шуда, ки дардашон хурӯҷ карда. Соли 1956-ум ба Душанбе баргаштаанд. Аммо ҳолашон беҳ нашуда. Байни хонаашону донишгоҳ, ки устод акнун дар ин ҷо омӯзгор будаанд, як қадам роҳ. Вале наметавонистаанд ба дарсҳо раванд. Бистарӣ шудаанд. Устод бемору завҷаи меҳрубонашон Клавдия Василевнаро як ҳоле. Устод бемор не, гӯё Клавдия Василевна бемор буда. Дард мекашида бо он кас ӯ. Духтур ба духтур, беморхона ба беморхона мегардондааст он касро. Дар роҳ монда ӯ. Ниҳоят ба ақидаи худаш, Клавдия Василевна духтури зӯр ёфтааст.

Он солҳо ягона духтурхонаи номдори ҷумҳурӣ Дармонгоҳи рақами 1 ҳисоб меёфта. Онро ба номи Горкий ҳам мегуфтаанд. Ҳоло ҳам рақамаш 1 аст, ба номи Горкий.

Дар рӯзҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ маҷрӯҳонро ба ақибгоҳи дур, ба ҳамин Дармонгоҳи рақами яки Тоҷикистон меовардаанд. Госпитал буда он. Духтуронаш ҳам аз шаҳрҳои Маскав, Ленинград омада. Ҳама донишманд. Клавдия Василевна бо яки онҳо гуфтугӯ кардааст.

Аз ёди устод намерафта. Айёми баҳор буда. Канори роҳу роҳравҳои сангфарш сабза дамида, шохаҳои дарахтон пурбарг ва пургул ҳам шуда. Ҳавои ҷонбахши баҳор бӯи гулу гиёҳҳоро ба машом оварда, ба кас руҳу равони тоза мебахшида.

Дасти устод дар дасти Клавдия Василевна ба госпитал мерафтаанд. Дар дафтари пазироии духтур хеле мунтазир шудаанд. Ниҳоят навбаташон расида. Ҳуҷраи духтур тозаю озода, дар дохили он ҷо-ҷо тубакҳои гул ба назар меафтода, гулҳои зебо, рангоранг, ҳама шукуфта. Аз тиреза, ки ҳар ду табақааш ба тарафи боғ кушода буд, ба хона бӯи гулу гиёҳҳо меомада. Марди солхӯрдаи айнакие хилъати сафед дар бар дами тиреза истода ба нурҳои

офтоб, ки болои шохаҳои баланди дарахтон мавҷ мезадаанд, заросо метофтаанд, наззора дошта. Ниҳоят ӯ рӯ ба тарафи дар оварда, нигоҳаш ба устод ва Клавдия Василевна хӯрдааст.

– Омадед, Клавдия Василевна, – ба мисли шиноси дерин ному насаби завҷаи устодро ба забон оварда давом намудааст: – Муаллимро овардед?

– Ҳа, ана худашон, Владимир Павлович.

– Бисёр нағз, Клавдия Василевна, – ба такрор, – нағз-нағз,-гуфта ба сар то қадами устод дуру дароз назар андохта, ба хулосае расидааст, ки, – хароб шудаанд, бисёр хароб, нағз не, – табъаш хира гашта ва аз устод пурсон шудааст: – Муаллим, шумо чандсолаед?

– Ба сиҳ медароям, – ҷавоб гуфтаанд устод.

– Ҳайф,-таассуф хӯрда ӯ.

Бо фармоиши духтур болои нимкати тахтагине, ки рӯйҷои сафед дошт, рӯ ба сақфи хона дароз кашидаанд. Баъд духтур курсиро пеш оварда дар бари устод нишаста ба муоина ва ташхис пардохтааст.

– Чашмонатонро калон-калон кушоед, забонро бароред, нафас кашед, ҳа, чуқур-чуқур. – бо муоинаи ҳар як узви бадан, забон ё чашмҳоро дидан ё гӯш андохтан ба тапиши дилу сандуқи сина, «обо, обо, нағз не, нағз не», мегуфта духтур. Дар охири ташхису таҳқиқ боз ва боз бо аломати таассуф сар ҷунбонда-сар ҷунбонда ба завҷаи устод Клавдия Василевна гуфтааст: – Дер кардед, муҳтарам Клавдия Василевна, муаллимро дер овардед, – ва боз ба муаллим муроҷиат намудааст:

– Муаллим.

– Лаббай.

– Муаллим Раҷабов ҳам дар донишгоҳи шумо омӯзгор буданд-а?

– Ҳа, аз ҳамкорони мо буданд, раҳматӣ шуданд.

– Ана, касали ҳамон кас ҳам аз ҳамин касали шумо буд, шумо худатон аҳли фаҳм, медонед аз ин хел дард одамон кам мераҳанд, боз шумо, муаллим, дер кардед, эътибор надодед.

Суханони духтур дигар ба гӯши устод намедаромадаанд, ӯ аз устод хоҳиш карда, ки берун бароянд. Владимир Павлович завҷаи устодро нигоҳ дошта-аст. Дар ғайби устод ба завҷаашон гап доштааст.

Лаҳзае пас Клавдия Василевна бо дидагони ашкбор аз назди духтур баромадааст, духтур гуфта будааст, ки тайёрӣ бинанд, ба умри эшон чанд ҳафта ва рӯзҳо монда.

Устод ҳикояашонро анҷом дода бо ханда боз гуфтанд:

– Мулло Карроматуллоҳ, ана мебинед, ки ҳоло ҳам ҳастам. Ҳастам, ки ҳастам, аз ҳафтод гузаштам, ҳаштод наздик, рӯ ба навад меравам, – завқ бурда механдиданд устод.

ЯК ПАЛТО ВА БОЗ ЧАНД ПАЛТО

Устод Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ боз пиёлаи чойро ба даст гирифтанд.

– Аз ширинихо гиред, устод, – табақчаи шираворио, ки пур аз мағзу ма-

виз, шоколадҳои коғазпечи ҳархела буд, наздиктарашон мондам.

– Ташаккур, ташаккур, – гуфтанд ва бо ҳамон ҳолате, ки рӯяшон аз табассум нур гирифта буд, афзуданд: – Боз як ҳикояти дигар мегӯям, ба худатон вобаста аст, мулло Карорматулло, ба худатон.

– Ба ман? – дар ҳайрат шудам.

– Ҳа, дар хотиратон ҳаст? Дар нашриёти «Маориф» кор мекардед. Собир Хоҷаевич директор буданд. Наздашон даромада будам, гуфтам, ки 60-сола мешавам, баъд шуморо ҷеғ заданд.

– Бале, ба хотирам омад, фармуданд, ки таъҷилӣ китобатонро ба чоп фиристем.

– Китоб чоп шуд, зуд чоп шуд. Аз ҳама муҳиммаш ҳаққи қалами хуб гузоштетон. Аз ёдам намеравад.

– Он вақтҳо, дар замони Шӯравӣ ҳама ҳаққи қалами зиёд мегирифтанд.

– Хурсанд шудам, – давом намуданд устод, – аз ҳамон ҳисоби ҳаққи қалам ҳамроҳи янгаатон Клавдия Василевна дам гирифтем, дар Дубулта будем. Баъд Маскав омадем. Харид кардем. Аз ҳама муҳиммаш барои худам палто мекофтам, қиссаи палтогирии банда аҷиб аст, мулло Карорматулло, бисёр аҷиб. Гӯш кунед, ҳикоят мекунам.

Чеҳраи устод кушодатар мегашт, ҳис менамудам, кайфияташон бисёр хуб, табъашон болида буд. Албатта пештар ҳам ба нашриёт, назди банда гоҳе меомаданд. Аз хотирам намеравад 26.VII соли 1999-ум ба нашриёт омада буданд, китобашон баромада будааст. Китоби навашон, бо соядаст тақдимам намуданд:

Барои Карорматуллоҳ Мирзоев саломатӣ ва дар майдони адабиёту фарҳанг хушҷавлониҳо хоҳонам. 26.VII 1999.

Он китоб ва ин соядаст бароям аз эшон нишонаанд, нишонаи ноёфт. Нусхабардорӣ кардам, ба навиштаҳоям ҳамроҳ менамоям. Нусха манзури хонанда мешавад. Вале ба хотирам меояд, ки он рӯз ба мисли имрӯз, ки суҳбат доштем, хурсанд набуданд устод.

– Ба фурӯшгоҳи марказӣ ГУМ даромадем, – бо чеҳраи хандон боз ба ҳикояташон афзуданд: – Медонед, дар замони Шӯравӣ овозаи ин мағоза сари забони оламиён буд. Ғайри шири мурғу ҷони одам дар он ҳама чиз ёфт мешуд.

Палто гирифтанӣ будам. Палто бисёр, беҳисоб, онҳоро яке паси дигар мепӯшидаму мебаровардам. Ба танам чен намеомаданд, хурдӣ мекарданд, калон, қопал. Духтараки мӯйзардаки хароби хушрӯе ҳамроҳам. Фурӯшанда будааст, аз як ғурфаи либосҳо ба ғурфаи дигар роҳнамунам мешуд. Вале ҳеҷ не, ки банда палтои табъи дил ёбад. Сабру тоқати духтарак намонд, дилгир шуд. Дигар ҳавсалаи ҳамроҳам гаштан надошт. Чеҳраи зебояш мисли ҳавои баҳор ғуборолуд, рафтанӣ буд, ки як палторо пӯшидам, маъқулам афтод, табъи ба дил, вале ба танам чен набуд, хурд.

– Гиред, амак, ҳамин палтоя гиред, – фурӯшанда намехост, ки онро ҳам аз тан бадар намоям. – Ба Худо ба шумо шинам, мезебад, – ӯ таъкид мекард.

– Хурд аст, нархаш ҳам хеле гарон.

– Як чӣ гӯям, амак.

– Хӯш, канӣ гӯед, шунавем, – назарам ба вай шуд.

– Ба чанд даромадед? – аз синну солам пурсон гашт.

– Солам аз шаст гузаштааст, – намедонам бо ин суолаш аз банда чӣ мехост.

– Он қадаре намонда будааст, – табъамро хира намуд.

– Чӣ кор кунам?

– Ҷон ғанимат гуфта, амакҷон, хӯред, пӯшед, пул ёфт мешавад, хӯрдану пӯшиданатон мемонад.

– Хайр, майлаш, гапи шумо шавад, пулро дареғ намедорам. Палторо мегирам, лекин бинед, дар танам чен нест-ку, – аз ӯ хафа шуда будам.

– Гуфтам-ку, амакҷон, пӯшиданатон мемонад. Худо медонад, ҳамин палторо медаронед ё не, – чеҳари ӯ кушода намегашт.

Дар дил ба ӯ мегуфтам: «Гапатро аз даҳонат шамол барад».

– Хурд аст, мегӯед? –дар лабони духтар ханда давид.

– Ҳа, хурд.

– Як чи гӯям намеранҷед? – бо ханда афзуд: – Дер не ҳамин сол палто ба шумо чен мешавад, як сол паси дигар ҳамин палто ба танатон калон мешавад. – Вай барои масхара кардани банда буд, ки хандида-хандида гап мезад.

– Нафаҳмидам, духтари нағз, чӣ хел палтои хурд ба танам чен, баъд калон ҳам мешудааст? – сабаби гуфтаҳояшро нафаҳмидам.

– Худатон гуфтед-ку, солатон аз шаст гузаштааст.

– Хайр, баъд чӣ? – Ҳайратам афзуд.

– Инсон баъди синну соли шумо афзоиш намеёбад. Дар тани амаки худам, ки ҳамсолатон аст, акнун ҳамаи либосҳо хурд шудаанд. Ҳа, ҳамин тавр, гиред палтоя, баъди як сол агар ҳамин гапам рост набарояд, ба ман раҳмат нагӯед, наздам биёед, пулатонро медиҳам, – гуфт ӯ.

Устод хомӯш монданд. Баъд сар боло карда рӯ ба банда оварданд:

– Бовар кунед, мулло Карорматулло, баъди ҳамон палто боз чанд палтои дигар пӯшидам. Ана, бинед, дар танам боз палтои нав, дирӯзак ҳамроҳи Фирӯзахон гирифтам. Худо хоҳад боз чанд палтои дигар мепӯшам. Зиндаам, ана мебинед-ку, ҳоло ҳам ҳастам, – устод боз ҳамин суханашонро такрор намуда аз ҷой бархостанд: – Хайр, мулло Карорматулло, акнун ба ман ҷавоб, меравам, – гуфтанд ва медидам, ки рӯ ба тарафи дар мерафтанд.

АФСӮС, САД АФСӮС

Ҳар сол дар зимистон рухсатии меҳнатӣ мегирам, дар деҳа мегузаранд рӯзҳои рухсатиам. Менависам, дам мегирам. Ҳамин рӯзҳо ҳам рӯзҳои рухсатиам аст. Гоҳе ба идора меоям. Рӯзи 14-уми январ, чоршанбеи гузашта ҳам ба ҷои кор омада будам, як ҳикоя овардам, «Турбаи гадоӣ» дар ҳамон шумора чоп шуд. Дар ҳуҷраам будам, ки котиби масъули ҳафтанома, нависанда Амирхон Аҳмадхонов ба наздам даромада гуфт, ки барои ҳикоя ҷой мондаанд ва баъд пурсид: «Ака, таъзияро дар ҳамин шумора диҳем?»

– Чӣ хел таъзия? – парешон шудам.

– Одина Мирак гузаштанд.

Хабари нохӯш шунидам. Ба Абдулҳамид Самад занг задам.

– Ҳа, Одина Мирак дирӯз гузашта буд, – ва афзуд: – Занг задам, нашуд, баъд дар деҳа ки будӣ, ташвиш надиҳем, гуфтам.

Бо Одина Мирак дӯстони дерин будем. Як воқеае боис шуд, ки ҳамдигарро бори аввал бубинем. Дар деҳаи Оқчакмани ҷамоати деҳоти Роҳатӣ муаллим будам. Дар мактаб яке аз шогирдон мақоланависиро ёд гирифта буд. Бештар аз камбуду норасоиҳо менавишт. Ба шарафи Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар мактаб маҷлис гузарондем. Аз муаллими кӯҳансол, иштирокчии ҷанг А.Маҳкамов хоҳиш кардем, ки дар назди хонандагон хотираҳояшро нақл кунанд. Муаллим гоҳ-гоҳе май менӯшиданд, нӯшиданро дӯст медоштанд. Аз афташ, як хотираашон ба ёдашон расид, ки ба нақл сар карданд. Гуфтанд, ки армияи мо шаҳрҳои душманро яке паси дигар фатҳ мекард. Ба шаҳре даромада, ба ҷое расидаанд, ки дар рӯи ҳавлӣ бочкаҳои калон-калон беҳисоб. Аз онҳо бӯи арақ меомада. Аввалин шуда муаллим ҷониби яки онҳо чанд тир кушоданд. Ба қавли муаллим, хушбахтиро бинед, ки аз ҷойҳои сӯрохшудаи бочка арақ фаввора задааст. Муаллим ва нафарони бисёре бо навбат фук ба фавворaҳо мондаанд. Кулоҳу обдонҳоро аз арақ пур кардаанд. «Чӣ хурсандие!»-гуфта муаллим бо даҳони пурханда нақлашонро анҷом доданд.

Шогирди мухбирамон ҳамин нақли муаллимро навишта ба рӯзномаи онвақтаи «Тоҷикистони советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») фиристодааст. Он вақт мақолаҳои танқидиро ҳатман тафтиш мекарданд. Аз рӯзнома Одина Мирак ба мактаб омад. Ӯ ҳам маро ғоибан мешинохтааст, чанд ҳикоя, мақолаҳоямро хонда будааст. Дар мактаб шинос шудем. Бо муаллим Маҳкамов, ки бисёр инсони хуб ва донишманд буданд, суҳбат кард. Хоҳиш кардем, мақола чоп нашавад.

– Ту, Карроматулло, дар ҷои ангур мезиӣ, ғами моро ҳам намехӯрӣ?-хандид Одина Мирак.

– Чӣ кор кунам?

– Ду-се токи ангур лозим.

– Муаллимро гӯед, ангурпарваранд, боғ доранд.

– Гумаш кун, худат боғ надорӣ?

– Боғи калон дорем, ниҳоли ток меёбам, аммо мехоҳам, худи муаллим Маҳкамов ба ҳавлиатон бурда шинонанд, баъд нигоҳубин кунанд.

Ҳоло солҳои сол аст, ки он токҳо дар ҳавлии Одина Мирак сарсабзанд, ҳосил медиҳанд.

Баъд бо Одина Мирак дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» ҳамкор шудем. Дар нашриёти «Адиб» ҳамкориамон беш аз 14 сол давом ёфт. Банда директори нашриёт будаму ӯ мудири шуъба. Дӯстони меҳрубон будем. Баъд ӯ ба нафақа баромад, гоҳе назди банда, ки сармуҳаррири ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» аст, меомад. Шеърҳояшро меовард, як шоири намоён, дар тамоми ҷумҳурӣ маълуму машҳур буд.

Инак, он рӯз хабари маргашро шунидам. Бо Амирхон дар хаёли таъзия будем, ки шоири маъруф, бародари наздикамон Сайидалӣ Маъмур ба ҳуҷраам даромаданд. Он кас ҳам бо Одина Мирак дар нашриёти «Адиб» кор мекарданд, аз маргаш таассуф хӯрда гуфтанд, таъзияномаро худашон менависанд барои шумораи оянда.

Навиштаҳои банда ҳам ҳоло бо таъзиянома ҳамроҳ чоп шудаанд. Афсӯс, ҳазор афсӯс мехӯрам, ки аз дӯсти азизу як бародари меҳрубон мондем. Афсӯс...

АЗ ШАБИ СИЁҲ ТО РӮЗИ РАВШАН

Очерк

Зиёратшоҳ пас аз адои намози таробеҳ (шаби аввали моҳи шарифи Рамазон буд) аз масҷид чапасар сӯи хонааш баргашт. Ва оҷилан дарвозаро маҳкам кард, аз дарун қулф андохт, чароғҳои пешайвон ва хонаҳоро хомӯш сохт. Ҳавлӣ дар оғӯши торикӣ монд, шаҳракаи Нуробод ҳам кайҳо ба коми дави сияҳ-торикӣ фурӯ афтода буд. Олам торикистон. Чандест мардум ҳамин хел рӯзу рӯшноӣ доранд, бармаҳал чароғҳоро хомӯш карда, дару дарвозаҳоро мебанданд. Ҳамаи ин тадбирҳо аз ҳарос. Ҳаросашон аз силоҳдорон. Шаҳраки Нуробод аз онҳо пур шудааст. Ва як дастаи нав пайдо шудааст, ки аз ҳама бераҳм, хуношом, хунхор. Ба кадом даре қадам монанд, аҳли он қир мешаванд, одам мепаронанд, ғорат мекунанд, то мехҳои танаи деворҳоро канда мебаранд, фиғони мардум аз дасти ин гурӯҳи силоҳдорон ба осмон, сардору роҳнамояшон як марди ба ном Мулло, Мулло ким-кӣ. Ба номи мулло истод мардум дар ҳарос.

Аз бағали шавҳар зани ӯро мебурданд, духтаронро соҳиб мешуданд, бетурҳу бесатр мекарданд. Лек ку ҷуръате, ки лом гӯӣ. Наметавонистанд, забонҳо ях баста. Мардум пеши онҳо зорӣ доштанду зӯрӣ не.

Дар хонадони Зиёратшоҳ аз ҳама беш кампири модари ӯ дар тарсу ҳарос афтода буд. Ҳаросаш аз тарси Зиёратшоҳ. Модар ба ҳар тори мӯи фарзандаш меларзид.

– Бачаҳом, дару паҳлуҳотона маҳкам карде?-Намози аср нашуда модар ба ташвиш меафтод. – Маҳкам куне, қулф андозе. Ба рӯи ягон бандазоти Худо дартона накушое, дар баста, боло баста, ҳуштона ба сар бигире, бачаҳом, ҳушёр шаве, – таъкиди андар таъкид мекард модар ба хурду резаи хона. Фикру зикраш фақат ба дару дарвоза. Ва шоҳид шуда буд, ки ҳафтаи гузашта зану бачаҳои як ҳамсоя нафаҳмида дарро ба рӯи силоҳдорон кушода ба чӣ аҳволе афтоданд. Ягона фарзанди онҳоро, ки ҳамон рӯз аз хизматгорӣ, аз Русия баргашта буд, аз хона бароварда бурданд. Тақ-тақки дарвоза, куфта шудани онро бисёр бад медид модар, аз ваҳму воҳима дилаш хун мегашт.

Вале чи мекунед, ки дар айни хоб, қарори пои мардум дарвозаи худи онҳо он шаб куфта шуд, бо сангу чӯб мезаданд дарвозаро. Садои тақ-тақи дарвозаро дар хонадони Зиёратшоҳ аз ҳама аввал модар, ки гӯш ба қимор мехуфт, шунид. Талхакаф шуда аз ҷой бархост, тараи хонаи хоби ҷигарбандаш Зиёратшоҳ давид.

– Мешунаве?! – Модар аз тарс ба по истода наметавонист, таб гирифта ӯро, ки сар то қадамаш меларзид.

– Чӣ гап шудааст, оча?!-Зиёратшоҳ, ки баъди аз масҷид омадан, аз фикру хаёли зиёд хобаш намебурд, аз ҷойгаҳ бархост.

– Омаданд!

– Кӣ? Кӣ омадааст? – Зиёратшоҳ ба гапу ҳарфи модар сарфаҳм намерафт.

– Гӯш кун, дар паси даранд, дарро тарақ-тарақ зада истодаанд. Шунидӣ?

– Ҳа, оча, мешунавам.

– Пинҳон шав, ё аз сари девор бупар, хонаи ҳамсоя гузар, гурез.

– Зиёратшоҳ, ҳой Зиёратшоҳ!-овоз баланд ва боз балантар мешуд.

– Набуро.

– Зиёратшоҳ мегӯянд, оча, овози шинос...

– Бовар накун, ҳамин хел шиносҳоро ба байн меандозанд, набуро мегӯям.

– Хайр ту буро, – аз завҷааш хоҳиш кард Зиёратшоҳ, – даро кушо, фаҳм, ки кӣ аст.

– Зиёратшоҳ нест гӯй, Роғун рафта буд гӯй, – модар ба келин гап ёд дода худаш пеши дарро гирифт, Зиёратшоҳро панаҳ кард.

Бо занҷири дарро кушодан зани Зиёратшоҳ се нафар пасопеш бесаломуалайк худро ба даруни хона заданд. Яки онҳо пеш-пеш даромад, марди миёнасол буд. «Зиёратшоҳ! Оҳой Зиёратшоҳ!» – ӯ бо доду мағал дару девори ҳавлиро ба сар бардошта, тарафи хонаи хоби Зиёратшоҳ мешитофт.

– Гуфтам-ку, ака, Зиёратшоҳ нест, Роғун рафтааст, наомадааст, наход шумо ба одам бовар накунед, вай нест, – завҷаи Зиёратшоҳ худашро хурда мардро аз роҳ гардондан мехост.

– Дурӯғ мегӯӣ, янга, вай ҳамин ҷо, дар хона, вай ба мо лозим, мо вайро мебарем.

– Мебаре?!

– Ҳа, янга, шута мебарем.

– Чӣ мегуве? Бачама мебаре? Шумоҳо кисте? Ай куҷое, – модари Зиёратшоҳ бо шунидани «Зиёратшоҳро мебарем» бо тарсу ҳарос аз хона берун давид.

– Чӣ мекунем, мегӯе? Мебарем мегӯе бачама?

«Акаи Сайидакбар?» – ба гӯши Зиёратшоҳ овози шинос расида худаш аз хона баромад.

– Зиёратшоҳ?!

– Акаи Сайидакбарӣ?

– Қоил кардӣ, ба Худо қоил кардӣ, Зиёратшоҳ, буҷо шудӣ? Айб аст, айб...

Зиёратшоҳ бо марди миёнасол, ки «акаи Сайидакбар» гуфта буд, вохӯрда дар миёни ҳавлӣ ҳамроҳаш дуру дароз дар гуфтугӯ шуд. Гапашон намепухт, «Не, ака, ман намеравам, бахшиш мехоҳам, наметавонам, худат ба онҳо фаҳмон». «Ту бача, мегум, ақлта хурдӣ-чӣ? Мефаҳмӣ аз куҷо ба сари ту омадам? Боз дар шавӣ, боз дар ин роҳҳо... Ба онҳо рафта чӣ мегӯям? Гӯям, ки наомад?»

– Ҳа, ҳамин тавр гӯй.

– Ягон гапи зарур баромада будагист, ки ба сари ту роҳӣ карданд. Ба Худо ҳоли ҳамаашон дар хонаанд, чашм ба роҳи ту.

– Чӣ гап доранд? Худат нафаҳмидӣ, ака?

– Намедонам, онҳо ҳама саркарда, одамони ҳукумат, «Ба Зиёратшоҳ чӣ гап доре?» пурсида наметавонам. Худат фикр кун.

– Рост мегӯӣ, ака, лекин худат фаҳм, дар ин нисфишабӣ...

– Гапа кам кун, ба Худо хоҳӣ нахоҳӣ мебаремта, бозорӣ ҳам мебаремта,

бозӯрӣ ҳам – ва нигоҳаш ба он ду марди барои Зиёратшоҳ ношиноси ҳамроҳонаш рафт. Бо қатъият мегуфт ин суханҳоро акаи Сайидакбар. Зиёратшоҳ ноилоҷ монд. Назди завҷа ва модараш баргашт. Лек ба модар гап фаҳмонда наметавонист.

– Ба ҳеҷ куҷо намеравӣ, бачам, ҳамааш дурӯғ, гапҳое ки ба ақл рост намебиёя, корсозӣ, бачаи бисёр надорам.

– Меравам, оча.

– Нарав, ҳеҷ куҷо нарав, гапма нагардон...

– Ту чӣ мегӯӣ? – Аз завҷааш маслиҳат пурсид Зиёратшоҳ... Ӯ дар фикр монда буд. Одамонеро, ки акаи Сайидакбар будааст, ӯ медонист, нону намакхӯранд бо ҳамдигар, ҳар гоҳе меҳмонашон шаванд, «янгаҷон», гуфта намедонанд бо кадом забон ӯ ва кӯдаконашро меҳурбонӣ ва пурсупос намоянд. Одамони маълуму машҳури диёрашон, дар ин рӯзҳои сахт ҳама такя ба онҳо доранд.

– Рост мегуфта бошад акаи Сайидакбар... – дудила шуда буд завҷаи Зиёратшоҳ.

– Дурӯғай, ҳамааш дурӯғ, дар ин шаву рӯз ба ҳеҷ кас бовар карда намешава. Агар рост гӯя шав саҳар намешава? Нарав, бачам, нарав, – дили модар намешуд, ки фарзандаш дар шаби тор аз хона равад.

– Зиёратшоҳ, гапа кам кун, биё, дер шуд, дер, – овози акаи Сайидакбар баланд шуд, бетоқатӣ дошт ӯ.

– Куҷо мебаре бачама?

– Оча...

– Нарав.

– Меравам. – Гуфт Зиёратшоҳ, либосҳояшро пурсид аз завҷааш. Палто пӯшид, телпакашро аз дасти модари фарзандонаш гирифт, «хайр» гуфт.

Модар ва завҷааш аз паси Зиёратшоҳ баромаданд. Дар паси дарвоза мошин меистод. Ба қавли модар, мошини сиёҳи бадвоҳима. Дари мошинро кушоданд. Зиёратшоҳ ба мошин даромад. Акаи Сайидакбар ва ҳамроҳонаш ҳам дар мошин ҷой гирифтанд. Мошин ба дили торикӣ даромада рӯ ба роҳ гашт. Дур мешуд он. Садояш ношунаво ва равшаниаш нопадид гашт. Вале назари модар ва завҷаи Зиёратшоҳ ба роҳи рафтаи мошин буд.

– Бачама бурданд, – модар оҳи бадард кашид.

Мошин қад-қади дарё мерафт, гӯё ҳамсафари дарё буд. Роҳҳои пурхаму пурпечутоб пеш омад. Кабудҷар сар шуда, роҳи бисёр ваҳмовар, хавфнок. Роҳе, ки дар дили инсонҳо асрҳои аср тухми ғаму алам мекорад, фоҷиаҳо меорад. Санг меояд аз болои сар, хоку қум, лой мелағжад, роҳ аз таги пой меравад. Дар поён дарё, дарёи бетаг, пурталотуми Вахш, мисли деви афсонавӣ, деви одамхур. Одамон бо улав, бо бору бун, бо мошин ба коми он мераванд, гум беномунишон мешаванд...

Вале ҳоло хаёли Зиёратшоҳ ба ин роҳи пурхавфу хатар, ба роҳи аҷал, ба Кабудҷар набуд. Хавфи ӯ аз ҳамҷинсон, аз одамон. Ҳатто хавфаш аз дӯст – рафиқи деринааш, аз акаи Сайидакбар, аз ҳамроҳони ӯ. Ӯ ҳанӯз намедонад, ки акаи Сайидакбар вайро ба куҷо мебарад, намедонад, ки вай рост мегӯяд ё дурӯғ. Рост мегӯяд модар, рӯзҳое расида, ки одамон дар либоси дӯст ҳамдигарро ба дами аҷал мекашанд, хиёнат мекунанд, бовар кардан душвор.

Аз Кабудҷар гузашта чун ба роҳҳои тахту ҳамвор расиданд, тарсу ҳароси Зиёратшоҳ зиёдтар шуд. Қарибе сари ҳар қадам одамони силоҳдор, ба ном муҷоҳидин ё фронти халқӣ. Ҳар ду ҷониб ҳам ба мардум намефоранд, одамони силоҳдор хурандаи ҷони ҳама шуда. Чи зайл акаи Сайидакбар аз миёни ин қадар силоҳдорон, дидбонгоҳҳои беҳисоб гузашта аз Душанбе ба Дарбанд омадааст? Чӣ зайл ба инҳо забон ёфтааст? Намедонад, на, фикр ҳам карда наметавонад. Чӣ сирре ин ҷо ниҳон бошад? Кист ин акаи Сайидакбар? Дар дидбонгоҳҳо, ки сари ҳар қадам мавҷуд буданд, силоҳдорон мошинро нигоҳ медоштанд, акаи Сайидакбар мефуромад, дергоҳ бо силоҳдорҳо дар суҳбат мешуд, чи гап мегуфт, намегуфт бо онҳо, ки ҷавоб медоданд. Аммо дар ёди Зиёратшоҳ мондааст, ки дар дидбонгоҳи деҳаи Кумоч онҳоро хело дер нигоҳ доштанд. Аз даруни мошин мешунид, ки гапу ҳарф байни акаи Сайидакбар ва силоҳдорон тӯл меёфт. Баландгапӣ мешуд, ҷанҷол. Бо забони ғайр ҳарф мезаданд, онҳо зархарид, хориҷиҳо буданд. Нофаҳмӣ. Рақами мошини акаи Сайидакбар, аниқтар он мошини раиси Кумитаи давлатии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зайд Саидов, азони бародари акаи Сайидакбар, рақамаш РТ 309. Ҳукуматро намеписандидаанд ва онҳоро меҷустаанд. Акаи Сайидакбарро яке аз роҳбарони ҳукумат пиндоштаанд. Ӯро пешандоз карданд, ронандаро ҳам аз мошин фуровардан. Ва хайрият шуда буд, ки ба даруни мошин сар нахалонданд. Вагарна одами давлатии гумонбаршудаашонро дар даруни он меёфтанд. Ба Зиёратшоҳ фармуда будаанд, ки дар либоси расмӣ ба Душанбе биояд, галстук ҳам баста буд, гумонашон рост мебаромад, шояд акаи Сайидакбарро, ки дар бар ҷома ва ҷелак дошт ва салла ҳам баста буд, гузошта вайро медоштанд.

Аз миён лаҳзаҳо, дақиқаҳо мисли сол мегузаштанд. Дар хаёли Зиёратшоҳ, ки ҳоло ба сари ӯ меоянд, ба даст меғалтад. Тарсу ҳароси модараш бечо набуд. Ниҳоят аввал ронанда баъд акаи Сайидакбар баргашт. Акаи Сайидакбар дар лаҳзаҳои охири гуфтугӯ бо силоҳдорон, ки куштаниаш мебурданд, забон ёфтааст. Акаи Сайидакбар ҳамин хел одаме буд, ки Худо ба ӯ забон дода. Забони ширин, гапдониаш дар зиндагӣ ҳамеша ба вай роҳкушо буд. Руҳаш шод бод.

Мошин ба шаҳраки Орҷоникидзеобод, ҳоло Ваҳдат, баъд ба роҳи Душанбе даромад. Зиёратшоҳ андаке худро осуда ҳис кард. Ба хаёл афтод, ки гумонҳояш беҳуда будаанд. Хуб гуфтаанд, ки гумон одамро аз эмин ҷудо мекунад. Акаи Сайидакбар рост мегуфтааст. Ҳангоме, ки шаб қариб ба саҳар меомад вав барф аз боридан монда буд. Ба Душанбе расиданд. Акаи Сайидакбар дасташро ба китфи Зиёратшоҳ гузошт.

– Тарсидӣ? – Табассум мекард ӯ.

– Наметарсӣ? Дидӣ-ку дар он тарафҳои мо чи гапу чи хабар. Ба Худо агар худат намебудӣ ҳамаамонро мекуштанд, ҳоло ҳам ларзаи дилам намондааст.

– Рост мегӯӣ, Зиёратшоҳ, ҳамаи гапҳоят ростанд.

Акаи Сайидакбар гуфта буд, ки дар Душанбе дар ҳавлии Зайд Саидов ӯро интизоранд. Ҳамин тавр будааст. Дари ҳавлиро худи Зайд Саидов кушод. Ба меҳмонхона даромаданд.

– Овардӣ? – Ҳозирон дар меҳмонхон гӯё аз акаи Сайидакбар изҳори миннатдорӣ мекарданд.

– Бо як азобе.

– Гуфта будем-ку Зиёратшоҳро худат оварда метавонӣ.

– Бо як азобе, – боз такрор намуд.

– ташаккур, хизмат кардӣ, ба Худо бовар надоштем, ки рафта омада метавонӣ, офарин! – Ҳозирон вазъияти роҳро дар он шабу рӯз дар назар доштанд.

Дар ҳақиқат шаб ба саҳар меомаду дӯстон ӯро интизор буданд. Ҳамонҳое, ки акаи Сайидакбар ном бурда буд, аммо ба ҷуз Шукурҷон Зуҳуров ва Маҳмадшариф Толибов. Онҳо андаке пештар рафтаанд. Пагоҳӣ дар ҷои дигар ӯро диданӣ будаанд. Ба ӯ чӣ мегуфта бошанд? Чӣ зарурияте шуда?

Назди меҳмонон боз дастурхон густурданд, нону чой, хӯрок оварданд. Баъд суҳбат сари вазъи нохуши дар он рӯзҳо дар водии Рашт ҷойдошта сар шуд, суҳбат аз вазъи нохуши Нуробод-Дарбанд.

Бедодиҳо дар ин ҷо ба авҷи фалак, талаву тороҷ, хунрезӣ, куштор. Ноҳия қарибе, ки ба тамом зери тасарруфи силоҳдорон монда. Раиси ноҳия дар ин ҷо зиста натавониста. Мардум бемутако, бероҳбар, бесарбон, ҳама ба ҳоли худ, касе ба доди онҳо намерасид. Ба мисле водӣ аз мамлакат ҷудо, миёни торикии пурдаҳшат монда. Ин ҳол фарзанди бонангу номуси ин мулк ва аз ҳама бештар сардори давлат, Президенти мамлакатро ба ташвиш оварда. Фарзандони бономунишони водӣ ба ҳузури Президент даъват шуда, роҳу тадбири аз силоҳдорон озод шудани ин қаламрави ҷумҳуриро меҷустанд. Ва ҳамон шаб, оҷилан ба Душанбе оварда шудани Зиёратшоҳ бегап набуда, маслиҳат карда будаанд. Зиёратшоҳ ҳамон пагоҳӣ бояд ба ҳузури Президент ҳозир мешудааст.

– Барои ҳамин Зиёратшоҳ, туро кофта ёфта овардем. – Зайд Саидов аз номи аҳли меҳмонхона мақсадашонро ба Зиёратшоҳ фаҳмонд.

– Фаҳмидам, лекин ман чӣ кор метавонам? – Зиёратшоҳ ҳайрон буд.

– Раис мешавӣ, раиси ноҳия.

– Ба куштан медиҳемта гӯед, раҳмат бародарҳо. Ҳоло бачаҳоям хурданд, кампири модарам ҳастанд. Солҳое, ки мамлакат тинҷу осуда буд, барои вазифа кушокушӣ мекарданд, ба хотир наомадам, ҳоло ки ҳама аз вазифа безоранд, «кушетон ҳам вазифа намегирем», мегӯянд, маро «раис шав», мегӯед. Не, бародарҳо, худатон раис шудан гиред, маро ба бало намонед.

– Номзадии ту қабул шудааст.

– Кӣ қабул кардааст?

– Худашон, Президент, пагоҳ туро қабул мекунанд, масъала пухтагӣ, гапи Президентро ҳам не мегӯӣ?

Баъди шунидани хабари ӯро ба ҳузур пазируфтани Президенти мамлакат рӯҳияаш тағйир ёфт, ба фикр ғалтид.

– Агар шӯхӣ намекарда рост мегуфта бошетон, наздашон медароям, узрамро мегӯям, мегӯям, ки ҳазор ташаккур, Ҷаноби Олӣ, кӯдаконам хурданд, модарам ҳастанд.

– Чӣ худи Ҷаноби Олӣ модар надоранд? Фарзанд ба модари он кас азиз нест? Худат як фикр кун, худи Президент дар чи ҳолат баъди Иҷлосияи VI Шурои Олӣ ба Душанбе омада буданд. Сари ҳар қадам дар шаҳр силоҳдорон, гурӯҳҳо буданд. Ҳатто як нафар, ки ӯро ҳамаамон медонем ва чи хеле

мегӯянд дар чор дарвозаи Бухоро маълум аст, дар ҳамон иҷлосия «пешгӯй» карда буд: «Ин бача беҳуда вазифаро қабул кард, дер намепояд».

– Ҷаноби Олиро монда гап занед, ба ҷасораташон ҳама қоиланд, ҳеҷ кас мисли он кас шуда наметавонад.

– Ту ҳам мард ҳастӣ, чи хеле мегӯянд, марди чор кас медидагӣ, бо тану тӯш, ҳузарб, ба Худо се-чор касро тан наметеӣ, худат гӯй: ба ту чӣ намерасад, беҳуда бачаҳо туро ба ин вазифа муносиб надонистаанд. Вазифаро қабул кун, ёрӣ мерасонем, бо ҳам мешавем.

– Наметавонам, ба Худо мекушанд, ҳамаатон медонед.

– Чиро медонем?

– Мулло, Муллорро намедонед?

– Ӯро ба ҳисоб гирифтаанд. Он тарафашро ҳукумат, Ҷаноби Олӣ ҳал мекунанд. Вай ташвиши ҳама аст, ташвиши мамлакат аст.

– Худо насиб овардааст, агар бо Ҷаноби Олӣ вохӯрам, вазъиятро мегӯям, хоҳиш мекунам, «наметавонам», мегӯям.

– Айб мешавад барои ҳамаамон, барои фарзандони водӣ, барои мардум, мо худамон ғами маҳаллаамон, ғами мардумамонро хӯрем, метарсем нагӯем, ақиб нагардем, нагурезем.

– Ман чӣ кор карда метавонам?...

Ҳамин хел суҳбат, гуфтугӯ байни Зиёратшоҳ ва аҳли меҳмонхон давом меёфт. Зиёратшоҳ ба хулосае намеомад, «ҳа» намегуфт.

* * *

Саҳар омад. Барф аз боридан монда бошад ҳам, ҳаво сард, нурҳои офтоб гӯё заҳр, хунукӣ мерехтанд. Одамон рӯ-рӯи барф, яхпораҳо роҳ мерафтанд. Мошинҳо дар кӯчаҳои шаҳр базӯр меҷунбиданд. Мелағжиданд, дум ба дум қатор, ҳамел мешуданд. Чанд нафар шиносҳо, дӯстон ҳамроҳи Зиёратштоҳ то таги дари бинои Ҳукумати Тоҷикистон омаданд. Дар ин ҷо ба номи Зиёратшоҳ рухсатнома навишта шуда будааст. Пазироиаш карданд. Дар дохили бино, дар долон Шукурҷон Зуҳуров, Маҳмадшариф Толибов ӯро интизор буданд.

– Омадӣ, Зиёратшоҳ? – Гуфт Шукурҷон Зуҳуров.

– Маслиҳат шудагӣ, – афзуд Маҳмадшариф Толибовю

– Бовар кунед, ба Худо наметавонам.

– Корҳо нағз мешавад, ҳамроҳат ҳастем, бо ҳам мешавем.

– Шумо намедонед, вазъият бад аст, мекушанд.

– Дар назди Ҷаноби Олӣ ин хел гапҳоро нагӯй, гап тамом, бас!

Дар ҳузури мушовири давлатии Президенти ҷумҳурӣ оид ба сиёсати кадрҳо ҳуҷҷатҳояшро омода сохта будаанд. Вале аз фикри Зиёратшоҳ огоҳ шуда ба ташвиш афтоданд. «Дар назди Ҷаноби Олӣ ин гапҳоро нагӯед, «раис намешавам», нагӯед», Амиршоҳ Миралиев ба такрор таъкид карда ҳуҷҷатҳои Зиёратшоҳ дар даст пеш-пеши ӯ рӯ ба қабулгоҳи сарвари давлат мерафт. Аммо дар дили Зиёратшоҳ ҳанӯз ҳарос, ҳодисаи нангини аз дасти силоҳдорон ваҳшиёна кушта шудани раиси ноҳияи Рашт ба хотираш мезад. Ҳодисаи пурдаҳшат буд. Фоҷиа.

Аммо чун бо чеҳраи пуртабассум мисли шиноси дерин «Зиёратшоҳ

аҳволҳо чӣ тавр? Омадед? Хуб кардед», гуфта Президент меҳрубонона ҷонибаш даст дароз кард, андешаҳояш аз хаёлаш рафтанд. Дар он лаҳзаҳо ӯ танҳо Президенти мамлакатро медид ва ҳушу гӯшаш ба суханҳои эшон шуда буд.

– Шинед, Зиёратшоҳ, – Президент ӯро ба нишастан таклиф кард. Ва баъд ҳуҷҷатҳои вайро даст гирифт. Ва дергоҳ аз болои навиштаҳо, аз рӯи ҳолномаи Зиёратшоҳ чашм намеканд.

– Чандсола шудед? – Ва худ давом намуд: – Айни ҷавонӣ-а? – ба табъи дили Зиёратшоҳ ҳарф овард Президент.

– Ҳа, Ҷаноби Олӣ, – боз ба хотираш мақсади ба ин ҷо даъват шуданаш расид, – фарзандҳо ҳоло хурданд, баъд модарам ҳастанд.

– Мо ҳам модар дорем, фарзандон ҳастанд, кор кардан лозим. – Президент таги гапи Зиёратшоҳро фаҳмида давом намуд: – Вазъият хуб нест-а?

– Бале, Ҷаноби Олӣ, аҳвол бисёр бад. Аз дасти Мулло, бачаҳояш ҳама ба дод омадаанд. Мардум рӯз надоранд.

– Медонам, маълум. Ба фикри шумо ба ҳолаш мондан гирем? Кордор нашавем. Шумо чӣ мегӯед?

– Задан лозим.

– Бале рост гуфтед. Метавонем?

– Метавонем, Ҷаноби Олӣ. – Аз гуфтаҳои Президент руҳ гирифта буд Зиёратшоҳ.

– Бачаҳо гуфта буданд, Зиёратшоҳ, метавонед, ҷасорат ҳаст, ғайрат ҳаст, ҳукумат мешавад, ҳама чӣ мешавад, ёрдам мерасонем.

– Ташаккур, Ҷаноби Олӣ, бовариатонро ба ҷо меорам, – Зиёратшоҳ миннатдорона дастҳо пеши бар аз ҷой бархост. Ӯ фикру ақида ва андешаҳои чанд лаҳза пеш дар дилу ботин доштаашро аз хотир бароварда бо боварӣ «кор карда метавонам», гуфт.

– Барор мехоҳам Зиёратшоҳ, муваффақият! – Дасти Президент аз нав тарафи Зиёратшоҳ дароз шуд. Дасти Зиёратшоҳро фушурд Президент.

* * *

Маслиҳат шуда, ки Зиёратшоҳ аз Душанбе ба Дарбанд бо мошини акаи Сайидакбар барнамегардад. Дар он шаби ба Душанбе омадан силоҳбадастон онҳоро бо ҳам дида буданд. Дар баргашт ҳам ҳамроҳ бинанд, гумонбар мешаванд, зинда намегузоранд. Барои ба Дарбанд баргаштани ӯ мошини дигар ёфтанд. Боз як шиноси худи Зиёратшоҳ. Ӯ дар он бегоҳирӯзии сарди зимистон, ки боз барф меомад, дар сабукрави шиносаш ба ноҳия бармегашт. Вай акнун соҳибвазифа, раиси ноҳияи Дарбанд. Дар ҷайб фармон дорад, фармон бо имзои Президенти мамлакат. Ҳеҷ гоҳ хаёл надошт, ӯ дар ноҳия раис мешавад, орзу ҳам намепарварид дар дил. Ӯ фарзанди ҳамин маҳал, ҳамин ҷо ба дунё омадааст, мактаби миёнаи ҳамин шаҳракро хатм кардааст, хизмати Ватанро ба ҷо оварда дар донишкадаи олии аграрии ҷумҳурӣ таҳсил кардааст, соҳиби маълумоти олӣ гашта боз дар ноҳия кор кардааст. Солҳои нооромӣ, нотинҷӣ дар идораи барномаи рушди водии Рашт, ки бо ҳидояти яке аз фарзандони баруманди ҷумҳурӣ, узви комиссияи оштии миллӣ Шукурҷон Зуҳуров дар ҳамкорӣ бо хориҷиён таъсис ёфта буд, фаъолият на-

мудааст, бо дили соф, тиннати пок кор кардааст.

Ҳоло Зиёратшоҳ раиси ноҳия, ба хаёлаш, ки аз ин мужда ба ҷуз худи ӯ ва чанд нафар дӯстони дигар касе огоҳ нест. Вале саҳв карда будааст, дар роҳ аз Файзобод то дохили ноҳия дар ҳамаи дидбонгоҳҳо силоҳдорон мошини онҳоро маън мекарданд. Раиси ноҳия таъйин шудани Зиёратшоҳро медонистанд. Ӯ дар ҳайрат буд, ки онҳо ин қадар зуд ин хабарро аз куҷо фаҳмидаанд, чӣ тавр? Рост мегуфтаанд, ки ҳар қадами ҳар кас мемондаро медонистаанд, одамони онҳо дар ҳама ҷо будаанд. Аз ин ҷиҳат душвор, хело душвор. Раиси ноҳия шудани Зиёратшоҳ аллакай маълумашон гашта. Суҳбатҳои силоҳдорон бо ӯ нописандона, бисёр дағалона сурат мегирифт, ғазаби Зиёратшоҳ меомад, ноилоҷ мемонд.

Ӯро аз мошин фуроварда «пеш даро, раис, ҳа, қадам мон, зуд! Назди сардор меравем, интизоранд. Табрик мекунанд, муборакбод мегӯянд. Ҳа, чӣ гуфтам, нашунидӣ? Роҳ гард, раис!» фармоиш мешунид, таҳқир, ҳа, таҳқир мекарданд, ҷонаш ба лаб меомад. «Чӣ нописандие, раиси ноҳияро «фуро, тез, зуд-зуд қадам мон!» фармон медоданд. Сардорашон кӣ? Кадом як ношуд, ҷиноятпеша, тарбиятнодида, фукаш ба осмон, худоношинос. Медонадашон, мешиносад. Дар вақташ бо баъзеашон гапи Зиёратшоҳ гурехта буд, ҷанҷол ҳам шуда буданд.

Якеаш Сироҷи ландаҳур. Вақти гови ҳамсояро дуздида аз дарвоза баровардан Зиёратшоҳ ӯро дошта буд. Ҷанҷоли зиёде хест, ҷанҷолу харҳаша то дари идораҳои суду милисаҳо кашид. Дар ҳама ҷо Зиёратшоҳ ба дуздии ӯ шоҳидӣ дод, аз гапаш нагашт. Ана аз ҳамон рӯзҳо ин одам ба Зиёратшоҳ душманоӣ, дандон дорад. Ҳоло ба гуфтаи баъзеҳо ӯ як шахсияти намоён. Маслиҳатчӣ, дасти рости Мулло, муҳофизаш. Аллакай се бор мешавад, ки ӯ сари роҳи Зиёратшоҳро мегирад. Автомат дар китф, шамшер дар миён рӯ ба Зиёратшоҳ истода тапончаашро миёни ангуштон бозӣ медоронад. Гап мекобад, баҳона меҷӯяд...

Ҳангоми «пеш даро, гузар, раис, фаҳмидӣ, сардор интизорат, табрикут мекуна, мунгулӣ мехӯрӣ, ҳа, роҳ гард, раис!» фармоиш шунидан Зиёратшоҳ тоб наовард, тоқат накард. Дар ҷавоб гуфт: «Бас кун, ин хел фармоишҳоро ба ман нате, сардоратро бигӯ худаш назди ман ояд». Кистанд инҳо, ки ба раиси ноҳия фармон медиҳанд. Ҳаёташ зери хатар монд «Бас кун,тавба кардам, гӯй! Агар «не» бигӯӣ ба номи Худованди таъоло мепаронам! Наметавонам? Ҳа, мард бошӣ наметавонӣ гӯй! «Намеравам» гӯй!»

Ноилоҷ бо ҳазор андеша лаб зери дандон ҷониби ҳуҷраи сардор қадам монд. Ва ба сардор ҳам хуш наомад ӯ. Муомилааш дурашт, гапу ҳарфҳояш такдор.

– Раис шудӣ? Ба чанд рӯза? Ба Худо ба хотири як гапи Мулло ҷонут дар амонай. Ҳоли напаронеша гуфт. Ба муна боша аз сад ҷунут як ҷунут намераҳа. Худум мепаронумта. Шунидӣ чӣ гуфтумут?

– Шунидам, – Зиёратшоҳ ҳам ҷавоби такдор гардонд.

Ҳамин тариқ дар ҳолати бисёр асабоният, дар ҳоле ки роҳ ба роҳ таҳқри шуда буд, фармони раиси ноҳия таъйин шуданаш дар ҷайб қариби ними шаб аз дари ҳавлӣ даромад. Дар хонааш ҳам ба ҷои «муборак шавад», сухану ҳарфи табрикӣ шунидан модар бо қаҳру ғазаб, бо оташинӣ ба сари ӯ рехт.

– Зиёратшоҳ, чӣ кори кардаат буд? Ғами очата нахӯрдӣ?

– Чӣ кор кардам оча?

– Раис шудӣ ?

– Шумо аз куҷо медонед?

– Ҳама медонанд, бачаҳои Мулло аз омада рафтан дари хоная охурча карданд.

– Чӣ мегӯянд?

– Мегӯянд, ки табрик мекунем раиса, пеши Мулло мебаремша. Чува ин хел кор кардӣ, бачам? Ҷавр ба ҷони очат кардӣ. Чува раис шудӣ?

– Пеши роҳи инҳоро гирифтан лозим.

– Ин корра кӣ мекуна? Худут?!

– Ба ёд биёред, оча, худатон мегуфтед-ку, рости гапа м егуфтед, ҳама гапҳоятон дуруст буд.

Аз дасти силоҳдорон дар Дарбанд чунон амалҳои ваҳшиёна, бедодгариҳо содир мегашт, ки аз шунидан мӯйҳои бадан шиғ мешуд. Мардум чӣ гуфтан, ба кӣ ва ьба куҷо арз бурданашонро намедонистан. Хурду реза, пиру ҷавон ба воҳима афтода буданд.

Як рӯз пеши назари ҳама воқеае рух дод. Силоҳдорон дар як мошин як села духтар оварданд. Мошин пур, духтарон рӯи ҳам. Доду фиғон доштанд, духтаронро мезаданд, бо қундоқи автомат метарсонданд. Вақте дар пеши дарвозае мошин манъ шуд, нидои имдодхоҳона, доду фарёди духтарон ба фалак печид. Одамон ҳоли онҳоро медиданд. Диданд, ки се тани онҳо аз дасти силоҳдорҳо раҳо хурданд, гурехтанд. Дар ба дари ҳавлиҳо медавиданд. Имдодхоҳона, ҷонҳавличон дару дарвозаҳоро ханҷол мезаданд, панҷолхарош мекарданд. Лек ку ҷуръате, ки одамон ба доди ин духтаракони зору ҳайролн, имдодҷӯ бирасанд. Нимрӯз буд, офтоб миёни осмон меомад, аммо ҳама дару дарвозаҳо аз дарун руст, қулф. Духтаракон дар ҳарос, мисли гунҷишкаконе, ки ба чанголи одамон афтодаанд. Ба худ метапиданд, роҳи раҳоӣ меҷустанд. Вале раҳо наёфтанд, дастгир шуданд. Рӯ-рӯи хоку лою қум кашолаашон карданд. доду фиғон ба осмон. Ҳоли онҳоро мардум медиданд. Духтарон то дами марг талошу талваса карданд, шарафашонро ҳифз менамуданд. Баъд овози духтарон паст-ношунаво шуд. Мардум ҷасади чанд нафари онҳоро аз лаби дарё ёфтаанд.

Ҳамон рӯзу лаҳзаҳои пурдаҳшати ба сари духтаракони бадбахт омадаро мардум шоҳид гашта буданд. Аз ин ҳодисаи нангин ҳама ҳарф мезаданд, баъзеҳо мегиристанд. Яки аз дилсӯзони он духтаракон модари Зиёратшоҳ буд.

– Э вое, ин чи гапасте, ба Худо дар ин мулки мо мард намондаасте, мард намондааст, – гуфта гирён мешуд ва норозиёна давом менамуд: – наход касе намондааст, ки пеши роҳи ин худобехабарҳоро гирад, наход ҳамин хел одамҳо ёфт нашаванд.

Дар ҳамон лаҳзаҳое, ки модари Зиёратшоҳ фарзандашро сарзаниш ва ҷанг мекард, ӯ гуфтаҳои модарро ба хотираш овард.

– Оча, худатон мегуфтед, пеши роҳи инҳоро кӣ мегирад? Ҳамин хел мегуфтед ё намегуфтед?

– Мегуфтам, бачам, – ноилоҷ модар гапи гуфтаашро ба гардан гирифт ва

афзуд: – лекин нагуфта будам, ки ту ин корро мекунӣ, не, ман ин гапа нагуфта будам... Ҳамин ҳоло омада туро мебаранд, бачам, рӯям сиёҳ мешавад, аз бачам мемонам. – Модар хаёл дошт, ки ҳамон соатҳо «бачаҳо»-и Мулло омада Зиёратшоҳи модарро мебаранд. Шаб то саҳар мижа пеш карда натавонист, ба ҳар садои тиқи куфта шудани дару дарвозае ё парафшонии парандае як қад мепарид. «Ана омаданд», гуфта аз ҷой бармехест. Вале ҳамон шаб ба саҳар омад, офтоб рух намуду касе ба сароғи Зиёратшоҳ наомад.

* * *

Дар ноҳия ба рӯзҳои интихоботи Шуроҳои маҳаллӣ ва Маҷлиси Олии Намояндагони ҷумҳурӣ тайёрӣ медиданд. Аз ҷониби силоҳдорон қариб дар ҳар ҷамоатҳои деҳот намояндагон пешбарӣ шуда буданд. Мулло Зиёратшоҳро таъину бартаъин мекард, ки дар интихобот намояндагони онҳоро дастгирӣ намояд, агар ҳамин тавр накунад, ҳамон рӯзу ҳамон лаҳза.

НОМАҲО ВА БОЗ НОМАҲО

Асадулло, синнат ба 75 мерасад. Кам не, шукр. На ҳамаро насиб мегардад, ки ба ин синну соли ту бирасаду аз баҳори 75-умини умр гул бичинад. Хубиаш дар он аст, ки дарахти умрат ба замин чи қадар решаҳо давонда серҳосилу сершохубарг гашта. Ҳама медонанд. Худат ҳам бохабарӣ. Ту узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, доктори илми филологӣ, профессор. Ба ҳазорон донишҷӯён сабақ омӯхтаӣ. Онҳое, ки роҳбари кори илмиашон будӣ ва соҳиби унвони номзади илми филологӣ шудаанд, даҳҳо нафаранд. Шогирдонат пару болҳои туанд, ҳама ғамхорат ҳастанд. Имрӯзҳо ба шарафи ҷашни ту онҳо ҳама дар тарадуданд. Якеаш олими ҷавон, омӯзгори факултаи журналистика Илҳомҷон Ҳамидов. Бахшида ба мавлудат китобе мураттаб сохтанӣ будаанд, китобе, ки дӯстон туро тавсиф намоянд, рӯзу рӯзгоратро ба қалам диҳанд. Барои ин шиносу ошноҳо, ҳамқаламони туро меҷӯянд ба онҳо муроҷиат менамоянд. Илҳом ба назди банда ҳам омад. Чунон дар гуфтугӯ мешавад ва талаб мекунад, ки хоҳишашро ба ҷо наоварда наметавонӣ. Аз афташ, худат ҳамин гуна тарбияташ кардаӣ, ки нонашро соҳиб бошад. Худат барин. Ба хотир биор: дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» («Ҷумҳурият») ҳамкор будем. Банда мудири шуъбаи адабиёт ва санъат буду Шоири халқии Тоҷикистон Зулфия Атоӣ, нависанда Мутэулло Наҷмиддинов ва Асадулло Саъдуллоев ходимони адабии шуъба. Чун мақола ё очерке менавиштӣ, аз банда то дар кадом шумораи рӯзнома чоп шуданашро фаҳмида намегирифтӣ, осуда намегаштӣ. Як воқеа аз он рӯзҳои ҳамкориамон аз хотирам намеравад:

Мизи кори ту дар як гӯшаи ҳуҷра буд, ки намефоридат. Мехостӣ онро наздиктари тиреза гузаронӣ. Мо намехостем. Аммо баъд чӣ кор кардӣ? Номаат гум нашудааст. Бо ҳам мехонем. Бин чӣ навишта будӣ:

«Муҳтарам Карроматулло Мирзоевич! (аксаран ба банда ҳамин тавр муроҷиат мекардӣ.К.М) бе иҷозаи Шумо дар шоҳидии Натани бузургвор (як рафиқи яҳудии ҳамкорамон К.М) як кори ғайри шаръӣ кардам. Столи Зул-

фияхони муҳтарамаро бо бору бунаш ба он тараф ва столи Асади гандаро ба ин тараф кӯчондам. Албатта, ин сахт густохӣ шуд. Умед дорам, ки бо лутфу марҳамати эшон аз қавси кӯзаҳ раҳо меёбам. Ниёгонро низ пажуҳиш кунанд ҳам, вале мехоҳам, мани осиро бубахшанд.

Бо салом Асадулло, 10.05.1983»

Ё бигирем як рӯйдоди дигарро. Муҳтарам З.Низомов аз ҷумлаи мухбирони фаъоламон буд. Бисёр менавишт. Гап сари як очеркаш мерафт. Талаб доштӣ, ки очеркаш чоп шавад. Як мактубчаи хурдакакатро мехонем. Боз бо ҳамон сабк:

«Муҳтарам Кароматулло Мирзоевич!

Очерки З.Низомовро бо шавқ хондам. Дар бораи Б.И. чандин лавҳаю очерк чоп шуда ва ин низ яке аз он гунаҳост. Мешавад. Якумимайбоб, ураура аст. Азбаски «очерк ва публитсистика» дар қисмат банда нест (ба қисмати очерку публитсистика дар шуъба муҳтарам Мутэулло Наҷмиддинов муттасадӣ буданд), хоксорӣ карда хондам, «хондам», гӯён имзо нагузоштам. Ва шарт ҳам набудагист ва шарт ҳамин, ки чоп шавад.

Бо эҳтиром,

Нимча (ба он маънӣ, ки Асадулло дар ҳисоби ним штат кор мекард) Асадулло, 24.04.1983»

Ана акнун хонандаи гиромӣ худ қазоват кунад, ки худи устоди Илҳомҷон Асадулло ҳам чи ҳақталошӣ ва талабҳо мекарда. Ва Илҳом баъд чанд бори дигар низ ба банда сим зад, талабаш якто; Ягон чи нависам. Хоҳишашро ба ҷо овардам. Вале услуби навиштамро акнун тағйир дода боз чанд ҳарфу ҳиҷои дигар илова менамоям.

Асадуллои азиз як одати ба худ хос дошт. Номанигор буд, агар корафтод мешуд, ё ба суроғи дӯсте мерафту пайдоаш намекард, ё таъйине дошт, ба номаш хатчае менавишт. Имрӯз як даста ҳамин гуна хатчаю номаҳояш дар ихтиёри банда аст, онҳоро нигоҳ медорам, фарсуда, зард шудаанду ҳарфҳо нохоно.

Асадулло ба давлати Исломии Афғонистон рафта буд, ба ҳайси тарҷумон. Дур аз Ватан, бо ёди Ватан мезист, мехост аз ҳамаи тағйироту дигаргуниҳо, рӯйдодҳои фарҳангӣ дар ин ҷо огоҳ бошад. Хоҳиш дошт, дар номаҳоямон нависем. Ва худаш пайваста нома менавишт, номаҳои хурд не, батафсил. Ва агар ба номаҳояш сари вақт ҷавоб намегирифт, дар бало мемондем. Номаҳои сермурчу қаламфур навишта таҳқирамон менамуд. Ному лақабҳо мегузошт. Бародарон Мирзоҳаёту Мазҳабшоҳ, ки раҳматӣ шудаанд, аз ному лақабҳои гузоштаи Асадулло бебаҳра намонда буданд. Дар номаҳояш аз банда мепурсид, ки оё Мазҳабшоҳу Мирзоҳаёт зиндаанд ва агар зиндаанд, чаро ба номаҳои ӯ ҷавоб наменависанд? Ба банда супориш мешуд, ки ин ҳарфҳоро ба онҳо расонам. Дар номаҳояш аз Абдулҳамид, аз чи чизи нав навиштанаш мепурсид. Таъкид менамуд, ки ба ӯ салом гӯям, аз ӯ ҳам вай гиламанд, лақаб монда ба ӯ ҳам. Барои каммуиаш «кали Абдулҳамид» меномидаш.

Имрӯз бародари азизи мо Асадулло куҳансол аст, куҳансолӣ баҳри на ҳама

роҳат аст. Ҳар чи ҳоло навиштаам ба гуфтаи худи Асадулло, як шӯхие, як ёдоварие аз давраҳои ҷавонӣ. Аз Асадулло миннатдор ҳастам, дар роҳи эҷод мададгорам шудааст, мақолаҳо навиштааст. Баъзан таъриф шунидаам, таъриф ба кӣ намефорад? Чанд сатр боз аз як номааш:

«Хуб аст, ки ту шаҳрпараст нестӣ, қаҳрамононат аз сари девор ба ту менигаранду ту аз мурӣ ба боғашон об сар медиҳӣ. Ин хуб аст, ки адиб бо персонажи худ ҳамеша калакашак дорад. Вақте повестҳои туро мехонам, гоҳо тасаввур ҳосил мешавад, ки ҳамин ҳоли дарвоза воз мешаваду одамони шиносу ношинос «ассалом, нависанда», гӯён наздат меоянд… Чи хубе! Ва боз хуб аст, ки кампират мисли баъзе биотунҳо ҳавою ҳаваси шаҳр надорад. Медонам ӯ ҳам мисли худат як бонуи деҳотӣ. Хуб аст ва боз ҳам хуб!

Ба ҳама, ҳама (ғайр аз Мазҳаби кар) салом гӯед.

Бо эҳтиром Асадулло.

01.03.1986, Кобул»

Асадуллои азиз, ин навиштаҳои банда бароят боз мисли як номае, нома ба шарафи мавлудат. Номаи табрикӣ. Сухан аз табрик, ки омад, ба хотирам меояд номаҳои тарикиамон ба шарафи ҳар иду маъарака ба ҳамдигар. Ана як табрикоти худат ба шарафи иди Октябри Кабир, ки иди бошукуҳе ҳисоб меёфт. Навишта будӣ:

«Кароматуллои бисёр ширин! Бароятон Иди Октябрро табрик гуфта, бисёр мехоҳам, ки пирӯзиҳои эҷодиатон ба мисли шукуҳи ин ид оламгир бошад. Ба дӯстон салом бигӯед.

Дуогӯятон Асадулло,

Кобул, 13.10.85»

Вале чи шуду номаи табрикии банда ба муносибати ҳамин ид ба ту фиристода нашуд. Қарз ба қиёмат намонад, ҷояш омада, онро дар иди мавлудат имрӯз манзурат менамояму боқӣ бо салому эҳтиром Кароматуллоҳи Мирзо мегӯям:

«Асадуллои ҷон! Идат муборак! Ба ту саломатӣ, рӯзҳои хушу осуда орзу дорам.

Ба ақидаи худат акнун P.S. Китобат баромад, дарё равон шуд… Ба кали Абдулҳамид навиштаҳои намакинатро хондам… «Ситораи Дилшод»-ро ҳам аз Помир мардум аллакай хондаанд. Аҷоиб шудааст: ту қиссаҳои маро тарҷума мекунию ман ба навиштаҳои ту муҳаррир…Ҳамин анъанаи хуб давом ёбад..Аз пайи китоби дигарат шудам.

Асадуллои ҷон, ба худат салом, ба дӯстону рафиқонат ҳам. Идро хуш гузарон, маро ёд ор!

Бо эҳтироми бародарӣ,

Кароматуллоҳи Мирзо,

02.10.1985»

МУНДАРИҶА

Моҷарои зиндагӣ (роман)
Ситораҳои паси абр (қисса)

Ҳикояҳо
Чанд рӯз вазири фарҳанг будам
Боз як овоза
Ҷоду-ҷоду
Турбаи гадоӣ
Модари бачакуш

Силсилаҳикояҳо аз саргузашти Сархӯр
Сархӯр
Рахнаи об
Издивоҷи бемаслиҳат
Мазори арӯсон
Боз як фоҷиа

Ҳикояҳо аз ҳаёти Президент
Офтоби паси теппа
Ҷон ба ҳайвон ҳам азиз
Дуои хайр
Бозори нав

Хотираҳо
Рӯзҳои охири умри Лоиқ
Аз Убайд Рачаб ёд монда, сухан монда
Симу ганҷи Нуъмон Розиқ
Шабе дар Каздон
Ҳақиқати зиндагӣ
Номаҳо, навиштаҳояш монда
Духтари эркаи падар
Ҳастем, ки ҳастем
Афсӯс, сад афсӯс
Аз шаби сиёҳ то рӯзи равшан

ЧОПИ КОМПЮТЕРИИ САИДА МИРЗОЕВА